ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

Серия педагогических и психологических наук

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

Series of pedagogical and psychological sciences

2026, №3 (55)

ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

(Маҷаллаи илмиву методӣ)

Муассис: *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Ниёзӣ Сироҷиддин Раҷаббоқӣ *номзади илмҳои техникӣ, дотсент директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

Муовини сармуҳаррир:
Маҳмудзода Обидҷони Бекназар *доктори илмҳои филологи, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Саломиён М. Қ.	*доктори илми филология, профессор*
Каримова И. Х.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Нуъмонов М.	*доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Маҷидова Б.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов С.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Иматзода Л.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Ҷӯразода Х. Ш.	*доктори илмҳои физика-математика, профессор*
Амонов Н.	*номзади илмҳои психологӣ, дотсент*
Миракзода Ф.	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Саидзода Р. Ҳ.	*вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Хушвахтзода Қ. Х.	*президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
Ҳошимзода Ҳ. Ҳ.	*муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Сафаров Ш. А.	*президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
Насриддинзода Э. С.	*ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ISSN 2617-5320

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2026. - № 3 (55). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.

Суроғаи идора: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел: 2274525, 2270238; E-mail: payom.prmatt@mail.ru

Индекси обуна: 77772

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2026

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
(Научно-методический журнал)
Учредитель: *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:
Ниёзи Сироджиддин Раджаббоки — *кандидат технических наук, доцент, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*

Зам. главного редактора:
Махмудзода Обидджон Бекназар — *доктор филологических наук, зам. директора по науке и инновации Института развитии образования имени А. Джами АОТ*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

Саломиён М. К.	*доктор филологических наук, профессор*
Каримова И. Х.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Нуъмонов М.	*доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор*
Маджидова Б.	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов С.	*доктор педагогических наук, профессор*
Иматзода Л.	*доктор педагогических наук, профессор,*
Джуразода Х. Ш.	*доктор физико-математических наук, профессор*
Амонов Н.	*кандидат психологических наук, доцент*
Миракзода Ф.	*кандидат исторических наук, доцент*
РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:	
Саидзода Р. Х.	*министр образования и науки Республики Таджикистан*
Хушвахтзода К. Х.	*президент Национальной Академии наук Таджикистана*
Хошимзода Х.Х	*первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*
Сафаров Ш. А.	*президент Академии образования Таджикистана*
Насриддинзода Э. С.	*ректор Таджикского национального университета*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.

Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2026. – №3 (55).

ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

Адрес редакции: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел.: 2274525, 2270238, E-mail: payom.prmatt@mail.ru

Индекс подписки:77772

©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2026

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
(Scientific and methodical journal)
Founder:*Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.

Chief editor:
Niyozi Sirojiddin Rajabboqi *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

Deputy editor:
Mahmudzoda Obidjoni Beknazar *Doctor of Philological Sciences, Deputy Director for Science and Innovation of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

Salomiyon M.K.	*Doctor of Philological sciences, Professor*
Karimova I.Kh.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Lutfullozoda M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Numonov M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Majidova B.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nematov S.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Imatzoda L.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Jurazoda Kh. Sh.	*Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor*
Amonov N.	*Candidate of Psychological Sciences, Docent*
Mirakzoda F.	*Candidate of History, associate Professor*

EDITORIAL COUNCIL:

Saidzoda R. H.	*Minister of Education and Science o the Republic of Tajikistan*
Khushvakhtzoda K. Kh.	*President of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
Hoshimzoda H. H.	*first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Safarov Sh. A.	*President of the Academy of Education of Tajikistan*
Nasriddinzoda E. S.	*Rector of the Tajik National Universit*

The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

The journal is included in the database Of the Russian science citation index.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj

Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2026. – №3 (55).

ISSN 2617-5320.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

Editorial address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 227-45-25, 227-02-38, E-mail: payom.prmatt@mail.ru

Subscription index: 77772

© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2026

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИХТИСОСҲОИ ТИББӢ

Асламзода Б. А.
Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ
Давлатзода Р.Ҷ.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Технологияи иттилоотӣ (ТИ) соҳаи тандурустиро таҳаввул бахшида, ташхис, табобат ва идоракунии саломатиро тағйир медиҳад. Муассисаҳои муосири тиббӣ барои беҳтар кардани нигоҳубин ва ҷараёнҳои корӣ фаъолона роҳҳои ҳалли технологияи рақамӣ, аз қабили сабтҳои электронии саломатӣ (EHR, СЭС), тибби дурдаст ва зеҳни сунъӣ (ЗС)-ро татбиқ мекунанд.

Технологияи компютерӣ айни замон ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми соҳаҳои ҷомеа гардида, он тавонист дар фаъолияти онҳо тағйироти куллиро ворид намояд. Алалхусус, ин масъала ба соҳаи тиб низ мутааллиқ буда, тиби ҷаҳони муосир аз он вобастагии калон дорад.

Саҳми олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Ф.С.Комилиён, Б.Ф. Файзализода, Р.Ҷ. Давлатзода, А. А. Ахмедов, А. Н. Редько, В. Я. Зобенко, С. В. Губарев, А. В. Зобенко, Германский, И. Н. Решетсов ва дигарон дар таҳқиқи масъалаҳои татбиқи ТИК дар соҳаи тиб ниҳоят зиёд аст.

Паҳлуҳои мухталифи таъсири ТИ дар раванди фаъолияти соҳаи тиб ва ҳамзамон омодасозии касбии мутахассисони ояндаи соҳаи тиб мунтазам мавриди таҳқиқ гардида, дар шароити рақамикунонӣ он ба яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди соҳа арзёбӣ гардидааст.

Ба андешаи А. Н. Редько, В. Я. Зобенко, С. В. Губарев, А. В. Зобенко «Бо истифода аз якчанд дастгоҳҳои гуногуни ҳисоббарорӣ ва пайвасти устувори интернет, технологияи абрӣ ба шумо имкон медиҳад, ки маълумотро танҳо дар як ҷо - дар анбори абрӣ - нигоҳ доред. Ин вақте зарур мешавад, ки корбар дастгоҳҳои сершуморе дошта бошад, ки онҳоро дар шароити гуногун истифода мебарад: дар хона, ҳангоми дарсҳо дар муассисаи таълимӣ, дар нақлиёти ҷамъиятӣ ва ҷойҳои дигар. Дар ҳама ҳолатҳо, пайвасти боэътимоди интернет лозим аст» [4, с. 206].

Файзализода Б.Ф. дар таҳқиқоти худ дар доираи муҳимияти технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи тиб, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар гузаронидааст, чунин ибрози назар намудааст: «Саломатии инсон як манбаи бебаҳо барои соҳаи тандурустӣ аст, ки таҳсилоти фосилавиро ба як мафҳуми муҳим табдил медиҳад. Низоми тандурустӣ бояд сифати таълимро пайваста беҳтар созад, донишро ба стандартҳои ҷаҳонӣ расонад ва малакаи ҳамаи кормандони соҳаи тандурустиро такмил диҳад. Тавассути таҳсили фосилавӣ, донишҷӯёни соҳаи тиб донишеро ба даст меоранд, ки барои касбҳои ояндаи худ заруранд» [5].

Германский Б. В. дар таҳқиқоти худ зикр намудааст, ки «... Технологияи иттилоотӣ ба катализатори тағйирот дар тибби Русия табдил ёфта, ба иқтисодиёт таъсири мултипликаторӣ мерасонад. Кам кардани харочот, рушди соҳаҳои нав ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ натиҷаҳои асосии ин раванд мебошанд. Аммо, барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддат, масъалаҳои маблағгузорӣ, омӯзиши кадрҳо ва амнияти киберӣ бояд ҳал карда шаванд. Татбиқи бомуваффақияти ин ҳадафҳо ба Русия имкон медиҳад, ки дар тибби рақамии ҷаҳонӣ мавқеи пешсафро ишғол кунад» [1, с. 172].

Масъалаи таҳқиқоти биотиббӣ дар таҳқиқоти Каримов Р. А. мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифта нақши ТИК муассир арзёбӣ гардида, чунин омадааст: «...Татбиқи технологияи иттилоотӣ (IT) дар соҳаи тандурустӣ имконияти ворид намудани барномаҳои омӯзиши босуръатро ба таҳқиқоти биотиббӣ фароҳам меорад. Истифодаи усули омӯзиши босуръат на танҳо метавонад бехатарии беморонро беҳтар кунад, балки сифат ва арзиши нигоҳубинро низ ба таври назаррас беҳтар созад. Бо табдил додани ҳамаи ин маълумоти рақамии хом ба дониш, шабакаҳои омӯзиши босуръат метавонанд ба табибон имкон диҳанд, ки малакаҳои худро беҳтар амалӣ кунанд. Бо истифода аз усулҳои омӯзиши босуръат, мутахассисони соҳаи тандурустӣ

метавонанд самараноктарин табобатҳоро дар асоси профили мушаххаси тиббии бемор муайян кунанд. Таъсири технологияи иттилоотӣ ба зудӣ амиқтар ва намоёнтар хоҳад шуд. Имрӯз системаҳои иттилоотӣ дар тиб бештар истифода мешаванд. Аз ин рӯ, тибби асри XXI бе технологияи иттилоотӣ вуҷуд дошта наметавонад» [0].

А. А. Ахмедов бошад дар мақолаи худ ибрози назар намудааст, ки «Ҳамин тариқ, ба шарофати истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар бахши сайёҳии тиббии Ӯзбекистон, сайёҳии тиббӣ ва некӯаҳволӣ рушд ва таблиғ карда мешавад ва инфрасохтори мувофиқ бо истифода аз захираҳои табиӣ ва дороиҳое, ки ба рушди соҳа мусоидат мекунанд, таъсис дода мешавад. Дар натиҷа, низоми тандурустии кишвар ба сатҳи байналмилалии дараҷаи аввал мерасад ва дар оянда метавонад бо дигар пешвоёни ҷаҳонӣ дар сайёҳии тиббӣ баробар рақобат кунад. Ғайр аз ин, сармоягузорони хориҷӣ ба соҳаи сайёҳии Ӯзбекистон фаъолона таваҷҷуҳ доранд. Платформа вуҷуд дорад, имкониятҳои бузург вуҷуд доранд, дастгирии давлатӣ ва сармоягузорӣ идома хоҳад ёфт - қадами навбатӣ технологияи иттилоотӣ аст» [8, с. 138].

Телетиб як навоварии калидӣ буда, хизматрасонии тиббии дурдастро тавассути видео ва барномаҳо имконпазир месозад. Ин барои афзоиши дастрасӣ ба нигоҳубин, махсусан, барои сокинони минтақаҳои дурдаст ё онҳое, ки ҳаракати маҳдуд доранд, муҳим аст. Машваратҳои дурдаст инчунин ба табибон ва беморон кумак мекунанд, ки вақти худро самараноктар идора кунанд, стрессро кам кунанд ва қаноатмандиро афзоиш диҳанд.

Бо вуҷуди ин, татбиқи тибби дурдаст бо якчанд монеаҳо рӯ ба рӯ аст:

– талабот ба дастрасии устувор ба интернет;

– аҳамияти амнияти маълумот ва махфияти беморон;

– зарурати омӯзиши баландсифат барои кормандони тиббӣ барои кор бо платформаҳои нав.

Бо вуҷуди ин мушкилот, тибби дурдаст таҳаввулро идома медиҳад ва зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошиниро барои ташхисҳои дақиқтар ва тавсияҳои фардӣ муттаҳид мекунад. Табибон тасдиқ мекунанд, ки роҳҳои ҳалли ТИ, аз ҷумла СЭС ва таҳлили асоси зеҳни сунъӣ, қабули қарорро ба таври назаррас содда мекунанд ва дақиқии ташхисро беҳтар мекунанд. Коршиносон таъкид мекунанд, ки ояндаи тиб бо технология алоқамандии ногусастанӣ дорад, аммо инчунин таваҷҷуҳи бодиққатро ба масъалаҳои ахлоқӣ ва амнияти маълумот талаб мекунад.

Аз ин рӯ, имрӯз маҳз он мутахассисони соҳаи тиббӣ метавонанд дар ҷаҳони иттилоотӣ табиби босалоҳият гарданд, агар онҳо аз ТИК босалоҳият бошанд. Бинобар ин, дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ ҷиҳати таҳқиқи масъалаи омодасозии кормандони ояндаи тиббӣ дар байни донишҷӯён назарсанҷӣ гузаронида шуд.

Назарсанҷии донишҷӯён фарогири чунин саволҳо буданд:

1. Чӣ қадар шумо бо технологияҳои иттилоотӣ шинос ҳастед?
2. Чӣ гуна шаклҳои технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаи шумо бештар истифода мешаванд?
3. Кадом намудҳои фаъолият бештар бо ТИК амалӣ мешаванд?
4. Ба фикри шумо, истифодаи ТИК дар таълими тиббӣ чӣ таъсир дорад?
5. Чанд маротиба дар як ҳафта аз ТИК дар дарсҳо истифода мебаред?
6. Дар кадом фанҳо бештар ТИК истифода мешавад?
7. Оё дар муассисаи шумо методикаи махсус барои истифодаи ТИК таҳия шудааст?
8. Методикаи мавҷуда (агар вуҷуд доштабошад) то чӣ андоза муассираст?
9. Оё шумо ягон омӯзиши касбӣ оид ба истифодаи ТИК гузаштаед?
10. Монеаҳои асосии татбиқи ТИК чистанд?
11. Оё Шумо дар таҳияи маводҳои рақамии таълимӣ иштирок мекунед?
12. Шумо кадом намудҳои омӯзиши рақамиро афзал мешуморед?
13. Оё шумо дастгирии роҳбарияти муассисаро дар татбиқи ТИК эҳсос мекунед?

Дар марҳилаи аввали гузаронидани озмоишҳо ҷиҳати муаяйн намудани самти таҳқиқот ва таҳқиқи масъалаҳои проблемавӣ мо чунин натиҷаҳо ба даст овардем, ки дар ҷадвалҳои зерин* оварда шудааст.

Ҷадвали 1. – Натиҷаи саволи 1.

Чӣ қадар шумо бо технологияҳои иттилоотӣ шинос ҳастед? (якҷавоба)			
	Сатҳи ибтидоӣ	Сатҳи миёна	Сатҳи баланд
Шумора	4	160	-
%	**2,43%**	**97,56%**	-

Чӣ тавре аз ҷадвали 1, дар пурсиши «Чӣ қадар шумо бо технологияҳои иттилоотӣ шинос ҳастед?» бармеояд 2,43% – сатҳи ибтидоӣ, 97,56% – сатҳи миёна арзёбӣ намуда, комилан ягон нафар сатҳи шиносоӣ бо технологияҳои иттилоотиро дар сатҳи баланд арзёбӣ накардааст.

Ҷадвали 2. – Натиҷаи саволи 2.

Чӣ гуна шаклҳои технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаи шумо бештар истифода мешаванд?					
	Лавҳаҳои интерактивӣ	Компютер ва нармафзорҳои таълимӣ	Барномаҳои омӯзишӣ (Anatomy3D, VisualHuman, Moodle ва ғ.)	Интернет ва платформаҳои онлайн	Барномаҳои мобилӣ
Шумора	**2**	**157**	**4**	**-**	**1**
%	**1,22%**	**95,73%**	**2,44%**	**0,00%**	**0,61%**

Дар мавриди чӣ гуна шаклҳои технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаи шумо бештар истифода мешаванд, донишҷӯён чунин ибрози назар намудаанд.

1,22% донишҷӯён чунин назар доранд, ки дарсҳои онҳо бо истифодаи лавҳаҳои интерактивӣ, 95,73% – машғулиятҳо бо компютер ва нармафзорҳои таълимӣ, 2,44% - кор бо барномаҳои омузишӣ (Anatomy 3D, VisualHuman, Moodle ва ғ.), бо истифодаи интернет ва платформаҳои онлайнӣ комилан истифода нашудааст ва 0,61% - истифодаи барномаҳои мобилиро дар муассиса зикр намудаанд.

Ҷадвали 3. – Натиҷаи саволи 3.

Кадом намудҳои фаъолият бештар бо ТИК амалӣ мешаванд?						
	Лексияҳо	Амалӣ	Озмоишҳо	Машқҳо	Имтиҳонҳо	Дигар
Шумора	100	56	2	5	1	0
%	**60,98%**	**34,15%**	**1,22%**	**3,05%**	**0,61%**	-

Дар мавриди аз кадом намудҳои фаъолияти бештар бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми таҳсил бештар истифода бурдани донишҷӯён чунин ибрози назар пешкаш гардидааст: 60,98% – дар намуди лексионӣ, 34,15% – амалӣ, 1,22% – озмоишҳо, 3,05% – машқҳо ва 0,61% – имтиҳонот.

Ҷадвали 4. – Натиҷаи саволи 4.

Ба фикри шумо, истифодаи ТИК дар таълими тиббӣ чӣ таъсир дорад?					
	Баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши донишҷӯён	Ҳавасманд гардонии таълим	Соддагардонии муаррифӣ ва дастрасӣ бамаълумот	Таъсири кам дорад	Дигар
Шумора	**143**	**1**	**16**	**2**	**2**
%	**86,59%**	**0,61%**	**10,37%**	**1,22%**	**1,22%**

Дар робита ба муайян намудани андешаи донишҷӯён ҷиҳати бо истифодаи ТИК дар таълими тиббӣ чи таъсир дорад, баланд бардоштани сатҳи сифати донишҷӯён бо истифодаи дагоҳои тибби – 87%, ҳавасмангардони дар таълим – 87%, содагардонии муаррифи ва дастраси ба маълумот – 10%, таъсир кам дорад – 1% ва дигар барномаҳо 1% – бар он назаранд, барои баланд бардоштани сатҳи сифати доничуёнро дарсҳои амалиро зиёдтар бароҳ монанд.

Ҷадвали 6. – Натиҷаи саволи 6.

Чанд маротиба дар як ҳафта аз ТИК дар дарсҳо истифода мебаред?				
	Ҳар рӯз	2–3 маротиба	Як маротиба	Ҳеҷ гоҳ
Шумора	**2**	**48**	**108**	**6**
%	**1,22%**	**29,27%**	**65,85%**	**3,66%**

Чанд маротиба дар як ҳафта аз технологияи иттилооти истифода мебарем тибқи ҷадвали дар боло қайд шуда 1,22% – ҳаруз, ё ки дар як ҳафта 29,27%, як маротиба – 65,85%, ҳеҷгоҳ – 3,66%, донишҷӯён андешаҳои худро пешкаш намудаанд.

Ҷадвали 7. – Натиҷаи саволи 7.

Дар кадом фанҳо бештар ТИК истифода мешавад? (Якчанд ҷавоб мумкин аст)					
	Анатомия ва физиология	Тибби оилавӣ	Гигиена ва эпидемиология	Фанҳои информатика ва технологияҳои иттилоотӣ	Дигар:
Шумора	**1**	**1**	**1**	**155**	**6**
%	**0,61%**	**0,61%**	**0,61%**	**94,51%**	**3,66%**

Ҷиҳати муайян намудани чӣ тавр метавонем дар таълим кадом фанҳо бештар дар ТИК истифода мешавад, чунин натиҷаҳо дар ҷадвал оварда шудааст. 0,61% – дар фанни анатомия ва физиология, 0,61% – фанни тибби оилавӣ, 0,61% – алоқаманди бо фанни гигиена ва эпидемиология 94,51% – фанҳои информатика ва технологияи иттилоотӣ ва дигар фанҳо 3,66%–ро ташкил додааст.

Ҷадвали 8. – Натиҷаи саволи 8.

Оё дар муассисаи шумо методикаи махсус барои истифодаи ТИК таҳия шудааст?(якҷавоба)				
	Бале	Қисман	Не	Намедонам
Шумора	**56**	**31**	**13**	**64**
%	**34,15%**	**18,90%**	**7,93%**	**39,02%**

Оё дар муссисаи шумо методикаи махсус барои истифодаи ТИК таҳия шудааст, дар ҷадвал бо нишондиҳандаи 34,15% – бале таҳия шудааст, 18,8% – қисман, 7,93% – не нашудааст, 39,02% – намедонам зикр намудаанд.

Ҷадвали 9. – Натиҷаи саволи 9.

Методикаи мавҷуда (агар вуҷуд доштабошад) то чӣ андоза муассираст? (якҷавоба)			
	Муассираст	Қисман	Бе асар
Шумора	**37**	**120**	**7**
%	**23,00%**	**73%**	**4%**

Тибқи дар ҷадвали зикр ёфта, методикаи мавҷуда ба таъсиргузор аст – 23,0%, қисман – 73% ва бе таъсир – 4% нишон дода шудааст.

Ҷадвали 10. – Натиҷаи саволи 10.

Оё шумо ягон омӯзиши касбӣ оид ба истифодаи ТИК гузаштаед? (якҷавоба)				
	Бале	Расман (семинар, курсҳо)	Бале, ғайрирасмӣ (онлайн, худомӯзӣ)	Не
Шумора	115	25	8	16
%	**70%**	**15%**	**5%**	**10%**

Дар назарсанҷӣ ҷиҳати гузаштани омӯзиши касбӣ оид ба истифодаи ТИК 70 % – бале, 15% – расман (семинар, курсҳо), 5% – ғайрирасмӣ (онлайн, худомӯзӣ) зикр намуда, 10% зикр намудаанд, ки ягон омӯзиши касбӣ оид ба истифодаи ТИК нагузаштаанд.

Ҷадвали 11. – Натиҷаи саволи 11.

Монеаҳои асосии татбиқи ТИК чистанд?					
	Норасоии таҷҳизот	Маҳдудияти интернет	Сатҳи пасти саводи рақамӣ	Мавҷуд набудани	Дигар:

				дастурамалҳо	
Шумора	13	106	37	5	3
%	**7,93%**	**64,63%**	**22,56%**	**3,05%**	**1,83%**

Дар доираи монеаҳои асосии татбиқи ТИК чизҳоянд, омадааст, ки 7,93% – норасои таҷҳизот, 64,63% – донишҷӯён монеаро ба маҳдудияти интернет рабт додаанд, 22,56% – саводи пасти рақамӣ, 3,05% – мавҷуд набудани дастурамалҳо ва 1,83% – ба дигар масалаҳо рабт намудаанд.

Ҷадвали 12. – Натиҷаи саволи 12**.**

Оё Шумо дар таҳияи маводҳои рақамии таълимӣ иштирок мекунед? (якҷавоба)			
	Бале	Не	Ният дорам
Шумора	65	41	58
%	**39,63%**	**25,00%**	**35,37%**

Тибқи саволи дар боло зикр шуда дар таҳияи маводҳои рақамии таълимӣ 39,63% – иштирок мекунам, 25% – иштирок намекунам ва 35,37% нияти иштирок намуданро зикр намудаанд.

Ҷадвали 12. – Натиҷаи саволи 12

Шумо кадом намудҳои омӯзиши рақамиро афзал мешуморед?					
	Видео-лексияҳо	Барномаҳои мобилӣ	Тренажёрҳо (симуляторҳо)	Онлайн-тестҳо	Платформаҳои интерактивӣ (Moodle, GoogleClassroom)
Шумора	92	12	1	31	28
%	**56%**	**7%**	**1%**	**19%**	**17%**

Дар доираи кадом намудҳои омӯзиши рақамиро афзал шуморидан андешаи донишҷӯён чунин аст: видео-лексияҳо – 56%, барномаҳои мобили – 7%, тренажёрҳо (симулияторҳо) – 1%, онлайн тестҳо – 19%, платформаҳои интерактивӣ (Moodle, GoogleClassroom) – 17%.

Ҷадвали 13. – Натиҷаи саволи 13.

Оё шумо дастгирии роҳбарияти муассисаро дар татбиқи ТИК эҳсос мекунед?(якҷавоба)			
	Ҳа	Не	Қисман
Шумора	158	1	5
%	**96%**	**1%**	**3%**

Роҳбари муассиса барои татбиқи ТИК, аз ҷумла муҷаҳҳаз гардонидани муассиса бо тахтаҳои электронӣ, видео проекторҳо, дастгоҳҳои тиббии ташхисии компютерӣ ва ғайра талош менамояд, ки дар тасдиқи донишҷӯён инъикос ёфтааст – 96%, не – 1% , қисман дастгирӣ менамоянд – 3%.

Чӣ тавре аз натиҷаи назарсанҷӣ бармеояд. Аксари донишҷӯён дар сатҳи миёна бо ТИ шинос ҳастанд. Мутаассифона дар муассиса танҳо компютер бо нармафзорҳои таълимӣ истифода гардида, истифодаи лавҳаҳои интерактивӣ, интернет ва платформаҳои онлайнӣ, барномаҳои омӯзишӣ ва барномаҳои мобилӣ дар сатҳи камтарин истифода мегарданд, ки истифодаи онҳо метавонад дар ташаккули дониши касбии тиббӣ таъсири ҷиддии мусбии худро расонад.

Ҳамзамон, аз ҷадвали 3 бармеояд озмоишҳо ва машқҳо бо ТИК қариб истифода намешаванд, ки он метавонад қобилияти донишҷӯёнро аз нуқтаи назари педагогӣ паст гардонад. Аксари донишҷӯён таъсири ТИК-ро ба баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши донишҷӯён, соддагардонии муаррифӣ ва дастрасӣ бамаълумот рабт додаанд. Агарчӣ, он ҳавасмандии донишҷӯёнро низ зиёд менамояд.

Қисмати зиёди донишҷӯён дар як ҳафта 1 маротиба аз ТИК дар дарсҳо истифода менамоянд.

Донишҷӯён аксаран, андеша доранд, ки ТИК дар фанҳои информатика ва технологияҳои иттилоотӣ истифода мешавад, тамом. Агарчӣ, он метавонад дар омӯзиши фанҳои анатомия ва физиология, тибби оилавӣ ва ғ. низ таъсиргузор бошад. 70% донишҷӯён омӯзиш ба истифодаи ТИК ро гузаштаанд, ки ин нишондиҳанда хело хуб аст. Монеи асосие, ки ба татбиқи ТИК таъсиргузор аст, ин дар коллеҷ маҳдудияти интернет ва сатҳи пасти дониши рақамии донишҷӯён

аст. Ҳамагӣ, 39,63% дар таҳияи маводҳои рақамии таълимӣ иштирок мекунанд, ки ин ниҳояд кам аст.

Дар робита ба таҳқиқи масъалаҳои дар боло таҳқиқгардида чунин пешниҳод менамоем.

– такмили мундариҷаи фанни технологияҳои иттилоотӣ ҷиҳати фарогирии муҳтавои масъалаҳои тиббӣ;

– ташаккули дониши донишҷӯён бо таҳияи унсурҳои ҳавасмандии онҳо;

– муқаррар ва муайян намудани робитаи байнифаннии технологияҳои иттилоотӣ ва ихтисосҳои тиббӣ;

– таҳқиқи татбиқи замимаҳои компютерӣ, ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбии мутхассисони ояндаи тиббӣ;

– таҳқиқи татбиқи замимаҳои компютерӣ, ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбии мутхассисони ояндаи тиббӣ;

– таъмини муассиса бо синфхонаҳои компютерӣ ва дигар воситаҳои техникии рақамӣ, ки дар соҳаи тиб истифода мешаванд.

Имрӯз метавон гуфт, ки рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави коммуникатсионӣ аз болоравии сифати таълим ва тафаккури интиқодӣ пеш меравад. Ба наздикӣ ба инсоният ҷараёни иттилоот ворид шуд, ки тавассути шабакаи Интернет ва дастгоҳҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дастрас гардид. Мо ҳанӯз намедонем, ки ҳамаи маълумоти воридшударо танқид кунем, мо фарҳанги муроҷиат ба омор, истинодҳо ва манбаъҳоро надорем. Дар мактаб фанҳои марбут ба мантиқ, усули илмии дониш, таҳияи малакаҳои ҷустуҷӯйи маълумоти боэътимод таълим дода намешаванд. Дар асл, ҷомеа аз тармафароии иттилооти зидди нутқ, ки ҳамарӯза ба ҳамаи мо меафтад, беҳифозат монд [10, с. 227].

Ба ақидаҳои Давлатзода Р. Ҷ., Асламзода Б. А. «Имрӯзҳо соҳаи тиб ба бештаре шумо барои мизоҷ кору фаъолияти клиникӣ ва системаи беҳдоштӣ, инчунин аниқ кардани соҳа ва шароити хайрхоҳӣ бо таклифи хизматрасониҳо ва усули такмилёбии муҳити табобатӣ оғоз мекунад. Ин равиш на танҳо сифати хизматрасониҳоро шабеҳ мекунад, балки шумо дар системаи беҳтари хизмат ва фаъолият саҳм мегузоред, ки ин хизмат, дар навбати худ, на танҳо барои беморон, балки барои мутахассисон, дар роҳи илҳом дар соҳаи табобат ва хизматҳои тиббӣ низ кумак мекунад» [11, с. 256].

Дар интиҳо қайд кардан ба маврид аст, ки ТИК ҷузъи ҷудоношаванда ва фарогири тибби муосир ба ҳисоб рафта, омодасозии босалоҳияти мутахассиси ояндаи соҳаи тиб аз он ниҳояд ҷиддӣ вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Асламзода Б. А. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ» бахшида ба «Солҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсияҳо» (2025-2030). Амнияти иттилоотӣ ва нақши он дар ташаккули соҳаи тиб. – С. 227.

2. Германский Б. В. Информационные технологии в сфере медицины и как они влияют на экономику России / Б. В. Германский // Теория и практика общественного развития в свете современного научного знания: Сборник материалов VIII Всероссийской научной конференции, Красково, 17 апреля 2025 года. – Москва: Издательство «Перо», 2025. – С. 170-172.

3. Давлатзода Р. Ҷ., Асламзода Б. А. Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун омили рушди соҳаи тиб дар замони муосир. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). ISSN 2222-9809, №2, (56). 2025. – Душанбе, 2025. – С. 269-278.

4. Давлатзода Р. Ҷ. Методикаи татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар ҳалли масъалаҳои тиббӣ / Р.Ҷ. Давлатзода, Б. А. Батиров // Нақши зеҳни сунъӣ дар тақвияти зеҳни касбии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазири соҳаи таҳсилоти олӣ (бахшида ба солҳои 2025-2030 – рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия) / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 21 феврали соли 2025). – Душанбе. – С. 194-197.

5. Каримов Р. А. Информационные технологии в медицине / Р. А. Каримов, Н. Р. Качкынбеков // Новое слово в науке: стратегии развития. Сборник материалов III Международной научно-практической конференции, Чебоксары, 31 декабря 2017 года / Редколлегия: О.Н. Широков [и др.]. – Чебоксары: Общество с ограниченной ответственностью «Центр научного сотрудничества «Интерактив плюс», 2017. – С. 125-128.

4. Редько А. Н. Облачные технологии в курсах «Медицинской информатики» и «Информационных технологий в науке и медицине» / А. Н. Редько, В. Я. Зобенко, С. В. Губарев, А. В. Зобенко // Международный журнал экспериментального образования. – 2015. – № 4-1. – С. 206-208

5. Раджабов Б. Ф., Мирзоев Д. Х. Современные информационные технологии и дистанционное обучение в системе образования Республики Таджикистан / Сборник научных статей международной научно-практической конференции «Синтез науки и общества в решении глобальных проблем современности». Центр системного анализа. – СПб, 2017. – С. 56-59.

6. Сатторов А. Э., Мусулмони А., Давлатов Р. Ҷ. Назария ва мавқеи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - № 1/4 (80). - Бохтар, 2020. – С. 97-99.

7. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2018, № 372.

8. Электронный бизнес. Управление интернет-проектами. Инновации [Текст]: сб. тр. участников XI Междунар. студенч. науч.-практ. конф., Москва, 12–14 марта 2019 г. / Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики», ф-т бизнеса и менеджмента, школа бизнес-информатики; отв. ред. В. В. Корнилов. - М. : Изд. дом Высшей школы экономики, 2019. – С. 422.

10. Давлатзода, Р.Ҷ., Асламзода Б.А. ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН с. 256-267

ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИХТИСОСҲОИ ТИББӢ

Дар мақола масоили муҳимияти истифодаи ТИК дар раванди омӯзиши технолияҳои иттилоотӣ дар раванди таълими ихтисосҳои тиббӣ ва зарурати он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҷиҳати муайян намудани муҳимият ва вазъи омӯзиш ва истифодаи ТИК дар коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ назарсанҷӣ гузаронида шуда, натиҷаи назарсанҷии донишҷӯён мавриди таҳлил қарор дода шуд. Чӣ тавре аз натиҷаҳо бармеояд, монеи асосие, ки ба татбиқи ТИК таъсиргузор аст, ин дар коллеҷ маҳдудияти интернет ва сатҳи пасти дониши рақамии донишҷӯён аст. Ҳамагӣ, 39,63% дар таҳияи маводҳои рақамии таълимӣ иштирок мекунанд, ки ин ниҳояд кам аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ТИК ҷузъи ҷудоношаванда ва фарогирӣ тибби муосир ба ҳисоб рафта, омодасозии босалоҳияти мутахассиси ояндаи соҳаи тиб аз он ниҳояд зиёд вобастагии калон дорад.

Калидвожаҳо: *технологияҳои иттилоотӣ, тиб, ихтисосҳои тиббӣ, омодасозии мутахассисон, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, салоҳиятҳои рақамӣ, сатҳи азхудкунӣ, сифати азхудкунӣ, ҳамгироӣ, ТИК.*

НЕОБХОДИМОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ ПО МЕДИЦИНСКОМУ ОБРАЗОВАНИЮ

В статье рассматриваются вопросы значимости использования ИКТ в процессе обучения информационным технологиям в процессе обучения по медицинским специальностям и их необходимости. Для определения значимости и значение изучения и использования ИКТ в республиканском медицинском колледже был проведен опрос и проанализированы результаты опроса студентов. Как видно из результатов, основным препятствием для внедрения ИКТ является ограниченный доступ к Интернету в колледже и низкий уровень цифровой грамотности студентов. В целом, 39,63% студентов участвуют в разработке цифровых учебных материалов, что является крайне низким показателем.

Стоит отметить, что ИКТ являются неотъемлемой и всепроникающей частью современной медицины, и от них во многом зависит грамотная подготовка будущих медицинских специалистов.

Ключевые слова: *информационные технологии, медицина, медицинские специальности, подготовка специалистов, формирование профессиональных компетенций, цифровые компетенции, уровень освоения, качество освоения, интеграция, ИКТ.*

THE NEED FOR LEARNING INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF EDUCATION OF MEDICAL SPECIALTIES

The article examines the issues of the importance of using ICT in the process of learning information technologies in the process of teaching medical specialties and its necessity. In order to determine the importance and status of learning and using ICT in the republican medical college, a survey was conducted, and the results of the student survey were analyzed. As can be seen from the results, the main obstacle affecting the implementation of ICT is the limited Internet access in the college and the low level of digital literacy of students. In total, 39.63% participate in the development of digital educational materials, which is extremely low.

It is worth noting that ICT's are an integral and pervasive part of modern medicine, and the competent training of future medical specialists largely depends on them.

Keywords: *information technologies, medicine, medical specialties, training of specialists, formation of professional competencies, digital competencies, level of mastery, quality of mastery, integration, ICT.*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Асламзода Бахтиёр Абдусаттор*** *– ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ, ташхис ва табобати нурии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев, 248. Телефон: 909-098250; e-mail: batirovbaxtiyr010894@gmail.com.*

Давлатзода Раҳматулло Ҷурабек *– н.и.п., дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад,48/5. Телефон: (+992) 555-55-25-77; e-mail: davlatov_r@mail.ru.*

Сведения об авторах*: Асламзода Бахтиёр Абдусаттор* *– ассистент кафедры информационных технологий, диагностики и светотерапии Республиканского медицинского колледжа. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рахмона Набиева, 248. Телефон: 909-098250; e-mail: batirovbaxtiyr010894@gmail.com.*

Давлатзода Рахматулло Джурабек *- к.п.н., доцент кафедры информационных технологий Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистанаю Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 555-55-25-77, e-mail: davlatov_r@mail.ru.*

Information about the authors: ***Aslamzoda Bakhtiyor Abdusattor*** *- assistant of the Department of Information technology, diagnostics and radiation therapy of the Republican medical college. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rahmon Nabiev street, 248. Phone: 909-098250; e-mail: batirovbaxtiyr010894@gmail.com.*

Davlatov Rahmatullo Dzhurabek *- candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of information technologies of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad 48/5. Phone: (+992) 555-55-25-77, e-mail: davlatov_r@mail.ru.*

НАҚШИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

Нурмаҳмадзода К. Н.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Андешаҳои Ибни Сино доир ба психика табиати материалистиро дошта, таъкид мекунанд, ки фаъолияти равонӣ ба фаъолияти системаи асаб алоқамандии зич дорад. Ӯ хуб дарк менамояд, ки вазифаи асосии системаи асаб ин таъмин намудани алоқаи ҷисм ба олами беруна мебошад. Ибни Сино сабаби зуҳроти ҳодисаҳои равониро дар равандҳои физиологӣ медид. Дар таълимоти Ибни Сино маҳдудшавии (локализатсияи) маркази қуввaҳои рӯҳӣ ва қобилиятҳо дар системаи асаби марказӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Ибни Сино панҷ намуди эҳсосро ҷудо мекунад: босира, сомеа, ломиса, зоиқа, шомеа (биноӣ, шунавоӣ, ламс (дасткобӣ), маза, бӯй). Ӯ эътибори махсусро ба эҳсоси биноӣ ва шунавоӣ медод, зеро онҳо «посбонҳои» руҳи инсонанд. Ба андешаи қатъии Ибни Сино «касе, ки аз эҳсос маҳрум аст, ӯ аз маърифат ҳам маҳрум мешавад»- ин аст шиори асосии назарияи маърифати ӯ [1, с. 104].

Дар масъалаи тарбия андешаи Ибни Сино хилофи ақидаи Арасту буд. Арасту ақида дошт, ки муносибати шахс ба тарбия дар ҳар як ҳолати алоҳида аз тарбияи ҷамъиятӣ дида, судманд ва дақиқ аст. Оид ба зарурати дар инсон тарбия намудани меҳнатдӯстӣ ва мустақилӣ сухан ронда, Ибни Сино ҳамзамон мухолифи беамон ба ҳар гуна имтиёз барои ашрофзодагон буд ва меъёри олии инсонгариро дар ахлоқ ва хирад медид. Худшиносӣ ва ҳувийяти шахс, шараф ва номуси вай наметавонад ирсӣ бошад. Ҳамин тавр, Ибни Сино муайянкунии анатомию физиологии тамоми равишҳои руҳӣ, эҳсос, дарк, ақида, хотира, тафаккури образнок ва вобастагии онҳоро ба равишҳои ҷисмонии бадан тасдиқ мекунад ва бо ҳамин онҳоро аз таъсири маънавӣ дур карда, ба қонунҳои олами табиат дохил менамояд.

Ибни Сино дар тавсифи робитаи байни тамоми равандҳои равониро аз эҳсос то тафаккури тасвирӣ ва майна бо маълумоти мушоҳида, оид ба ихтилоли равонӣ, ки аз осеби майна бармеоянд, тасдиқ мекунад. Ибни Сино дар «Қонон»-и худ дар бораи маҳалли ҷойгиршавии

қувваҳои гуногуни руҳӣ дар қитъаҳои гуногуни майна сухан меронад: ҳиссиёт, дарк, андеша, тасаввур ва хотира бо меъдачаи пеши майна, қобилияти ҳаракатӣ бо меъдачаи паси майна ва тафаккур бо меъдачаи миёна. Дар осори ибни Сино роҷеъ ба доираи шинохти эҳсосии инсон таҳлили муфассал дода шудааст. Мувофиқи таълимоти ӯ, барандаи моддии асосӣ эҳсос мебошад, ки дар узвҳои ҳис ҷойгир аст. Ӯ хосиятҳоеро номбар мекунад, ки ба ҳама эҳсос хос аст: оҳанги эҳсосӣ, шиддатнокӣ ва давомнокӣ. Ибни Сино таъкид мекунад, ки ҳассосият бо оҳанги эҳсосӣ хос аст, он чизе, ки аввал дарк карда мешавад, он чизест, ки шахсро ба худ ҷалб мекунад ва дар ӯ таҷрибаи мусбат меорад.

Тарбия дар раванди таъсиррасонии мунтазам ва мақсаднок ба шахс, ки ба рушди руҳӣ ва ҷисмонии онҳо таъсир мерасонад, то онҳоро ба фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва мутамаддин омода созад. Таҳсил раванди алоҳида нест; бо тарбия ва инкишоф алоқамандии ногусастанӣ дорад, зеро ин ҷараён ба тамоми шахс нигаронида шудаанд. Дар соҳаҳои гуногуни таълим муайян кардани ҷузъҳои муайяне, ки ба эҳсосот, ирода, хислат, самтҳои арзишӣ ва қобилиятҳои ақлӣ таъсир мерасонанд, хеле душвор аст. Дар муқоиса бо таълим, ки ҳадафи асосӣ рушди равандҳои маърифатӣ, қобилият ва азхудкунии иттилооти шахс мебошад, таҳсилот ба ташаккули шахсият ҳамчун фард, муносибати онҳо бо муҳити зист ва робитаи онҳо бо он нигаронида шудааст.

Ибни Сино дар асари худ «Қонуни ахлоқ» сабабҳои сифатҳои манфӣ ва мусбатро дар хислатҳои умумии характери одам ошкор кардааст. Олим дар ин асар нишон медиҳад, ки хислатҳои мусбату манфӣ аз одат ва зери таъсири ашрофони давлатӣ пайдо мешаванд. Ибни Сино дар осори худ мафҳумҳои адолат, саховатмандӣ, сабру тоқат, масъулият, садоқат, ботамкинӣ, хоксорӣ ва дигар хислатҳоро шарҳ медиҳад. Ба эътиқоди ӯ, шахси донишманд бояд дар ҳама ҷиҳат поквиҷдон бошад ва бо дигарон хушмуомила бошад. Ба манфиати худ даст кашидан аз лаззатҳои зиндагиро махсусан қадр мекард. Вай хислатҳои мусбате аз қабили инсоф ва покизагиро шарҳ медиҳад, дар баробари ин камбудиҳои манфии тарс, риёкорӣ, бухл, дуздию фиребгариро низ ошкор мекунад. Ибни Сино дар осори худ ба дустию рафоқати байни одамон диққати махсус дода, чунин мешуморад, ки пастӣ ба дӯстии одамон халал мерасонад. Дар осори ӯ мафҳумҳое, ки нисбат ба дӯстон меҳрубон будан, барои ёрӣ дареғ надоштан, аз камбудиҳои рафиқон рӯ нагардондан ва ба онҳо ёрӣ расондан барин мафҳумҳоро таҳқиқ мекунанд. Ибни Сино дар асоси барномаи таълимии худ се навъи дӯстиро муайян кардааст: аввал, ҳарчанд душвор бошад ҳам, инсон кӯшиш мекунад, ки дӯсти худро тарк накунад; Сониян, дӯстии идеявӣ, яъне дӯстии байни одамоне, ки манфиатҳои умумӣ доранд; саввум, ин дӯстиест, ки аз фоида ба фоида бармеояд.

Олим дӯсти ҳақиқиро ба оина муқоиса мекунад, зеро оина воқеияти воқеии инсонро ошкор мекунад. Агар шахс камбудии дӯсти худро сари вақт ошкор накунад, ин маънои онро дорад, ки ӯ вазифаи дӯстии худро фаромӯш кардааст. Аз ин рӯ, мо бояд ба талабагон омӯзонем, ки дӯстони ҳақиқӣ интихоб кунанд, ба онҳо баҳо диҳанд, хатоҳои онҳоро сари вакт нишон диҳанд. Ин талаб мекунад, ки байни хонандагон дар мавзуи «Мустаҳкам намудани дӯстӣ ва бо дӯстон ошкоро будан» суҳбатҳои тарбиявӣ гузаронда, дар бораи гуфтаҳои Ибни Сино дар бораи дӯстӣ, меҳрубонӣ, хайрхоҳӣ муфассалтар таваққуф карда шавад. Вай аз муаллимон талаб мекард: «Хангоми муомила бо бачаҳо бояд муаллим худдор бошад. Вай бояд ба он диққати махсус дихад, ки талабагон дониши андухтаашонро чӣ тавр ба кор мебаранд. Дар рафти таълим, ба эътиқоди олим, аз усулу шаклҳои гуногуни кор бо бачагон, бо назардошти хусусиятҳои фардии онҳо истифода бурдан лозим аст».

Фикри муаллим бояд барои ҳама хонандагон дастрас бошад. Ӯ бояд суханашро бо қиёфабозӣ ва имову ишора ҳамроҳӣ кунад, то омӯзиш фаҳмотар бошад ва дар кӯдакон аксуламали эҳсосиро ба вуҷуд оварад [2, с. 50].

Таҳлили асарҳои ӯ нишон медиҳад, ки ӯ аз нуқтаи назари инсонпарварӣ ҳал кардани онҳоро пешниҳод карда, ба бачагон дар бораи камбудиҳо ва роҳҳои ислоҳи онҳо маслиҳатҳо пешниҳод кардааст. Чунин суҳбатҳо набояд дахолаткунанда бошанд, бачаро ба ташвиш оваранд, ба ифтихори ӯ камтар зарар расонанд. Бо кӯдак танҳо дар сурате суҳбат кардан мумкин аст, ки фардияти ӯро фаҳмад.

Заминаҳои ташаккули шахсияти ҷавонон:

- омӯзиши мафҳумҳои арзишҳои миллӣ ва расонидани онҳо дар шакли иттилооти дастрас;
- ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан ва мубориза барои он;
- истифода ва тавзеҳи мафҳумҳое чун насли комил, шахсият;
- донишманд, ҳаким, фаъол, зиёӣ ва ғайра дар тарбияи ҷавонон.

Имрӯз дар ташаккули тафаккури насли наврас тарбия намудани мероси маънавии миллӣ, ҳисси ифтихор ва ватандӯстӣ аҳамияти аввалин дараҷа дорад, дар байни ҷавонон эҳтиром, некӣ, вичдон, саховатмандӣ ва дигар хислатҳоро ташаккул медиҳад. Тарбияи насли наврас як раванди динамикист, ки усулҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва ташкилии ба худ хос дорад.

Таълим ва тарбия ба принсипҳои ҳамаҷониба асос ёфта, бо усули гуногун амалӣ карда мешаванд. Ибни Сино дар осори худ, бахусус, дар рисолаи «Тадабир-ул-манозил» таъкид мекунад, ки маорифпарварон, муаллимон ва созандагони нақшаи тарбиявии шаҳри некукор бояд ба ҳамаи ин усулу усул таваҷҷуҳи бештар диҳанд.

Руҳ наздиктарин ва муҳимтарин чизест, ки инсон дорад. Пеш аз он ки дигаронро тарбия кунад, бояд худро ислоҳ кунад ва барои ин бояд аввал худро бишносад. Аз ин рӯ, дарки қудрат, хосият ва ҷанбаҳои нафси худ заминаи бунёдӣ аст, ки Сино ба он таваҷҷуҳи хосса додааст. Ӯ дар оғози рисолаи «Тадабир-ул-манозил» дар боби «Дар бораи идораи нафс» дар ин бора муфассал баҳс мекунад.

Аз ин рӯ, қадами аввалин дар таълиму тарбия тарбияи нафси худ аст ва калиди ин худшиносӣ аст. Шахс бояд хислату одатҳои манфии онҳоро пурра дарк кунад ва аз камбудиҳои руҳи худ комилан огоҳ бошад [3, с.15].

Дар баробари ин, онҳо бояд нисбат ба камбудиҳои худ ноумедона муносибат кунанд, гарчанде ки одамон умуман нисбат ба онҳо тамоман, бахшандаанд ва ҳаваси онҳо барои дуруст дарк намудани хислату кирдорҳои манфии онҳо халал мерасонад. Аз ин рӯ, Ибни Сино маслиҳат медиҳад, ки аз дӯсти хирадманду меҳрубон, ки оинаи одам бошад, тамоми тарафҳои хубу бади онҳоро инъикос намояд.

Одамон аз ҷиҳати қобилиятҳои ҷисмонӣ, қобилияти ақли ва ғайра як хел нестанд. Онҳо ба илму санъатҳои гуногун майл доранд. Яке ба риёзиёт, дигаре ба шеър, сеюмӣ ба тиб, чаҳорумӣ ба забоншиносӣ ва панҷумӣ ба геометрия майл дорад. Гузашта аз ин, онҳо аз баъзе илмҳо ва санъатҳо нафрати табиӣ доранд. Волидон барои таълим додани ин фанҳо ба фарзандонашон нерӯ ва захираҳои худро сарф мекунанд, зеро ин натиҷаи кам медиҳад.

Муайян кардани қобилияти равонии шахс барои интихоби дурусти касб аҳамияти калон дорад. Ибни Сино ин масъулиятро бар души муаллими фарзанд медонад ва менависад: «Бинобар ин муаллимро зарур аст, ки кӯдакро омӯхт, майлу рағбати ӯро кашф намояд, қобилияти ӯро санҷад ва танҳо баъд барои ӯ касбу ҳунари муносиб интихоб намояд».

Ибни Сино танҳо бо муайян кардани қобилият маҳдуд намешавад, балки тасдиқ мекунад, ки майли фардии одам ба касби интихоб карда дар муваффақияти онҳо роли ҳалкунанда мебозад. Бинобар ин, муаллим пас аз интихоби як соҳаи фаъолият бояд чанд муддат талабагонро мушоҳида кунад, то дараҷаи шавқу ҳаваси онҳоро ба он муайян кунад.

Ибни Сино ба хусусиятҳои ҳар як давраи инкишофи кӯдак диққат дода, маслиҳат медиҳад, ки мувофиқи он нақшаи тарбия ва таълим тартиб дода шавад. Яке аз принсипҳои педагогӣ, ба ақидаи ӯ, таҳияи барномаҳои педагогӣ марҳила ба марҳила мебошад. Ин марҳилаҳо ва барномаҳои мувофиқ дар зер тавсиф карда мешаванд. Ибни Сино ба таълими дастаҷамъӣ таъқид мекунад ва мутмаин аст, ки кӯдакон бояд, дар якҷоягӣ бо ҳамсолони худ ҳунар омӯзанд ва азхуд кунанд. Вай менависад: «Дар мактаб бо кудак дигар фарзандони дорой ахлоқу одатҳои нек хамроҳи бачагон хондан зарур аст, зеро бачаҳо аз бачаҳо ибрат гиранд». Омӯзиши гурӯҳӣ боиси он мегардад, ки кӯдак хислатҳои хуби ҳамсолони худро аз худ кунад. Ибни Сино кайд мекунад, ки манфиати ин навъи тарбия, махсусан, дар он аст, ки вай сифатҳои ахлоқии бачагонро такмил медиҳад, меҳнатдӯстии онҳоро афзун мегардонад, одатҳои некро ташаккул медиҳад. Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки онҳо майли ба якдигар тақлид мекунанд, чуноне ки психологияи муосир қайд кардааст.

Аз андешаҳои Ибни Сино бармеояд, ки тарбияи гурӯҳӣ, муошират кӯдак бо ҳамсолонаш дар мактаб, дӯстӣ ва рақобат бо онҳо муносибатҳои иҷтимоиро ба ӯ меомӯзонад, ки дар оянда ба

ҷомеашиносии ӯ мусоидат мекунад. Дар психологияи муосир оила ва ҳамсолон унсурҳои асосии раванди иҷтимойшавӣ маҳсуб мешаванд. Ба ақидаи бархе аз коршиносон, унсури сеюм, яъне мактаб аҳамияти бештар дорад ва ҳеҷ ниҳоди дигаре наметавонад дар рушди иҷтимоии кӯдак таъсири бештаре дошта бошад. Вақте ки кӯдакон бо ҳам муошират мекунанд, дар бораи чизҳои дидаву шунидаашон нақл мекунанд ва таассуроти воқеаҳои ҷолибро мубодила мекунанд, ин ба рушди зеҳнии онҳо мусоидат мекунад. Инчунин таваҷҷуҳи онҳоро бедор мекунад ва онҳоро водор месозад, ки ҳар чизе гуфта шавад, ба ёд оранд ва ба дигарон бигӯянд [4, с. 39].

Ибни Сино диққатро ба руҳияи рақобат, ҳасадиҳии «сафед» ва ифтихор нисбат ба бачаҳо ҷалб намуда, мегуяд, ки ҳамаи ин ба воситаи омӯзиши гурӯҳӣ ба амал меояд ва онҳоро ба кушишу ғайрат водор мекунад. Психологияи муосир рақобатро яке аз ангезаҳои омӯзиш мешуморад. Роберт Уайт, назарияшиноси шахсият, майли қавии фардии шахсро ба камолот яке аз муҳимтарин ангезаҳо медонад. Вай онро ангезаи салоҳиятнокӣ меномад.

Қонеъ гардондани талаботи маънавӣ. Ибни Сино бовар дошт, ки кӯдакон бояд бозӣ кунанд, дӯстӣ пайдо кунанд, бо ҳамсолони худ муошират кунанд ва фахр кунанд. Бо тавсияи таълими гурӯҳӣ, ӯ ба қонеъ кардани ин ниёзҳои равонӣ машғул буд. Ӯ муътақид буд, ки ҷудо кардани кӯдак ва ба таври инфиродӣ таълим додани ӯ ҳамаи инро таъмин намекунад [2, с. 101-121].

Психологияи тарбиявӣ эҳтиёҷоти кӯдакро ба бозӣ, муҳаббат, таваҷҷӯҳ, бартарӣ нисбат ба дигарон ва ғайра таъкид мекунад ва усули муосири педагогӣ ба қонеъ гардонидани он нигаронида шудаанд.

Талаботи кӯдакон ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешаванд: физиологӣ – ғизо, об, хоб, истироҳат, либос ва саломатӣ, эҳсосӣ – меҳру муҳаббат, ғамхорӣ, амният, дастгирӣ ва эҳсоси қабул шудан, иҷтимоӣ – муошират бо оила ва ҳамсолон, дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳисси мансубият ба ҷомеа, маърифатӣ (рушдӣ) – омӯзиш, бозӣ, инкишофи қобилиятҳо, эҷодкорӣ ва гирифтани донишҳои нав. Ин чор гурӯҳ барои рушду инкишофи солим ва ҳамаҷонибаи кӯдак аҳамияти калон доранд.

Дар сурати мувофиқат нагардидани ирода ва зеҳн ҷисм азоб мекашад, балки одату рафтори онҳо низ тағйир меёбад [5, с. 54].

Ибни Сино ба волидон, мураббиён ва парасторон барои ташвиқи хислатҳои нек ва бозdoштани одатҳои бади тавсия дода, гарави расидан ба ин ҳадаф истифодаи подош ва ҷазоро медонад. Ҷавоби омӯзгор бояд ҳам ба рафтори нек ва ҳам бад мувофиқ бошад ва аз ҷиҳати сифат ва микдор мутаносиб бошад. Масалан, барои рафтори ношоиста, аввал бояд аз кӯдак рӯй гардонад, худро норозӣ нишон диҳад, сипас, таҳдид кунад ва танҳо баъд муҷозот намояд. Нигоҳ доштани дараҷаи муҷозот аз рӯйи манобеъи исломӣ аз дер боз мояи нигаронии мутафаккирони мусалмоне чун Ибни Саҳнун ва Қобисӣ будааст.

Ҷазои аввалияи ҷисмонӣ бояд дардовар бошад, то кӯдак аз он битарсад ва донад, ки агар рафтори ношоистаашро такрор кунад, боз ҷазо мегирад. Баръакс, агар ҷазои аввал сабук ва бедард бошад, он кӯдакро аз хатоҳо боз медорад, зеро ӯ интизор дорад, ки чазоҳои минбаъда низ ҳамин тавр сабук бошанд.

Ҷазои ҷисмонӣ бояд пас аз таҳдидҳои шадид татбиқ карда шавад. Шояд Ибни Сино чунин ақида дошта бошад, кӯдак сахтии ҷазоро дарк кунад ва тарсондане, ки дар ёди у сабт шудааст, аз такрори рафтори бади худ боз дорад [3, с. 36-37].

Ҷазо бояд пас аз супурдани кӯдак ба парастор татбиқ карда шавад. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки ба гуфтаи Ибни Сино, ҳадаф аз муҷозот боздоштани кӯдак аз рафтори бад аст, на интиқом. Агар ӯ тавсия диҳад, ки ҷазои аввал дардовар бошад, ин танҳо барои он аст, ки бояд таъсири боздоранда дошта бошад. Аз ин рӯ, ҳузури шафоъаткунанда зарур аст, то ки баъди ба ҳадди комил анҷом додани ҷазо тарбиятгарро аз дур рафтан боздорад.

АДАБИЁТ

1. Абуали Ибн Сина. Канон врачебной науки, 1954.
2. Абӯалӣ Ибни Сино. Осор. - Ҷ. 2. - С. 14.
3. Акрами Абдулҳамидпур. Асрори мизоҷ. Н.Қ.Қодиров. - Душанбе, 2004.
4. Амонов Н. Қ. Асосҳои психологии муошрати педагогӣ. –Душанбе, 2003.
5. Аникеева Н.П. Воспитание игрой. - М. Просвещение, 1987.
6. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. – Душанбе, 2005.

7. Волохонова Е. А. Дидактика. // Е. А. Волохова, И. В. Юкина. - Ростов на Дону, 2002.
8. Дастури психологияи амалӣ. Зерӣ таҳрирӣ Юнусова Н.М. – Душанбе, Собириён. – 2005.
9. Коломинский Я. Л. Психология обучения. Я.Л Коломинский. - М.Знание, 1976.
10. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. - Душанбе, 2004.
11. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. М. Лутфуллоев. - Душанбе, Дониш, 1997
12. Мирзоев Ҷ. Эд. аз ҷониби Н. Нурулла-Хочаева. - Т. II. - М.: ООО «Садра», 2018. - С. 346-352.
13. Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳё улум – ад – дин. - С. 44.
14. Педагогика ва психология. - Душанбе, Ирфон, 2007.
15. Педагогические принципы и методы Ибн Сино. 02/04/2020.
16. Психология: Нуктаи назари муосир. – С. 247.
17.Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони шарқ. - Душанбе, Ирфон, 1989.
18. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Ибни Сино. У.Султонов. – Душанбе, 1979.

НАҚШИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

Дар мақола муаллиф нақши Абӯалӣ ибни Синоро дар ташаккули тафаккури педагогӣ ва психологии кӯдакон мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар баёни муаллиф андешаҳои Ибни Сино доир ба психика табиати материалистиро дошта, таъкид мекунанд, ки фаъолияти равонӣ ба фаъолияти системаи асаб алоқамандии зич дорад. Ӯ хуб дарк менамояд, ки вазифаи асосии системаи асаб ин таъмин намудани алоқаи ҷисм ба олами беруна мебошад. Ибни Сино сабаби зуҳроти ҳодисаҳои равониро дар равандҳои физиологӣ медид. Дар таълимоти Ибни маҳдудшавии (локализатсияи) маркази қувваҳои рӯҳӣ ва қобилиятҳо дар системаи асаби марказӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Ибни Сино панҷ намуди эҳсосро ҷудо мекунад: босира, сомеа, ломиса, зоиқа, шомеа (биноӣ, шунавоӣ, ламс (дасткобӣ), маза, бӯй). Ӯ эътибори махсусро ба эҳсоси биноӣ ва шунавоӣ медод, зеро онҳо «посбонҳои» руҳи инсонанд.

Дар масъалаи таълим ақидаҳои Абӯалӣ ибни Сино бо ақидаҳои Арасту мухолифат доштанд. Арасту бар он ақида буд, ки муносибати инфиродӣ ба таълим дар ҳар як ҳолати мушаххас нисбат ба таълими ҷамъиятӣ бештар фоидаовар ва дуруст мебошад. Ибни Сино дар бораи зарурати тарбия намудани меҳнатдӯстӣ ва мустақилият дар инсон сухан ронда, ҳамзамон ҷонибдори қатъии муқобили ҳама гуна имтиёзҳо барои ашрофон буд ва сатҳи олии инсониятро дар ахлоқ ва хирад медид. Худшиносӣ ва шахсияти инсон, шараф ва қадру қимати ӯ наметавонанд меросӣ бошанд. Ҳамин тариқ, Ибни Сино муайянкунии анатомию физиологии тамоми равандҳои рӯҳиро тасдиқ мекунад: ҳиссиёт, дарк, тафаккур, хотира, эҳсосот, тафаккури образнок ва вобастагии онҳоро аз равандҳои ҷисмонии организм нишон медиҳад. Бо ҳамин роҳ, ӯ ин равандҳоро аз таъсири рӯҳонӣ берун оварда, ба қонунҳои олами табиӣ дохил мекунад.

Калидвожаҳо: *тарбияи ҷамъиятӣ, ҳодисаи психикӣ, тарбияи насли наврас, принсипҳои педагогӣ, психологияи муосир, тарбияи меҳнатдӯстӣ, таълими гуруҳӣ, психологияи тарбиявӣ.*

РОЛЬ АБУАЛИ ИБН СИНЫ В ФОРМИРОВАНИИ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ И ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

В статье автор рассматривает роль Абу Али ибн Сины в формировании педагогического и психологического мышления детей. Взгляды Авиценны на психику носят материалистический характер, он отмечает, что психическая деятельность тесно связана с деятельностью нервной системы. Он прекрасно осознаёт, что главная функция нервной системы — обеспечение связи организма с внешним миром. Причину проявления психических явлений Авиценна видел в физиологических процессах. В учении Абу Али ибн Сино определённое место занимает локализация (ограничение) центров психических сил и способностей в центральной нервной системе. Авиценна различает пять видов ощущений: зрение, слух, осязание, вкус, обоняние. Особое значение он придавал зрению и слуху, поскольку они являются «хранителями» человеческой души. По твёрдому убеждению Авиценны, «кто лишён чувств, тот лишён и просветления» — таков главный девиз теории просветления.

В вопросе образования идеи Авиценны противоречили идеям Аристотеля. Аристотель считал, что индивидуальный подход к образованию в каждом конкретном случае более полезен и верен, чем общественное образование. Говоря о необходимости воспитания в человеке трудолюбия и самостоятельности, Ибн Сина был в то же время убеждённым противником любых привилегий для знати и видел высший уровень человечности в нравственности и мудрости. Самопознание и личность человека, его честь и достоинство не могут быть наследственными. Таким образом, Ибн Сина подтверждает анатомо-физиологическую детерминацию всех психических процессов: чувства, восприятия, мышления, памяти, эмоций, образного мышления и их зависимость от физических процессов организма. Тем самым

он выводит эти процессы из сферы духовного воздействия и помещает их в рамки законов естественного мира.

***Ключевые слова**: социальное воспитание, психологический феномен, воспитание молодого поколения, педагогические принципы, современная психология, воспитание трудолюбия, групповое воспитание, педагогическая психология.*

THE ROLE OF ABUALI IBN SINA IN THE FORMATION OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL THOUGHT

Avicenna's views on the psyche are of a materialistic nature, noting that mental activity is closely related to the activity of the nervous system. He is well aware that the main function of the nervous system is to ensure the connection of the organism with the outside world. Avicenna saw the cause of the manifestation of mental phenomena in physiological processes. In Ibn's teachings, the localization (restriction) of the centers of mental forces and abilities in the central nervous system occupies a certain place. Avicenna distinguishes five types of sensations: vision, hearing, touch, taste, smell. He attached special importance to the sensations of vision and hearing, since they are the «guardians» of the human soul. In Avicenna's firm opinion, «he who is deprived of feeling is also deprived of enlightenment» - this is the main motto of the theory of enlightenment.

On the issue of education, Avicenna's ideas contradicted the ideas of Aristotle. Aristotle believed that the individual's approach to education in each individual case is more beneficial and accurate than public education. Speaking about the need to educate a person industriousness and independence, Ibn Sina was at the same time a staunch opponent of any privileges for nobles and saw the highest standard of humanity in morality and wisdom. Self-knowledge and the identity of a person, his honor and dignity cannot be hereditary. Thus, Ibn Sina confirms the anatomical and physiological determination of all mental processes of feeling, perception, thought, memory, emotions, figurative thinking and their dependence on the physical processes of the body, thereby removing them from spiritual influence and including them in the laws of the natural world.

***Keywords:** social education, psychological phenomenon, educating the younger generation, pedagogical principles, modern psychology, education of hard work, group education, educational psychology.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нурмаҳмадзода Кишвар Нурмаҳмад*** *- ассистенти кафедраи методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи далатии Данғара. Тел.: 907513014, email: nurmahmadzodakisvar65@gmail.com.*

Сведения об авторе: ***Нурмахмадзода Кишвар Нурмахмад*** *— ассистент кафедры методики преподавания и начального образования Государственного университета Дангара. Тел.: 907513014, email: nurmahmadzodakisvar65@gmail.com.*

Information about the author: ***Nurmahmadzoda Kishvar Nurmahmad*** *– assistant at the department of teaching methodology and primary education, Danghara State University. Tel.: 907513014, email: nurmahmadzodakisvar65@gmail.com.*

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РУШДИ ДОНИШОМӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Қаҳҳорова Ф. А.
Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Педагогикаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун шохаи муҳимми илми педагогӣ нақши дар ташаккули шахсияти наврас ва рушди ҷомеа нақши бузург дорад. Зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи асосии донишу малака ва одобу ҷаҳонбинии кӯдакро тарҳрезӣ мекунад. Ин давра барои рушди қобилиятҳои фикрию иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдак хеле зарур аст, чунки он асоси ояндаи шахсият ва ҷомеаро дар худ инъикос мекунад.

Мафҳум ва моҳияти педагогикаи синфҳои ибтидоӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ин давра омӯзгорон имкон доранд, то донишу малака ва ахлоқи иҷтимоиро ба таври самаранок ба кӯдакон интиқол диҳанд.

Дар шароити кунунии таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла, дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо суръати баланд рушд кардани технологияҳои навтарини иттилоотӣ таъсири бузург дорад. Таъсир ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла, зинаи таҳсилоти ибтидоӣ амри ногузир, зарурӣ ва саривақтӣ аст. Зинаи таълими ибтидоӣ ҳамчун марҳилаи асосии ташаккули шахсияти

хонанда ва пояи минбаъдаи таҳсилоти ӯ тақозо мекунад, ки ҷараёни таълим бо усулҳои фаъолу нав ва воситаҳои муосири техникии таълим бештар таъмин бошад.

Дар шароити феълӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим натанҳо ҳамчун як воситаи техникӣ, балки муҳити нави педагогиеро эҷод карда метавонад. Тавре ки И. В. Роберт таъкид менамояд, «Технологияҳои иттилоотӣ дар маориф натанҳо воситаи техникии таълим, балки муҳити нави педагогӣ мебошанд» [11, с. 34]. Ин раванд зарурати бештари омӯзиши асосҳои педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотиро дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла, дар рушди малакаи азхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меорад.

Мафҳуми донишазхудкунӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ як қатор хусусиятҳои худро дорад. Дар низоми педагогикаи муосир донишазхудкунӣ раванди фаъол ва шуурноки маърифатие дониста мешавад, ки хонандагон тавассути он маводи зарурии таълимии барномарезишударо аз вобаста ба малакаашон аз худ мекунанд. В.В. Давыдов зикр мекунад, ки «Донишазхудкунӣ раванди фаъоли маърифатӣ буда, дар он хонанда натанҳо донишро қабул мекунад, балки онро дар фаъолияти худ коркард ва татбиқ менамояд» [3, с. 112]. Аз таърифи боло бармеояд, ки хонандагон дар раванди омӯзиш фаъолияти мустақили худро нишон дода метавонанд.

Сатҳи донишазхудкунӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ пеш аз ҳама бо дараҷаи рушди равонии хонандагон тавъам аст. Ба ақидаи И. А. Зимняя, «Дар синфҳои ибтидоӣ асоси донишазхудкунӣ ташаккули тафаккур, хотира ва диққати шуурноки хонанда мебошад» [7, с. 85]. Аз ин рӯ, омӯзгорон ва масъулинро зарур аст, ки шароити таълимиро тарзе фароҳам оваранд, ки хонандагон дар сатҳи зарурӣ рушд карда тавонанд.

Технологияи иттилоотӣ мафҳумест, ки фарогири ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ аст, ки ҳамчун категорияи педагогӣ низ эътироф гардидааст. Солҳои охир мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» дар педагогика мазмуни васеътарро касб кардааст, ки маҷмуи воситаву усул ва захираҳои рақамиро инъикос намуда, барои коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилооти таълимӣ истифода мешавад.

Е. С. Полат қайд мекунад, ки «Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, ки таълим фардисозӣ шуда, фаъолияти маърифатии хонандагон фаъол гардад» [10, с. 47]. Ҳамин хусусият технологияҳои иттилоотиро барои таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муҳимму арзишманд мегардонад.

Бар замми ин, технологияҳои иттилоотӣ ба таври худкор наметавонанд самаранокии ҷараёни таълимро таъмин кунанд. Онҳо бояд пеш аз ҳама бо асосҳои илмии педагогӣ мутобиқ карда шаванд. Г. К. Селевко таъкид мекунад, ки «Самаранокии ҳар гуна технологияи таълимӣ пеш аз ҳама аз асоснокии педагогии он вобаста аст» [13, с. 19].

Асосҳои педагогии татбиқи технологияи иттилоотӣ дар зинаи таълими ибтидоӣ ба як қатор принсипҳои педагогӣ такя мекунанд. Пеш аз ҳама, бояд маводи таълимӣ ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон мувофиқ таҳия карда шавад. Ю.К. Бабанский таъкид менамояд, ки «Технологияи таълимӣ бояд ба хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонанда мутобиқ карда шавад» [2, с. 56].

Дар ин замина, аҳаммияти принсипи фаъолнокиро ёдовар шудан зарур аст. Технологияҳои иттилоотӣ пеш аз ҳама бояд хонандаро ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил дода тавонад, ки ба талаботи дидактикаи муосири педагогӣ мувофиқ аст. Ба андешаи А. В. Хуторской, «Таълими ибтидоӣ марҳилаи асосии ташаккули фаъолияти таълимӣ ва маърифатии шахсият мебошад» [14, с. 73]. Аз ин гуфта бармеояд, ки зинаи ибтидоии таҳсилот пеш аз ҳама хишти бунёдии таълимӣ ва марҳилаи навини азхудкунии донишҳо аст. Агар хонанда дар ин зина хуб ба ҷараёни таълим мутобиқ нагардад, дар зинаҳои минбаъда сатҳи донишомӯзии ӯ халалдор мегардад.

Нуқтаи дигаре, ки бояд дар ин маврид оварда шавад, ин аст, ки нақши технологияи иттилоотӣ дар рушди донишазхудкунии хонандагони синфҳои ибтидоиро

мо бояд хуб таҳлилу баррасӣ карда тавонем. Истифодаи технологияҳои иттилоотии навтарин дар ҷараёни таълими зинаи ибтидоӣ ба инкишофи ҷанбаҳои мухталифи азхудкунии донишҳо мусоидат мекунад. Масалан, воситаҳои аёнӣ аз ҳисоби маводи мултимедӣ маводи таълимиро зудтар дар майнаи кӯдакон ҷойгир сохта, фаҳмиш ва хотираи онҳоро қувват мебахшад.

М. В. Кларин қайд мекунад, ки «Дар синфҳои ибтидоӣ истифодаи воситаҳои визуалӣ ва интерактивӣ самаранокии омӯзишро ба таври назаррас баланд мебардорад» [8, с. 91]. Ин андеша натиҷаи тадқиқоти педагогӣ аст, ки боз ҳам аҳаммияти махсуси технологияҳои иттилоотиро дар рушди малакаи азхудкунӣ бозгӯ менамояд.

Дар ҷараёни таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба ҷиҳатҳои миллии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ низ таваҷҷуҳ кардан шарт ва зарур аст. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурди технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим махсусан дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бояд пеш аз ҳама бо арзишҳои педагогикаи миллӣ мувофиқ карда шавад. Ф. Ғ. Юсупов таъкид менамояд, ки «Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои муосир бояд бо талаботи педагогикаи миллӣ ҳамоҳанг карда шавад» [15, с. 86].

Фаъолияти омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар ин раванд нақши калидӣ дорад. Ба ақидаи С. Қосимов, «Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд технологияи иттилоотиро ҳамчун воситаи рушди тафаккур истифода барад, на ҳадафи худ» [9, с. 58].

Барномаҳои таълимии зинаи ибтидоӣ дар сурати бозбинӣ ва таҷдид шудан бояд ба як қатор консепсия ва барномаҳое, ки дар заминаи ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд, таҳия ва пешниҳод гарданд. Масалан, бо эълон гардидани солҳои 2024-2026 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ» ва амалисозии бевоситаи «Консепсияи ҳукумати электронӣ» бояд аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ шуруъ карда, таълими самаранокро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монд, чунки мутобиқшавии хонандагон ба ин раванд давраи хосро дар бар мегирад. Ин раванд шавқи хонандагонро бештар намуда, онҳоро дар баробари омӯхтани дониш ба олами технология ворид месозад, ки тақозо замон аст. Агар аз зинаи ибтидоӣ ин раванд хуб ба роҳ монда нашавад, дар зинаҳои баъдӣ хонандагон ба мушкилот ва муаммоҳои бештар рӯ ба рӯ хоҳанд гардид.

Асосҳои педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рушди донишомӯзии хонандагони синфҳои ибтидоиро метавон тавассути як қатор методу усули таълим бозгӯ кард. Аз ҷумла, таълими интерактивӣ ва бозӣ, истифодаи барномаҳои мобилӣ ва бозиҳои таълимӣ, таҷрибаи амалии ба даст овардани малакаҳо ба ҷойи дониши назариявӣ айни муддаост.

Ҳамкории дуҷонибаи волидайн бо муҳити таълимӣ бояд мунтазам ба роҳ монда шавад. Назорати хонандагон тавассути журналҳои электронӣ ва огоҳӣ аз пешрафти онҳо дар муассисаи таълимӣ, дарки масъулияти муштараки оила ва мактаб дар таълиму тарбия афзоиш дода шавад. Дар ин сурат, малакаҳои технологии амалии хонандагон рушд меёбад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар равандиҳои таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ фарҳанги электронии хонандагонро ҳамчун як қисми малакаҳои рақамӣ рушд медиҳад.

Мо бояд дарк намоем, ки педагогикаи синфҳои ибтидоӣ маънавиёт, ахлоқ ва ҷаҳони илмии кӯдаконро таҳким мебахшад. Кӯдаконе, ки дар ин зинаи таҳслот аз муҳити эҷодӣ ва дастгирии дуруст бархурдор буданд, дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот натиҷаҳои баландтарро нишон доданд.

Омӯзгорони ин зинаи таҳсилот бояд малакаи мутобиқшавӣ ё адаптатсия, малакаҳои инноватсионӣ ва истифодаи усул интерактивиро доро бошанд. Аз таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ ва барномаҳои таълимии муосир истифода бурда тавонанд. Бисёр кишварҳо, аз ҷумла, Финландия, Ҷопон ва Канада, барои синфҳои ибтидоӣ методҳои интерактивӣ, омӯзиши фарогир ва муҳити эҷодиро татбиқ мекунанд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки кӯдаконе, ки дар муҳити эҷодӣ ва дастгирӣ

таҳсил мекунанд, қобилияти фикрии интиқодӣ ва муоширатии баланд доранд ва ба фанҳои илмӣ ва иҷтимоӣ шавқ зоҳир мекунанд.

Таҳлили адабиёти илмии педагогӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки технологияҳои иттилоотӣ дар сурати дар амал татбиқ шудан метавонанд омили асосии рушди донишомӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ гарданд. Истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими синфҳои ибтидоӣ метавонад инчунин заминаи рушди тафаккури мустақил ва баланд бардоштани сифати таълим гардад. Асосҳои педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки раванди таълим ба талаботи низоми нави таълимӣ мутобиқ гардад.

Дар маҷмуъ, донишазхудкунии хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ҷараёни мураккаби педагогиест, ки бо сатҳи инкишофи қобилияту малака, ҳавасмандӣ ва методҳои фаъоли ҷараёни таълим алоқамандии зич дорад. Дар айни замон масъалаи мубрами илми педагогика низ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Асроров Б.Р. Педагогикаи муосир. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 320 с.
2. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебного процесса. – М.: Педагогика, 1982. – С. 56.
3. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения. – М.: Педагогика, 1986. – С. 112.
7. Зимняя И.А. Педагогическая психология. – М.:Логос, 2019. –384 с.
8. Кларин М.В. Инновационные модели обучения в современной школе. – М.: Педагогика, 2017. – 256 с.
9. Қосимов С. Технологияҳои иттилоотӣ дар таълим. – Душанбе, 2021. – 272 с.
10. Полат Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. – М.: Академия, 2018. – 272с
4. Раҳимов Н.Ҷ. Технологияҳои таълимии муосир. – Душанбе, 2018. – 240 с.
11. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании. – М.: Школа-Пресс, 2019. – 320 с.
12. Савенков А.И. Развитие познавательных способностей младших школьников. – М.: Академия, 2017. – 208 с.
5. Саидов М.С. Рушди тафаккури иқтисодии хонандагон. – Душанбе, 2017. – 156 с.
13. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии. – М.: Народное образование, 2018. – 256 с.
14. Хуторской А.В. Современная дидактика. – СПб.: Питер, 2019. – С. 73.
15. Юсупов Ф.Ғ. Педагогикаи умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – С. 142.

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РУШДИ ДОНИШОМӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола пеш аз ҳама масъалаи татбиқи технологияҳои иттилоотии навтарин дар ҷараёни таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Асосҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи инкишофи донишомӯзии хонандагони синфҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ матраҳ гардида, нақши онҳо дар суръат бахшидани фаъолияти маърифатӣ, ташаккули тарзи мустақилонаи тафаккур ва баланд бардоштани сифати азхудкунии маводи таълимӣ пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин, нақши институтҳои иҷтимоие, ки дар муҳити таълимии кӯдакон саҳмгузоранд, аз назар дур намондаанд. Як қатор омилҳои рушд ва монеаҳову муаммоҳо низ зикр гардидаанд, ки сарфи назар кардани онҳо ҳолат ва дурнамои ҷараёни таълими технологияҳои иттилоотиро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ пурра равшан кардан наметавонад.

Калидвожаҳо: *технология, иттилоот, донишомӯзӣ, таҳсилот, зинаи ибтидоӣ, асосҳои педагогӣ, муҳити таълимӣ, категорияи педагогӣ, институти иҷтимоӣ.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ УЧЕБНЫХ НАВЫКОВ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В статье в первую очередь рассматривается и обсуждается вопрос внедрения новейших информационных технологий в процесс обучения на начальном уровне образования. Обсуждаются педагогические основы использования информационных технологий как средства развития обучения учащихся начальной школы, представлена их роль в активизации познавательной деятельности, формировании самостоятельного образа мышления и

повышении качества усвоения учебного материала. Кроме того, не упускается из виду роль социальных институтов, способствующих формированию образовательной среды детей. Также упоминается ряд факторов развития, препятствий и проблем, игнорирование которых не позволяет в полной мере оценить состояние и перспективы процесса обучения информационным технологиям на начальном уровне образования.

***Ключевые слова**: технология, информация, обучение, образование, начальный уровень, педагогические основы, образовательная среда, педагогическая категория, социальный институт.*

PEDAGOGICAL BASIS OF THE APPLICATION OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE DEVELOPMENT OF THE LEARNING SKILLS OF PRIMARY STUDENTS

The article primarily studies and discusses the issue of implementing the latest information technologies in the process of teaching at the primary level of education. The pedagogical foundations of the use of information technologies as a means of developing the learning of primary school students are discussed, and their role in activating cognitive activity, forming an independent way of thinking and improving the quality of mastering educational material is presented. In addition, the role of social institutions that contribute to the educational environment of children is not overlooked. A number of development factors, obstacles and problems are also mentioned, ignoring which cannot fully clarify the state and prospects of the process of teaching information technologies at the primary level of education.

***Keywords**: technology, information, learning, education, primary level, pedagogical foundations, educational environment, pedagogical category, social institution.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаҳҳорова Фарангис Абдухалиловна*** *- ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ ва фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел.: 926002088, email: kahhorovafarangis@gmail.com.*

Информация об авторе: ***Каххорова Фарангис Абдухалиловна*** *- ассистент кафедры начального образования и социально-гуманитарных наук Худжандского международного института Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Тел.: 926002088, электронная почта: kahhorovafarangis@gmail.com.*

Information about the author: ***Kahhorova Farangis Abdukhalilovna*** *- assistant of the Department of Primary Education and Social and Humanitarian Sciences of the Khujand International Institute Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship. Phone: 926002088, email: kahhorovafarangis@gmail.com.*

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

Давлатшоев И.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Маърифати ҳуқуқӣ яке аз асосҳои муҳимми ташаккули шахсияти солим ва шаҳрванди фаъол дар ҷомеаи муосир маҳсуб мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими маърифати ҳуқуқии наврасону ҷавонон зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бо ташаббуси Сарвари давлат қонунҳо ва стратегияҳои муҳиме қабул шуданд, ки дар таҳкими маърифати ҳуқуқии наврасону ҷавонон мусоидат мекунанд, аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 1148, №7, мод. 624; Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., №1462).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (28 августи соли 2017, № 1461).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 5 октябри соли 2009, № 553).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (ш. Душанбе, 20 июни соли 2024, № 2049).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», 24 декабри соли 2022, № 1920.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила». Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 19 марти соли 2013, № 954.

7. Инчунин ҳуҷҷатҳои дигари меъёрию ҳуқуқии консепсияҳо, низомномаҳо, оинномаҳои соҳаи маориф ва илмҳои педагогика, психологияи тоҷик низ дар асоси нишондодҳои конститутсионӣ тарҳрезӣ карда шудаанд.

Баробари соҳибистиқлолии хешро эълон кардани Тоҷикистон ва шуруъ намудан ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсия, инчунин кори тартиб додани муқаддасот ва рамзҳои нави давлатии Тоҷикистон огоз гардид. Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бори нахуст тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии мардон ва занон, таҳсил, моликият, ҳуқуқи сокинони ҷумҳурӣ ба манзил (заминҳои президентӣ) ва дигар масоили мубрами иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳаллу фасл шудааст.

Ба ҳамин тариқ, таҳкими маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун маҳаки ҳуқукбунёди ҷомеаи мутараққӣ, ба сифати қонуни асосии давлатдорӣ, таҳкимбахши озодиҳои инсон, аз давраи пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ ба вуҷуд омадааст. Қобили тазаккур аст, ки давлатҳо дар ҷаҳон аз ҷиҳати шакл, сохт ва идора мухталиф буда, хусусиятхои фарқкунандаи иктисодию иҷтимюй, сиёсию ҳуқуқӣ, фарҳангию таърихӣ ва динию мазҳабӣ доранд. Вобаста бо ҳамин, хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар як давлат қонуни асосиии худро таҳия ва қабул мекунад ва идораи давлатдориро дар асоси он ба роҳ мемонад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар синфҳои 8 - 10 омӯзиши китоби дарсии «Инсон ва ҳуқук» роҳандози карда шудааст ва он пойдевори асосии таҳкими маърифати ҳуқуқии наврасону ҷавонон мебошад. Дар саҳифаи таърихи навин Иҷлосияи 18-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Лоиҳаи Қонуни асосӣ ва муайян намудани самтҳои ҳуқуқии он ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқукбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф карда шуд. Қобили зикр аст, ки ин сатрҳои ҳуқуқии кишвари соҳибистиқлол дар моддаи 1-и Конститутсия сабт ёфтаанд.

Қобили кайд аст, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калонтарин боби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» номгузорӣ шудааст, ки ин падида мақсаду мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти иҷроияро муайян карда, тавассути ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Паёмҳои Пешвои миллат қувваҳои солими ҷомеаро баҳри роҳнамоӣ ба оммаи васеи халқ муттаҳид месозад ва манфиатҳои иҷтимоию сиёсии онҳоро ифода мекунад. Боиси ифтихор аст, ки Паёмҳои Пешвои миллат ҳамчун эътиборномаи олии ҳуқуқӣ ва сарчашмаи асосии пешравии кишвари соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳони муосир ба шумор меравад.

Натиҷаи Ваҳдати миллӣ ва созиши байни тоҷикон буд, ки бо ҷаҳду талоши Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу субот ва оштии миллӣ устувор гардонида шуданд. Масъалаҳои мубрами давлатӣ ва мушкилоти умумихалқӣ аз тариқи раъйпурсӣ ҳаллу фасл гардиданд. Ҳоло, ки мо дар марҳилаи созандагӣ ва рушди сифатан нави иқтисодию иҷтимоӣ қарор дорем, метавон гуфт, ки бо дастгирӣ ва саъю талоши Президенти маҳбуби кишвар, вазифаҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандиамонро дар назди халқу Ватан софдилона ва дилпурона адо менамоем.

Падидаи таърихӣ - Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кулли сокинони ҷумҳурӣ бо дилгармию дастовардҳои баланди меҳнатӣ истиқбол мегиранд. Чунки фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати омӯзиш ва эҳтироми қонунҳо аз синни мактабӣ равона шудаанд. Дар мактабҳо ва донишгоҳҳо дарсҳои тарбияи ҳуқуқӣ, мулоқот бо ҳуқуқшиносон, марказҳои машваратии ҳуқуқӣ ва ташкилоти ҷавонон амал мекунанд, ки дар таҳкими ҷаҳонбинии ҳуқуқии наврасону ҷавонон саҳми назаррас доранд.

Пешвои миллат пайваста таъкид мекунанд, ки наврасону ҷавонон неруи пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Дар яке аз суханрониҳояшон зикр намудаанд: «Тарбияи дурусти насли наврас ва ҷавонон, ташаккули маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо барои ояндаи давлату миллат аҳамияти

сарнавиштсоз дорад» [11]. Дар бобати нақши муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ қайд бояд кард, ки бо ташаббуси Пешвои миллат дар муассисаҳои таълимии кишвар дарсҳои тарбияи ҳуқуқӣ, фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва дигар машғулиятҳои маърифатӣ ба роҳ монда шудаанд. Инчунин, Марказҳои ёрии ҳуқуқии ройгон, Маҳфилҳои ҳуқуқшиносон, Форуми ҷавонон ва барномаҳои телевизионӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон амал мекунанд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллат таъкид карданд: «Таҳкими донишу маърифати сиёсиву ҳуқуқии наврасону ҷавонон бояд ҳадафи аввалиндараҷаи тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад» [8].

Пешвои миллат ҷавононро «нерӯи бузурги созанда» меноманд ва ҳамеша ба эҳёи ахлоқи ҳамида, эҳтироми қонун, муқовимат ба зӯроварӣ ва шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро таъкид мекунанд. Мақсад аз ин ҳама-ташаккули шахсияти ҳуқуқшинос, ватанпарвар ва масъулиятшинос аст. «Ҷавонон бояд ҳамеша мутолиаи китобҳои ҳуқуқиву сиёсиро бахши зарурии рӯзгори худ қарор диҳанд. Мардум танҳо дар сурати донистани ҳуқуқҳояшон метавонанд аз онҳо ҳимоя кунанд» [10].

Дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар доир ба вазъи кунунии байналмилалӣ, пешбурди самараноки сармоягузорӣ, пешрафти соҳаҳои гуногуни саноату энергетика, кишоварзӣ ва роҳу нақлиёт, рушди соҳибкорӣ, фарҳангу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, занону чавонон, варзишу сайёҳӣ, андоз ва гумрук, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, амнияту мудофиа, ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, бахусус, рушди илму маориф моро вазифадор менамоянд, ки тамоми чораҳои заруриро дар ҳаллу фасли масъалаҳои бамиёномада роҳандозӣ намоем.

Паёми Сарвари маҳбуби кишварро аз он хусус дастури саримизии мо кормандони илм ва маорифи кишвар меномем, ки Пешвои миллат ба рушди илму маориф эътибори хосса дода, мақоми омӯзгору ислоҳоти соҳаи маорифро дар гардиши ҷаҳонишавии маълумот ба мадди аввал гузоштанд. Гуфтори пурҳикмати Сарвари давлати тоҷикон, ки иброз доштанд: «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тули беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям.» [10] моро хушҳолу сарфароз гардонида, минбаъд ҳам баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва таҳсилоти наврасону ҷавонон саъю кушиш менамоем ва дар ташаккули худогоҳию худшиносӣ ва меҳанпарастии онҳо саҳми муносиб мегузорем.

Итминони комил дорем, ки дар ҷавоб ба дастуру ҳидоятҳои ғамхорона ва хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, ки «Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад» [10] - изҳори сипосгузорӣ намуда, соҳаи маорифи кишвар, бахусус, педагогикаи ватаниро ба сатҳи ҷаҳонии маълумот расонем.

Ташаббусу иқдомҳои саривақтии беназири Президенти муҳтарамро дар рушди бебозгашти Ватани азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол тибқи маблағгузории саривақтии давлатӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва бозбинии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, «яъне гузариш ба низоми сариқасӣ» [10] бо хушнудӣ қабул намуда, тақозои замони муосир будани онро бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ мепазирем.

Тадбирҳои саховатмандонаи Пешвои муаззами миллат, тибқи ба 20-25% баланд бардоштани музди меҳнати мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва на кам аз 15% боло бардоштани нафақаи аз андозаи муқарраршудаашон аз якуми сентябри соли 2026 моро водор мекунад, ки ба таълиму тарбияи тифлону кӯдакон аз дилу ҷон кӯшиш намуда, онҳоро бо лавозимоти хониш ва асбобу анҷоми айёнияти техникӣ таъмин намоем ва дар «босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату сохибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ» [10] гардонидани онҳо бо камоли майл роҳандозӣ хоҳем намуд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 маи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», 24 декабри соли 2022, № 1920.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 17 майи соли 2004, № 34.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 5 октябри соли 2009, № 553.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», 2 августи соли 2011, № 762.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 8 майи соли 2024, № 1302.
7. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. ҚҲҶТ аз 29 сентябри соли 2020, № 526.

ЗАХИРАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 / http://www.president.tj/node/29823.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». - Душанбе, 23 майи 2017.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». - Душанбе, 16 декабри соли 2025.

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

Дар даврони Истиқлол таҳти роҳбарии Пешвои миллат таҳкими маърифати ҳуқуқии ҷавонон ба як самти устувори сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ин сиёсати оқилона заминаи муҳими ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандони фаъол мебошад. Бо боварии том метавон гуфт, ки сиёсати ояндабинонаи Президенти маҳбуби кишвар ба муътадил гардидани ҳаёти осоишта ва саодатмандонаи мардуми ҷомеаи рӯ ба тараққиниҳодаи Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Паёми навбатии Пешвои миллат аз 16 декабри соли 2025 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии наврасону ҷавононро вазифаи асосии се ниҳоди иҷтимоии кишвар таъкид намуда, макоми омӯзгорро дар ин ҷабҳа мехвари асосии таълиму тарбия медонад.

Ҷавонон имрӯз дар фазои оромиву субот ва таҳти роҳнамоии Пешвои миллат имконият доранд, ки омӯзанд, фаҳманд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дар ҷомеа дуруст истифода баранд. Бинобар ин, нақши Пешвои миллат дар ин самт муассир, рӯҳбахш ва дурбинона аст. Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мо мутахассисону омӯзгорон ва коршиносону олимонро водор мекунад, ки Паёми навбатии Президенти маҳбуби кишварро раҳнамо ва дастури саримитзии хеш қарор дода, баҳри амалисозии нишондодҳои пурмуҳтавои сарвари давлати тоҷикон саҳми арзанда гузорем.

Калидвожа: *Сарқонун, Пешвои миллат, маърифати ҳуқуқӣ, миллат, озодӣ, истиқлолият, давлат, шаҳрванд, қонун, Президент, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маориф, тарбия, таҳсилот.*

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В УКРЕПЛЕНИИ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ

В период независимости под руководством Лидера нации укрепление правового просвещения молодежи стало устойчивым направлением государственной политики. Эта разумная политика является важной основой для формирования правового сообщества и активных граждан. Можно с уверенностью сказать, что дальновидная политика любимого президента страны способствует нормализации мирной и благополучной жизни народа развивающегося общества Таджикистана.

В очередном послании лидера нации от 16 декабря 2025 года «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» подчеркивается, что повышение уровня правового образования подростков и молодежи является основной задачей трех социальных институтов страны, а роль учителя в этом аспекте рассматривается как основная ось обучения и воспитания.

Сегодня молодежь в атмосфере спокойствия и стабильности под руководством Лидера нации имеет возможность учиться, понимать и правильно использовать свои права и обязанности в обществе. Поэтому роль Лидера нации в этом направлении эффективна и вдохновляет. Мудрая политика лидера нации побуждает наших специалистов, педагогов и ученых принять очередное послание любимого президента страны в качестве руководства и внести ценный вклад в реализацию содержательных указаний главы государства Таджикистан.

Ключевые слова: *Конституция, Лидер нации, правовое познание, нация, свобода, независимость, государство, гражданин, закон, Президент, социальный, экономический, образование, воспитание, обучение.*

THE ROLE OF THE LEADER OF THE NATION IN STRENGTHENING THE LEGAL EDUCATION OF ADOLESCENTS AND YOUTH

During the period of independence, under the leadership of the Leader of the Nation, the strengthening of youth legal education has become a sustainable direction of state policy. This sensible policy is an important foundation for the formation of a legal community and active citizens. It is safe to say that the far-sighted policy of the beloved President of the country contributes to the normalization of the peaceful and prosperous life of the people of Tajikistan's developing society.

The next message of the leader of the nation dated December 16, 2025 «On the main directions of domestic and foreign policy of the Republic» emphasizes that improving the level of legal education of adolescents and youth is the main task of the three social institutions of the country, and the role of teachers in this aspect is considered as the main axis of education and upbringing.Today, young people in an atmosphere of calm and stability under the leadership of the Leader of the Nation have the opportunity to learn, understand and properly use their rights and responsibilities in society. Therefore, the role of the Leader of the nation in this direction is effective and inspiring. The wise policy of the leader of the nation encourages our specialists, educators, dissidents and scientists to accept the next message of the beloved President of the country as guidance and guidance and to make a valuable contribution to the implementation of the meaningful instructions of the Head of State of Tajikistan.

Keywords: *Constitution, leader of the nation, reasonable, legal education, nation, freedom, independence, state, citizen, law, president, social. economic, education, upbringing, training.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатшоев Изатулло*** *- ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А.Адҳамов 11/2. Тел.: +(992) 902224497, e-mail: izatullo45@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Давлатшоев Изатулло*** *- старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2. Тел.: +(992) 902224497, e-mail: izatullo45@mail.ru.*

About the author: ***Davlatshoev Izatullo*** *- a Senior Researcher at the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, A.Adhamov str., 11/2. Tel.: +(992) 902224497, e-mail: izatullo45@mail.ru.*

МАФҲУМ ВА СИФАТИ ФАРҲАНГИ ИРТИБОТИИ ОМӮЗГОР

Мирзоназарова Б. С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Фарҳанги иртиботии омӯзгор як унсури муҳим ва асосии фаъолияти педагогӣ мебошад, ки бо роҳандозии муносибатҳои дуруст ва муфид бо донишҷӯён, ҳамкасбон ва ҷомеа пайваст аст. Иртибот амчун воситаи асосии табодули фикр ва иттилоот дар амалияи омӯзгорӣ нақши муҳимро мебозад, зеро он на танҳо ба дарки мавзуъҳои таълимӣ кумак мекунад, балки муҳити мусоиди омодагӣ ва рушдро барои донишҷӯён фароҳам меорад. Фарҳанги иртиботии омӯзгор, асосан, ба қобилияти муаллим барои муҳокима ва пешбурди таълим равона карда мешавад. Ин маънӣ на танҳо ба зеҳн ва дониш, балки ба равандҳои равонӣ ва иҷтимоии таълим муфид аст. Фарҳанги иртиботӣ қобилияти баланд барои сохтани муносибатҳои сифатӣ бо донишҷӯён ва бо дигар ҳамкасбонро талаб менамояд.

Фарҳанги иртиботии омӯзгор на танҳо дар бахши техникии омодагии таълимӣ, балки дар воситаҳои муошират, забон ва забони ишоратӣ, ҳусни суханронӣ, ҳамчунин дар эҳтироми эҳсосоти ҳамдигар ва муҳити педагогӣ ҳам маънӣ пайдо мекунад.

Яке аз унсурҳои муҳимми фарҳанги иртиботии омӯзгор — ҳамоҳангӣ ва ҳамнавоии муносибатҳо мебошад. Муаллим бояд тавонад на танҳо ба фикру ақидаи донишҷӯён эътибор диҳад, балки тарзи муоширатро мувофиқи эҳтиёҷоти онҳо танзим кунад. Ҳамоҳангии муошират бояд табиӣ ва озодона бошад, ки ин ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки ба омӯзгор эътимод пайдо кунад ва масоили таълимиро бе ҳар гуна тарс ё хиҷолат муҳокима намояд. Иртибот на танҳо як раванд барои ифодагирии ақидаҳо аст, балки дарк кардани эҳсосоти дигарон ва ба фаҳмидани ниёзҳои онҳо низ аҳамияти калон дорад. Муаллим бояд қобилияти дарк кардани эҳсоси донишҷӯён ва татбиқи онҳо дар амалияи таълимӣ дошта бошад. Ин аз шинохти эҳсоси донишҷӯён ва баланд бардоштани сатҳи эҳтиром, ҳамдардӣ ва шаффофият вобаста аст [1, с. 75].

Забони имову ишораҳо дар рушди фарҳанги иртиботии омӯзгор нақши муҳимро мебозанд. Муаллим, ки ба забони имову ишораҳо эътибор медиҳад, метавонад муҳити мувофиқ ва оромро барои омӯзиш ва ҳамкорӣ бо донишҷӯён фароҳам орад. Вақте ки омӯзгор ба дониши худаш итминон дорад ва бо эҳтиром бо донишҷӯён муошират мекунад, онҳо метавонанд ба омӯзиш ва иштирок дар фаъолиятҳои синф ба таври корҳои назаррас рӯ ба рӯ шаванд. Қобилияти гузаронидани суҳбатҳои муфид ва муҳокимаҳои шаклсоз як ҷузъи муҳимми фарҳанги иртиботии омӯзгор аст. Гуфтугӯ на танҳо барои ба даст овардани иттилоот ё санҷидани дониш, балки барои таъсиси муҳити эҷодӣ ва мутобиқ бо дониши гузашта ва ҳозира мебошад. Муаллим метавонад шаклҳои гуногуни гуфтугӯро истифода барад, то ки барои донишҷӯ имконияти ташаккул додани андешаи танқидӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли мушкилотро фароҳам орад.

Омӯзгор ба эҳсос ва андешаҳои донишҷӯён эҳтиром мегузорад ва онҳо ҳис мекунанд, ки мавқеи онҳо ва ақидаҳои онҳо арзиш доранд ва ин метавонад муҳити таълимро ба воқеъияти ҳамоҳанг ва эҷодӣ табдил диҳад [3, с. 15].

Барои таҳкими эътимод ва равшанӣ дар муҳити таълимӣ, омӯзгор метавонад дар суханронӣ ва амалҳои худ шаффоф бошад. Вақте ки маълумот ва ҳадафҳо шафоф ва равшан ҳастанд, донишҷӯён ба равандҳо ва мақсадҳои таълимӣ боварӣ пайдо мекунанд Мухолифат ва мувофиқати донишҷӯёнро ба таври амиқ гӯш кардан ва нисбат ба онҳо эҳтиром гузоштан ин яке аз вазифаҳои муҳими омӯзгор аст. Ин эҳтироми дуҷониба ба муаллим ва донишҷӯ имконият медиҳад, ки ба баррасии масъалаҳои зиёде бо назардошти дарки мутақобил бипардозанд.

Дар давраи муосир, омӯзгорон бояд аз технологияи замонавӣ барои муколамаи муоссир истифода баранд. Воситаҳои навини педагогӣ, аз қабили интернет, барномаҳое барои ҳамоҳангсозӣ ва таҳияи муҳити маҷозӣ, метавонанд кумак намоянд, ки раванди таълим ба талаботи замони муосир мутобиқ шавад.

Фарҳанги иртиботӣ - маҷмуи меъёрҳои фарҳангӣ, донишҳои фарҳангӣ, арзишҳое мебошад, ки дар раванди иртибот, аз ҷумла дар муошират истифода мешаванд. Идоракунии муошират ин фарҳанги иртиботӣ мебошад. Муаллим бисёр вазифаҳои иртиботиро дар ин давра ҳал карда метавонад. Муаллим метавонад дар ҳолатҳои душвор ё ғайричашмдошт, ки аз муоширати пешакӣ сохташуда дур мешаванд, зуд қарор қабул кунад. Дар ин маврид, тағироти зарурӣ дохил карда мешаванд ё намуди муошират иваз карда мешавад. Муаллим таҳлили системаи муошират ва сохти системаи муоширатро барои фаъолияти дар нақшагузошта иҷро менамояд [11, с. 80].

Дар ин вақт муоширати педагогии муаллим бояд ҷиҳатҳои мусбат ва манфии муоширатро муайян кунад, то чӣ андоза аз ҷараёни ҳамкорӣ бо кӯдакон қаноатманд бошад, системаи муоширати дар пешистодаро бо коллектив бо назардошти ислоҳоти зарурӣ ба нақша гирад. Барои ташкили муоширати педагогӣ тасаввур кардан муҳим аст, ки мантиқ ва технологияи он чист:

- Тарҳрезии (моделсозии) муошират
- Таҳлили вазъи педагогӣ
- Муайян кардани ҳадафҳо
- Мушаххас кардани ҳадафҳо дар вазифаҳо
- Интихоби усул, воситаҳо, мундариҷа

- Пешгӯйии натиҷаҳо

Донистани технологияҳои педагогӣ тарҳрезии педагогиро такмил медиҳад. Такомули технологияҳои ташаккули фарҳанги иртиботии шахс яке аз самтҳои марказии навгонии назария ва амалияи педагогии ватанӣ мебошад. Тамаркузи гуманистӣ ва эҷодкорӣ муҳимтарин хусусиятҳои фарҳанги иҷтимоӣ ва фардӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, фарҳанги иртиботии муаллим ин зуҳуроти самти инсондустии эҷодиёти фардии ӯ дар ҳалли вазифаҳои фаъолияти педагогӣ мебошад. Дар баробари муносибати фарҳангӣ ба фаҳмидан ва таҳқиқи фарҳанги иртиботии омӯзгор, муносибати системавӣ низ самаранок аст. Ҳар як унсури дохилии фарҳанги иртиботии омӯзгор сохтори мураккаб дорад. Ҷузъҳои асосии фарҳанги педагогӣ:

- аксиологӣ (омӯзиши бошууронаи арзишҳои ҷомеа);

- шахсӣ - эҷодӣ (инъикоси ибтидои эҷодӣ ва эҷодии шахсияти муаллим);

- ҷузъи технологӣ (қобилияти омӯзгорро барои фаъолияти навгонӣ дар соҳаи технология, азхудкунии усулҳои нави таълим, инчунин озодона донистани технологияҳои иттилоотӣ) чӣ гуна муаллим фарҳангро ба кӯдакон меомӯзонад.

Тафовутҳо дар хусусиятҳои фарҳанги ибтидоии иртиботии кӯдакон:

1) дар шаҳр ё деҳот ба воя расида ва тарбия ёфтаанд, мактабҳои шаҳр ё деҳотро хатм кардаанд;

2) ба гурӯҳҳои гуногуни миллӣ-этникӣ тааллуқ доранд.

Фарқ дар ҳолати аввалини фарҳанги иртиботии ҷавонон, ки бо тамоилҳои ҷомеа дар маҷмуъ ва касби омӯзгорӣ алоқаманд аст, бояд аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Ба ҳама маълум аст, ки коллективҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистонро асосан, занон ташкил медиҳанд.

Муошират педагогӣ шакли махсуси муошират, ки хусусиятҳои худро дорад ва ҳамзамон ба қонуниятҳои умумии психологии хосси муошират ҳамчун шакли ҳамкорӣ бо одамони дигар, ки ҷузъҳои иртиботии интерактивӣ ва пешравиро дар бар мегирад, итоат мекунад. Ҳангоми муошират педагог маҷмуи восита ва усулеро, ки ҳадаф ва вазифаҳои тарбия ва омӯзишро таъмин карда, хусусияти ҳамкории омӯзгор ва хонандагонро равшан месозанд, муайян мекунад. Намудҳои асосии фаъолияти педагогӣ дар мавриди муошират сурат мегиранд. Қобилияти сухан гуфтан, қобилияти идора кардан аст.

Муошират ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти таълимӣ, ҳамчун системаи таъминоти иҷтимоӣ-психологии раванди таълим, ҳамчун роҳи ташкили муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён, ки дар он таълим ва тарбия якҷоя карда мешаванд, ҳамчун раванди тарбияи шахсият ва фардияти эҷодӣ, амал карда метавонад [12, с. 95].

Ҳамин тавр, муаллим ҳамчун ташаббускор ва роҳбари раванди муошират, ки моҳияти онро система, усул ва малакаҳои ҳамкории омӯзгору коллективи донишҷӯён ташкил медиҳанд, ин мундариҷаи мубодилаи иттилоот, таъсири таълимӣ ва тарбиявӣ, ташкили муносибатҳо ва тарҷумаи шахсияти омӯзгор ба донишҷӯён мебошад.

Дар марҳилаҳои раванди муошират омӯзгор бо гурӯҳ, раванди омодагӣ ба фаъолияти педагогӣ, сохтори иртиботии фаъолияти оянда, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ; вазъи умумии педагогӣ-психологӣ дар аудитория; шахсияти эҷодии омӯзгор; хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён; инчунин системаи усули таълим ва тарбия ба нақша гирифта мешавад.

Давраи аввали муошират ташкили муошират мустақим бо гурӯҳ. унсурҳои муҳимтарини ин марҳила инҳоянд: мушаххас кардани шакли ба нақша гирифташудаи муошират; муайян кардани шароит ва сохтори муошират дар пешистода; татбиқи марҳилаи ибтидоии муошират мустақим фаро мегирад.

Дар раванди идоракунии муошират ғайр аз талаботи дидактикӣ ва методӣ дар ҷараёни лексия, як қатор талаботи иҷтимоӣ-психологиро ба назар гирифтан зарур аст: ташаккули тамоси психологӣ бо гурӯҳ барои интиқоли иттилоот ва дарки шахсии он аз ҷониби донишҷӯён; ҷустуҷӯи дастаҷамъӣ дар муҳити эҷодӣ ва андешаҳои муштарак; идоракунии фаъолияти маърифатӣ; аз ҷиҳати педагогӣ дар байни омӯзгор ва донишҷӯён системаи мукаммали муносибатҳои мақсаднок гузошта мешаванд; таҳлили системаи амалишудаи муошират ва сохти муошират дар фаъолияти дар пешистода ба нақша гирифта мешаванд.

Меъёрҳои ташаккули фарҳанги педагогӣ инҳоянд:

- сатҳи эҷодӣ (омӯзгор ҳамчун эҷодкори фарҳанг);

- сатҳи эвристикӣ (фаъолияти омӯзгор бо ҷустуҷӯи доимии усул ва шаклҳои нави таълим алоқаманд аст, омӯзгор омода аст таҷрибаи худро ба ҳамкорон расонад);

- сатҳи репродуктивӣ (гирифтани маҳсулоти нави дониш);

- сатҳи мутобиқшавӣ (фаъолияти педагогӣ аз рӯйи схемаи пешакӣ коркардшуда сохта мешавад; зарурати огоҳонаи баланд бардоштани ихтисос вуҷуд надорад).

Дар системаи муошрати педагогӣ ду омил якҷоя карда мешаванд: муносибати мутақобилаи ҳамкории таълимгиранда ва омӯзгор. Талаботи асосӣ ба муносибатҳои «омӯзгор ва хонанда», метавонад чунин ифода карда шавад: ҳамкории тарафайн дар ташкили раванди таълим; ҳамкории коллективӣ, ҳамкории ҷомеа бо омӯзгор; самти системаи муошрати педагогӣ ба шахси калонсол бо худшиносии рушдёфта ва ба ин васила бартараф кардани таъсири ҳукмфармоии тарбиявӣ. Ин услуб зери таъсири ду омили фаъол ташаккул меёбад: шавқу рағбат ба илм, мавзуъ; талошҳо барои табдил додани соҳаи ҷустуҷӯи илмӣ ба маводи таъсири педагогӣ, ба истилоҳ ҳисси педагогӣ. Мактаб ба иқлими психологии дар муошрати ҳаррӯзаи педагогӣ татбиқшаванда талаботи баланд дорад. Ташаккули услуби шахсии муошират бо донишҷӯён ба рушди шахсияти эҷодии устодони таълими истеҳсолӣ, омӯзгорон алоқаманд аст [7, с. 76].

Услуби оптималии муошират муоширатест, ки ба шавқу ҳаваси омӯзгору донишҷӯён ба фаъолияти муштарак асос ёфтааст, ки таъсири мутақобилаи муносибатҳои иҷтимоию ахлоқии омӯзгор ва маҳорати муошрати педагогиро таҷассум мекунад.

Омӯзгор на танҳо малакаҳои муошрати шахсии худро инкишоф медиҳад, балки дар донишҷӯён фарҳанги муоширатро тарбия мекунад.

Маориф дар мамлакати мо яке аз самтҳои бонуфузи ҷамъиятӣ буда, бо асосхои бунёдии сохти ҷамъиятӣ ба таври органикӣ алокаманд аст. Маориф, заковат, солимии маънавии инсон, майлу эҷодкорӣ ва қобилияти пайгирӣ кардан дар шароити тағйирёбанда омилҳои муҳимтарини пешрафти кишвар мебошанд. Маданияти муошрати омӯзгор яке аз муҳимтарин ҷузъҳои фарҳанги педагогӣ мебошад. Зарурати ташаккули он аз он иборат аст, ки муаллим пайваста дар раванди муошират иштирок мекунад, ки ҳангоми муносибатҳои гуногун бо хонандагон, волидони онҳо ва ҳамкорон дар тамос мешаванд. Ин муносибатҳо дар протсесси фаъолияти якҷоя ба вуҷуд меоянд ва инкишоф меёбанд, ки муҳимтарин шарти амалӣ гардондани онҳо алоқа мебошад.

Ба самаранокии раванди ташаккули фарҳанги муошрати омӯзгор дониши иртиботии ӯ ва қобилияти амалӣ намудани принсипҳои таълим дар ҳамкории таълимӣ ва ғайритаълимӣ мусоидат мекунад.

Фарҳанги иртиботиро донистани муаллими оянда азхуд намудани принсипҳои фалсафӣ, равонӣ ва педагогӣ, дарки инсон ҳамчун арзиши олии ҷомеа, ташаккули шахсиятро таъмин менамояд;

Фарҳанги муошират инчунин дар шароите ташаккул меёбад, ки омӯзгор ҷанбаи технологии ҳамкории иртиботӣ бо дигар иштирокчиёни раванди таълимро аз худ намояд.

Фарҳанги иртиботӣ бештар салоҳияти муаллимро муайян мекунад, ки қодир ба таъмини муошрати самараноки педагогӣ дар ҷараёни ҳамкории субъективӣ ва ташаккули муносибатҳои мувофиқи шахс нигаронидашуда байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мебошад.

Мавқеи омӯзгор дар муошират, ки бо эътирофи шарики баробарҳуқуқ дар шароити ҳамкорӣ, таваҷҷуҳ ба манфиатҳои донишҷӯ ва дурнамои рушди ӯ тавсиф мешавад, нақши махсус дорад.

Муаллимони мактаб дар синф вазъияти педагогиро ба вуҷуд меоваранд, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки фикрашро баён кунад, чизеро ҳам ба омӯзгорон ва ҳам ба дигар иштирокчиёни фаъолияти муоширатӣ баён кунад ё исбот кунад.

Он гоҳ донишҷӯ бо ниёзҳо, шавқу рағбатҳо, муносибат ба мазмун ва шакли матн ё изҳороти худ дар маркази таваҷҷӯҳ қарор гирифта, субъекти сухан мегардад. Аммо барои ба вазъияти фаъоли нутқ ворид кардани талаба ва ба ӯ омӯзонидани идора кардани он, сатҳи фарҳанги муошрати омӯзгорро то ба дараҷае боло бурдан лозим аст, ки хонанда ҳамчун як фард дида шавад. Муаллим якчанд қоидаҳои ибтидоии муколамаи амалиро омӯзад:

- аз шумораи зиёди одамон дигареро интихоб кунед - ӯро эътироф кунед;

- дигаронро тавре, ки ҳастанд, қабул кунед;
- шумо метавонед дигаронро танҳо бо тарбияи худ тарбия кунед;
- муошрати омӯзгор ва донишҷӯ асоси раванди педагогӣ мебошад;
- муоширатро фақат тавассути муошират омӯзидан мумкин аст;
- гӯш кардан ҳам муошират аст;
- омӯзгор – ташкилотчии ҳамкории таълимии хонандагон;
- донишҷӯ ҳангоми таълим додани дигарон худаш меомӯзад.

Нишондиҳандаи фарҳанги муошрати омӯзгор, пеш аз ҳама, мавқеъи инсондӯстона (шавқу рағбат ба шахси дигар, ба омӯзиши худ), баъд восита ва усули муошират мебошад. Муаллимро лозим аст, ки тавассути муошрати оптималӣ ва қобилияти нигоҳ доштани интизом, табодули арзишҳои равонӣ бо донишҷӯён, забони муштарак бо кӯдакон, забони амр ва фармонбардоро дар хотир доштанаш муҳим аст [9, с. 65].

Муаллим бояд кадом малакаҳои муошрати педагогиро дошта бошад?

Якум, қодир будан ба ташаккули вазифаҳои иртиботӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити бехатарии равонӣ дар муошират ва татбиқи захираҳои дохилии шарики алоқа, инчунин мубодилаи мутақобилаи иттилоот, донишҳои мутақобила, ҳамкорӣ

Дуюм, қобилияти истифода бурдани усулҳое, ки ба ноил шудан ба сатҳи баланди муошират мусоидат мекунанд:

- мавқеи дигареро дар муошират дарк карда тавонистан, ба шахсияти ӯ таваҷҷуҳ нишон додан;
- воситаҳои муошрати ғайривербалӣ (имову ишора);
- нуқтаи назари донишҷӯро қабул карда тавонанд;
- нисбат ба шахси дигар фазои эътимод ва таҳаммулпазирӣ фароҳам оварда тавонистан;
- нақшҳои гуногунро ҳамчун воситаи пешгирии низоъҳо дар муошират аз худ карда тавонистан;
- тайёр бошад, ки ба талаба сари вақт миннатдорӣ баён кунад ва дар мавридхои зарурӣ аз ӯ узр пурсад;
- қодир будан ба муносибати баробар бо ҳамаи кӯдакон;
- ба баъзе ҷанбаҳои вазъияти таълимӣ бо ҳазлу шӯхӣ муносибат карда тавонистан, баъзе ҷанбаҳои манфиро пай набурда, ба табассум омода будан;
- ба талаба на бевосита, балки бавосита тавассути фароҳам овардани шароит барои ташаккули сифати дилхоҳ ба хонанда таъсир расонда тавонистан;
- тавонистан аз фикру мулоҳизаҳои донишҷӯён натарсад;
- дар муҳити суханронии оммавӣ, ки ба муҳити театрӣ монанд аст, амал карда тавонанд [13, с. 88].

Фарҳанги иртиботии омӯзгор як ҷузъи муҳими муваффақияти таълим аст, ки таъсири мустақим ба омодагӣ, муносибат ва иштироки донишҷӯён дар раванди таълим дорад. Муаллим, ки фарҳанги иртиботии хуб дорад, на танҳо ба забон ва ифодаи ақидаҳо, балки ба эҳсос ва муносибатҳои иҷтимоии донишҷӯён эътибор медиҳад. Ин метавонад муҳити эҷодии муҳимми таълимӣ ба вуҷуд орад, ки дар он донишҷӯён метавонанд ба беҳтарин роҳҳои таҳсил ва рушди шахсият бароянд.

АДАБИЁТ

1. Ю. Азаров. Искусство воспитывать. – М., 1978. - 165 с.
2. Амонашвили Ш.А. Размышления о гуманной педагогике. - М.: Издат. дом Шалвы Амонашвили, 1996. - 494 с.
3. Аульбекова Г.Д. Педагогическая техника учителя. - Алматы, 2005. – 165 с.
4. Гойхман О.Я, Надеина Т.М. Речевая коммуникация. - М. ИНФРА-М, 2001. – 255 с.
5. Кабанова-Миллер Е.Н. Учебная деятельность и развивающее обучение. -М.: Знание, 1981. - 96 с.
6. Каган М.С. Мир общения: Проблема межсубъектных отношений. - М.: Политиздат, 1988. - 315 с.
7. Колшанский Г.В. Коммуникативная функция и структура языка. Отв. ред. Т.В. Булыгина. - М.: Наука, 1984. - 175 с.

8. Кан-Калик В.А. Учителю о педагогическом общении: Книга для учителя. - М.: Просвещение, 1987. - 190 с.
9. Караковский В.Л. Учитель ключевая фигура нового века// Педагогическое образование и наука. - 2000. - № 1. - С. 60 - 63.
10. Королева И.А. Развитие коммуникативных навыков у школьников // Проблемы развития территории. – № 6. – Том 62. – 2012.
11. Основы педагогического мастерства / Под ред. И.Л.Зазюна. - М.: Просвещение, 1989. - 325 с.
12. Педагогический такт / Под ред. И. Зязюна //Народное образование. - 1990. - 98 с.
13. В. Писаренко, И. Писаренко. Педагогическая этика. - Минск,1986. - 314 с.
14. И. Чернокозов. Профессиональная этика учителя. - Киев, 1988. - 180 с.

МАФҲУМ ВА СИФАТИ ФАРҲАНГИ ИРТИБОТИИ ОМӮЗГОР

Фарҳанги иртиботии омӯзгор барои муҳити таълимӣ ва рушди донишҷӯён хеле муҳим аст. Маърифати дурусти омӯзгор дар ташкили муҳити ҳассос, эҷодӣ ва ҳамоҳанг як муҳити муоссири таълимро фароҳам меорад, ки донишҷӯён метавонанд бо эътимод ва муҳаббат ба омӯзиш ва рушд барои ояндаи худ аҳамият диҳанд. Ба ҳамин тартиб, омӯзгор дар ташаккули фарҳанги иртиботии хуб ва муоссир як нақши муҳим ва асосӣ мебозад. Фарҳанги иртиботии омӯзгор унсури муҳимми амалиёти педагогӣ аст, ки ба таъсиси муҳити муносиб ва муассир барои таълим ва омӯзиш кумак мекунад. Он на танҳо ба табодули иттилоот ва маълумот, балки ба таъсиси муносибатҳои дуруст, эҳтироми муштарак ва рушд кардани муҳити омӯзишӣ марбут аст. Барои омӯзгор, фарҳанги иртиботӣ як маҷмуи қобилиятҳо ва рафторҳои ахлоқӣ мебошад, ки барои амалӣ кардани ҳадафҳои таълимӣ ва эҷоди муҳити мусоиди таълим зарур аст. Вақте ки омӯзгор фарҳанги иртиботии хубе дорад, вай метавонад бо донишҷӯён, ҳамкасбон ва ҷомеа ҳамоҳанг ва муассир муошират кунад.

Калидвожаҳо: *фарҳанг, эҷодӣ, иртибот, саводнокӣ, муошират, рушд, салоҳият, раванд, қобилият, шавқу ҳавас, педагог, раванди таълим, донишҷӯ, ташаккули тафаккур.*

ЗНАЧЕНИЕ И КАЧЕСТВО КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ

Культура общения учителя очень важна для среды обучения и развития учащихся. Правильные знания учителя по созданию чуткой, творческой и гармоничной среды создают современную среду обучения, в которой учащиеся могут учиться и развиваться с уверенностью и любовью, придавать значение своему будущему. Таким образом, учитель играет важную и основополагающую роль в формировании хорошей и современной культуры общения. Культура общения учителя – самая практическая часть педагогики, которая помогает учить и учить. Он основан для обмена информацией, и информацией направлен на установление правильных отношений, взаимного уважения и развития связанного с этим обучения. Для учителя коммуникативная культура – это совокупность способностей и нравственных поведения, необходимых для реализации образовательных целей и создания благоприятной среды обучения. Когда у учителя хорошая культура общения, он может гармонично и эффективно общаться с учениками, коллегами и обществом.

Ключевые слова*: культура, творческий, грамотность, общение, развитие, движение, процесс, взаимоотношения, способности, интерес, учебный процесс, ученик, формирование мышления.*

THE IMPORTANCE AND QUALITY OF THE CULTURE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION

A teacher's communication culture is very important for the learning environment and the development of students. The right education of the teacher in creating a sensitive, creative and harmonious environment creates a modern learning environment where students can focus on learning and development for their future with confidence and love. In the same way, the teacher plays an important and fundamental role in the formation of a good and modern communication culture.

The communicative culture of the teacher is an important element of pedagogical activity, which helps to create a suitable and effective environment for teaching and learning. It is not only about sharing information and data, but also about establishing the right relationships, mutual respect and fostering a learning environment.

For a teacher, communicative culture is a set of abilities and moral behaviors that are necessary to realize educational goals and create a favorable learning environment. When a teacher has a good communication culture, he can communicate harmoniously and effectively with students, colleagues and society.

Key words: *teacher, culture, creative, literacy, communication, development, movement, process, relationships, abilities, interest, educational process, student, formation of thinking.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоназарова Бегиммо Султоншоевна*** *- ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +99293-511-93-16, email: bmirzonazarova@gmail.com.*

Сведения об авторе*: Мирзоназарова Бегиммо Султоншоевна - *ассистент кафедры педагогики и психологии начальных классов Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Телефон: +99293-511-93-16, электронная почта: bmirzonazarova@gmail.com.*

About the author*: Mirzonazarova Begimmo Sultonshoevna - *assistant of the department of pedagogy and psychology of primary classes of the Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. Phone: +99293-511-93-16, email: bmirzonazarova@gmail.com.*

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ ДАР НИЗОМИ МУСОИРИ ТАЪЛИМ

Сайдалиев А. Д.

Донишгоҳи даватии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар низоми мусоири таълим тарбияи маънавӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад. Маънавиёт ҳамчун арзиши умумиинсонӣ аз фарҳанг, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва зеҳни фард сарчашма мегирад ва тавассути низоми тарбия ташаккул меёбад. Мақсади асосии тарбияи маънавӣ ташаккул ва инкишофи шахсият аст, ки дорои ғояҳои устувори ахлоқӣ, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Тарбияи маънавӣ ба инсон қонун ва ахлоқро меомӯзонад ва ҳамчун воситаи таҳкими худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва масъулиятшиносӣ сурат мегирад.

Дар шароити муосири рушди босуръати илму техника ва ҷаҳонишавӣ, ҳифзи арзишҳои маънавӣ аҳамияти хосса пайдо намудаанд. Барои ташаккул ва инкишофи шахсияти солим ва фаъол такмили доимии механизмҳои тарбияи маънавӣ заруранд. Аз ин хотир, муҳим аст, ки дар раванди таълим бо омӯхтани як қатор донишҳои илмӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад.

Дар низоми таълим тарбияи маънавӣ ҷузъи ҷудонопазири тамоми раванди таълим мебошад. Омӯзгор на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки намунаи маънавиёт ва меъёри рафтори иҷтимоӣ барои донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Сатҳи маънавии омӯзгор, муҳити ахлоқии муассиса, муносибати гуманистии педагогӣ ба самаранокии тамоми низоми таълим таъсири бевосита дорад. Ҳамин тариқ, тарбияи маънавӣ дар низоми таълим ҳамун механизми муассири ташаккул ва инкишофи шахсият, таҳкими арзишҳои миллӣ ва рушди фарҳанги шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад.

Дар педагогика мафҳуми «тарбияи маънавӣ» ба таври гуногун тасниф карда шудааст, ки шаҳодати бисёрҷанба будани он аст. Гуногунии таърифи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» ба самти таҳқиқ ва низоми арзишҳо алоқаманд аст. Ба хотири таснифоти ҳамҷонибаи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» зарур аст, ки мафумҳои таркибии он дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Мафҳуми «тарбия» дар педагогика, психология, ҷомеашиноӣ ва фалсафа бо мазмуну мундариҷаи хосси худ аз тарафи мутафаккирон ва муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва барассӣ қарор дода шудааст. Я.А. Коменский тарбияро ҳамун омодасозии инсон ба зиндагӣ мешуморад, ки барои ташакуи ҷаонбинии ботинии ҳар як нафар зарур аст. Тарбият инсонро аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ инкишоф дода, ба ҳаёти минбаъда омода менамояд [4, с. 45]. К.Д. Ушинский чунин қайд намудааст, ки тарбия ин таъсири мақсаднок ва ҳамаҷонибаи ҷомеа ба инсон аст. Самаранокии тарбия аз маҷмуи таъсироти оила, муҳити иҷтимоӣ, фарҳанг, муассисаҳои таълимӣ вобаста аст [13, с. 82]. А.С. Макаренко тарбияро ҳамчун раванди ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ ва ахлоқии шахс муайян намудааст. Зарур аст, ки ҳар як инфирод бо ирода, масъулият ва меҳнат тарбия карда шавад [6, с. 32]. Равоншинос Л.С. Виготский таъкид менамояд, ки тарбия ин таъсиррасонӣ ба фаъолияти дохилӣ на ба фаъолияти берунаи шахс аст. Тарбия ва рушд ҷудонопазир буда, якдигарро пурра менамоянд [1, с. 254]. Муҳаққиқи тоҷик М.Осимӣ чунин мешуморад, ки тарбия асоси ташаккули дунявият ва худшиноии миллӣ ба ҳисоб меравад. Тарбия бояд ба арзишҳои миллӣ, фарҳанг, маърифат ва ахлоқи инсон такя намояд [8, с. 18].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки тарбия яке аз унсурҳои асосии ташаккул ва рушди иҷтимоии инсон ба ҳисоб меравад. Мафҳуми тарбия дар педагогика мазмуни васеъ дошта, ҷанбаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули инсонро фарогир

аст. Тарбия ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, ҳисси масъулиятшиносӣ, худшиносӣ ва қобилияти ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад.

Дар асоси нуқтаи назари мутафаккирон ва муҳаққиқон метавон қайд намуд, ки тарбия чунин як раванде ба ҳисоб меравад, ки инсонро ба зиндагии пурмазмун, бомасъул ва созанда омода менамояд. Маҳз тавассути тарбия инсон ба мақоми комили иҷтимоӣ мерасад. Тарбия ҳамчун заминаи ташккули маънавӣ ва иҷтимоии наслҳо дар рушди ҷомеаи муосир аҳамияти бузург дошта, яке аз унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ, фарҳанги миллӣ ва амнияти маънавии кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқи мазкур мафҳуми «тарбия» ҳамчун раванди таъсиррасонии мақсаднок, ки ба ташаккули шахсият, ташакккул ва инкишофи сифатҳои ҳамидаи инсон равона карда шудааст, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мафҳуми «маънавиёт» низ ба таври мухталиф аз ҷониби муҳаққиқон тасниф карда шудааст. Муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми «маънавиёт» мавҷуд аст. Дар қобусномаҳо мафҳуми «маънавиёт» бо мафҳуми «ахлоқ» монанд карда шудааст. Ахлоқ шакли муҳими шуури ҷамъиятӣ ва навъи муносибатҳои ҷамъиятӣ; яке аз воситаҳои асосии танзими амали инсон дар ҷомеа бо ёрии меъёрҳо мебошад [12, с. 840]. Маънавиёт ҳамун меъёри этикӣ, қоидаи рафтор дар ҷомеа ва табиат фаҳмида мешавад, ки инсон онҳоро истифода менамояд ва онҳо заминаи рушди ҷаҳони маънавии инсон ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқи рус В. П. Зинченко мафҳуми «маънавиёт»-ро ҳамчун ҷустуҷӯ, фаъолияти амалӣ ва таҷриба, ки тавассути онҳо субъект дар худ дигаргуниҳоро амалӣ менамояд, тасниф намудааст. Чунин тағйирот барои бадастории ҳақиқат ва бузургӣ, барои худамалинамоӣ ва худсозандагӣ зарур аст [3, с. 149].

Маънавиёт ин хусусияти вуҷудӣ (экзистенсиалӣ) ва созандаи ҳастии инсон аст. Муҳаққиқ В. Франкл масъалаи маънавиётро таҳқиқ намуда, хусусияти онро чунин муайян намудааст: «маънавиёт дар як қатор бо унсурҳои ҷисмонӣ ва равонӣ ба инсон хос аст, маҳз маънавиёт инсонро аз дигар махлуқот ҷудо менаояд» [15, с. 64].

Муҳаққиқ П. В. Симонов қайд менамояд, ки маънавиёти инсон дар саъйу кӯшиш ба зебогӣ ва зоҳирнамоии зебогӣ дар афкор, ҳиссиёт ва рафтор ифода мгардад. Аз ин хотир зарур аст, ки маънавиёт ҳамун ҷавҳари олитарини фарҳанги инсонӣ баррасӣ карда шавад [11, с. 268]. Маҳз дар маънавиёт ҷавҳари асосии худинкишофнамоии фарҳангии инсон гузошта шуда, дар он шаъну шарафи ботинии шахияти инсон зоҳир мегардад.

Маънавиёт канорагирии инсон аз хоҳиш ва манфиатҳои моддиву нафсонӣ, саъйу кӯшиш ба камолоти ботинӣ ва руҳӣ аст. Танҳо бо қувваи руҳ ва маънавиёти баланди худ, инсон метавонад ба тамоми таъсиргузориҳои беруна, ки ба ташаккул ва рушди қобилияти эҷодӣ ва созандагии ӯ монеа мегарданд, мухолифат намояд. Инчунин, маънавиёт ҳамчун хусусияти руҳ фаҳмида мешавад, ки дар бартарии ҷанбаҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва зеҳнӣ аз унурҳои моддӣ ифода мегардад

Метавон қайд намуд, ки маънавиёт ин ҳолати худшиносии инсон аст, ки дар афкор, нутқ ва амалҳо таҷассум мегардад. Маънавиёт на танҳо умқи ботинӣ, балки нишондиҳандаи сатҳи баланди камолоти руҳӣ ва арзишҳои олии инсон аст, ки қуллаи инишофи шахсиятро муайян мекунад. Маънавиёт сатҳи азхудкунии навъҳои мухталифи фарҳанги маънавӣ, аз қабили фалсафа, санъат, дин ва ғайраҳоро муайян менамояд, дар муроҷиатнамоии инсон бо арзишҳои олӣ, ба ғоя ва саъйу кӯшиш ба камолот таҷассум мегардад.

Маънавиёт ин сохтори ахлоқии инсон, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани арзишҳои олии иҷтимоӣ дар рафтори худ, ҳаёти ҷамъиятӣ, пайравӣ ба ғояҳои ҳақиқат, некӣ ва бадӣ мебошад [10, с. 344]. Муҳаққиқ Г. Осипов хусусиятҳои маънавиётро чунин арзёбӣ намудааст: «Маънавиёт, пеш аз ҳама, оғози ахлоқӣ ва адолатноки ҳаёти ҷамъиятӣ, озодии афкор, меъёрҳои ахлоқии рафтори инсон дар ҷомеаро ифода менамояд. Маънавиёт ин таҳаммулпазирӣ, эҳтироми нуқтаи назари мухталиф, таълимоти динӣ, ифтихор аз Ватани худ ва миллату халқи худ, ҳимояи манфиатҳои кишвари худ мебошад» [7, с. 4]. Маънавиёт ба мерос гирифта намешавад, он дар раванди интихоби мавқеи ҳаётӣ, муносибат ба ҷаҳон ва муҳити атроф ташаккул меёбад. «Маънавиёт ин воситаи бунёди шахсият аст, ки онро бо интихоби образ, озодӣ ва нақши худ ва умуман бо вохурӣ бо худ алоқаманд менамояд» [2, с. 21].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки маънавиёт яке аз категорияҳои муҳим ва калидии ҳастии инсон, моҳияти ботинии ҳаёт, арзишҳо ва ҷаҳонбинии шахсро таҷассум менамояд. Он ҷанбаҳои ахлоқӣ, зебоӣ ва зебошиносӣ, фарҳангӣ, эътиқодӣ, зеҳнӣ ва эҳсосотии фаъолияти инсонро таҷассум менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироту дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ нақши маънавиёт муҳим гардидааст, зеро он ҳамчун омили асосии ҳифзи иқтидори фарҳанги миллӣ, муттаҳидгардии ҷомеа, таҳкими худшиносӣ ва таъмини амнияти маънавии ҷомеа баромад менамояд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлии мафҳумҳои «тарбия» ва «маънавиёт» метавон мафҳуми «тарбияи маънавӣ»-ро муаян намуд. Тарбияи маънавӣ фаъолият дар самти ташаккули ҷаҳони маънавии инсон аст, ки ҳамоҳангии инсонро бо ҷаҳони дохилӣ, табиат ва ҷомеа таъмин намуда, ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ ва мавқеи худ дар он, муайяннамоии нишондиҳандаҳои хубӣ ва бадӣ, баҳогузории одамон ва ҳодисаву падидаҳо, ташаккули ангезаҳои рафтор мувофиқ ба принсипҳои умумиинсонии маънавиётро амалӣ менамояд.

Гуногунии мазмуну мундариҷаи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» боиси норавшанӣ ва гуногунии таснифоти илмӣ-назариявии он гардидааст. Умуман, масъалаи таснифот ва муайянкунии мазмуну мундариҷаи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» дар асоси хусусияти байнифаннӣ тафовут дошта, диққати мутахассиони соҳаҳои гуногуни илм, ба монанди фалсафа, забоншиносӣ, педагогика, психологияро ба худ ҷалб намудааст.

Ҷанбаҳои асосии тарбияи маънавӣ аз тарафи Н. И. Пирогов коркард шуданд. Раванди рушд ва мустаҳкамгардии асосҳои маънавӣ ва ахолқии шахсият танҳо бо истифодаи методҳо ва воситаҳои маънавӣ таъмин карда мешавад [9, с. 45]. Коркардҳои консептуалии К.Д. Ушинский низ диққатҷалбкунанда мебошанд. Дар таҳқиқоти илмӣ-назариявии К.Д. Ушинский шарҳу эзоҳ ва асоснокнамоии механизмҳои ташаккули маънавӣ-этикӣ инфирод омода шудаанд. Мувофиқи афкори муҳаққиқ шароити ҳатмии ташкиливу педагогии ташаккули маънавиёти шахсият азхудунии иттилооти асосӣ оид ба бадӣ ва некӣ, коркарди малакаву маҳорати ҷудонамоии дақиқи онҳо, ташаккули ангезаҳо ба гузориш ва бадастории мақсадҳои сазовор ба ҳисоб меравад [14, с. 258].

Педагог ва психологи машҳури рус П. Ф. Каптеров ба педагогика мафҳуми «устувории маънавӣ»-ро ворид намудааст, ки ҳамчун ташакули иқтидори сатҳи баланди маънавӣ тасниф намудааст. «Зери мафҳуми «устувории маънавӣ» рушди нерӯи бузурги рӯҳӣ ва матонат дар шароити номусоид, қобилияти рад намудани хушиҳои муайян ба хотири бадастории мақасадҳои гузошташуда, фаҳмида мешавад» [5, с. 130].

Тарбияи маънавӣ раванди муттаҳидкунандаи мақсадҳо, принсипҳо, мазмуну мурдариҷа, шакл ва методҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади тарбияи маънавӣ шиносномоии насли наврас ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ тавассути бунёди шароити азхудкунии мазмуну мундариҷаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ташакули омодагии тарбиятгирандагон дар амалӣ намудани онҳо шуморида мешавад. Дар раванди тарбияи маънавӣ қабул ва азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ ба миён меояд, ки аз налҳои гузашта интиқол дода мешавад. Аз ин хотир, тарбияи маънавӣ ҳамун раванди иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад. Инчунин, тарбияи маънавиро метавон ҳамун фаъолияти муташаккили тарбиятдиҳандагон баррасӣ намуд, ки ба ташакули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон равона карда шудааст.

Тарбияи маънавӣ ҳамчун падида дорои тамоми аломатҳои низом мебошад. Низом маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва мувофиқ мебошад, ки як воҳиди ягонаи сохторӣ ва функсионалиро ба вуҷуд меорад. Унсурҳои сохтории тарбияи маънавӣ ҳамчун низом мақсад ва вазифаҳо, мазмуну мундариҷа, ҳамкории иштирокчиёни раванди тарбиявӣ, восита, шакл, метод ва технологияҳои тарбия ба ҳисоб меравад.

Амалнамоии низоми тарбияи маънавӣ ба мақсади муайян тобеъ буда, бо рушди сифатҳои маънавӣ-ахлоқии инсон, бо идоракунии раванди тарбиявӣ, мавҷудияти метод ва воситаҳои тарбия алоқаманд аст.

Натиҷабахшии тарбияи маънавӣ, аз бисёр ҷанба, аз ҳалли бомуваффақи вазифаҳо вобата аст, ки бо қабули бошуури арзишҳои зарурии маънавӣ-ахлоқӣ алоқаманд мебошанд. Азхудкунии бошуури арзишҳои маънавӣ-ахлоқии шахсият аз ташакули тасаввуроти назариявии арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ; интиқоли арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бо сохтори арзишҳои муҳимми

шахсият; омодагии ботинии риоя ва пайгирӣ намудани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ; фаъолияти амалӣ дар асоси арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ; худислоҳнамоии рафтор мувофиқ ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ иборат аст.

Мазмуну мундарича ва шаклҳои ташкилии тарбияи маънавӣ бо назардошти муносибатҳое коркард мегардад, ки талаботи онҳо ба рушди шахсияти фаъол, боахлоқ ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим равона карда шудаанд. Тарбияи маънавӣ бояд бо назардошти муносибати низомӣ-фаъолиятӣ ба роҳ монда шавад, ки мувофиқи он мавҷудият, рушд ва тарбияи инсон танҳо дар фаъолияти мундариҷавӣ (дониш, қоида ва мъёрҳои рафтор) ва ташкиливу равандӣ (малакаву маҳорат ва қобилият) амалӣ мегардад.

Мувофиқи муносибати гуманистӣ инсон ҳамун субъекти маънавӣ-ахлоқии фарҳанг, ҳамчун арзиши фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад. Дар доираи ин муносибат тарбияи маънавӣ дар муносибати субъект-субъект, дар муносибати мураббӣ ба хонандагон ҳамун ба субъектҳои масъулиятноки рушди худ асос ёфтааст, ки ба рушди иқтидори маънавӣ-ахлоқии инсон равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва баррасии мафҳум тарбияи маънавӣ нишон медиҳад, ки он яке аз самтҳои асосӣ ва стратегӣ дар рушди шахсият ва такмили ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тарбияи маънавӣ на танҳо омӯзиши меъёрҳои ахлоқӣ, балки раванди мураккаби ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ, фарҳанги рафтор, арзишҳои инсондӯстӣ ва худшиносиву худогоҳии доншҷӯён ба ҳисоб меравад.

Тарбияи маънавӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми таълим на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи маърифати донишҷӯён, балки ба ташаккули обод, масъулият, эҳтироми арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва умумибашарӣ мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Выготский Л.С. Психология развития человека / Л.С.Выготский. –М.: Смысл, 2005. -1136 с.
2. Достоевский, Ф. М. Дневник писателя за 1876 г. Ноябрь-декабрь / Ф. М. Достоевский // Полн. собр. соч. - Л.: Наука, 1982. - 430 с.
3. Зинченеко В. П. Большой психологический словарь / сост. и общ. ред. Б. Г. Мещеряков, В. П. Зинченко. - СПб.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2003. - 672 с.
4. Коменский Я.А. Великая дидактика / Я.А. Коменский. – М.: Педагогика, 1982. - 656 с.
5. Кулешова Л.Н., Агапов В.С. Динамика представлений о нравственном развитии личности в отечественной психологии воспитания / Л.Н. Кулешова // Человеческий капитал. - 2023. - № 2(170). - С. 130-131;
6. Макаренко А.С. Книга для родителей / А.С. Макаренко. – М.: Педагогика, 1987. - 355 с.
7. Осипов Г. В. Россия: новый курс / Г. В. Осипов // Завтра. - 1996. - № 1. – С. 3-11.
8. Осимӣ М. Фалсафаи тарбия. – Душанбе, 1995. – 230 с.
9. Пирогов Н. И. Избранные педагогические сочинения. 1-е изд. – М.: Издательство Юрайт, 2020. - 387 с.
10. Слободчиков В. И. Основы психологической антропологии / В. И. Слободчиков. - М.: Школа-пресс, 1995. - 384 с.
11. Симонов П. В. Происхождение духовности / П. В. Симонов - М.: Наука, 1989. - 352 с.
12. Советский энциклопедический словарь / под ред. А. М. Прохорова, М. С. Гилярова. - М.: Сов. энциклопедия, 1981. - 1600с.
13. Ушинский К.Д. Человек как предмет воспитания / К. Д. Ушинский. – М., 1950. – 776 с.
14. Ушинский, К. Д. Педагогика. Избранные работы / К. Д. Ушинский. - 1-е изд. – М.: Издательство Юрайт, 2019. - 258 с.
15. Франкл В. Человек в поисках смысла / В. Франкл. - М.: Прогресс, 1990. - 368 с.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таснифоти мафҳуми «тарбияи маънавӣ» дар афкори муосири педагогӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар низоми мусоири таълим тарбияи маънавӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосири рушди босуръати илму техника ва ҷаҳонишавӣ, ҳифзи арзишҳои маънавӣ аҳамияти хосса пайдо намудааст. Дар педагогика мафҳуми «тарбияи маънавӣ» ба таври гуногун тасниф

карда шудааст, ки шаҳодати бисёрҷанба будани он аст. Мухталифияти таснифоти мафҳуми «тарбияи маънавӣ» бо самти таҳқиқ ва низоми арзишҳо алоқаманд аст.

Мафҳуми «тарбия» дар педагогика, психология, ҷомеашиноӣ ва фалсафа бо мазмуну мундариҷаи хоси худ аз тарафи мутафаккирон ва муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва барассӣ қарор дода шудааст. Тарбия яке аз унсурҳои асосии ташаккул ва рушди иҷтимоии инсон ба ҳисоб меравад. Мафҳуми тарбия дар педагогика мазмуни васеъ дошта, ҷанбаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули инсонро фарогир аст.

Маънавиёт яке аз категорияҳои муҳим ва калидии ҳастии инсон, моҳияти ботинии ҳаёт, арзишҳо ва ҷаҳонбинии шахсро таҷассум менамояд. Он ҷанбаҳои ахлоқӣ, зебоӣ ва зебошиносӣ, фарҳангӣ, эътиқодӣ, зеҳнӣ ва эҳсосотии фаъолияти инсонро таҷассум менамояд.

Гуногунҷанбагӣ ва мухталифияти мазмуну мундариҷаи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» боиси нодақиқӣ ва гуногунии таснифоти илмӣ-назариявии он гардидааст. Масъалаи таснифот ва муайянкунии мазмуну мундариҷаи мафҳуми «тарбияи маънавӣ» дар асоси хусусияти байнифаннӣ тафовут дошта, диққати мутахассиони соҳаҳои гуногуни илмӣ, ба монанди фалсафа, забоншиноӣ, педагогика, психологияро ба худ ҷалб намудааст.

Тарбияи маънавӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми таълим на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи маърифати донишҷӯён, балки ба ташаккули обод, масъулият, эҳтироми арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва умумибашарӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: *таълим, тарбия, маънавиёт, тарбияи маънавӣ, анъанаҳо, арзишҳо, низоми таълим, ҷаҳонбинӣ, педагогика, психология, арзишҳои маънавӣ, фарҳанги рафтор, арзишҳои инсондӯстӣ, меъёрҳои ахлоқӣ.*

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье исследуется и рассматривается вопрос определения понятия «духовное воспитание» в современной педагогической мысли. Автор отмечает, что в современной системе образования духовное воспитание является одним из важных направлений педагогической деятельности.

В современных условиях стремительного развития науки и технологий и глобализации сохранение духовных ценностей приобрело особое значение. В педагогике понятие «духовное воспитание» определяется различными способами, что свидетельствует о его многогранности. Разнообразие определения понятия «духовное воспитание» связано с направлением исследований и системой ценностей.

Понятие «воспитание» в педагогике, психологии, социологии и философии изучалось и обсуждалось мыслителями и исследователями благодаря своему конкретному содержанию. Воспитание является одним из основных элементов формирования и социального развития личности. Понятие «воспитание» в педагогике имеет широкое значение, охватывая духовные, нравственные, интеллектуальные, физические, социальные и культурные аспекты развития человека.

Духовность воплощает одну из важных и ключевых категорий человеческого бытия, внутреннюю сущность жизни, ценности и мировоззрение человека. Она воплощает нравственные, эстетические, культурные, религиозные, интеллектуальные и эмоциональные аспекты человеческой деятельности.

Многообразие и разнородность содержания понятия «духовное воспитание» привели к неточности и многообразию его научно-теоретической определении. Проблема определения содержания понятия «духовное воспитание» носит междисциплинарный характер и привлекает внимание специалистов различных научных областей, таких как философия, лингвистика, педагогика и психология.

Духовное воспитание, являясь неотъемлемой частью системы образования, способствует не только повышению уровня образованности обучающихся, но и формированию у них чувства благополучия, ответственности и уважения к национальным, культурным и общечеловеческим ценностям.

Ключевые слова: *образование, воспитание, духовность, духовное воспитание, традиции, ценности, образовательная система, мировоззрение, педагогика, психология, духовные ценности, культура поведения, гуманистические ценности, нравственные нормы.*

THE CONCEPT AND ESSENCE OF SPIRITUAL EDUCATION IN THE MODERN EDUCATION SYSTEM

This article explores and discusses the definition of the concept of «spiritual education» in modern pedagogical thought. The author notes that in the modern education system, spiritual education is one of the most important areas of pedagogical activity.

In today's context of the rapid development of science, technology, and globalization, the preservation of spiritual values has acquired particular significance. In pedagogy, the concept of «spiritual education» is defined

in various ways, demonstrating its multifaceted nature. The diversity of definitions of «spiritual education» is related to the direction of research and the value system.

The concept of «education» in pedagogy, psychology, sociology, and philosophy has been studied and discussed by thinkers and researchers due to its specific content. Education is one of the fundamental elements of the formation and social development of the individual. The concept of «education» in pedagogy has a broad meaning, encompassing the spiritual, moral, intellectual, physical, social, and cultural aspects of human development. Spirituality embodies one of the most important and key categories of human existence, the inner essence of life, values, and worldview. It embodies the moral, aesthetic, cultural, religious, intellectual, and emotional aspects of human activity.

The diversity and heterogeneity of the concept of «spiritual education» have led to the imprecision and diversity of its scientific and theoretical definitions. The problem of defining the concept of «spiritual education» is interdisciplinary in nature and attracts the attention of specialists in various scientific fields, such as philosophy, linguistics, pedagogy, and psychology.

Spiritual education, as an integral part of the education system, contributes not only to the improvement of students' level of education but also to the development of a sense of well-being, responsibility, and respect for national, cultural, and universal values.

Key words: *education, upbringing, spirituality, spiritual education, traditions, values, educational system, worldview, pedagogy, psychology, spiritual values, culture of behavior, humanistic values, moral standards.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайдалиев Алишер Джураевич*** *- унвонҷӯи кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: 918550556, 935100556.*

Сведения об авторе: ***Сайдалиев Алишер Джураевич*** *- соискатель кафедры физического воспитания и военной подготовки факультета педагогики и спорта Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Тел.: 918550556, 935100556.*

About the author: ***Saydaliev Alisher Juraevich*** *- researcher at the Department of Physical Education and Military Defense Preparation, Faculty of Pedagogy and Sports, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: 918550556, 935100556.*

АНДЕШАҲО ОИД БА ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Боев Ш. Р., Маҷидов У. М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тарбияи эстетикии насли наврас дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами замон ба шумор рафта, ба пешравии соҳаҳои гуногуни илму техника ва технологияҳои иттилоотию иноватсионӣ вобастагии калон дорад. Махсусан, риояи сару либос, қоидаҳои муошират, рафтору гуфтор ва истифодаи телефонҳои мобилӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, оила ва муассисаҳои таълимӣ аз насли наврас муносибати махсуси фарҳангӣ, этикӣ ва эстетикиро тақозо менамояд. Барои бо донишҳои эстетикӣ мусаллаҳ гардидани насли наврас пеш аз ҳама, бояд ба арзишҳои миллӣ рӯ овард, онҳоро ҳифз ва эҳтиром намуд. Зеро арзишҳои миллӣ ифодаи орзую ормонҳо ва ифтихори ҳар як халқу миллат ба шумор меравад. Ба ақидаи С. Нуралихонзода зебопарастӣ ҳанӯз аз давраи асри санг дар сифатҳои шахсии инсон ташаккул ёфта будааст. Муаллиф қайд менамояд, ки зебопарастӣ дар олоти менати онҳо ки аз санг сохта мешуданд таҷассум меёфтааст: «Илова бар ин, олатҳои сангӣ бо мурури замон тавре такмил дода мешуданд, ки олатҳои дар марҳилаҳои ниҳоии давраи сангӣ истеҳсолгардида на танҳо ба талаботи гуногуни истеҳсолӣ, балки ба услубҳои муайяни зебопарастии истеҳсолкунандагон низ ҷавобгӯ буданд» [5, с. 75]. Чуноне ки қайд гардидааст, ақидаи тарбияи эстетикӣ нав набуда, дар замонҳои қадим, баробари ташаккули ҷомеаҳои соҳибтамаддуни инсонӣ пайдо шуда буд. Моҳият, вазифа, мақсад, қойида ва принсипҳои тарбияи эстетикӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо инкишоф ёфта омада истодаанд. Муаллима С.А. Файзалиева дар ташаккули ҳисси зебоипарастии миллиамон санъати тасвирӣ ва рақсро муассир мешуморад. Ба ақидаи муаллима: «Дар нигораҳои рӯйидеворӣ ва сарчашмаҳои таърихию бадеӣ, тавсирӣ минётур) рақс ба сифати офаридаю нодиракории зебоипарастии инсон, яке аз пояи андешаи тасвиргарии ӯ тавассути ҳаракати мавзуни падидоянда ба риштаи тасвир шудаанд» [11, с. 79]. Ин дигаргуншавиҳо ба инкишофи эстетика ҳамчун соҳаи мустақили махсуси илм ва дарки моҳияти он ҳамчун фанни таълимӣ оварда

расонид. Дар замони муосир бошад масъалаи тарбияи эстетикӣ, ташаккули шуур ва маданияти эстетикӣ, ҳамчун ҷузъи асосии ташаккули шахсият ба яке аз вазифахои муҳимми тарбияи ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Масъалаи тарбияи эстетикии шахсияти хонандаи хурдсол дар назди мактаби муосир вазифаҳои наверо мегузорад. Муҳаққиқон З. Усмонов ва Д. Н. Латифзода дар тарбияи зебоипарастии насли наврас тамоми субъектҳои таълиму тарбия ва институтҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро масъул медонад. Онҳо қайд менамоянд, ки: «Омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи корҳои тарбиявӣ нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила ва муштараки ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебопарастии ҷавонон, ҳамоҳангсозии бамавриди онҳо, тақсимоти асоснок ва дурусти вазифаҳо, таҳияи нақшаи ягона барои шаҳр ва ё ноҳия боис мегардад, ки бисёр масъалаҳо ва мушкилоти корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар ин ё он минтақа дар заминаи дурусти илмиву методӣ ташкил шуда, роҳи ҳалли худро ёбанд» [10, с. 51]. Инкишофи сифатҳои маънавии шахсият, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ сурат мегирад, яке аз масъалаҳои мубрами таълиму тарбия ба шумор рафта, таввасути ҳамгироии тарбияи мехнатӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ ба таври комплексӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҷой пеш аз ҳама категорияи тарбияро бояд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем. Чун дигар категорияҳои педагогӣ тарбия низ духура шарҳу тавсиф ёфта, ба маънои васеаш раванди интиқоли таҷрибаи дар тули таърих ҷамъшуда насли калонсол ба насли наврас мебошад. Ба маънои маҳдудаш бошад он таъсири мақсадноки институтҳои махсуси иҷтимоӣ ба шахс бо мақсади ташаккули дониш, ақида, эътиқод, арзишҳои ахлоқӣ дар он сурат мегирад.

Ба ақидаи устод Нурзода А. «Тарбия раванди бошуурона ва мақсадноки ба воя расондани бачагон аз тарафи падару модар, муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ҷомеа мебошад, ки дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну солӣ, психологӣ ва фардии бачагон ба амал бароварда мешавад» [6, с. 25]. Яке аз намудҳои тарбия ин тарбияи эстетикӣ-зебопарастӣ мебошад. Тарбияи эстетикӣ як раванди мақсадноке мебошад, ки ба ташаккули шахсияти фаъол, эҷодкор ва қодир ба идрок ва эҳсос намудан, арҷгузорӣ кардан ва дар ниҳоят санъаткорона эҷод карда тавонистани зебоӣ дар фаъолияти ҳаётии ҳамарӯзааш мебошад. Дар натиҷаи тарбияи эстетикӣ соҳаҳои зеҳнӣ ва эмотсионалии шахс ташаккул ёфта, минбаъд рафтор ва ҳамкории кӯдакро бо ҷомеа ва олами атроф танзим мекунад. Аксари муҳаққиқон тарбияи эстетикиро ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи ташаккули фарҳангу маданияти эстетикии шахсият, ҳамчун як ҷузъи таркибии маданияти маънавӣ тавсиф менамоянд. Барои ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, таълиму тарбияи эстетикӣ аҳаммияти калон дорад, зеро ки дар ин синну сол инкишофи ҷузъиёти эҳсосӣ ва идрокӣ ба амал омада ба инкишофи муносибатҳо бо олами атроф ва муошират бо ҷомеаи одамон мусоидат мекунад. Тарбияи эстетикии хонандагони хурдсол дар таҳти таъсири омилхои гуногун сурат мегиранд, ки на ҳамаи онҳо мусбӣ арзёбӣ мегардад. Ин таъсирро олимони ватанию хориҷӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мавриди тахқиқ қарор додаанд. Назарияи тарбияи эстетикии муосир аз тарафи А. С. Макаренко, Б.Т. Лихачёв, В. А. Сухомлинский ва В. Н. Шатский ва бисёр дигар муҳаққиқон асосгузорӣ карда шудааст. Заминаҳои психологии тарбияи эстетикиро дар кӯдакон Л. И. Божович, Н.Н. Волков, Н. Лазарев ва дигарон мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор додаанд. Масъалаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти эстетикиро таввасути фаъолиятҳои махсус тарҳрезӣ шудаи таълими тарбиявӣ А. Нурзода, Б. Маҷидова, Г. З. Апресян, З. П. Морозова, П. М. Якобсон ва дигар олимон мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Доираи проблемаҳои тарбияи эстетикӣ хеле васеъ буда, имрӯз боз ҳам аҳаммиятноктар шуда истодааст. Мафҳуми тарбияи эстетикӣ бо мафҳуми эстетика, ки ҳамчун соҳаи илмии зебоишиносӣ ва ё зебоипарастӣ таъриф мегардад, зиҷ алоқаманд аст. Калимаи «эстетика» ба забони юнонии қадим реша давонида маъноияш ҳиссиёт, эҳсосот буда, тарбияи эстетикӣ раванди ташаккули эҳсоси мусбатро ба зебоиҳои табиат ва ҷамъият ифода мекунад. Мо мушоҳида менамоем, ки дар марҳилаи муосир ба мушкилии тарбияи эстетикии насли наврас ҳамчун воситаи муассири ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, дорои маънавиёти бой диққати зиёдтар додан лозим шудааст. Омӯзонидани дидан ва дарк намудани зебоиҳои муҳити иҳотанамудаи худ, офаридани зебоиҳои нав дар ҷаҳони атроф ба шарофати тарбияи эстетикӣ ба даст меояд. Тарбияи эстетикӣ ҳамон таҳкурсии маънавиест, ки ба муносибатҳои мутақобилаи зуҳуроти мухталифи ботинии инсонро бо рафтори маънавиаш дар ҷамъият оварда мерасонад. Тарбияи эстетикии хонандагони хурдсол бошад

ҷараёни бомаром, бефосила ва муттасилест, ки дар шахсияти кӯдакон муносибатҳои эстетикиро нисбат ба воқеияти иҳотанамудаашон ташаккул медиҳад. Ин муносибатҳо баробари ташаккул ва пайдоиши ҷомеаи муташаккили инсонӣ ба вуҷуд омада, баробари он рушд карда ба қисми таркибии фаъолияти моддию маънавии инсоният табдил ёфтааст. Тарбияи эстетикӣ мафҳумест, ки маънои фаррох дошта, тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҳар як инсонро фарогир буда, ба ташаккул додани қобилияти дарккунии зебоии арзанда ва дуруст фаҳмидани моҳияти он дар табиат, ҷамъият ва санъат, ҳаёт ва инкишофи сифатҳои эстетикӣ-эҷодӣ оварда мерасонад. Ба инкишофи сифатҳои шахсияти кӯдакон натанҳо табиат ва соҳаҳои санъат, инчунин дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ: меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити табиии атроф, маишат ва рафтори одамон низ таъсир мерасонад. Дар ин бобат нақши волидайнро нодида набояд гирифт. Волидайн дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ қарор гирифта ба фаъолияти пурсамару масъулиятнок, хеле душвор ва заҳматталаби тарбияи эстетикӣ шарик мешавад. Тарбияи эстетикӣ муносибатҳои ҷамъятиро ба инкишофи шахсият ифода намуда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти насли наврас таъсири мусбӣ расонида, дар фаъолияти ҳаррӯза, ҳаёти маънавӣ, робита бо санъат ва табиат, муносибатҳои байнишахсӣ пайваста бояд зоҳир гардад. Б. М. Неменский аҳаммияти тарбияи эстетикӣ ва таъсири самарабахши низоми тарбияи эстетикиро ба шахсияти кӯдак чунин муайян кардааст: «Системаи тарбияи эстетикӣ бояд ягона бошад, ҳамаи фанҳо, тамоми чорабиниҳои синфию беруназсинфӣ, тамоми ҳаёти иҷтимоии хонандаро дар бар гирад, ки дар ташаккули маданияти эстетикӣ ва шахсияти талаба вазифаи равшани худро дорад» [4, с. 136]. Мафҳуми «тарбияи эстетикӣ» аз ҷониби олимони зиёде тавсия ёфтааст. Педагоги рус В. Н. Шатская тарбияи эстетикиро чунин тавсиф додааст: «Педагогикаи советӣ тарбияи эстетикиро ҳамчун инкишофи қобилияти мақсаднок дарк ва ҳис карда тавонистан ва дуруст баҳо додан ба зебоиҳо дар воқеияти объективии атроф, дар табиат, дар ҳаёти ҷамъиятӣ муайян мекунад» [12, с. 6]. Дар «Луғати мухтасари эстетикӣ», тарбияи эстетикӣ ҳамчун «маҷмуи тадбирҳое, ки барои ташаккул ва такмил додани қобилияти дуруст дарк ва эҳсос кардан, қадр кардани онҳо ва эҷод кардани чизҳои зебо дар ҳаёт ва санъат равона шудаанд» муайян шудааст [8, с. 451]. Б. Т. Лихачёв дар китоби худ «Назарияи тарбияи эстетикии мактаббачагон» таърифи додаи К. Марксро истифода мебарад: «Тарбияи эстетикӣ ин раванди мақсадноки ташаккули шахсияти эҷодкор ва фаъоли кӯдак мебошад, ки қобилияти дарк ва арзёбии зебоиҳоро дар фоҷеа, хурсандӣ, зиштиҳо, санъат, зиндагӣ ва эҷод кардан «мувофиқи конунҳои зебоипарастӣ ташаккул медиҳад» [1, с. 51]. Ба ақидаи Б. Маҷидова тарбияи эстетикӣ раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак буда, рушди маҳорату қобилиятҳои эҷодии ӯро таъмин менамояд [3, с. 185]. Аз ин таърифҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарбияи эстетикӣ бояд дар одам қобилияти дарки зебоиҳои асарҳои санъат, ҳаёт, дарки дуруст ва арзёбии онҳоро ташаккул диҳад. Муаллифон тариқи ин гуна тавсифнамоӣ нақшу мақоми пешбарандаи раванди мақсадноки педагогиро дар инкишофи эстетикии бача муайян кардааст. Ин тавсифҳоро дар бораи мафҳуми «тарбияи эстетикӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, моҳияти онро чунин муайян кардан мумкин аст: 1. аввал, ин раванд ҳадафмандони сурат мегирад; 2. баъдан, он ба ташаккули қобилиятҳое нигаронида шудааст, ки имконият медиҳанд зебоиҳои санъату фарҳангро дар ҳаёт дида, дарк карда тавонем; 3. он ба ташаккули завқу ғояҳои эстетикии хонандагон нигаронида мешавад; 4. он ба инкишофи қобилиятҳое нигаронида мешавад, ки ба хонандагон имкон медиҳанд мустақилона ба фаъолияти эҷод намудании зебоиҳо машғул шаванд. Фаҳмиши моҳияти тарбияи эстетикии хонандагони хурдсолро баррасӣ намуда, ба ихтилофоти дигаре вохӯрдем, ки муайянкунандаи ҳадафҳои тарбияи эстетикӣ мебошанд. В.Н. Шатская ҳадафи тарбияи эстетикиро дар шакли зерин муқаррар менамояд: «Ҳадафи тарбияи эстетикӣ бояд ташаккули қобилияти фаъоли муносибати зебоипарастонаи хонандагон ба асарҳои санъат, ҳамчунин барангезандаи иштироки фаъол дар таҳия намудани зебоиҳо, санъат ва меҳнат мебошад» [12, с. 73]. Муаллиф дар ин ҷода мақоми махсус ва муассирро ба санъат нисбат медиҳад. Муаллима Л. П. Печко ҳадафи тарбияи эстетикиро дар «фаъолгардонии қобилиятҳои эҷодкорона меҳнат намудан, ноил гардидан ба сатҳи олии сифат ва зебоии маҳсули меҳнати ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавии шахсият» муайян менамояд [7, с. 36]. Муаллима диққати асосиро ба тарбия ва инкишофи қобилиятҳое ҷудо менамояд, ки имкон медиҳанд арзишҳои баланди эстетикиро эҷод намоян. Муаллима Б. Маҷидова вазифаи тарбияи эстетикиро дар

ташаккулдиҳии муносибати эстетикӣ ба олами иҳотанамуда муайян намудааст [3, с. 186]. Аз ақидаҳои ин муҳаққиқон бармеояд, ки тарбияи эстетикӣ имкон медиҳад, ки шахсияти дорои ахлоқи ҳамида, соҳиби донишҳои амиқу фаррох оид ба олам ва табиати иҳотанамудааш ташаккул ёбад. Машғулиятҳои эҷодӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои равонии хонандагон инкишоф ёфта, дар шахсияти онҳо сифатҳои ташкилотчигӣ ва интизомнокӣ ташаккул ёбад. Ба назари мо тавсифи тарбияи эстетикӣ ва ҳадафҳои онро, ки М. М. Рукавитсин додааст нисбатан пурра ва мукаммалтар ба назар мерасад. Олим менависад: «Ҳадафи ниҳоии тарбияи эстетикӣ ин ташаккули шахсияти хушзавқ, ҳаматарфа ташаккулёфта, соҳибмаълумот, пешқадам, дорои хушахлоқ, ки маҳорату малакҳои меҳнат намудан, эҷод намудан дарккунандаи зебоиҳои ҳаёт ва санъат мебошад» [8, с. 142].

Мазмун ва мақсади тарбияи эстетикиро баррасӣ намуда мо ба хулосае омадем, ки ба он таввасути иҷрои вазифаҳои зерин ноил гардидан мумкин аст: пеш аз ҳама дар хонандагон донишҳоро дар бораи зебоиҳо ҳосил намуда зарур аст, зеро бе донишҳои мазкур шавқмандӣ ва эҳсосоти зебоипарастии хонандагонро ташаккул додан номумкин аст; баъдан хонандагон дар заминаи донишҳои пештар гирифтаашон сифатҳои равонии иҷтимоиро ташаккул додан лозим аст, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки шахсият ҳодисаҳо ва ашёи зеборо ҳассос дарк намояд; қобилиятҳои эҷодии хонандагонро ташаккул ва инкишоф додан лозим аст, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки хонанда аз шунавандаи ғайрифаъол ба эҷодкори фаъоли арзишҳои эстетикӣ табдил ёбад. А. В. Луначарский дар ин бобат мегӯяд, ки инсон зебоиҳоро ҳаматарафа дарк намекунад, то дар эҷод ва сохтани онҳо шахсан иштирок нанамояд. Тарбияи эстетикии хонандагони хурдсол ба он оварда мерасонад, ки минбаъд шахсиятҳои ҳаматарафа ташакулёфта, дорои ҷаҳонбинии фаррох ва донишҳои ҷуқур ташаккул ёбанд.

АДАБИЁТ

1. Лихачев Б. Т. Теория эстетического воспитания школьников / Б. Т. Лихачев. – М.: Просвещение, 2007. – 354 с.

2. Макаренко А.С. О воспитании в семье / А. С. Макаренко. - М.: ВЛАДОС, 2001. - 312 с.

3. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1 / Б. Маҷидова. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 226 с.

4. Неменский Б. М. Мудрость красоты / М. Б. Неменский. – М.: Просвещение, 2010. - 169 с.

5. Нуралихонзода С. Нақши меҳнат дар ташаккули нерӯи зеҳнии шахс дар осори мутафаккирони тоҷику форс / С. Нуралихонзода // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2020. - №2 (30). - С. 54–58.

6. Нурзода А. Н. Педагогика / А. Н. Нурзода. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2024. - 704 с.

7. Печко Л. П. Выразительность эстетики природы и культура личности / Л. П. Печко. – М.: УГТУ, 2008. - 146 с.

8. Рукавицын М. М. Принадлежит народу / М. М. Рукавицын. - М.: Академия, 2008. - 196 с.

9. Словарь по эстетике [Электронный ресурс]. – Режим доступа.

10. Усмонов З. Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи зебоипарастӣ/ З. Усмонов, Д.Н. Латифзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2023. - № 2 (16). - С. 48-52.

11. Файзалиева С.А. «Зебо» ва анъанаи меросбарӣ дар рақси тоҷик. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Қисми 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. - 2021. - №1 (5). - С. 79-82.

12. Шацкая В. Н. Эстетическое воспитание детей в семье / В. Н. Шацкая. – М.: Академия, 2006. – 212 с.

АНДЕШАҲО ОИД БА ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Муаллиф дар мақола масъалаи хело ҳам мубрами низоми таҳсилотро дар замони муосир баррасӣ менамоянд. Қобили зикр аст, ки тарбияи эстетикии насли наврас дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами замони мо буда, бештар ба пешрафти соҳаҳои гуногуни илму техника ва технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ вобаста аст. Ба ақидаи муаллиф ташаккули сифатҳои маънавии шахс, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба амал меояд, яке аз муҳимтарин масъалаҳои тарбия ва таълим ба шумор рафта, бо роҳи ба ҳам пайвастани тарбияи меҳнатӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ ҳаматарафа амалӣ мегардад. Муайян карда шуда аст, ки дар натиҷаи тарбияи эстетикӣ соҳаҳои зеҳнӣ ва эмотсионалии шахс ташаккул ёфта, минбаъд рафтор ва ҳамкории кӯдаконро бо ҷомеа ва олами атроф танзим мекунанд.

Калидвожаҳо*: тарбия, тарбияи эстетикӣ, таълим, зебоӣ, зебоипарастӣ, эстетика, ташаккул, инкишоф, хонандаи хурдсол.*

МЫСЛИ ОБ ЭСТЕТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

Автор статьи обсуждает весьма актуальную тему системы образования в современности. Стоит отметить, что эстетическое воспитание подрастающего поколения в современную эпоху является одной из самых актуальных проблем современности и во многом зависит от прогресса различных областей науки и техники, а также информационных и инновационных технологий. По мнению автора, развитие духовных качеств личности, которое происходит на уровне начального образования, является одним из важнейших вопросов воспитания и обучения и реализуется комплексно через интеграцию трудового, нравственного и эстетического воспитания. Определено, что в результате эстетического воспитания формируется интеллектуальная и эмоциональная сферы личности, что в дальнейшем регулирует поведение ребенка и его взаимодействие с обществом и окружающим миром.

***Ключевые слова**: воспитание, эстетическое воспитание, обучение, красота, эстетизм, эстетика, формирование, развитие, младший школьник.*

THOUGHTS ON THE AESTHETIC EDUCATION OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN

The author of the article discuss a very relevant topic of the education system in modern times. It is worth noting that the aesthetic education of the younger generation in the modern era is one of the most pressing issues of our time and largely depends on the progress of various fields of science and technology, as well as information and innovative technologies. According to the author, the development of spiritual qualities of an individual, which occurs at the level of primary education, is one of the most important issues of upbringing and training and is realized comprehensively through the integration of labor, moral and aesthetic education. It has been determined that as a result of aesthetic education, the intellectual and emotional spheres of the individual are formed, which subsequently regulates the child's behavior and his interaction with society and the surrounding world.

***Keywords:** upbringing, aesthetic education, training, beauty, aestheticism, aesthetics, formation, development, junior schoolchild.*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Боев Шаҳобиддин Рачабалиевич*** *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Саддридин Айнӣ. Тел.: (+992) 909934241.*

Маҷидов Умедҷон Маҳмадалиевич *- омӯзгори калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: 554449652.*

Сведения об авторах: ***Боев Шахобиддин Раджабалиевич*** *- кандидат педагогических наук, дотсент, заведующий кафедрой теории и методики музыкально-художественного воспитания педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддин Айни. Тел.: (+992) 909934241.*

Маджидов Умедджон Махмадалиевич *- старший преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного воспитания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Телефон: 554449652*

Information about the authors: ***Boev Shahobiddin Rajabalievich*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Theory and Methodology of Musical and Artistic Education at the Faculty of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Phone: (+992) 909934241.*

***Majidov Umedjon Mahmadalievich** - senior lecturer of the department of theory and methodology of musical and artistic education of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Phone: 554449652.*

ТАҶАССУМИ ШАХСИЯТ ДАР ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ВА ЭТНИКИИ МАРДУМИ ТОҶИК

Назарзода Х. Д.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар педагогикаи халқӣ ва этникии мардуми тоҷик идеологияи қаҳрамон ҳамчун шахсият тавсиф ёфтааст, ки идеали ӯ таҷассуми ормонҳои халқ мегардад. Аз аҳди куҳан то имрӯз миллати тоҷик ҳазорон шахсиятҳоро дар натиҷаи тарбия додан, омӯзонидани ҳунар, таҷрибаи рӯзгор андӯхтан ба қаҳрамон мубаддал гардонидааст, ки ҳамчун идеал эътироф менамояд.

Педагогикаи тоҷик нишон медиҳад, ки халқ киро ва барои кадом кораш қаҳрамон меҳисобад. Тасвири рафтори қаҳрамон шунавандаро ба ваҷд меорад, чунки корномаи ӯ барои ҳифзи манфиатҳои умумихалқӣ содир мегардад.

Намунаи комили паҳлавонӣ дар осори халқӣ Фаррухрӯз, Гӯрғӯлӣ, Аваз, Эраҷи Тилисмшикан, Ҳотами Той, Самаки айёр, Гуланор, ва дигарон мебошанд, ки дар таҳқиқоти муҳаққиқон Лутфулло Бузургзода, Раҷаб Амонов, Баён Раҳимов, Муҳаммад Лутфуллозода, Қодир Қодиров, Каримҷон Қодиров, Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ ва дигарон таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Онҳо фидокору ҷавонмарданд, ки аввалин шуда, дар набард бо душманон иштирок мекунанду худро зери хавфу хатар мегузоранд. Нигоҳдории шарафу номус, иҷрои қарз барои паҳлавони ватандӯст аз ҳама болост ва бо ин мақсад онҳо омода ҳастанд, ки ҷони худро фидо намояд. Шахсони мазкур манзалати калон доранду дар қарори қабулкардаашон гузаштнакунандаву устувор. Дарки қувваи баҳодуронаи худ дар аксари мавридҳо ба тундмизоҷӣ, азнавбаҳодиҳӣ ба қуввaҳои худ оварда мерасонад, вале ҷасуриву далерии ӯ, ки интиҳо надорад, асоси хислати қаҳрамононаро ташкил медиҳад.

Ҳар як паҳлавон бо хислатҳои наҷиб ва фавқулодаи худ нақши асосӣ дорад. Қаҳрамонони ҳамосаҳои халқӣ чун шахсияти комил дар меҳнат, фаъолият, мубориза ташаккул меёбанд. Онҳо сифатҳои бузурги паҳлавонӣ, доҳии хирадмандро доро буда, беғараз ва некӯахлоқ, шахси аз ҳама хирадманди кишваранд ва фикру суханонашон беғалату амиқанд. Фарқи байни шахсиятҳои аввал ва навкарони онҳо на танҳо функсионалист будан аст, балки боз дар он аст, ки ин шахсиятҳо истеъдоди барҷаста доранд. Онҳо ҳамчун инсони ягона буда, касе ба онҳо баробар шуда наметавонад. Зери таъсири афканишоти офтобӣ-кайҳонӣ дар ҷомеаи инсонӣ одамоне таваллуд меёбанд, ки онҳоро олимон «пассионарӣ» меноманд. Одамони пассионарӣ бо партавафкании пуриқтидори неруи худ ба атрофиён ташаббус мебахшанд, одамонро ба фаъолияту корномаҳо ва ба пешрафти маданият ҳидоят мекунанд.

Дар образи Аваз орзуи чандинасраи халқ дар бораи ҳокими идеалӣ, ки ҳимоятгари халқ, ҳомии сулҳ, озодӣ ва адолат мебошад, таҷассум ёфтааст. Барои ба дараҷаи ахлоқии қудсиён расидан доштани ахлоқи баланду руҳан тоза будан зарур аст. Танҳо шахси комил бештар ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки ба халқ роҳбарӣ кунад. Дар назари қаҳрамонон – паҳлавонони кишвари Чамбул ҳокимияти Аваз такягоҳи ягона мебошад. Ин ҳокимият на бо қувва, балки ба адолат асос меёбад. Образи қаҳрамони доҳӣ аз доираи ҳаёти реалӣ берун мебарояду идеалӣ мегардад, ки он пуробуранг тасвир менамояд. Образи Аваз – арзиши асосии тарбиявии ҳамоса аст.

Дар он давраи тулонии таърихӣ, вақте ки ҳамосаҳои халқӣ офарида мешуданд, идеали рафтор шахсе буд, ки дар ташаббуси инфиродӣ озод ҳисоб меёфт, вале ҳамзамон, барои манфиатҳои тамоми ҷомеаи ҳамқавмӣ мезистанд. Дар ин масъала, ҳамосаҳои тоҷикӣ ба достонҳои халқҳои дигар мушобеҳ аст. Муҳаққиқи достони гурҷии Шота Руставели «Паҳлавони пӯстини палангпӯш» Саргис Сашивили қайд мекунад, ки идеал дар тасаввуроти халқи гурҷӣ паҳлавони ҷавонмард мебошад. Паҳлавони ҷавонмард намунаи марди идеалӣ дар ҳамоса ҳисоб меёбад. Паҳлавони ҷавонмард – на танҳо қаҳрамон, паҳлавоне, ки хоҳиши аз дигарон фарқ карданро дорад, он бидуни қаҳрамонӣ ва паҳлавонӣ аз шахс хоксорӣ, садоқат ва худфидоӣ дар дӯстиро талаб мекунад. Қаҳрамонҳои идеалии ҳамоса ба ҳисси амиқи муҳаббат ва дӯстӣ такя менамоянд». Шота Руставели ин адолатҳоро ба мадди аввал гузошт ва бо қувваи бузурги шоирона идеали баланди паҳлавони ҷавонмардро тасвир намуд.

Дар бораи одамони давраи таърихӣ Гегел навиштааст, ки онҳо «…бо нокифоягии идеалии манфиатҳои руҳӣ қонеъ намегарданд, балки бо майлу рағбатҳои амиқ ба ҳаяҷон меоянду дар назди худ мақсадҳои калон мегузоранд. Ҳамзамон, муҳити наздиктарини фардҳо, қонеъгардонии талаботи бевоситаи онҳо боз натиҷаи фаъолияти шахсии онҳо мебошад» [5, с. 172]. Идеале, ки ба он дар ҳаёти худ қаҳрамонон-паҳлавонҳои мамлакати Чамбул мекӯшиданд, чун иҷрои қарзи қаҳрамонӣ, майл ба ҳаёти зебои қаҳрамонона, ки шоистаи эҳтиром мебошад, муайян кардан мумкин аст. Ба ҳамаи онҳо дарки озодии амалҳои худ хос буда, масъулият барои ҳар як амали худро дорад. Қобилияти бартарафсозии бадӣ, ба пешвози душман баромада, дар мубориза бо ӯ ғолиб омадан аз ҳама зарур ҳисоб меёбад. Тоҷикон, пеш аз ҳама халқи далеру нотарс буданд. Онҳо чуноне ки худро дарк мекарданд, бо ривоятҳои хеш ғолиб мебаромаданд. Ин ба хотираи таърихии халқ ворид шуд ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ маҳфуз монд, ки муҳориба, набард – иштиёқи асосии паҳлавонони мамлакати Чамбулро дар бар мегирифт. Илова ба ин, онҳо нисбати душманони мағлубшуда раҳм доранд, замини онҳоро ба хок яксон намекунанд, одамонро асир намегиранд, яъне нисбати онҳо инсондӯстӣ зоҳир менамоянд.

Дар ҳамосаҳои халқӣ, ҳатто дӯстдории оддии кӯдакон мушоҳида намегардад ва ба онҳо ояндаи муайяни таърихӣ алоқаманд аст. Қаҳрамонони хӯрдсол далерона Ватани худро ҳифз мекунанд, супоришҳои ба онҳо додашударо бо сари баланд иҷро менамоянд. Онҳо моҳирона аз яроқ истифода мебаранд, мисли падарони худ шуҷоъ, далер, ҷасур ва қавиирода анд. Бояд гуфт, ки онҳо ҳатто дар сафарҳои худ ҳам вазифаҳои муҳимми давлатӣ, ҳам ҳимояи манфиатҳо, маъмул ва машҳур кардани сарзамини худро ба зима мегиранд. Барои ин кор, дар тамоми набардҳо ва лаҳзаҳои зарурии ҳимояи Ватан ҳунарнамоӣ кардани онҳо зарур аст [6, с. 14].

Ҳамин тариқ, халқи тоҷик худро дар ҳамосаҳо ва дигар намунаи жанрҳои халқӣ дар симои паҳлавоне, ки ҳаётро ба пеш бурдан мехостанд, сурудааст ва бо тобоварии фавқулодааш худро машҳур карда, ба он номи Эраҷи паҳлавон, ҷасорати Восеъ, зарофати Гуланор, хирадмандии Ҳотами Той ва истеъдоду сухандонии Самаки айёрро нисбат додаанд. Номи кӯдакони дигар низ, бо таъиноти ӯ бояд тавъам бошад. Чунин ҳисоб мешуд, ки аз интихоби дурусти ном ҳаёти ояндаи кӯдак, тақдири ӯ вобастааст. Номи дуруст интихобшуда кӯдакро мебоист аз бадбахтиҳо ҳифз мекард, ба ӯ дар ҳаёт кумак мерасонд. Афзалият ба номҳое дода мешуд, ки падидаҳои мусбат, сифатҳои хуби инсон, хусусиятҳои ашёро тавсиф мекунанд.

Дар нақшҳои асосӣ, пеш аз ҳама он тарафҳои табиати инсон, ки дар назари халқ аҳамияти тарбиявӣ доштанд, ва писандидаву аз дигарон нисбатан хуб арзёбӣ мегаштанд, инъикос ёфтаанд. В.Д. Шадриков онро ҳамчун «ғояи Ватан» ва ҳисси ватандӯстиро асоснок кардааст, ки мо онро сарфи назар карда метавонем. Дар қаҳрамони халқӣ, нобиға он чизе зоҳир мегардад, ки дар якчанд насл рушд меёбад. Аҷдоди умумӣ ибтидои маънавии қавмро таҷассум додааст. Барои миллат ин нақшро қаҳрамонони миллӣ мебозанд. Бе қаҳрамонон миллат вуҷуд надорад, мисли он ки бе аҷдод қавм нест» [14, с. 169]. Тасаввуроти халқӣ дар бораи шахси комили идеалӣ ба тарбияи чунин ашхоси комил мусоидат намуданд.

Аҷдодони мо дар асарҳои халқӣ образи нодири «зебосанами олам»-ро офаридаанд, вале қувваи бештари бадеии тарбиявӣ ва ҷозибияти бештареро ба ҳар тасвири эҳсос, фикру ақоид, амалу намуди зоҳирии онҳо ба даст меоранд. Ҳамосаҳои халқии тоҷикӣ, ин мадҳияи покдоманӣ, поквиҷдонӣ, покизагии маънавӣ, олиҳиммативӣ, ахлоқи баланди инсон мебошад.

Рӯ овардан ба ҳамосаи халқӣ, ҳамчун қомуси тоҷикони қадим, имкон медиҳад, ки ҷавонон ба пайгирӣ кардани он, ки чӣ тавр дар ин ҷо персонажҳои истеъдоднок арзёбӣ мегарданд ва соҳиби меҳру муҳаббати хосаанд қадамҳои устувор гузоранд. Онҳо дастовардҳои арзишноктарини мамлакат ҳисобида мешаванд, зеро ки сурудхони ҷавон – Соқӣ берун аз қаламрави мамлакат машҳур буд ва паҳлавони ҷасур низ, сароянда ва навозандаи нотакрор буд, ки имрӯзҳо ҳам намоён аст

Шахси комил – шахси оқил, ҷасур ва боистеъдод аст. Дар анъанаҳои тоҷикон навохтани асбобҳои мусиқӣ аз қадиммулайём ба номгуи малакаҳои ҳатмие дохил мешуд, ки дар ҷараёни тарбияи оилавӣ, хусусан, тарбияи духтарон дарк мегардид. Тақсимоти анъанавии нақшҳо дар мусиқӣ то дер боз маҳфуз мемонд. Занҳо бошанд, бо санъати баланд рақс мекарданд ва «Суруд хонда натавонистани духтар» ба «бофтану дӯхта натавонистан» монанд буд.

Дар педагогикаи тоҷик мавқеи шахсият ниҳоят баланд буда, бо вуҷуди неруи фавқулода доштан, тамоми хислатҳои неки инсониро доро мебошад. Инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, мардонагӣ, далерӣ, дӯст доштани халқи меҳнаткаш, китобдӯстӣ, некукорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар вуҷуди ҳар як қаҳрамон мавқеи муайян дорад. Масалан, Вақте ки Аваз бар подшоҳи золим ғолиб меояд, хазинаи ӯро мекушояд, тамоми дороияшро ба фуқаро тақсим мекунад ва ба халқ пешниҳод менамояд, ки аз дохили худ шоҳи одилро интихоб кунанд. Барои ҳамин, халқ симои Авазро ҳамчун шахсият чунин таҷассум намудааст:

Ба мисли Авази кокулдор,
Дар дунё кам будай қирсувор.
Не дар Кулобу не дар Фархор,
Не дар Самарқанду дар Ҳисор [3, с.114].

Меҳнатдӯстӣ низ, яке аз нишонаҳои асасии қаҳрамон ё шахси комил ба ҳисоб меравад. Дар ҳамосаи халқии «Гӯрғӯлӣ», ки солиёни дароз тоҷикон замзама менамоянд, омадааст: Гурғулӣ ба Аҳмадхон мегӯяд: «Бе меҳнат нишоту шодмонӣ нест». Паҳлавонони ҳамосаи Гурғулӣ намояндагони халқҳои гуногунанд ва барои ҳамаи онҳо Чамбул Ватан мебошад. Қаҳрамонон бо

шарофати қувва ва ҷасорати шахсӣ, ки ба кори ҳақ равонааст, пирӯз мегарданд. Зан дар ҳамоса нақши маслиҳатчӣ, дӯст, баъзан, нақши ҷанговари далер (масалан, мисли духтари Аваз)-ро мебозад.

Масъалаи афкори педагогии халқӣ дар ҳамоса чун намунаи хосси жанри эпикӣ омӯзиши васеъро талаб мекунад. Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки фолклори пешазинқилобии тоҷик тамоми жанрҳои асосии адабиёти халқӣ (ҳамоса, лирика, драммаи насрӣ)-ро, ки тамоми жанрҳои гуногун ба он хос буд, медонист. Гуногунии жанру намудҳои эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик, боигарии воситаҳои бадеӣ-тасвирии он ҳайратангезанд. Ғайр аз ин, алоқаи зичи бисёрасраи эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик бо назми хаттӣ, ғанигардонии ҳамдигари онҳо ҷой дошт [8, с. 100].

Чи тавре ки дар «Шоҳнома»-и безаволи устод Абулқосим Фирдавсӣ омадааст, дар ҳамосаи «Гурғулӣ» ҳам тавсифи усули анъанавии тарбиявӣ ба анъанаи ҳафт корнома («ҳафт хон»)-и қаҳрамонӣ дарҷ гардидааст. Масалан, дар «Шоҳнома» ҳафт хони Рустам ва баъдан, ҳафт хони Исфандиёр ҷой дорад.

Инчунин, дар бораи ҳафт хон (корнома)-и Гуруғулишоҳ чунин гуфта мешавад:

1) Нигоҳубини аспҳо;
2) Тарбияи аспи муъҷизадори Қирот;
3) Озодкунии хешованди худ аз дасти Райҳон-Араб;
4) Сохтани Чамбул ва муҳоҷирати камбағалон ба он ҷо;
5) Писархонд кардани қаҳрамонон Ҳасанхон ва Шодмон;
6) Дуздидани Аваз ва писархонд кардани ӯ;
7) Торумори шоҳ Хунхор ва озод кардани Аваз аз асорат ва ғайра.

Илова бар ин, корномаҳои аввалини дилхоҳ шахсият дар педагогикаи тоҷик на бо ҷанг, балки бо меҳнат алоқаманд аст. Ин хоссагии эҷодиёти шифоҳии халқ, қаҳрамонони он мебошанд. Таҷассуми шахсият дар педагогикаи тоҷик на танҳо ба мардон марбут аст, балки занон низ метавонанд ҳамчун шахсияти комил ва қаҳрамон зуҳур намоянд.

Зимни офаридани образи Гулинор, симои ӯ саропо пур аз нанг ва номуси ватандорӣ аст. Гулинор ҳангоми шикаст хӯрдани паҳлавонони тоҷик ба майдон мебарояд бо душман дар набард мегардад. Ӯ мафтуни паҳлавонии Аваз аст, аммо барояш муҳофизати марзу буми Ватан болотар меистад. Ӯ соҳиби меҳри модариест, ки фарзандашро дар руҳияи ватандустӣ ва меҳру муҳаббат ба сокинони Чамбули мастон тарбия мекунад. Ӯ зани оқилу бофаросат аст.

Аслан, дар тамоми ҳамосаҳо занон дар образҳо бо софдилию раҳмдилӣ ва ҷасурӣ тасвир ёфтаанд.

Ватану ватанхоҳӣ чӣ марду зан, чӣ хурду калон ва чӣ сағиру кабирро муттаҳид мекард, зеро онҳо ватанашонро дӯст медоштанд ва ба обу хоку кӯҳу водии хеш ифтихор мекарданд. Дар ҳимояи Ватан мардҳо ва занҳо пешдастӣ мекарданд ва барои дифои ватану модару зану фарзандони худ камар мебастанд. Занҳо аз мардҳо ақиб наmemонданд, балки иддае аз онҳо ҷойи чанд мардро гирифта, дар майдони ҳарбу зарб ба хотири ҳимояи мулк корнамоӣ мекарданд. Ҳам Гурдофарид, ҳам Гулинор ҳам Ширмо занони зебо, хирадманд ва нотарс буданд. Онҳо барои ҳифзи Ватани хеш аз ҳеҷ мушкилӣ намеҳаросиданд ва мулки худро дифоъ намуда, дар мисоли қаҳрамонӣ ва диловарии худ садҳо тоҷикдухтарони дигарро тарбия менамоянд, ки дар ҳама кор далеру шуҷоъ мебошад. Ширмои шуҷоъ ва хирадманд, мулк ва халқашро аз ҳуҷуми бегонагон нигоҳ дошта, барои ободию ормии он мекӯшад. Ӯ ҳамчун занҳои дигар зиндагии осударо интихоб мекунад.

Бинобар ин, мардуми ин сарзамин ҳимояи Ватанро муқаддас мешуморанд, зеро дар дили зану мард ишқи Ватан саршор буд ва ин масъулият шахсони сарсупурдаи халқу Ватанро ба дараҷаи қаҳрамонӣ мерасонид.

Дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик низ, занон соҳиби иззату икром, эҳтиром, ҳатто озодии баён ҳастанд, бинобар ин, дар бораи зани тоҷик чун зани ҷасуре, ки ба ҳамсар таъсири калон мерасонад, тасаввуроти анъанавӣ вуҷуд дорад. Аз рӯйи тасаввуроти тоҷикон, зан бо тарзу воситаҳои гуногун зебо буда метавонад. Дар анъанаи педагогии тоҷикон омадааст, ки ҳар як зан аз рӯзи таваллуд як қисми Осмонро гирифтааст ва вазифаи зан дар худ ёфтани ин паҳлуи илоҳӣ, ошкор кардану моҳирона истифодабарии он мебошад.

Халқ ҳаётро тавре инъикос менамояд, ки онро ҳамон гуна дидан мехоҳад: қаҳрамонона, пур аз корномаҳо, шодию хурсандӣ ва саодат. Қаҳрамонони дӯстдоштаи халқ сифатҳои муъҷизаноки тахайюлотӣ доранд. Яъне, халқ мекӯшад, ки қуввахои табиатро аз худ кунаду аз зулми иҷтимоӣ халос шавад. Ҳар қадар, ки ин дар ҳаёти воқеӣ камтар муяссар гардад, ҳамон қадар ин манзараҳоро мардум дар хаёли худ тасаввур мекард. Ин на орзуи ғуломонаест дар бораи бахти охират, балки орзуи афсонавӣ ва хаёлпарастона буда, ба пеш меравад.

Ҳамин тариқ, шахсияти ҳамаҷониба рушдкарда, яъне ҷисман солим, ахлоқи пок ва руҳан ғанӣ дар педагогикаи тоҷик бо номи «инсони комил» ёд мешавад [9, с. 5]. Инсони комил дорои ахлоқи ҳамида аст. Инсони комил соҳиби ақлу хирад, офарандаи неъматҳои моддӣ, тағйирдиҳандаи табиати рӯйи замин аст. Ӯ ягона мавҷудотест, ки аз муҳити хеш берун омада, ба хотири пайдо кардани макон ва тамаддуни нав сайъ менамояд, вале ягона воситаи ҳалли оқилонаи масъалаҳои зиндагӣ, маҳз ахлоқу одоби нек аст.

Вақте, ки инсони комил мавриди таҳқиқ қарор мегирад, паҳлуҳои мухталифи тарбиявӣ-ахлоқии педагогикаи халқӣ ба инобат гирифта мешавад ва образҳои мусбати ин осори суннатӣ-педагогии тоҷик ва қаҳрамонҳои он дар дидгоҳи шуҷоат, далерӣ таҳқиқ карда мешавад. Ҳангоме ки инсони комил чун идеали тоҷикии инсон таҳлил карда мешавад, истеъдоду қобилиятҳо, иқтидори қаҳрамонон дар муқоиса ба эътибор гирифта мешавад, зеро қаҳрамонҳои осори мардумӣ инсонҳое мебошанд, ки бо таваҷҷуҳи саршор Ватанро ҳифз менамоянд, бо қудрати ибратсози худ баҳрамандand, ҳамаи далерӣ ва шуҷоатро доранд ва кӯшиш менамоянд, ки ҳамаи атрофиён чунин бошанд.

Мақсад аз муайян намудани манзалат ва ҷойгоҳи инсони комил - ин эҳёи арзишҳои маънавию ахлоқии инсон аст, зеро ин гуна инсон аз камолот бархӯрдор аст ва фазилату камолоти ӯ арзишҳои ахлоқӣ дорад. Инсон дар ин маврид имтиёзи хос дорад, одаме ҳаст, ки бартариҳои ҷисмонӣ (нотарсӣ, ҷасорат)-ро дорад, печида ба ахлоқ аст, ва ба инсон арзиши маънавии бештар медиҳад. Қувваи ҷисмонӣ, яъне бартариҳои ҷисмонӣ ин шакли фазилат ва каромати инсон аст. Аз ин рӯ, ба эътибор гирифтани арзишҳои ҷисмонӣ барои инсон, ин шакли инсонест, ки дар пайи истиқлол ва озодӣ аст.

Дар педагогикаи тоҷик инсони комил том аст, зеро ки дасту бозӯи тавоно дорад, бозаковат қадбаланд ва ҷасур аст. Инсоне, ки дар назари мардум волост, дар муқоиса бо дигарон фазилат дорад ва дар камол нуқсе надораду фақат дар пайи маънии зиндагӣ аст. Ӯ дорои қувва, истеъдодҳои гуногун аст. Ӯ бо ин қувва ба камоли худ расидааст. Бинобар ин, чун инсони том бо истеъдодҳои шукуфонаш ба камол расидааст. Саодат ва камоли ӯ дар ақл, қувва, тафаккур ва андеша аст. Ӯ чунин инсони комил аст, ки қобилияти дарки саҳеҳи воқеаҳоро дорад.

Педагогикаи тоҷик аз ғановати «Авесто» ва «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ баҳра мегирад.

Академик М. Лутфуллозода чунин менависад: «Чун ба пандномаҳои аҳди қадим ва андарзҳои бузургони гузашта нек назар кунем, мебинем, ки бештар пиромуни чор чиз сухан меравад: чаҳор чиз подшоҳиро нигоҳ дорад, чаҳор чизи кори ҳаррӯзаро бояд донист, чаҳор чиз бар ҳама равост, чаҳор чиз бе чаҳор чиз натавон кард, чаҳор чизро аз чаҳор чиз эҳтиёҷ аст, чаҳор чиз боиси бадбахтӣ аст» [7, с. 101].

Моҳияти ин чор чиз дар ҳамосаи «Гурғулӣ»: адолат ва ростӣ, ақлу хирад, сабру таҳаммул, шарм ва ҳаё аст, ки имрӯз ҳам дар тарбияи насли наврас муҳим аст. Аз ин рӯ, дар шароити истиқлолияти кишвар муҳимтарин вазифаи муҳаққиқони соҳаи педагогӣ аз он иборат аст, ки андешаҳои тарбиявии гузаштаро, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд, таҳлил ва баррасӣ намоянд.

Зарур аст, ки дар партави педагогикаи тоҷик, нақшаҳои таълимӣ ва барнома саршори гуманизм гардонида шаванд ва ҷабҳаи инсонгароии фанҳои гуманитарӣ сайқал дода шуда, самти инсонии фанҳои дақиқ пуркувват карда шаванд.

Муҳим аст, ки тамоми ҷараёни таълиму тарбия дар таълимгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мазмуни таҳсилот, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ тарҳи гуманистӣ дода шаванд. Ҳама воситаи ахбори омма дар роҳи татбиқу ташвиқи инсонгароӣ бояд саҳм дошта бошанд. Инсондӯстӣ чун мактаби бузурги ҳаёт, маҳз дар таҷрибаи зиндагии гузашта, яъне омӯхтани

мазмуну мундариҷаи одаму одамгарӣ, ифтихори миллӣ, муомила ва муносибат, некӣ ва некӯкорӣ, хештаншиносӣ ва ватандорӣ ва амсоли инҳо иборат аст.

Олими барҷаста Сайид Нафисӣ навиштааст: «Дар шимоли шарқи Эрони имрӯза сарзамини ҳосилхезе воқеъ аст, ки мо дилбастагии махсусе дорем. Бисёре аз уламои бузург ақида доранд, ки нажоди ориёӣ дар он сарзамин … дар канори руди Ҷайҳун ва Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хешро гузаронида аст. Китоби осмонӣ, яъне «Авесто» кишвареро нишон медиҳад, ки обу ҳавои он хулдзамин буд ва аҷдоди мо нахуст дар он ҷо парвариш ёфтаанд ва ба қарина метавон ёфт, ки мурод ҳамон арзу хитаи дилкаш соҳили Ҷайҳун ва Сайҳун аст». Ин гӯшаи хулдзамин, ки Тоҷикистон аст, мо ба ин Ватани маҳбуб ифтихор дорем. Ин ватани маҳбуб болу пари мо, сарфарозиву сарбаландии мо, бахту иқбол, орзую умеди мо аст.

Ҳамин тариқ, педагогикаи тоҷик ба ҳалли масъалаи якҷоясозии муносиби арзишҳои умумибашарӣ ва халқӣ, фалсафаи халқӣ, педагогикаи халқӣ, тиббу мусиқии халқӣ дар рушди шахсият равона аст ва ба бартарафсозии бетарафиву бешарафӣ ва бешахсиятӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, омӯзиши осори тарбиявии халқӣ чун манбаи ғояҳои педагогикаи халқӣ қобили қабул аст ва дар ташаккули шахсият аҳамияти колон касб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Р. Аз паи ҳикмати халқ. Р. Амонов. – Душанбе, 1963. - 104 с.
2. Асрори В. Литература и фольклор [Текст] / В. Асрори. – Душанбе, 1967. - 211 с.
3. Брагинский И.С. Заметки о таджикском эпосе «Гуругли» [Текст] / И.С. Брагинский. // Краткие сообщ. Института востоковедения СССР. - Т. 9. – 1953. - 464 с.
4. Бобоюнус Худойдодзода. Ёдномаҳои дилнишин [Матн] / Худойдодзода Бобоюнус. – Душанбе, «Ирфон», 2013. - 304 с.
5. Гегель Эстетика. Т.1 Гегель. – М., 1968. - 441 с.
6. Қодиров К. Таърихи тарбия аз аҳди Бостон то замони Сомониён [Матн] / К. Қодиров. – Душанбе, 2012. - 240 с.
7. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия М. Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2013. - 462 с.
8. Латифзода Д. Эҷодиёти мардумӣ – асоси фарҳанги этникӣ [Матн] / Д. Латифзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 160 с.
9. Назаров Х.Д., Раҳимов Б.Ғ. Ҳамосаи «Гӯрғӯлӣ» – мероси педагогӣ- ахлоқӣ ва қаҳрамонии халқи тоҷик Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2023. - №3 (43). – С. 110-115. ISSN 2617-5320.
10. Сулаймонӣ С., Алиев А. Ориёиҳо: Суннатҳои фарҳангӣ ва таълиму тарбият [Матн] / С. Сулаймонӣ., А. Алиев. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 108 с.
11. Фатҳуллоев С. Баъзе ҳамоҳангии «Шоҳнома» ва «Гурғулӣ». «Гурғулӣ тоҷик буд, на узбек» [Матн] / С. Фатҳуллоев // Суханшиносӣ. – Душанбе. 2008, - № 7. – С.111-124.
12. Хоҷаев Қ. Афкори педагогӣ Қ. Хоҷаев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. - 250 с.
13. Хоҷаев Қ., Назаров Х.Д. Моҳияти педагогӣ-психологӣ ва этникии осори шифоҳии мардуми аҷам. Паёмномаи фарҳанг. - Душанбе: №3 (67), 2024. - С. 10-16. ISSN 2306-6423.
14. Шадриков В.Д. Народная школа. В. Д. Шадриков. – М., 1993. – 201 с.

ТАҶАССУМИ ШАХСИЯТ ДАР ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ВА ЭТНИКИИ МАРДУМИ ТОҶИК

Дар мақола шахсияти комил ҳамчун қаҳрамон таҷаҷассум ёфтааст, ки мубрамии онро ҷомеаи имрӯза талаб менамояд. Гуфта мешавад, ки осори қаҳрамонӣ, ки ба педагогикаи тоҷик мансуб аст, дар баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллии хонандагон саҳми муносиб мебозад.

Педагогикаи халқӣ, ки дар он осори шифоҳӣ ҳамчун фарҳанги суннатии тарбия инъикос гардидааст, дар замири хонандагон нақши муҳим мебозад. Алоқаи мутақобилаи арзиши миллӣ ва инсонӣ дар осори шифоҳӣ дида баромада шудааст. Бо назардошти аҳамияти бузурги маънавӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстии ин асар онро бояд дар мактабҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Осори шифоҳӣ он маҳсули нобиғаи бузурги халқӣ мебошад, ки аз он ҳамчун аз чашмаи сероби софу беолоиш фарҳанги маънавии тоҷикон баҳра мегирад.

Аз ин рӯ, ба ин восита тарбия додани наслҳои имрӯзаву оянда аз аҳамият холӣ нест. Вобаста ба аҳамияти тарбияи халқӣ далелҳои илмӣ оварда шудаанд. Муаллифон ҳамин нуктаро ба назар гирифта, муҳиммияти тарбияи халқиро дар самти тарбия барои тарбиятгирандагону тарбиядиҳандагон мақсади асосӣ шуморидаанд. Алоқаи мутақобилаи арзиши миллӣ ва инсонӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ дида баромада шудааст. Бо назардошти аҳамияти бузурги маънавӣ, эҷодиёти шифоҳии халқро бояд дар

мактабҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Чунки он аз чашмаи софу беолоиш фарҳанги маънавии тоҷикон баҳра мегирад.

Калидвожаҳо: *қаҳрамон, шахсият, осори шифоҳӣ, фарҳанг, тарбия, забон, дониш, суннат, педагогика, афсона, инсон, аҷам, достон***.**

ВОПЛОЩЕНИЕ ЛИЧНОСТИ В НАРОДНОЙ И ЭТНИЧЕСКОЙ ПЕДАГОГИКЕ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье воплощена образ совершенной личности героя, актуальность которого востребована современным обществом. Утверждается, что героические произведения, являющиеся частью таджикской педагогики, играют достойную роль в воспитании чувства патриотизма, самосознания и национального пробуждения подрастающего поколения.

Народная педагогика, в которой устное народное творчество отражено как традиционная культура воспитания, играет важную роль в формировании внутреннего мира учащихся. В устном народном творчестве прослеживается взаимосвязь национальных и общечеловеческих ценностей. Учитывая большое духовное, героическое и патриотическое значение этих произведений, их необходимо изучать в школах. Устное народное творчество является плодом великого народного гения, из которого духовная культура таджикского народа черпает свои знания и ценности, подобно чистому и неиссякаемому источнику.

Таким образом, воспитание нынешнего и будущих поколений посредством данного инструмента имеет важное значение. Были представлены научные свидетельства ценности народной педагогики. С учетом этого авторы определили значимость народной педагогики как приоритетную задачу как для обучающихся, так и для педагогов. Также рассматривается взаимосвязь национальных и общечеловеческих ценностей в рамках устных народных традиций. Учитывая глубокую духовную значимость, устную народную традицию следует включить в школьные учебные программы. Потому что она черпает истоки из чистого и незамутненного родника таджикской духовной культуры.

Ключевые слова: *герой, личность, устное произведение, культура, воспитание, язык, знание, традиция, педагогика, сказка, ориентир***,** *Аджам, эпос.*

THE EMBODIMENT OF PERSONALITY IN FOLK AND ETHNIK PEDAGOGY OF THE TAJIK PEOPLE

The article considers the importance of studying the oral work of general-education secondary education. It should be noted that in the case of studying oral literature in secondary schools, additional classes should be implemented in order to increase and improve the students' sense of self awareness and self-development.

In the article considered educational value of Tajik oral work as a traditional culture of upbringing. The relationship between national and human values is considered in oral work. Given the enormous aesthetic, heroic and patriotic value of an oral work, it should be studied in schools. The oral work is the creation of a mighty folk genius, from which, as from a pure source, the spiritual culture of the Tajiks has been nourished for centuries.

Thus, the education of present and future generations is important. There is scientific confirmation of the importance of educating people. Taking this into account, the authors put before the pupil and teachers the task of popular education. The relationship between national and human values in folk art is examined. Based on the great aesthetic, heroic and patriotic value of folk creativity, it should be studied in schools. Folk creativity is the creation of a mighty folk genius, from which, as from a pure source, the spiritual culture of the Tajiks has been nourished for centuries.

Keywords: *hero, personality, spoken word, culture, education, language, knowledge, tradition, pedagogy, fairy tale, reference, Ajam, epic.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: **Назарзода Холназар Давлатшо** - дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги ДБССТ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: (+992) 901-60-68-88, e-mail: nazarov-6888@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Назарзода Холназар Давлатшо*** *- доцент кафедры языка и культуры Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада 48/5. Тел.: (+992) 901-60-68-88, 987694507, e-mail: nazarov-6888@mail.ru.*

Information about the author: ***Nazarzoda Holnazar Davlatsho*** *- Associate Professor of the Department of Language and Culture International University tourism and entrepreneurship of Tajikistan, Tashripov Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5. Tel: (+992) 901-60-68-88, e-mail: nazarov-6888@mail.ru.*

НАҚШИ ТАБИАТ ДАР АФСОНАҲО

Мамадносирова М. М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар педагогикаи ҳамаи халқҳо, аз ҷумла, халқи тоҷик ҷойи ниҳоят муҳимро афсанаҳои халқӣ ишғол менамоянд. Чунки аз ҷиҳати мазмун афсонаҳои халқӣ хеле равон буда, орзуву омол ва фикру андешаҳои ҳамон халқро инъикос менамоянд. Барои ҳамин ҳам, афсона ба ҳиссиёт, ҳолатҳои руҳӣ ва хусусиятҳои психологии бачагон хеле мувофиқанд. Аз ин рӯ, онҳо тез ба ғояҳои афсона дода мешаванд. Қаҳрамонҳои асосии афсонаҳоро самимона дӯст медоранд. Агар ғалаба кунанд, шодӣ мекунанд, агар дар ҳолати ногувор афтанд, ғамгин мешаванд.

Чунки афсонаҳои халқӣ ҳолати психологии бачагонро инъикос менамояд ва ба ҳамин восита имконият медиҳад, ки инкишофи мутаносиби фикрӣ ва ахлоқии бачагон таъмин карда шавад.

Халқ афсонаҳоро ба эҷод намуда, кӯшиш кардааст, ки дар онҳо сифатҳои беҳтарин, идеал (мақсади олӣ), арзишҳо, принсипҳои худро таҷассум намояд ва онҳоро барои насли наврас мерос гузорад. Ба монанди: меҳнатдустӣ, ҳамкории дастаҷамъӣ, хоксорӣ, саховатмандӣ, ростгӯйӣ, ростқавлӣ, ватандӯстӣ ва дигарҳо.

Дар афсонаҳои халқӣ инчунин, далерӣ, шуҷоат, қаҳрамонӣ, меҳрубонӣ, меҳру шафқат, ҳисси дастгирӣ, дӯстӣ, рафоқат ва дигаҳо тарғиб ва сифатҳои бади инсонӣ маҳкум ва сарзаниш карда шудаанд.

Афсонаҳо одатан, гурӯҳбандӣ мешаванд, зеро онҳо воситаҳои гуногуни таъсири руҳӣ ва таъсиррасонӣ ба инсонро доранд. Чунончи, ба афсонаҳои бадеӣ, ҳамоне дохил мешавад, ки маҳсули ҳикмати чандинасраи мардум мебошад ва муаллиф дорад. Маҳз, чунин афсонаҳоро метавон асотир, ҳикмат ва таърих номид.

Дар афсонаҳои халқӣ – қаллобӣ, мардумфиребӣ, муфтхурӣ, ва дигарҳо мазамат шудаанд. Ҳар як афсона маънии чандин китобро дар бар мегирад. Барои ҳамин ҳам А.М. Горький таъкид намуда буд, ки «…таърихи халқро, албатта, донистан зарур, инчунин фикрҳои иҷтимоӣ сиёсии онро ҳам донистан лозим аст. Олимон - муаррихони маданият, этнографҳо – мегӯянд, ки ин фикрҳо дар афсонаҳо, латифаҳо, зарбулмасал ва мақолҳо ифода ёфтааст» [4, с. 48].

Чи бачагони сини хурди томактабӣ, чи бачагони сини хурди мактабӣ ба шунидани афсонаҳо шавқу ҳаваси калон доранд. Шуҷоати беамсоли қаҳрамонони афсонаҳои сеҳрнок ҳиссиёти эстетики бачагонро бедор карда, онҳоро ба «корнамоӣ» руҳбаланд менамояд, яъне амалиёти он қаҳрамонҳо дар бозиҳои бачагон ифода меёбад. Масалан, дар афсонаи «Эраҷпаҳлавон» (ҳаҷман калон буда, ба синфи 4 тавсия кардан беҳтар аст) ҳаёти реалӣ бо амалиёти афсонавӣ омезиш - ёфта, аҳамияти калони тарбиявӣ – эстетикӣ касб кардааст.

Вақте ки муаллим дар машғулияти беруназсинфӣ ин афсонаро таҳлил менамояд, бояд ба бачагон дар бораи жанри афсона ва сюжете «Эраҷпаҳлавон» тасаввуроти пешакӣ дода, чунин саволҳоро ба миён гузорад: муайян кунед, ки кадом қисмҳои асар воқеаҳои ҳаёту манзараҳои табиатро тасвир мекунаду кадои қисмҳояш ҳодисаю предметҳои афсонавиро? Муаллим мефармояд, ки асарро пурра хонда барояд ва манзараи табиатро ҷудо кунанд. Бачагон манзарароро чунин ҷудо мекунанд:

«Аввали баҳор шуд. Иди Наврӯз омад. Аҳолии деҳа либосҳои идона пқшида дар идҷо – майдоне, ки дар канори деҳа воқеъ шуда буд, ҷамъ шуданд. Бузкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштингирӣ сар шуд. Навозандагон, ҳофизон, ширинкорон ҳунарҳои худро намоиш медоданд». Муаллим чунин саволҳо медиҳад:

- Барои чӣ одамон дар деҳа нею берун аз он ҷамъ омаданд?

- Бузкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштингирӣ, мусиқинавозӣ, суруд ба чӣ муносибат буд? Саволи якум бачаҳоро ба фикркунӣ водор мекунад, яъне вай машқи инкишоф додани фикр ва хаёли эҷодӣ мебошад.

Афсонаи «Духтари ҷасур» ҳам ба мавзуи қаҳрамони бахшида шудааст (синфи 4). Аммо сюжети ин афсона аз сюжети «Эраҷпаҳлавон» ба куллӣ фарқ мекунад. Бар акси ақидаҳои бой – феодалӣ нисбат ба зан дар ин афсона қаҳрамонҳо аз духтарон интихоб карда шудаанд. Мақсади қаҳрамонҳои афсона ба даст овардани ашёи табиат – дарахт аз меваи он дору тайёр кардашаванда ва худи дору мебошад. Ҳар ду афсона танҳо аз он ҷиҳат ба якдигар қаробат

доранд, ки Эраҷпаҳлавон барои аз банди девҳо халос кардани падараш, духтар бошад, барои аз нобиноӣ наҷот додани падараш бо девҳо рӯ ба рӯ мешавад.

Дар ин афсона духтар коре мекунад, ки мардҳо аз уҳдаи он баромада наметавонанд. Чи дар афсонаи «Эраҷпаҳлавон» ва чи дар афсонаи «Духтари ҷасур» муборизаи инсон ба дев инъикос ёфтааст.

Ба хонандагони синфҳои ибтидои ин афсонаҳоро омӯзонда, бо ҳаёти имрӯза вобаста кардан, яъне образи девҳоро ба фашистони дар давраи ҷанги Бузурги Ватанӣ, душманони хунхор дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон образи Эраҷу духтари пирамардро ба Ҳодӣ Кенҷаев, Эргаш Шарифов, Ҳайдар Қосимов, Эмомалӣ Раҳмон ва даҳҳо дигарон, ки дар ҷанги зиддӣ дев – фашизми хонумонсӯз қаҳрамонии бемисл нишон додаанд, ба садҳо қаҳрамони меҳнати сосиалистӣ, ки табиатро ба ҳукми худ дароварда дигаргун сохтаанд ва зебоии худро дар ҷидду ҷаҳд, мубориза, меҳнати пурмаҳсул мебинанд, монанд кардан аҳамияти калони эстетикӣ – тарбиявӣ дорад. Барои бачагони 7-8 сола афсони «Донак»характернок аст. Дар он психология бачагонро равшан мебинем. Сюжети офсона барои онҳо хело мароқовар аст.

Педагог – равоншинос чунин афсонаҳоеро бояд интихоб намояд, ки на танҳо барои кӯдакон фаҳмо бошанд, балки онҳоро ба бозӣ ва андеша водор кунанд, масалан, афсонаҳои С. Маршак, В. Стуеев, Дж. Родари, А. Линдгрен, Н. Н. Носов, К. И. Чуковский, С.В Михалков ва инчунин афсонаҳои халқии русии «Шалғамча», «Кулча», «Сармо» ва ғайра .

Афсона барои фаҳмиши олам барои кӯдак дастрас аст, зеро дарки олам аз ҷониби кӯдак хусусияти ҳиссию эмотсионалӣ дорад. Барои ӯ ҳанӯз мантиқи мулоҳизаи калонсолон ношинос аст. Афсона мантиқу мулоҳизаро талаб намекунад. Дар он фақат симоҳои сеҳрнок, ки кӯдак аз онҳо ҳаловат мебараду ҳусни таваҷҷуҳи худро зоҳир менамояд, намоён мешаванд.

Ғояи афсона худ аз худ маълум аст. Афсонаи мазкур дар замони феодализм ба майдон омадааст. Дар он замон боғу замини камбағалонро бом акру ҳила ва дӯғу пӯписа аз худ мекарданд, баробари ин, онҳоро хизматгори хонаи худ месохтанд, дар мавридҳои зарурӣ аз куштани онҳо рӯ намегардонданд. Албастӣ образи ҳамон феодалонест, ки дарахти бо меҳнат ва бесабрӣ сабзондаи кӯдакро аз они худ кардanӣ мешавад. Вале, хушбахтона, аз як тараф ҳушёрӣ, аз тарафи дигар, дарахти сафедор Баҳромро аз марг наҷот медиҳад. Баҳром на танҳо халос мехӯрад, балки инчунин, душмани нодони худро ба марг мерасонад.

Дар афсона сабабгорони асосии ин воқеаи оптимистӣ донак – ашёи табиат ва модар – ду чашмаи хушкнашавандаи ҳаёт, ду манбаи афзояндаи иқтидори табиат ва ҷамъият мебошанд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ, хусусан, синфҳои 1 – 2 баъди шунидан ё хондани ин афсона ба ҳушёрӣ, ботадбирии Баҳром қоил шуда, сафедорро нағз медидагӣ мешаванд. Онҳо метавонанд дар асоси сюжети ин афсона бозӣ ташкил намоянд.

Ғайр аз ин барои бачагони сини хурди мактабӣ аз қабили «Хурмачаи шӯлапазак», «Бибигамбусак», «Булбулаки саргашта», «Гунҷишк», «Нахӯдак», «Кулӯлабаҳодур» (синфҳои 1 - 2) бисёр афсонаҳои ҷолиби диққат дар китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик» гирд оварда шудаанд, ки онҳо дар инкишофи идрок ва ҳиссиёти эстетики хонандагон аҳамияти калон доранд. Дар баъзеи онҳо манзара ё ашёи табиат ба қаҳрамонон мадад мерасонанд ё садди роҳ мешаванд, дар баъзеашон ашёи табиат чун одамон амал ва гуфтугӯ мекунанд, дар қисми дигар барои ба даст овардани ашёҳои табиат мубориза меравад ва ҳоказаҳо.

Афсонаҳо аз дигар намудҳои эҷодиёти бадеӣ, пеш аз ҳама бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо чизҳои хаёлӣ монанди дев, парӣ, албастӣ бештар амал мекунанд ва қудрати онҳо ба дараҷаи аз ақл берун тавсиф карда мешавад. Бо вуҷуди ин, инсон бар онҳо ғолиб меояд. Афсона метавонад қудрати беҳамтои Эраҷу Салимпаҳлавон, Гурзоду ҳикмати ҷаҳоннамо, инчунин асрори коинотро нишон диҳад ва пешгӯйӣ кунад. Рафтори шахс - андозаи қабулу тоқатпазирии инсонро дар ҳолатҳое, ки ба талабот ва нигарониҳо мувофиқат намекунад, инъикос менамояд ва амали ботаҳамули ӯро нишон медиҳад. Азбаски рафтор ба ҳисоб гирифтани мақсадҳои ахлоқии шахсро фаро дар атрофи мо ёрдамчиёни сершумор мавҷуданд, вале онҳо ҳамон вақт ба мо кумак мерасонанд, ки агар мо мустақилона аз ҳолати бавуҷудомада набароем ва ё ягон масъаларо мустақилона ҳаллу фасл нанамоем .

Нигарем ба афсонаҳо дар бораи ҳайвонот ва муносибатҳои мутақобили одамон ва олами ҳайвонот. Кӯдакони синни томактабӣ худро шабеҳи ҳайвонот месозанд ва кӯшиш менамоянд, ки

ба онҳо монанд бошанд. Аз ин рӯ, афсонаҳо дар бораи ҳайвонот аз ҳама беҳтар таҷрибаи зиндагиро меомӯзонанд [1, с. 84].

Афсонаҳои даҳшатовар. Инҳо афсонаҳое мебошанд, ки дар бораи қувваҳои зишт: ҷодугарзан, вампир, ғӯли ҷангал, тилисм, вурдалак ва амсоли ин нақл менамоянд. Дар афсонаҳои муосир афсонаҳои даҳшатовар фарқ карда мешаванд. Эҳтимол, дар ин ҷо вазъияти даҳшатоварро ба худ тасаввур карда, кӯдакон аз шиддати руҳӣ озод шуда, воситаҳои нави аксуламалро касб мекунанд.

Афсонаҳои сеҳрнок. Ин афсонаҳо барои кӯдакони синни томактабӣ нисбатан, шавқовар мебошанд. Ба шарофати афсонаҳои сеҳрнок инсони бешуур маҷмуи ҳикматҳои ҳаёт ва маълумот дар бораи инкишофи маънавии инсонро фаро мегирад.

Афсонаҳои бадеии соҳибмуаллиф нисбат ба афсонаҳои халқӣ бештар ҳаяҷоннок ва образнок мебошанд. Маҳз афсонаҳои таърихии соҳибмуаллиф ба мо дар бораи тарафҳои хусусии ҳаёте нақл мекунанд, ки барои ҷаҳонфаҳмӣ ниҳоят муҳим мебошанд.

Афсонаҳои дидактикӣ (таълимӣ) аз ҷониби педагогҳо бо мақсади баёни маводи таълимӣ ҷамъ оварда мешаванд. Дар ин маврид рамзҳои мавҳум (абстракт), рақамҳо, ҳарфҳо, овозҳо, амалҳои арифметикӣ ва ғайра ҷоннок шуда, тасвири афсонавии оламро, ки дар он зиндагӣ доранд, ба вуҷуд меоранд.

Афсонаҳои таълимӣ метавонанд моҳият ва донишҳои муайянро нишон диҳанд. Афсонаҳои халқӣ асоси доираи мутолиаи кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабиро ташкил медиҳанд. Дар хонандагони синни ҳафт-даҳсола афсона ҳамдардии амиқи эмотсионалиро ба вуҷуд меорад.

Таҳқиқоте, ки дар китобхонаҳои бачагонаи минтақаҳои гуногуни кишаварамон гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки хонандагони сини хурдсоли мактабӣ жанри афсонаро барои имконияти ҳамдардӣ ба қаҳрамонони дӯстдоштаашон бештар мепарастанд.

Маълум аст, ки тақрибан то синни дах – дувоздаҳсолагӣ дар кӯдакон тафаккури «нимкураи рост» бартарият дорад. Аз ин ҷост, ки инкишофи бароҳишон муҳим ва маълумоти иҷтимоӣ бояд ба онҳо ба воситаи образҳои равшан пешкаш карда шавад. Маҳз барои ҳамин саргузаштҳои афсонавӣ ва асотирӣ воситаи хуби ба кӯдакон додани маълумот дар бораи моҳияти олам маҳсуб меёбанд.

Афсона дар кӯдак барои тамоми ҳаёт асосҳои рафтор ва муоширатро ташаккул медиҳад, ӯро аз ҳама чизе, ки дар муносибати ӯ ба олами атроф халал ворид мекунад, огоҳ менамояд. Бесабаб нест, ки дар афсонаҳо ҳамеша кибру ғурур, аблаҳӣ, ноӯҳдабароӣ дар барқарор намудани муносибати хубу эҳтиромона на танҳо бо одамон, балки бо ҳайвоноту ашёҳо ҳам маҳкум карда мешавад. Ҳатто афсонаҳои аз ҳама сода низ лаҳзаҳои ибратбахш доранд. Масалан, афсонаи «Кулча» нақл дар бораи кӯдаке мебошад, ки гапи волидонашро гӯш намекард ва барои ин кораш ҷазо дид. Афсонаи «Кулоҳчаи сурх» аз ҳар гуна насиҳатҳои волидон ба кӯдак беҳтар талқин мекунад, ки барои чӣ бо одами ношинос суҳбат кардан мумкин нест.

Ибрати ғамангези ҳафт бузғолача аз афсонаи «Бузаки ҷингилапо» ба кӯдакон таълим медиҳад, ки ба ҳар каси бегона дарро кушодан мумкин нест. Дар афсона чун ҳаёт фиреб, хиёнат ва бераҳмӣ ҷой дорад. Аммо «мураббии бузургу доно» - афсона бо нақли худ ҳаётро дар назари кӯдак даҳшатангез вонамуд накарда, балки таълим медиҳад, ки зиштии ногузирро бояд таҳаммул кард, ба қадри имкон аз он канорачӯӣ кард ва бо вай бояд мубориза бурд [15, с. 376].

Дар он замоне, ки афсона ба кӯдак воқеаҳои шавқоварро нақл мекунад, барои мо, калонсолон низ маълумоти бисёре медиҳад. Истифода аз нақли афсона имкон медиҳад, ки мушкилоти эмотсионалию шахсии кӯдак ошкор шавад ва бо ёрии худи афсона онро метавон ислоҳ кард.

Асрҳои аср афсона ҳамчун воситаи хуби муассир ба ҳолати рӯҳии кӯдак истифода мешуд. Афсона дар замири кӯдакон тасаввурот дар бораи некию бадӣ, заруру ногузирӣ, ҳаёту маргро ташаккул медиҳад. Ҳар як афсона майдони муҳорибаи байни некию бадӣ мебошад. Муҳорибае, ки дар он ҳам тарафҳои мусбат ва ҳам тарафҳои манфии табиати инсон намудор мегарданд.

Моҳияти афсона дар вусъати доираи шуур ва рафтори кӯдак, таъсир расондан ба олами ҳиссиёт ва ақли ӯ саҳми босазо дорад. Машғулият аз рӯи муолиҷа бо афсона низ аз усулҳои

санҷидашуда маҳсуб меёбад, Чунончи, он тибқи методикаи О. Смирнова ба таври инфиродӣ ва ё дар зергурӯҳҳои иборат аз 2-3 кӯдак гузаронида мешавад.

«Бояд тазаккур дод, ки кӯдакони гирифтори тақдири вазнин ва аз ҷониби ҳамсолони худ таҳқиршуда ба бадию беадолатӣ хеле шадид ҷавоб мегардонанд ва, баръакс, ба ҳар некие, ки аз ҷониби атрофиён зуҳур мегардад, бо эҳтиром муносибат мекунанд. Аз ин рӯ барои мураббӣ лозим аст, ки ҳангоми хондани афсона хислати қаҳрамононро аниқ баён намояд» [12, www.festival.1september.ru].

Дар афсона байни некию бадӣ, симои хубу бад сарҳади муайяне мавҷуд аст ва кӯдак медонад, ки симои бад ҳатман мағлуб мешавад ва қувваи некӣ ғалаба мекунад. Ин ҳиссиёти мураккаб ӯро ба тартиб медарорад ва хотимаи неки афсона дар замираш боварии қавиеро ба вуҷуд меорад, ки дар оянда вай ҳам ягон кори хайреро анҷом хоҳад дод.

Нақши муҳимми афсона аз он иборат аст, ки ба кӯдакон тобоварӣ, хурсандию ҳамдардӣ, ғамгин шудан, фикри худро бурро баён кардан, нуқтаи назари худро ҳимоя кардан, дарёфту таҳлили кирдорҳои хубро ёд медиҳад. Барои он ки кӯдак тавонад бошуурона рафтори худро идора намояд, ба ӯ ҳиссиёти худро мувофиқ зоҳир намудан, дарёфти усули оқилонаи баромадан аз вазъияти баамаломада, ёд гирифтани усулу воситаҳои таҳлили рафтори худ ва рафтори одамони дигарро бояд омӯзонд. Ба ақидаи М. И. Новикова, афсона бо унсурҳои мусиқӣ, зочабозӣ, бозиҳои театрикунонидашуда усули нисбатан, самарабахши камолоти шахсию иҷтимоӣ мебошад [6, www.korped.ru].

Имрӯз усули кор бо хонандагони синни хурсоли мактабӣ дар заминаи афсонаҳо ва қаҳрамонони он дар тарбияи хислат ва нишонаҳои таҳаммул ва эҳтироми кулли инсонҳо фаъолона аз ҷониби олимони равоншинос, педагогика ва логопедия таҳия мегардад. Чунки ҳатто дар афсонаҳои аз ҳама соддаву хурд лаҳзаҳои пандомезу дорои хусусиятҳои волои тарбиявӣ ва ахлоқӣ мақоми пуразиш доранд. Афсонаҳо, ба андешаи мо, василаи боэътимоди ташаккули башардӯстӣ, инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбанд.

Пӯшида нест, ки кӯдакон ҳанӯз аз сини томактабӣ ба забоиҳои муҳити зист бениҳоят завқу шавқ зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ онҳо дар синфҳои ибтидоӣ дарсҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва меҳнат, тарбияи ҷисмониро бесаброна мунтазир мешаванд. Аммо дар таҷриба муаллимони синфҳои ибтидоиеро дидем, ки аз нодонӣ ва надоштани қобилияти мусиқинавозӣ, расмкашӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ба ҷои ин дарсҳо забони модарӣ, риёзӣ ва ғайра мегузаранд. Ин ноумедсозӣ, завқшиканӣ ва беэътиноӣ нисбат ба кӯдакон асту бас.

Дар синну соли хурди мактабӣ тасаввуроти биноӣ, шунавоӣ ва тақлидкунии кӯдакон хеле пурзӯр мешавад. Муаллими синфи 2 мактаби рақами 7 шаҳри Қурғонтеппа ба талабагон дар дарси санъати миллӣ ва меҳнат аз хотир ва тасаввуротҳои худ кашидани расми ягон суроберо (моҳӣ, себ, парасту, пиёла…) вазифа супорида буд. Дар дарси навбатӣ дид, ки духтарчае дар албоми худ расми одами болдор ва дар ҷои дигар сурати бадҳайбати одами шохдор кашида омадааст, ки ин ҳамаро дар ҳайрат гузошт. Духтарак ба саволҳои муаллим ҷавоб дода гуфт, ки одами қанатдору шохдор мешавад, ман суратҳои онҳоро дар китоб дидаам ва аз афсонаҳои момоям ҳам шунидаам. Маълум шуд, ки духтарча аз тасаввуроти биноӣ ва шунавоии худ чунин расмҳои мураккабро кашидааст.

Алалхусус тасаввур ва хаёлот манбаи орзуҳои ширин, шуълаи қобилияти эҷодӣ, ихтирооту навовариҳост. Ҳамин тасаввурот ва хаёлот буд, ки инсоният ба кашфиёт даст зад, орзуи ҷаҳоннамо кард, оҳанро парвоз дод.

Ҷойи муҳимро дар ҳаёти мактабиёни хурдсол хониши берун аз синф ва сайёҳат ба табиат ташкил медиҳад. Хонандагон дар қатори машғулиятҳои таълимӣ аз хониши асарҳои берун аз синф сабақи аввалини бошуурона таҳлилкунӣ мегиранд. Онҳо ба масъалҳои асосии асари бадеӣ чуқур шинос шуда, ба ошкор кардани образҳои он эътибор медиҳанд. Муҳокимаи китобҳо ба онҳо муқоиса кардани фаъолияти худ бо образҳои гуногуни бадеиро имкон медиҳад. Мактаббачагони хурдсол дар натиҷаи хондани китобҳои бадеӣ, яъне китобчахои афсона шавқу ҳавасашон доир ба ҳунаромузӣ зиёд мешавад, инчунин мустақилона мутолиа намудани китобҳоро ёд мегиранд ва ин шуури онҳоро тарбия карда, тасаввуроти онҳоро хеле бою равшан мегардонад.

Афсона ҳамон чархест, ки хусусиятҳои нозуктарини таффаккури фардии ҳар бачаро тез мекунад ва дар баробари хамин дили бачаро ба бачаи дигар во мекунад, дар коллективи бачаҳо муносибатҳои нозуки интеллектуалӣ ба вучуд меоварад. Дар мактаби мо бачаҳое ҳастанд, ки таҳсил барояшон хеле душвор аст.

Ҷараёни таффаккури ин кӯдакон хеле сусту батаъхир ва қувваи ҳофизаашон бағоят суст аст. Бинобар ин, чӣ хеле, ки дар боло қайд намудам, афсона бачаҳоро руҳбаланд месозад, шавқу завқ, хуҳолӣ мебахшад, агар афсона намебуд, онҳо аз завқи шунидану хондан сайр дар олами тахайюл ва орзуҳо маҳрум мемонданд, ба дунболи андешаҳои ботил рафта, худро тирабахт эҳсос менамуданд. Аз ин рӯ, дар кӯдакон хислатҳои раҳму шавқат, поквиҷдонию ростқавлӣ, меҳнатдӯстиву ватанпарварӣ, инсондӯстиву некдилӣ, донишандузиву хирадмандӣ, аҳду вафо, ҳурмату эҳтироми якдигар ва боз даҳҳо паҳлуи дигари тарбияи инсон, тарбияи ахлоқу одоби некро тарбия кардан лозим аст, чунки афсонаҳои халқӣ мактаби тарбия ба шумор мераванд.

Ҳангоме, ки дар афсона шахси некдилу меҳрубон ба ягон кулфат гирифтор мешавад, кӯдакон ғамгин мешаванд, афсус мехӯранд. Дар ҳолати ба кулфат гирифтор шудани одами бадкирдор бошад, кӯдакон худдорӣ карда натавониста, бо шавқ мегуянд, ки хуб шуд, аҷаб шуд. Ин ҳама аз таъсири тарбиявии афсонаҳои халқӣ дарак медиҳанд. Афсона, бозӣ, фантазия, сарчашмаи ҷаҳонбахши тафаккури кӯдак, эҳсос ва саъю кӯшишҳои наҷибонаи ӯст. Таҷрибаи бисёрсола эътимод мебахшад, то бигӯем, ки ҳиссиёти эстетикӣ, маънавӣ ва зеҳние, ки дар қалби кӯдак аз таассуроти образҳои афсонавӣ ба вуҷуд меоянд, сели андешаро ба ҷӯшу хурӯш меоранд, ки он майнаро фаъол мекунад, майдони фикрро густариш дода, тану ҷонро аз хушиҳо шодоб месозад.

1.Тавассути образҳои афсонавӣ ба шуури бачагон калима бо нозуктарин тобишҳояш роҳ меёбад; он ба муҳити ҳаёти маънавии кӯдак, ба василаи ифодаи фикру эҳсос– василаи воқеии тафаккур табдил меёбад.

2. Дар зери таъсири ҳиссиёте, ки образҳои афсонавӣ бедор месозанд, кӯдак бо калимаҳо фикркуниро меомӯзад. Бе афсонаи шавақагезу муъҷази шууру ҳиссиёти кӯдакро фарогиранда, тафаккур ва нутқи бачаро чун зинаи муайяни тафаккур ва нутқи одамӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

3. Бачаҳо аз он басо қаноатманд мегарданд, ки фикри онҳо дар олами образҳои афсонавӣ сайр мекунад. Ҳамон як афсонаро кӯдак метавонад панҷ, даҳ маротиба нақл кунад ва ҳар дафъа ягон чизи наверо дар он ошкор намояд.

АДАБИЁТ

1. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. - Душанбе, 2005.

2. Афсонаҳои халқи тоҷик. Бозгӯи Рачаб Амонов. - Душанбе, «Ирфон», 1990.

3. Баён Рахимов, Абдулбоқӣ Нуров. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. - Душанбе, «Шарқи озод», 2008.

4. И. Брагинский, И. Левин и др. – Дущанбе, 1986. – 239 с.

5. Горкий А.М. О литературе. - Москва, 1953.

6. Зинкевич-Евстигнеева Т.Д. Путь к волшебству. Теория и практика сказкотерапии. - СПб.: Речь, 1998. – С. 48.

7. Қодиров К.Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. - Душанбе, 1998.

8. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. - Душанбе: «Маориф», 1997.

9. Новикова М.И. Элементы сказкотерапии в социально-личностном становлении детей с проблемами в развитии. – www.korped.ru.

10. Нуров А. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон. - Душанбе, «Ирфон», 2003.

11. Сайфуллаева М. Мать и дочь в народной педагогике таджиков // Народная педагогика и современные проблемы воспитания: материалы Всесоюз. науч.-практ. конф. Ч. 4. – Чебоксары, 1991. - С. 17-19.

12. Свод таджикского фольклора. Пословицы. - Том 4.

13. Смирнова О.И. Использование сказок в нравственном воспитании младших школьников. – www.festival.1september.ru.

14. Таджикские пословицы и поговорки \\ Сост. Б.Тилавов. Под. Ред. Р.Амонов. – Душанбе: «Адиб», 1990. - Том 2. - С.96-97.

15. Фозилов М. Панду ҳикматҳо. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. - Душанбе, 1967. – С. 479
16. Фольклори тоҷик. Хрестоматия. - Душанбе: Маориф, 1989. - 376 с.

НАҚШИ ТАБИАТ ДАР АФСОНАҲО

Муаллиф дар мақола оид ба бойигариҳои табиат, ки он ба инкишофёбии шахсият таъсири бевосита мерасонад, дар афсона инъикоси онро нишон дода тавонистааст. Муъҷизаи табиат худ афсона аст. Афсона ҳам аз муъҷиза тавлид ёфтааст. Бинобар ин, афсона эҷоди шахс аст. Инсон бо таъсири муҳит рушд мекунад. Табиат вобаста ба вазифаҳои тарбия дар натиҷаи таълим додан ва тарбия кардани шахсият дар ҷомеа таъсири худро мерасонад. Одамон дар замонҳои қадим сахтию карахтӣ, золимию ноадолатиҳои даврони худро дида, андешаҳои хешро тавассути афсонаю ҳикоя, шеъру суруд, зарбулмасалу мақол баён менамуданд. Аз ин ру, дар мақола нишон дода шудааст, ки афсона барои фаҳмиши олам барои кӯдак дастрас аст, зеро дарки олам аз ҷониби кӯдак хусусияти ҳиссию эмотсионалӣ дорад. Барои ӯ ҳанӯз мантиқи мулоҳизаи калонсолон ношинос аст. Афсона мантиқу мулоҳизаро талаб намекунад. Дар он фақат симоҳои сеҳрнок, ки кӯдак аз онҳо ҳаловат мебараду ҳусни таваҷҷӯҳи худро зоҳир менамояд, намоён мешаванд. Инчунин, дар бораи намудҳои афсона низ фикрҳои хуб нишон дода шудааст. Бахусус, тасаввур ва хаёлот манбаи орзуҳои ширин, шуълаи қобилияти эҷодӣ, ихтирооту навовариҳост. Ҳамин тасаввурот ва хаёлот буд, ки инсоният ба кашфиёт даст зад, орзуҳи ҷаҳоннамо кард, оҳанро парвоз дод.

Калидвожаҳо: *табиат, афсона, инсон, шахсият, ҳикоя, нақш, хонандагон, сеҳрнок, даҳшатангез, бадеӣ, кӯдакон, зебоӣ, тасаввурот, хаёл.*

РОЛЬ ПРИРОДЫ В СКАЗКАХ

Автор в статье о богатстве природы, о том, что оно оказывает непосредственное влияние на развитие личности, смог показать его отражение в сказке. Чудо природы само по себе является сказкой. Сказка рождается также из чудес. Поэтому сказка-это создание человека. Человек развивается под воздействием окружающей среды. Природа в зависимости от задач воспитания оказывает свое влияние на воспитание и воспитание личности в обществе. В древности люди видели жестокость и оцепенение, несправедливость и угнетение своего времени и выражали свои мысли через сказки, стихи, песни, пословицы и поговорки. Поэтому в статье показано, что сказка доступна ребенку для понимания мира, поскольку восприятие мира ребенком носит чувственно-эмоциональный характер. Ему до сих пор незнакома логика взрослого мнения. Миф не требует логики или рассуждений. В ней видны только теплые образы, которыми ребенок наслаждается и проявляет свое внимание. Также были показаны хорошие отзывы о типах фей. В частности, воображение является источником сладких снов, искрой творческих способностей, изобретений и инноваций. Именно это воображение и фантазия привели человечество к открытиям, к мечтам о мире, к запуску железа в полет.

Ключевые слова: *природа, сказка, человек, личность, рассказ, роль, читатели, магия, вольшебное,ужасный, художественный, дети, красота, воображение, фантазия.*

THE ROLE OF NATURE IN MYTHS

In an article about the wealth of nature, which has a direct impact on personality development, the author was able to show its reflection in a fairy tale. The miracle of nature is itself a myth. A fairy tale is also born out of miracles. Therefore, myth is a creation of man. A person develops under the influence of the environment. Nature, depending on the tasks of upbringing, has its influence on the upbringing and upbringing of a person in society. In ancient times, people saw the cruelty and stupor, injustice and oppression of their time and expressed their thoughts through fairy tales, poems, songs, proverbs and sayings. Therefore, the article shows that a fairy tale is accessible to a child for understanding the world, since the child's perception of the world is of a sensory-emotional nature. He is still unfamiliar with the logic of adult opinion. A myth does not require logic or reasoning. Only warm images are visible in it, which the child enjoys and shows his attention. Good reviews about the types of fairies were also shown. In particular, imagination is a source of sweet dreams, a spark of creativity, inventions and innovations. It was this imagination and fantasy that led mankind to discoveries, to dreams of peace, to launching iron into flight.

Keywords: *nature, myth, person, personality, history, role, readers, magic, horror, fiction, children, beauty, imagination, fantasy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мамадносирова Мобегим Мирзомамадовна*** **-** *номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*

Сведение об авторе: ***Мамадносирова Мобегим Мирзомамадовна*** *- кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии начальных классов Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.*

Information about the author: ***Mamadnosirova Mobegim Mirzomamadovna*** *- candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology of Primary Schools, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.*

ПАҲЛУҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ФАЛСАФИИ ОСОРИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Маҳкамов Д.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилотиТоҷикистон

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихиву фарҳангии мо дар айни замон эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад» [1, с. 26].

Сарчашмаи фарҳанги қадимие, ки аз он дар бораи тамаддуну фарҳанги баланди миллати тоҷик ошноӣ пайдо намудан мумкин бошад, ин пеш аз ҳама, осори баландғояи олимон ва намояндагони адабиёти классики тоҷику форс мебошад, ки яке аз намояндагони барҷастаи он Ибни Сино маҳсуб меёбад.

Ба рӯзгори Ибни Сино ва фарҳанги баланди оламгири ӯ танҳо тавассути хотираҳои худи ӯ ва ёддоштҳои шогирди вафодораш Абӯубайд Ҷузҷонӣ метавон шинос гардид. Абуалӣ Ҳусейн Ибни Абдуллоҳ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшанаи шаҳри Бухоро дар оилаи маъмури давлатӣ ба дунё омадааст. Падари Ҳусейн шахси фозил буда, ба тарбияи фарзанди худ эътибори чиддӣ медод. Ӯ писарашро дар синни панҷсолагӣ барои таҳсил ба мактаб супорид. Абӯалӣ зеҳну ҳофизаи фавқулодда дошта, ба тезӣ хату савод бароварда, Қуръонро аз ёд карда, сарфу наҳв ва адабро аз бар намуд [3, с. 143].

Падараш истеъдоди ӯро пай бурда, барои дар илми арифметика моҳир гардидани фарзандаш муаллими хусусӣ интихоб менамояд ва Абӯалӣ дар зери назари муаллим Маҳмуди Массоҳ ин илмро ба зудӣ аз бар намуда, талаботи илмҷӯияш ба дигар соҳаҳо афзоиш меёбад.

Падараш инро дарк намуда, барои ӯ олими фалсафадон Абуабдуллоҳи Натилиро ба сифати омӯзгор даъват менамояд, ки ба фарзандаш фалсафа омӯзад. Абӯалӣ, ин илмро низ ба зудӣ аз худ намуда, ба худомузӣ пардохт, ки дар ҳалли бисёр масъалаҳо муаллимон дигар ӯро қанеъ кунонида наметавонистанд.

Сулолаи Сомониён соли 999 аз ҳуҷуми Туркҳои Қарахонӣ аз Шимолу Шарқ ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз Ҷануб ва исёни феодалҳои дохилӣ барҳам хӯрд. Сино маҷбур шуд, ки аввал ба Хоразм рафта, дар дарбори Алӣ ибни Маъмун монад. Ӯ дар Хоразм имкон пайдо намуд, ки бо олимони машҳур: Берунӣ, Абунасри Ироқ, Суҳайли Масеҳӣ, Абдулхайри Ҳаммор шиносоӣ пайдо намуда, 10-12 сол дар он ҷо бо онҳо бимонад [4, с. 3-4].

Султон Маҳмуд аз ҳокими Хоразм бо мактуб талаб кард, ки олимони дар дарбораш бударо ба дарбори ӯ ба Ғазна фиристонад. Ин ҳодиса Синоро маҷбур сохт, ки пинҳонӣ бо роҳи регзори Хоразму Хуросон роҳро ба сӯйи Ҷурҷон пеш гирад. Ӯ ҳануз ба Ҷурҷон нарасида буд, ки Кобусро исёнгарон ҳабс карда, писараш Фалакулмаолӣ Манучеҳр (1012-1029), ки тобеи Султон Маҳмуд буд ба тахт шинонанд.

Сино аз шунидани ин хабар ноумед гардида, Дурдонро тарк карда, ба Деҳистони Мозандарон, ки дар лаби баҳри Хазар буд рафт, вале аз сабаби беморӣ боз гашта ба Ҷурҷон омад. Дар ин сафару сарсониҳо ба Сино Абӯубайди Ҷузҷонӣ шогирди содиқаш мадади зиёде намудааст, то ки донишҳои бойи ӯро рӯйи қоғаз биёрад.

Сино дар ин лаҳзаҳо дар Ҷурҷон монданро хавфнок шумурда, бо Абӯубайд ба Рай ва аз он ҷо ба Қазвин сафар карда, дар он ҷойҳо ҳам вақти зиёд монда натавониста, ба Ҳамадон меравад. Ҳокими он ҷоро аз бемории меъда шифо бахшида, сазовори ҳурмату эҳтиром гардид ва ба ивази

хизматаш ӯро ба вазифаи вазир сазовор донистанд. Аммо вазирии ӯ ба омма маъқул наафтод, дарбориён ва аскарони кироя хонаи ӯро тороҷ карда, аз Шамсуддавла қатлашро дархост карданд [6, с. 203].

Дар ин давра бо хоҳиши шогирдаш Абӯубайд ба навиштани «Китоб- уш- Шифо» оғоз карда, аз вазифаи вазирӣ истеъфо дод. Дар навиштани ин китоб мувофиқи шоҳидии шогирдаш аз ягон дастуру сарчашма ғайр аз хотира истифода набурдааст, ки ин далели қувваи бузурги ҳофиза ва дониши бой доштани Сино мебошад.

Душманони Сино ба ҳокими Ҳамадон Самоуддавла мактуб навиштанд, ки гуё Сино бо ҳокими Исфаҳон Алоуддавла алоқаи ҷосусии хаттӣ дорад. Ин иғво боиси дар қалъаи Фардҷон бандӣ гардидани Сино гардид. Аммо дар ҳабс ба ҷойи аз фаъолияти эъҷодӣ мондан Сино ба навиштани қиссаи фалсафии «Ҳай бинни Яқзон» ва асари илмии «Ал-Ҳидоёт» шуруъ кард. Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки дар роҳи дарки маънӣ барои Сино ҳеҷ чиз монеъ шуда наметавонист, ки ӯро аз ин ҷараён дур нигоҳ дошта тавонад, ӯ пайваста дар ҳоли эҷод қарор дошт.

Баъди аз тарафи Алоуддавла забт шудани Ҳамадон Сино аз ҳабс озод шуда, ба Исфаҳон омада, боз ба вазифаи вазирӣ таъин гардид. Дар солҳои 1030-1041 писари Султон Маҳмуд - Султон Масъуд ду бор Исфаҳонро забт карда, ғорату тороҷ намуд, ки боиси бенаво гардидани меҳнаткашон гардид [2, с. 28].

Асари асосии Сино дар соҳаи тиб «Қонуни илми тиб» мебошад, ки энсиклопедияи тиббӣ ба шумор рафта, солиён китоби рӯйимизии табибони Шарқу Ғарб ба ҳисоб мерафт. Хизмати Сино дар соҳаи фалсафа низ ниҳоят бузург мебошад, зеро аз 200 асари илмии вай 50-тояш ба фалсафа бахшида шудааст, ки дар байни онҳо «Донишнома», «Китоб-уш-Шифо», «Китоб-ан-Наҷот» ҷойи хоссаро ишғол менамоянд.

Фалсафа ба ақидаи Сино - ин илм дар бораи умуман, ҳастӣ мебошад. Вай фалсафаро ба се қисм тақсим мекард: физика (таълимот оиди табиат), мантиқ (илм дар бораи донистани табиат ва инсон), метафизика (илми умуман донистани ҳастӣ). Мутолиаи ин асарҳо нишон медиҳад, ки масъалаҳои таносуби ҳастӣ ва табиат, шаклҳои ҳастӣ, сурату модда, нафсу тан, сабабу натиҷа, ва маърифати олами моддӣ дар маркази диққати мутафаккир ҳамеша қарор дошт.

Ибни Сино дар ақидаи иҷтимоии хеш адолатхоҳ ва халқпарвар, тарафдори шоҳи одил ва бомаърифат буда, хашм ва ҷабру зулмро мазаммат менамуд [3, с. 144].

Олам қадимӣ аст. Ин ақидаи пешқадами худро Сино бо далелҳои зиёди ақлӣ, нақлӣ ва мантиқӣ асоснок менамояд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

а) сабабу натиҷа, зотан дар замон баробар вуҷуд доранд. Бинобар, агар олам қадимӣ бошад, олам ҳам чун натиҷаи он бояд қадимӣ бошад.

б) ҳар чӣ ҳастияш номумкин аст, ҳаргиз пайдо шуда наметавонад, чиз дар ҳолате пайдо шуда метавонад, ки имконияти ҳастӣ дошта бошад.

в) модда бар чизҳои замонидошта ҳамеша муқаддам буда, номутаноҳӣ аст: Аз рӯйи ин ақида, олам қадимӣ буда, имконияти пайдоиши ҳама чизро бо шароити табиӣ муҳайё месозад. Сино мафҳуми қадимро ба ду маънӣ истифода бурдааст: 1. қадим ба зот, яъне худ ба худ қадим будан; 2. қадим ба замон, яъне интиҳои замонӣ доштан.

Дар системаи фалсафии Ибни Сино ба масъалаи моҳияти ҳаракат, замон ва макон, ки шаклҳои ҳастии оламанд, таваҷҷуҳи зиёде зоҳир гардидааст [4, с. 2-4].

Ибни Сино дар «Донишнома» ба ҳаракат ҳамчун шакли мавҷудияти олам чунин таъриф додааст: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гуянд, ки андар ҷой бувад. Валекин акнун номи маънӣ дигар шудааст олитар аз ҷунбиши ҷойгоҳӣ, ки ҳар ҳоле ва ба феъл будане, ки чизеро бувад, ки вай ба қувват будани он чиз аст, онро ҷунбиш хонанд».

Ибни Сино ба шаклҳои ҳаракат дуруст сарфаҳм рафта, онҳоро ба ҷумбиши каммӣ, кайфӣ, маконӣ, вазъӣ тақсим намудааст. Ҳаракати каммиро чун афзоиш, нашъунамо, каму зиёд шудани ҳаҷм ва вазни ҷисм мефаҳмид [9, с. 52].

Ҳаракати кайфӣ дар назари Ибни Сино тағйир ёфтани ҳолатҳои гуногуни ҷисм мебошад. Гузаштани сардӣ ба гармӣ, тарӣ ба хушкӣ, сиҳатӣ ба беморӣ, сиёҳӣ ба сафедӣ мисоли ҳаракати кайфӣ мебошанд. Тағйироти кайфӣ дар назари Сино тағйироти худи ҷисм набуда, балки табдилёбии ҳолати он мебошад.

Ибни Сино дар «Китоб-уш-шифо» бо далел ҳастии мавҷудияти ҳаракати ҷавҳариро рад кардааст. Аз далели Сино оиди радди ҳаракти ҷавҳарӣ бар меояд, ки ӯ аз диалектикаи пойдорӣ ва нопойдорӣ дур буда ба он роҳ наёфтааст.

Ҳаракати маконiро Ибни Сино ҳамчун ҷойивазкунии ҷисм шарҳ дода навишта буд, ки «нашояд ҷисме аз маконе ба маконе шавад, ғайри чунин ҳолате, ки ӯро ҷунбиш хонанд». Аз рӯйи ин таъриф ҳаракати маконӣ намуди ҳаракати имрӯзаи механикӣ мебошад [4, с. 64].

Ибни Сино дар тадқиқи моҳияти ҳаракати маконӣ ду фикри пешқадами аз нуқтаи назари илмӣ ниҳоят муҳимро баён кардааст. Якеи он тасаввуроти ӯ дар бораи «майл», ки аз ҷисм ба ҷисм мегузарад ва ҷисм то тамом шудани он ҳаракат мекунад. Аз ин тасаввуроти ӯ бӯйи қонуни инерсия меояд, ки онро дар аввали асри XV11 Галилей кашф карда буд. Дуюм Ибни Сино суръати ҳаракати маконiро ба муқовимоти ҷисмхои дигар ва вазни хоси ҷисмхои мутаҳаррик вобаст медонад. Ӯ ақидаи баъзе мутафаккиронро дар бораи ҳаракати касрӣ, ки гуё «ҳар чӣ хурдтар будӣ, тезтар ҷунбад ва ҳар чӣ бузургтар будӣ, дертар ҷунбад» зери танқид мегирад. Яке аз ақидахои пешқадами Сино аз он иборат аст, ки вай бар хилофи бисёре аз мутафаккирон ҳаракатро ба мисли олам кадимӣ, аззалӣ, абадӣ меҳисобад, ки ин асоси мавҷудиятро дарк кардани ӯ мебошад.

«Ҳаракат, - навишта буд Ибни Сино, - ғайр аз он, ки аз масофа вобастагӣ дорад, инчунин шумора дорад. Пас, замон шумораи ҳаракат аст.... ». Ӯ замонро, ки далели аззалияту абадияти олам аст мутлақ меҳисобад. Аз сабабе, ки ҳаракати ҷисм дар фазо ба вуқуъ меояд, Сино дар таҳлили моҳияти он низ кӯшиши зиёде намудааст: «Макон ҷуз ниҳояти ҷисми ҳавӣ чизе нест. Мутаҳаррик ба воситаи ҳаракат аз он макон ҷудо мешавад ва бо ӯ мунтақид мегардад» [2, с. 26].

Хосиятҳое, ки Ибни Сино ба макон нисбат додааст, ҳамин хулосаро тақвият медиҳад, ки хосияти макон аст, ки «андар яке ду чиз нағундад, то обро аз кӯза нарезед, сирко андар он наёяд». Таҳлили лаҳзаҳои асосии таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, замон ва макон шаҳодат медиҳад, ки дар чаҳонбинии ӯ тамоюлоти моддигароёна хеле пурқувват мебошад. Дар таълимоти фалсафии ӯ майли зиёдеро ба материализм мушоҳида кардан мумкин аст. Дар илми фалсафа назари Ибни Сино дар бораи модда ва сурат, нафс ва тан низ аҳамияти бузург дорад. Ӯ менависад, ки «сурат моҳияте аст, ки ҷисм ба воситаи ӯ чизест, ки ҳаёт дорад. Модда он аст, ки ҳомили моҳият аст». Дар асараш «Донишнома» ӯ таъкид мекунад, ки сурати ҷисм бе ҷисм вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин чунин хулоса баровардан хатост, ки Ибни Сино суратро аз модда бартар медониста бошад.

Сурати ҷисмӣ гуфта, ӯ арзу тӯл ва умқи мавҷудияти ҷисмро меномад ва ҷисм бе онҳо дар ҳаракат ҳам вуҷуд дошта наметавонад. Ӯ таъкид карданӣ аст, ки модда (масалан, санг) дар ҳолате ҷисми мушахас (хона, девор) мешавад, ки сурати муайянеро гирад. Нисбат ба Арасту дар осори Ибни Сино мафҳуми сурат васеътар вуҷуд дорад. Онро бояд фаромӯш накард, ки Сино суратро гавҳари мустакил ва ғайримоддӣ медонист. Аз ин чунин натиҷа бар меояд, ки гуё навъ ва камоли нафс, яъне рӯҳониёт, сабаби ҳастии ҳақиқӣ пайдо кардани моддиёт аст. Тезиси ӯ: «диҳандаи сурат, ки навъхои табииро месозад, берун аз табиат аст».

Дар назди Ибни Сино пайдо шудани ҳаёт ва омезиши унсурҳои моддӣ, пайдоиши қувваи истеъмоли ғизо ва болишу парвариш ва зоиш меистод. Ибни Сино ин хислатҳоро нафси наботи номида, пайдоиши набототро ба он тобеъ намудааст [3, с. 144].

Дар «Равоншиносӣ» ё «Рисола дар набз» Ибни Сино хотиррасон менамояд, ки нафс камоли ҷисм аст, ҳамеша мазмуни идеалистӣ надорад. Вале назари ӯ дар бораи нафс ҳамчун камоли ҷинсӣ башар саропо идеалистӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ нафси наботию ҳайвонӣ аслан моддӣ буда, ба тан зич алоқаманд мебошанд ва бо фано шудани ҷисм он ҳам фано мепазирад.

Вале нафси нотиқа мустақил ва ҷовидест, ки бо фанои тан фано нагардида, абадӣ боқӣ мемонад. Дар рисолаи «Нафс» Ибни Сино чунин қайд менамояд: «Нафси мардумӣ - ҷавҳари ақлист, ки ба тан ва зоти хеш мувофиқ буда, чун бадан мирад, нафс намемирад».

Ибни Сино кашфшаванда ва имконпазир будани маърифати қонунияти олами моддиро эътироф намуда, дар айни замон тағирнопазирӣ ва берун аз иқтидори шуури инсонӣ мавҷуд будани қонунҳои объективии дунёро дар мисоли марг тасдиқ кардааст, ки мисоли он ин гуфтаҳоанд::

Аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал [7, с. 24].

Ӯ боварии комил дорад, ки дониш дар натиҷаи таъсири олами берунӣ ба ҳисси инсон пайдо мешавад. «Ба ақидаи ман,- навишта буд Сино, - ин аст, ки он чиз дар ҳисси ман нақш баст, ки худи сурати ҷисм дар ҷони ман акс баст». Аз ин рӯ, назарияи маърифати Ибни Сино ба назарияи инъикос бештар шабоҳат дорад ва бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки Сино ба назарияи маърифат роҳ наёфтааст.

Ибни Сино дар ҳалли масъалаи таносуби дониши ҳиссию ақлӣ, рӯзмараю мантиқӣ ғайрати зиёде ба харҷ додаст. Ӯ ақидаи бисёр мутафаккиронро дар бораи он, ки чиз бидуни олотҳои ҳис даркшаванда аст рад карда, робитаи онҳоро дар ҷараёни маърифат кушода додааст.

Дар масъалаи маърифат Ибни Сино андешаҳои зиёде баён намудааст ва ба чунин андеша омадааст: «Бошад, ки ту хоҳӣ акнун, ки фарқи миёни фикр ва ҳаде бидонӣ. Бишнав ва бидон, ки фикрат ҳаракате аст, ва бошад, ки орзӯ ва шавқ мар он чизро бурда бошад, ки набуда бошад, аммо ҳаракат набувад». Сино дониши ғайритаҷрибавиро пояи тамоми дониши инсонӣ, заминаи дониши таҷрибавӣ медонист. Вале равшан аст, ки ин баръакс аст, зеро инсон танҳо ба воситаи амалия, танҳо бо ёрии таҷриба ба маърифат мерасад.

Сино дар инкишофи назарияи қиёс ҳам саҳми арзанда дорад. Панду ҳикмат дар афкори Ибни Сино ҷои намоёнро ишғол менамояд, ки аз як тараф, ба тарбияи инсон, аз тарафи дигар, ба мубориза бо ҷаҳолат ва бемаърифатӣ равона карда шудааст, ки олими ратсионалистӣ (босамаранок) бузург будани ӯро муаррифӣ менамояд:

Тарк бинмо ҷумларо,ҷон бар ҳама маъво бувад,
Пешрафту беҳтарин ҷонро ҳама бо илмҳост.
Ҷон мисоли шиша асту илм монанди чароғ;
Ҳикмати инсонро равған ҳисобидан равост [7, с. 26].

Ибни Сино ба ҳикмати инсонӣ баҳои баланд дода, дар бораи кӯшиши шахс, ки бояд пояҳои баланди шарафи одамиро дошта бошад, сухан меронд. Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино равияи материализм мавқеи калон дорад. Ӯ ҳаюлоро ҷони чаҳони моддӣ ва мавҷудоти онро дасти ягона дониста, боқӣ ҳамаро дурӯғ ва сафсатта намудааст, ки мисоли он ин гуфтаҳоанд:

Ибни Сино сиёсатмадору давлатдорро ба Офтоб монанд намуда, мегӯяд: «Подшоҳ чун Офтоб аст. Нашояд, ки бар яке тобаду бар яке натобад». Ӯ дар пойдории ҳокимияти шоҳ ақлу хирадро машваратгари беҳтарин маслиҳат медиҳад. Ба подшоҳ доим бо халқу лашкар будан ва аз ҳолу аҳволи онҳо огаҳ буданро тавсия медиҳад. Ибни Сино вазифаҳои давлатро дар таъмини тартибот, ҳалли масъалаҳо ва равандҳои зиддиятноки ҷомеа медид.

АДАБИЁТ

1. Б. Ғафуров. Тоҷикон. - Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 519-520.
2. Г.Н. Зокиров. Сиёсатшиносӣ. - Душанбе: Маориф, 2004. – С. 52.
3. Н.Неъматов. Давлати Сомониён. - Душанбе: Ирфон, 1989. - С.203-216.
4. М.С. Осимӣ. Пайдоиш ва ташаккули тафаккурӣ фалсафӣ. - Душанбе: Дониш, 1970. - С. 28.
5. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. А.И .Сино. Донишнома. – Теҳрон, 1371. - С. 3-4.
7. А.И. Сино. Фанни самои табиӣ. – С. 103.
8. А.И. Сино. Маҷмуаи шеърҳо. - Сталинобод, 1953.
9. Чаҳордаҳ мақола. - Теҳрон, 1340. – С. 143-144.

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ФАЛСАФИИ ЭҶОДИЁТИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Дар мақола паҳлуҳои фалсафӣ ва педагогии осори Абӯалӣ ибни Сино мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Андешаҳои мутафаккир оид ба масъалаҳои маърифат, тарбия, ахлоқ, камолоти инсон ва нақши илм дар рушди ҷомеа баррасӣ мешаванд. Муаллиф ҷойгоҳ ва аҳамияти мероси илмӣ ва фалсафии Ибни Синоро дар ташаккули афкори педагогӣ нишон дода, арзиши назарияҳои ӯро барои низоми

муосири таълиму тарбия асоснок менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши мероси илмию фарҳангии Ибни Сино ва истифодаи ғояҳои тарбиявии ӯ дар раванди таълим аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Калидвожа: *Абӯалӣ ибни Сино, фалсафа, педагогика, тарбия, ахлоқ, маърифат, илм, камолоти инсон, таълим.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И ФИЛОСОФСКИЕ АСПЕКТЫ ТВОРЧЕСТВА АБУАЛИ ИБН СИНО

В статье анализируются философские и педагогические аспекты труды Абу Али ибн Сины. Рассматриваются взгляды мыслителя на вопросы просвещения, образования, морали, совершенствования человека и роли науки в развитии общества. Автор показывает место и значение научно-философского наследия Ибн Сины в формировании педагогической мысли и обосновывает ценность его теорий для современной системы образования и воспитания. Результаты исследования имеют теоретическое и практическое значение для изучения научно-культурного наследия Ибн Сины и использования его педагогических идей в образовательном процессе.

Ключевые слова*: Абуали ибн Сино, философия, педагогика, воспитание, нравственность, просвещение, наука, совершенствование человека, образование.*

PEDAGOGICAL AND PHILOSOPHICAL ASPECTS OF THE WORKS OF ABUALI IBN SINA

This article analyzes the Pedagogical and Philosophical Aspects of the Works of Abu Ali ibn Sina philosophical and pedagogical aspects of Abu Ali ibn Sina's works. It examines the thinker's views on the Enlightenment, education, morality, human development, and the role of science in the development of society. The author demonstrates the place and significance of Ibn Sina's scientific and philosophical legacy in the formation of pedagogical thought and substantiates the value of his theories for the modern educational system. The results of the study have theoretical and practical significance for the study of Ibn Sina's scientific and cultural legacy and the use of his pedagogical ideas in the educational process.

Keywords: *Abuali ibn Sina, philosophy, pedagogy, upbrining, morality, enlightenment, science, human development, education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳкамов Дастам*** **-** *н.и.п., мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: 935021564.*

Информация об авторе: ***Махкамов Дастам*** *– к.п.н., заведующий кафедрой начального, среднего и высшего профессионального образования Института развития образования имени А. Джоми Академии образования Таджикистана. Тел: 935021564.*

Information about the author: ***Dastam Makhkamov*** *– c.p.s., head of the Department of Primary, Secondary and Highter Vocational Education of the Institute of the Development of Education named after A. Jomi of AET. Tel: 935021564.*

АРЗИШҲОИ ТАРБИЯВИИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Шокириён М.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Осори арзишманди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари аҳамияти илмиву адабӣ ва таърихӣ доштан, ба тарбия ё аз ҷиҳати тарбиявии ҷавонон низ пураразиш маҳсуб мешавад. Махсусан, асарҳои Пешвои миллат оид ба таърихи тамаддун, фарҳанг, забон ва шахсиятҳои мондагори таърихӣ дар тарбияи насли наврас, хусусан ҷавонон нақши басо бузургу шоиста доранд. Яке аз ин гуна асарҳо «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» мебошад, ки дар он таъриху тамаддуни ниёгони ориёии мо то истилои араб дар заминаи манбаъҳои боэътимоди таърихӣ ва тадқиқотҳои пурмуҳтавои олимони ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Асари мазкур фарогири масоили таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии қавми ориёнажоди Осиёи Марказӣ дар робита бо таърихи тамоми эрониён мебошад.

Дар асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, омилҳои иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва рушди забони модарӣ,

муносибати забон ба сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, нақши он дар хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҷомеа, таъмини ваҳдат, амнияти миллӣ, забон ва ҳусни баёни адибони классик ва муосир мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд».

Дар афкори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарзандони баору номуси миллат, ки ба ивази ҷони худ забон, фарҳанг, таърих, маданият ва анъанаҳои миллиро ҳифз кардаанд, мақоми хосса дорад. Омӯзиши китобу мақолаҳои илмии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки зуҳуроти камназири таърихӣ – зинда мондани забони тоҷикӣ дар замони истилои араб ва ҳазорсолаи ҳукмронии бегонагон ҳамчун мавзуъ ва ҳадафи илмӣ муайян шудаанд.

Дар ин тадқиқоти хеле муфид масъалаҳои ташаккули халқҳои ориёӣ, густариши тамаддуни он, падид омадани давлатҳои тавоною мутамарказ, нақши аҷдодони мо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба назари тоза ва дар заминаи дастовардҳои нави илмӣ матраҳ гардидаанд. Омӯзиши ин асарҳо дар мавриди тарбияи ҷавонон ва дар ниҳоди онҳо густариш додани худшиносии миллӣ, ватанпарвариву ваҳдатгароӣ беназир аст.

Пешвои миллат дар тарбияи ҷавонон, ки ояндаи миллат ба ахлоқ ва дониши онҳо сахт марбут аст, омӯзиши таърихи фарҳанги ниёгонро яке аз рукнҳои муҳими расидан ба ин матлаб медонанд ва қайд менамоянд: «Як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёд давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсияти тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Воқеан, мактаби худшиносӣ, Истиқлолият ва давлату давлатдории миллӣ баробари чандин омилҳои объективию субъективӣ боз як омӯзгори хеле сахтгиру нуктасанҷ дорад, ки онро таърих меноманд. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳакими одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдории тоҷиконро бароямон мекушояд» [1, с. 150].

Сардори давлат ба маърифатнокӣ, тахассусмандӣ, маънавиёти ба манфиатҳои миллӣ созгор, яъне дараҷаи сифатии миллат таваҷҷуҳи бузург зоҳир мекунад. Ин хосиятро дар чаҳорчӯбаи муносибат ва муқоиса бо равандҳо ва рақобатҳои мураккаби ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бар он аст, ки муаррифгари миллат – ақл, заковат ва дараҷаи маърифатнокии ӯст, на шумораи аҳолӣ ва захираҳои табиии мамлакат.

Дар ҳидоятҳои Сарвари давлат таълим ҳамчун қисмати ҷудоинопазири тарбия тафсир мегардад. Меафзояд, ки падару модар, мактаб дар зеҳни ҷавонон ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми калонсолон, падару модар зарурати омӯзиши илму донишро ҷой кунанд.

Президенти кишварамон сарчашмаи ноби тарбияро дар омӯзиши ҳамаҷонибаи таърих аз ҷониби насли муосир медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар камолоти инсон ва ҷомеа донистани таърихи гузашта, аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва дар ташаккули андеша ва тафаккури пешқадам мусоидат менамояд. Масалан, барои ҷавонони имрӯза донистани он муҳим аст, ки гузаштагони бонангу номуси мо дар ҳама ҳолатҳои тақатфарсо, ҳатто таҳти тасарруфи дигар давлату халқият буданашон волоияти забону фарҳангашро пос дошта, нагузоштааст, ки гавҳари ноби илму адаб ба дасти душманони миллат афтад. Омӯзиши ҳақиқати таърихӣ ҷавонони моро аз бегонапарастӣ, инкори хидматҳои падарону модарон, беэътиборӣ ба равандҳои пешқадами ҷомеа бозмедорад ва дар тинати онҳо эҳтиром ва сипосмандиро нисбати ашхоси ватанхоҳу ватандӯст бедор месозад.

Назари нек, муҳаббат ва самимияти комиле, ки Пешвои миллат нисбати таърихи халқи тоҷик доранд, барои ҷавонони имрӯза ибрати бузургест. Андешаи зерини сарвари давлат дар китоби хеш «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» аз умқи қалби муаллиф ба қалам омадааст: «Ман аз саҳифаҳои куҳани таърихи диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯям. Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, ришташои гусастаро бо ҳам бипайвандам, ҳақро аз ноҳақ, ростро аз дурӯғ ҷудо карда, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам» [1, с. 175].

Таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба китоби диниву ахлоқӣ, қобусномаи ниёгон - «Авасто», ки ҳамчун қадимтарин ва мукаммалтарин сарчашмаи хатии ниёгони мо пазируфта шудаасту ҷавҳари онро «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» ташкил медиҳад, махсус аст.

Бемуҳобо, имрӯз яке аз ҷанбаъҳои муҳими сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат аз маҷмӯи назарияи ахлоқии ҳамидаи ниёгон маншаъ мегирад.

Пешвои миллат дар китоби худ ба рисолати таърихии мардуми тоҷик доир ба илми таърихнигорӣ баҳои сазовор дода, ҳамзамон аз арзишҳои ахлоқию таърихӣ ёд мекунад, ки барои насли имрӯза дарку маърифати он ҳатмист. Пеш аз ҳама, халқи тоҷик табиатан созандаву бунёдкор, оромтабиату нексиришт, шикастанафсу меҳнатдӯст аст. Сипас, таърихи фарҳанги ҳазорсолаи дуру наздик гувоҳ аст, ки оини давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, боз бо дараҷаи камолот расидааст. Ин рисолати таърихиро, ки дар раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид. Ин баҳои сазовори Сарвари давлат аст, таъриху фарҳанги халқи хешро бо ҷиддияту масъулияти том омӯхтаву таҳқиқ намудааст ва баробари миллати худ роҳи пурпечутоби сулҳу созандагиро тай намудааст ва дар лаҳзаҳои ҳассос масъулияти гарони наҷоти халқро аз даргириҳо ва буҳронҳо ба дӯши худ гирифтааст.

Пешвои миллат бо таълифи китоби хеш насли имрӯзаро даъват менамояд, ки аз корномаи ниёгон ибрати ватандорӣ омӯзанд. Чун дар ҷодаи созандагӣ дар баробари мавҷуд будани андешаҳои қавии миллӣ, ки омили музаффариятҳои минбаъда мебошад, ахлоқи нерӯи инсонӣ низ нақши бориз дорад.

Асари дигари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Чеҳраҳои мондагор» низ дорои арзиши баланди илмиву таърихӣ ва фарҳангӣ буда, аҳамияти бузурги тарбиявию ахлоқӣ мебошад. Муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолият, ҳамчунин фидокориву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи миллати хеш тадқиқоти ҷолиб бурда, дар ниҳоди хонанда, хосса ҷавонони Ватан эҳсоси худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватандориро такмил медиҳад.

Китоби мазкур армуғони маънавии намунаи осори таърихӣ, чи аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва чи аз ҷиҳати сабку услуб ва шеваи таҳқиқ характери фарҳангиву тарбиявӣ дорад, ки дар зоти худ беҳамтост. Дар ин китоб 25 нафар чеҳраҳои мондагори тамаддуни олам, ки решапайванди миллати бузурги тоҷик мебошанд, барои имрӯзиён муаррифӣ гардидааст. Махсусан, хидмати ин чеҳраҳои таърихӣ дар муаррифӣ намудани фарҳангу тамаддуни миллат дар арсаи ҷаҳонӣ назир надорад. Пешвои миллат ҳангоми таҳқиқот паҳлуҳои ибратбахши ҳаёт ва фаъолияти афроди таърихиро ба қалам додааст. Чунончи аввалин чеҳраҳои мондагори таърихӣ дар китоби Пешвои миллат Куруши Кабир аст, ки дар тамаддуни ориёӣ ҳамчун асосгузори нахустин империя дар таърихи башар номбар мешавад. Дар асоси сарчашмаҳои таърихиву археологӣ, маълумотномаҳои катибаҳои таърихӣ муаллифи китоб собит месозад, ки Куруши Кабир маҳз тавассути сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, сабку усул ва тартиби ҷадиди идоракунии давлат, адолатҷӯӣ, ободкорӣ ва муҳимтар аз ҳама, бо эҷоди Эъломияи таърихии худ, ки нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, маъруфият дорад. Тақдири давлати муосири тоҷикон ба тақдири давлатдории Куруш шабоҳат дода шудааст.

Воқеан, ташбеҳияти давлатдории таърихии эъломияи Куруши Кабир, ки дар ин китоб сабт ёфтааст, бо сатрҳое хотима меёбад, ки дилу ният ва омоли Пешвои миллати моро ифода мекунанд: «... Сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам...» [4, 125].

Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» чеҳраҳои мондагори таърихӣ, як қатор суханварон ва олимони классик, чун Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Носири Хусрав, Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ муаррифӣ гардидааст. Инчунин, зиндагиномаи қаҳрамонони Тоҷикистон - Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода зикр ёфтаанд, ки воқеан дар бунёди Тоҷикистони навин, дифои ҳуқуқи тоҷикон дар солҳои навини мавҷудияти миллат хидматҳои арзанда кардаанд.

Омӯзиш ва таълими ин асарҳои муҳими сиёсӣ, ки ҳамчун ҳуҷҷати пайваста рушд бахшидан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ҳамчунин тақвияти равобити гуногунҷанбаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ бахшида мешавад, худ тақозои бевоситаи онро дорад, ки ин чеҳраҳо ҳам аз ҷониби кулли аъзои ҷомеаи кишвар ва ҳам аз ҷониби тамоми муаллимону муҳассилини чӣ мактабҳои

таҳсилоти ҳамагонӣ ва чӣ устодону донишҷӯёни макотиби олии кишвар муфассал омӯхта шавад ва ҳамчун дастуруламал пайваста мавриди истифода қарор гирад.

Чунончи, дар ҳамин асарҳо ва Паём, Президент роҷеъ ба лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аҳаммияти махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун яке аз муҳимтарин санадҳои батанзимоварандаи одобу ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзёбӣ кард. Чунин арзёбии Президенти кишвар, мақоми қонунгузори мамлакатро водор менамояд, ки лоиҳаи қонуни мазкур барои кишвар, дар соҳаи хеле муҳими ҳастии ҷомеа, яке аз муҳимтарин масъалаҳо маҳсуб меёбад ва қабули саривақтии онро, аз ҷониби мақоми қонунгузори кишвар, тақозо мекунад.

Ғайр аз ин, мо бояд толори Парламент гузаронидани ҷаласаҳои парлумони кишвар, ки дар он на танҳо Паёми Президенти кишвар, балки тамоми қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд ва ин толорро ба таври рамзӣ бигӯем «толори эҷоди қонунҳои мамлакат» муаррифӣ кардан низ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд ва ин сиға, дар меъёри муайян, метавонад низ ба ҳисси меҳанпарастӣ ва ифтихори миллии мардумамон кӯмак расонад.

Ҳамин тариқ, китоби «Чеҳраҳои мондагор» хонандаи тоҷикро бо таърихи воқеии миллати тоҷик, корнамоиҳо, шебу фарози таърих ва пойдории миллати мо ошно месозад. Китоб баёнгари ҳадафҳои олии инсонӣ, аз ҷумла некиву накӯкорӣ, ҷавонмардиву фарзонагӣ, садоқату вафодорӣ буда, барои ҷавонони имрӯза дарси бузурги одамият маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ

1.Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориё то Сомониён. - Лондон, 1999. - 240 с.

2.Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикстон дар роҳ. - Душанбе: Ирфон, 1996. - 80 с.

3.Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: Чаҳор соли Истиқлолият ва худшиносӣ. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 208 с.

4.Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе, 2016.

5.Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. - Китоби 1. - Душанбе: «Эр-граф», 2016. - 516 с.

6.Шариф Комилзода. Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2016.

АРЗИШҲОИ ТАРБИЯВИИ АСАРҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Мақола ба масъалаҳои таърихи миллат, нақши он дар ташаккули маънавиёти миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, инчунин робитаи он бо илм, фарҳанг, омӯзиши ҷиҳатҳои тарбиявии асарҳо ва ҷаҳонбинии илмӣ бахшида шудааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки баррасии таърихи миллат, илм ва фарҳанг аз муҳимтарин омилҳои худшиносии миллӣ буда, бидуни онҳо идеали шахсият низ пешрав буда наметавонад. Муаллиф бар ин назар аст, ки таърихи миллат беҳтарин ва муҳимтарин воситаи шаклгирии ҷаҳонбинии воқеӣ-илмӣ мебошад ва тавассути таҳлили таҷрибаи инсонӣ, каломи бадеӣ аз илм дида, имкони бештари таъсиррасониро ба шуур дорад. Инчунин дар мақола таҳлил ва баррасии масъалаҳои таърихи миллат, нақши адибони бузург дар эҳёи маънавиёти миллӣ, вазъи имрӯзаи геополитикӣ ва зарурати тарбияи насли нави адибон, ки дорои биниши миллӣ, адабӣ ва фалсафӣ бошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар охир муаллиф хулоса менамояд, ки таърихи миллати қудратманд ҷуръат ва ҷасорати иҷтимоӣ ва саранҷом шахсияти томи фарҳангӣ ва миллиро меофарад, ки барои насли ҷавон ва оянда дарси ибрат бошад.

Калидвожаҳо: *Куруш, Монӣ, Маздак, тамаддуни ҷаҳонӣ, тарбияи ҷавонон, худшиносии миллӣ, мактаби худшиносӣ, Истиқлолият, тафаккури пешқадам, риштаҳои гусаста, рисолати таърихӣ, чеҳраҳо, Имоми Аъзам.*

ВОСПИТАТЕЛЬНАЯ ЦЕННОСТЬ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ

Статья посвящена вопросам истории народа, его роли в формировании национальной духовности, национального самосознания, а также его связи с наукой, культурой, изучению просветительских аспектов творчества и научного мировоззрения. В статье подчеркивается, что изучение истории народа, науки и культуры является одним из важнейших факторов национального самосознания, без которых идеал личности не может быть прогрессивным. Автор считает, что история народа является наилучшим и важнейшим средством формирования реалистически-научного мировоззрения, а через анализ человеческого опыта литературное слово обладает большим потенциалом воздействия на сознание, чем наука. В статье также анализируются и обсуждаются вопросы истории страны, роль великих писателей в возрождении национальной духовности, современная геополитическая ситуация, необходимость воспитания нового поколения писателей, обладающих национальным, литературным и философским видением. В заключение автор приходит к выводу, что история могущественной нации формирует

социальную смелость и мужество, а в конечном итоге — полноценную культурную и национальную идентичность, которая может служить уроком для молодого и будущего поколений.

Ключевые слова: *Кир, Мони, Маздак, мировая цивилизация, воспитание молодежи, национальное самосознание, школа самосознания, независимость, прогрессивное мышление, разорванные связи, историческая миссия, лица, Великий Имам.*

THE EDUCATIONAL VALUES OF THE WORKS OF THE LEADER OF THE NATION

The article is devoted to the issues of the history of the nation, its role in the formation of national spirituality, national self-awareness and self-awareness, as well as its connection with science, culture, the study of the educational aspects of works and scientific worldview. The article emphasizes that the consideration of the history of the nation, science and culture are among the most important factors of national self-awareness, without which the ideal of the personality cannot be progressive. The author believes that the history of the nation is the best and most important means of forming a realistic-scientific worldview and, through the analysis of human experience, the literary word has a greater opportunity to influence consciousness than science. The article also analyzes and discusses the issues of the history of the nation, the role of great writers in the revival of national spirituality, the current geopolitical situation and the need to educate a new generation of writers who have a national, literary and philosophical vision. Finally, the author concludes that the history of a powerful nation creates social courage and courage, and ultimately a complete cultural and national identity that serves as a lesson for the younger and future generations.

Keywords: *Cyrus, Moni, Mazdak, world civilization, education of youth, national self-awareness, school of self-awareness, independence, progressive thinking, broken threads, historical mission, faces, Imam Azam.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шокириён Муҳаммадюнус*** *- ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 48/5. E-mail: muhammadyunus1@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Шокириён Мухаммадюнус*** *- ассистент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета, г. Душанбе, ул. Нахимова 48/5. E-mail: muhammadyunus1@mail.ru.*

Information about the author: ***Shokiriyon Muhammadyunus*** *- assistant of the Department of Humanities at the Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe, Nakhimov St. 48/5. E-mail: muhammadyunus1@mail.ru.*

НАҚШИ ФАРҲАНГИ КАСБИИ ОМУЗГОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Раҳимов Ш. С.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Фарҳанги касбии педагогӣ роҳи худшиносии эҷодии шахсияти омӯзгор дар намудҳои гуногуни фаъолият ва муошарати педагогӣ буда, қобилияти омӯзгорро дар таҳлили фаъолияти худ ва ба таври маънавӣ табдил додани онҳо муайян мекунад. Ҷузъҳои таркибии фарҳанги педагогӣ маҳорати касбии шахсияти омӯзгор ва маҳорати касбии фаъолияти педагогӣ мебошанд, ки дар ягонагии диалектикӣ мебошанд.

Раванди таълим фаъолияти мақсадноки пай дар пай ва тағйирёбанда аст, ки амалиёти ба ҳам алоқаманди омӯзгору хонандагонро дар бар гирифта, дар рафти он тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон ҳалли худро меёбад. Чӣ хеле ки педагоги машҳури кишвар Лутфуллоев Маҳмадулло таъкид кардаанд: «Раванди таълим-вазифаҳои таълимию инкишоф ва тарбияро дар ҳамгироиву ҳамоҳангӣ бо якдигар ҳал накунад, самараи хуб дода наметавонад» **[**1].

Фаъолияти эҷодӣ ин қобилияти фард барои фаъолона ва мустақилона пайдо кардани «маконҳои ҷустуҷӯ», гузоштани вазифаҳо, нишон додани принсипҳои сохторҳо, падидаҳо, амалҳои муайян ва интиқол додани дониш, маҳорат ва малакаҳо аз як соҳа ба дигараш мебошад [2].

Стратегияи таълими муосир аз он иборат аст, ки ба ҳамаи хонандагон имконият дода шавад, ки истеъдод ва эҷодиёти худро нишон диҳанд. Ин ба тамоилҳои муосири гуманистии рушди мактаби ватанӣ мувофиқат мекунад, ки барои он мутобиқшавии омӯзгорон ба сифатҳои шахсии хонандагон хос аст.

Сифатҳои шахсият – хусусиятҳои психологии шахс мебошанд, ки тавассути муносибат ба худ ва ба атроф дар рафтор ва фаъолияти шахс зоҳир мешаванд [3].

Ба рӯйхати умумии сифатҳои шахсияти мактаббачагон дохил мешаванд:

– ватандӯстӣ (аз ҷумла муҳаббат ба Ватан, халқ, шаҳрвандӣ);

– кунҷковӣ (ҳамчун хусусияти умумии мавҷудияти хоҳиши фаъол барои ба даст овардани дониш);

– масъулият (аз ҷумла, уҳдадорӣ, масалан, дар иҷрои қоидаҳои тарзи ҳаёти солим ва бехатар, қобилиятҳои ташкилӣ, мустақилият);

– эҳтиром ва қабули арзишҳои оила ва ҷомеа (қобилияти ба назар гирифтани фикру ақида ва манфиатҳои одамони дигар, таҳаммулпазирӣ);

– хайрхоҳӣ (ҳамчун сифати баланди ахлоқӣ);

– муошират;

– самти эҷодӣ (хоҳиши эҷоди чизи нав).

Ташаккул ва инкишофи ин сифатҳо дар хонандагон замина барои таҳсили минбаъдаи онҳо, ташаккули мустақилияти таълимӣ (дастурҳои ахлоқӣ, асосҳои худтанзимкунӣ, ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва омӯзгорон ва ғайра) мусоидат мекунад. Ин инчунин ба рушди шахсии хонандагон мусоидат хоҳад намуд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то ки ба ҷомеаи муосир бомуваффақият мутобиқ шаванд ва ба талаботи ҷаҳони доимо тағйирёбанда ҷавобгӯ бошанд [4].

Бо истифода аз усулҳои муосири таълим аз техника ва шаклҳои коре, ки чандин насли омӯзгорон амалан такмил додаанд, сарфи назар кардан мумкин нест. Технологияҳои муосири компютерӣ имкони истифодаи китоби дарсиро ҳамчун воситаи рушди хотира, худтаҳлил ва синтези маводи таълимӣ каме ақиб гардонд. Кор бо китоби дарсӣ ба мо имкон медиҳад, ки таҳлили визуалӣ ва шунавии маводи таълимӣ, хониши баён ва фаҳмиши семантикии матнҳоро омӯзем. Ба кӯдак омӯзонидани истифодаи китоби дарсӣ, таҳияи нақшаи азхудкунӣ ва татбиқи иттилооти тавассути маводи таълимӣ гирифташуда муҳим аст. Хонанда бояд ҳамеша ҳадафи кори худро донад ва натиҷаи ниҳоиро бинад, ки ба он баҳо гузошта мешавад. Кор бо китоби дарсӣ нутқ ва хотираро инкишоф медиҳад ва тафаккури мантиқиро меомӯзонад.

Вобаста ба ин, масъалаи ташкили фаъолияти фаъоли маърифатӣ ва эҷодии хонандагон, мусоидат ба ҷамъоварии таҷрибаи эҷодии мактаббачагон, ҳамчун асос, ки бе он худшиносии шахсият дар зинаҳои минбаъдаи таълим бесамар мегардад, тезу тунд шудааст. Дар давоми тамоми асри ХХ-ум масъалаи неруи эҷодӣ аз нуқтаҳои гуногун таҳқиқ карда шуд.

- аз як тараф, ҷомеа ба афроди фаъоли эҷодкор ниёз дорад, ки қодир ба ҳалли муназзам, пайваста ва самараноки мушкилоти мавҷуда бошанд;

- аз тарафи дигар, воситаю шароитҳои педагогӣ, ки самараи раванди фаъолияти эҷодии шахсро баланд мебардоранд, ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд;

- аз як тараф, талабот ба сатҳи донише, ки донишҷӯ бояд дошта бошад, меафзояд.

Вазъияти имрӯзаи ҷомеа дар назди омӯзгорон вазифа гузоштааст, ки хусусияти умумии таълимро тағйир диҳанд, ки ташаккули тафаккури мустақилонаи эҷодӣ дар кӯдакон, фардикунонӣ ва тафриқаи таълимро дар назар дорад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон дорои иқтидори ниҳонии истеъдод доранд ва бо назардошти шароити зарурӣ барои инкишоф ва дастгирӣ онҳо метавонанд дар як соҳаи муайян худро кушода ва баён кунанд.

Доираи вазифаҳои эҷодӣ аз ҷиҳати мураккабӣ васеъ аст, аммо моҳияти онҳо як аст: ҳангоми ҳалли онҳо амали эҷодӣ ба амал меояд. Дар ин ҷо сифатҳои махсуси ақлонӣ, ба монанди мушоҳида, қобилияти муқоиса ва таҳлил, муттаҳид кардан, пайдо кардани робитаҳо ва ғайра талаб карда мешаванд - ҳама чизе, ки дар якҷоягӣ қобилиятҳои эҷодиро ташкил медиҳанд. Қобилияти эҷодӣ ин қобилияти дидан ё ёфтани мушкилот, сафарбар кардани донишҳои зарурӣ барои пешниҳоди гипотеза, қобилияти санҷиши назариявӣ ва амалии он ва дар натиҷа эҷод кардани маҳсулоти аслӣ, кашфи илмӣ, ҳалли мушкилот ва ғ. мебошад.

Инкишофи эҷодиёти бачагон, пеш аз ҳама, аз муаллими ҳассос, хушмуомила, ҳамафаҳм ва тавоноии эҷодии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгори ҳама гуна сатҳ ва фанҳо вазифаҳои зерин меистанд:

- ҳама гуна зуҳуроти эҷодии донишҷӯёнро мушоҳида кунанд;

- фароҳам овардани шароит барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар синф [5].

Таҳлил ва коркарди миқдори зиёди иттилооти гуногунҷабҳа, ҳалли эҷодии мушкилоти назария ва амалия бидуни таваҷҷуҳи шахсии хонандагон ғайриимкон аст. Вазифаи мактаб дастгирӣ ва ташвиқи муносибати эҷодӣ ба таълим, ҳавасмандии ботинӣ ва фаъолиятнокӣ дар кӯдакон мебошад. Дар синни мактабӣ дар рафтор ва муносибатҳо заминаи эҷодӣ ба вуҷуд оварда, баъдан бо истифода аз усули гуногун такмил додани он хеле муҳим аст.

Омӯзиш вақте самараноктар ҳисобида мешавад, ки хонандагон:

- маводи навро бо маводи қаблӣ пайваст карда тавонанд;
- ба он чизе ки онҳо машғуланд, таваҷҷуҳ диҳанд;
- равшан бидонанд, ки чӣ кор кардан лозим аст ва фаҳманд, ки чаро ин кор анҷом дода мешавад;
- дар кор мустақилият дошта бошанд;
- имконияти инкишоф додани малакаҳои заруриро дошта бошанд;
- дастрасӣ ба захираҳои зарурӣ (ҳуҷҷатҳо, маводи маълумотӣ);
- бо намудҳои гуногуни фаъолият таъмин бошанд;
- дастгирии зарурӣ аз ҷониби омӯзгор дошта бошанд;
- бо суръате кор кунанд, ки ба онҳо мувофиқ бошад;
- фаҳманд, ки онҳо кай ва чӣ гуна баҳогузорӣ карда мешаванд;
- ба муваффақиятҳои худ баҳо дода тавонанд.

Ба андешаи Т. С. Горбунова, рушди фаъолияти эҷодӣ – аз раванд ва натиҷаи тағйирёбии сифатии шахс, афзоиши маҷмуи сифатҳое, ки фаъолияти эҷодии ӯро тавсиф мекунанд, ки дар муддати муайян тавассути муошират, омӯзиш, тарбия ва худтаълим ба амал меоянд, вобастагӣ дорад [6].

Барои мисол, дар раванди татбиқи шаклҳои фаъол дар дарсҳои гуманитарӣ ба нуқтаҳои асосии зерин диққати махсус дода мешавад:

- ҳамкории самараноки байни омӯзгор ва донишҷӯ;
- фароҳам овардани шароити беҳтарин аз ҷониби омӯзгор барои рушди ҳавасмандӣ ба фаъолияти эҷодӣ, эҳсосӣ ва таҷрибавии донишҷӯён;
- фаҳмиши муаллим дар бораи мавҷудияти услубҳои гуногуни омӯзиши хонандагон ва интихоби шаклҳо ва усулҳои гуногуни ҳамкорӣ бо онҳо;
- фароҳам овардани заминаи мусоиди эҳсосӣ, ки ба дарки эҳсосии далелҳои таърихӣ мусоидат мекунад.

Инчунин истифодаи шаклҳои фаъол дар асоси ғояҳои зерин низ мусбат ба ҳисоб меравад:

- истифодаи ҳадди аксар аз таҷрибаи шахсии донишҷӯ;
- такя ба таҷрибаи гурӯҳӣ;
- истифодаи моделсозии иҷтимоӣ, яъне бозӣ кардани ҳолатҳое, ки воқеан метавонанд дар ҷомеа, гурӯҳ ё ҳаёти воқеӣ ба миён оянд;
- татбиқи ҳамкории созанда ва дӯстона байни донишҷӯ ва омӯзгор;
- хонанда мавқеи тадқиқотиро (на барои омӯхтани бозёфтҳои дигарон, балки худаш кашф кардан) бо истифода аз сарчашмаҳои таърихии дониш, ишғол мекунад.

Усули фаъоли таълим ба эҷоди дидаву донистаи вазъияти пуршиддат асос ёфта, хонандагонро маҷбур мекунанд, ки барои расидан ба ҳадафи додашуда дар шароитҳои гуногун қарор қабул кунанд. Таҳияи қарорҳо бо эҳсос ҳамроҳӣ мегарданд, ки он дар навбати худ сафарбаркунии захираҳои зеҳнро таъмин мекунад, фаъолияти маърифатиро ҳавасманд мекунад ва имкон медиҳад, ки диққатро муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад.

Агар фанҳои гуманитариро ба мисол орем, хусусияти онҳо дар он аст, ки фанҳо асосан инкишофи тафаккури абстрактиро дарбар мегиранд. Аммо ин инчунин ташаккули қобилияти бартараф кардани мушкилот ва душвориҳои ҳаёт дар фаъолияти касбӣ, моҳирона амал кардан дар ҳолатҳои гуногуни воқеияти муосир; бо маданияти миллии халқи тоҷик шинос намудани хонандагон, худшиносӣ, ташаккули шахсият ҳамчун мутахассис, узви оила, шаҳрванд ва инсонро дар бар мегирад.

Дар воқеъ, эҷодкорӣ як раванди комилан беназир аст. Албатта, эҷодиёти ҳар як гурӯҳи синну солӣ хусусияти худро дорад. Аммо аксарияти хонандагон (хусусан дар мактаби миёна) ба супоришҳои эҷодӣ шавқу хаваси калон доранд.

Ҳангоми кор оид ба ташаккули қобилияти эҷодӣ ва шавқу рағбат ба дониш дар асоси ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯйӣ бештари омӯзгорон пажӯҳишгар ва таҷрибагар мешаванд, зеро онҳо фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии хонандагонро тағйир медиҳанд. Онҳо раванди маърифат ва тарбияро дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ба ҳам мепайванданд.

Дар ниҳоят, вазифаи асосӣ инкишоф додани қобилияти эҷодии хонандагон, таваҷҷӯҳ ба дониш, ҷалби кӯдакон ба фаъолияти фаъоли эҷодӣ, яъне фаъол кардани он дар асоси ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақили таълимии хонандагон, кӯмак ба азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои зарурӣ мебошад.

Мушкилоти рушди эҷодӣ имрӯз хеле зарур дониста мешаванд. Суръатбахшии пешрафти илмию техникӣ аз миқдор ва сифати зеҳни эҷодкорона инкишофёфта, қобилияти онҳо ва рушди босуръати илму техника вобаста хоҳад буд. Ҳамин тариқ, аҳамияти мушкилоти рушди эҷодӣ аз худи вазъи ҳаёт бармеояд.

Якум, рушди қобилиятҳои эҷодӣ имкон медиҳад, ки шахсияти ташаббускор, фикррон, қобилияти эҷодкори дошта, дар ҳама гуна кор тарбия карда шавад.

Дуюм, ба хонандагон имкон медиҳад, ки рӯйдодҳо ва падидаҳоро дар асоси таҳлили таърихӣ фаҳманд.

Сеюм, ба тарбияи шуури муосири таърихӣ, рушди тафаккури мустақил ва шахсӣ кӯмак мекунад.

Чорум, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ба ташаккули зеҳнӣ ва ҳамоҳангии шахсият оварда мерасонад.

Дар адабиёти психологию педагогии ватанӣ таърифи маъмултарини мафҳуми салоҳияти касбӣ чунин аст: «салоҳияти касбӣ сифат, моликият ё ҳолати мутахассисест, ки якҷоя ё алоҳида мутобиқати ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавии ӯро ба эҳтиёҷот, талабот, талаботи касб, ихтисос, тахассуси муайян, стандартҳои тахассус, вазифаи ишғолшуда ё иҷрошаванда» [7]. Хусусияти дигари характерноки фаъолияти педагогӣ он аст, ки вай дар асоси хамкории байни муаллим ва талаба ба амал меояд. Мақсадҳо, ташкил ва арзёбии муваффақияти фаъолияти омӯзгор фаъолияти хонандаро инъикос мекунанд. Омӯзгор бояд фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии худро ҳамчун раванди ҷудонашавандаи ташаккули шахсият қабул кунад, ҳамчун ташкилотчии шароитҳои иҷтимоию педагогӣ, ки инкишоф ва ташаккули шахсиятро таъмин менамояд, ба таври объективӣ омода будани омӯзгорро ба ташкили фаъолияти эҷодии касбӣ талаб мекунад. Маҳорати касбии шахс сатҳи баланди ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ ва шахсӣ-тиҷорӣ, эҷодкорӣ, инчунин муносибатҳои ҳавасмандкунӣ ва самтҳои арзишӣ ба рушди прогрессивии мутахассисро инъикос мекунад. Касбии фаъолият тахассуси баланди касбӣ ва салоҳият, маҳоратҳои гуногуни самараноки касбиро дар назар дорад, ки имкон медиҳад фаъолияти истеҳсолӣ. Ҳамин тариқ, ташаккули маҳорати касбӣ ҳам бо ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбӣ ва ҳам ба даст овардани камолоти касбӣ алоқаманд аст. Барои муайян кардани сифатҳои муҳими касбии шахсияти омӯзгор ба хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорӣ диққат медиҳем. Мувофики типологияи В. И. Андреева, касби омӯзгорӣ дар баробари касбҳои ҳайкалтарош, нависанда, навозанда ба блоки касбҳои «рассом» дохил мешавад, яъне он ҳам дарки эҷодкоронаи воқеияти атроф ва ҳам эҷоди худи шахсро дар бар мегирад. Муаллим ба фаъолияти худ худсарона роҳбарӣ ва танзим мекунад, ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ эҷодкорона муносибат мекунад. Азхуд кардани донишу малакаи нав дар навбати худ боиси ташаккули қобилиятҳои нави психологӣ мегардад. Таҷрибаи потенсиали афзояндаи шахс ангезаи асосии ҷустуҷӯи ҳолатҳои нав, душвор ва роҳҳои ғайристандартии ҳалли онҳо мегардад. Ҳамин тавр, дар раванди худшиносии эҷодӣ ташаккули омӯзгор на танҳо ҳамчун субъекти фаъолияти касбӣ, балки ҳамчун шахс ба амал меояд.

Омӯзгори эҷодкор сатҳи касбии худро тавассути равандҳо, аз қабили: худташкилкунӣ, худшиносии эҷодӣ, такмили ихтисос, худтаълимӣ пайваста баланд мебардорад, ки дар рафти он донишҳои нав, усули фаъолият ва ғ.

Ҳоло замони эҷоди дастовардҳо ва эҷодкорӣ аст, ки аз ин рӯ, рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон на танҳо дар фанҳои гуманитарӣ, балки ба ҳаёт шинос намудани онҳо хеле муҳим аст. Чун ҳаёт – ин эҷодкорӣ аст!

АДАБИЁТ

1. Андреев В. И. Диалектика воспитания и самовоспитания творческой личности. - Казань : Изд-во Каз. ун-та, 1988. - 238 с.
2. Безрукова В. С. Основы духовной культуры (энциклопедический словарь педагога). - Екатеринбург: Деловая книга, 2000. - 937 с.
3. Божович Л. И. Проблемы формирования личности: избр. психол. тр. / под ред. Д. И. Фельдштейна; Рос. Акад. образования, Моск. Психол.- соц. ин-т. - 3-е изд. - М.: МПСИ; Воронеж: МОДЭК, 2001. - 349 с.
4. Горбунова Т. С. Развитие творческой активности в процессе обучения геометрии на внеклассных занятиях // Молодой ученый. - 2013. - № 4. - С. 548–552.
5. Лутфуллоев М. Дастури фаъолияти омӯзгор / М. Лутфуллоев. - Душанбе, Маориф, 2007. - 199 с.
6. Сибаева Г. М. О влиянии образовательной среды начальной школы на развитие нравственных качеств младших школьников / Г. М. Сибаева., Д. Н. Баязитова, Р. М. Халисова // Сборники конференций НИЦ Социосфера. - 2016. - № 30. - С. 7–10.
7. Система оценивания планируемых результатов с учетом требований ФГОС: начальная школа. Комплексно-целевые программы / А. Н. Трофимова [и др.]. - Волгоград: Учитель, 2015. - 68 с.
7. Сластёнин В.А. Педагогика: учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.А. Сластёнин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов; под ред. В.А. Сластёнина. - М. : Академия, 2002. - 576 с.

НАҚШИ ФАРҲАНГИ КАСБИИ ОМУЗГОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Дар ин мақола ҷойгоҳи эҷодкорӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорон баррасӣ шудааст. Эҷодкорӣ ҳамчун қобилияти ба миён гузоштан ва пешниҳод кардани ғояҳои аслӣ, ғайристандартӣ, татбиқи стратегияҳои гуногун дар ҳалли мушкилот ва омодагӣ ба таҳияи ғояҳои пайдошуда фаҳмида мешавад. Дар мақола мафҳуми фаъолияти эҷодӣ оварда шудааст; Самтҳои асосии фаъолияти эҷодии омӯзгор, аз қабили эҷодиёти коммуникативӣ, худтаълимии эҷодӣ, эҷодиёти методӣ нишон дода шудааст.

Худи фаъолияти эҷодӣ ҷузъи эмотсионалӣ ва ҳавасмандии шахсияти омӯзгор мебошад. Ба шарофати муносибати эҷодии муаллим ӯ на танҳо шахсияти хонандагон, балки шахсияти худро ҳам такмил медиҳад, таълим медиҳад ва инкишоф медиҳад. Механизмҳое, ки эҷодиёти педагогӣ метавонад ба баланд шудани ҳавасмандии хонандагон мусоидат кунад, баррасӣ карда мешаванд, масалан, муносибати ғайристандартии муаллим метавонад дар эҷоди фазои нави корӣ дар синф кӯмак кунад. Шароити инкишофи эҷодиёти муаллим низ муайян карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки маҳз ҷузъи фарҳангӣ ва эҷодии фарҳанги педагогӣ ибтидои хеле созандаи шахсияти омӯзгори муосирро инъикос менамояд. Муваффақияти бисёр равандҳои муҳими педагогӣ, ки дар системаи маориф ба амал меоянд, ба он вобаста аст.

Калимаҳои калидӣ*: фаъолияти касбӣ, фаъолияти эҷодӣ, сифатҳои шахсияти хонандагон, ташкили фаъолияти эҷодӣ,истеъдод,тадқиқот,супоришҳои эҷодии хонандагон,салоҳияти педагогӣ.*

РОЛЬ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПРЕПОДАВАТЕЛЬСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ТВОРЧЕСКОГО СПОСОБНОСТИ СТУДЕНТОВ

В данной статье рассматривается место творчества в профессиональной деятельности педагогов. Креативность понимается как способность предлагать и представлять оригинальные, нестандартные идеи, применять различные стратегии решения проблем и быть готовым развивать новые идеи. В статье представлено понятие творческой деятельности; Показаны основные направления творческой деятельности учителя, такие как коммуникативное творчество, творческое самообразование, методическое творчество.

Сама творческая деятельность является эмоционально-мотивационной частью личности педагога. Благодаря творческому подходу преподавателя он совершенствует, обучает и развивает не только личность учащихся, но и собственную личность. Обсуждаются механизмы, с помощью которых педагогическое творчество может способствовать повышению мотивации учащихся, например, нестандартный настрой учителя может способствовать созданию новой рабочей атмосферы в классе. Также определены условия развития творческого потенциала учителя. В результате исследования стало ясно, что культурно-творческая часть педагогической культуры отражает само творческое начало личности современного педагога. От этого зависит успех многих важных педагогических процессов, происходящих в системе образования.

Ключевые слова: *профессиональная деятельность, творческая деятельность, качества личности учащихся, организация творческой деятельности, талант, исследование, творческие задания учащихся, педагогическая компетентность.*

THE ROLE OF PROFESSIONAL TEACHING CULTURE IN THE FORMATION OF STUDENTS' CREATIVE CAPACITY

This article examines the place of creativity within the professional activities of teachers. Creativity is understood as the ability to pose and put forward original, non-standard ideas, to apply various strategies in solving problems, and the willingness to develop emerging ideas. The article gives the concept of creative activity; The main areas of creative activity of the teacher are highlighted, such as communicative creativity, creative self-education, methodological creativity. Creative activity itself is an emotional, motivational component of a teacher's personality. Thanks to the creative approach of the teacher, he improves, teaches and develops not only the personality of the students, but also his own. The mechanisms by which pedagogical creativity can contribute to a higher level of student motivation are considered; for example, a teacher's non-standard approach can help create a new working atmosphere in the classroom. The conditions for the development of teacher creativity are also determined. As a result of the study, it was revealed that it is the personal and creative component of pedagogical culture that reflects the very creative beginning of the personality of a modern teacher. The success of many important pedagogical processes occurring in the education system depends on it.

Key words: *professional activities, environmental activities, student personality traits, organization of creative activities, production, scientific research, joint classes at home, pedagogical community.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимов Шуҳрат Саймаҳмудович*** – ассистенти кафедраи таърих ва фалсафаи *Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, шаҳри Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48\5. Телефон: (+992) 985 80 41 00, e-mail: rakhimov84_84@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Рахимов Шухрат Саймахмудович*** *– ассистент кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес:734055, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Борбад, 48\5. Телефон: (+992) 985 80 41 00, e-mail: rakhimov84_84@mail.ru.*

Information about the author: ***Rakhimov Shukhrat Saimahmudovich –*** *assistant of the Department of History and Philosophy of International University tourism and entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad street, 48/5. Phone: (+992) 985804100, e-mail: rakhimov84_84@mail.ru.*

АСОСҲОИ ПСИХОЛОГИИ ЗУҲУРОТИ ГЕНДЕРИИ ХОСИЯТҲОИ ТИПОЛОГИИ МИЗОҶ ДАР РАВАНДИ АЗХУДКУНИИ ДОНИШ

Холиқзода Х. Х.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди демократӣ қарор дошта, яке аз принсипҳои асосии он эътирофи баробарии занону мардон дар ҳама самтҳо мебошад, ки бояд аз хурдсолӣ ташаккул ёбад. Дар ин самт принсипҳои муносибати гендерӣ ба таълим нақши ҳалкунанда мебозанд.

Мушкилоти роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълиму тарбияи шахс дар шароити навсозии мазмуни таҳсилот ва дигаргунии шароит ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Таҳсилоти гендерӣ ба ҳалли бисёр мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва зарурати инкишофи он дар ҷамъомадҳои педагогӣ торафт бештар муҳокима мешавад. Бо вуҷуди ин, дар кишвари мо муносибати гендерӣ дар таҳсилоти мактабӣ ҳанӯз ҳам камёб аст. Дар Ғарб таълим ва тарбияи гендерӣ ҳанӯз аз кӯдакистон оғоз мешавад. Таълими ба баробарии гендерӣ нигаронидашуда қодир аст дар насли наврас шуури баробарҳуқуқиро ташаккул диҳад.

Дар китобҳои дарсии психология, педагогика ва воситаҳои методӣ одатан, фарқи фаъолияти маърифатии хонандагони синну соли гуногун нишон дода шудааст, аммо дар бораи тафриқаи байни духтарону писарон маълумот зиёд дода нашудааст. Духтарону писарон дорои равандҳои гуногуни равонӣ, маърифатӣ ва ҳолатҳои эҳсосӣ мебошанд, ки бо таркиби гуногуни сохторӣ ва функсионалии ҷинси мардона ва занона муайян карда мешаванд. Ин масъаларо аз нуқтаи назари мушаххасоти функсионалии ду нимкураи майнаи сар дида мебароем.

Нимкураҳои чап ва рост мутаносибан, аз паҳлуҳои рост ва чапи бадан иттилоъ мегиранд, зеро торҳои асаб самти муқобили баданро убур мекунад ва фаъолияти онро ба танзим медароранд. Фаъолияти кории нимкураҳои майнаи сар дар як вақт симметрӣ ва асимметрӣ сурат мегирад, зеро барои он тартиботи дарккунӣ, коркарди иттилоот, ҳифз ва дубора ҳосил намудани он, танзими фаъолияти ҳаракатӣ ва эҳсосӣ гуногунанд. Чунин тартиботи асосии танзими майнаи сар дар духтарону писарон якхелаанд.

Нимкураи чапро метавон қабати гузариши равандҳои ақлӣ-мантиқӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, таснифкунандаи майнаи сар номид. Он маҷмуи иттилоотро ба қисмҳо тақсим карда, тафсилоти мушаххаси ғайримуқаррариро рад мекунад, занҷирҳои ақлӣ ё мантиқӣ месозад ва мувофиқи тартиботи дар ҷараёнбуда амал мекунад. Шахс танҳо дар нимкураи чап марказҳои нутқ дорад, яъне танҳо ин қисмат соҳиби қоидаҳои граматикӣ ва синтаксисӣ, қонунҳои мувофиқати калимаҳо дар ҷумла, моҳирона сохтани баёнияҳои мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Ҳамаи ин ба сохти махсуси нимкураи чап вобаста аст.

Нимкураи рост равандҳои образӣ, фазоӣ, синтетикӣ, интуитивиро таҷассум мекунад. Он оламро дар маҷмуъ, яклухт ва воқеӣ идрок мекунад. Дар баробари он, тафаккур дар шакли образ сурат мегирад. Раванди фикрронӣ дар як вақт дар самтҳои гуногун ҷараён мегирад.

Тафаккури нимкураи чап танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар дар ҳар як ҳалқаи занҷираи фикрҳои сохташуда маълумоти кофӣ мавҷуд бошад. Агар иттилоот (дониш) нокифоя бошад, пас кори нимкураи чап суст шуда, занҷири тафаккур мешиканад ва фаъолияти минбаъдаи фикрӣ имконнопазир мегардад. Нимкураи рост занҷирҳои тафаккурро намесозад, аз ин рӯ, ҳатто агар дар дониши шумо норасоиҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, он қодир аст пурра қарори саҳеҳ қабул кунад.

Дар мактаб муаллим ҳамеша ба хонанда маълумоти муҳимро дар вақти зарурӣ медиҳад, то занҷири дониш боз ҳам устувор гардад, яъне мактаб асосан, тафаккури чапи майнаи сарро инкишоф медиҳад. Аммо дар зиндагӣ ҳеҷ кас ба мо маълумоти заруриро сари вақт намедиҳад ва мо бояд маҳз ба тафаккури майнаи рости сар такя карда, қарор қабул кунем. Дар доираи таълимот оид ба хосиятҳои типологии системаи асаб ин равандҳо дар ҳар як хонандаи ҷинсҳои гуногун ба таври ба худ хос ифода мегарданд.

Маҳз дар хусусиятҳои кори ду нимкураи майнаи сар фарқи муҳимтарини байни духтарон ва писарон ба назар мерасанд. Дар писарон аломатҳои пешбарандаи фаъолияти таълимӣ-прогрессивии нимкураҳо бештар ба назар мерасанд, дар духтарон чунин манзара камтар ба чашм мерасад. Чӣ қадаре ки кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар бартарии кори нимкурраи рости майнаи сар зоҳир мегардад.

Аммо писарон аз ҷиҳати синну соли биологӣ нисбат ба духтарон хурдтаранд. Маҳз дар писарони синну соли калони мактабӣ нимкураи чапи майнаи сар назар ба духтарони ҳамсолашон оқилона, мантиқӣ ва фарққунанда сурат мегирад. Дар давраи хурди синнусолӣ писарон бештар ба таълим ҷалб мегарданд, ки пеш аз ҳама ба равиши яклухт, синтетикӣ, ба образӣ, мушаххас ва ҳаётӣ асос ёфтаанд. Онҳо бояд тартиботу маъниро дарк карда, ҷузъиёти бемаъниро фарқ карда тавонанд. Дар духтарон низ асосан нимкурраи рости майнаи сар бартарӣ дорад, аммо дар онҳо нутқ ва тафаккури тафриқавии нимкурраи чапи майнаи сар беҳтар рушд меёбад. Аз ин рӯ, онҳо қоидаҳо, вазифаҳои маъмулиро хубтар медонанд, ҷавоби беҳтари шифоҳӣ ва хаттӣ медиҳанд, қодиранд чизи яклухтро ба қисмҳо тақсим кунанд.

Мактаббачагон бинобар танзими махсуси майнаи сарашон, дар фаъолияти маърифатӣ як қатор душвориҳои дигар низ доранд. Ду нимкураи майнаи сари мо бо якчанд банди нахҳои асаб ба ҳам пайвастанд ва дар мубодилаи иттилоот фаъолӣ зоҳир мекунанд.

Аммо дар кӯдакон, пурқувваттарини ин нахҳои асаб мутаносиба, хурд хастанд. Илова бар ин, дар мардон ва писарон шумораи чунин нахҳои асаб нисбат ба занон ва духтарон 20% камтар аст. Аз ин рӯ, дар писарон муқоисаи иттилооти аз тарафи нимкураҳои гуногун гирифта ва коркардшуда хеле душвортар ба амал меояд. Ин барои писарон дар синфҳои ибтидоӣ ва то андозае дар зинаҳои миёна душворӣ эҷод мекунад, аммо аз тарафи дигар, имкон медиҳад, ки равандҳои такрорӣ дар кори ду нимкура то андозае коркард шаванд. Дар синну соли кӯдакӣ духтарон ҳангоми омӯзиш бартарӣ ва такя ба тафаккури нимкураи чапи майнаи сар доранд.

Педагогика дар ибтидо аз рӯйи мазмуни худ илм барои тарбияи мардон буд, зеро назарияҳои онро асосан, омӯзгорон-мардон эҷод мекарданд. Вале аз рӯйи шакл илми занона мебошад. Аксарияти муаллимон, махсусан, дар зинаи ибтидоии таҳсилот занон мебошанд. Маҳз онҳо барнома ва усулеро амалӣ месозанд, ки онҳоро омӯзгорон-олимон ва методистҳо таҳия кардаанд. Аксар вақт онҳо фикрҳои худро дар шакли хаттӣ ифода мекунанд, яъне дар онҳо фаъолии нимкураи чапи майнаи сар бартарӣ дорад. Матнҳои навиштаи нафарони бартаридоштаи нимкураи чапи майнаи сар хусусиятҳои худро доранд. Матнҳои навиштаи онҳо аз ҳад зиёд калон, аз ҷиҳати имлоӣ мураккаб, истилоҳоти зиёди беасоси илмӣ, маъниҳои аз воқеият дур ва аз ҳад зиёд абстрактӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, кӯдаки дорои бартарии нимкураи рости майнаи сар ба мактаб меояд ва ба муҳити таълимии пур аз маводи таълимии аз ҷониби омӯзгорону олимони нимкураи чап сохташуда ва ташкилшуда ворид мешавад, ки чунин муҳити таҳсилот ба тафаккури алгоритмӣ ва тамоми раванди таълим мусоидат мекунад.

Кӯдакони бо хусусиятҳои инфиродӣ ва ҷинсии танзими функсионалии майнаи сар фарқкунанда қодиранд ба ин муҳити таълимӣ ворид шуда, аълохон шаванд ва мо аз муваффақиятҳои онҳо шод гардем.

Дар психология, генетика, физиология, нейропсихология дар бораи тафовути танзими майнаи сар ва психикаи духтарону писарон маълумот ҷамъ карда шудааст. Зарурати роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълимро ҳам назария (фарқият дар идрок, эҳсосот, тафаккур, муошират ва равандҳои маърифатӣ) ва ҳам амалияи таълими тафриқавии кӯдакони ҷинси гуногун муайян мекунад. Ба мақсад мувофиқ будани чунин муносибатро амалияи таълими алоҳида дар минтақаҳои гуногуни мамлакати мо ва берун аз он исбот кардааст.

Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии мактабҳои озмоишӣ, ки дар реҷаи таълими алоҳида-якҷояи мактаббачагон амал мекунанд, на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, азхудкунии кофии нақшҳои иҷтимоӣ, балки барои такмили сифати донишандӯзӣ низ нигаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, идеяи таълими гендерӣ ба ҷорӣ намудани низоми нави донишандӯзӣ вобаста ба типҳои мизоҷ ва хосиятҳои онҳо дар таълим шароит фароҳам оварда, ба тарбия ва рушди шахсияти писарону духтарон мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, дар бораи роҳҳои рушди муассисаҳои озмоишӣ фикр карда, тасмим гирифтем, ки роҳу воситаҳои гендериро ҳамчун яке аз шаклҳои тафриқа дар таълим истифода барем, барои ба даст овардани натиҷаи назаррас дар таълиму тарбия аз хусусиятҳои гендерии рушд истифода кунем, зеро чунин роҳу воситаҳо барои омӯзиши типҳои мизоҷ шароит фароҳам оварда, ҷузъҳои асосии муносибати тафриқавии таълим дар МТМУ мебошанд.

Духтарон ва писарон аз рӯйи табиати худ аз якдигар фарқ мекунанд. Онҳо бо бозиҳои гуногун машғул мешаванд, талабот ва манфиатҳои гуногун доранд. Ба як ҳодиса як хел муносибат намекунанд, муносибати худро ба хониш, ба падару модар ва муаллим, ба ҳайвонот ва асбобу анҷоми рӯзгор, ба дӯстию меҳру муҳаббат ба таври инфиродӣ зоҳир мекунанд.

Дар даҳсолаи охир татбиқи ғояҳои муносибати гендерӣ ба таълим ва тарбияи мактаббачагон дар доираи масъалаи ташкили низоми таҳсилоти гендерӣ бештар инкишоф ёфт.

Гендер ин ҷинси иҷтимоӣ-психологии инсон, маҷмуи хусусиятҳои психологӣ ва рафтори иҷтимоиро таҷассум намуда, дар муошират ва муносибати мутақобила ифода меёбад.

Низоми таълими ба гендер нигаронидашуда рушди равонӣ ва синну солии хонандагонро дар зинаи дахлдори таҳсил ба назар гирифта, ба инкишофи мутаносиби шахсият вобаста ба ҷинс мусоидат намуда, барои такмили муносиби типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ҷинсии писарону духтарон замина мегузорад.

Чунин низом туфайли ҷорӣ намудани тартиботи таҳсилоти фарқкунанда барои такмили мутаносиби типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси хонандагон шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки писарону духтарон дар рафти донишандӯзӣ бо ҳамдигар ва ҷомеа ҳамкории муассир дошта бошанд.

Ҷадвали 1

Хусусиятҳои фарқкунандаи гендерӣ вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ дар раванди донишандӯзӣ

Амалҳои ба писарон хосбуда вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ	Амалҳои ба духтарон хосбуда вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ
- Ба мушкилӣ машғули кор гашта, бо гузашти ними дарс фаъолӣ пайдо мегардад; - Фаъолии баланди кори ақлӣ, суръати баланди интиқоли мавод, мавҷудияти захираи донишҳои иловагии гуногунҷабҳа; - Мустақилият дар қабули қарор; - Истифодаи маълумоти гуногунсамта, ғайримуқаррарӣ ва усули фаъоли таълим дар раванди омӯзиш; - Тарзи фаъоли ҷустуҷӯйӣ, ҷиду чаҳди ақлонӣ, хулосаҳои мантиқӣ; - Тағйири намудҳои фаъолият; - Супоришҳои хусусияти истнҳсолидошта; - Қоидаҳо туфайли амалҳои дар олами воқеъият ифодагашта; - Арзёбии мусбати кори иҷрошуда; - Шакли гурӯҳии кор бо мақсади рақобатпазирии фаъолияти таълимӣ	- Давраи фаъолияти таълимӣ кӯтоҳтар буда, авҷи фаъолӣ дар аввал ва охири дарс дида мешавад; - Доираи муайяни азхудкунии дарс, интиқоли маводи нав; - Вобаста ба муносибат амал намуда, дар рафти дарс аз омӯзгор тасдиқи ҷавоби дурустро интизоранд; - Ба эмотсияҳо бештар дода мешаванд ва онҳоро эмотсияҳои мусбӣ ба фаъолият водор месозанд; - Коркарди муфассал ва тафсилоти иттилоот, иҷрои амиқи кор аз рӯйи усули қадам ба қадам; - Инкишофи хуби малакаҳои ҳаракатӣ, ҳаҷми зиёди корҳои хаттӣ, риояи тартибот; - Онҳо ба осонӣ вазифаҳои дар боло зикршударо иҷро мекунанд ва барои гузаштан ба вазифаи нав душворӣ мекашанд; - Қобилиятҳои шифоҳӣ нағз инкишоф ёфтаанд, ба онҳо муҳориба писанд нест, дар ҳолати ба эмотсияҳо мубтало гаштан ба танқидкунӣ рӯ меоранд, дар кори якҷоя ба ҳамшарикон кӯмак мерасонанд; - Барои онҳо алоқамандии маводи нав бо пешина хеле муҳим аст

Дар миёнаи асри XX таваҷҷуҳи олимон ба хосиятҳои типологии мизоҷ, системаи асаб, мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо махсусан дар заминаи омӯзиши гендерӣ афзуд ва ин имконият дод, чуноне ки Н. Н. Обозов З қайд мекунад, оиди хосиятҳои асосии системаи асаб фикру мулоҳизаҳо аниқ ва васеъ дида баромада шаванд. Олимони мактаби Б.М. Теплов махсусан В. Д. Небилитсин қайд карда буд, ки қувваи системаи асаби инсон, ки ба сифати дараҷаи қобилияти корӣ баромад мекунад, на танҳо аҳамияти мусбат, балки ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Исбот шудааст, ки дар намояндагони типи сусти системаи асаб қобилияти кории паст ҳасосии баландро ба вуҷуд меорад, ки чунин хосият тағйиротро дар олами иҳотакарда аниқ мекунад 1, 2.

Дар татбиқи роҳу воситаҳои гендерӣ дар амалияи низоми маориф ба як қатор мушкилот дучор мешавад:

- муносибати норавшан дар ҷомеа ва муҳити касбии омӯзгорон;
- набудани дониши махсуси омӯзгорони мактабҳо дар соҳаи педагогикаи гендерӣ;
- таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бе назардошти принсипҳои гендерии таълим.

Агар яке аз ҷанбаҳои гендерӣ-заминавии психика хосияти системаи асаб бошад, онгоҳ хосиятҳои инфиродии психика, аз он ҷумла хосиятҳои мизоҷ аз хосиятҳои инфиродии системаи асаб вобастаанд. Бинобар ин, аввалин нишонаи асосии хосиятҳои мизоҷ ин вобастагии онҳо бо хосиятҳои системаи асаб мебошад. Дар хусуси хосиятҳои инфиродии системаи асаб танҳо аз рӯйи хосиятҳои инфиродии мизоҷ муҳокима рондан мумкин аст. Худи ҳозир дар психофизиология аз ҳама назарияи амиқ коркардшудаи системаи асаб назарияи рефлексҳои шартӣ мебошад. Дар он нишондиҳандаҳои хосиятҳои системаи асаб хусусиятҳои инфиродии рефлексҳои гуногуни шартӣ, ҳамчунин аксуламалҳои кӯтоҳмуддат дар ҷавоб ба ангезанда мебошанд. Табиатан, агар ин ва ё он хосиятҳои инфиродии психикӣ бо хосиятҳои инфиродии рефлексҳои шартӣ мувофиқат кунанд, онгоҳ ин яке аз нишонаҳои комилан фарқкунандаи гендерии хосиятҳои мизоҷ мебошад.

Ин маънои онро надорад, ки хосиятҳои психикие, ки бо ягон дигар хусусиятҳои инфиродии системаи асаб мувофиқат мекунанд, ба хосиятҳои мизоҷ мутаалиқ нестанд. Алакай дар корҳои лабораторӣ маълум гашта буд, ки якқаттор хусусиятҳои инфиродии психикӣ на танҳо бо хусусиятҳои инфиродии рефлексҳои шартӣ, балки бо хусусиятҳои инфиродии ҳолатҳои шартӣ-функсионалӣ ва ё ба таври дигар рефлексҳои шартии муввақатӣ мувофиқат мекунанд. Дар чунин навъи хосиятҳо, инчунин хосиятҳои инфиродии системаи асаб зоҳир мешаванд, чунки хосиятҳои равонӣ низ хосиятҳои мизоҷ ба ҳисоб мераванд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои физиологӣ тассавуроти аввалини И. П. Павлов дар бораи ҳам хосиятҳои асосии системаи асаб ва ҳам оид ба мувофиқати ин хосиятҳои шарҳдиҳандаи типи умумии системаи асаб метавонад хеле тағйир ёбад. Далелҳои дар лабораторияҳои П.С. Купалов ва Б. М. Теплов ҷорикардашуда ҳоло алаккай чунин тағйиротро талаб мекунанд. Вале аҳамияти нишонаи асосии фарқкунандаи мизоҷ то андозае тағйир намеёбад. Ба таври дигар гӯем, мундариҷаи мушахаси ин нишона пурра аз рӯйи дараҷаи донишҳоямон оид ба физиологияи фаъолияти асаб муайян карда мешавад.

Пиндоштан мумкин аст, ки хосиятҳои системаи асаб ба монанди хосиятҳои дигар системаи физиологӣ умуман аз хусусиятҳои функсионалии организм вобаста ҳастанд. Аз ин рӯ, хосиятҳои мизоҷ низ аз хусусиятҳои функсионалии организм вобастагии калон доранд, вале ин вобастагӣ характери бевосита ва ғайримустақим дорад, ба монанди оне, ки мизоҷ аз хосиятҳои системаи асаб вобастагии бевосита дорад. Аз нуқтаи назари материалистӣ ҳодиса, ҳолат ва фаъолияти психикие вуҷуд надорад, ки аз кори қишри нимкурраҳои калони майнаи сар вобастагӣ надошта бошад, пас хосиятҳои психикие вуҷуд надоранд, ки аз хосиятҳои физиологии қишри нимкурраҳои калон, ҳамчунин аз типи умумии системаи асаб вобастагӣ надошта бошад. Фарқи махсуси хосиятҳои мизоҷро дар навъи чунин вобастагии асабӣ-физиологӣ дидан мумкин аст. Хосиятҳои мизоҷ нисбатан аз дигар хосиятҳои инфиродии психикӣ зоҳиран бевосита аз типи умумии системаи асаб вобастаанд. Ин маънои онро дорад, ки мизоҷ танҳо аз типи умумии системаи асаб вобаста аст. Дар ин сурат аз типи муайяни умумии системаи асаб танҳо як типи муайяни мизоҷ вобастагӣ дорад. Дар байни хусусиятҳои динамикии шавқу ҳавас хислатҳои характер ва дигар хосиятҳои шахсият натанҳо аз типи системаи асаб, балки аз дигар шартҳои физиологӣ, масалан, аз ҳолати функсионалии системаи асаб, системаҳои алоқаҳои шартӣ-рефлекторӣ ва механизмҳои гуногуни физиологӣ вобастаанд. Ҳамин хел, вобастагии якзайли мизоҷ аз системаи асаб дар тадқиқоти психологӣ аҳамияти хеле калон дорад.

Ба ақидаи И. П. Павлов типи умумии системаи асаб типи конститутсионалӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин хосиятҳои типи умумӣ дар рафти ҳаёт хеле оҳиста тағйир меёбанд. Бинобар ин, ба хосиятҳои мизоҷ чунин хосиятҳои психикиеро нисбат додан мумкин аст, ки онҳо дар рафти гузариши ҳаёт нигоҳ дошта мешаванд ва оҳиста-оҳиста дигаргун мешаванд. Вобастагии конститутсионалии типи умумии системаи асаб боиси устуворӣ ва доимии мизоҷ мегардад ва нишонаи фарқкунандаи мизоҷ буда наметавонад. Типи умумии системаи асаб натанҳо аз мизоҷ, балки аз эҳсос, маром, хислатҳои характер ва ғ.ҳо вобаста аст. Фарқ дар байни хосиятҳои мизоҷ ва дигар хусусиятҳои инфиродии психикӣ дар он анҷом мепазирад, ки дар асоси чунин алоқамандиҳо ва шароити ҳаёту фаъолият ин ва ё он гурӯҳи хусусиятҳои инфиродии равонӣ ҷамъ карда мешавад.

Нишонаҳои фарқкунандаи мизоҷ на танҳо асабӣ-физиологӣ, балки ҳамчунин психологӣ низ бояд бошанд, чунки типи умумии системаи асаб на танҳо аз хосиятҳои мизоҷ, балки аз дигар хосиятҳои инфиродии психикӣ вобастаанд. Ин нишонаҳо бояд функсионалӣ бошанд. Лозим аст, ки хосиятҳои мизоҷ он функсияеро дар фаъолияти психикӣ бояд иҷро кунанд, ки хосиятҳои типи умумии системаи асаб дар фаъолияти физиологии майнаи сар ба ҷо меорад.

Типи умумии системаи асаб дар доираи таҳлили масъалаҳои илмӣ нақши танзимкунандаро мебозад. Аз хосиятҳои типи умумӣ динамикаи тамоми ҷараёнҳои шартӣ-рефлекторӣ вобаста аст. Пас хосиятҳои мизоҷ азбаски бо типи умумии системаи асаб вобастаанд, бояд чунин нақши танзимкунандаро дар фаъолияти психикӣ бозанд. Аз онҳо динамикаи тамоми ҷараёнҳои психикӣ вобаста аст. Бояд фаҳмид, ки чунин функсияро кадом хосиятҳои инфиродӣ ва психикӣ ба ҷо меорад. Пеш аз ҳама, чунин функсияро хусусиятҳои инфиродии эмотсия ва ирода иҷро мекунанд.

Бинобар ин, нишонаи фарқкунанда ва хусусияти гендерии зуҳуроти хосиятҳои мизоҷро худи типи мизоҷ муайян мекунад. Ҳоло ба мо зарур аст, ки барои шарҳи ин масъала ба хосиятҳои мизоҷ хусусиятҳои инфиродиро нисбат диҳемхки онҳо:

а) динамикаи фаъолияти психикиро ба танзим медароранд;

б) хусусиятҳои динамикаи ҷараёнҳои алоҳидаи равониро тавсиф медиҳанд;

в) характери устувор ва доимӣ доранд ва дар рафти гузариши ҳаёт мустаҳкам мегарданд;

г) ифодакунандаи типи мизоҷ ҳастанд;

д) бевосита ба типи умумии системаи асаб алоқаманданд.

Нишонаҳои номбаркардашударо истифода бурда, хосиятҳои мизоҷро аз тамоми дигар хосиятҳои равонии шахсиятро фарқ карда метавонем. Бояд фарқи байни хосиятҳои мизоҷро аз марому муносибатҳои шахсият ва хислатҳои характер ошкор сохт. Динамикаи фаъолияти равон на танҳо аз мизоҷ, балки инчунин аз марому муносибатҳои шахсият ва хислатҳои характер вобаста аст. Масалан, худдории шахс бо уҳдадорӣ ва муносибати ӯро ба меҳнат интизом ифода мекунад. Аммо дар тафовут аз мизоҷ марому муносибат ва хислатҳои характер боиси хусусиятҳои муайяни динамика мегарданд. Худдорӣ ҳамчун хосияти мизоҷ метавонад ҳам дар ҳолати меҳнат ва ҳам дар ҳолати бозӣ зоҳир гардад.

Умуман, типи системаи асаб асоси физиологӣ мебошад, ки дар он баъдан хусусиятҳои мизоҷи инсон ташаккул меёбанд, вале дар байни типи ин системаи асаб ва мизоҷи инсон қонуниятҳои ногузир мавҷуд нестанд. Хосиятҳои системаи асаб хосиятҳои мизоҷро муайян намекунанд, балки шаклёбии онҳоро сайқал медиҳанд. Масалан, сустии ҷараёнҳои асабӣ ба шаклёбии мизоҷи флегматикӣ имконият медиҳад, аммо вобаста ба шароити таълиму тарбия дар ин асос метавон хосиятҳои дигар мизоҷҳоро тағйир дод, вале ин ба қадре мушкил ва заҳматталаб аст. Барои муайян намудани тағйиротҳои хосиятҳои мизоҷ талабот ба озмоишҳои лабораторияи психологӣ пайдо мегардад.

Таҳлили корҳои илмии иҷрогардида барои баровардани хулосаҳои мазкур мусоидат карда метавонад:

1. Муваффақияти таҳсили кӯдак дар мактаб аз бисёр омилҳо вобаста аст. Дар ин ҷода як хусусияти табиӣ, ба монанди мизоҷ нақши муҳим мебозад. Он хусусияти ирсӣ дошта, дар асоси он одатҳои зиёд, хусусиятҳои рафтор, тарзи фаъолият ва ғайра ташаккул меёбанд.

2. Таҳқиқу омӯзиши мавзӯи тадқиқотӣ аз адабиёти психологӣ, педагогӣ, физиологӣ ва дигар сарчашмаҳои ба масъалаи марбутбуда нишон дод, ки асоси пешрафти фаъолияти таълимии хонандагон, махсусан дар самти донишандӯзӣ вобаста ба системаи асаб ва дар алоқамандӣ бо типи мизоҷи онҳо ба роҳ мондани раванди таҳсилот ба шумор меравад.

3. Тарзи фаъолияти таълимӣ дар ҳар як муассисаи озмоишӣ фарқкунанда мебошад. Вобаста будани усули инфиродӣ аз хосиятҳои системаи асаб ва мизоҷ асоси илмӣ дорад. Масалан, мактаббачагони дорои системаи асаб зур, дармувозинатбуда, серҳаракат суръати баланди фаъолият доранд, дар дарс фаъоланд ва ба ҷуз аз вазифаҳои асосӣ, онҳо метавонанд вазифаҳои иловагиро иҷро кунанд. Онҳо чун қоида, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ бетанаффус кор мекунанд, кори худро муддати дароз ва бодиққат тафтиш мекунанд, иҷрои мустақилонаи супоришҳоро афзал медонанд, аз рафиқон супоришҳоро нусхабардорӣ намекунанд, вале дар давраи наврасӣ суръати баланди фаъолияти таълимӣ суст гашта, раванди донишандӯзӣ паст мегардад.

4. Б. М. Теплов кайд кардааст, ки одамон вобаста ба хусусиятҳои мизоҷ на аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии амал, балки бо роҳҳои ба даст овардани натиҷаҳо фарқ мекунанд. Муҳақиқон бо мақсади тасдиқи ин ақида таҳқиқот гузаронида, робитаи байни тарзи иҷроиши амал ва хусусиятҳои мизоҷро муайян карданд. Муайян карда шуд, ки ҳар як фард ҳангоми иҷрои кори муайян тарзи инфиродии фаъолиятро ба роҳ мемонад. Аз ин ҷост, ки баъзе хонандагон баъди дарс вазифаи хонагии худро иҷро мекунанд, дигарон бошанд пеш аз иҷрои он каме дам мегиранд. Ҳангоми навиштани иншо баъзеҳо нақша месозанд, дигарон бошанд, бе он корро анҷом медиҳанд. Ин тарзи инфиродии фаъолият воситаи самарабахштарин барои ба даст овардани натиҷа ва роҳи ҳалли масъалаи мушаххас мебошад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки СМА, пеш аз ҳама қувва ва ҳаракати равандхои асабӣ ба ташаккули тарзи муайяни фаъолият таъсири калон мерасонад. Маҳсулнокии кори инсон ба хосиятҳои мизоҷи ӯ зич алоқаманд аст.

5. Наврасони дорои типи системаи асаби зур, дармувозинатнабуда ва серҳаракат ба таҳлили дуру дароз ва амиқи кори анҷомдодашуда майл надоранд, танҳо хонданро авлотар медонанд ва дар дарс камтар парешонхотир менамоянд. Наврасони дорои типи системаи асаби зур-суст, дармувозинатбуда ва сустҳаракат дар дарс ба ғайр аз вазифаҳои асосӣ супоришҳои иловагиро иҷро карда, вақт сарф мекунанд, ҷавобҳои худро бодиққат фикр мекунанд, аз сабаби бепарвоӣ ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, ба фаҳмонда додани дарс аз тарафи муаллим бодиққат муносибат мекунанд, дарс тайёр мекунанд.

6. Дар адабиёти психология, педагогика ва воситаҳои методӣ одатан фарқияти фаъолияти маърифатии хонандагони синну соли гуногун нишон дода шудааст, аммо дар бораи тафриқаи байни духтарону писарон маълумот зиёд дода нашудааст. Духтарону писарон дорои равандҳои гуногуни психикӣ, маърифатӣ ва ҳолатҳои эмотсионалӣ мебошанд, ки дар навбати худ бо таркиби гуногуни сохторӣ ва функсионалии ҷинси мардона ва занона муайян карда мешавад. Чунин низом туфайли ҷорӣ намудани тартиботи таҳсилоти фарққунанда дар муассисаҳои таълимӣ барои такмили мутаносиби СМА, типҳои мизоҷ ва хосиятҳои хонандагон шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки писарону духтарон дар рафти донишандӯзӣ бо ҳамдигар ва ҷомеа ҳамкории муассир дошта бошанд.

АДАБИЁТ

1. Небылицын В. Д. Основные свойства нервной системы человека. - М.:Просвещение, 1966. - Гл. 1.
2. Небылицын В. Д. Основные свойства нервной системы человека. - Москва, 1966. - Гл. 2.
3. Обозов Н. Н. Типы личности, темперамент и характер. - ЛНПП «Облик», 2001. - 39 с.
4. Павлов И. П. Физиологическое учение о типах нервной системы, темпераментах тож. Полн. собр. соч., т. 3, кн. 2, М. -Л., 1951. - С. 77-88.
5. Теплов Б. М. Исследование свойств нервной системы как путь к изучению индивидуально-психологических различий. Избр. психологические труды. - М., 1985.
6. Устоев М.Б. Физиологияи фаъолияти олии асаб ва системаи сенсорӣ / М.Б. Устоев // - Душанбе, 2013. – 140 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ЗУҲУРОТИ ХОСИЯТҲОИ ТИПОЛОГИИ МИЗОҶ ДАР РАВАНДИ АЗХУДКУНИИ ДОНИШ

Дар мақолаи мазкур муаллиф зарурати роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълимро аз ҷиҳати психологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар тавзеҳи зарурати масъала аҳамиятнокии таълими тафриқавии кӯдакони ҷинси гуногун ба таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақола таҳсилоти гендерӣ ҳамчун ҳалли бисёр мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ шарҳ дода шуда, зарурати таълими ба баробарии гендерӣ нигаронидашуда дар насли наврас бо мақсади ташаккули шуури баробарҳуқуқӣ равшану возеҳ таҳлил карда шудааст.

Калидвожаҳо: *баробарии гендерӣ, фаъолияти маърифатӣ, таҳсилоти гендерӣ, генетика, воситаҳои гендерӣ ба таълим.*

ГЕНДЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЯВЛЕНИЯ ТИПОЛОГИЧЕСКИХ СВОЙСТВ ТЕМПЕРАМЕНТА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье с психологической точки зрения автор проанализировал необходимость гендерных способов и методов обучения. В объяснении проблемы обсуждается важность дифференцированного обучения детей разного пола. Также в статье объясняется гендерное образование как решение многих важных социальных проблем, а также четко анализируется необходимость образования, ориентированного на гендерное равенство у подрастающего поколения с целью формирования равноправного сознания.

Ключевые слова: *гендерное равенство, познавательная деятельность, гендерное образование, генетика, гендерные средства к обучению.*

GENDER CHARACTERISTICS OF THE MANIFESTATION OF TYPOLOGICAL PROPERTIES OF TEMPERAMENT IN THE LEARNING PROCESS

In this article, on a psychological point of view, the author analyzed the need for gender-specific teaching methods. The explanation of the problem discusses the importance of differentiated instruction for children of different genders. The article also explains gender education as a solution to many important social problems, and

also clearly analyzes the need for education focused on gender equality among the younger generation in order to form an equal consciousness.

Keywords: *gender equality, cognitive activity, gender education, genetics, gender methods for education.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Холиқзода Холмаҳмад Холиқ* *– н.и.п., ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов 11/2.*

Сведения об авторе: ***Холикзаде Холмахмад Халик*** *- к.п.н., старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г .Душанбе, ул. А. Адхамова 11/2.*

Information about author*: Kholikzade Kholmakhmad Khalik* *- Ph.D., Senior Researcher at the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov 11/2.*

НАҚШИ ДАСТГИРИИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГӢ ДАР СОЛИМНИГОҲДОРӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗИШИИ ДОНИШҶӮЁН

Одинаев Н. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳлили масъалаи солимнигоҳдории донишҷӯён пеш аз ҳама баррасии мафҳуми «солимӣ» ва муайян намудани мазмуну сохтори онро талаб менамояд. Дар адабиёти илмӣ солимӣ аз мавқеъҳои гуногун — биологӣ, физиологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва акмеологӣ — шарҳ дода мешавад. Ин гуногунрангии равишҳо ба он вобаста аст, ки солимии инсон падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, танҳо бо фаъолияти физиологии организм маҳдуд намешавад.

Дар таҳқиқоти Д. Сиерс ва В. Гавидия чор консепсияи асосии солимӣ ҷудо карда мешавад, ки муносибатҳои гуногуни инсонро ба ин мафҳум инъикос менамоянд.

Якум. Солимӣ ҳамчун набудани беморӣ. Дар доираи ин равиш солимӣ пеш аз ҳама ҳамчун набудани беморӣ ва ҳолати мусоиди фаъолияти организм фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат таваҷҷуҳи асосӣ ба нишондиҳандаҳои физиологӣ, ҳолати ҷисмонӣ ва фаъолияти мӯътадили системаҳои организм равона мегардад.

Дар низоми таълимӣ чунин муносибат асосан тавассути ташаккули донишҳои биологӣ ва тиббӣ оид ба сохтору фаъолияти организм, омилҳои бемориҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо амалӣ карда мешавад.

Дуюм. Солимӣ ҳамчун натиҷаи тарзи ҳаёт. Мувофиқи ин равиш солимӣ на танҳо бо набудани беморӣ, балки бо тарзи ҳаёт ва фаъолияти бошууронаи инсон алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, шахс бояд қоидаҳои асосии нигоҳдории солимӣ, ғизои оқилона, фаъолияти ҷисмонӣ, низоми меҳнату истироҳат, пешгирии омилҳои хавф ва дигар ҷанбаҳои тарзи ҳаёти солимро аз худ намояд.

Дар ин замина вазифаи таҳсил аз интиқоли донишҳои назариявӣ берун рафта, ба ташаккули малакаҳои амалии худнигоҳдорӣ ва масъулияти шахсӣ барои солимӣ равона мегардад.

Сеюм. Солимӣ ҳамчун раванди худтанзимкунӣ ва рушди захираҳои шахсӣ. Дар доираи ин консепсия солимӣ ҳамчун раванди мунтазами истифода, нигоҳдорӣ ва рушди захираҳои табиӣ ва шахсии инсон баррасӣ мешавад. Дар он рафтори худи шахс нақши муҳим дошта, масъулияти ӯ барои ҳолати ҷисмонӣ ва психологиаш меафзояд.

Аз ин рӯ, вазифаи муҳими таҳсил ташаккули фарҳанги солимӣ, худназораткунӣ, худтанзимкунӣ, масъулиятнокӣ ва қобилияти қабули қарорҳои солимнигоҳдоранда мебошад. Дар чунин муносибат солимӣ бо рушди шахсият, камолоти психологӣ ва ташаккули муносибати бошуурона ба ҳаёт алоқаманд мегардад.

Чорум. Солимӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳо ва имкониятҳои инсон. Мувофиқи ин равиш инсон аз ибтидои ҳаёт дорои маҷмӯи муайяни захираҳо ва имкониятҳои биологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ба истифода ва рушди ин захираҳо таъсири муҳити атроф аҳамияти махсус дорад.

Аз ин рӯ, солимии инсонро берун аз низоми «инсон — муҳит» баррасӣ кардан нодуруст аст. Муҳити иҷтимоӣ, оилавӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ метавонад ҳам барои рушди захираҳои

солимӣ мусоидат намояд ва ҳам баръакс, ба онҳо таъсири манфӣ расонад. Дар ин замина муносибати экологии таълим аҳамияти махсус пайдо мекунад [8].

Солимӣ ҳамчун низоми динамикӣ. Як қатор муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки солимӣ тавассути фаъолияти ҳамоҳангшудаи вазифаҳои асосии организм ва қобилияти мутобиқшавии он ба шароити тағйирёбандаи муҳит муайян карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, солимӣ қобилияти системаҳои бо ҳам алоқаманди организмро барои нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадил, мутобиқшавӣ ба таъсироти муҳит ва таъмини фаъолияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоӣ ифода мекунад.

И. А. Аршавский қайд менамояд, ки организм дар тамоми давраи инкишофи худ дар ҳолати мутлақи мувозинат қарор надорад. Ӯ инсонро ҳамчун низоми мураккаби биологию иттилоотӣ баррасӣ намуда, солимиро ҳамчун мувофиқати фаъолияти зернизомҳои гуногуни он арзёбӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар, тағйирот дар яке аз сатҳҳои низом метавонад ба устувории умумии он таъсир расонад.

Мувофиқи муносибати низомӣ, солимӣ, ба монанди дигар низомҳои мураккаб, дорои хусусияти устуворӣ мебошад. Устуворӣ қобилияти низомро барои нигоҳ доштани сохтор ва фаъолияти худ дар шароити тағйирёбандаи муҳит ифода мекунад.

В. Кэннон дар доираи консепсияи гомеостаз таъкид менамояд, ки устувории муҳити дохилии организм тавассути маҷмӯи равандҳои мураккаби физиологӣ ва танзимкунанда таъмин карда мешавад. Дар психофизиология низ нақши механизмҳои танзими физиологӣ ва эҳсосотӣ дар нигоҳдории ҳолати нисбатан устувори организм муҳим арзёбӣ мегардад [1, с. 295; 2, с. 160].

Ҳамин тавр, устуворӣ набояд танҳо ҳамчун нигоҳдории ҳолати мавҷуда фаҳмида шавад. Он ҳамзамон яке аз ҷанбаҳои мутобиқшавӣ ва рушди низоми инсон ба ҳисоб меравад. Системаҳои зинда қобилияти нигоҳ доштани сохтори худ, худтанзимкунӣ ва рушди минбаъдаро доранд [4, с. 6].

А. А. Баранов устувориро ҳамчун «ташкили махсуси мавҷудияти шахс ҳамчун низом, ки самаранокии фаъолияти ӯро таъмин менамояд», тавсиф мекунад [3, с. 11]. Аз ин мавқеъ устуворӣ ҳам хусусияти фаъолияти инсон ва ҳам механизми нигоҳдории гомеостази шахсият мебошад.

Мувофиқи андешаи А. А. Баранов, ҳангоми номувофиқ омадани имкониятҳои шахс ба талаботи шароити мушаххаси фаъолият механизмҳои дохилии ҳифзи психологӣ ва мутобиқшавӣ фаъол мешаванд. Ин механизмҳо барои нигоҳ доштани устувории шахс ва пешгирии таъсири зиёди омилҳои стрессӣ аҳамияти муҳим доранд [3, с. 14].

Солимӣ ҳамчун раванди мутобиқшавӣ ва рушди шахсият. Дар як қатор таҳқиқотҳо, аз ҷумла корҳои В. П. Казначеев, А. С. Мещеряков, Р. В. Рожнов ва А. С. Степочкин, солимӣ на ҳамчун ҳолати статикӣ, балки ҳамчун раванди динамикии нигоҳдории гомеостаз, мутобиқшавӣ ва рушди инсон баррасӣ мешавад.

А. С. Мещеряков, Р. В. Рожнов ва А. С. Степочкин модели ташхисии солимиро пешниҳод намуда, солимии инфиродӣ ва солимии иҷтимоиро ҷудо мекунанд. Солимии инфиродӣ бештар дар фаъолияти ҳаётӣ ва солимии иҷтимоӣ дар фаъолияти таълимӣ, касбӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ зуҳур меёбад. Дар ҳар ду сатҳ ҷанбаҳои инфиродӣ, шахсиятӣ ва субъектии солимӣ ба назар гирифта мешаванд [6].

Муаллифон таъкид менамоянд, ки рушд аз афзоиш ва камолоти одии организм фарқ дошта, иштироки фаъоли субъектро дар муайян намудани роҳи ҳаёт ва муносибати бошууронаро ба таъсири омилҳои муҳит дар бар мегирад [6, с. 56].

Дар ин замина, худназораткунӣ, танзими эҳсосот, масъулиятнокӣ ва қобилияти идора намудани рафтори худ аз муҳимтарин захираҳои солимии психологӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд [6, с. 61].

Е. Б. Старовойтенко дар байни равандҳои муҳими худназораткунӣ ва худтаҳлилкунӣ қобилияти шахсро барои дарк намудани муносибати худ ба дигарон, арзёбии меъёрҳои ахлоқӣ, дарки нақши фаъолияти шахсӣ дар рушди худ, инчунин муайян намудани ҳудуди имкониятҳои «Ман»-и худ ҷудо менамояд [9, с. 161].

Аммо худшиносӣ ва худбаҳодиҳии объективӣ барои субъект вазифаи осон нест. Аз ин рӯ, дар ин раванд дастгирӣ ва ҳамроҳии мутахассисон, аз ҷумла омӯзгорон, психологҳо ва дигар

мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ-педагогӣ, аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Тавре В. Д. Шадриков таъкид менамояд, чунин дастгирӣ бояд пеш аз ҳама ба муайян намудани қувваҳои шахсият, имкониятҳои инфиродӣ ва захираҳои дохилии он равона карда шавад [10].

Солимии психологӣ ва нақши он дар фаъолияти донишҷӯён. Солимии психологӣ яке аз ҷузъҳои муҳими солимии умумии инсон мебошад. Он қобилияти шахсро барои идора намудани ҳолатҳои эҳсосӣ, мутобиқ шудан ба шароити иҷтимоӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои созанда, қабули қарорҳои масъулиятнок ва муқовимат ба омилҳои стрессӣ дар бар мегирад.

С. Я. Долецкий солимии психологиро қобилияти инсон барои муқовимат ба сарбориҳои гуногуни психологӣ ва нигоҳ доштани самаранокии фаъолияти худ шарҳ медиҳад [5, с. 19].

Ҳолати солимии психологиро метавон аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо арзёбӣ намуд: хусусияти ҳолатҳои эҳсосӣ, худбаҳодиҳӣ, қобилияти қабули қарорҳои масъулиятнок, мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоӣ, муносибат бо дигарон ва қобилияти нигоҳ доштани фаъолияти самаранок дар ҳолатҳои душвор.

Масъалаи мазкур махсусан барои донишҷӯён муҳим мебошад, зеро давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо тағйироти назаррас дар тарзи ҳаёт, муносибатҳои иҷтимоӣ, талаботи таълимӣ ва масъулияти шахсӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, донишҷӯ бояд на танҳо донишҳои касбӣ, балки малакаҳои худтанзимкунӣ, идоракунии вақт, назорати эҳсосот ва мутобиқшавӣ ба талаботи муҳити таълимиро низ инкишоф диҳад.

Камолоти шахсият ҳамчун омили солимнигоҳдорӣ. Камолоти шахсият яке аз омилҳои муҳими ташаккули муносибати бошуурона ба солимӣ мебошад. Шахси аз ҷиҳати психологӣ баркамол метавонад масъулияти қарорҳои худро ба зимма гирад, рафтори худро идора намояд, оқибатҳои амалҳои худро пешбинӣ кунад ва ба рушди шахсии худ муносибати фаъол дошта бошад.

Таҳқиқоти И. Свириденко нишон медиҳанд, ки худбаҳодиҳии шахс дар бораи камолоти худ на ҳамеша ба нишондиҳандаҳои воқеии камолоти шахсият мувофиқат мекунад [7, с. 22]. Камолоти шахсият, аз ҷумла, дар қобилияти ташкили муносибатҳои солим бо дигарон, масъулиятнокӣ, мустақилият, қобилияти худидоракунӣ ва муносибати бошуурона ба солимии ҷисмонӣ, зеҳнӣ, психологӣ ва маънавӣ ифода меёбад.

Аз ин рӯ, ташаккули камолоти шахсият бояд яке аз самтҳои муҳими дастгирии педагогӣ-психологӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бошад.

Муҳити таълимӣ ва солимнигоҳдории донишҷӯён. Муҳити таълимӣ дар ташаккули солимии донишҷӯён нақши муҳим дорад. Муносибатҳои байни омӯзгор ва донишҷӯ, фазои психологӣ дар гурӯҳ, сатҳи дастгирии иҷтимоӣ, талаботи таълимӣ, шаклҳои арзёбӣ ва имконияти фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ метавонанд ба ҳолати психологӣ ва фаъолияти таълимии ӯ таъсири назаррас расонанд.

Аз ин рӯ, солимнигоҳдорӣ бояд танҳо ҳамчун маҷмӯи чораҳои тиббӣ ё санитарӣ фаҳмида нашавад. Он бояд низоми ҳамгироеро дар бар гирад, ки дар он омилҳои физиологӣ, психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Дар ин замина дастгирии педагогӣ-психологӣ метавонад ҳамчун низоми чораҳои мақсадноки таълимӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шавад, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шахсият, мутобиқшавии донишҷӯ, пешгирии ҳолатҳои номатлуби психологӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ равона гардидааст.

Масъулияти солимнигоҳдорандаи донишҷӯ. Дар шароити муосири таҳсилоти олӣ ташаккули масъулияти шахсии донишҷӯ барои солимии худ аҳамияти махсус дорад. Масъулияти солимнигоҳдоранда бояд ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумии шахс ва яке аз ҷузъҳои тарзи ҳаёти солим баррасӣ карда шавад.

Ин масъулият дар қобилияти шахс барои дарк намудани арзиши солимӣ, назорати ҳолати ҷисмонӣ ва психологӣ, идора намудани эҳсосот, риояи тарзи ҳаёти солим, пешгирии омилҳои хавф ва сари вақт муроҷиат намудан ба мутахассисон ҳангоми пайдо шудани мушкилот ифода меёбад.

Ба ин маъно, тарзи ҳаёти солим танҳо маҷмӯи қоидаҳои физиологӣ набуда, балки низоми муносибатҳои бошууронаи инсон ба худ, дигарон ва муҳити атроф мебошад.

Масъулияти солимнигоҳдоранда ҳамчун масъулияти иҷтимоӣ дар ҷараёни ҳаёти инсон ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, муассисаи таҳсилоти олӣ бояд барои ташаккули чунин масъулият шароити мусоиди педагогӣ ва психологӣ фароҳам оварад.

Захираҳои дохилӣ ва берунии солимӣ. Солимии донишҷӯ натиҷаи таъсири мутақобилаи захираҳои дохилии шахс ва имкониятҳои муҳити иҷтимоӣ-таълимӣ мебошад. Ба захираҳои дохилӣ метавон қобилияти худтанзимкунӣ, худназораткунӣ, устувории психологӣ, малакаҳои мутобиқшавӣ, ҳавасмандӣ, худбаҳодиҳии воқеӣ ва масъулиятнокиро дохил намуд.

Захираҳои берунӣ бошанд, дастгирии оила, омӯзгорон, ҳамсолон, муҳити мусоиди таълимӣ, хизматрасониҳои психологӣ, шароити муносиб барои таҳсил ва имкониятҳои фаъолияти иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Самаранокии солимнигоҳдорӣ маҳз дар ҳолате баланд мегардад, ки ин ду гурӯҳи захираҳо ба ҳамдигар мувофиқ ва ҳамгиро бошанд.

Хулоса ҳамин тариқ, таҳлили равишҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки солимӣ мафҳуми бисёрҷанба буда, танҳо бо набудани беморӣ маҳдуд намегардад. Он ҳолат ва ҳамзамон раванди динамикии фаъолияти инсон мебошад, ки дар он ҷанбаҳои ҷисмонӣ, физиологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба ҳам пайвастаанд.

Солимӣ қобилияти шахсро барои нигоҳ доштани фаъолияти нисбатан устувор, мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳит, идора намудани ҳолатҳои эҳсосӣ, истифодаи захираҳои дохилӣ ва берунӣ ва идомаи рушди шахсӣ инъикос менамояд.

Дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ солимнигоҳдорӣ бояд ҳамчун қисми муҳими низоми умумии таълим баррасӣ шавад. Самаранокии он аз ташкили муҳити мусоиди иҷтимоӣ-педагогӣ, муносибати дастгиркунандаи омӯзгор, рушди малакаҳои худтанзимкунӣ ва худназораткунӣ, ташаккули масъулияти шахсӣ ва баланд бардоштани фарҳанги солимии донишҷӯ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, дастгирии педагогӣ-психологӣ бояд ба ташаккули чунин сифатҳои шахсият равона карда шавад, ки ба донишҷӯ имкон медиҳанд ҳолати худро бошуурона арзёбӣ намояд, захираҳои шахсии худро самаранок истифода барад, ба талаботи муҳити таълимӣ мутобиқ шавад, ҳолатҳои эҳсосиро танзим кунад ва барои нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии худ масъулияти шахсӣ дошта бошад.

Дар ин замина, солимнигоҳдорӣ на танҳо вазифаи муассисаи таълимӣ ё мутахассиси соҳаи тандурустӣ, балки натиҷаи ҳамкории донишҷӯ, омӯзгор, психолог, муҳити таълимӣ ва ҷомеа мебошад. Маҳз чунин муносибати маҷмӯӣ метавонад барои ташаккули шахсияти мустақил, масъулиятнок, аз ҷиҳати психологӣ устувор ва омода ба фаъолияти самараноки касбӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Айзман Р. И. Технологияҳои солим нигоҳдоранда дар таҳсил: дастури таълимӣ барои балакавиатураи академӣ. / Р. И. Айзман, М. М. Мельников, Л. В. Косованов // – нашрияи 2 – ум, тағйирот ва иловаҳо, М.: Нашрияи Юрайт, 2018. – 282 с.
2. Баевский Р. М. Пешгӯии ҳолатҳо дар сарҳади меъёр ва эътилол. / Р. М. Баевский // – М.: Тиб. – 1979. – 295 с.
3. Баранов А. А. Устуворӣ ба ассабоният ва маҳорати омӯзгорӣ. / А. А. Баранов // – Ижевск: Нашрияи Донишгоҳи давлатии Удмуртск. – 1997. – 107с.
4. Битянова М. Мо ба хотири чӣ кӯдакро ба мактаб равон мекунем. [Текст]. Таҳсилоти халқӣ. / М. Битянова // – 2002. – №2. – С.46 – 54.
5. Долецкий С. Я. Ҳама чиз аз кӯдакӣ оғоз мегардад. / С. Я. Долецкий // – М: Сов. Россия. – 1983. – 208с.
6. Мещеряков А. С., Рожнов Р. В., Степочкин А. С. Худшиносии касбии донишҷӯёни донишгоҳи муқаррарӣ ҳамчун нишонаи солимии равонӣ ва иҷтимоӣ. [Текст]. Омӯзгори асри XXI. – 2005. – №4. – С.55 – 61,
7. Свириденко И. Калонсол ин кист? / И. Свириденко // Якуми сентябр. – 2007. – № 3. – С. 22.
8. Сиерес Д. Оид ба муносибатҳои гуногун ба мафҳуми «солимӣ». [Текст]. / Д. Сиерес, Д. Гавидия //. Мактаби солимӣ, 1998. – Т.5. – №1. – С. 7 – 16.
9. Старовойтенко Е. Б. Равоншиносии муосир: намудҳои ҳаёти зеҳнӣ. / Е. Б. Старовойтенко //. – М.: Лоиҳаи академикӣ. – 2001. – 544 с.

10. Шадриков В. Д. Фаъолият ва қобилият. / В. Д. Шадриков // – М.: Нашриёти иттиҳодияи «Логос». – 1994. – 320с.

НАҚШИ ДАСТГИРИИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГӢ ДАР СОЛИМНИГОҲДОРӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗИШИИ ДОНИШҶӮЁН

Мақола ба масъалаи дастгирии педагогӣ-психологии солимнигоҳдорандаи фаъолияти донишҷӯён бахшида шуда, мафҳуми солимӣ аз мавқеи равишҳои биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва акмеологӣ таҳлил карда мешавад. Дар заминаи таҳлили андешаҳои муҳаққиқони соҳаҳои тиб, физиология, педагогика ва психология, аз ҷумла В. Кэннон, В. П. Казначеев, И. А. Аршавский, С. Я. Долецкий, А. А. Баранов, А. С. Мещеряков, Е. Б. Старовойтенко ва дигарон, солимӣ ҳамчун ҳолати нисбатан устувор ва ҳамзамон ҳамчун раванди динамикии мутобиқшавӣ, худтанзимкунӣ, рушди шахсият ва фаъолияти иҷтимоӣ баррасӣ мегардад.

Дар мақола механизмҳои худтанзимкунӣ, худназораткунӣ, танзими эҳсосот, устувории психологӣ, мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи фаъолияти ҳаётӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ-педагогӣ ба ташаккули захираҳои солимӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Таъкид мешавад, ки солимии донишҷӯ на танҳо бо набудани беморӣ, балки бо қобилияти мутобиқшавӣ ба талаботи муҳити таълимӣ, идора намудани ҳолатҳои эҳсосӣ, қабули қарорҳои масъулиятнок, худназораткунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои шахсӣ муайян карда мешавад.

Мавқеи махсус ба нақши дастгирии педагогӣ-психологӣ дар ташаккули масъулияти шахсии донишҷӯ барои солимии ҷисмонӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва маънавии худ дода мешавад. Дар ин замина, муҳити мусоиди таълимӣ, муносибати дастгиркунанда аз ҷониби омӯзгорон ва рушди малакаҳои худтанзимкунӣ ҳамчун омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ ва таъмини рушди устувори шахсияти донишҷӯ арзёбӣ мегарданд.

Калимаҳои калидӣ: солимӣ, солимнигоҳдорӣ, дастгирии педагогӣ-психологӣ, устувории психологӣ, худтанзимкунӣ, худназораткунӣ, мутобиқшавӣ, захираҳои солимӣ, камолоти шахсият, гомеостаз, фаъолияти таълимӣ, муҳити таълимӣ, рушди психологӣ.

РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКИ-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ПОДДЕРЖКИ В ОБЛАСТИ ЗДОРОВЬЯ И УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

Статья посвящена проблеме педагогико-психологического сопровождения здоровьесберегающей деятельности студентов. Рассматривается понятие здоровья с позиций биологического, психологического, социального и акмеологического подходов. На основе анализа взглядов исследователей в области медицины, физиологии, педагогики и психологии, в частности В. Кэннона, В. П. Казначеева, И. А. Аршавского, С. Я. Долецкого, А. А. Баранова, А. С. Мещерякова, Е. Б. Старовойтенко и др., здоровье рассматривается не только как относительно устойчивое состояние организма, но и как динамический процесс адаптации, саморегуляции, развития личности и социальной активности.

Анализируются механизмы саморегуляции, самоконтроля, эмоциональной регуляции, психологической устойчивости, адаптации к изменяющимся условиям жизнедеятельности, а также влияние социальной и образовательной среды на формирование ресурсов здоровья. Подчеркивается, что здоровье студента определяется не только отсутствием заболеваний, но и способностью адаптироваться к требованиям образовательной среды, регулировать эмоциональные состояния, принимать ответственные решения, осуществлять самоконтроль и эффективно использовать личностные ресурсы.

Особое внимание уделяется роли педагогико-психологического сопровождения в формировании личной ответственности студентов за сохранение и укрепление физического, психологического, социального и духовно-нравственного здоровья. В данном контексте благоприятная образовательная среда, поддерживающее взаимодействие преподавателей и развитие навыков саморегуляции рассматриваются как важные факторы повышения эффективности учебной деятельности и обеспечения устойчивого личностного развития студентов.

Ключевые слова: здоровье, здоровьесбережение, педагогико-психологическое сопровождение, психологическая устойчивость, саморегуляция, самоконтроль, адаптация, ресурсы здоровья, личностная зрелость, гомеостаз, учебная деятельность, образовательная среда, психологическое развитие.

THE ROLE OF PEDAGOGICAL-PSYCHOLOGICAL SUPPORT IN HEALTH AND LEARNING ACTIVITY OF STUDENTS

The article examines the role of pedagogical and psychological support in preserving and strengthening students' health and maintaining effective educational activity. The concept of health is analyzed from biological, psychological, social, and acmeological perspectives. Based on the views of researchers in medicine, physiology,

pedagogy, and psychology, including W. Cannon, V. P. Kaznacheev, I. A. Arshavsky, S. Ya. Doletsky, A. A. Baranov, A. S. Meshcheryakov, and E. B. Starovoytenko, health is considered not only as a relatively stable state but also as a dynamic process involving adaptation, self-regulation, personality development, and social activity.

The article analyzes the mechanisms of self-regulation, self-control, emotional regulation, psychological resilience, adaptation to changing conditions of life and educational activity, and the influence of the social and educational environment on the development of health resources. It is emphasized that students' health is determined not only by the absence of disease but also by their ability to adapt to educational demands, regulate emotional states, make responsible decisions, exercise self-control, and effectively use personal resources.

Particular attention is paid to pedagogical and psychological support as a means of developing students' personal responsibility for maintaining and strengthening their physical, psychological, social, and spiritual well-being. A supportive educational environment, constructive interaction with teachers, and the development of self-regulation skills are considered important conditions for improving students' educational performance and ensuring sustainable personal development.

Keywords: health, health preservation, pedagogical and psychological support, psychological resilience, self-regulation, self-control, adaptation, health resources, personality maturity, homeostasis, educational activity, educational environment, psychological development.

Маълумот дар бораи муалиф: ***Одинаев Носирҷон Абдулваҳобович*** **–** *омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: (+992)918761597, email: nosirodinaev517@gmail.com.*

Сведения об авторе: ***Одинаев Носиржон Абдулвахобович*** **–** *старший преподаватель кафедры общая биологии и методики преподавания биологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Адрес: 734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: (+992)918761597, email: nosirodinaev517@gmail.com.*

Information about the author: ***Odinaev Nosirjon Abdulvakhobovich*** *– senior lecturer of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Address: 734003, RT, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Tel.: (+992)918761597, email: nosirodinaev517@gmail.com.*

ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ САРВАРӢ ДАР КОНСЕПСИЯЮ НАЗАРИЯҲОИ РАҲЁФТИ РАФТОРӢ

Расулов С. Х.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инсоният аз нахустин лаҳзаҳои пайдоиши худ зарурати ҳаёти иҷтимиро дарк намудаву барои танзими муносибатҳо дар доираи чунин ҳаёт кӯшиш ба харҷ додааст. Дар ин радиф, яке аз масъалаҳои муҳим ин масъалаи идоранамоии ҳаёти гурӯҳии одамон маҳсуб меёбад, ки таваҷҷуҳи одамонро ҳанӯз аз даврaҳои қадим ба худ ҷалб намуда, омӯзиши сарвариро ҳамчун падидаи иҷтимоию психологӣ ногузир гардонидааст.

Омӯзиши ин масъала пеш аз ҳама ба беҳгардонии ҳаёти иҷтимоӣ, ки омили асосии таъмини некуаҳволии иҷтимоию психологии ҳар як шахс маҳсуб меёбад, равона гардида, дар доираи раҳёфтҳои гуногуни илмӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шудааст. Дар доираи мақолаи мазкур таҳлилу баррасии омӯзиши масъалаи сарварӣ дар конесепсияю назарияҳои раҳёфти рафторӣ ҳадаф қарор дода шудааст.

Яке аз раҳёфтҳои илмие, ки дар доираи он масъалаи сарварӣ мавриди пажуҳишу омӯзиш қарор дода шудааст, раҳёфти рафторӣ мебошад. Дар доираи ин раҳёфт таваҷҷуҳи асосӣ ба рафтори сарвар равона шуда, кӯшиши дарёфт кардани он тавсифдиҳандаҳои рафторие, ки барои муваффақ шудани сарвар мусоидат мекунанд, ба харҷ дода шудааст. Дар доираи таваҷҷуҳ ба рафтори сарвар мафҳуми услуби сарварӣ руйи кор омад. Услуби сарварӣ ин «маҷмуи амалкарду усулҳое мебошад, ки аз тарафи савар (инчунин роҳбар) бо мақсади таъсир расонидан ба тобеон истифода мешаванд» [11].

Яке аз вижагиҳои пажӯҳиши масъалаи барасишаванда дар доираи ин раҳёфт аз он иборат аст, ки аксари пайравони ин раҳёфт сарварӣ ва роҳбароиро ба якдигар монанд медонанд. «Ин

монандкунӣ пеш аз ҳама дар омехта кардани мафҳумҳои «услуби сарварӣ» ва «услуби роҳбарӣ» ифода меёбад, ки дар шакли пӯшида ба баробарии менеҷер ва сарвар ишора мекунад» [8, с. 37].

Дар доираи ин раҳёфт корҳои анҷомдодаи К. Левин мавқеи хосса доранд. Дар охири солҳои 30-юми асри XX зери роҳбарии ӯ озмоише гузаронида шуд, ки ба пажуҳиши минбаъдаи масъалаи сарварӣ таъсири калон расонид. Дар озмоиши гузаронидаи онҳо се гурӯҳи наврасон зери роҳбарии калонсолон ниқоб месохтанд. Роҳбарии гурӯҳҳоро калонсолоне ба уҳда доштанд, ки аз услубҳои гуногуни роҳбарӣ истифода мебурданд. Пажӯҳишгарон ба он таваҷҷуҳ намуданд, ки чи тавр услуби роҳбарӣ ба самаранокии кори гурӯҳҳо таъсир мерасонад [2]. Маҳз дар ҳамин озмоиш услубҳои роҳбари тарзе номгузорӣ шуданд, ки дар тадқиқоти минбаъда ва ҳоло ҳам дар дабиёти илмӣ истифода мешаванд, яъне «авторитарӣ», «демократӣ» ва «озод».

Услуби авторитарӣ истифодаи усулҳои маъмуриро ба асос мегирад ва чунин хусусиятҳоро доро аст: роҳбар дар ҳама гуна масъалаҳо қарори қатъии шахсиро қабул мекунад; назорати доимии қатъии иҷрои кор бо таҳдиди ҷазодиҳӣ; эҳтимолияти ба вуҷуд омадани қарорҳои барғалат; пахшшавии ташаббусҳо; ноқаноатмандии одамон аз кор ва мавқеи дар коллектив дошта; муҳити носолими корӣ ва ғ. Ин усул зимни сиёсат, фишор ва зӯроварӣ сурат мегирад ва дар ташаккули коллектив монеаву душвориҳо эҷод менамояд. Сарвари авторитарӣ зимоми идоракуниро пурра ба дасти худ гирифта, ба аъзои гурӯҳ имкон намедиҳад, ки амалҳою қарорҳои қабулнамудаи ӯро муҳокима ё маҳкум кунанд.

Услуби демократӣ хилофи услуби авторитарӣ буда, дар он роҳбар ҳангоми ҳалли масъалаҳои корӣ ба тобеон такя мекунад, яъне қарори қабулшуда зери назорати роҳбар ва худи кормандон ба амал меояд. Чунин сарвар ба шахсияти тобеон муносибати некхоҳона зоҳир менамояд, манфиат, талабот ва хусусиятҳои шахсияти онҳоро ҳангоми фаъолияти касбӣ ба назар мегирад. Ин услуби беҳтарин дониста шудааст, зеро ташаббус ва фаъолонро дастгирӣ менамояд, муҳити солими кориро таъмин намуда, фаъолияти босамари кормандон одилона қадр мегардад ва ғ.

Услуби либералӣ ё озод «аз як тараф, бо «демократияи максимум» (озодии беҳад) ва аз тарафи дигар, бо «назорати минимум» тавсиф дода мешавад» [7, с. 47]. Чунин сарвар ба виҷдон ва шуури тобеон такя карда, фаъолияти онҳоро назорат намекунад. Ин аст, ки қарорҳои қабулшуда иҷро намешаванд, зеро ҳама ба таври ихтиёрӣ ба кор меоянду мераванд. Дар баробари ин, фаъолию ташаббускорӣ мушоҳида намешавад. Роҳбар бо кормандони худ ҳамкорӣ намекунад ва ин метавонад ба пайдоиши низоъҳо сабаб шавад. Чунин роҳбарон одатан муносибати бепарвоёна ба тақдири коллектив зоҳир менамоянд.

Ҳачанд номгузории услубҳои сарварию роҳбарӣ аз тарафи К. Левин минбаъд аз тарафи дигар муҳаққиқон дастгирии пурра наёфта бошад ҳам, беҳтарин услуб донистани услуби «демократӣ» ҳамчун меъёр дар тадқиқотҳои ба ин масъала равонашуда истифода гардиданд. Яке аз сабабҳои дастгирӣ наёфтани номгузории мазкур сертобишии он мебошад. Доир ба ин масъала муҳаққиқ Андреева Г. М. қайд мекунад: «ҳадди ақал бояд ду ҷанбаъро мушаххасу аниқ кард: мазмуни қарори аз ҷониби савари гурӯҳ пешниҳодшуда ва техникаҳои амалисозии ин қарорҳо» [3].

Умуман, дастовардҳои К. Левин дар самти омӯзиши услубҳои сарварӣ боиси он гадиданд, ки акнун сарвар на ҳамчун шахси дорои хислату сифатҳои муайян, балки ҳамчун шахси дорои услуби муайяни рафтор арзёбӣ мегардид. Мусаллам аст, ки рафтори инсон дар давоми ҳаёт шакл мегирад ва ташаккул меёбад. Аз ин нуқтаи назар агар, омили асосии муайянкунандаи муваффақияти сарвар рафтор бошад, пас онро тавассути омӯзишҳои махсус метавон ташаккул дод. Маҳз ҳамин нуқта муносибатро ба масъалаи сарварӣ дигар кард: сараварро метавон омода кард.

Таҳлили услубҳои сарварӣ нишон медиҳанд, ки услуби ягонаи беҳтарини сарварӣ вуҷуд надорад ва ҳамон як сарвар метавонад дар вазъиятҳои гуногун аз услубҳои гуногун истифода кунад ё дар рафтори ҳамон як сарвар метавонанд унсурҳои услубҳои гуногуни саварӣ дар ҳамгироӣ зоҳир шаванд. Ин ҳолат далели он аст, ки сарварӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ дар натиҷаи ҳамкории вазъиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки худи сарвар субъекти оҳо аст [4].

Дар доираи раҳёфти рафторӣ пажуҳишҳои дар марказҳои илмии Донишгоҳҳои Огайо ва Мичиган доир ба масъалаи сарварӣ гузаронида низ ба дастовардҳои арзишманди илмӣ ноил гардидаанд. Солҳои 40-уми асри гузашта муҳаққиқони донигоҳи Огайо кӯшиш ба харҷ доданд, ки омилҳои ба рафтори сарвар таъсиррасонро ошкор кунанд. Баъд аз таҳлилҳои зиёд онҳо ин омилҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карданд:

1. Сохторикунонии фаъолият - ифодакунондаи он аст, ки то кадом андоза сарвар нақши худ ва дигаронро дар раванди расидан ба ҳадафи гурӯҳӣ муайян ва сохторбандӣ мекунанд. Ин гурӯҳи омилҳо маҷмуи амалҳои ба ташкил кардани фаъолият, ташаккул додани муносибатҳои корӣ ва муайянкунии ҳадафҳо равонашударо дар бар мегирад. Ба андешаи муҳаққиқон сарварӣ аз рӯйи ин омил ба нишондиҳандаи баланд ноилшуда қобилияти аниқу мушаххас муайян кардани вазифаи умумӣ ва вазифаҳои ҳар як аъзои гурӯҳро дошта, барои таъмин намудани самаранокии кор аз тобеон риояи амалҳои стандартишударо талаб мекунад ва нишондиҳандаҳои иҷроиши кор бештар таваҷҷуҳ мекунад.

2. Илтифот ба одамон – ифодакунандаи муносибат сарвар бо тобеон, яъне дигар аъзои гурӯҳ аст. Ин гурӯҳи омилҳо боварии байниҳамдигарӣ, инчунин эҳтироми андешаю мавқеи дигарон аз тарафи сарварро дар бар мегирад. Муҳаққиқон бартарӣ доштани ин омилҳоро дар сарвар чунин тавсиф медиҳанд: ба тобеон барои ҳалли мушкилоташон берӯн аз ваъияти корӣ ёрӣ мерасонад, барои осоиши ҷисмонию равонии тобеон чораҳои муассир меандешад, хайрхоҳ аст, рафтори боодобона дорад, ба тобеон як хел муносибат мекунад [8, с. 40].

Тадқиқоти дар ин масъала гузаронидашуда нишон доданд, ки агар сарвар аз рӯйи ҳарду омил нишондиҳандаҳои баландро соҳиб шавад, он гоҳ кори бо роҳнамоии ӯ иҷрошуда самаранокии баландтар дошта, дар тобеон дараҷаи қаноатмандӣ аз кор низ баландар аст.

Дар ин давра олимони Маркази омӯзиши афкори оммаи назди Донишгоҳи Мичиган низ дар пажуҳиши масъалаи сарварӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Онҳо ошкор кардани он тавсифдиҳандаҳои рафторро, ки боиси самаранокии фаъолияти корӣ мегарданд, ҳадаф қарор доданд.

Муҳаққиқони ин марказ ду гурӯҳи омилҳои заминавиро ҷудо карданд:

1. Омили рӯоварӣ ба кормандон. Сарвароне, ки бештар ба кормандон таваҷҷуҳ мекунанд, ба талаботу эҳтиёҷоти онҳо диққат дода, хусусиятҳои фардии кормандонро ба эътибор мегиранд.

2. Омили рӯоварӣ ба истеҳсолот. Сарварони ба истеҳсолот бештар таваҷҷуҳдошта бошанд, баръакс, ҷанбаҳои техникию ташкилии корро дар маркази диққат қарор медиҳанд, барои онҳо аз ҳама муҳим расидан ба ҳадаф аст. Ин сарварон кормандонро ҳамчун воситаи расидан ба ҳадаф арзёбӣ мекунанд [1].

Ҳамин тариқ, хулосаи пажуҳиши мазкур ин аст, ки омили рӯоварӣ ба кормандон ҳам боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолият мегардаду ҳам эътимоди тобеонро ба сарвар баланд мебардорад ва ҳам ба қаноатмандии кормандон аз кори худ мусоидат мекунад.

Тадқиқотҳои болозикр, ки дар доираи раҳёфти рафторӣ амалӣ шудаанд, боиси рӯйи кор омадани амсилаи дуомилаи рафтори сарварона гардиданд. Ин амсила минбаъд дар корҳои Р. Блейк ва Ҷ. Моутон тақвият ёфт. Онҳо усулеро бо номи «панҷараи идоракунӣ» пешниҳод намуданд, ки на танҳо ба баҳодиҳии аниқи миқдории рафтори сарварона, балки ба ошкор кардани нақши ҳукмфармо доштани тафаккури сарвар дар раванди расидан ба ҳадаф равона карда шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон фаъолияти сарварӣ ба якдигар омезиш додани ду омили асосӣ - «рӯоварӣ ба кормандон» ва «рӯоварӣ ба истеҳсолот»-ро тақозо мекунад [5, с. 50-53]. Тибқи ин усул, ки таъсири ин омилҳоро ба самаранокии фаъолияти сарвар вобаста ба дараҷаи ифодаёбиашон муайян мекунад, 81 услуби сарварӣ ҷудо карда шудааст. Ба андешаи худи муаллифон услуби «рӯоварӣ ба самаранокии кор дар ҳамгироӣ бо эътимод ва эҳтиром ба одамон», ки мушаххасан «идоракунии даставӣ» номгузорӣ шудааст услуби муваффақтарин маҳсуб меёбад [12].

Дар доираи раҳёфти рафторӣ тадқиқотҳои Р. Лейкерт доир ба навъҳои сарварӣ низ мавқеи хоса доранд. Ӯ дар тадқиқотҳои худ ба омилӣ «рӯоварӣ ба кормандон» бартарӣ дода, ошкор кард, ки маҳз роҳбарони ба ҷанбаҳои инсонии идоранамоӣ таваҷҷуҳдошта фаъолияти самарабахштар доранд. Лейкерт мафҳуми коэфитсенти КЛА (коэфитсенти либералӣ-

авторитарӣ)-ро ҳамчун методи таҳлили самараонии услубҳои роҳбарӣ пешниҳод намуд. Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби унсурҳои авторитарӣ ва либералӣ дар амалияи идоракунӣ ҳисоб карда мешавад. Ба гуфтаи ӯ, арзиши идеалии ин коэффитсиент 1.9 буда, ин нишон медиҳад, ки саркори муваффақ боваркуниро нисбат ба маҷбуркунӣ ду маротиба бештар истифода баранд [6].

Лейкерт чаҳор амсилаи рафтори сарварионаро ҷудо намуда, таснифотеро пешниҳод кард, ки барои арзёбӣ кардани дараҷаи тобиши авторитарӣ ё демократӣ доштани услуби сарварӣ имкон медиҳад [8, с. 44] (Ҷадвали 1.)

Ҷадвали 1.

Намунаи мазмуни системаи сарварӣ (тибқи пешниҳоди Лайкерт)

Тағйирёбандаҳои ташкилотчигӣ	**Системаи 1**	**Системаи 2**	**Системаи 3**	**Системаи 4**
Дараҷаи эътимоди сарвар ба тобеон ва боварии ӯ ба онҳо	Ба зердастон эътимоду боварӣ надорад	Боварии мағрурона ва эътимоди навъи «хуҷаин-ғулом»	Боварии назаррас, вале на мутлақ, навъи эътимоди «сардор-тобеъ» бо хоҳиши назорат кардани қабули қарор ва татбиқи он	Боварии мутлақ ва эътимод ба ҳама
Хусусияти мароми истифодаша-ванда	Тарс, таҳдидҳо, ҷазо ва ҳавасмандгар-дониҳои алоҳида	Ҳавасмандкунӣ ва дар меъёри муайян ҷазо	Ҳавасмандку-нӣ, ҷазодиҳии алоҳида ва то дараҷае ҷалб кардан ба корҳои маъмурӣ	Мукофотҳои моддӣ дар асоси системаи ҳавасманд-гардонӣ, ки бо дарнар-дошти иштироки кормандон дар корҳои маъмурӣ таҳия шудааст
Хусусияти таъсиррасонӣ ба тобеон ва ҳамкорӣ бо онҳо	Ҳамкории суст, дар тарсу нобоворӣ асос ёфтааст	Ҳамкории суст бо баъзе баэътиборирии андешаи зердастон; тарс ва эҳтиёткорӣ дар зердастон	Ҳамкории муътадил бо зоҳирнамоии боварӣ ба кормандон ва эътимод ба онҳо	Ҳамкории амиқ ва дӯстона бо кормандон, боварию эътимоди баланд ба онҳо

Консепсияи пешниҳоднамудаи Р. Лайкерт то ҳоло ҳам дар амалия арзиши худро нигоҳ доштааст, зеро амалан исбот шудааст, ки пешрафти кор ба маромнокии кормандон вобастагии калон дорад.

Дар доираи раҳёфти рафторӣ дигар тадқиқоти ба масъалаи сарварӣ бахшидашуда низ вуҷуд доранд, ки ба ошкор кардани таъсири рафтор ба сарварӣ равона шудаанд, аммо онҳо робитаҳои устуворро дар байни услуби рафтори сарвар ва фаъолияти гурӯҳӣ ошкор карда натавонистанд.

Ҳамин тариқ, дар доираи раҳёфти рафторӣ сарварӣ ҳамчун маҷмуи намунаҳои рафтори сарвар дар муносибат ба зердастон баррасӣ карда мешавад. Маҳз, назарияҳои рафтории саварӣ боиси он гардиданд, ки ба масъалаи ташаккул додани рафторҳои самарабахш таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар заминаи ташаккул додани рафтори самарабахш метавон сарварони муваффақро омода кард, яъне дар фарқ аз мавқеи дигар раҳёфтҳо на ба кашфи сарвар, балки ба омоданамоии ӯ бояд таваҷҷуҳ кард.

Раҳёфти рафторӣ ба коркарди консепсияи рафтори сарвар имконияти омода намудани сарваронро аз рӯйи барномаи махсус таҳияшуда, ки тибқи онҳо самаранокӣ на аз рӯйи хислатҳои шахсии маъмур, балки аз рӯйи тарзи рафтори ӯ дар муносибат ба зердастон, яъне

услуби сарварӣ муайян карда мешавад, пешниҳод менамояд. Дар зери «мафҳуми «услуби сарварӣ» низоми усули ба сарвар хосси таъсиррасони ба зердастон фаҳмида мешавад» [10, с. 58].

Таҳлили консепсияю назарияҳои ба раҳёфти рафторӣ мутаалиқбуда нишон медиҳад, ки «рафтори сарвариро метавон тавассути омӯзиш ва омоданамоии махсус метавон инкишоф дод [9, с. 567]»

Дастоварди дигари арзишманди назарияҳои ин раҳёфт дар он аст, ки маҳз дар доираи таълимоти онҳо ба омӯзиш, таснифот ва интихоби услубҳои сарварӣ замина гузошта шуд.

АДАБИЁТ

1. Kahn R., Katz D. Leadership practices in relation to productivity and morale // D. Cartwright, A. Zander (Eds). Group dynamics: research and theory. 2nd ed. - Eirnsford, N. Y.: Row, Paterson, 1960.
2. Аксенова Т.В., Снигур А.Р., Назаров А.А., Солнцева А.С., Воронова А.С. Стили руководства. Оптимизация управленческой деятельности // StudNet. 2021. - №1.
3. Андреева Г. М. Социальная психология. - М.: Изд-во МГУ, 1980.
4. Багреев С. А. Диагностика социалино-психологических характеристик малых групп с внезним статусом. – СПб.: 1999. - С. 98 - 114.
5. Бендес Т. В. Гендерная психология лидерство. Монография. - Оренбург:ИПК ОГУ, 2000.
6. Губанова А. В., Минева О. К. Интерпретация результатов исследования характеристик эффективного лидерства в современных российских организациях // Лидерство и менеджмент. - 2022. - Том 9. - № 2. - С. 421-438.
7. Давлатов М. Психологияи идоракунӣ. - Душанбе, 2017. - 224 с.
8. Занковский А.Н. Психология лидерства: от поведенческой модели к культурно-ценностной парадигме: Монография. – М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2011. - 296 с.
9. Левженко В. В., Соколова Е.А. Методологические подходы к изучению феномена «лидерство» //Известия Самарского научного центра Российской академии наук, Т. 16, №2(3), 2014. -С. 565-569.
10. Петровский А.В. Личности, деятельности, коллектив. – М., 1992.
11. Психологический словарь / Под ред. В. В. Давыдова и др. - М.: Педагогика, 1983.
12. Шуванов В. И. Социальная психология управления. / В. И. Шуванов. - Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2023. - 463 с. Текст: электронный // Цифровой образовательный ресурс IPR SMART: [сайт]. - URL: https://www.iprbookshop.ru/142697.html (дата обращения: 30.08.2024). - Режим доступа: для авторизир. пользователей.

ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ САРВАРӢ ДАР КОНСЕПСИЯЮ НАЗАРИЯҲОИ РАҲЁФТИ РАФТОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи сарварӣ дар консепсияю назарияҳои ба раҳёфти рафторӣ таалуқдошта, ба монанди назарияи услуби сарварии К. Левин, пажуҳишҳои марказҳои илмии Донишгоҳҳои Огайо ва Мичиган, усули «панҷараи идоракунӣ»-и Р. Блейк ва Ҷ. Моутон ва системаҳои идоракунии Р. Лекерт мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки дар доираи ин раҳёфт таваҷҷуҳи асосӣ ба рафтори сарвар равона шуда, кӯшиши дарёфт кардани он тавсифдиҳандаҳои рафторие ба харҷ дода шудааст, ки барои муваффақ шудани сарвар мусоидат мекунанд. Солҳои 30-юми асри XX зери роҳбарии К. Левин озмоише гузаронида шуд, ки боиси ҷудо кардани услубҳои сарварӣ ба «авторитарӣ», «демократӣ» ва «озод» гардид.

Пажӯҳишҳои дар марказҳои илмии Донишгоҳҳои Огайо ва Мичиган гузаронидашуда кӯшиш ба харҷ доданд, ки омилҳои ба рафтори сарвар таъсиррасонро ошкор кунанд. Дар доираи амсилаи дуомилаи рафтори сарварона Р. Блейк ва Ҷ. Моутон усулеро бо номи «панҷараи идоракунӣ» пешниҳод намуданд, ки на танҳо ба баҳодиҳии аниқи миқдории рафтори сарварона, балки ба ошкор кардани нақши ҳукмфармо доштани тафаккури сарвар дар раванди расидан ба ҳадаф равона карда шудааст. Р.Лейкерт чаҳор амсилаи рафтори сарварионаро ҷудо намуда, таснифотеро пешниҳод кард, ки барои арзёбӣ кардани дараҷаи тобиши авторитарӣ ё демократӣ доштани услуби сарварӣ имкон медиҳад. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар доираи раҳёфти бихевиоралӣ сарварӣ ҳамчун маҷмуи намунаҳои рафтори сарвар дар муносибат ба зердастон барраси карда мешавад.

Калидвожа*: сарварӣ, назария, амсила, консепсия, услуби сарварӣ, омил, услуби авторитарӣ, услуби демократӣ, услуби либералӣ.*

ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ЛИДЕРСТВА В КОНЦЕПЦИЯХ И ТЕОРИЯХ ПОВЕДЕНЧЕСКОГО ПОДХОДА

В данной статье анализируется проблема лидерства в концепциях и теориях, связанных с поведенческим подходом, таких как теория стилей лидерства К. Левина, исследования научных центров

университетов Огайо и Мичигана, метод «управленческой решетки» Р. Блейка и Дж. Мутона, а также системы управления Р. Лайкерта. Отмечается, что в рамках этого подхода основное внимание уделяется поведению лидера, и предпринимается попытка выявить те поведенческие характеристики, которые способствуют успеху лидера. В 30-е годы XX века под руководством К. Левина было проведено исследование, которое привело к разделению стилей лидерства на «авторитарный», «демократический» и «свободный».

Исследования, проведенные в научных центрах университетов Огайо и Мичигана, были направлены на выявление факторов, влияющих на поведение лидера. В рамках двухфакторной модели лидерского поведения Р. Блейк и Дж. Мутон предложили метод, названный «управленческой решеткой», который направлен не только на точную количественную оценку лидерского поведения, но и на выявление доминирующей роли стили мышления лидера в процессе достижения цели. Р. Лайкерт выделил четыре модели лидерского поведения и предложил классификацию, позволяющую оценить степень авторитарных или демократических оттенков стиля лидерства. Автор пришел к выводу, что в рамках поведенческого подхода лидерство рассматривается как совокупность моделей поведения лидера по отношению к подчиненным.

***Ключевые слова**: лидерство, теория, модель, концепция, стиль лидерства, фактор, авторитарный стиль, демократический стиль, либеральный стиль.*

STUDYING THE PROBLEM OF LEADERSHIP IN CONCEPTS AND THEORIES OF THE BEHAVIORAL APPROACH

This article analyzes the problem of leadership in the concepts and theories related to the behavioral approach, such as K. Lewin's theory of leadership styles, research conducted at Ohio State and Michigan State University research centers, R. Blake and J. Mouton's «managerial grid» method, and R. Likert's management systems. It is noted that this approach focuses primarily on leader behavior and attempts to identify the behavioral characteristics that contribute to leadership success. In the 1930s, K. Lewin led a study that led to the classification of leadership styles into «authoritarian», «democratic» and «free.»

Research conducted by the Ohio State and Michigan State University research centers aimed to identify the factors influencing leader behavior. Within the two-factor model of leadership behavior, R. Blake and J. Mouton proposed a method called the «managerial grid» which aims not only to accurately quantify leadership behavior but also to identify the dominant role of a leader's thinking style in goal achievement. R. Likert identified four models of leadership behavior and proposed a classification system for assessing the degree of authoritarian or democratic nuances in a leadership style. The author concluded that within the behavioral approach, leadership is viewed as a set of patterns of leader behavior toward subordinates.

***Keywords**: leadership, theory, model, concept, leadership style, factor, authoritarian style, democratic style, liberal style.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулов Сайфидин Худоиевич*** *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: + 992 918 80 68 07, e-mail: sayf76@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Расулов Сайфидин Худоиевич*** *- кандидат политических наук, доцент кафедры психологии Таджикского национального университета. Тел.: + 992 918 80 68 07, e-mail: sayf76@mail.ru.*

Information about the author: ***Rasulov Sayfidin Khudoievich*** *- Candidate of Political Science, Associate Professor in the Department of Psychology at the Tajik National University. Tel: + 992 918 80 68 07, e-mail: sayf76@mail.ru.*

ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ ШАХСӢ-ИҶТИМОИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ МАКОТИБИ ОЛИИ КАСБӢ

Юсупова Н. Н.

Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар даврaи инкишофи ҷомеаи муосир зинаи таҳсилоти олӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ илова бар вазифаи омода намудани мутахассисони баландихтисос, инкишофи мавқеи фаъоли иҷтимоии шахсро низ бар дӯш дорад. Аз ин ҷиҳат, масъалаи ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии шахс дар мисоли донишҷӯён масъалаи меҳварии илми педагогикаи муосир аст.

Аз таҷриба бармеояд, ки, ки донишҷӯёни дорои мавқеи фаъоли шахсии иҷтимоӣ дар раванди таълим иштироки фаъол ва муносибати маърифатию илмӣ доранд. Яке аз роҳҳои инкишофи мавқеъи фаъол пурзӯр гардонидани ҷараёни маърифатнокии донишҷӯён дар раванди таълим аст.

Маърифати арзишҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ ба зеҳну тафаккури наслҳои ҷавон таъсири амиқ мерасонанд. Яке аз ҳадафҳои зинаи олии таҳсилот низ тарбияи шахсияти комил, соҳибмаърифат, ватандӯст ва дорои тафаккури илмӣ аст. Ин ҳадаф имрӯз ба яке вазифаҳои калидии сиёсати давлатӣ низ табдил ёфтааст.

Мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён устуворӣ дар муносибатҳои шахсию иҷтимоӣ ва фаъолияти касбиро дар бар гирифта, дар рафтору фаъолият ва интихоби арзишҳо зоҳир мегардад. Заминаҳои пайдоиши ин мавқеъ барои донишҷӯён дар ташаббускорӣ, мустақилият, қобилияти худбаҳодиҳӣ ва иштироки фаъол дар раванди таълим мебошанд. Омӯзиш ва таҳлили маълумоти иҷтимоию психологӣ дар бораи донишҷӯён, муайян намудани сатҳи маълумотнокӣ, қобилият ва хусусиятҳои фардии барои ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии онҳо зарур аст.

Ба андешаи олими тоҷик Ибодов Н. «Ташаккули мавқеи иҷтимоии шахс бо рушди шуури иҷтимоӣ, ҳавасмандӣ ва таҷрибаи фаъолияти амалӣ алоқамандии зич дорад [4, с. 3]. Аз ин лиҳоз, дар муҳити таълимӣ бояд шароите муҳайё карда шавад, ки донишҷӯ имкон пайдо кунад фаъолнокии худро зоҳир кунад.

Ҷараёни маърифатнокӣ низ дар раванди фаъолонаи азхудкунӣ, дарк, таҳлил ва татбиқи донишҳо мавқеи хос дорад. Дар зинаи таҳсилоти олӣ фаъолияти маърифатӣ бештар хусусияти эҷодию тадқиқотиро бояд доро бошад, чунки ин равиш ба рушди тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти донишҷӯ мусоидат мекунад ва дар натиҷа донишҷӯ ба субъекти фаъоли таълим табдил ёфта, масъулият ҳис мекунад, то натиҷаи омӯзиши худро баҳодиҳӣ карда тавонад. Дарк кунад, ки тавассути касб мавқеи иҷтимоӣ то кучо дар бозори меҳнат рақобатпазир аст, чунки яке аз ҳадафҳои калидии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошад. Ба андешаи Сафаров М, донишҷӯ дар ин ҳолат «Таҷрибаи ҳамкорӣ ва муошарати иҷтимоиро аз худ менамояд» [10, с. 46].

Барои муайян намудан ва рушди мавқеи фаъоли донишҷӯён омилҳо ва усули педагогии ташаккули онро номбар кардан зарур аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён аз як қатор омилҳо вобастагии сахт дорад, аз ҷумла:

1. фазои мусоиди таълимӣ ва равонии донишгоҳу донишкадаҳо;
2. шахсияти омӯзгор ва фаъолияти самараноки педагогии ӯ;
3. мазмуни маводи таълимӣ, ки бо ҳаёти воқеӣ ва касби ояндаи донишҷӯ робитаи зич дорад;
4. истифода аз усули фаъоли таълим.

Ба андешаи Қурбонзода М. «Ба усулҳои самаранок ва фаъоли педагогӣ усули лоиҳавӣ, муҳокима, корҳои таҳқиқотии мустақилонаи донишҷӯён, омӯзиши роҳҳои ҳалли мушкилот ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим дохил мешаванд» [5, с. 92].

Шароити педагогии самаранок аз муҳиммоти дигар дар рушди маърифатнокии донишҷӯён аст. Барои таъмин намудани самаранокии инкишофи мавқеи фаъоли донишҷӯён иҷрои шартҳои зерин ҳатмӣ аст:

1. қадршиносии фаъолияти маърифатии донишҷӯён;
2. фароҳам сохтани имконият барои интихоби мустақили тарзи фаъолнокии донишҷӯён дар раванди таълим;
3. ташаббусҳои таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯёнро эътироф, қадршиносӣ ва дастгирӣ намудан;
4. алоқаманд намудани назарияи таълим бо амалияи касбӣ.

Ба хотири ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён дар фаъолияти маърифатии макотиби олии касбӣ зарурат пеш меояд, ки раванди таълим ва тарбияи донишҷӯёнро дар муассисаҳои олии касбӣ аз рӯйи самтҳои гуногун аз қабили ташаккули фарҳанги баланди ахлоқӣ, ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва шуури ватандӯстӣ, фарҳанги

ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ташаккули сифатҳои шахсии барои фаъолияти самараноки касбӣ зарурӣ, дар шаклҳои гуногуни худидоракунии донишҷӯён тарбия намудани малакаҳои идоракунии коллектив, ҳифзу густариши анъанаҳои таърихию фарҳангӣ бо пайвастагӣ дар таълиму тарбияи донишҷӯён, мустаҳкам ва беҳтар намудани ҳолати ҷисмонӣ, кӯшиш ба тарзи ҳаёти солим, тарбия намудан зидди истифодаи тамокукашӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ ва рафтори зиддиҷамъиятӣ ва монанди инҳо ба роҳ мондан зарур аст.

Рушди низоми худидоракунии донишҷӯён, ташаккули сифатҳои роҳбарӣ дар онҳо, қобилияти эҷодӣ дар коллектив мавқеи иҷтимоии онҳоро уствор мекунад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ташаккули шахсият дар шароити андешидани тадбирҳои махсуси пешгирикунанда ба монанди расонидани кумаки психологӣ, суҳбатҳо дар бораи зарари тамокукашӣ, истеъмоли машрубот, нашъамандӣ ва кори инфиродӣ бо донишҷӯён низ имконпазир аст.

Муҳити таълимӣ бояд барои рушди донишҷӯён илова бар таъмини самарноки ҷараёни таълим тавассути озмуну олимпиада ва викторинаҳо саҳмгузор бошад. Воқеан, озмунҳои фаннию умумии ҷумҳуриявӣ чеҳра ё шахси донишҷӯро бештар ошкору муаррифӣ мекунанд. Як ҷанбаи касб намудани мавқеи иҷтимоӣ иштироки фаъол дар озмунҳо аст. Эътироф ва қадршиносии дастоварди донишҷӯён барои талошҳои минбаъдаи онҳо мотиватсияи хуб аст. Аз ҷумла, ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» ва «Илм - фурӯғи маърифат» як низоми мукаммали тарбиявию маърифатиро ташкил медиҳанд. Ин озмунҳо унсури як сиёсати воҳиди давлатӣ мебошанд, ки ҳадафи асосии онҳо рушди зеҳнӣ, маънавӣ ва шаҳрвандии ҷомеа, бахусус ҷавонон аст.

Махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» заминаи ибтидоии низоми маърифати иҷтимоӣ аст. Аз нигоҳи педагогӣ, мутолиаи китоб асоси ташаккули тафаккури амиқ, нутқи равон, ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти таҳлил мебошад. Китоб хонандаро ба андеша водор месозад, малакаи худомӯзиро инкишоф медиҳад ва заминаи рушди минбаъдаи илмӣ ва шаҳрвандиро фароҳам меорад.

Аз нигоҳи педагогикаи иҷтимоӣ, ватандӯстӣ на ҳамчун эҳсоси худҷӯш, балки чун арзиши тарбиявӣ инкишоф меёбад. Иштирок дар озмунҳо ҷавононро ба мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, масъулият барои ояндаи кишвар ва дарки нақши шахсии худ дар рушди ҷомеа ҳидоят мекунад.

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» низ дар рушди тафаккури илмӣ-техникии ҷавонон, махсусан, донишҷӯён таъсири бузург дорад. Агар китоб ҷаҳонбиниро васеъ кунад ва ватандӯстӣ ҳисси масъулиятро бедор созад, илм воситаи ҳалли мушкилоти воқеии иҷтимоӣ мегардад. Аз нуқтаи назари педагогика, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти илмӣ на танҳо ба рушди дониш, балки ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодӣ мусоидат мекунад.

Механизми дигари такмили мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён гумманизатсия ё худ инсонгароӣ аст, ки онро донишманди тоҷик М. Шакурӣ чунин шарҳ додааст: «Асли инсонгароӣ рӯ овардан ба маънавият аст. Инсонгароӣ дар мактаб чунин маънӣ дорад, ки омӯзишу парвариш такя бар илмҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ меоварад, дарсҳое, ки маънавияти инсонро қувват медиҳанд, дар таълиму тарбия мавқеъи асосӣ ишғол менамоянд. Дарсҳое, ки бунёди инсонии инсонро устувор мекунанд, дар омӯзишу парвариш мавқеи асосӣ бояд дошта бошанд. Он чӣ одамро одамият меомӯзад, бояд дар омӯзишу парвариш ҷойгоҳе басазо дошта бошад, ба ақидаи банда аз кӯдакистон то охири таҳсили донишгоҳӣ (дар ҳамаи донишгоҳҳо) саҳм бигирад» [12, с. 17].

Чунончи дар боло гуфтем, гуманизм ё инсондӯстӣ яке аз манбаъҳои аслии касби мавқеи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла, донишҷӯёни макотиби олӣ аст, ки риояи он аз ду тараф ба амал меояд: ҳам аз тарафи муассисаи таҳсилоти олӣ тавассути роҳандозии заминаҳои мушаххас аз қабили таҳияи консепсияи таълими инсондӯстона, ки моҳияти воқеии ҷаҳоншиносиро таъмин менамояд, ҷорӣ намудани фанҳои интихобии фарҳангшиносӣ ва таълими самараноки дигар улуми инсонӣ, курсҳои махсус, ва ғайра. Ин раванд бояд пеш аз ҳама чунин натиҷа диҳад, ки таваҷҷуҳ ба муносибати шахсӣ, таълиму тарбия ва педагогикаи ҳамкориро рушд диҳад.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ инчунин уҳдадор аст, ки бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгоронро мунтазам дар ин соҳа ба роҳ монад, зеро пояҳои фарҳанги инсондӯстона, арзишҳои

маънавӣ ва инсондӯстонаро ба насли наврас метавонад танҳо шахсе гузорад, ки худ онро доро бошад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Гусейнова Т. «Дар ҷараёни таълим вазифаҳоеро бояд дохил кард, ки ба бознигарии тачрибаи шахсӣ, рушди тафаккури эҷодӣ, қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ, муколамаи фарҳангӣ ва ғайра нигаронида шудаанд [2, с. 36].

Дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзишҳои инсондӯстие, ки дар ҷараёни инсонгароӣ бояд ташаккул ёбанд, инҳоянд: ташаккули салоҳиятҳои ҷамъиятию фарҳангии донишҷӯён, такмили сифатҳои шахсии донишҷӯён аз қабили шуур, таваҷҷуҳ, хотира, эҳсос ва ҳавасмандии шахсият, яъне онҳое, ки бо қобилиятҳои маърифатӣ тавъаманд, инкишоф додани қобилиятҳои муколамаҳои байнифарҳангӣ аз қабили таҳаммулпазирӣ, ташаккули сифатҳои касбии донишҷӯён дар соҳаи ҳамкории касбии байнишахсӣ ва сатҳи интерактивии муошират касбӣ. Ин ба он далолат мекунад, ки самаранокии таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи инсондӯстӣ бо низоми муносибати таълимӣ-маърифатӣ имкон медиҳад, ки шахсияти мутахассисе рушд кунад, ки дар ҳама гуна муҳити касбӣ, ҳатто вазъияти душвори педагогӣ озодона муошират карда тавонад.

Ҳамин тариқ, инкишоф ва ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён дар фаъолияти маърифатии макотиби олии касбӣ ҷараёни ҳадафнок ва бонизомро тақозо мекунад. Ҷоннок намудани фаъолияти маърифатӣ, истифодаи усули фаъоли таълим ва фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ имкон фароҳам меорад, ки донишҷӯ ҳамчун шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ва мутахассиси босалоҳият рушд намуда, ба таври зарурӣ худро муаррифӣ карда тавонад. Заминаи рушди малакаи шахсию касбӣ пеш аз ҳама муҳити таълимии созанда аст, ки донишҷӯ дар қолаби муайяни низоми ахлоқию фарҳангӣ ояндаи худро сохта тавонад. Мавқеи худро устувор нигоҳ дорад. Дар низоми андешаҳои ӯ халал ворид нагардад. Ба омӯхтани дарсу донишҳои муосир тамаркуз карда тавонад. Бо монеаҳои сунъӣ дучор наояд. Рафтору кирдори мутасаддиёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои донишҷӯён намунаи ибрат шуда тавонад. Дастандаркорони ояндаи ҷамъият моҳияти равандҳои иҷтимоиро барои донишҷӯён дуруст ва сар вақт таҳлилу баррасӣ карда тавонанд. Ба назари мо, раванди мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён дар фаъолияти маърифатии макотиби олии касбӣ саҳлу сода нест, аммо талошу саъйро дар ин роҳ набояд аз даст дод.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода А. Педагогикаи таҳсилоти олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 320 с.
2. Гусейнова Т. В. Практическая направленность методической подготовки учителей русского языка: Дисс. д.п.н.: 13.00.02 / Т. В. Гусейнова. - Душанбе, 1997.
3. Давлатов С. Қ. Асосҳои педагогика ва психологияи олӣ. – Душанбе: Маориф, 2019. – 280 с.
4. Ибодов Н. Н. Ташаккули шахсияти донишҷӯ дар раванди таълим. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 196 с.
5. Қурбонзода М. Қ. Усулҳои фаъоли таълим дар мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 2017. – 180 с.
6. Назаров Ҳ. Ғ. Методологияи таҳқиқоти педагогӣ. – Душанбе: Маориф, 2020. – 240 с.
7. Попков В.А. Учебный процесс в вузе: состояние, проблемы, решения / В.А.Попков, А.В. Коржуев. – М., 2000.
8. Раҳмонзода Н.Р. Нақши муҳити таълимӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ // Ахбори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2018. – №2. – С. 60–66.
9. Саидов Ҷ.С. Ташаккули мавқеи иҷтимоии ҷавонон дар раванди таълим // Паёми донишгоҳ. – 2019. – №4. – С. 33–38.
10. Сафаров М. С. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва роҳҳои инкишофи он // Маҷаллаи илмии педагогика. – 2021. – №3. – С. 45–52.
11. Шарипов Ф. Н. Таҳсилоти олӣ ва рушди шахсияти донишҷӯ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 саҳ.
12. Шукуров М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ [Матн] / М.Шукуров. – Душанбе, 2002. – 98 с.
13. Юсуфзода Д. Ю. Рушди тафаккури интиқодии донишҷӯён дар раванди таълим. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 200 с.

ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ ШАХСӢ-ИҶТИМОИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ МАКОТИБИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақола масъалаи ташаккул ва инкишофи мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён дар раванди фаъолияти маърифатии макотиби олии касбӣ баррасӣ шудааст. Мафҳуми мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди шахсияти донишҷӯ таҳлил гардида, нақши фаъолияти маърифатӣ дар инкишофи он нишон дода шудааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки мавқеи фаъол ҷараёни хосси табиии инкишофро дар бар мегирад ва як қатор хусусиятҳои хос дорад.

Калидвожаҳо: *мавқеи фаъол, маърифат, салоҳият, донишҷӯ, таҳсилоти олӣ, усулҳои фаъол, унсур, фаъолияти касбӣ, зинаи таҳсилот.*

ФОРМИРОВАНИЕ АКТИВНОЙ ЛИЧНОСТНО-СОЦИАЛЬНОЙ ПОЗИЦИИ СТУДЕНТОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье рассматривается вопрос формирования и развития активной личностно-социальной позиции студентов в процессе образовательной деятельности в высших профессиональных учебных заведениях. Анализируется понятие активной личностно-социальной позиции как важного элемента развития личности студента, и показана роль образовательной деятельности в её развитии. В статье отмечается, что активная позиция включает в себя специфический естественный процесс развития и обладает рядом специфических особенностей.

Ключевые слова*: активная позиция, знание, компетенция, студент, высшее образование, активные методы, элемент, профессиональная деятельность, уровень образования.*

FORMATION OF AN ACTIVE PERSONAL-SOCIAL POSITION OF STUDENTS IN THE EDUCATIONAL ACTIVITIES OF HIGHER VOCATIONAL SCHOOLS

The article discusses the issue of the formation and development of an active personal-social position of students in the process of educational activity in higher professional schools. The concept of an active personal-social position is analyzed as an important element of the development of a student's personality, and the role of educational activity in its development is shown. The article notes that an active position includes a specific natural process of development and has a number of specific features.

Keywords: *active position, knowledge, competence, student, higher education, active methods, element, professional activity, level of education.*

Маълумот дар бораи муаллиф*:* ***Юсупова Нуринисо Негматовна*** *- ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ ва фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: 93-760-30-33. Почтаи электронӣ: nurinisoyusupova5@gmail.com.*

Сведение об авторе: ***Юсупова Нуринисо Негматовна*** *- ассистент кафедры начального образования и социально-гуманитарных наук Худжандского международного института Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Тел: 93-760-30-33. Email: nurinisoyusupova5@gmail.com.*

Information about the author*: Yusupova Nuriniso Negmatovna - assistant at the Department of Primary Education and Social and Humanitarian Sciences of the Khujand International Institute Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship. Telephone: 93-760-30-33. Email: nurinisoyusupova5@gmail.com.*

ҶОЙГОҲИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Абдуллозода Л. А .
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Масоили ташаккули худшиносии хонандагони синни калони мактабӣ, чун қоида, дар даврањои буҳронии ҷомеа шадидтар мешаванд. Дар чунин вазъият хонандагон бе таҷрибаи кофии ҳаётӣ, боварҳои ахлоқӣ, надонистани фарқи байни арзишҳои ҳақиқӣ ва арзишҳои

бардурӯғ, сунъӣ, онҳо тамоилҳои манфии худшукуфоиро дар шуур ва рафтори худ мустаҳкам мекунанд. Худшукуфоӣ ин хоҳиши шахс барои пурра муайян кардан ва инкишоф додани имкониятҳои шахсии худ мебошад. Арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бошанд, ҷавҳари худшукуфоии шахсро ташкил медиҳанд. Арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҳамчун моликияти иҷтимоии шахс, озодии шахсро ташкил дода, ӯро ба соҳаи ҳамкории иҷтимоӣ раҳнамун месозанд.

Арзишҳо шакли хосси ташаккули маънавӣ мебошанд ва аз ин рӯ, ба ангезаи даркшудаи фаъолият дахл доранд. Хонандагон, аз ҷумла, хонандагони синни калони мактабӣ тамоми гуногунии ашё ва ҳодисаҳои ҷаҳони атрофро аз нуқтаи назари манофеъ, зарурати таъмини ҳаёт арзёбӣ мекунад. Одатан, барои хонанда ҳам ашхос ва ҳам ҳодисаву воқеаҳо, амалҳо, вазъиятҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои ахлоқӣ арзишнок ҳисобида мешаванд. Ҷаҳонбинӣ, ақидаҳо, тасаввурот, ғояҳо, мафҳумҳои баробарӣ, бародарӣ, озодӣ, демократия, ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, вақт, таҳсилот ва ғайра ҳамчун арзишҳо дониста мешаванд. Бояд зикр намуд, ки ҳар кадоме аз ин арзишҳо ба таври худ дар худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ саҳм мегузоранд. Ба доираи арзишҳо инчунин сифатҳои алоҳидаи инсон: меҳрубонӣ, ҳамдардӣ, ғамхорӣ, нармӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Низоми арзишҳое, ки дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ таъсиргузор мебошанд, дар раванди тамоми дарааи тарбия ва иҷтимоишавии онҳо ташаккул меёбад ва имкон медиҳад, ки гуногунии падидаҳо ва воқеият аз нуқтаи назари манфиат ва зарурати онҳо баҳо дода шавад. Он имкон медиҳад, кулли маълумоте, ки хонанда аз ҷаҳони атроф барои қонеъ кардани талабот, хоҳишҳо ва ниятҳои худ мегирад, ташкил ва низомбандӣ карда шавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки арзишҳои шахсият чизе худсарона нестанд. Онҳо, пеш аз ҳама, дар талаботи шаклгирифтаи шахсият, хоҳишҳо ва талошҳои ӯ асос ёфтаанд.

Аз низоми арзишҳои шахсият инчунин ҳавасмандӣ ба фаъолият бармеояд, ки асоснокии огоҳонаи зарурати иҷрои амалҳои муайян мебошад. Арзишҳои шахсият дар раванди қабули аксари қарорҳо дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ нақши пешбаранда мебозанд. Қарорҳои инсон, пеш аз ҳама, аз низоми арзишҳо, ки худашон дар низоми талабот асос ёфтаанд, бармеоянд. Ҳангоми қабули қарор инсон, пеш аз ҳама, онро бо он асоснок мекунад, ки аз нуқтаи назари ӯ талаботи муҳим қонеъ карда намешавад.

Низоми арзишҳо яке аз муҳимтарин ҷузъҳои сохторӣ дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ ба ҳисоб меравад. Бо ёрии он хонандагони синни калони мактабӣ ба осонӣ муҳимро аз нодаркор, аввалиндараҷаро аз дуюмдараҷа ва фоиданокро аз бефоида аз нуқтаи назари талабот, майлҳо ва манфиатҳои инфиродии худ фарқ мекуннад. Ин ба рафтори хонанда устуворӣ, самти муайян ва мутташаклӣ мебахшад. Илова бар ин, агар мо низоми арзишҳои шахси мушаххасро хуб донем, метавонем рафтори ӯро дар шароити гуногуни ҳаётӣ пешгӯйӣ кунем. Бо донистани арзишҳои инфироди мушаххас, яъне он чизе, ки барои ӯ дар ҳаёт қиммат, муҳим ва зарур аст, метавонем пешгӯйӣ кунем, ки инсон ба рафторҳо дар муносибатҳои байнифардӣ дар муассисаи таълимӣ, дар кӯча, дар хона чӣ гуна вокуниш нишон медиҳад. Масалан, падару модарон низоми арзишҳои фарзандони худро хуб медонанд ва метавонанд рафтори онҳоро пешгӯйӣ кунанд.

Либос, манзил, роҳати хона, мансаб, муваффақият, кори дӯстдошта, саломатӣ, оила, фарзандон дар дарки субъективии мо низ ҳамчун арзишҳои муайян зоҳир мешаванд. Ҳар чизе, ки бо қонеъ кардани талаботи гуногун алоқаманд аст: моддӣ, равонӣ, физиологӣ, зебоӣ, ахлоқӣ, метавонад ҳамчун арзишҳои муҳим амал кунанд ва дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ нақш дошта бошанд. Самтгирии арзишӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки чӣ чиз барои ӯ дар ҳаёт муҳим ва арзишманд аст, ҳал кунад. Барои баъзеҳо ин метавонад фарзандон, саломатии онҳо; барои дигарон – некӯаҳволӣ, муҳаббат, меҳрубонӣ аз ҷониби шарик; барои сеюминҳо – некӯаҳволии моддӣ ва шароити мусоиди зист бошад. Инҳо инчунин метавонанд: қаноатмандӣ аз ҳаёт, саломатӣ ҳам барои худи шахс ва ҳам барои дигарон, муносибатҳои хуб бо падару модарон ва хешовандон, муваффақияти касбӣ ва мансаб бошанд.

Низоми арзишҳо дар давоми ҳаёти шахс ташаккул ёфта, тарбия карда мешавад. Ин, пеш аз ҳама, натиҷаи кори тарбиявӣ аст. Ин як қисми тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ мебошад. Чӣ тавре ки муҳаққиқ Ф. Гулмадов қайд мекунад, «Инсон меъёрҳои ахлоқиро бо дарназардошти аҳамияти онҳо барои кору фаъолият дар ҳаёти ояндаи худ аз худ мекунад. Вале баъзе аз меъёрҳои

ахлоқиро инсон то дарк намудани онҳо амалан иҷро менамояд» [5, с. 48]. Ҳалли масъалаи тарбиявӣ – ташаккули шуури маънавӣ-ахлоқӣ, маҳз бо ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон алоқаманд аст. Ва инро бояд ҳарчи зудтар оғоз кард. Арзишҳои асосӣ ҳамчун қисми фарҳанги бунёдӣ дар синни мактабӣ тарбия карда мешаванд.

Низоми арзишҳо як низоми тағйирёбанда буда, дар раванди тамоми давраи тарбия ва иҷтимоишавии шахс ташаккул ёфта, дар раванди қабули қарор нақши пешбарандаро мебозад. Шарти асосӣ барои рушди муътадили хонанда мавҷудияти самтгирии гуногуни арзишӣ мебошад. Гуногунии низомҳои арзишӣ ҳамчун пойгоҳи табиии инфиродӣ шудани шахсият хидмат мекунад ва аз ин рӯ, низоме, ки чунин гуногуниро таъмин мекунад, устувории зиёдтар ва дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ нақши бориз дорад. Мактаббачагон дар раванди ҳамкории иҷтимоӣ кӯшиш мекунанд, ки нақшаҳои кашидаи худро амалӣ кунанд, аммо, чун қоида, бо як қатор душвориҳо: моддӣ-маишӣ, эҳсосотӣ-психологӣ, ахлоқӣ, ки аз байн бурдани онҳо бо саъю кӯшиши муайян алоқаманд аст, рӯ ба рӯ мешаванд. Хонандагони синни калони мактабӣ ба фаҳмидан ва арзёбии ин сарчашмаҳо, хоҳиш ва имкониятҳои эҳтимолӣ барои мувофиқ кардани самтгирии арзишии худ ниёз дорад.

Таъсири муҳимро дар ташаккули худшукуфоии шахсияти хонандагони синни калони мактабӣ фарҳанги истироҳат ва муошират, худидоракунии муштараки хонаводагӣ ва эҷоди фарҳанги оилавӣ мерасонад. Устувории муносибатҳои эҳсосӣ аз баробарҳуқуқии аъзои он, талаботи инфиродӣ, ки дар маҷмӯъ аз ҷониби оила қонеъ карда мешаванд, вобаста аст.

Дар муносибатҳо хонандагон на танҳо аз рӯйи шабоҳати хислатҳо, балки аз рӯйи принсипи иловагӣ ва пурракунандагӣ ба ҳам ҷалб мешаванд. Арзишҳои падару модаре, ки мактаббачаро иҳота мекунанд, на танҳо метавонанд мувофиқат карда, сохтори зинанизомии наздик дошта бошанд, балки якдигарро пурра карда, нофаҳмиҳоро дар мақсадҳо ҷуброн ва ҳамвор созанд.

Шӯҳратпарастӣ ва иззатталабӣ бисёр чизҳоро дар интихоби роҳи зиндагӣ ва шаклгирӣ дар ташаккули худшукуфоии шахсияти фарзандон дар оила муайян мекунанд. Агар кор ё фаъолияти ҷамъиятӣ қувваи асосии инсонро сарф кунад, пас оила имкон медиҳад, ки онҳо барқарор шаванд. Агар мақоми иҷтимоӣ ва дастовардҳои касбӣ қаноатмандӣ наоваранд, пас, даъвоҳои амалинашуда ба худбоварии осебпазир табдил ёфта, ба муносибатҳои байнишахсиятӣ бо фарзандон таъсир мерасонанд.

Намудҳои рафторҳои якхелаи падару модар ба шаклгирии самтҳои арзишӣ таъсири калон мерасонанд. Одатан, гунашиносии оилаҳое, ки ба ташаккули самтҳои арзишии кӯдакон ба таври муайян таъсир мерасонанд, фарқ карда мешаванд:

1. анъанавӣ, ки дар он эҳтироми обрӯи калонсолон тарбия дода мешавад. Талаби асосӣ итоаткорӣ аст. Кӯдакон аз чунин оилаҳо меъёрҳои анъанавии иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро осон азхуд мекунанд, аммо минбаъд дар ташаккули оилаҳои худ душворӣ мекашанд, зеро онҳо дар муошират ва ташаббускорӣ тағйирпазирӣ надоранд;

2. аз ҳад зиёд ба кӯдак аҳамият додан ба он маънӣ аст, ки дар ин маврид танҳо таъмини хушбахтии кӯдак асосӣ ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат дар кӯдак худбаҳодиҳии баланд, эҳсоси аҳамият ба худ ташаккул меёбад, аммо дар ин маврид хатари номутобиқшавии иҷтимоӣ зиёд мегардад. Мушкилот дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ки ба муҳити иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, вуҷуд доранд. Дар ин сурат худшукуфоии шахсият ба қадри даркорӣ инкишоф намеёбад;

3. ҳамсарӣ дар фазои демократӣ**,** ки дар он мақсад эътимод, қабул ва мустақилии аъзои оила ба мушоҳида мерасад, манфиатҳои мутақобила ба назар гирифта мешаванд. Кӯдакон арзишҳои демократиро аз худ мекунанд, фаъолият, боварӣ ва истиқлолиятро инкишоф медиҳанд. Аммо, онҳо метавонанд маҳорати итоат ба талаботи иҷтимоиро надошта бошанд.

Хонандагони синни калони мактабӣ аз рӯйи сатҳи рушди иҷтимоии шахсият фарқ мекунанд. Баъзеи онҳо ба таҳлили низоъҳо муносибатҳои боз ҳам пухтаро нишон медиҳанд. Онҳо вазъиятҳоро хеле воқеъбинона таҳлил мекунанд ва ҳатто онҳоро то андозае аз ҳам ҷудогона баррасӣ менамоянд. Дарки ҳодисаҳо дар дигар мактаббачагон дар доираи вазъияти мушаххаси низоъ маҳдуд аст. Онҳо ё аз ҳалли масъала канорагирӣ мекунанд, ё бо нигаронӣ ба натиҷаи фаврӣ, дар бораи оқибатҳои амалҳои худ фикр намекунанд. Дар ин бора муҳаққиқ Б.В Бушелева қайд менамояд, ки «Ниёзи қавӣ ба фардикунонии шахсият дар баробари аз ҳад зиёд

баҳогузорӣ кардани дигарон, ки низ барои ноил шудан ва нишон додани фардият талош мекунанд, метавонад равандҳои рушди гурӯҳро мураккаб созад» [4, с. 44].

- Проводить регулярный психологический мониторинг социально-эмоционального состояния детей.
- Внедрять игровые, арт-терапевтические и коррекционные практики, способствующие снятию тревожности и повышению самооценки.
- Работать в тесной связке с родителями и психологами.

Для образовательной и социальной политики:

- Разработать и внедрить межведомственные программы раннего выявления и профилактики семейной дисфункции в детских садах Республики Таджикистан.
- Создать центры поддержки родительства, где специалисты смогут оказывать помощь семьям в кризисной ситуации.

Результаты исследования подчёркивают необходимость системного подхода к диагностике и профилактике деструктивных детско-родительских отношений. Своевременное вмешательство, повышение осведомлённости родителей, расширение возможностей психологической службы в дошкольных учреждениях являются важными условиями гармоничного и безопасного развития личности ребёнка.

ЛИТЕРАТУРА

1. Выготский Л. С. Проблема возраста // Собрание сочинений: В 6 т. - М.: Педагогика, 1983. - Т. 4. - С. 244–265.

2. Боулби Д. Привязанность. - СПб.: Питер, 2003. - 384 с.

3. Братусь Б. С. Аномалии личности. - М.: МГУ, 1988. - 224 с.

4. Захаров А. И. Эмоциональные нарушения у детей и подростков. - СПб.: Речь, 2000. - 432 с.

5. Крайг Г. Психология развития. - СПб.: Питер, 2005. - 864 с.

6. Личко А. Е. Психопатии и акцентуации характера у подростков. - СПб.: Питер, 2001. - 384 с.

7. Немов Р. С. Психология: Учеб. для студентов высш. пед. учеб. заведений: В 3 кн. - М.: Владос, 2003. - Кн. 2. - 544 с.

8. Столин В. В. Самосознание личности. - М.: Наука, 1983. - 224 с.

9. Юстицкис В. В. Семейная психология: Учебное пособие. - М.: Академический проект, 2004. - 416 с.

10. Шнейдер Л. Б. Семья и ребёнок: психологический анализ родительства. - М.: Академический проект, 2007. - 368 с.

ПРОБЛЕМАТИКА ДЕСТРУКТИВНЫХ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ СТАРШЕГО ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В статье рассматривается проблема деструктивных детско-родительских отношений и их влияние на формирование личности детей старшего дошкольного возраста. На основе теоретического анализа и эмпирического исследования, проведённого в регионах Республики Таджикистан (Душанбе, Согдийская и Хатлонская области), выявлены основные формы деструктивных взаимодействий в семье и их последствия для психоэмоционального состояния, самооценки, поведения и социальной адаптации детей.

Представлены данные сравнительного анализа контрольной и экспериментальной групп, раскрыты особенности проявления тревожности, агрессии, низкой самооценки у детей, воспитывающихся в неблагоприятной семейной среде. В заключение предложены практические рекомендации для родителей, педагогов и специалистов в сфере дошкольного образования, направленные на профилактику негативных воздействий семейной среды на личность ребёнка.

Ключевые слова: *деструктивные отношения, детско-родительские отношения, дошкольный возраст, личностное развитие, эмоциональное состояние, тревожность, семья, Республика Таджикистан.*

МУШКИЛОТИ МУНОСИБАТҲОИ ДЕСТРУКТИВӢ ДАР ОИЛА ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола масъалаи муносибатҳои деструктивӣ байни кӯдак ва волидайн ва таъсири онҳо ба ташаккули шахсияти кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ мешавад. Дар асоси таҳлили назариявӣ ва таҳқиқоти эмпирикӣ, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) анҷом дода шудааст, шаклҳои асосии муносибатҳои номуносиби оилавӣ ва паёмадҳои онҳо ба ҳолати психологии кӯдак, худбаҳодиҳӣ, рафтор ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон муайян гардидаанд. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ пешниҳод гардида, хусусиятҳои зуҳуроти изтироб, хашм, худбастагӣ ва худбоварии паст дар байни кӯдакони дар муҳити оилавии номусоид парваришёбанда равшан карда шудаанд. Дар анҷом тавсияҳои амалӣ барои волидайн, мураббиён ва мутахассисони соҳаи таҳсилоти томактабӣ бо мақсади пешгирии таъсири манфии муҳити оилавӣ ба шахсияти кӯдак пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: *муносибатҳои деструктивӣ, муносибатҳои кӯдак ва волидайн, синни томактабӣ, ташаккули шахсият, ҳолати эмотсионалӣ, изтироб, оила, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

THE PROBLEM OF DESTRUCTIVE FAMILY RELATIONSHIPS AND THEIR IMPACT ON THE PERSONALITY DEVELOPMENT OF OLDER PRESCHOOL CHILDREN

This article examines the issue of destructive parent–child relationships and their impact on the personality development of older preschool children. Based on theoretical analysis and empirical research conducted in several regions of the Republic of Tajikistan (Dushanbe, Sughd and Khatlon provinces), the main forms of destructive family interactions and their consequences for children's psycho-emotional state, self-esteem, behavior, and social adaptation are identified. The paper presents data from a comparative analysis of control and experimental groups, highlighting manifestations of anxiety, aggression, and low self-esteem among children raised in unfavorable family environments. The article concludes with practical recommendations for parents, educators, and specialists in preschool education aimed at preventing the negative effects of the family environment on the development of a child's personality.

Keywords: *destructive relationships, parent–child relations, preschool age, personality development, emotional state, anxiety, family, Republic of Tajikistan.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Воҳидова Парвина* *– унвонҷуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: 734063, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел.: 93-911-99-66. Почтаи электронӣ: parvina.a.vohidova@gmail.com.*

Сведения об авторе*: Вохидова Парвина* *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734063, г. Душанбе, улица А. Адхамова 11/2. Тел.: 93-911-99-66. Электронная почта: parvina.a.vohidova@gmail.com.*

Information about the author*: Parvina Vohidova* *– Researcher at the Abdurahmoni Jomi Institute of Education Development, Academy of Education of Tajikistan. Address: 11/2 A. Adhamov Street, Dushanbe, 734063. Phone: 93-911-99-66, email: parvina.a.vohidova@gmail.com.*

ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ ИБТИДОӢ ОИД БА ДОНИШҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Шарифиён М. Х.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Пешрафти илму технология дар низоми маориф ба ташаккули шахсе ниёз дорад, ки на танҳо маълумоти дастрасу тайёрро қабул мекунад, балки қобилиятҳои мушоҳидакунӣ, муқоисанамоӣ, таҳлилӣ, пешгӯикунӣ ва ҳалли масъалаҳои одитаринро соҳиб мебошад. Маълум

аст, ки заминаи сифатҳои фавқуззикр дар синни томактабӣ ба вуҷуд меоянд. Зеро кӯдак дар фаъолияти ҳамарӯза миқдори бозичаҳо, андозаи ашё, масофа, давомнокии вақт, самти ҳаракату тағйироти муҳити табииро дарк намуда, бидуни истифодаи истилоҳоти мураккаби илмӣ ба муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ, замонӣ ва сабабию натиҷавӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Мақоми давраи томактабӣ ҳамчун заминаи рушди зеҳнии кӯдак дар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян гардидааст. Чунончӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ин зина ҳамчун «раванди мақсадноке» шарҳ дода мешавад [4], ки ба рушди қобилият, шавқу рағбат ва хусусиятҳои зеҳнию фарҳангии кӯдак мусоидат менамояд. Мазмуни таълиму тарбияи томактабӣ бошад, маҷмуи талаботи давлатӣ ба сатҳи инкишоф ва маърифатнокии кӯдак ва шароити ноил шудан ба онро дар бар мегирад.

Ин нукта дар Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон [11], ки талаботи ягонаро ба мақсад, вазифа, мазмун, натиҷаҳои таълиму тарбия ва сифати инкишофи кӯдакони аз таваллуд то синни ҳафтсолагӣ муқаррар менамояд, дарҷ гардидааст. Дар ин санад рушди кӯдак, омодагии ӯ ба зинаи минбаъдаи таҳсил ва ташкили муҳити мувофиқи инкишоф ҳамчун ҷузъҳои муҳимми таҳсилоти томактабӣ баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти заминаҳои меъёрӣ ва методӣ, дар амалияи муассисаҳои томактабӣ ташаккули тасаввуроти марбут ба илмҳои дақиқ чун табиатшиносиву риёзӣ баъзан, ба шуморидан, азёд кардани рақамҳо ва номбар намудани шаклҳои геометрӣ маҳдуд мегардад. Чунин тарзи кор метавонад дониши ҷудогона диҳад, вале барои рушди қобилияти саволгузорӣ, санҷидани фарзия, андозагирӣ ва хулосабарории мустақилона кофӣ нест.

Дар таҳқиқоти муосир низ муносибате ба назар мерасад, ки дар он мураббӣ фаъол ва кӯдак асосан, иҷрокунандаи дастур мебошад. Ба иддаои олимони соҳа И. В. Чумакова, Ю.М. Васина ва С. А. Гайдукова [11], ташаккули дониши одитарини риёзии кӯдак бояд на ҷамъоварии маълумоти ҷудогона, балки «тағйироти сифатӣ дар фаъолияти маърифатии кӯдак» бошад. Муаллифон мазмуни онро бо дарки фазо, шакл, андоза, вақт, миқдор ва муносибатҳои байни онҳо пайваст мекунанд.

Асосҳои назариявию методии ташаккули тасаввуроти математикӣ дар осори А.М. Леушина [6], А. А. Столяр [9], Т. В. Тарунтаева [13], Е. И. Шербакова [16], З. А. Михайлова [9], Л. Г. Петерсон [10] ва дигар муҳаққиқон инкишоф ёфтаанд. Дар таҳқиқоти соҳавӣ саҳми ин олимон дар асоснок кардани мазмун ва методикаи рушди математикии кӯдакони синни томактабӣ махсус зикр мешавад.

Мавқеи умумии ин равия дар он ифода меёбад, ки кӯдак муносибатҳои миқдорӣ, андозагӣ, фазоӣ ва замониро пеш аз ҳама дар фаъолияти амалии худ дарк мекунад. Муқоисаи бевоситаи ашё, гузоштани онҳо бо ҳамдигар, тартиб додан аз рӯйи андоза ва истифодаи ченаки шартӣ барои ташаккули тасаввуроти устувор замина мегузоранд. Ин нуктаро педагоги тоҷик - Б. Маҷидова чунин шарҳ додаанд, ки «Шиносоӣ бо ашё воситаи муҳимми тарбия ва инкишофи сенсории кӯдак ва замина барои азхуд намудани донишу тасавуротҳои аввалини математикӣ мебошанд» [7].

Аз ин мавқеъ, натиҷаи таълими математикӣ танҳо бо он муайян намегардад, ки кӯдак то чанд мешуморад ё чанд шаклро номбар мекунад. Муҳим он аст, ки ӯ тавонад ашёро аз рӯйи аломати муайян муқоиса намояд, онҳоро гурӯҳбандӣ кунад, пайдарҳамӣ созад ва интихоби худро шарҳ дода тавонад.

Мавқеи ҳамгироӣ дар таҳқиқоти З. Ш. Қурбонова равшан ифода ёфтааст. Муаллиф робитаи мазмуни математикӣ ва тарбияи экологиро таҳлил намуда, имконияти истифодаи машғулиятҳои ҳамгироро барои рушди шавқу рағбат ва таҳкими донишҳои кӯдакони томактабӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад [5]. Дар ин раванд муносибатҳои фазоӣ, шаклҳои геометрӣ, мафҳумҳои замонӣ ва бозиҳои дидактикӣ бо мушоҳидаи табиат пайваст карда мешаванд.

Аҳаммияти чунин муносибат дар он аст, ки мафҳуми математикӣ аз вазъияти сунъии машғулият берун баромада, воситаи дарки табиат мегардад. Кӯдак метавонад шумораи баргҳоро муайян кунад, онҳоро аз рӯйи шаклу андоза муқоиса намояд, тағйироти нашъунамои растаниҳоро мушоҳида кунад ва миқдори обро барои обдиҳӣ муайян созад.

Пажӯҳишгари рус Е. А. Маслова дар доираи лоиҳаи «Учимся, играя» рушди тасаввуроти математикиро тавассути бозии нақшофарӣ таҳлил кардааст [8]. Дар лоиҳа на танҳо фаъолияти кӯдакон, балки баланд бардоштани салоҳияти педагогон, фарҳанги педагогии падару модар ва ғанӣ гардонидани муҳити ашёию фазоии гурӯҳ пешбинӣ шудааст.

Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки рушди тасаввуроти кӯдак натиҷаи як машғулияти ҷудогона нест. Он аз робитаи мазмуни таълим, муҳити гурӯҳ, фаъолияти мураббӣ, иштироки оила ва имконияти истифодаи дониш дар бозӣ вобаста мебошад.

Илова бар ин, аксари сарчашмаҳои илмие, ки мо мавриди омӯзиш қарор додем, ба ташаккули дониши математикӣ ва ё тарбияи экологӣ, ё ин ки бозии нақшофариро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд. Масъалаи ба низоми ягона даровардани шартҳое, ки муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ, таҷрибавӣ ва сабабию натиҷавиро муттаҳид мекунанд, ба таҳлили иловагӣ ниёз дорад.

Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, дар доираи таҳқиқ тасаввуроти ибтидоӣ оид ба илмҳои дақиқро манзур созем, ки ҳамчун маҷмуи донишҳои аввалия, образҳои маърифатӣ ва амалҳои одитарини таҳқиқотӣ фаҳмида мешаванду тавассути онҳо кӯдак миқдор, адад, шакл ва андозаро муайян намуда, муносибатҳои фазову замониро фарқ месозад, хусусияти мавод ва тағйироти ашёро мушоҳида карда, ҳаракат, вазн, тавозун, рӯшноӣ, сояю ҳароратро дар амал муқоиса менамояд, пайдарҳамии амалҳоро муқаррар мекунад ва робитаҳои одитарини сабабу натиҷаро дарк ва шарҳ медиҳад.

Мафҳуми мазкур маънои омӯзонидани формулаҳои физикӣ, амалҳои мураккаби математикӣ ё истилоҳоти илмии ба синну сол номувофиқро надорад. Он бештар ба ташаккули тарзи одитарини маърифати илмӣ - мушоҳида, муқоиса, андозагирӣ, санҷиш ва хулосабарорӣ - нигаронида шудааст.

Сохтори тасаввуроти мазкур аз чор ҷузъи ба ҳам алоқаманд иборат мебошад:

1. Ҷузъи маърифатӣ - дониши аввалия дар бораи миқдор, шакл, андоза, фазо, вақт ва хусусияти ашё.

2. Ҷузъи амалиётӣ - муқоиса, тасниф, тартибдиҳӣ, ченкунӣ, санҷиш ва моделсозӣ.

3. Ҷузъи нутқию мантиқӣ - шарҳи тартиби амал, натиҷа ва робитаи сабабу натиҷа.

4. Ҷузъи ангезишию таҳқиқотӣ - кунҷковӣ, саволгузорӣ, фарзияпешниҳодкунӣ ва кӯшиши мустақилонаи санҷиш.

Ин сохтор нишон медиҳад, ки дониши ҷудогона танҳо яке аз ҷузъҳои натиҷа мебошад. Агар кӯдак шаклро номбар кунад, вале онро дар муҳити атроф нашиносад ё аз рӯйи хусусият муқоиса карда натавонад, тасаввуроти ӯ ҳанӯз хусусияти амалкунанда нагирифтааст.

Дар ин самт муайян намудани шартҳои педагогии ташаккули тасаввуроти аввалин оид ба донишҳои табииву риёзиро сари вақти меҳисобем, ки дар асоси таҳлили санадҳои меъёрӣ ва адабиёти илмӣ муайян карда шуданд ва панҷ шарти педагогиро дар бар мегиранд. Дар ҷадвали зер ин шартҳо ба тариқи зайл нишон дода мешаванд:

Ҷадвали 1. Шартҳои педагогии ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ оид ба илмҳои дақиқ

Шарти педагогӣ	Мазмуни амалисозӣ	Натиҷаи интизоршаванда
Ҳамгироии мазмун бо фаъолияти рӯзмарра	Истифодаи малакаҳои ҳисобкунӣ, муқоиса, андозагирӣ ва самтёбӣ дар раванди бозӣ, сайругашт, бозиҳои сохтмонӣ, навбатдорӣ ва мушоҳидаи табиат	Кӯдак зарурати амалии донишро дарк мекунад
Ташкили муҳити ашёию фазоии таҳқиқотӣ	Дастрасии конструкторҳо, тарозу, зарф, ченакҳои шартӣ, маводи табиӣ, оина, чароғак, тақвимҳо ва кортҳои пайдарҳамӣ	Имконияти интихоби восита ва фаъолияти мустақилона фароҳам меояд
Истифодаи масъалаҳои проблемавӣ	Пешниҳоди масъалаҳое, ки ҷавоби тайёр надошта, муқоиса, пешгӯӣ ва санҷишро талаб мекунанд	Фаъолияти фикрӣ ва ҷустуҷӯии кӯдак инкишоф меёбад
Дастгирии нутқи	Истифодаи саволҳои «чаро?»,	Кӯдак тартиби амал ва

мантиқӣ ва мустақилият	«чӣ гуна санҷидӣ?», «оё роҳи дигар ҳаст?» ва эътирофи ҳуқуқи кӯдак ба хато	хулосаи худро шарҳ медиҳад
Пайдарҳамии фаъолияти таҳқиқотӣ	Ташкили гузариш аз мушоҳида ва савол ба фарзия, амал, андозагирӣ, муқоиса ва хулоса	Тасаввуроти пароканда ба тачрибаи маърифатии низомнок табдил меёбад

Таҳлили шартҳои дар ҷадвал пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ оид ба донишҳои табиӣ-риёзӣ дар кӯдакони синни томактабӣ натиҷаи таъсири як омили алоҳида набуда, ба ҳамбастагии маҷмӯи шартҳои педагогӣ вобаста мебошад. Ба андешаи мо, самаранокии ин раванд пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки мазмуни маърифатӣ бо тачрибаи рӯзмарраи кӯдак пайваст шуда, муҳити таълимӣ имкони мушоҳидакунӣ, муқоисанамоӣ, санҷиш ва ҷустуҷӯйи мустақилонаро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, мо шартҳои мазкурро ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди педагогӣ арзёбӣ менамоем, ки татбиқи пайдарпайи онҳо метавонад гузариши кӯдакро аз дарки ҳиссии ашёву ҳодисаҳо ба муқоисанамоӣ, санҷишкунӣ ва хулосабарории одитарини маърифатӣ таъмин намояд.

Масалан, дар шарти *ҳамгироии мазмун бо фаъолияти рӯзмарраи кӯдак* – агар ҳангоми оростани миз шумораи кӯдакон ва зарфҳоро муқоиса намояд, дар бозиҳои сохтмонӣ дарозӣ, баландӣ ва устувории қисмҳоро муайян мекунад, ҳангоми нигоҳубини растанӣ миқдори об ва тағйироти нашъунаморо мушоҳида месозад.

Ё ҷойи дигаре, дар супориши «панҷ кубикро шумор» кӯдак амалро аз вазъияти воқеӣ ҷудо мекунад. Аммо масъалаи «барои сохтани девори хона чанд кубик лозим мешавад?» ҳисобро ба мақсади амалӣ мепайвандад.

Шарти дигар ин *ташкили муҳити ашёию фазоии таҳқиқотӣ* буда, ин ҷо чунин ақидаро ҷонибдорӣ менамоем, ки муҳити гурӯҳ бояд кӯдакро танҳо ба тамошои аёният не, балки ба амал водор созад. Дар маркази фаъолияти маърифатӣ ҷойгир намудани конструкторҳо, шаклҳои геометрӣ, тарозу, зарфҳои гуногунҳаҷм, чӯбча ва тасмаҳои ченкунӣ, маводи табиӣ, оина, чароғак, тақвим, нақша ва кортҳои пайдарҳамӣ мувофиқ мебошад. Аммо мавҷудияти воситаҳо худ аз худ натиҷаи таълимиро таъмин намекунад. Агар тарозу ё зарф танҳо дар раф гузошта шавад, он ҷузъи ороиш боқӣ мемонад. Мураббӣ бояд масъалаеро ба миён гузорад, ки кӯдакро ба интихоби воситаи мувофиқ водор намояд. Тарҳи намунавии ин муҳит дар расми зер инъикос мегардад:



Расми 1. Намунаи маркази илмӣ дар муассисаҳои томактабӣ

Мо дар ташкили муҳити таҳқиқотӣ ё худ маркази илмӣ, ки дар Барномаи таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] ишора гардидааст, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои дастрасӣ, тағйирпазирӣ ва бехатариро афзал медонем. Кӯдак бояд имкони интихоби мавод, тағйир додани тарзи амал ва санҷидани натиҷаи худро дошта бошад.

Истифодаи масъалаҳои проблемавӣ вазъиятест, ки дар раванди он кӯдак ҷавоби тайёрро надорад, вале бо истифода аз тачрибаи мавҷуда метавонад роҳи санҷишро ҷустуҷӯ намояд. Чунончӣ ба саволҳои «Чаро баъзе ашё дар об шино мекунанд?», «Кадом зарф оби бештар

мегирад?», «Чӣ тавр муайян кунем, ки кадом роҳ кӯтоҳтар аст?» ва ё «Чаро сояи ашё тағйир ёфт?» ҷавоби шифоҳӣ натиҷаи ниҳоӣ нест. Кӯдак бояд тахминҳои худро дар амалия бисанҷад. Муносибати проблемавӣ фаҳмиши маъноии математикиро тақвият дода, кӯдакро ба хулосаи мантиқӣ ва истифодаи истилоҳоти мувофиқ равона месозад.

Дар ин роҳ мураббӣ набояд баъд аз саволи аввал ҷавоби дурустро пешниҳод кунад. Вазифаи ӯ ташкили шароити муқоисаи фарзияҳо ва санҷиши амалии онҳо мебошад.

Дар тавсифи шарти *дастгирии нутқи мантиқӣ ва мустақилияти маърифатӣ* чунин гуфта метавонем, ки амал бе шарҳдиҳӣ метавонад дар сатҳи тақлид боқӣ монад. Вақте кӯдак мефаҳмонад, ки чаро ашёро ба гурӯҳи муайян дохил кард ва ё бо кадом роҳ дарозиро муайян намуд, амали беруна тадриҷан ба амали фикрӣ табдил меёбад.

Дар ин раванд, чунин саволҳои мураббӣ «Ту чиро мушоҳида кардӣ?», «Чаро чунин фикр кардӣ?», «Бо кадом роҳ санҷидӣ?», «Натиҷа аз тахмини аввал чӣ фарқ дошт?», «Оё роҳи дигар вуҷуд дорад?» бояд на танҳо ба натиҷа, балки ба раванди фикрронӣ нигаронида шаванд.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки мураббӣ бояд ба кӯдак самти таҳлили масъаларо пешниҳод намояд, аммо ҷустуҷӯйи роҳи ҳали масъалаҳоро пурра ба ҷойи ӯ иҷро накунад. Чунин кор мустақилияти фикр, ташаббускорӣ ва муносибати эҷодиро инкишоф медиҳад.

Хатогиҳои кӯдак дар ин раванд бояд ҳамчун заминаи маълумот барои санҷишҳои нав қабул карда шавад. Зеро агар ҳар як хато фавран ислоҳ карда шавад, кӯдак ба интизори ҷавоби мураббӣ одат мекунад. Агар ба ӯ имкони муқоисаи тахмин ва натиҷа дода шавад, худсанҷӣ ташаккул меёбад.

Дар таъмини *пайдарҳамии фаъолияти таҳқиқотии кӯдак* танҳо бо пешниҳоди таҷрибаи ҷолиб ба фаъолияти таҳқиқотӣ табдил намеёбад. Аз ин рӯ, ҷой доштани пайдарҳамии муайяни маърифатӣ зарур мешуморем.

Дар асоси таҳлилҳои назариявӣ, мо пешниҳоди амсилаи зерро, ки пайдарҳамии ташаккули тасаввуроти ибтидоии донишҳои табиӣ-риёзии кӯдаконро таъмин месозад, саривақтӣ медонем, ки дар расми 2 оварда шудааст:



Расми 2. Пайдарҳамии ташаккули тасаввуроти ибтидоии донишҳои табиӣ-риёзӣ

Тавре аз расм бармеояд, ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ оид ба донишҳои табиӣ-риёзӣ ҳамчун раванди пайдарпайи маърифатӣ сурат мегирад, ки аз мушоҳида оғоз гардида, тавассути саволгузорӣ, пешниҳоди фарзия, амали мустақим, андозагирӣ ва муқоиса ба хулосабарорӣ ва татбиқи дониш дар вазъияти нав мерасад. Мантиқи чунин пайдарҳамӣ дар он ифода меёбад, ки кӯдак донишро дар шакли тайёр қабул намекунад, балки онро дар ҷараёни фаъолияти амалӣ тадриҷан кашф ва маънидод менамояд.

Дар марҳилаи мушоҳида диққати кӯдак ба хусусият, тағйирот ё муносибати муайяни ашёву ҳодисаҳо равона мегардад. Мушоҳида - заминаи пайдо шудани савол мегардад ва савол, дар навбати худ, кӯдакро ба пешниҳоди фарзия, яъне тахмини пешакӣ оид ба натиҷаи эҳтимолӣ водор месозад. Дар марҳилаи амал фарзияи пешниҳодшуда тавассути таҷриба, сохтмон, гурӯҳбандӣ ё дигар фаъолияти амалӣ санҷида мешавад. Андозагирӣ ва муқоиса имкон медиҳанд, ки натиҷаи бадастомада мушаххас гардида, бо фарзияи аввал муқоиса карда шавад.

Марҳилаи хулосабарорӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро дар ин зина кӯдак натиҷаи мушоҳида ва амали худро бо сухан ифода намуда, робитаи одитарини байни сабаб ва натиҷаро муайян мекунад. Аммо раванди маърифатӣ бо хулоса анҷом намеёбад. Дар раванди татбиққунӣ кӯдак дониши ҳосилшударо дар вазъияти дигар истифода мебарад, ки ин барои устувор гардидани тасаввурот ва табдил ёфтани таҷрибаи ҷудогона ба дониш замина фароҳам меорад.

Масалан, кӯдакон мушоҳида мекунанд, ки ду пул аз кубикҳо сохта шудаанд, вале яке зуд вайрон мешавад. Ин ҷо мураббӣ саволи ба миён омадаро манзур месозад, ки «Кадом пул

устувортар аст ва чаро?». Кӯдакон фарзия пешниҳод намуда, шакл ва паҳнои пояҳоро тағйир медиҳанд, ба болои пулҳо ашёи вазнашон гуногун мегузоранд, натиҷаҳоро муқоиса мекунанд ва ба хулоса меоянд, ки сохтори дорои пояи васеътар устуворӣ бештар дорад. Сипас ин хулоса дар сохтмонҳои нав истифода мешавад.

Ё ҷои дигар мураббӣ ба кӯдакон зарфи шаффофи обдор ва якчанд ашёи аз маводи гуногун сохташуда - санг, порчаи чӯб, сарпӯши пластикӣ, танга ва баргро пешниҳод менамояд. Кӯдакон аввал ашёро мушоҳида карда, ба саволи «Кадоме аз онҳо дар об шино мекунад?» ҷавоби тахминии худро манзур мекунанд. Ҳамин тариқ, фарзия ба вуҷуд меояд. Сипас ҳар як ашё ба об гузошта шуда, натиҷа санҷида мешавад. Кӯдакон ашёи шинокунанда ва ғарқшавандаро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, натиҷаҳоро муқоиса мекунанд. Дар ҷамъбаст онҳо ба хулосаи одитарин мерасанд, ки ҳамаи ашё дар об як хел рафтор намекунанд ва хусусияти мавод ба натиҷа таъсир мерасонад. Дар марҳилаи татбиқ ба кӯдакон пешниҳод мешавад, ки аз байни маводи мавҷуда барои сохтани «қаиқча» маводи мувофиқро интихоб намоянд.

Ба андешаи мо, хусусияти асосии амсилаи пешниҳодшуда дар гузариши тадриҷии кӯдак аз мушоҳидаи одӣ ба фаъолияти мустақили маърифатӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, ин гуна пайдарҳамӣ на танҳо тартиби иҷрои амалҳо, балки мантиқи ташаккули таҷрибаи ибтидоии таҳқиқотии кӯдакро инъикос менамояд.

Самаранокии ин амсиларо мураббӣ метавонад, дар раванди бозӣ, ки ҳамчун фазои татбиқи дониш дониста мешавад, инъикос намояд. Зеро маълум аст, ки бозӣ фаъолияти пешбарандаи кӯдаки синни томактабӣ буда, барои татбиқи муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ ва замонӣ имконияти табиӣ фароҳам меорад.

Гуфтаҳои болоро дар раванди бозиҳои гуногун мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, агар дар раванди бозии «Мағоза» кӯдак миқдор, нархи шартӣ, баробарӣ ва тақсимро истифода намояд, пас, дар ҷараёни бозиҳои «Сохтмонӣ» шакл, андоза, баландӣ, устуворӣ ва масофаро муқоиса намуда, дар «Саёҳат» самт, пайдарҳамӣ ва вақтро муайян месозад.

Арзиши бозӣ дар он нест, ки машғулияти анъанавӣ бо номи бозӣ гузаронида шавад. Агар ҳамаи амалҳо пешакӣ аз ҷониби мураббӣ муайян гардида, кӯдак танҳо дастурро иҷро кунад, хусусияти мустақилона ва эҷодии бозӣ маҳдуд мешавад. Мураббӣ бояд масъала ва маводро пешниҳод кунад, аммо барои интихоби роҳ ва тақсимоти нақшҳо ба кӯдакон имконияти бештарро фароҳам оварад.

Бинобар ин, дар муносибати пешниҳодшуда нақши мураббӣ аз интиқолдиҳандаи маълумоти тайёр ба ташкилкунандаи фаъолияти маърифатӣ тағйир меёбад. Яъне, дар ин роҳ мураббиро мебояд, ки вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд орад, маводи бехатар ва мувофиқро интихоб кунад, ба кӯдак барои баён намудани фарзия имконият диҳад, ҷавоби нодурустро фавран маҳкум накунад, бо саволҳои роҳнамоикунанда фикрро фаъол созад, кӯдакро ба андозагирӣ ва сабти натиҷа водор созад, барои татбиқи дониш дар вазъияти нав шароит фароҳам орад.

Қобили қайд аст, ки роҳнамоии педагогӣ бояд андозаи муайян дошта бошад. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки кумаки зиёдатӣ мустақилияти кӯдакро коҳиш медиҳад, вале набудани роҳнамоӣ бошад, метавонад фаъолиятро бемақсад гардонад. Меъёри асосӣ дар он аст, ки кӯдак қисми муҳимми масъала ва роҳи ҳалли онро худаш дарк намояд.

Таҳлили масъала имкон медиҳад ба чунин хулоса расем, ки ташаккули тасаввуроти ибтидоии табиӣ-риёзӣ дар синни томактабӣ пеш аз ҳама раванди ташаккули тарзи маърифат ва муносибати фаъолонаи кӯдак ба олами атроф мебошад.

Аз нигоҳи мо, аҳаммияти педагогии ин равand на дар зиёд намудани ҳаҷми донишҳои пешакии кӯдак, балки дар фароҳам овардани имконият барои мустақилона мушоҳида кардан, муқоиса намудан, робитаҳоро ошкор сохтан, фарзия пешниҳод кардан, натиҷаро дар амал санҷидан ва дар асоси таҷрибаи бадастомада хулоса баровардан зоҳир мегардад. Дар чунин замина донишҳои табиӣ ва риёзӣ аз маҷмуи маълумоти ҷудогона ба воситаи дарки қонуниятҳои одитарини муҳити атроф табдил меёбанд.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки самаранокии фаъолияти педагогӣ дар ин самт ба ҳамбастагии мазмуни таълим, муҳити ашёию фазоии инкишофдиҳанда, масъалаҳои таҳқиқотӣ ва имконияти амали мустақилонаи кӯдак вобаста буда, мураббӣ нақши ташкилкунандаи

вазъияти маърифатиро мебозад. Маҳз, чунин муносибат метавонад заминаи ташаккули тафаккури мантиқӣ, кунҷковии илмӣ, мустақилияти маърифатӣ ва омодагии кӯдакро барои дарки минбаъдаи донишҳои табиӣ-риёзӣ фароҳам оварда, пайванди мантиқии таҳсилоти томактабиро бо зинаҳои минбаъдаи омӯзиш таъмин намояд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 126 с.
2. Колесникова Е.В. Математика для дошкольников 6-7 лет. - Москва: Сфера, 2001. - 88 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013, №1056.
5. Курбонова З.Ш. К вопросу о взаимосвязи математических и экологических знаний в воспитании и обучении детей дошкольного возраста // Вестник педагогического университета. Серия 2: Педагогика и психология, методика преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. - 2020. - №3 (3). - С. 83-86.
6. Леушина А.М. Формирование элементарных математических представлений у детей дошкольного возраста. - Москва: Просвещение, 1974. - 368 с.
7. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 2. – Душанбе: Ирфон, 2012, - 316 с.
8. Маслова Е.А. Развитие математических представлений дошкольников средствами сюжетно-ролевой игры // Теория и практика современной науки. - 2017. - №5 (23). - С. 506–512.
9. Михайлова З. А. Теории и технологии математического развития детей дошкольного возраста Текст. / З. А. Михайлова, Е. А. Носова, А. А. Столяр, М. Н. Полякова и др. СПб.: «ДЕТСТВО-ПРЕСС», 2008. - 384 с.
10. Петерсон Л.Г., Холина Н.П. Раз - ступенька, два - ступенька: практический курс математики для дошкольников 5-7 лет: в 2 ч. - Москва: Баласс, 2003. - 256 с.
11. Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009, №388.
12. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526.
13. Тарунтаева Т.В. Развитие элементарных математических представлений у дошкольников. - Москва: Просвещение, 1980. - 64 с.
14. Формирование элементарных математических представлений у дошкольников / под ред. А.А. Столяра. - Москва: Просвещение, 1988. - 303 с.
15. Чумакова И.В., Васина Ю.М., Гайдукова С.А. Психолого-педагогические условия использования образовательных технологий в процессе математического развития детей дошкольного возраста // Педагогика. Вопросы теории и практики. - 2020. - Т. 5. - Вып. 3. - С. 348–352. DOI: 10.30853/pedagogy.2020.3.13.
16. Щербакова Е.И. Методика обучения математике в детском саду. - Москва: Академия, 1998. - 272 с.

ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ ИБТИДОӢ ОИД БА ДОНИШҲОИ ТАБИЙ-РИЁЗӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола масъалаи ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ оид ба илмҳои дақиқ дар кӯдакони синни томактабӣ аз мавқеи муносибатҳои фаъолиятӣ, таҳқиқотӣ ва ҳамгиро баррасӣ шудааст. Мақсади таҳқиқ аз мушаххас намудани мазмуни мафҳуми «тасаввуроти ибтидоӣ оид ба илмҳои дақиқ» ва асоснок кардани маҷмуи шартҳои педагогии ташаккули он иборат мебошад. Таҳқиқ хусусияти назариявию таҳлилӣ дошта, бо истифода аз усули таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омӯзиши адабиёти психологию педагогӣ, муқоиса, тасниф, ҷамъбаст ва амсиласозӣ анҷом дода шудааст. Муайян гардид, ки дар таҳсилоти томактабӣ мафҳуми мазкур набояд ҳамчун омӯзиши пешакии фанҳои мураккаби мактабӣ шарҳ дода шавад. Он маҷмуи тасаввуроти ибтидоии кӯдакро оид ба миқдор, адад, шакл, андоза, фазо, вақт, ҳаракат, вазн, тавозун, хусусияти мавод, пайдарҳамии амал ва робитаҳои одитарини сабабу натиҷа фаро мегирад.

Ба сифати натиҷаи таҳқиқ панҷ шарти педагогӣ асоснок карда шуда, амсилаи пайдарҳамии ташаккули тасаввуроти ибтидоии донишҳои табиӣ-риёзии кӯдакон пешниҳод гардидааст. Навгонии назариявии мақола дар мушаххас намудани ҳудуди мафҳуми таҳқиқшаванда ва ба низоми ягона даровардани шартҳои педагогии ташаккули он ифода меёбад.

***Калидвожа**: таҳсилоти томактабӣ, илмҳои дақиқ, тасаввуроти ибтидоӣ, дониши математикӣ, фаъолияти таҳқиқотӣ, мушоҳида, андозагирӣ, тафаккури мантиқӣ, шароити педагогӣ, амсиласозӣ.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ПЕРВОНАЧАЛЬНЫХ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ О ТОЧНЫХ НАУКАХ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В статье рассматривается формирование первоначальных представлений о точных науках у детей дошкольного возраста с позиций деятельностного, исследовательского и интегративного подходов. Цель исследования заключается в уточнении содержания понятия «первоначальные представления о точных науках» и обосновании педагогических условий их формирования. Исследование носит теоретико-аналитический характер. Использованы методы анализа нормативных правовых документов и психолого-педагогической литературы, сравнения, классификации, обобщения и моделирования. Установлено, что в дошкольном образовании данное понятие не следует отождествлять с ранним изучением школьных дисциплин. Оно охватывает первоначальные представления о количестве, числе, форме, величине, пространстве, времени, движении, весе, равновесии, свойствах материалов, последовательности действий и элементарных причинно-следственных связях.

В результате исследования обоснованы пять педагогических условий и предложена модель последовательного формирования первоначальных представлений детей о естественно-математических знаниях. Теоретическая новизна статьи заключается в уточнении содержательных границ исследуемого понятия и систематизации педагогических условий его формирования.

***Ключевые слова**: дошкольное образование, точные науки, первоначальные представления, математическое развитие, исследовательская деятельность, измерение, логическое мышление, педагогические условия,моделирование.*

PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR DEVELOPING PRESCHOOL CHILDREN'S INITIAL CONCEPTS OF THE EXACT SCIENCES

The article examines the development of preschool children's initial concepts of the exact sciences from activity-based, inquiry-oriented and integrative perspectives. The study aims to clarify the content of the concept and substantiate the pedagogical conditions required for its development. The research is theoretical and analytical and employs analysis of regulatory documents and psychological and pedagogical literature, comparison, classification, generalisation and modelling. The findings indicate that preschool education in the exact sciences should not be interpreted as the early teaching of complex school subjects. It involves children's initial concepts of quantity, number, shape, size, space, time, movement, weight, balance, material properties, sequences of actions and elementary cause-and-effect relationships.

As a result of the study, five pedagogical conditions were substantiated, and a model for the sequential development of children's initial notions of natural and mathematical knowledge was proposed. The theoretical novelty of the study lies in clarifying the conceptual boundaries of the phenomenon under investigation and systematizing the pedagogical conditions for its development.

***Keywords**: preschool education, exact sciences, initial notions, mathematical development, inquiry-based activity, measurement, logical thinking, pedagogical conditions,modeling.*

***Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифиён Муқаддас Холиқзода** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бозинагариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru.*

Сведения об авторе: ***Шарифиён Мукаддас Холикзода** - кандидат педагогических наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела дошкольных и начальных образовательных учреждений, пересмотра и совершенствования стандартов, учебных программ и учебников Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, Республика Таджикистан. Тел.: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru.*

Information about the author: ***Sharifiyon Muqaddas Kholiqzoda** – candidate of pedagogical sciences, associate professor, senior researcher of the department of preschool and primary educational institutions, review and improvement of standards, educational programs and textbooks at the Institute for the development of education named after Abdurahmoni Jomi, Academy of Education of Tajikistan, Republic of Tajikistan. Tel: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru.*

АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАФАККУРИ ИННОВАТСИОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶОМЕА

Маҳмудзода М. М., Шарипов Р.М.
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа дар маҷмуъ, нақши калидӣ бозада, дар заминаи мушкилоти муосире, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҷдидҳои инноватсионӣ бо онҳо рӯбарӯ аст, махсусан, муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҳақиқат, ҳангоми таҳлили асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ имкон пайдо мекунем, ки хусусияти бисёрҷонибаи таъсири тафаккури инноватсионӣ натанҳо ба равандҳои рушди шахсият, инчуин, рушди ҷомеа муайян карда шаванд. Хусусиятҳои хосси таъсири тафаккури инноватсионӣ ба рушди шахсият дар қаринаи иҷтимоию фарҳангии тоҷикон муайян карда мешавад.

Нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият дар асарҳои муҳаққиқон, олимон, омӯзгорон ва коршиносони масоили инноватсионии барҷастаи рус асоси назариявии амиқи худро пайдо кардааст. Масалан, Рубинштейн С. Л. дар таҳқиқоти бунёдии худ ба он таъкид аст, ки тафаккури инсон на танҳо вуҷудро инъикос мекунад, балки онро эҷодкорона тағйир медиҳад ва шаклҳои нави фаъолият ва маърифатро ба вуҷуд оварда, асоси рушди шахсият ва худшиносии он мебошад. Ин изҳорот барои дарки нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсия заминаи воқеӣ мебошад, зеро он ба вазифаи фаъол ва тағйирдиҳанда, робита бо равандҳои худшиносии эҷодӣ ишора мекунад [17, с. 116-117].

Ҳамзамон олими рус Брушлинский А. В. ин ақидаҳоро дар заминаи психологияи муосир инкишоф дода, қайд кардааст, ки тафаккури инноватсионӣ муҳимтарин омил дар худшиносии шахсият ва ошкор кардани имкониятҳои он аст, зеро маҳз дар раванди фаъолияти инноватсионӣ шахсият ва беназирии худро пурратар зоҳир мекунад [3].

Дар ин замина, робитаи байни тафаккури инноватсионӣ, равандҳои худшиносӣ ва рушди шахсият, ки дар қаринаи талаботи муосир ба вуҷуд омадааст, ки мақсади асосии он рушди захираи инсонӣ ва ташаккули шахсияти рақобатпазир мебошад.

Муҳаққиқони муосири рус ақидаи тафаккури инноватсиониро вобаста ба шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ таҳия намудаанд. Барои мисол, Зинченко В. П. таъкид мекунад, ки дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда, қобилияти тафаккури инноватсионӣ ба салоҳияти аввалиндараҷа табдил меёбад ва муваффақияти шахсро дар самтҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла ирфавият, иҷтимиёт, шахсият, муайян мекунад. Таъкиди мазкур фаҳмиши муосири нақши тафаккури инноватсиониро ҳамчун салоҳияти асосии асри XXI инъикос намуда, мутобиқшавии бомуваффақият ба шароити тағйирёбандаи зиндагиро таъмин мекунад [9].

Ҷолиби диққат таҳқиқоти гузаронидаи равоншиноси рус Богоявленская Д. Б. мебошад, ки вай нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди зеҳнии шахсият мебинад. Ба ақидаи равоншиноси номбурда рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ба ташаккули зеҳни чандирӣ ва мутобиқшаванда, ки қодир аст дар шароити номуайянӣ ва тағйироти доимию самаранок фаъолият кунад, мусоидат мекунад. Ин ақида вазифаи мутобиқшавандаи тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсӣ ва нақши он дар ташаккули омодагии равонӣ барои зиндагиро дар ҷаҳони тағйирёбанда таъкид мекунад [2, с. 121-122].

Дар рушди тафаккури инноватсионӣ ва рушди шахсият таҳқиқоти Матюшкин А. М. нақши назаррас дорад. Вай ақида дорад, ки рушди тафаккури инноватсионӣ ва рушди шахсият аз омӯзиши мушкилоти самти мазкур сарчашма мегирад. Тибқи ақидаи вай «рушди тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, муҳокимаронии мустақил ва омодагӣ барои қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ мусоидат мекунад». Бояд иброз дошт, ки ин пешниҳод, ба ақидаи муаллиф, робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва ташаккули хислатҳои муҳими шахсӣ, ки барои дастёб гардидан ба муваффақиятҳо дар ҷомеаи муосир заруранд, нишон медиҳад [15, с. 46-47].

Педагог ва психологи рус Давидов В. В. назарияи омӯзиши инкишофро пешниҳод намуда, таъкид кардааст, ки «рушди тафаккури назариявӣ асоси рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ва

иқтидори инноватсионии шахсият аст». Ақидаи мазкур барои амиқ дарк намудани шароити таълимӣ барои рушди тафаккури инноватсионӣ ва нақши он дар рушди зеҳнии шахс муҳим арзёбӣ мегардад [5, с. 42-43].

Дар қаринаи илми тоҷик, нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият бо назардошти анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқи тоҷик Дилоев Н. Ф. таъкид мекунад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ бояд дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои анъанавии мардуми тоҷик сурат гирад ва ба ташаккули шахсияти қодир ба рушди инноватсионӣ ва ҳамзамон нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангӣ мусоидат намояд». Равиши мазкур ба ақидаи муҳаққиқ хоҳиши муттаҳид кардани навоварӣ бо ҳифзи мероси фарҳангиро инъикос мекунад [7, с. 14].

Муҳаққиқи тоҷик Хусанов Д. нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди маънавӣ ва ахлоқии шахсият таҳлил намудааст. Ба андешаи ӯ, «тафаккури воқеии инноватсиониро на танҳо ба рушди техникӣ ва иқтисодӣ, балки ба такмили маънавии инсон ва ташаккули хислатҳои баланди ахлоқӣ низ равона кардан лозим аст». Ин мавқеъ, ба ақидаи муаллиф, самти инсондустии тафаккури инноватсионӣ ва робитаи онро бо самтҳои арзишии шахс таъкид мекунад [25, с. 1873-1878].

Муҳаққиқони тоҷик Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. тафаккури инноватсиониро ҳамчун омили ҳаракати иҷтимоӣ ва муваффақияти шахсӣ мешуморанд. Ба андешаи онҳо: “дар шароити навсозии ҷомеаи Тоҷикистон, қобилияти тафаккури инноватсионӣ ба омили муҳими пешрафти иҷтимоӣ ва худшиносии касбӣ табдил меёбад”. Изҳороти мазкур ба ақидаи муҳаққиқон аҳамияти амалии тафаккури инноватсиониро барои рушди инфиродӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ инъикос мекунад [1, с. 115].

Ҳангоми таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҷомеа, бояд қайд кард, ки ин масъала дар асарҳои ҷомеашиносон ва иқтисодсиёни рус васеъ инъикос ёфтааст. Яке аз олимони рус, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқу омӯзиш карор додааст, Иноземцев В.Л. мебошад. Вай таъкид мекунад, ки: «дар ҷомеаи пас аз саноатӣ, тафаккури инноватсионӣ ба омили калидии рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил меёбад». Бояд қайд кард, ки ба андешаи муаллиф, ин мавқеъ инъикоси дарки муосири нақши сармояи инсонӣ ва қобилиятҳои инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ пешниҳод менамояд [10, с. 121-122].

Ҳамчунин, муҳақиқи дигари рус Тощенко Ж. Т. ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ нақши тафаккури инноватсионӣ дар табдилоти иҷтимоиро таҳлил намудааст. Ба андешаи вай «иқтидори ҷомеа барои рушди инноватсионӣ аз сатҳи рушди тафаккури инноватсионии шаҳрвандони он муайян карда шуда, он кори мақсаднокро талаб мекунад». Ин нуқтаи назар аҳамияти иҷтимоии тафаккури инноватсионӣ ва зарурати рушди онро дар сатҳи ҷомеа таъкид мекунад [20, с. 75-76].

Муҳаққиқони рус ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар пешрафти илмӣ ва технологӣ таваҷҷӯҳи махсус медиҳанд. Аз он ҷумла муҳақиқ, Ракитов А. И. ба он назар аст, ки: «тафаккури инноватсионӣ қувваи пешбарандаи пешрафти илмӣ-техникӣ буда, пайдо кардани фикрҳои нав ва татбиқи онҳоро дар таҳаввулоти амалӣ таъмин менамояд». Инҷониб низ, нақши калидии тафаккури инноватсионӣ дар рушди илм ва технологияро таъкид мекунад [18].

Нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди иҷтимоӣ аз ҷониби коршиносони соҳаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шароит ва вазифаҳои мушаххаси рушди миллӣ баррасӣ мешавад. Иқтисодчии тоҷик Умаров Х. У. бар ин назар аст, ки “шарти зарурии гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ рушди тафаккури инноватсионӣ ба шумор меравад”. Назарияи мазкур аҳамияти стратегии тафаккури инноватсиониро барои рушди иқтисодии кишвар инъикос мекунад [21, с. 136-143].

Барои амиқан таҳлил намудани нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа, ба назар гирифтани ҷанбаҳои гуногуни ин таъсир тавсия дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки рушди қобилиятҳои зеҳнии шахс аз ҷанбаи маърифатӣ вобастагӣ дорад. Психологи рус Холодная М. А. қайд мекунад, ки «рушди тафаккури инноватсионӣ аз рушди қобилиятҳои метакогнитивӣ, қобилияти омӯхтан ва мутобиқ шудан ба шароити нав иборат мебошад». Аз ин

ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки хусусияти болозикр арзиши таълимии тафаккури инноватсиониро таъкид мекунад [24].

Муҳаққиқи тоҷик Искандаров Б. И. ҷанбаҳои маърифатии тафаккури инноватсиониро дар заминаи таълими илмӣ таҳлил намудааст. Вай ақида дорад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ дар раванди омӯзиши илмҳои табиӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад». Ақидаи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ ба хусусиятҳои рушди тафаккури инноватсионӣ дар самтҳои гуногуни таълимӣ ишора мекунад [11].

Ҷанбаи ҳавасмандкунандаи нақши тафаккури инноватсионӣ бо ташаккули ҳавасмандии устувор барои фаъолияти эҷодӣ ва рушди шахсият алоқаманд аст. Психологи рус Леонтьев Д. А. ба ин назар аст, ки: «рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ ва самтҳои мақсадноки ҳаёт мусоидат мекунад». Ба назари муаллифи мазкур, ин хусусият робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ба маънои шахсӣ ва ҳадафҳои ҳаётиро нишон медиҳад[14, с. 156-157].

Олими тоҷик Шарипов Ф. В. ҷанбаҳои ҳавасмандии тафаккури инноватсионӣ дар раванди таълимро таҳқиқ намудааст. Тибқи таҳқиқоти гузаронидаи вай «рушди тафаккури инноватсионӣ эҷоди муҳити таълимии ҳавасмандкунандаро талаб намуда, фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро низ ҳавасманд мекунад». Ин мавқеъ, ба ақидаи муаллиф, омилҳои ҳавасмандкунанда дар рушди тафаккури инноватсионӣ нақши калидиро доро мебошад [28, с. 58-63].

Ҷанбаи иҷтимоии нақши тафаккури инноватсионӣ ба дараҷаи таъсири он ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ядов В. А. сотсиологи рус, қайд мекунад, ки «шахсоне, ки дорои тафаккури инноватсионии рушдёфта ҳастанд, эҳтимоли бештари оғоз кардани тағйироти иҷтимоӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти иҷтимоии худ ва ҷомеаро доранд». Хусусияти мазкурро мо низ тарафдор буда, аҳамияти иҷтимоии тафаккури инноватсиониро қайд менамоем [28, с. 122-123].

Барои ба низом даровардани ҷанбаҳои гуногуни нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа пешниҳоди ҷадвали 1-и дар зер овардашуда тавсия дода мешавад.

Ҷадвали 1. Нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа

Дараҷаи рушд	**Ҷанбаҳои таъсиррасон**	**Муҳаққиқони Федератсияи Россия**	**Муҳаққиқони Ҷумҳурии Тоҷикистон**	**Натиҷаи рушд**
Шахсият	Маърифатӣ	Ташаккули қобилиятҳои метакогнитивӣ (маърифатӣ) (Холодная М.А.)	Ташаккули тафаккури илмӣ (Искандаров Б.И.)	Рушди зеҳнӣ
	Ҳавасмандгардонӣ	Ҳавасмандии дохилӣ (Леонтьев Д.А.)	фаъолияти эҷодӣ (Шарипов Ф.Ш.)	Худамалигардонии шахсият
	Эҳсосотӣ	Танзими эҳсосотӣ (Люсин Д.В.)	Рушди руҳбаландӣ (Азимова Ф.А.)	Камолоти эҳсосотӣ
Ҷамъиятӣ	Иҷтимоӣ	Тағйироти иҷтимоӣ (Ядов В.А.)	Табдилдиҳии гендерӣ (Қосимова А.К.)	Пешрафти иҷтимоӣ
	Иқтисодӣ	Рақобатпазиргардонӣ (Иноземцев В.Л.)	Иқтисодиёти инноватсионӣ (Умаров Х.У.)	Рушди иқтисодиёт
	Фарҳангӣ	Фарҳанги инноватсионӣ (Флиер А.Я.)	Нигоҳдории анъанаҳо (Бобоев Н.Б.)	Рушди фарҳангӣ

Аз таҳлили маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда, маълум мегардад, ки таъсири бисёрҷонибаи тафаккури инноватсионӣ ба рушди ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа, инчунин хусусияти ин таъсиррасониро дар заминаҳои гуногуни фарҳангӣ нишон медиҳад.

Коршиносон пешниҳод мекунанд, ки ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди таълимии шахс диққати махсус бояд дод. Педагоги рус Сериков В. В. ба он андеша аст, ки

«рушди тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули мавқеи субъективии насли наврасу ҷавон, қобилияти онҳо барои худомӯзӣ ва рушди пайваста мусоидат мекунад». Ба фикри мо низ хусусияти мазкур арзиши таълимии тафаккури инноватсионӣ барои ташаккули шахсияти салоҳиятдорро нишон медиҳад [18].

Дар мақолаи илмӣ, мо ба таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди илмии ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудем. Онро аз нигоҳи файласуфи илмшиноси рус Степин В.С. мавриди таҳқиқ қарор додем. Файласуфи мазкур қайд мекунад, ки: «тафаккури инноватсионӣ қувваи пешбарандаи пешрафти илмӣ буда, пешниҳоди роҳҳои андешаҳои нави илмӣ ва усулҳои тадқиқотро таъмин мекунад». Мо низ хусусият мазкурро тарафдорӣ намуда, нақши калидии тафаккури инноватсионӣ дар рушди илмро бориз арзёбӣ мекунем [19].

Ҳамзамон, муҳаққиқи тоҷик Обидов И. О. нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди технологияҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар таҳқиқоти гузаронидааш қайд кардааст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва коркарди навовариҳои рақамӣ мусоидат мекунад». Мавқеъи мазкур, ба фикри мо робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва пешрафти технологиро нишон медиҳад [27, с. 143-146].

Муҳаққиқи тоҷик Каримов А. Ш. нақши тафаккури инноватсионӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ дар Осиёи Марказиро таҳлил намудааст. Муҳаққиқи номбурда ба он назар аст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ барои пайдо кардани равишҳои нави истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист зарур аст». Ин мавқеъ, ба гуфтаи муаллиф, ба хусусияти минтақавии мушкилоти экологӣ ва нақши тафаккури инноватсионӣ дар ҳалли онҳо дархл дорад [13, с. 13-14].

Аз нигоҳи мо таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди сиёсии ҷомеа сазовори таваҷҷӯҳи махсус гардидааст. Ин мавқеъ аз ҷониби сиёсатшиноси рус Федотова В.Г. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Вай ақида дорад, ки «тафаккури инноватсионӣ ба рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад». Ба андешаи мо ин хусусият робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва равандҳои сиёсиро бозтоб менамояд [23].

Нақши тафаккури инноватсионӣ дар равандҳои бунёди давлат аз ҷониби файласуфи шинохтаи тоҷик Ҷононов С. мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Вай дар ин самт консепсия таҳия намуда, чунин ибрози андеша кардааст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ ба беҳтар шудани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат мекунад» [6, с. 15-16].

Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур мо таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар муколамаи байнифарҳангӣ ва ҳамкории байналмилалиро ҷой намудем. Фарҳангшиноси рус Каган М. С. ба ин назар аст, ки «тафаккури инноватсионӣ ба бартараф кардани монеаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад». Ба фикри мо ин хусусият ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар равандҳои ҷаҳонишавӣ бараъло эҳсос мегардад [12].

Муҳаққиқи тоҷик Гулов А. П. низ нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии таълимиро таҳлил намудааст. Вай бар он андеша мебошад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ ба ҳамгироии низоми маорифи Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад». Мо низ мавқеъгирии муҳаққиқи номбурдаро ҳамаҷониба тарафдорӣ намуда, аҳамияти тафаккури инноватсионӣ барои ҳамгироии байналмилалиро таъкид мекунем [4, с. 32-46].

Ҷанбаи муҳим ба фикри инҷониб таҳлили монеаҳо ва мушкилоти марбут ба рушди тафаккури инноватсионӣ дар ҷомеа мебошад. Сотсиологи рус Здравомыслов А. Г. якчанд монеаҳои асосиро, аз қабили муносибатҳои консервативӣ, тарс аз тағйирот ва набудани захираҳо барои фаъолияти инноватсиониро муайян намуда аст. Фаҳмиши монеаҳои мазкур барои таҳияи стратегияҳо барои рушди тафаккури инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад [8, с. 218-219].

Муҳаққиқи тоҷик Файзуллоев М. К. мушкилоти мушаххаси рушди тафаккури инноватсионӣ дар шароити Тоҷикистонро таҳлил кардааст. Ба андешаи ӯ «монеаҳои асосӣ маҳдудияти захираҳои молиявӣ, набудани технологияи муосир ва зарурати ҳифзи ҳувияти

фарҳангӣ мебошанд». Вай ақида дорад, ки кишварҳои рӯ ба инкишоф шароити мушаххаси рушди тафаккури инноватсиониро фароҳам меоранд [22, с. 1-5].

Ҳамин тариқ, таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва дохилиро дар доираи ин мақола анҷом дода, пешниҳод менамоем, ки тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҳам шахс ва ҳам ҷомеа дар маҷмуъ нақши бисёрҷониба ва бунёдӣ мебозад. Дар сатҳи шахс, он ба рушди зеҳнӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва афзоиши мутобиқшавию рақобатпазирӣ мусоидат мекунад. Дар сатҳи ҷомеа бошад тафаккури инноватсионӣ қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ мебошад.

Ҳамчунин дар шароити ҷомеаи тоҷик, тафаккури инноватсионӣ ҳамчун омили навсозӣ ва ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ аҳамияти хоса дорад. Рушди тафаккури инноватсионӣ шарти зарурии ҳалли вазифаҳои стратегии рушди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва таъмини рушди устувор ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Атахонов Т. Педагогические очерки (учебное пособие). /Т. Атахонов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов// - Душанбе, 2005. - 226 с.
2. Богоявленская Д.Б. Психология творческих способностей: [учебное пособие для студентов высших учебных заведений] /Д.Б. Богоявленская// – Москва: Академия, 2002. – 320 с.
3. Брушлинский А.В. Психология субъекта / А.В. Брушлинский// – Санкт-Петербург: Алетейя, 2003. – 272 с.
4. Гулов А.П. Образовательные технологии реализации школьных предметных олимпиад в контексте культурологического подхода // Отечественная и зарубежная педагогика. - 2023. - №4. – С. 32-46.
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения: монография /В.В. Давыдов// – Москва: Интор, 1996. – 544 с.
6. Джононов С. Формирование национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана: автореф. дис.... д-ра филос. наук: 09.00.11 / Джононов Саидамир// Ин-т философии им. акад. А.М. Богоутдинова АН Респ. Таджикистан. – Душанбе, 2010.
7. Дилоев Н.Ф. Влияние духовных традиций на формирование национального самосознания таджиков в условиях государственного суверенитета (социально-философский анализ): автореф. дис.... канд. филос. наук: 09.00.11 / Дилоев Н.Ф.// – Душанбе, 2018.
8. Здравомыслов А.Г. Социология конфликта: Учебное пособие для студентов ВУЗов, (изд. в рамках программы обновления гум. образования), 3-изд. доп и пер. - М.: Аспект-Пресс, 1996. - 317 с.
9. Зинченко В.П. Психологическая педагогика. Материалы к курсу лекций. Часть I. Живое знание. – Самара: Самарский Дом печати, 1998. – 296 с.
10. Иноземцев В.Л. Современное постиндустриальное общество: природа, противоречия, перспективы: учеб. пособие для студентов вузов. - М.: Логос, 2000. – 304 с.
11. Искандаров Б.И. Развитие исторических наук в Таджикистане / отв. ред. М. С. Асимов. – Душанбе: Дониш, 1997.
12. Каган М.С. Философия культуры. Учебное пособие для академического бакалавриата. Учебное пособие. - 2023. - 353 с.
13. Каримов А.Ш. Энергетический потенциал Центральной Азии: роль. Таджикистана. – М.: Энергия, 2020. – 180 с.
14. Леонтьев Д.А. Психология смысла: Природа, строение и динамика смысловой реальности: Учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по направлению и специальностям психологии / Д.А. Леонтьев. - Москва: Смысл, 2003 (ППП Тип. Наука). - 486 с.
15. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А. М. Матюшкин. - Москва: Педагогика, 1972. - 206 с.
16. Ракитов А. И. Философия компьютерной революции / А. И. Ракитов. – Издание второе. – Москва: Директ-Медиа, 2013. – 291 с.
17. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии [Электронный ресурс] / Л. С. Рубинштейн; составители, авторы комментариев и послесловия: главный редактор: В. Усманов; художник: В. Чугунов. — Санкт-Петербург и др.: Питер, 1999. - 720 с.
18. Сериков В.В. Образование и личность. Теория и практика проектирования педагогических систем. - М.: Издательская корпорация «Логос», 1999. - 272 с.
19. Степин В.С. Теоретическое знание / Степин В.С.. - Москва: Прогресс-Традиция, 2003. - 744 с.

20. Тощенко Ж.Т. Социология управления: учебник и практикум для вузов / Ж.Т. Тощенко. - Москва: Издательство Юрайт, 2023. - 303 с.

21. Умаров Х.У. Пути совершенствования процессов минимизации финансовых рисков в Республике Таджикистан / Х.У. Умаров, И.Р. Иброхимов, Д.Д. Боймуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. - 2019. - № 10-1. - С. 136-143.

22. Файзуллоев М. К. Предпосылки инновационного развития экономики Таджикистана // Стратегии бизнеса. - 2016. - №3 (23). – С. 1-5.

23. Федотова В.Г. Модернизация и культура. – М.: Прогресс-Традиция, 2016. – 336 с.

24. Холодная М.А. Психология интеллекта: Парадоксы исследования. 2-ое изд, перераб. и доп. - СПб.: Питер, 2002. – 272 с.

25. Хусанов Д. Содержание и суть понятия инновационное мышление // Экономика и социум. - 2025. - №6-2 (133). – С. 1873-1878.

26. Шарипов Ф.В. Развитие творческих способностей студентов / Ф.В. Шарипов // Высшее образование сегодня. - 2013. - № 8. - С. 58-63.

27. Юсупова Т.А. Цифровые технологии в образовании: проблемы риски и перспективы // Индустриальная экономика. - 2022. - №3. – С. 143-146.

28. Ядов В. А. Стратегия социологического исследования. Описание, объяснение, понимание социальной реальности. - М.: Добросвет, 2000. - 596 с.

АСОСҲОИ ИЛМИИ ТАФАККУРИ ИННОВАТСИОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶОМЕА

Дар мақолаи мазкур асосҳои илмии тафаккури инноватсионӣ ва нақши он дар рушди шахсият ва ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз усули миқиёсӣ-таҳлилӣ, асарҳои илмии олимони барҷастаи рус ва муҳаққиқони тоҷикро таҳлил намуда, ҷанбаҳои бисёрҷонибаи тафаккури инноватсиониро ошкор сохтааст.

Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар сатҳи инфиродӣ тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули зеҳни чандир, ҳавасмандии дохилӣ ва рақобатпазирии шахсият мусоидат мекунад. Дар сатҳи ҷомеа бошад, он ҳамчун қувваи пешбарандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ арзёбӣ мегардад. Хусусияти хоси таҳқиқот дар он аст, ки рушди инноватсия дар қаринаи иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон, бо назардошти ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои суннатӣ, асосноқ карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли ҷадвали низомёфта пешниҳод гардидаанд, ки таъсири тафаккури инноватсиониро дар соҳаҳои маърифатӣ, эҳсосотӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ инъикос мекунанд.

Калидвожаҳо: *тафаккури инноватсионӣ, рушди шахсият, ҷомеаи муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори эҷодӣ, худшиносӣ, навсозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳувияти фарҳангӣ.*

НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ ИННОВАЦИОННОГО МЫШЛЕНИЯ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ И ОБЩЕСТВА

В данной статье рассматриваются научные основы инновационного мышления и его роль в развитии личности и общества. Автор используя количественно-аналитический метод и проанализировал научные работы видных российских ученых и таджикских исследователей, выявив многогранные аспекты инновационного мышления.

В статье показано, что на индивидуальном уровне инновационное мышление способствует развитию гибкого ума, внутренней мотивации и конкурентоспособности личности. На общественном уровне это рассматривается как движущая сила экономического, социального и технологического развития. Отличительной особенностью исследования является обоснованность развития инноваций в социо-культурном контексте Таджикистана с учетом сохранения национальной идентичности и традиционных ценностей. Результаты исследования представлены в виде структурированной таблицы, отражающей влияние инновационного мышления на когнитивную, эмоциональную, экономическую и культурную сферы.

Ключевые слова: *инновационное мышление, развитие личности, современное общество, Республика Таджикистан, творческий потенциал, самосознание, социально-экономическая модернизация, культурная идентичность.*

THE SCIENTIFIC FOUNDATIONS OF INNOVATIVE THINKING AND ITS ROLE IN PERSONAL AND SOCIAL DEVELOPMENT

This article examines the scientific foundations of innovative thinking and its role in personal and social development. Using a quantitative analytical method, the author analyzed the scientific works of prominent Russian scientists and Tajik researchers, identifying the multifaceted aspects of innovative thinking.

The article demonstrates that, at the individual level, innovative thinking contributes to the development of a flexible mind, intrinsic motivation, and competitiveness. At the societal level, it is viewed as a driving force for economic, social, and technological development. A distinctive feature of the study is the validity of innovation development in the socio-cultural context of Tajikistan, taking into account the preservation of national identity and traditional values. The results are presented in a structured table reflecting the impact of innovative thinking on the cognitive, emotional, economic, and cultural spheres.

Keywords: *innovative thinking, personal development, modern society, Republic of Tajikistan, creative potential, self-awareness, socio-economic modernization, cultural identity.*

Маълумот дар бораи муаллифон*: Маҳмудзода Мумина Маҳмуд* *- номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбия ва масъалаҳои иҷтимоии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. Телефон: (+992)988269025.*

Шарипов Рустамҷон Мирзоевич *– унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. Телефон: (+992) 918-35-97-77. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru.*

Сведения об авторах*: Махмудзода Мумина Махмуд* *- кандидат педагогических наук, проректор по воспитательной работе и социальным вопросам Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, район Борбад. Телефон: (+992) 988269025.*

Шарипов Рустамджон Мирзоевич *– соискатель кафедры права и гуманитарных наук Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, микрорайон Борбад. Телефон: (+992) 918-35-97-77. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru.*

Information about the authors*: Makhmudzoda Mumina Makhmud* *- candidate of pedagogical sciences, vice-rector for educational work and social issues University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735140, Kulob, Republic of Tajikistan, st. Borbad. Phone: (+992) 988269025.*

Sharipov Rustamjon Mirzoevich *– applicant of the department of law and humanities University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Kulob, st. Borbad. Phone: (+992) 918-35-97-77. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru.*

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ НАВРАСОН ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ

Алихонзода Д.
унвонҷуи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ташаккули инсони аз ҳар ҷиҳат комил аҳамияти хосса медиҳад ва пурзӯр намудани нақши ҷомеа дар таълиму тарбияи насли наврас, таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, садоқат ба Ватан ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи маърифатӣ - фарҳангии онҳо мувофиқи мақсад мебошад. Яке аз масъалаҳои асосии замони муосир дар назди ҷомеаи инсонӣ ин қобилияти дарки масъалаҳои рӯзмарра ва ҳалталаб аст.

Бо таваҷҷуҳ ба гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири қарни XX ва оғози қарни XXI дар соҳаи маориф ислоҳот гузаронида шуд. Дар ин робита, дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1994), Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (2024), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои қонунӣ қабул карда шуданд. Дар ин ҳуҷҷатҳо қайд

шудааст, ки маориф самти афзалиятноки стратегияи давлат маҳсуб меёбад ва дар ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас омӯзиш, таблиғ, истифодаи адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ нақши калон мебозад.

Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити педагогии тарбияи насли наврас диққати махсус дода мешавад ва дар ин робита гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар Паёми хеш дар бораи тарбияи наврасону ҷавонон сухан ронда, таъкид мекунанд, ки «Ҷавонон ояндаи давлату миллатанд ва ояндаи ҳар гуна ҷомеа аз тарбияи дурусти наврасону ҷавонон вобаста аст» [9].

Дар Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 чунин омадааст: «Тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон яке аз ҷузъҳои таркибии ҷараёни тарбия ба ҳисоб рафта, ҷавононро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд. Дар тамоми кишварҳо насли наврас ба сифати неруи пуриқтидор ва ҳомии Ватан эътироф шудаанд» [2, с. 12].

Масоили ташаккули майлу рағбат ба арзишҳои ватандӯстӣ аз дидгоҳҳои гуногуни педагогию психологӣ дар таълифоти олимони хориҷа И. А. Агапова, О. С. Богданова, Т. С. Буторина, А. Г. Здравомислов, А. В. Кирякова, И. С. Кон, А. И. Костяев, В. А. Крутетский, М. В. Ломоносов, В. И. Лутовинов, Н. П. Овчинникова, В. С. Собкин, В. П. Тугаринов, Д. И. Фелдштейн ва дигарон дар сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Масоили тарбияи ватандӯстии ҷавонон инчунин дар асарҳои донишмандони муосири тоҷик, равоншиносону методистон ва педагогҳои шинохта М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Б. Раҳимов, Х. Афзалов, Х. Буйдоқов, А. Қаландаров, И. Х. Каримова, Қ. Б. Қодиров, Х. М.Сабуров, А. С. Саидмуминов, Н. Худоёрова, Ш. А. Шаропов ва дигар муҳаққиқон хеле хуб инъикос ёфтааст, ки дар рушди илми педагогикаи муосир саҳми беназир доранд. Академик М. Лутфуллозода дар таълифоти пуразриши худ «Педагогикаи миллии халқи тоҷик» унсурҳои муҳимми тарбияро бо таснифи тарбияи миллӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва ғайраҳо хеле возеҳ асоснок намудааст ва иброз медоранд: «Дар педагогикаи мардумӣ ва миллии халқи тоҷик таълим, тарбия ва ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, ҳифзи марзу буми он, бунёди оилаву давлати устувор, ободкориву созандагӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд» [7, с. 59].

Бояд қайд кард, ки рушди ҳар як миллат аз наврасон ба ғоя ва арзишҳои миллӣ вобаста аст, ки он ба муносибати хонандагон ва шуури наврасон чӣ гуна таъсир мерасонад ва то кучо, яъне, то чӣ андоза ғояи миллӣ барои муайян кардани ҳадафу манфиатҳои ҳар як инсон пурмаъно хоҳад буд ва хидмат мекунад, хонандагон ва наврасон онро зуд дарк мекунанд, инчунин муносибати мусбати худро нисбат ба он зоҳир менамоянд. Айёми наврасиро тавсиф дода Б. Маҷидова тағйирёбии муносибат ба худ ва бо оламро дар онҳо нишон медиҳад: «Гузариш ба айёми наврасӣ дигаргуниҳои ҷиддиро дар маромнокии рушди маънавӣ ба вуҷуд меорад. Боварию эътиқоди ахлоқӣ, ки дар синни хурди мактабӣ зербинои онҳо гузошта шуда буданд, ба таҷрибаи ҳаётӣ алоқаманд гардида, ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии маънавӣ мусоидат менамояд» [9, с. 115].

Миллати тоҷик дорои маънавиёту фарҳанги воло буда, яке аз миллатҳои тамаддунсоз ба шумор меравад. Дар мавриди тарбияи ахлоқии насли наврас дар раванди таълими адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ бояд гуфт, ки таълиму тадриси адабиёти бадеӣ дар МТМУ ба омӯзиши фарҳангу маданияти миллӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Омӯзгоронро месазад, ки чунин иртиботро ба хонандагон асоснок кунанд.Дар ин маврид, муҳаққиқ И.Давлатшоев чунин қайд мекунад: «Дар ин муассисаҳо омӯзгорон инчунин бо тарбияи миллии толибилмон машғуланд. Баъди хатми МТМУ сифатҳои миллии насли наврас ташаккул меёбанд, ки қисман ба эътиқод ва ҷаҳонбинӣ мубаддал мегарданд ва онҳо барои дар оянда боз ҳам густариш додани донишу малака ва заминаи азхудкунии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ омода мегарданд» [3, с. 79].

Муҳити педагогии таълиму тадрис воситаи асосии омӯзиши адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ буда, дар ҷараёни дарс ҳангоми интихоби мавзуъҳои муайян барои хонандагон як қатор шароитҳои педагогии мардумӣ (этнопедагогика)-и маънавӣ ва ахлоқӣ таъмин мегарданд.

Дар мавриди роҳҳои самараноки истифодаи адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии наврасон бояд чанд нуқтаро таъкид кард, ки адабиёт бо илм, идея (ғоя), мантиқ ва тафаккур низ иртиботи ногусастанӣ дорад. Бо назардошт ва аҳамияти хоси тарбия, ки ҳатман таълимро низ фарогир аст, омӯзгорро месазад, ки нақши адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқиро дар рафти тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи фарогири ахлоқи ҳамида ва маънавиёти воло омӯзиш диҳад.

Чунин ба назар мерасад, ки замони муосир ва воқеияти имрӯз, қабл аз ҳама, зарурати ҳарчӣ тезтар, самараноктар ба даст гирифтани шаклгирии тарзи тафаккури наврасон ва ҷавононро дорад. Дар зеҳни онон ворид кардани мафҳумҳои «Ватан», «миллат», «илм», «маърифат», «ҳуқуқбунёдии муносиботи ҷамъиятӣ», алифбои донишҳои дунявӣ, равшангарой, шинохти воқеияти олам аст.

Афкори педагогии мутафаккирони асримиёнагии мо ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар пешрафти педагогикаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштааст, ки яке аз ҷанбаҳои чунин анъана меҳанпарастӣ ва ватандӯстии наврасрну ҷавонон ба шумор меравад. Дар МТМУ дар ҷодаи тарбияи ахлоқӣ ва маънавии наврасон аз ибтидо аҳамияти хосса дода мешавад. Зеро синнусоли наврасӣ синни ташаккулёбии воқеии инсон буда, барои тамоми умр заминаи асосӣ маҳсуб меёбад [1].

Қобили таъкид аст, ки дар рушду камолоти ҳамаҷонибаи шахсият ҳамаи пайвастагии намудҳои зикр кардаи тарбия ҳатман дар мадди назар дошта мешавад, ки асоси онро тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳад. Омӯзгоронро месазад, ки дар баробари тарбияи ахлоқӣ ва маънавии наврасон ба ҳисси меҳарпарастӣ ва ватандӯстии онҳо низ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Бояд гуфт, ки таълиму тарбия карда тавонистани хонандагону ҷавонони наврас дар руҳияи ташаккулу инкишофи донишҳои ахлоқию маънавии хоса ба омӯзгоре мутааллиқ аст, ки номи баланду пуршарафи педагогро дорад. Пӯшида нест, ки маҳз аз ин зовияи таҳқиқ аз ҷиҳати салоҳияти касбӣ педагог дар байни ҳамаи омӯзгорон сафи аввалро ишғол менамояд. Маҳз бад-ин ҷиҳат танҳо он педагоге дар ҷавонони наврасу хонандагон таълимоти ғании ахлоқиро дар тавъамии тарбияи ватандӯстӣ ба роҳ монда метавонад.

Омӯзиши адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ дар мисоли интихоби асарҳои бадеӣ ва мардумӣ, ки дар онҳо ташаккулёбии арзишҳои маънавию ахлоқи инсон пешниҳод гардидааст барои бунёди асосҳои арзишҳои ташаккули ахлоқӣ ва маънавии хонандагон таъсири муҳимми мусбат дорад. Муҳаққиқон ва мутахассисон, ки онҳоро педагогҳои варзида номидан мумкин аст, барои ташаккул ва такмили андешаҳои ахлоқию маънавии наврасону ҷавонон бо дарназардошти ягонагии фикру ақидаҳои хонандагон аз тавсия ва омӯзиши асарҳои бадеӣ ва эҷодиёти халқ васеъ истифода мебаранд.

Татбиқи амалии амсилаи (модели) сохтории ташаккул ва рушди фаъоли ватандӯстӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон ба амалисозии таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ ва ташаккули таҷрибаи нави ватандӯстӣ ва рафтори ватандӯстонаи хонандагон равона мегардад. Ба фаъолияти иҷтимоӣ фаро гирифтани на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон ва падару модарон низ аҳамияти чунин чорабиниҳоро барои хонандагон зиёд намуда, дар навбати худ ба афзоиши фаъолияти иҷтимоии онҳо ва ташаккули фаъолмандӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон мусоидат мекунад.

Ҷиҳати амалии мазмуну мундариҷа ва технологияи тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ, ки муҳимтарин шароити иҷтимоӣ-педагогӣ дар ин самт ба шумор меравад, омӯзгоронро месазад, ки аз роҳҳои самараноки истифодаи адабиёти бадеӣ ва шаклҳову технологияи тарбияи ватандӯстии наврасон самаранок ва салоҳиятнок истифода баранд, зеро ин ҷанбаҳо аз рӯйи принсипҳои педагогӣ иртиботи ногусастанӣ доранд [12, с. 211].

Дар ин самт мувофиқи пажӯҳишоти банақшагирифтаи мазкур дуруст ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия ва махсусан тарбия, ки муқаддамтар аз таълим аст ва тарбияи ватандӯстиву меҳанпарастии наврасон дар роҳи худшиносиву ҷаҳонбинии онҳо тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ нақши калон мебозад. Яке аз роҳҳои ғанӣ гардондани мазмуни маводи таълимӣ ин маҳз тарбияи маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон баҳисоб меравад, ки дар оғози тарбияи ватандӯстии онҳо бояд қарор гирад. Аз ин рӯ, интихоби усули гуногун ва

мувофиқи мақсад баҳри иҷрои корҳои тарбиявӣ; истифодабарии намуду шаклҳои гуногуни фаъолияти тарбиявии наврасон, махсусан, хонандагон МТМУ бо назардошти ватандӯстии онҳо хеле муҳим мебошад.

Тибқи вазифаҳои гузоштаи таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки самаранокии тарбияи ватандӯстии насли наврас дар МТМУ ва ҳатто берун аз он, пеш ва беш аз ҳама ба фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ вобаста аст. Бояд гуфт, ки дар ин маврид, албатта, муҳити иҷтимоӣ ва тарбияи хонаводагии наврасон ба эътибор гирифта шаванд, зеро маҳз тарбияи хонаводагӣ яке аз шартҳои зарурӣ ва аввалини тарбияи ватандӯстии ҳар фард ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти чунин андешаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки таваҷҷуҳ ба тарбияи ватандӯстӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва дар умум фарҳангии наврасон хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки барои тарбияи бомуваффақияти ватандӯстии наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ донистан ба ва амал татбиқ кардани чанд омилҳои зерини педагогӣ зарур аст:

- дарки аҳамияти адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ дар роҳи худшиносӣ ва меҳанпарастию ватандӯстӣ;

- дарк намудани масъулияти омӯзгор-педагог барои тарбияи наврасон дар ҷодаи аҳамияту зарурати муҳаббат ба Ватан, диёр, падару модар, эҳтироми қадри волои ниёгон, қадршиносии қаҳрамонони маллату кишвар;

- дарки худшиносӣ ва қадрдонии омӯзгор-педагог ҳамчун падар ва модари маънавӣ ва амсоли инҳо мебошад [9, с. 142].

Таҳлили вазъи раванди таълиму тарбия дар МТМУ нишон медиҳад, ки солҳои охир муносибати омӯзгорони пуртаҷриба ва босалоҳият бо арзишҳои маънавии миллӣ, ташаккули ҳиссиёти ватандӯстии наврасон, истифодаи этнопедагогика, яъне адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон таъсири назаррас дорад. Мусаллам аст, инкишофи рӯзафзуни тарзи ҳаёти ҷомеа ба омӯзгорон-педагогони пуртаҷрибаву босалоҳият ниёз дорад, ки ҳамчун созандаи шахсияти нав ба маънои наврасону ҷавонони ватандӯсту меҳанпараст фаъолияти пурсамар дошта бошанд. Омӯзгор бояд ҳамчун субъекти фаъол тарзи ҳаёти худро аз рӯйи касби интихобкардааш дарк карда, баҳри тарбияи насли наврас пеш ва беш аз ҳама дар роҳи ватандӯстию меҳанпарастӣ фаъолияти пурсамар дошта бошад.

Барои кор карда баромадани асосҳои назариявию методӣ ва шароити педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ омӯзгоронро месазад, ки равияҳоеро истифода баранд, ки дастовардҳои педагогикаи муосир ва хусусиятҳои масъалаи таҳқиқшавандаро таҷассум мекунанд. Аз натиҷаи омӯзиши хулосаҳои умумӣ ва мушахаси он барои беҳтар намудани тарбияи ахлоқию ватандӯстии хонандагон хулосаву тавсияҳои мақсаднок бояд пешниҳод намуд.

АДАБИЁТ

1. Арипов М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Дар ду ҷилд. - Душанбе: ҷ.1. 1962. - 162 с.

2. Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. - Душанбе: Ирфон, 2017 https://mmk.tj/content

3. Давлатшоев И. Тарбияи маънавии мактабиён дар руҳияи анъанаҳои миллии халқи тоҷик. Монография. Китоби 2. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 160 с.

4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006-№94.

5. Қодиров К.Б. Афкори педагогии халқи тоҷик. - Душанбе: Ирфон,1998. - 235 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак». – Душанбе, (с. 2011, №762, 2024, № 2049). https://mmk.tj

7. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / Осори педагогӣ. Ҷилди 6. - Душанбе: 2015. - 704 с.

8. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. – Душанбе, 2013. - 467 с.

9. Маджидова Б. Традиции и обычаи таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. Монография [Текст] Б. Маджидова. – Душанбе, 2014. - 212 с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» - Душанбе, 06.01.2024. https://mmk.tj/content

11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020. –№ 526. - Душанбе, «Хирадмандон», 2020. - 110 с. https://mmk.tj/

12. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. [Матн] / Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев /- Душанбе: Ирфон, 2012. - 562 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР НАВРАСОН ТАВАССУТИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ

Мақолаи мазкур баррасии масъалаи хусусиятҳои тарбия ва ташаккулёбии ватандӯстӣ дар наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқро дар бар мегирад. Қайд мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити иҷтимоию педагогии тарбияи насли наврас диққати махсус дода мешавад. Тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувийяти миллии наврасону ҷавонон яке аз ҷузъҳои таркибии ҷараёни тарбия ба ҳисоб рафта, онҳоро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд. Рушди ҳар як миллат аз наврасон ба ғоя ва арзишҳои миллӣ вобаста аст, ки он ба муносибати хонандагон ва шуури наврасон чӣ гуна таъсир мерасонад. Муҳити педагогии таълиму тадрис воситаи асосии омӯзиши адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ буда, дар ҷараёни дарс ҳангоми интихоби мавзуъҳои муайян барои хонандагон як қатор шароитҳои педагогии мардумӣ (этнопедагогика)-и маънавӣ ва ахлоқӣ таъмин мегарданд. Омӯзгоронро месазад, ки дар баробари тарбияи ахлоқӣ ба ва маънавии наврасон ба ҳисси меҳарпарастӣ ва ватандӯстии онҳо низ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва аз роҳҳои самараноки истифодаи адабиёти бадеӣ ва шаклҳову технологияи тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ самаранок ва салоҳиятнок истифода баранд.

Калидвожаҳо: тарбияи ватандӯстӣ, ҳувийяти миллӣ, арзишҳои ватандӯстӣ барномаи давлатӣ, айёми наврасӣ, сифатҳои миллии насли наврас, усули гуногун, омӯзгори босалоҳият, омилҳои педагогӣ.

ОСОБЕННОСТИ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ СРЕДСТВАМИ ЛИТЕРАТУРЫ И ФОЛЬКЛОРА

В данной статье рассматриваются вопросы формирования и развития патриотизма у подростков посредством литературы и фольклора. Отмечается, что в Республике Таджикистан особое внимание уделяется социально-педагогическим условиям воспитания подрастающего поколения. Воспитание патриотизма и укрепление национального самосознания подростков и молодежи являются неотъемлемыми составляющими образовательного процесса, формирующими у них преданность Родине, уважение к национальным ценностям, чувство собственного достоинства и гражданскую ответственность. Развитие любой нации зависит от того, как национальные идеи и ценности влияют на взгляды и сознание молодежи. Образовательная среда служит основной площадкой для изучения литературы и фольклора; подбор определенных тем в ходе занятий способствует интеграции духовно-нравственных принципов, укорененных в традиционной народной педагогике (этнопедагогике).

Педагоги обязаны уделять серьезное внимание воспитанию у подростков чувства патриотизма и любви к Родине наряду с их нравственным и духовным становлением, а также эффективно и компетентно применять методы, использующие литературу и фольклор — наряду со специфическими формами и технологиями, — для привития этих патриотических ценностей.

Ключевые слова: патриотическое воспитание, национальная идентичность, патриотические ценности, государственная программа, подростковый возраст, национальные качества подрастающего поколения, разнообразные методы, компетентный педагог, педагогические факторы.

SPECIFICS OF PATRIOTIC EDUCATION FOR ADOLESCENTS THROUGH LITERATURE AND FOLKLORE

This article examines the formation and development of patriotism among adolescents through literature and folklore. It notes that the Republic of Tajikistan places special emphasis on the socio-pedagogical conditions for the upbringing of the younger generation. Fostering patriotism and strengthening the national identity of adolescents and youth are integral components of the educational process, cultivating devotion to the homeland, respect for national values, a sense of personal dignity, and civic responsibility. The development of any nation depends on how national ideas and values shape the views and consciousness of its youth. The educational environment serves as a primary setting for the study of literature and folklore; the selection of specific themes

during lessons facilitates the integration of spiritual and moral principles rooted in traditional folk pedagogy (ethnopedagogy). Educators are required to devote serious attention to fostering a sense of patriotism and love for the Motherland in adolescents—alongside their moral and spiritual development—and to effectively and competently employ methods utilizing literature and folklore, as well as specific forms and techniques, to instill these patriotic values.

Keywords: patriotic education, national identity, patriotic values, state program, adolescence, national qualities of the rising generation, diverse methods, competent educator, pedagogical factors.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алихонзода Дилбар*** *- унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: 908980073, email: dilbar.urozova.73@mail.ru*

Сведения об авторе: ***Алихонзода Дилбар*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Тел. 908980073, email: dilbar.urozova.73@mail.ru*

Information about the author: ***Alikhonzoda Dilbar*** *– applicant at the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami AOT, Тел.908980073. email: dilbar.urozova.73@mail.ru*

ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ХОНАВОДА ДАР ТАТБИҚИ БОСАМАРИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ВА ИҶТИМОИШАВИИ БАЧАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Азизов М.Ҷ.

унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дастрасӣ ба пешравӣ ва муваффақиятҳо дар соҳаи таҳсилоти фарогир аз корбаст ва роҳандозии якчанд омилҳои муҳим иборат аст. Дар ин росто метавон мақоми омӯзгор ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро махсус зикр намуд. Ҳамкории омӯзгор ва волидон, муносибати бошуурона ва одилонаю оқилона нисбати бачагони ба таҳсил ниёздошта, ҷомаи амал пӯшидани аҳли хонавода дар таълим ва тарбияи фарзандони нуқсондор аз масъалаҳоеанд, ки дар таъмини босифати низоми таҳсилоти фарогир нақши хеле муҳим ва бориз дорад. Гуфтан мумкин аст, ки иртибот ва муносибати ҳасанаи омӯзгорони муассисаи таълимӣ ва волидон калиди дарёфти мушкилот ва муаммоҳо дар ин самти ҳаётан зарур ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки омӯзгор ҳамчун устоди раҳнамо ва мураббии содиқ муҳити таълими босифатро созмон медиҳад, дар интихоби роҳу равиши таълим ва парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд пайваста фикру андеша меронад, методҳои баргузидаи тадрису тарбиятро пайдо ва пешниҳод мекунад, ба ташаккули фарҳанги муошират ва муносибат муваффақ мегардад.

Волидон низ дар роҳи ҷалби фарзандони дорои нуқсону норасоиҳо нақш ва мақоми хоси худро бояд дошта бошанд. Онҳо қабл аз ҳама ояндаи онҳоро фикр карда, дар роҳи васлшавӣ ва фарогирии фарзандони хеш ба таълиму тарбия сарфи назар аз мавҷудияти мушкилоти ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва ақлӣ бояд мубориза баранд. Иштироки волидон, хонаводаҳо ва ҷомеа дар раванди таҳсилоти фарогир ба таҳкими ғояҳои башардӯстӣ, инсонпарварӣ, таҳаммулпазирӣ кумак ва ёрии калон мерасонад. Волидон дар роҳи ба таҳсил ҷалб шудан, иҷтимоӣ шудан ва мавқеи худро дар зиндагию ҳаёт пайдо кардан набояд бетараф ва канораҷӯй бошанд.

Дар ду фасли аввалӣ мо оид ба асосҳо ва присипҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти фарогир муфассал истода гузаштем. Алъон асолат ва вазифаҳои ногузири омӯзгорро дар шароити таҳсили фарогир баррасӣ ва ба муҳокима гузоштан мехоҳем. Вазифаи аввалине, ки дар назди омӯзгор меистад, мутобиқ гардондани барномаи таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Яқинан сухан бобати коркард ва таҳияи хатти инфиродии таълимӣ (ХИТ) бо назардошти суръат ва имкониятҳои ҳар як муҳассилини дорои нуқсонҳо меравад.

Вазифаи дигаре, ки дар назди омӯзгор меистад, таъсис ва ташкили муҳити психологӣ мебошад. Чунин муҳит сарчашмаи хешро аз корбасти арзишҳои мақбули умумибашарӣ, амсоли эҳтироми шахс, одоби рафтор ва гуфтор, таҳаммуландешӣ, шавқу завқ ва рағбат ба донишу омӯзиш мегирад. Омӯзгор дар фаъолияти хеш андарзҳои ҳакимону маърифатпарварони халқи

тоҷикро сармашқи кори худ қарор намуда, баҳри тантанаи рисолатҳои волои инсонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Омӯзгор вазифадор аст, ки дар масири фаъолияти худ дар низоми таҳсилоти фарогир бо мутахассисони соҳаҳои гуногун робитаи қавӣ ва устувори ҳамкорӣ дошта бошад. Аз ҷумла, бо тюторҳо (педагог-мураббӣ), равоншиносони мактабҳо (психологҳо), логопедҳо (онҳое, ки дар ташхис ва ислоҳи ноқисии нутқ мутавасситанд), дефектологҳо (педагогҳое, ки дар ислоҳи норасоиҳои гуногуни бачагони дорои нуқсонҳои нутқ, биноӣ, шунавоӣ, зеҳн ва узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ саҳм мегузоранд).

Дар робита ба масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳандозӣ намудани принсипи «робитаи муттасил ва ногусаста» бағоят муҳим ва зарур дониста мешавад. Дар ин росто вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон пайваста аз вазъи саломатии фарзандони дорои имконияташон маҳдуд маълумот пешкаш намоянд. Аз ҷумла, волидон бо омӯзгорон бобати рафтору кирдори бачагон, ҳолати руҳӣ ва рағбату иштиёқ мубодилаи афкор менамоянд.

Пас аз анҷоми машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти анъанавӣ фаъолияти омӯзишии бачагони имкониятҳояшон маҳдуд дар хона набояд қатъ гардад. Волидон дар рушди дониш, малака ва салоҳияти фарзандони худ бояд кӯмак расонанд. Яъне волидон пас аз анҷоми ҳаррузаи таҳсили фарзандон иштирокчиёни бевоситаи таҳсилоти фарогир дар муҳити хонавода мешаванд. Равшантар гӯем, сухан оид ба таъсиси муҳити дуҷонибаи дастгирӣ аз ҷониби хонавода ва муассисаи таҳсилот меравад.

Мусаллам аст, ки чунин ҳамкории босамар ба принсипҳои умдаи фаъолияти якҷоя ва дастгирии кори якдигар тавассути иртиботи озоду кушод, мубодилаи муттасили ахборот такя мекунад. Дар сурати қабули ин ё он қарор ҳар ду ҷониб ба ҳам мувофиқ меоянд, масъулиятро ба дӯши худ мегиранд, эътимоду таваккулро дар роҳи расидан ба матлаб пайгирӣ менамоянд. Муҳиммияти чунин ҳамкорӣ омӯзгорон ва волидонро ҷониби ҷустуҷӯи шароитҳои мутобиқ ва мувофиқи таълиму парвариш ҳидоят мекунад.

Таҳқиқоти мазкур собит месозад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми таълими босифат тавассути фарогирии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аз салоҳияти касбии омӯзгор вобастагӣ дорад. Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки салоҳияти омӯзгор дар самти таҳсилоти фарогир, пеш аз ҳама, дарки арзиш, мазмун ва асолати он, омодагии касбии омӯзгор ба ҷалби бачагони дорои нуқсонҳои гуногун ба ҷараёни таълим ва парвариш, раванди муошират ва муносибат, таъмини муҳити психологии орому осудаи кулли муҳассилин аз омилҳои муассири таҳсилоти босифати фарогир маҳсуб меёбад.

Мо борҳо эҳсос кардаем, ки рафтору муносибати бачагони дорои нуқсонҳои гуногун ва имкониятҳои маҳдуд бо хусусиятҳо ва хислатҳои фардӣ дар раванди муошират ва муомила бо ҳамсолон на ҳамеша орому ботамкин ба чашм мерасад. Дар чунин мавридҳо ва вазъи воқеии рафтору муносибатҳо ба омӯзгор зарур меояд, ки дар самти иҷтимоишавии онҳо, рушди малакаҳои муошират бо атрофиён барои аз байн бурдани ҳама гуна рӯйдод ва ҳолатҳои ташаннуҷ, якдигарнофаҳмӣ муваффақ гардад.

Дар роҳи татбиқ ва корбасти рушди салоҳияти иҷтимоии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд низоми омода кардан ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти фарогир, омӯзгорон, ҳайати педагогҳо, мураббиёну парваришдиҳандагон мураттаб ва муназзам талаб карда мешавад. Ба ҳалли ногузири чунин зарурият мавҷудияти мушкилотҳо дар фаъолияти омӯзгорон дар муҳити инклюзивӣ ва бартараф карда шудани проблемаҳо ишорат мекунад.

Дар зер кӯшиш мекунем, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадам ва фаъолияти омӯзгорони соҳибтаҷриба мавҷудият, хусусият ва душвориҳои корро дар шароити муҳити инклюзивӣ муқаррар ва муайян намоем:

1. Эҳсоси нахусти омодагии комил надоштани омӯзгорон дар татбиқ ва корбасти таҳсилоти фарогир. Сабаби мавҷудияти чунин таассурот, эҳсоси яктарафаи омӯзгор, фаҳмиши осон ва бегумони раванди таҳсилоти фарогир дар муҳити таълими якҷояи бачагони солим ва носолим (дорои имкониятҳои маҳдуд ва нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ақлӣ ва амсоли он), дуруст сарфаҳм нарафтан ба моҳияти анъанавии таълим ва таҷрибаи таҳсилоти фарогир, надонистани

ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрие, ки низоми ин самти гуманистии таҳсилро танзим ва муқаррар мекунанд, маҳсуб меёбад.

2. Норасоӣ ва то ҳол мавҷуд набудани роҳу усулҳои ташхиси нуқсонҳои амиқу аниқи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва нуқсондор. Чунончи, категорияи бачагони дорои иллат ва нуқсонҳои гуногунро аз рӯйи норасоиҳои биноӣ, шунавоӣ, таъхирёбии рушди руҳӣ, коста шудани рушди зеҳнӣ, вазъи вазнини нутқ кардан, коҳиш ёфтани узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, бад шудани рафтор ва одоби муошират ба категорияҳои муайян ҷудо мекунанд. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгор лозим мояд, ки оид ба воситаҳо ва роҳҳои ташхиси нуқсонҳои бачагони имконияташон маҳдуд маълумот ва дониши кофӣ дошта бошад, то сатҳу дараҷаи рушд ва имкониятҳои мавҷудаи чунин табақаи бачагонро муқаррар карда тавонад.

Дарки мавзӯи мушкилот ва муаммоҳои фаъолият дар муҳити инклюзивӣ муҳаққиқи рус Ю.В. Скоробогатоваро ба хулосае овард, ки «қисми зиёди омӯзгорон ва кормандони педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти фарогир оид ба хусусиятҳои фардии бачагони дорои нуқсонҳо ва иллатҳои гуногуни ҷисмонӣ, руҳӣ, зеҳнӣ, биноӣ, шунавоӣ ва амсоли он маълумоти дуруст ва кофӣ надоранд (дар қаламрави Русия чунин омӯзгорон 64%-ро ташкил медиҳанд). Зиёда аз ин, бо сабабҳои маълуми касбӣ, надонистани хусусиятҳои иллатҳои бачагони дорои имконияташон маҳдуд на ҳамаи омӯзгорон қудрат ва ҷуръати фаъолияти педагогиро дар муҳити инклюзивӣ ба уҳда мегиранд» [10].

Воқеан, маҳдудияти донишу маълумоти кулли омӯзгорон ва кормандони педагогӣ дар интихоби роҳу равиш ва тарзу усули таълим, истифодаи нодурусти воситаҳои дидактикӣ ҳангоми кор бо бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсилоти фарогир ва муносибати омӯзгорон ба ин самти таълиму парвариш таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф намудан ва рафъи мушкилоту душвориҳо омӯзгоронро зарур аст, ки пайваста аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаранд, аз болои худ мустақилона кор баранд ва касбияти фаъолияти хешро дар ин самти ҳаётан муҳим вусъат бахшанд.

Таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва натиҷаҳои дилхоҳи ба дастомада шаҳодат медиҳад, ки яке аз рукнҳои муассири кор бо бачагони имконияташон маҳдуд таҳия ва роҳандозии нақшаи таълимии инфиродӣ мебошад. Он ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ бо назардошти кулли маълумотҳо оид ба ҳар як муҳассил дар бораи ӯ ва интихоби роҳу равиши махсусити таълимие, ки нисбат ба вай қабуд мегардад, итиллооти муфассал медиҳад. Яқинан сухан бобати таҳияи барномаи комили маҷмӯӣ барои корбасти дарсҳо ва машғулиятҳои инфиродӣ меравад.

«Нақшаи мазкур муайян мекунад, ки ҳар як мутахассис маҳз кадом хизматҳоро пешниҳод менамояд. Волидон дар таҳияи нақшаи таълими инфиродӣ фаъолона иштирок мекунанд, зеро онҳо кӯдаки худро аз дигарон беҳтар медонанд. Нақшаи таълими инфиродӣ мутобиқғардонию дигаргунсозиҳои зарури муайян намуда, барои нақшагирии минбаъдаи машғулиятҳои таълимӣ асос мегардад. Он барои ҳар як талабаи ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд таҳия ва татбиқ карда мешавад» [2, с. 49].

Хусусияти хос ва ҷиҳати манфиатбахши нақшаи таълими инфиродӣ аз он бармеояд, ки ба ҳайати гуруҳи корӣ омӯзгорони муассисаи таҳсилот, логопедҳо, нуқсоншиносон, равоншиносон ва мутахассисони дигари даъватшуда шомил мешаванд. Ҳар як аз мутахассисону ашхоси номбурда бо назардошти самти фаъолияти хеш, хислату табиати нуқсонҳо ва иллатҳои бачагони имконияташон маҳдуд дар таҳия ва роҳандози нақшаи таълими инфиродӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Чунонки, ки дида мешавад, дар таҳияи нақшаи таълими инфиродии бачагони дорои нуқсонҳо дониши васеъ, маҳорат, малака, салоҳияти комилу касбии омӯзгорону мутахассисони фавқ (дар боло зикршуда) муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Волидон низ дар ин росто дар канор наемонанд, чунки маълумотҳои онҳо оид ба маҳдудиятҳо ва имконоти фарзандонашон дақиқу саҳеҳ мебошад. Онҳо оид ба вазъи саломатӣ, рафти инкишоф ва рушди кӯдак, майлу рағбат ва завқу шавқ, хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ иттилооти муҳим пешниҳод намуда, дар раванди ҷалби онҳо ба таҳсилоти фарогир ба интихоби дурусти роҳу равиши таълиму тарбия сабаб мегарданд.

Таҳқиқоти мазкур маълумотҳои дигари мухолифатнокро низ бобати иштироки волидон дар раванди таҳияи нақшаи таълими инфиродӣ, муносибати онҳо ба таҳсили фарзандони

имконияташон маҳдуд пеш овард. Чунончи, на ҳамаи волидон дар самти таҳсили фарзандони нуқсондорашон ба як фикру ақидаи ҷолиб қарор доранд. Сабабҳои чунин рафтори онҳо гуногунанд: ё хоҳишу бовариашон комилу устувор нест, ё вақти бо фарзандон машғул шудан ва омода будан надоранд, ё ба иродаи фарзандони худ (агар хоҳиши таҳсил надошта бошанд) розӣ мешаванд, ё бетарафӣ зоҳир мекунанд, ё аз фаъолияти педагогии омӯзгорону мутахассисон қаноатмандӣ надоранд ва ҳоказо. Дар ин мавридҳо мо кӯшиш кардем, ки ба волидон аслияту моҳияти таҳсилоти фарогирро бо кулли пешравӣ, қаноатмандӣ ва мусбӣ арёбӣ шудани ташаббусҳо баён намоем.

Дар рафти суҳбат ва мулоқот бо волидон паҳлуҳои муҳимми ҷалби бачагони дорои имконияташо маҳдуд ба таҳсилоти фарогир мавриди фаҳмондан ва дарк кардан ба миён омад. Волидоне ба таҳсили фарогир шубҳа мекарданд, ки на ба худашон, на ба фарзандонашон ва на ба омӯзгорону мутахассисони соҳа боварӣ доштанд. Садоҳое шунида мешуд, ки «тақдири фарзандашон чунин будааст», «онҳоро ташвиш додан лозим нест», «моро ба ихтиёри худ гузоред» ва ҳатто «фарзанди мо одам намешавад» ва ҳоказоҳо.

Чунин ҳолатҳои вазнин моро водор кард, ки волидони бечуръат ва нобоварро ба мактабҳои махсус (аз ҷумла, мактаб-интернатҳо) даъват кунем, то ба чашми худ бубинанд, ки кӯдакону бачагони дорои норасоиҳою иллатҳо қудрати омӯзиш, парвариш ва рушду камолро доранд, фикрашонро баён карда метавонанд, аз ичрои супоришҳои омӯзгору мураббӣ мебароянд, ҳунар меомӯзанд, дастранҷи хешро ба намоиш пешниҳод менамоянд.

Зумраи дигари волидон изҳори таманно карданд, ки кош фарзандони онҳо аз рӯйи барномаи алоҳида бо ҳамсолони солими худ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим гиранд ва парвариш ёбанд, аммо бар хилофи ниятҳояшон фарзандони онҳо ба ин амри волидони хеш бо сабабҳои маълум розӣ намешаванд: онҳо байни ҳамсолони солим худро малӯл ва ноҳинҷор ҳис мекунанд.

Аз ин лиҳоз, дар раванди таҳқиқ суоле моро доимо ба ташвиш мегузошт: чӣ бояд кард? Ҷавобро аз мантиқи гузориши масъала, роҳу равиши корбасти нақшаи таълимӣ, эътимоду эътиқод барои расидан ба матлаби таҳсилоти фарогир дарёфтем: фароҳам овардани шароити мусоид, муҳити мувофиқ ва мутобиқи таҳсилоти фарогир. Чора ва тадбирҳое заруранд, ки андешаю афкори ҳам волидон ва ҳам бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд таҷдиди назар ва таҳаввул гардад, омодагии пурраи омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир пайваста вусъат ва рушд ёбад.

Бино бар андешаи муҳаққиқони ватанӣ Маҷидова Б., Юнусова Н. М., Қурбонова Г. А., «амалӣ намудани таҳсилоти фарогир ҳалли як қатор масъалаҳоеро талаб мекунад, ки муҳимтаринаш инҳоанд:

- ба роҳ мондани чунин раванди таълиму тарбия, ки талаботи ҳамаи кӯдаконро ба таҳсил қонеъ гардонад;

- ташаккул додани низоми расондани хизматҳои махсуси таълимӣ ва дигар хизматҳои махсус барои талабагони эҳтиёҷманд ва маъюб;

- фароҳам овардани муҳити созгор дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он» [2, с. 55].

Дар тақвияти андешаҳои муҳаққиқони зикршуда чунин масъалаҳое низ ба инобат гирифта шавад, ки дар роҳи татбиқ ва рушди таҳсилолти фарогир саҳм мегузоранд:

1. Интихоб ва таъмини методии машғулиятҳое, ки барои азхуд кардани маводди таълимӣ ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд баробари хонандагони ҳамсол ва солим мусоидат мекунад. Сухан оид ба низоми мураттаби корбасти дарс, интихоби матну машқҳои дастрас ва фаҳмо меравад.

2. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани дарс зарур аст, ки усули «муносибати тафриқа» бо мақсаду ҳадафҳои ягона (ҳам ба бачагони имкониятҳояшон маҳдуд ва ҳам ҳамсолони солим) роҳандозӣ гардад.

3. Машқҳое, ки дар китобҳои дарсии амалкунанда мавҷуданд, дар синфҳои иклюзивӣ на ҳамеша ҷавобгӯи имкониятҳои зеҳнӣ-маърифатии бачагони дорои нуқсонҳои гуногун шуда метавонанд (аксар душворӣ меоранд, начандон ба зеҳну ақли онҳо мувофиқ ва мутобиқ мебошанд). Аз ин лиҳоз, барои бачагони дорои норасоиҳо машқҳои иловагие омода бояд кард, ки бештар дар замина ва истифодаи айёният пешниҳод шуда бошанд.

4. Мушкилоти аз ҳама назаррас ва намоён ба назар гирифтани имкониятҳои психологии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд маҳсуб меёбад, ки ба шароити таҳсили инклюзивӣ ҷалб шудаанд. Чунин қисмати фаъолияти омӯзгори самти таҳсилоти фарогир дар иртиботи доимӣ бо омӯзгор-логопед, педагог-дефектолог (дар раванди тасҳеҳи ноқисиҳои нутқ ва дигар норасоиҳо) бояд сурат гирад. Омӯзгори асосӣ таклифу тадбирҳои пешниҳодкардаи мутахассисони номбурдаро ҳатман ба инобат бояд гирифта бошад.

5. Албатта муайян кардани хусусиятҳои фардии ҳар як бачаи дорои имконияташ маҳдуд, ба инобат гирифтани «нозу нуз»-и ҳар яке аз онҳо ба омӯзгори асосӣ мушкилоти гарон ба сар меорад. Омӯзгори ҳассос ва соҳибтаҷриба бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки хулқу атвор, рафтор ва муносибати чунин хонандагонро пешакӣ донистаю муайян карда, барои ташкили самараноки фаъолияти педагогӣ азму ният намояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло афзудан мехоҳем, ки мушкилоти коркард ва таҳияи нақшаи инфиродии таълимӣ барои бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва маҳдудиятҳои дигар иштироки доимӣ ва мунтазами тютор (омӯзгори ҳамкор)-ро ба назари эътибор мегирад. Мутаассифона, на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омодаанд, ки тютурҳоро ба таври доимӣ дар вазъи фаъолияти муштарак бо омӯзгорони таҳҷоӣ бо кор таъмин намоянд. Имкониятҳои молиявии на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли мусбии масъалаи мазкур мусоидат мекунад.

Зарур аст, ки омӯзгор бояд иҷозатномаи фаъолиятро дар муҳити инклюзивӣ дошта бошад. Таҷрибаи аксар давлатҳои мутараққии дунё дар ин бобат намунаи ибрат шуда метавноанд. Чунончи, дар Япония ба синфҳои инклюзивӣ омӯзгороне роҳ дода мешаванд, ки агар шаҳодатномаи мувофиқ (сертификат) дошта бошанд. Зиёда аз ин, барои фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти фарогир омӯзгорони беҳтарин ва босалоҳият тариқи озмун барои кор ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Воқеан, дар Тоҷикистон мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои таълиму тарбияи бачагони дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои гуногун то давраи аз байн рафтани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар донишгоҳҳои марказӣ тайёр карда мешуданд. Пас аз қабули консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи С. Айнӣ барои солҳои 2011-2015 ихтисосҳои нав – сурдопедагогика, логопедия, олигофренопедагогика ифтитоҳ ёфтанд, аммо қабули довталабон ба ин ихтисосҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ гардид [8].

Хушбахтона, соли 2013 бо дастгирии Шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти «Чамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон китоби махсус бо унвони «Асосҳои таҳсилоти фарогир» (муаллифон Маҷидова Б, Юнусова Н.М. ва Қурбонова Г.А.) рӯйи чоп омад [2]. Китоби мазкур ба унвони омӯзгорони оянда – таълимгирандагони мактабҳои олии омӯзгорӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ равона шуда, таҳқиқ ва коркарди назария ва амалияи таълиму тарбияи якҷояи кӯдакони солим ва кӯдакони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷмандро пешниҳод кардааст.

Китоб аз се фасли комил ва ёздаҳ зерфасл иборат буда, таҳсилоти фарогирро ҳамчун зуҳуроти риояи ҳуқуқҳои асосии инсон; рушди таҳсилоти фарогир дар ҷаҳон: мисолҳои ташаккули он дар мамлакатҳои гуногун; ҳусусиятҳои ҷараёни таълиму тарбия дар муҳити фарогир мавриди баррасӣ ва муҳокимаю тавсия қарор додааст. Дар қисмати Замимаҳо маводҳои ҷолиб оид ба «Тавсифи мухтасари нуқсонҳои асосии инкишоф ва бемориҳо»; «Намунаи нақшаи таълими инфиродӣ»; «Машғулиятҳои амалӣ аз рӯйи китоби Мария Шревер «Ба Тимми чӣ шудааст?»; «Мавод барои машғулиятҳои берун аз синф бо кӯдакон: маъюбоне, ки машҳури дунё гаштаанд» ҷой дода шуда, маълумотҳои ҷолибро бобати роҳандозӣ намудани омӯзгорони ҷавон ба таҳсили фарогир пешниҳод менамояд.

Мутаассифона, оид ба омода намудани кадрҳои босалоҳият ва такмили ихтисоси омӯзгорони амалкунанда дар муҳити таҳсилоти фарогир ҳануз ба мақсад нарасидаем. Ҳарчанд низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар айни таҷаддуд ва такмил қарор дорад, алъон омӯзгор чӣ гуна дар муҳити инклюзивӣ дарс бояд гӯяд, чӣ гуна касбаш ва таҷрибаи худро такмил бояд диҳад, чӣ гуна бо ҳамкасбон ва мутахассисони дигари соҳаи инклюзия ҳамкорӣ намояд – масъалаҳоеанд, ки дастандаркорони таҳсилоти фарогирро барои омодагии касбӣ ва салоҳиятнокӣ даъват мекунад.

Махсусан дастгирии методии омӯзгорони муҳити инклюзивӣ боиси нигаронист. Дар ин росто лозим медонем, ки мунтазам ва пайваста таҷрибаи пешқадам ва афкори педагогии донишмандони ватанӣ ва хориҷи кишвар омӯхта ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёбад. Шубҳае нест, ки фароҳам овардани муҳити созгор дар раванди таълими фарогир аз бисёр ҷиҳат ба маҳорат ва салоҳияти касбии омӯзгор иртибот дорад. Омӯзгор ба ҷуз роҳнамо будан, қабл аз ҳама, аз илми равоншиносӣ низ бохабар бояд бошад, ба вусъати рағбат ва майлу иштиёқи бачагони дорои нуқсонҳои гуногун мувоффақ гардад, ҳиссиёти эмотсионалии шогирдонро эҳсос ва ба танзим дарорад.

Ҳалли масъалаҳои омодагии кадрҳои педагогӣ барои мактабҳои фарогир ва муассисаҳои томактабӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таъсиси ихтисосҳои нав – «Технологияҳои муосири таҳсилоти фарогир» (дар сатҳи магистратура), таҷдид ва бознигарии барномаҳои мавҷудаи мактабҳои олии самти педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ бо назардошти вижагиҳои таълиму тарбияи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он), омӯзиши ҳатмии курси «Асосҳои таҳсилоти фарогир» аз масъалаҳои ногузир маҳсуб меёбанд.

Дар фарҷоми муҳокимаи масъала дар фасли мазкур оид ба ҳамкории омӯзгорон ва волидон дар муҳити таҳсилоти фарогир ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Омӯзгор муваззаф аст, ки масъулиятро барои амалӣ кардани ҳадаф ва вазифаҳо мувофиқи барномаи таълим ба дӯш гирифта, ба тайёрии зеҳнӣ ва маърифатии бачагони дорои имконияташон маҳдуд замина гузорад.

2. Омӯзгор симои асосии раванди таълим, раҳкушо ва роҳнамои субъектҳои таълим маҳсуб ёфта, барои фаъолияти муҳассилин дар азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малака, аз байн бурдани монеаҳо ва рушди мустақилияти онҳо саҳми муассир мегузорад.

3. Омӯзгор бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ, логопедия, дефектология, сурдопедагогика, олигофренопедагогика ва амсоли он ҳамкории зич намуда, барои амалӣ кардани тадбирҳо бобати таҳсили бомуваффақияти бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бонуқсон чораҳо меандешад.

4. Волидон низ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбанд. Онҳо ёвар ва мададгори омӯзгор буда, дар хусуси вазъи саломатӣ, рафти инкишоф, майлу рағбат ва хислату афкори фарзандони хеш маълумоти кофӣ ва зарур медиҳанд.

5. Волидонро зарур аст, ки дар иртибот бо омӯзгорон ва мутахассисони соҳаҳои дигари таҳсилоти фарогир (психологҳо, кормандони соҳаи тиб) озод ва ростгӯ бошанд. Маҳз волидон майлу рағбат, ҷанбаҳои қавию заиф ва мушкилоти гуногуни бачагони худро хуб медонанд. Маслиҳату таҷрибаи онҳо ба омӯзгорону мутахассисони дигар дар корбасти таълими фарзандони дорои нуқсону норасоиҳо саҳми бузург мегузорад.

Барои ноил шудан ба пешравиҳо ва қонеъ гардонидани талаботҳои махсуси бачагони ба таҳсил эҳтиёҷдошта омӯзгорону волидон ва кулли дастандаркоронро зарур аст, ки роҳу равиши таълими босифат, муҳити созгори инклюзивиро интихоб ва роҳандозӣ намуда, маводҳои таълимро мувофиқи донишу имкониятҳои воқеии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба нақша гиранд ва амалӣ намоянд. Ин тадбирҳо тавассути роҳу усули босамар ва пешқадами таълим, тариқи истифода аз методҳои мухталифи мутобиқгардонӣ, тағйири афкори муҳассилин, бедор кардани рағбат ва эътимоди онҳо ба донишандӯзӣ ва салоҳиятмандӣ татбиқи амалӣ пайдо мекунанд.

ПАЙНАВИШТ

1. Абрамова И.В. Образование детей с ограниченными возможностями здоровья: проблемы, поиски, решения // Педагогическое образование и наука. – 2012, №11. – С.98-102.

2. Асосҳои таҳсилоти фарогир (муаллифон: Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А.). - Душанбе, 2013. – 244 с.

3. Ахметова Д.З. Инклюзивное образование – путь к инклюзивному обществу // Педагогическое образование и наука. – 2014, №1. – С.65-70.

4. Байзоев А. Чанд мулоҳизот оид ба истилоҳоти таҳсилоти фарогир // Масъалаҳои мубрами ислоҳоти маориф. – Душанбе: «Сифат», 2021. – 196 с.

5. Кантор В.З. Инклюзивное образование как новая парадигма государственной политики // Вестник Герценевского университета. - №9 (83).- 2010. – С.41-47

6. Каримова И.Х. Инклюзивное образование: проблемы, перспективы // Международная конференция «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения»: Материалы. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 3-7.

7. Каримова И.Х. Стратегия развития инклюзивного образования // Материалы Международной конференции «Инклюзивное образование в Республике Таджикистан: состояние, проблемы, перспективы». – Душанбе: Сифат, 2019. – С. 3-12.

8. Маджидова Б. Проблемы подготовки кадров инклюзивного образования в республике // Международная конференция «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения»: Материалы. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С.127-129.

9. Педагогика, психология и технология инклюзивного образования: Материалы Второй международной научно-практической конференции (Казань, 20-21 марта 2014 года). – Казань: Изд-во «Познание», ИЭ УП. – 2014.

10. Скоробогатова, Ю.В. Курсы повышения квалификации как условие сопровождения деятельности педагога начальной школы // Развитие личности педагога и обучающегося в образовательном пространстве начальной школы и вуза / под ред. Л. И. Буровой. Череповец, 2016. – 246 с.

ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ХОНАВОДА ДАР ТАТБИҚИ БОСАМАРИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ВА ИҶТИМОИШАВИИ БАЧАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Дар мақолаи мазкур ҳамкории мактаб ва хонавода дар татбиқи босамари таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Зикр мегардад, ки дар мамлакат консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар робита ба самтҳои асосӣ ва дурнамои он ҳамчун низоми махсуси таълим бо кӯдакони имконияташон маҳдуд муқаррар ва муайян карда шудааст.

Консепсия ғояи муҳимро дар бахши фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсил дар қатори ҳамсолони худ дар зинаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба рӯзнома гузошта мешавад. Дар роҳи татбиқи ин иқдомот ва ташаббуси фарох зарурати созмон додани муассисаҳои махсуси таҳсилу таълим ба миён меояд, то кӯдакони норасоиҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ ва шунавоию дидандошта ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Ғояи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ, ҳисси шафқат ва эҳтиром ба ҳама гуна ашхоси норасоҳои гуногундошта ташкил медиҳад.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки таваҷҷӯҳи махсусро тақозо мекунад, проблемаи ташкили босифати раванди таълим дар ҷараёни таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, сухан оид ба таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ меравад, ки ҷавобгӯйи ниёз ва хостаҳои кӯдакони имконияти маҳдуддошта шуда бошанд. Дар ин росто вазифа аз он иборат аст, ки ба ҳар як кӯдаки ба таҳсил фарогирифташуда муносибати инфиродӣ ва тафриқавӣ ҳам дар муносибат, хам дар самти рушди малакаҳои ҳаётан зарур дар зиндагии онҳо бояд ба амал оварда шавад.

Калидвожаҳо: *таҳсил, таҳсилоти фарогир, таълим, парвариш, кӯдак, бачагон, имконият, маҳдуд, норасоӣ, маъюб, маслух, идрок, зеҳн, мактаб, маориф, падару модар, омӯзгор, мутахассис.*

СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ ШКОЛОЙ И СЕМЬЕЙ В ЭФФЕКТИВНОЙ РЕАЛИЗАЦИИ ИНКЛЮЗИВНОГО И СОЦИАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННОГО ОБРАЗОВАНИЯ ДЛЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В настоящей статье рассмотрены проблемы сотрудничества школы и семьи в успешной реализации инклюзивного образования социализации детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан. Отмечается, что в стране принята Национальная концепция инклюзивного образования, в которой определены и представлены основные направления инклюзивного образования как особая система работы с детьми с ограниченными возможностями.

Концепция ратует за то, чтобы дети с особыми потребностями могли свободно обучаться вместе со своими сверстниками в общеобразовательных учреждениях. Для реализации этой масштабной инициативы ставится вопрос о создании специальных образовательных учреждений для детей с различными видами инвалидности, физическими и умственными отклонениями. Общей идеологией инклюзивного образования является толерантность и уважение к любым различиям.

Одна из важнейших сторон вопроса - разработка методических инструкций и рекомендаций для реализации инклюзивного образования с учетом психологических аспектов и трудностей. Дело в том, что дети с ограниченными возможностями обычно испытывают определенный дискомфорт необходимой адаптации в новой образовательной среде, в общении со сверстниками, в усвоении учебного материала.

Ключевые слова: *образование, инклюзия, инклюзивное образование, дети, ребенок, ограниченные возможности, инвалидность, отсталость, умственное отклонение, развитие, педагог, родители, школа, обучение.*

SCHOOL-FAMILY COOPERATION IN THE EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF INCLUSIVE EDUCATION AND THE SOCIALIZATION OF CHILDREN WITH DISABILITIES

This article examines the collaboration between schools and families in the effective implementation of inclusive education and the socialization of children with disabilities. It notes that the country has established a national concept for inclusive education—defining its key directions and future outlook—as a specialized educational system for children with disabilities.

The concept advances the important idea of integrating children with disabilities into the educational process alongside their peers across various levels of general secondary education. Implementing these measures and this broad initiative necessitates the establishment of specialized educational institutions to ensure access to education for children with various intellectual, physical, hearing, and visual impairments. The overarching philosophy of inclusive education is grounded in tolerance, compassion, and respect for individuals with various disabilities.

A critical issue requiring special attention is the challenge of ensuring the quality of the educational process within the framework of inclusive education. In particular, the focus is on developing educational plans and programs that meet the needs and aspirations of children with disabilities. In this regard, the objective is to ensure an individualized and differentiated approach for every child enrolled in education—both in terms of personal interaction and the development of essential life skills.

Keywords: *education, inclusive education, teaching, upbringing, child, children, opportunity, limited, impairment, disability, disabled, perception, intellect, school, education system, parents, teacher, specialist.*

Маълумотдар бораи муаллиф: ***Азизов Муллобобо Ҷомеъиддинович*** *- унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ, 106. Телефон: (992) 92 220 55 53. Суроғаи электронӣ: mullobobo_azizov@ mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Азизов Муллобобо Джомеиддинович*** *- соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Пенджикент, улица Рудаки, 106. Телефон: (992) 92 220 55 53. Электронная почта: mullobobo_azizov@mail.ru.*

Information about the author: ***Azizov Mullobobo Jomeiddinovich*** *- applicant at the Abdurahmoni Jomi Institute for Educational Development, Academy of Education of Tajikistan. Address: 106 Rudaki Street, Panjakent, Republic of Tajikistan. Telephone: (992) 92 220 55 53. E-mail: mullobobo_azizov@mail.ru.*

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METODIKA

МЕТОДИКА ПРОВЕДЕНИЯ РЕЧЕВЫХ УПРАЖНЕНИЙ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК НЕРОДНОГО В НАЦИОНАЛЬНОЙ АУДИТОРИИ МЕЖФАКА

Алиханова Г. Х.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Современные образовательные реалии, обусловленные многоязычием и многонациональностью студенческой аудитории, требуют научно обоснованного подхода к преподаванию русского языка как неродного (РКН). Особенно актуальной становится методика формирования речевых умений и навыков у студентов, для которых русский язык не является родным, но играет роль средства профессионального, академического и межкультурного общения [7, с. 176; 4, с. 144]. В условиях межфакультетской формы обучения, где студенты разных специальностей обучаются в смешанных группах, задача преподавателя усложняется: он должен учитывать не только уровень владения языком, но и специфику профессиональной подготовки, речевые потребности и культурный контекст обучающихся [2, с. 368; 5, с. 368]. Это требует подбора таких речевых упражнений, которые одновременно способствуют развитию лексико-грамматических навыков и стимулируют речевую активность студентов. Речевые упражнения занимают центральное место в системе обучения русскому языку как неродному (РКН). Они представляют собой целенаправленную деятельность, направленную на формирование и развитие коммуникативных умений и навыков, что подтверждается в трудах таких исследователей, как Л. В. Щерба, отмечавшего, что «без активной речевой практики невозможно достичь высокого уровня владения языком» [12, с. 145]. В педагогической теории выделяют несколько видов речевых упражнений, в зависимости от языковой стороны, на которую они направлены: грамматические, лексические, фонетические, а также коммуникативные упражнения, ориентированные на развитие умения вести диалог, монолог и аудирование [7, с. 176]. Например, по мнению Е. А. Ивановой, «эффективное речевое упражнение должно интегрировать все языковые уровни, обеспечивая синтез знаний и умений» [4, с. 79].

Методика проведения речевых упражнений строится на принципах системности, постепенности и активности обучающихся. В частности, системность предполагает комплексное воздействие на все речевые умения: говорение, слушание, чтение и письмо. Ведущие отечественные методисты подчёркивают, что речевые упражнения должны строиться на принципах коммуникативности, функциональности и межкультурной направленности. Они не только формируют языковые навыки, но и развивают у студентов способность понимать культурные смыслы, отражённые в языке, тем самым содействуя развитию диалога культур [5, с. 224]. В многонациональной образовательной среде речевые упражнения становятся не просто средством обучения, а механизмом интеграции, формирования уважения к культурному разнообразию и толерантного общения.

Таким образом, актуальность темы определяется необходимостью поиска эффективных методических приёмов, обеспечивающих успешное усвоение русского языка как средства коммуникации и культуры. Целью исследования является анализ методики проведения речевых упражнений на уроках русского языка как неродного в национальной аудитории, выявление их педагогического потенциала и определение условий, при которых речевая деятельность студентов становится осознанной, мотивированной и продуктивной. воздействие на все речевые умения: говорение, слушание, чтение и письмо. Постепенность реализуется через переход от простых форм к сложным, от контролируемых к свободным упражнениям. Активность же заключается в максимальном вовлечении студента в речевую деятельность, что способствует формированию внутренней мотивации [11, с. 132]. Примером эффективного речевого упражнения является инсценировка диалогов по темам профессиональной деятельности студентов. Так, на занятиях с будущими инженерами можно использовать диалоги, связанные с

техническими характеристиками оборудования, что способствует развитию специализированной лексики и коммуникативных умений [1, с. 256].

Кроме того, важным аспектом является адаптация упражнений к особенностям национальной аудитории. Согласно исследованиям Н. В. Левиной, учащиеся из национальных групп испытывают трудности с произношением и интонацией, что требует включения в уроки фонетических упражнений с использованием аудиоматериалов и имитации носителей языка [7, с. 103]. Таким образом, теоретические положения отечественных исследователей подтверждают необходимость комплексного и адаптированного подхода к организации речевых упражнений на уроках РКН.

Переход от теоретических основ к практике преподавания русского языка как неродного требует адаптации методик к конкретным условиям: уровню языковой подготовки, национальному составу, цели обучения и профилю студентов. Как отмечает С.Г. Тер-Минасова «в межкультурной коммуникации нельзя ограничиться лишь лингвистической стороной — нужно учитывать культурные, ментальные и прагматические аспекты речевого поведения» [10, с. 214]. Это особенно важно при работе в национальных межфакультетских группах, где уровень владения языком и учебная мотивация существенно различаются.

1. Типология речевых упражнений с практической направленностью

Согласно классификации, предложенной Н. А. Быстрицким , речевые упражнения делятся на:

– репродуктивные (повторение по образцу);

– реконструктивные (переформулирование, преобразование);

– продуктивные (самостоятельное продуцирование высказываний);

– творческие (инсценировки, дискуссии, устные проекты).

На начальном этапе обучения рекомендуется использовать репродуктивные упражнения, ориентированные на отработку структур: например, моделирование предложений по шаблону: «Это — книга. Это — ручка. Это — стол» — с визуальной опорой [4, с. 91].

На среднем уровне — реконструктивные и продуктивные упражнения: восстановление текста по опорным словам, пересказ по плану, составление диалогов с заменой персонажей, тем, ситуации общения. Пример: диалог в магазине — с постепенным усложнением:

1. Устная репетиция по образцу;

2. Замена лексических единиц;

3. Введение новых коммуникативных задач (покупка с вопросами и уточнениями).

На продвинутом уровне — творческие речевые задания. Например, студенты получают задание разработать мини-проект на тему своей специальности (например, «Мой будущий кабинет стоматолога», «Роль информационных технологий в медицине») и представить его устно. Такие задания активизируют личностный ресурс, развивают речевую инициативу, позволяют закрепить специализированную лексику [7, с. 118].

2. Учет особенностей национальной аудитории

Опыт работы с таджикской аудиторией показывает, что у студентов часто наблюдаются трудности с грамматическими структурами (вид глагола, категория падежа, порядок слов). Это требует от преподавателя:

– поэтапного включения грамматических элементов в речевые модели;

– визуализации материала (таблицы, схемы, карточки);

– многоступенчатой автоматизации: от подстановочных упражнений к свободной речи.

Пример:

– Сначала: Он читает книгу. Она пишет письмо.

– Затем: Что он делает? Что она делает?

– Далее: Составьте рассказ «Мой день» с использованием глаголов в настоящем времени.

3. Методы активизации речевой деятельности

– Игровые технологии: ролевые игры («На почте», «У врача»), квесты с элементами соревнования;

– Мультимедийные материалы: видеоуроки, подкасты с последующим обсуждением [11, с. 132];

– Интерактивные формы: работа в парах и группах, обмен вопросами, мини-дискуссии. Это повышает включенность студентов и снижает речевой барьер.

4. Оценка эффективности речевых упражнений

Оценивание должно учитывать не только правильность речи, но и:

– стремление к самостоятельному говорению;

– активность в парной/групповой работе;

– улучшение интонационной выразительности и речевого темпа.

Как отмечает К.Е. Блохина, «результативность обучения РКН во многом определяется способностью преподавателя создать речевую ситуацию, где студенту действительно есть, что сказать» [5, с. 64].

Преподавание русского языка как неродного в межфакультетской национальной аудитории требует не только знаний языка и методики, но и глубокого понимания психолингвистических и культурологических особенностей студентов. Как подчёркивает В.Г. Костомаров , «все методические приёмы преподавания русского языка как иностранного должны быть адаптированы к социокультурной специфике обучаемого» [5, с. 49]. Это особенно актуально в условиях Таджикистана, где обучение часто происходит вне естественной языковой среды.

1. Индивидуализация речевых упражнений

Индивидуальный подход предполагает:

– учёт исходного уровня владения языком (A1–B2);

– адаптацию содержания под будущую специальность (медицина, техника, педагогика);

– использование личностно значимых тем («Моя семья», «Моя профессия», «Жизнь в университете»).

2. Модель урока с акцентом на речевую практику

Типовой урок по РКН с включением речевых упражнений может содержать:

1. Фонетическую разминку (повторение за преподавателем, тренировка ударения, интонации);

2. Лексико-грамматическую подготовку (введение слов и структур);

3. Речевые упражнения:

– репродуктивные (повтор по образцу: Это моя книга. Это мой стол.);

– продуктивные (описание своей аудитории);

– творческие (диалог с одногруппником о планах на день).

По мнению Н. Д. Гальсковой, «эффективное речевое обучение возможно только в ситуации, приближённой к реальному общению» [3, с. 87]. Поэтому даже простейшие упражнения должны моделировать живую речевую ситуацию.

3. Примеры речевых упражнений

- Упражнение «Сравни и опиши»: студентам даются изображения двух квартир — они должны устно сравнить их. Цель: активизация прилагательных, сравнительной степени, развитие описательной речи.

- Упражнение «Спроси соседа»: составить 3 вопроса по теме «Учебный день» и задать их однокурснику. Цель: развитие навыков диалога, формулировка вопросов.

- Упражнение «Микродиалог»: задание — «Попросите преподавателя перенести занятие». Цель: отработка речевых клише вежливой просьбы, формального и неформального общения.

4. Работа с речевыми ошибками

Ошибки учащихся — естественная часть речевого развития. Как отмечает Е. И. Пассов, «важно не избегать ошибок, а грамотно использовать их как материал для анализа и коррекции» [8, с. 52]. Для этого рекомендуется:

– использовать мягкую коррекцию: повтор вопроса, переформулировка;

– разбор типичных ошибок в конце занятия;

– включение «работы над ошибками» в домашние задания.

5. Поддержка языковой среды вне урока

Из-за ограниченного контакта с русскоязычной средой студентам необходимо создавать условия для языковой практики вне аудиторий:

– организация языковых клубов, кружков, дебатов;

– проведение тематических мероприятий (неделя русского языка, экскурсии с рассказом);

– использование цифровых платформ (Telegram-каналы, YouTube с субтитрами, словари в приложениях).

Как подчёркивает О. А. Лаптева, «цифровая среда становится полноценной площадкой для речевого развития студентов, особенно в условиях дефицита живого общения» [6, с. 100].

В условиях глобализации и роста роли русского языка как средства международной и межкультурной коммуникации особенно актуальным становится совершенствование методик преподавания РКН в национальных аудиториях. Речевая подготовка студентов — ключевой компонент формирования их языковой и коммуникативной компетенции. Как показал анализ, эффективность преподавания напрямую зависит от правильной организации речевых упражнений, которые должны быть целенаправленными, системными и адаптированными к языковому и культурному опыту обучающихся .

Речевые упражнения, грамотно встроенные в структуру урока, способствуют развитию всех сторон речи — фонетики, лексики, грамматики, интонации — и, главное, активизируют мотивацию к использованию языка в реальных ситуациях общения. Их эффективность повышается при соблюдении следующих условий:

– учет уровня владения РКН и специфики национальной аудитории;

– соблюдение этапности речевого развития: от контролируемых к свободным высказываниям;

– включение межкультурного и профессионального контекста в содержание упражнений;

– активное использование интерактивных, игровых и цифровых форм работы.

Следует подчеркнуть, что речевые упражнения не должны быть формальными или оторванными от интересов студентов. Как писал С. Л. Рубинштейн, «истинное обучение начинается с внутренней заинтересованности и стремления действовать» [9, с. 289]. Это особенно важно в условиях межфакультетского взаимодействия, где учащиеся представляют различные специальности и ожидают практической направленности курса.

Перспективы исследования включают:

– разработку типовых речевых упражнений для конкретных профилей (медицина, ИТ, педагогика);

– создание мультимедийных ресурсов для самостоятельной речевой практики вне урока;

– изучение психологических барьеров в речевом взаимодействии студентов-нерусскоязычников.

Следует отметить, что системный и адаптированный подход к речевым упражнениям делает обучение русскому языку как неродному более продуктивным, осознанным и коммуникативно значимым. Методика проведения речевых упражнений на уроках русского языка как неродного в национальной аудитории играет ключевую роль в формировании коммуникативной компетенции обучающихся. В условиях межфакультетской аудитории, где студенты различаются по уровню владения языком, культурным и речевым опытом, особое значение приобретает продуманная система упражнений, направленных не только на усвоение языковых норм, но и на развитие речевого мышления и способности адекватно выражать свои мысли в различных ситуациях общения. Проведение речевых упражнений способствует активизации познавательной деятельности студентов, формированию интереса к русскому языку, а также развитию самостоятельности в учебной и речевой практике. Важно, чтобы упражнения носили коммуникативно-деятельностный характер, побуждали студентов к высказыванию, использованию языка как средства общения, а не только как объекта изучения [8, с. 278]. В этом смысле речевые упражнения выступают связующим звеном между теоретическим освоением грамматики и практическим применением языковых средств в реальных речевых ситуациях.

Методически оправданным является поэтапное построение системы упражнений — от имитационных и подстановочных к творческим и ситуативно-ролевым. Такой подход позволяет учитывать как лингвистические, так и психолого-педагогические особенности учащихся, обеспечивая постепенное формирование речевых умений. Важно также интегрировать речевые упражнения в разные виды деятельности: аудирование, чтение, письмо и говорение, что

обеспечивает комплексное развитие всех сторон речевой компетенции [3, с. 192]. Особое внимание следует уделять межкультурному аспекту обучения, так как национальная аудитория межфака включает студентов, принадлежащих к различным культурным и языковым сообществам. Речевые упражнения в этом контексте выполняют также воспитательную функцию — формируют толерантность, уважение к культурным различиям, развивают умение вести диалог культур [5, с. 224].

Таким образом, эффективная методика проведения речевых упражнений предполагает сочетание научно обоснованной системы упражнений, вариативных методических приёмов и учёта индивидуальных особенностей обучающихся. Только при соблюдении этих условий можно добиться того, чтобы урок русского языка как неродного стал не просто средством изучения грамматических норм, а площадкой для формирования коммуникативной личности, способной свободно и корректно использовать русский язык в учебной, профессиональной и межкультурной среде.

ЛИТЕРАТУРА

1. Быстрицкий, Н.А. Методика преподавания русского языка как неродного. - М.: Русский язык, 2004. - 256 с.

2. Верещагин, Е.М., Костомаров, В.Г. Язык и культура: Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного. - М.: Русский язык, 2001. - 368 с.

3. Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: учебное пособие. - М.: Аркти, 2017. - 192 с.

4. Иванова, Е.А. Методические основы формирования речевой компетенции у студентов-нерусскоязычников. - СПб.: Изд-во СПбГУ, 2018. - 144 с.

5. Костомаров, В.Г. Культура речи и культура общения. - М.: Флинта, 2004. - 224 с.

6. Лаптева, О.А. Интерактивные технологии в преподавании русского языка как неродного. - Казань: Изд-во КФУ, 2019. - 128 с.

7. Левина, Н.В. Коммуникативные технологии в обучении русскому языку как иностранному. - М.: Просвещение, 2015. - 176 с.

8. Пассов, Е.И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. - Воронеж: ВГУ, 2005. - 278 с.

9. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии. - СПб.: Питер, 2003. - 720 с.

10. Тер-Минасова, С.Г. Язык и межкультурная коммуникация. - М.: Слово, 2000. - 256 с.

11. Шах-Назарова, А.М. Особенности обучения русскому языку как неродному в многонациональной аудитории. - Душанбе: Маориф, 2020. - 132 с.

12. Щерба, Л.В. Языковая система и речевая деятельность. - Л.: Наука, 1988. - 304 с.

МЕТОДИКА ПРОВЕДЕНИЯ РЕЧЕВЫХ УПРАЖНЕНИЙ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК НЕРОДНОГО В НАЦИОНАЛЬНОЙ АУДИТОРИИ МЕЖФАКА

В статье рассматриваются методические приёмы проведения речевых упражнений на уроках русского языка как неродного в условиях национальной аудитории. Анализируются особенности восприятия русской речи, предлагаются эффективные упражнения для развития устной речи студентов.

Ключевые слова: *русский как неродной язык, речевые упражнения, национальная аудитория, методика, устная речь.*

МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҚҲОИ НУТҚӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ ҲАМЧУН ҒАЙРИЗОДГОҲӢ ДАР АУДИТОРИЯИ МИЛЛӢ (БАЙНИФАКУЛТА)

Дар мақола усули методии гузаронидани машқҳои нутқ дар дарсҳои забони русӣ ҳамчун ғайризодгоҳӣ дар гурӯҳҳои миллии донишҷӯён баррасӣ мешаванд. Хусусиятҳои дарки нутқи русӣ таҳлил шуда, машқҳои самараноки рушди нутқи шифоҳӣ пешниҳод мегарданд.

Калимаҳои калидӣ: *забони русӣ ҳамчун ғайризодгоҳӣ, машқҳои нутқӣ, аудиторияи миллӣ, методика, нутқи шифоҳӣ.*

METHODOLOGY OF CONDUCTING SPEECH EXERCISES IN RUSSIAN AS A NON-NATIVE LANGUAGE LESSONS IN A NATIONAL (INTERFACULTY) AUDIENCE

The article explores methodological techniques for conducting speech exercises in Russian as a non-native language classes within national student groups. It analyzes speech perception challenges and suggests effective oral practice methods.

Keywords: *Russian as a non-native language, speech exercises, national audience, methodology, oral speech*

Сведения об авторе*: Алиханова Гузаль Хикматалиевна *— старший преподаватель кафедры методики и практики преподавания русского языка и литературы, Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Алиханова Гузал Ҳикматалиевна *— омӯзгори калони кафедраи методика ва амалияи таълими забон ва адабиёти рус, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.*

Information about the author*: Guzal Khikmataliyevna Alikhanova *— Senior Lecturer at the Department of Methods and Practice of Teaching Russian Language and Literature, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.*

ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР МЕТОДИКАИ ДАРСҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Назруллоев А. Х.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар шароити муосир, ки дар он дониш, технология ва навоварӣ ба унсурҳои калидии рушди устувори ҷомеа табдил ёфтаанд, зарурати таҷдиди назар ба усули анъанавии таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла дар самти тарбияи ҷисмонӣ, беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботи замон, омили муҳимми баланд бардоштани сифати таълим, ташаккули малакаҳои касбӣ ва тарбияи мутахассисони рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми таҳсилот ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ва солимии донишҷӯён мусоидат мекунад ва дар ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстии онҳо нақши муассир мебозад. Бо назардошти ин, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои рақамӣ, платформаҳои таълими интерактивӣ ва таҷҳизоти муосири варзишӣ ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ, имкон медиҳад, ки муҳити таълимӣ бештар ҷолиб, фарогир ва самаранок гардад. Ин раванд, аз як тараф, имкониятҳои омӯзгоронро дар таҳияи барномаҳои таълимии мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат васеъ менамояд, аз тарафи дигар, донишҷӯёнро ба омӯзиши фаъол, худомӯзӣ ва таҳлили интиқодӣ ҳидоят мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба як самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Таҳлили амиқи вазъи соҳа дар даврони истиқлолият, оғози марҳалаи нави рушди стратегӣ дар ин самт гардид. Дар натиҷа, таҳияи «Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2011–2015» ва қабули як қатор барномаҳои минбаъда, аз ҷумла «Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2017–2021», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2022–2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2023–2027» заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушди соҳа фароҳам оварданд.

Татбиқи ин барномаҳо боиси афзоиши бесобиқаи шумораи иншооти варзишӣ, таҳкими сохтори таркибии соҳа ва болоравии сатҳи иштироки ҷавонон дар фаъолияти ҷисмонӣ гардид. Тавре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ зикр гардид, дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 10 ҳазор иншооти варзишӣ бунёд шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба тамоми давраи 70 соли гузашта даҳҳо маротиба зиёд мебошад. Ин дастовардҳо нишондиҳандаи сиёсати хирадмандонаи давлат дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ мебошанд. Он имкониятҳои фаровонро барои ворид намудани усулҳои инноватсионӣ ба методикаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фароҳам месозанд [16].

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, таҳлили таҷрибаи мавҷуда, муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушд ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои такмили равандҳои таълимӣ аз ҷиҳати илмӣ ва аз дидгоҳи амалӣ низ дорои аҳамияти хос мебошад. Маҳз, тавассути ҳамгироии илм,

технология ва таҷрибаи педагогӣ метавон ба ҳадафи асосӣ, яъне тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, солим, фаъол ва ватандӯст ноил гардид.

Ҳадафи пажӯҳиш таҳлили амиқи имкониятҳо ва самаранокии истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Таҳқиқот ба он равона шудааст, ки заминаҳои назариявӣ ва амалии воридсозии технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои рақамӣ ва усули инноватсионии таълимро муайян намуда, роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим, фаъолсозии донишҷӯён ва мутобиқсозии равандҳои таълимӣ ба талаботи замони муосирро пешниҳод намояд.

Вазифаҳои пажӯҳиш фарогири ин нуқтаҳо мебошанд:

1. Таҳлили назариявии мафҳумҳои «инноватсия», «технологияи таълим» ва «методикаи тарбияи ҷисмонӣ» бо мақсади муайян намудани асосҳои методологӣ ва мафҳумии мавзуъ.

2. Тасниф ва арзёбии намудҳои технологияҳои инноватсионӣ, ки дар таълими тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд.

3. Таҳияи тавсияҳои амалӣ ва моделҳои методикӣ барои воридсозии самараноки технологияҳои муосир ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

4. Арзёбии таъсири истифодаи инноватсияҳо ба сатҳи омодагии касбии донишҷӯён, рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ташаккули малакаҳои худомӯзӣ ва ҳамкорӣ дар муҳити таълимии рақамӣ.

Мазмун, шаклҳо, усул ва воситаҳои инноватсионӣ ва технологияи муосири таълим, ки дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд ва ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва омодагии касбии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Масъалаи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар солҳои охир таваҷҷуҳи васеи муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи педагогикаи варзишро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мавзуъ дар доираи равияҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ онро равшан месозанд.

Аз ҷумла, Фирсин С. А. (2013) дар таҳқиқоти худ ба таҳлили шаклҳо ва усули инноватсионии тарбияи ҷисмонӣ пардохта, зарурати мутобиқсозии равандҳои таълимӣ ба талаботи замони муосирро таъкид мекунад. Муаллиф истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва усули фаъолгардонии донишҷӯёнро ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ арзёбӣ менамояд [20].

Дар самти робитаи тарбияи ҷисмонӣ бо саломатии донишҷӯён Романченко С. А. (2006) масъалаи ислоҳи ҳолати саломатии донишҷӯёнро тавассути машғулиятҳои мунтазами ҷисмонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба зарурати таҳияи барномаҳои инфиродӣ ва мутобиқ ба имкониятҳои физиологии донишҷӯён ишора мекунад. Ин равиш дар таҳқиқоти Московченко О. Н. (2008) низ идома ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба оптимизатсияи сарбориҳои ҷисмонӣ дар асоси ташхиси ҳолати мутобиқшавии организм равона шудааст [17].

Дар солҳои охир, таваҷҷуҳ ба навгониҳо дар таълими тарбияи ҷисмонӣ боз ҳам афзоиш ёфтааст. Боков А.В. (2023) дар мақолаи худ ба таҳлили равишҳои инноватсионӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ пардохта, зарурати воридсозии технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои таълими интерактивиро таъкид мекунад [3, с. 110]. Ҳамин гуна, Коркишко О.В. (2019) масъалаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонии донишҷӯёнро баррасӣ намуда, самтҳои амалии истифодаи онҳо ва таъсири мусбати онҳо ба сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва рӯҳии донишҷӯёнро нишон медиҳанд [9, с. 27-30].

Ковалев С.А. (2021) низ ба таҳқиқи шаклҳо, воситаҳо ва технологияҳои инноватсионӣ дар таълими тарбияи ҷисмонӣ машғул шуда, моделҳои методикии татбиқи онҳоро дар муҳити таълимии муассисаҳои олӣ пешниҳод менамоянд. Онҳо ба зарурати мутобиқсозии муҳтавои таълим ба талаботи бозори меҳнат ва рушди қобилиятҳои худомӯзии донишҷӯён таъкид мекунанд [10, с. 19-22].

Ҷанбаҳои психологии ташаккули ангеза ба машғулиятҳои ҷисмонӣ дар таҳқиқоти Лоскутов В. А. (2020) мавриди баррасӣ қарор гирифта, технологияҳои ташаккули ангезаи дохилӣ ва устувори донишҷӯён ба тарбияи ҷисмонӣ таҳлил шудаанд [12, с. 266-268]. Дар ҳамин замина, Нигреева И. Г. ва Федосюк И. В. (2021) як шакли нави машғулият, яъне «скандинавская

ходьба»-ро ҳамчун воситаи инноватсионӣ барои баланд бардоштани иштироки донишҷӯён дар машғулиятҳои ҷисмонӣ пешниҳод мекунанд [14, с. 71-74].

Омӯзиши адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ нишон медиҳад, ки мавзуи истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ то имрӯз ба таври мустақим ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, як қатор корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ба ҷанбаҳои алоҳидаи марбут ба ин мавзуъ дахл дошта, метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти минбаъда хизмат намоянд. Аз ҷумла, дар асари А. Бобоҷонов «Гуштини миллии тоҷикон» (1996) паҳлуҳои таърихӣ ва фарҳангии варзиши миллӣ таҳлил гардидаанд, ки гарчанде ба масъалаи методикаи таълим ва технологияҳои муосир бевосита иртибот надоранд, вале аҳамияти онҳо дар эҳёи арзишҳои миллӣ ва истифодаи онҳо дар муҳтавои таълими тарбияи ҷисмонӣ қобили тавақҷуҳ аст [2].

Дар таҳқиқоти М. Қосимова оид ба таърихи варзиши занон дар Тоҷикистон, бахусус дар риштаи тирпарронӣ, масъалаи иштироки занон дар варзиш ва рушди ин самт баррасӣ шудааст, ки ба таври ғайримустақим ба мавзуи мо иртибот дорад, зеро яке аз самтҳои муҳимми навоварӣ дар таълими тарбияи ҷисмонӣ фарогирии гендерӣ ва рушди варзиши донишҷӯдухтарон мебошад [11].

Ҳусенов М. дар мақолаи худ «Футбол ҳамчун воситаи тарбияи насли наврас» ба нақши тарбиявии варзиш дар ташаккули шахсияти ҷавонон тавақҷуҳ зоҳир намуда, имкониятҳои тарбиявии ин намуди варзишро таҳлил мекунад [13]. Гарчанде ки масъалаи истифодаи технологияҳои муосир дар мақола баррасӣ нашудааст, равиши тарбиявии он метавонад дар таҳияи моделҳои таълимии инноватсионӣ истифода шавад.

Монографияи Ш. Сафаров (2014) бо номи «Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формировании национального самосознания студентов» яке аз таҳқиқоти наздик ба мавзуи мавриди назар ба шумор меравад [18]. Муаллиф бо истифода аз равишҳои фарҳангшиносӣ ва дидактикӣ, имкониятҳои тарбиявии бозиҳои варзиширо дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳлил мекунад. Ин таҳқиқот бо вуҷуди он, ки ба таври мустақим ба масъалаи технологияҳои муосир намепардозад, вале ба ташаккули муҳтавои таълими инноватсионӣ ва истифодаи унсурҳои фарҳангӣ дар методикаи таълим иртиботи мустақим дорад.

Аз таҳлили умумии ин адабиёт бармеояд, ки муҳаққиқони ватанӣ бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тарбиявии тарбияи ҷисмонӣ тавақҷуҳ зоҳир намудаанд, дар ҳоле ки масъалаи истифодаи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои таълими интерактивӣ ва дигар воситаҳои муосири таълим дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳанӯз ба таври мустақим ва амиқ таҳқиқ нашудааст. Ин холигии илмӣ зарурати таҳқиқоти навро дар ин самт асоснок менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мавриди назар метавонад на танҳо ба пур кардани ин фосилаи илмӣ мусоидат намояд, балки ба такмили методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир саҳми назаррас гузорад.

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ бо мавзуи мазкур, як қатор мафҳумҳои калидӣ мавҷуданд, ки фаҳмиши дурусти онҳо барои таҳлили мавзуъ ва таҳияи асоси назариявии тадқиқот аҳамияти хосса дорад. Ҳамин тариқ, мафҳумҳои асосии таҳқиқот, ин инноватсия (навоварӣ), технологияи таълим, методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҷисмонӣ маҳсуб мешаванд.

Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми «инноватсия» бо мазмуну тафсирҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Тавре ки профессори англис В. Р. Спенсер дар шакли умумии он таъкид мекунад, инноватсия ин падидаи комилан навест, ки дар як вазъияти мушаххас зоҳир шуда, танҳо баъд аз дарки мо қобили истифода мегардад [7]. Ба андешаи муҳаққиқон А. Кулагин ва В. Логинов, мафҳуми «инноватсия» нисбат ба истилоҳи «технологияи нав», ки солҳои тӯлонӣ дар фазои илмии кишвар истифода мешуд, доираи васеътар дорад. Он на танҳо технологияи нав, балки тамоми навовариҳоро дар соҳаҳои гуногун - аз ҷумла саноатӣ, муассисавӣ, молиявӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар бахшҳо фаро мегирад [1]. Дар асоси ақоиди болозикр метавонем зикр намоем, ки инноватсия (навоварӣ) - ин раванди ворид намудани тағйироти сифатӣ ва мундариҷавӣ ба низоми мавҷудаи таълим бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, мутобиқсозӣ ба талаботи

замон ва ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад. Дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, инноватсия метавонад шаклҳои нави машғулият, усули таълими интерактивӣ, барномаҳои инфиродӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосири варзиширо дар бар гирад. Инноватсияҳо ба навсозии муҳтавои таълим ва тағйири муносибати омӯзгор ва донишҷӯ, ташаккули муҳити омӯзиши фаъол ва фарогир мусоидат мекунанд.

Технологияи таълим бошад, ин маҷмуи усул, воситаҳо ва равандҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти таълимӣ мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни педагогӣ равона шудаанд. Технологияи таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ шаклҳои гуногуни машғулият (индивидулӣ, гурӯҳӣ, рақобатӣ), истифодаи воситаҳои техникӣ (симуляторҳо, платформаҳои рақамӣ, барномаҳои мобилӣ) ва усули идоракунии раванди омӯзишро дар бар мегирад. Технологияи муосири таълим ба баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиш, фаъолсозии донишҷӯён ва фароҳам овардани муҳити омӯзиши инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки яке аз мафҳумҳои асосии мавзуъ мебошад - маҷмуи принсипҳо, мазмун, шаклҳо ва усули таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, ташаккули малакаҳои ҳаракатӣ ва тарбияи ахлоқии донишҷӯён равона шудааст. Методикаи муосир бояд ба рушди ҷисмонӣ ва ташаккули шахсияти мутавозин, худшинос ва иҷтимоишуда мусоидат намояд. Дар ин замина, ворид намудани унсурҳои инноватсионӣ ва технологӣ ба методикаи таълим, имконият медиҳад, ки дарсҳо ҷолибтар, муассиртар ва мутобиқ ба талаботи замон бошанд.

Дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои муосир бо дарназардошти заминаи фарҳангӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик аҳаммияти хосса дорад. Аввалан, истифодаи унсурҳои бозиҳо ва машқҳои миллии тоҷикӣ ҳамчун технологияи инноватсионии таълимӣ яке аз роҳҳои самараноки баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён мебошад. Зеро дар асоси мушоҳидаҳои чандинсолаи масъалаи мазкур, миёни донишҷӯён муайян мегардад, ки онҳо бозиҳои гуногуни варзишӣ, инчунин машқҳои миллиро зиёдтар меписанданд. Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки бозиҳои анъанавӣ, аз қабили гӯштингирӣ, даву ҷаҳишҳои мардумӣ, инчунин машқҳои марбут ба ҷашну маросимҳои миллӣ қобилиятҳои ҷисмониро инкишоф медиҳанд ва ҳисси худшиносии миллӣ ва пайванди фарҳангиро тақвият мебахшанд. Аз нуқтаи назари илмӣ, чунин равиш ба принсипи мутобиқати фарҳангӣ дар педагогика асос ёфта, таъсири мусбат ба равандҳои равонӣ ва иҷтимоии донишҷӯён мерасонад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои интеллектуалии мониторинг дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ яке аз самтҳои муҳими инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Тренажёрҳои муосир ва дастгоҳҳои махсусгардонидашуда имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои муҳимми фаъолияти ҷисмонӣ, аз ҷумла суръати ҳаракат, басомади зарби дил ва дигар паҳлуҳои физиологӣ ба таври дақиқ чен ва таҳлил карда шаванд. Тавре ки Ҷ. М. Койл ва С. К. Пауэрс таъкид менамоянд, ҷамъоварӣ ва таҳлили чунин маълумот барои оптимизатсияи раванди тамрин ва коҳиш додани хатари ҷароҳатҳо аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад [8, с. 135-136].

Дар доираи навгонии мазкур, истифодаи камераҳои дақиқ ва сенсорҳои рақамӣ барои таҳлили ҳаракатҳои ҷисмонӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки хатогиҳои техникӣ дар иҷрои машқҳо ошкор гардида, барномаҳои инфиродии машқ бо дарназардошти хусусиятҳои физиологии ҳар як донишҷӯ таҳия карда шаванд. Ба ақидаи мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар илми варзиш, таҳлили рақамии ҳаракатҳо на танҳо самаранокии машқҳоро баланд мебардорад, балки воситаи муҳими пешгирии осебҳо низ мебошад [6].

Дастгоҳҳои варзишӣ ва соатҳои интеллектуалӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми технологияҳои рақамӣ дар тарбияи ҷисмонӣ васеъ истифода мешаванд. Ин дастгоҳҳо имконият медиҳанд, ки нишондиҳандаҳое чун сатҳи оксиген дар хун, сифати хоб ва ҳолати умумии барқароршавии организм пайгирӣ карда шаванд. Тибқи таҳлилҳои муосир, назорати мунтазами чунин параметрҳо барои донишҷӯёне, ки ба намудҳои аэробии фаъолияти ҷисмонӣ машғуланд, аҳаммияти хоса дорад, зеро он робитаи мустақими миёни саломатӣ, истироҳат ва самаранокии фаъолияти ҷисмониро инъикос менамояд [19].

Ҳамгироии фитнес-трекерҳо ва соатҳои интеллектуалӣ бо барномаҳои мобилӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки маълумоти ҷамъовардашуда таҳлил гардида, нақшаи машқҳо бо асоси илмӣ тартиб дода шавад. Чунин равиши рақамӣ барои назорати ҳолати саломатӣ, танзими сарбории ҷисмонӣ ва мутобиқсозии раванди таълим ба имкониятҳои инфиродии донишҷӯён мусоидат менамояд. Бо ҳамин, истифодаи технологияҳои мониторинги рақамӣ дар доираи инноватсияи дуюм ба баланд бардоштани сифати дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва самаранокии умумии раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири таҳсилоти олӣ, ки дар он талабот ба тарбияи мутахассисони ҳамаҷониба, солим, ватандӯст ва дорои ҷаҳонбинии иҷтимоӣ афзоиш меёбад, зарурати ҳамгироии тарбияи ҷисмонӣ бо арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии миллӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ин равиш, ки дар илми педагогика ҳамчун технологияи инноватсионии иҷтимоӣ-педагогӣ маъруф аст, ба он нигаронида шудааст, ки дар баробари рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, шахсияти донишҷӯён низ дар заминаи ахлоқ, масъулият, ҳамкорӣ ва худшиносӣ ташаккул ёбад. Бо назардошти фарҳанг ва ҳувийяти халқи тоҷик, ки дар он мафҳумҳои мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба дигарон, ҳамбастагӣ ва ифтихори миллӣ ҷойгоҳи устувор доранд, ворид намудани ин арзишҳо ба муҳтавои дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ба сифати таълим ва тарбия таъсири мусбат мерасонад. Масалан, дар ҷараёни машғулиятҳои варзишии даставӣ, ба монанди футбол, волейбол ё баскетбол, омӯзгор таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба аҳамияти ҳамкорӣ, эҳтиром ба ҳамдаста ва рақиб, риояи қоидаҳо ва масъулияти инфиродӣ ҷалб менамояд. Ҳангоми таҳлили бозӣ, омӯзгор натиҷаи техникӣ ва рафтори ахлоқии иштирокчиёнро арзёбӣ мекунад. Агар донишҷӯён дар ҳолати бурд эҳтироми рақибро нигоҳ дорад ё дар ҳолати бохт оромона ва бо таҳаммулпазирӣ рафтор кунад, ин амал ҳамчун намунаи тарбияи ахлоқӣ зикр мегардад. Ин гуна муносибатҳо дар фарҳанги тоҷикӣ бо мафҳумҳои «мардонагӣ», «фаросат», «одоб» ва «наҷобат» тавсиф мешаванд, ки дар таърихи ахлоқии мардум решаҳои амиқ доранд.

Ҳамчунин, дар машғулиятҳои инфиродӣ, ба монанди варзиши сабук, шиноварӣ ё машқҳои умумитарбиявӣ, омӯзгор метавонад тавассути баррасии мушкилоти шахсӣ, донишҷӯёнро ба худназоратӣ, ирода ва устуворӣ ҳидоят намояд. Масалан, агар донишҷӯе дар иҷрои машқҳо душворӣ кашад, омӯзгор метавонад бо истифода аз таҷрибаи шахсии варзишгарони тоҷик, ки бо сабру таҳаммул ва меҳнат ба натиҷа расидаанд, ӯро руҳбаланд созад. Ин равиш на танҳо ба рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ, балки ба ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Илова бар ин, ворид намудани унсурҳои фарҳанги миллӣ, аз қабили бозиҳои суннатӣ (масалан, бандкашӣ, чавгонбозӣ, гӯштини миллӣ) ба дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ муҳтавои таълимро ғанӣ мегардонад ва ҳисси ифтихор аз мероси фарҳангиро тақвият мебахшад. Ин гуна бозиҳо, ки дар муҳити деҳот ва маҳаллаҳо то ҳол роиҷанд, на танҳо фаъолияти ҷисмониро таъмин мекунанд, балки арзишҳои иҷтимоии ҳамкорӣ, эҳтиром ба калонсолон, риояи қоидаҳо ва масъулияти даставиро низ тарғиб менамоянд. Масалан, дар бандкашӣ, ки як навъи бозии суннатии тоҷикон аст, на танҳо қувваи ҷисмонӣ, балки ҳамоҳангии гурӯҳӣ ва такя ба якдигар аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Хулосаи умумии таҳқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ як равиши нав ва як зарурати воқеии педагогӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Маълум гардид, ки низоми анъанавии таълими тарбияи ҷисмонӣ дигар наметавонад ҷавобгӯйи талаботи муосир бошад. Таҳқиқот собит намуд, ки сатҳи пасти омодагии ҷисмонӣ ва камбуди донишҳои системавӣ дар байни донишҷӯён, аз як тараф, натиҷаи набудани пайванди методологӣ байни зинаҳои таҳсилот ва аз ҷониби дигар, маҳдудияти малакаҳои касбии омӯзгорон дар истифодаи усули муосири таълим мебошад.

Татбиқи методикаҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки муҳити таълимӣ фаъол, ҷолиб ва фарогир гардад. Ин равиш донишҷӯёнро аз мавқеи ғайрифаъол ба субъекти фаъол табдил дода, онҳоро ба худомӯзӣ, ҳамкорӣ ва масъулияти инфиродӣ ҳидоят мекунад. Ҳамзамон, бо дарназардошти фарҳанг ва менталитети халқи тоҷик, ки ба арзишҳои ахлоқӣ, ҳамбастагӣ, таҳаммулпазирӣ ва ифтихори миллӣ такя мекунад, ворид намудани унсурҳои тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба муҳтавои дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ин ҳамгироӣ, ки

дар илми педагогика ҳамчун тарбияи ҳамгиро маъруф аст, ба ташаккули шахсияти батамкин, ватандӯст ва иҷтимоишудаи донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар натиҷа, таҳқиқот зарурати таҳияи моделҳои методикии мутобиқ ба шароити миллӣ, истифодаи таҷрибаи анъанавии варзишии тоҷикон ва ҳамзамон татбиқи технологияҳои муосири таълимиро асоснок менамояд. Танҳо дар сурати мутобиқсозии ин ду унсур, яъне анъана ва навоварӣ метавон ба ташаккули муҳити таълими муассир ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ноил гардид.

АДАБИЁТ

1. Балабанов И. Т. Инновационный менеджмент. - СПб.: Питер, 2009. - 254 с.
2. Бобоҷонов А. Гуштини миллии тоҷикон / А. Бобоҷонов. - Душанбе: Олӣ Сомон, 1996.
3. Боков А. В. Инновационный подход в физическом воспитании студентов вуза / А. В. Боков // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. - 2023. - № 6–2(81). - С. 110–114.
4. Грищенков А.И., Дмитриева Е.А., Легченко М.А. Инновации - определение, классификация, стадии. [Манобеи электронӣ] //https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsii-opredelenie-klassifikatsiya-stadii. (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
5. Информационные технологии в спортивной науке и аналитике // Институт Информационных Систем ГУУ: [Манобеи электронӣ] // http://guu.ru (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
6. Инновационный менеджмент: Учебник / С.Д. Ильенкова, Л.М. Гохберг, С.Ю. Ягудин и др. - М.: ЮНИТИ, 2007. – 368 с.
7. Койл Дж. М., Пауэрс С. К. Спортивные технологии: Руководство для тренеров, спортсменов и команд / Дж. М. Койл, С. К. Пауэрс. - 2022. - С. 135-136.
8. Коркишко О.В., Лешкевич С.А., Антонченко Н.В. Внедрение инновационных технологий физкультурно-спортивного образования и оздоровления студентов // Развитие образования. - 2019. - № 4(6). - С. 27–30.
9. Ковалев С. А. Инновационные формы, средства в технологии физического воспитания студентов / С. А. Ковалев // Globus : Психология и педагогика. - 2021. - Т. 7, № 4(44). - С. 19-22.
10. Қосимова Манижа Соҳибҷоновна. К истории женского спорта в Таджикистане: стрельба из лука. [Манобеи электронӣ] // https://cyberleninka.ru/article/n/iz-istorii-luchnogo-sporta-v-tadzhikistane. (Санаи мурочиат. 02.01.2026).
11. Лоскутов В. А. Технологии формирования мотивации к занятиям физической культурой и спортом у студентов / В. А. Лоскутов // Конкурс МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ : сб. ст. Междунар. науч.-исслед. конкурса, Пенза, 20 янв. 2020 г. - Пенза : Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2020. - С. 266–268.
12. Мазбутҷон Маҳмудҷонович Ҳусенов. Футбол ҳамчун воситаи тарбияи насли наврас. [Манобеи электронӣ] //https://cyberleninka.ru/article/n/futbol-amchun-vositai-tarbiyai-nasli-navras. (Санаи мурочиат 03.01.2026).
13. Нигреева И. Г. Новая форма занятий для студентов СМГ – скандинавская ходьба / И. Г. Нигреева, И. В. Федосюк // Здоровый образ жизни: сб. статей Вып. 14 / редкол.: В. М. Куликов (отв. ред.) [и др.]. - Минск : БГУ, 2021. - С. 71–74.
14. Новикова К. П. Инновационные формы, средства и технологии в физическом воспитании студентов / К. П. Новикова, Т. Ф. Торба, Д. А. Качур // Педагогическая наука в современном образовательном пространстве: теоретические и практические исследования (к 135- летию выдающегося отечественного педагога А. С. Макаренко) : сб. трудов Междунар. Науч.практ. конф., Москва, 28 апреля 2023 г. - М. : ООО «СамПолиграфист», 2023. - С. 248–259.
15. Рушди варзиш ва дипломатияи варзишӣ. [Манобеи электронӣ] //https://amit.tj/tj/rushdi-varzish-va-diplomatiyai-varzishi. (Санаи мурочиат 04.01.2026).
16. Романченко С. А. Коррекция состояния здоровья студентов в процессе занятий физической культурой: дис. канд. педаг. наук: 13.00.04. СПБ. - СПБ гос. ун-т физ.к-ры им. П. Ф. Лесгафта, 2006. - С. 10–16.
17. Сафаров Ш. Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формировании национального самосознания студентов высших учебных заведений Таджикистана. Монография. /Ш.Сафаров. – Душанбе, 2014.
18. Технологии в большом спорте и их влияние на его развитие / [Манобеи электронӣ] // https://habr.com. (Санаи мурочиат 02.01.2026).
19. Фирсин С. А. Инновационные формы и методы современного физического воспитания. - М.: ФГБОУ ВПО «Моск. гос. ун-т путей сообщ.», Междунар. ж-л прикладных и фундаментальных исследований, 2013. - № 12. - С. 132–136.

ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР МЕТОДИКАИ ДАРСҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили имкониятҳо ва зарурати истифодаи инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот нишон дода мешавад, ки усулҳои анъанавии таълим дигар ҷавобгӯи талаботи замони муосир нестанд. Миёнаравии технологияҳои интерактивӣ ба фаъолсозии донишҷӯён ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунад. Муаллиф зарурати гузариш аз омӯзиши репродуктивӣ ба омӯзиши эҷодӣ ва ҳамкориро асоснок менамояд.

Дар мақола ҳамзамон ба масъалаи паст будани сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва камбуди шавқи донишҷӯён ба дарсҳо таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат набудани пайванди методикӣ байни мактаб ва донишгоҳ арзёбӣ мегардад. Пешниҳод мегардад, ки омӯзгорон бояд бо технологияҳои муосири таълимӣ шинос бошанд ва онҳоро дар амалия истифода баранд. Бо назардошти фарҳанг ва менталитети халқи тоҷик, ворид намудани арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба муҳтавои дарсҳо муҳим шуморида мешавад.

Мафҳумҳои мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба рақиб ва ҳамкорӣ бояд дар машғулиятҳои ҷисмонӣ таҷассум ёбанд. Ин равиш ба консепсияи тарбияи ҳамгиро мувофиқат мекунад. Дар мақола инчунин зарурати истифодаи намудҳои гуногуни варзиш ва бозиҳои миллӣ ҳамчун воситаи ҷалби донишҷӯён таъкид мешавад. Хулоса, танҳо тавассути ҳамгироии анъана ва навоварӣ метавон муҳити таълими муассир ва фарҳангӣ-асосёфтаро ташаккул дод.

Калидвожаҳо: *инноватсия, технология, тарбияи ҷисмонӣ, таҳсилоти олӣ, методика, донишҷӯ, интерактивӣ, фарҳанг, менталитет, ҳамгироӣ.*

ИННОВАЦИИ И СОВРЕМЕННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В МЕТОДОЛОГИИ ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

Данная статья посвящена анализу возможностей и необходимости внедрения инноваций и современных технологий в методику преподавания физического воспитания в учреждениях высшего образования. В исследовании показано, что традиционные формы обучения уже не соответствуют требованиям современности. Интерактивные технологии и личностно-ориентированные подходы способствуют активизации студентов и повышению качества образования. Автор обосновывает необходимость перехода от репродуктивного к творческому и кооперативному обучению.

В статье также поднимается проблема низкого уровня физической подготовки и недостатка интереса студентов к занятиям. Одной из причин этого называется отсутствие методической преемственности между школой и вузом. Предлагается, чтобы преподаватели овладели современными педагогическими технологиями и применяли их на практике. С учётом культуры и менталитета таджикского народа, важным считается включение нравственных и социальных ценностей в содержание занятий.

Понятия мужественности, терпимости, уважения к сопернику и сотрудничества должны быть интегрированы в физическую активность. Такой подход соответствует концепции интегрального воспитания. Также подчёркивается необходимость использования различных видов спорта и национальных игр как средства мотивации студентов. В заключение делается вывод, что только через синтез традиций и инноваций можно создать эффективную и культурно обоснованную образовательную среду. Статья будет полезна исследователям, преподавателям и разработчикам учебных программ в области физического воспитания.

Ключевые слова: *инновация, технология, физическое воспитание, высшее образование, методика, студент, интерактивность, культура, менталитет, интеграция.*

INNOVATION AND MODERN TECHNOLOGIES IN THE METHODOLOGY OF PHYSICAL EDUCATION LESSONS IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article explores the potential and necessity of integrating innovations and modern technologies into the methodology of physical education classes in higher education institutions. The study demonstrates that traditional teaching methods no longer meet the demands of contemporary education. Interactive technologies and learner-centered approaches enhance student engagement and improve instructional quality. The author substantiates the shift from reproductive to creative and collaborative learning.

The article also addresses the low level of physical preparedness and lack of student motivation. One key factor identified is the absence of methodological continuity between secondary school and university. It is proposed that instructors should master and apply modern pedagogical technologies in practice. Considering the culture and mentality of the Tajik people, incorporating moral and social values into physical education is deemed essential.

Concepts such as bravery, tolerance, respect for opponents, and cooperation should be embedded in physical activities. This approach aligns with the pedagogical concept of integrative education. The article also emphasizes the importance of using diverse sports and traditional games to foster student interest. It concludes that only through the synthesis of tradition and innovation can an effective and culturally grounded educational environment be created. The article is valuable for researchers, educators, and curriculum developers in the field of physical education.

Keywords: *innovation, technology, physical education, higher education, methodology, student, interactivity, culture, mentality, integration.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назруллоев Асадулло Хайруллоевич*** *- ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел.: 985958293, email: asadullonazrullo@gmail.com.*

Сведения об авторе*:* ***Назруллоев Асадулло Хайруллоевич*** *- ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел. 985958293, email: asadullonazrullo@gmail.com.*

Information about the author*:* ***Nazrulloev Asadullo Khairulloevich*** *- assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel.: 985958293, email: asadullonazrullo@gmail.com.*

РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Бадарғаев С. Ш.

Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов

Яке аз мушкилтарин масъалаҳои илми педагогӣ таърифи мафҳуми «Раванди таълим» мебошад, зеро он шумораи зиёди алоқа ва муносибатҳо, шароиту омилҳои гуногунро дар бар мегирад. Дар нашрияҳои гуногуни илмию педагогӣ ва луғатҳои тафсирӣ «Омӯзиш» чунин маънидод шудааст:

− ҳамкории мақсадноки омӯзгор ва хонанда, ки дар рафти он масъалаҳои таълимӣ ҳал мешаванд;

− раванди мақсадноки педагогии ташкил ва ҳавасмандгардонии фаъолияти фаъоли таълимию маърифатии хонандагон барои аз худ намудани донишу малакаи илмӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ, ҷаҳонбинӣ, ақидаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад;

− пай дар пай тағйир ёфтани фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон, ки ба ташаккули системаи дониш, асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқӣ, фаъолияти эҷодӣ, таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи хонанда нигаронида шудааст .

Ин изҳорот омӯзишро бо роҳҳои гуногун нишон медиҳанд. Аз як тараф, ҳамчун раванд ва ҳамчун фаъолияте, ки дар он натиҷаҳои фаъолият нишон дода мешаванд, субъектҳои иштироккунандаи раванд ва субъектҳои пешбарандаи раванди таълим. Аз тарафи дигар, омӯзиш ҳамчун намуд, ҳамчун падида ва таъсири мутақобила муаррифӣ карда мешавад. Биёед мафҳуми «Омӯзиш»-ро дар робита ба муассисаҳои таълимӣ муайян кунем.

Омӯзиш раванди ташкил ва ҳавасмандгардонии фаъолияти фаъоли маърифатии таълимӣ мебошад. Натиҷаи омӯзиш донишҳои илмӣ, малакаҳои амалӣ, намудҳои фаъолияти касбӣ, салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ мебошад, ки донишҷӯён аз худ мекунанд. Субъектҳои таълим – ин донишҷӯён, субъектҳои роҳбарикунандаи таълим ва омӯзгорон мебошанд. Ҳамин тариқ, таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ раванди ташкил ва ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон барои аз худ намудани донишҳои илмӣ, малакаҳои амалӣ, салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, намудҳои фаъолияти касбӣ мебошад, ки таҳти роҳбарии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад.

Салоҳият қобилияти татбиқи дониш, малака, муносибат ва таҷрибаи корӣ дар ҳолатҳои шинос ва ношиносро дар назар дорад. Моҳияти консепсия дар табиати мураккаби он - ҳамгироии донишҳо, малакаҳо, арзишҳо ва муносибатҳо иборат аст, ки барои татбиқи фаъолияти меҳнатӣ ба андозаи баробар муҳиманд. Ҷанбаи марказии салоҳият дар асоси ягонагии органикии дониш, малака, таҷриба, муносибатҳо ва ғ. амалӣ намудани ҳама гуна фаъолият мебошад. Таҷриба ҳамчун мундариҷаи ҳаёт ва касбӣ муайян карда мешавад, ки аз

ҷониби шахс дарк ва кор карда мешавад. Корманд танҳо вакте, ки натиҷаи фаъолияти худро таҳлил намуда, хулосаи дуруст мебарорад, соҳиби таҷрибаи касбӣ ва роҳбарӣ мегардад. Омӯзиш дар асоси салоҳият ҳамчун «Омӯзиш дар асоси муайян кардан, аз худ кардан ва нишон додани дониш, малака, рафтор ва муносибатҳое, ки барои кори мушаххас заруранд» муайян карда мешавад. Принсипи асосии таълими салоҳиятнокӣ ин тамаркуз ба натиҷаҳое мебошад, ки барои омода намудани мутахасисон аҳамияти калон доранд [1].

Муносибати босалоҳият ба таълим зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба принсипи самти касбии таълим тақозо мекунад, зеро вазифаи он бартараф кардани ихтилофи байни табиати назариявии фанҳои омӯхташуда ва қобилияти амалии татбиқи ин донишҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад, ки дар ҳақиқат муносибати салоҳиятнокро ба таълим татбик менамояд.

Дар адабиёти педагогӣ дар баробари мафҳуми принсипи тамоили касбӣ мафҳуми таълими касбӣ нигаронида шудааст. Бо омӯзиши касбӣ нигаронидашуда мо омӯзишро дарк хоҳем кард, ки ба татбиқи принсипи тамоили касбӣ нигаронида шудааст. Барои тайёрии касбӣ принсипи тамоили касбӣ бартарӣ дошта, ҳамаи дигар принсипҳои таълим ба он тобеъ мебошанд.

Барои равшан кардани мафҳуми «тамоили касбӣ» мо ба таври мухтасар маънои истилоҳи «самт»-ро шарҳ медиҳем. Дар зинаи таълим «самт» дар ҳамаи шаклҳои ташкили протсесси таълим зоҳир мегардад. Категорияҳои «тамоюли касбӣ» ва «тамоили педагогӣ» дар маҷмуи онҳо дурнамо ва имкониятҳои шахсро дар доираи фаъолияти касбие, ки дар раванди таълим аз худ карда мешавад, ифода мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ дар баробари мафҳуми тамоили касбӣ мафҳуми «ориентатсияи амалӣ» ва «тамоили амалӣ»-и таълим бештар истифода мешавад. Аксар вақт ин истилоҳот ба як маъно истифода мешаванд ва ҳамдигарро иваз мекунанд. Самти амалии таълим дар тадқиқоти педагогӣ ҳамчун робитаи моддӣ ва методии курси омӯхташаванда бо амалия фаҳмида мешавад, ки дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои зарурирро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ пешбинӣ мекунад. Ориентатсияи амалӣ бештар ҳамчун самти курси омӯхташаванда ба татбиқи он дар соҳаҳои муайяни фаъолияти ҳаррӯзаи инсон шарҳ дода мешавад. Дар раванди воқеии таълим, одатан, самтҳои таҷрибавӣ ва амалӣ якҷоя амал мекунанд, зеро бидуни озодӣ дар дастгоҳи назариявӣ ҳатто бо содатарин барномаҳо машғул шудан ғайриимкон аст.

Масъалаи байнисоҳавӣ барои педагогика нав нест, ҳалли он бо ақидаҳои фалсафӣ оид ба равандҳои тафриқа ва ҳамгироии донишҳои илмӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа асоснок карда мешавад.

Дар охири асри XX дар илми педагогика истилоҳи «интегратсия» ва «байнифаннӣ» пурзӯр шудааст. Ҳамчунин дар адабиёти муосири педагогии мафҳумҳои зиёди категорияҳои «алоқаҳои байнифаннӣ», «интегратсия» ва « байнифаннӣ» мавҷуданд, ки барои асосноккунӣ ва таснифоти онҳо равишҳои гуногун мавҷуданд. Муҳаққиқони соҳаи робитаи байнифанӣ ин мафҳумро бо мазмуни омӯзиш муқоиса намуда, дигарон онро шарти дидактикӣ ва ғайра ҳамчун принсипи омӯзиш медонанд [10].

Дар рушди идеяи робитаҳои байнисоҳавӣ ду тамоили ба ҳам алоқаманд фарқ мекунанд - ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии донишҳои фаннӣ, ки дар он ҳамгироӣ равand ва натиҷаи эҷоди як алоқаи ногусастанӣ ва ягона мебошад. Дар таълим онро бо роҳи дар як курси синтезшуда якҷоя кардани унсурҳои фанҳои гуногуни таълимӣ, ҷамъбаст намудани асосҳои илм ва ошкор намудани мавзуъ ва проблемаҳои мураккаби таълимӣ ба амал баровардан мумкин аст. Ҳамоҳангсозӣ – ҳамоҳангсозии нақшаҳои таълимӣ аз фанҳои ба ҳам алоқаманд ҳангоми тафсири мафҳумҳои умумӣ, дар замони омӯзиши онҳо мусоидат мекунанд.

Тафсири мафҳуми робитаи байнифаннӣ бо гузоштани ҳадафи тадқиқотчӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон ин таҳаввулоти илмӣ имкон дод, ки таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст карда, муқаррароти умумӣ мураттаб карда шавад: робитаҳои байнифанӣ ҳамчун мувофиқати мутақобилаи нақшаҳои таълимӣ ҳисобида мешаванд, ки аз рӯйи системаи илмҳо ва мақсадҳои дидактикӣ муайян карда мешаванд [7].

Муайян кардани сатҳи навбатии равиш ба байнисоҳавӣ мафҳуми «интегратсия» мебошад.

Асоси фалсафии интегратсия синергетика (аз юнонӣ ҳамчун «ёрӣ», «ҳамкорӣ» тарҷума шудааст) мебошад. Равиши синергетикӣ равандҳои интегралӣ дар соҳаи маорифро ташкил

медиҳад, ки бояд барои ҳалли ихтилофоти байни мундариҷаи таълим, ки дар барномаҳо, китобҳои дарсӣ, таълим инъикос ёфтааст, мусоидат менамояд.

Мутобиқи қонунҳои синергетикӣ интегратсияи курсҳои мактабӣ аз он иборат аст, ки онҳо бояд ҳамчун унсурҳои системаи ягона баррасӣ шаванд, ки дар он ҳар як унсур, гарчанде, ки мустақилияти худро дорад, аз дигараш «хабар» аст ва якҷоя бо он амал мекунад.

Дар луғати фалсафӣ ин мафҳумҳо чунин шарҳ дода шудаанд: «интеграция як тарафи протсесси тараққиётест, ки бо муттаҳид шудани қисмҳо ва унсурҳои пештар якхела ба як бутун алоқаманд аст; интеграция тамоюли пешбарандаи инкишофи донишҳои илмӣ дар шароити муосир мебошад». Он дар синтези дониш, ки самараи тадқиқоти илмиро зиёд мекунад, зоҳир мегардад.

Бояд гуфт, ки тафовути асосии мафҳумҳои «пайванди байнифанҳо» ва «интегратсия» аз он иборат аст, ки «пайванди байнифанҳо» шакл ва принсипи таъсири мутақобилаи субъектҳои алоҳидаи таълим буда, интегратсия як бутуниро ташкил медихад, ки сифати интегралиро ифода мекунад; алоқаҳои байнисоҳавӣ метавонанд ба ягонагии илмҳои гуногун барои умумикунонӣ ва ба низом даровардани дониш ноил шаванд, вале сифати нави донишро ифода намекунанд. Ҳамин тариқ, ҳамгироӣ сатҳи баландтари таҷассуми робитаҳои байнисоҳавӣ мебошад [8].

Сатҳи нави рушди идеяи робитаҳои байнифанӣ ва ҳамгироӣ, алтернативӣ ба системаи анъанавии таҳсилот, ҳамгироии байнифанӣ мебошад. Дар ин система ғояҳои байнифанӣ ва ҳамгироӣ ҳамчун технологияи асосии ҷорӣ намудани байнифанӣ ба раванди таълим бо ҳам зич алоқаманданд .

Тафсири муосири мафҳуми омӯзиши байнисоҳавӣ барои низоми мактаб маънои муттаҳид кардани кӯшишҳои ду ё зиёда фанҳо, фароҳам овардани шароит барои ба даст овардани донишҳои нав дар асоси тафаккури ҳамаҷонибаи синтетикӣ, ба усули нави илмӣ - синтези системавӣ (ё байнисоҳавӣ), яъне муттаҳид намудани усулҳо ва қонунҳои якчанд илм (фанҳо) барои ҳалли мукаммал ва самараноки вазифа мебошад [1].

Далели муҳим он аст, ки ҳалли илмии мураккабтарин проблемаҳои амалӣ бе татбиқи байнисоҳавӣ имконнопазир мегардад. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки динамикаи донишҳои илмӣ дар ҷомеаҳои муосир, аҳамияти технологияҳои зеҳнӣ ва зарурати кор дар дастаҳои байнисоҳавӣ, муносибат ба тафаккури интиқодӣ аҳамияти омӯзиши байнисоҳавӣ ҳамчун сатҳи нави мураккабии замони муосирро маориф нишон медиҳад.

Дар амалияи таълими байнисоҳавӣ метавонад дар сохтори фанҳои таълимӣ пешбинӣ карда шавад:

1. Ҳамгироии байнифаннӣ, ки дар он дониши як фан дониши дигарро мегирад;

2. Ташкили фаъолияти илмии хонандагон дар асоси омӯзиши як мавзуъ мушкилоти умумӣ аз нигоҳи равишҳои гуногун;

3. Тадқиқот ва шинохти он дар фазои фаҳми боз як категорияи умумӣ, абстрактӣ ба амал меояд.

Мафҳумҳои «таълими байнифаннӣ», «интегратсияи байнифаннӣ», «мавзуи глобалӣ», «умумкунии байнисоҳавии сатҳи фалсафии мундариҷа» ба амалияи таълим ворид ва тавсиф карда шудаанд, равишҳои асосии таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд тавассути фаъолияти тадқиқотии хонандагон дар асоси равишҳои байнисоҳавӣ ва таҷриба бо равишҳои байнисоҳавӣ тавсиф карда мешавад [5].

Тамоилҳои асосии барномаи байнисоҳавӣ ба хусусиятҳои технологияҳои инноватсионии таълим мувофиқат мекунанд, аз ҷумла:

1. Аз омӯзиш ҳамчун вазифаи ёддошт - ба омӯзиш ҳамчун раванди инкишофи рӯҳӣ, ки имкон медиҳад он чизеро, ки омӯхтаатон истифода баред;

2. Аз модели статикии дониш ба системаҳои динамикӣ сохтории амалҳои равонӣ;

3. Аз тамаркуз ба хонандаи миёна - ба барномаҳои таълимии тафриқа ва фардӣ;

4. Аз ангезаи берунии таълим - ба танзими дохилии ахлоқӣ-ихтиёрӣ.

Барномаҳои таълимӣ дар доираи стратегияи байнисоҳавӣ ба чунин талабот ҷавобгӯ мебошанд:

–консептуалӣ, ки ба консепсияҳои илмӣ асос ёфтааст, аз ҷумла асоснокии фалсафӣ, равонӣ, дидактикӣ ва иҷтимоӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ;

–пайдарпайӣ, ки ба системаи амалҳо ва воситаҳое асос ёфтааст, ки бо мантиқи раванд алоқаманданд, дорои тамоми хусусиятҳои система: пайвастагии ҳама қисмҳо, якпорчагӣ, мақсаднокӣ;

–идорашавандагии раванди таълим: омӯзиши байнифаннӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои ташхисӣ, банақшагирии раванди таълим, ташхиси марҳила ба марҳила, воситаҳо ва усули гуногун барои ислоҳи натиҷаҳо;

–самаранокӣ, ки бо сатҳи баланди дастовардҳои хонандагон ва дигар натиҷаҳои муҳими дар зер тавсифшуда нишон дода шудаанд;

–самаранокӣ, ки дар он ҳаҷми бештари маводи таълимӣ дар як воҳиди вақт бо камтарин кӯшиш барои азхудкунии мавод азхуд карда мешавад;

–ҳавасмандии баланд, яъне баланд бардоштани шавқу рағбат ба дониш, ошкор намудани имкониятҳои захиравӣ;

–самаранокии ин барномаҳо, ки бо истифода аз нишондиҳандаҳои муваффақияти хонандагон муайян карда шудаанд [4].

Барномаҳои таълими байнисоҳавӣ ба принсипҳо мувофиқат мекунанд ва ба талаботи зерини барномаҳои таълимии болаёқат, ки дар «Консепсияи кории истеъдод» таҳия шудаанд, ҷавобгӯ мебошанд:

–дохил намудани омӯзиши мавзуъҳо ва проблемаҳои васеъ, ки ба мо имкон медиҳад, ки шавқу ҳаваси бачагони лаёқатманд ба самти умумибашарӣ ва умумӣ, тамоили назариявӣ ва шавқу рағбат ба оянда ба назар гирифта шавад;

–истифодаи равиши байнифаннӣ дар таълим дар асоси ҳамбастагии мавзӯъҳо ва мушкилоти марбут ба соҳаҳои гуногуни дониш ҷавобгӯ бошанд [7].

Модели байнисоҳавии таълим сифати куллан нави мавод ва дараҷаи шиддатнокии омӯзиши онро дар назар дорад, ҳадди аксар чандирии усули таълимро дар асоси мундариҷаи ғанӣ таъмин намуда, сатҳи баланди равандҳои тафаккур, худшиносӣ ва мустақилияти хонандаро таъмин намуда, ба рушди он мусоидат мекунад.

Вазифаҳои асосии таълими байнисоҳавӣ иборатанд аз:

1. Ташаккули манзараи ягонаи ҷаҳон (фаҳмидани ҷаҳон ҳамчун як маҷмуи ягона ва ба ҳам алоқаманд) ва тафаккури глобалӣ дар байни хонандагон;

2. Рушди тафаккури эҷодӣ, интиқодӣ ва мантиқӣ, қобилияти ҳалли мушкилот;

3. Ташаккули қобилияти мустақилона омӯзиш ва таҳқиқот, омӯзиши малака ва маҳорати тадқиқотӣ;

4. Омӯзонидани малакаҳои ҳалли масъалаҳо дар гурӯҳҳои хурд, гузаронидани таҳқиқоти муштарак, гузаронидани муколама ва муҳокима, қабули нуқтаи назари шахси дигар;

5. Рушди қобилияти худшиносӣ ва худфаҳмӣ, ташаккули мусбат ва дарки арзиш ва беназири шахси дигар.

Дар маҷмуъ, ҳама таърифҳои моҳияти барномаи таълимии байнифаннӣ ҷанбаҳоеро дар бар мегиранд, аз қабили омӯзиши фанҳо, таъкид ба лоиҳаҳо, сарчашмаҳои берун аз китобҳои дарсӣ, робитаи байни мафҳумҳо, бахшҳои мавзуӣ ҳамчун принсипҳои ташкили таълим, ҷадвали тағйирпазир ва гурӯҳбандии тағйирпазирии хонандагон мебошад. Низоми таълимие, ки вазъияти муосирро ифода мекунад, ки субъекти тарбия, объекти тарбия ва системаи педагогиро дар бар мегирад, ки воситаи табдили (тарбияи) шахсияти (объекти) хонанда мебошад. Ин низом барои рушди хонандагон татбиқ мешавад, зеро мавқеи хонанда ҳангоми ворид шудан ба системаи маориф мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми тартиб додани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, фасли «Робитаҳои байнифаннӣ» -ро ба назар гирифта, ба масъалаҳои робитаи фанҳои таълимӣ дар муассисаҳо диққати махсус додан зарур аст. Амалисозии ғояҳои робитаҳои байнифанниро бояд аз синфҳои поёнии таҳсил, аз ташаккули ҳавасмандии мусбат нисбати таҳсил ва талаботи мунтазами худинкишофдиҳӣ оғоз намудан лозим аст. Амалия нишон медиҳад, ки раванди педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои амалӣ сохтани робитаи байнифаннӣ имкониятҳои кофӣ ва умедбахш дорад, ки ин пеш аз ҳама аз худи омӯзгор ва хоҳиши татбиқ кардани ин омил вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Александровская Э. М. Психологическое сопровождение школьников / Э. М. Александровская, Н. И. Кокуркина, Н. В. Куренкова. - М.:Академия, 2002. - 208 с.
2. Александровская Э. М. Развитие психических функций ребенка в процессе игры / Э. М. Александровская, Н. В. Куренкова // Аутизм и нарушения развития. - 2012. - № 4. - С. 33-53.
3. Билялова Э. Р. Психологические особенности мотивации учебной деятельности у подростков / Э. Р. Билялова // Форум молодых ученых. - 2017. - № 5. - С. 290-292.
4. Бленда С. В. Значение игрового метода в формировании учебной мотивации как предмет исследования / С. В. Бленда // Человек и общество в системе религиозного и социально-гуманитарного знания. - 2017. - № 3. - С. 130-136.
5. Божович Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л. И. Божович. - СПб.: Питер, 2009. - 400 с.
6. Борисова И. В. Взаимосвязь детско-родительских отношений и учебной мотивации подростков / И. В. Борисова, М. Нутрикова // Личность, семья и общество: вопросы педагогики и психологии. - 2015. - № 50-51. - С. 180-185.
7. Ветошева В. И. Особенности мотивации учебной деятельности у подростков, обучающихся в лицее и в общеобразовательной школе / В. И. Ветошева, О. Д. Артемова // Педагогика и психология образования. - 2018. - № 3. - С. 151-164.
8. Зимняя И. А. Педагогическая психология / И. А. Зимняя. - М.: Логос, 2000. - 384 с.
9. Иванова Г. П. Взаимосвязь самооценки и учебной мотивации младших подростков в процессе школьной адаптации / Г. П. Иванова, М. А. Слухаева // Акмеология. - 2018. - № 4. - С. 19-24.
10. Иванова М. П. Особенности мотивации учения в подростковом возрасте / М. П. Иванова, Н. Г. Абрамян // Вестник Владимирского государственного университета им. Александра Григорьевича и Николая Григорьевича Столетовых. Серия: Педагогические и психологические науки. - 2015. - № 22. - С. 103-109.

РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз масъалаҳои мубрами низоми таҳсилот - ташаккул ва вазифаҳои робитаҳои байнифаннӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро баррасӣ намудааст. Инчунин, муаллифи мақола ҷиҳати ҳалли масъалаи баёншуда истифодаи алоқаи байнифанниро дар раванди таълим пешниҳод намудааст. Қайд карда шудааст, ки ин робитаҳо ҳавасмандии хонандагонро нисбати фаннҳои таълимӣ, фаъолияти таълимии маърифатӣ, талаботи азхудкунӣ зиёд намуда, ба инкишофи тафаккури онҳо мусоидат мекунад.

Таъкид шудааст, ки робитаҳои байнифаннӣ ҳангоми ба таври мунтаззам ва мақсадноки раванди таълим, ҳамчун принсипи дидактикии муосири таълимии ҳамгиро амалӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: *принсипи дидактикӣ, салоҳиятнокӣ, фаъолияти таълимӣ, раванди таълим, ташаккул, алоқаи байнифаннӣ, инкишоф, тафаккур, малака.*

МЕЖПРЕДМЕТНЫЕ СВЯЗИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье автор рассматривает один из важнейших вопросов системы образования - формирование и задачи межпредметных связей в процессе обучения в учреждениях среднего профессионального образования. Также автор статьи предлогает использовать межпредметную коммуникацию в образовательном процессе для решения данной проблемы. Отмечено, что эти связи повышают интерес учащихся к учебным предметам, учебно-познавательной деятельности, требованиям усвоения, развивают их мышление.

Отмечено, что межпредметные связи реализуются при регулярном и целенаправленном осуществлении образовательного процесса, как современным дидактическим принципом интеграции образования.

Ключевые слова: *дидактический принцип, компетентность, учебная деятельность, учебный процесс, формирование, межпредметная связь, развитие, мышление, умения.*

INTERDISCIPLINARY RELATIONS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

In this article, the author examines one of the most important issues of the education system - the formation and tasks of interdisciplinary connections in the learning process in institutions of secondary vocational education. The author of the article also proposes to use interdisciplinary communication in the educational process to solve this problem. It is noted that these connections increase students' interest in academic subjects, educational and cognitive activities, learning requirements, and develop their thinking.

It is noted that interdisciplinary connections are realized with regular and purposeful implementation of the educational process, as a modern didactic principle of education integration.

Key words: *didactic principle, competence, educational activity, educational process, formation, interdisciplinary connections, development, thinking, skills.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бадаргаев Самариддин Шамсуддинович*** *- мудири кафедраи назария ва методикаи варзиши сабуки Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Тел.: 900969740.*

Сведения об авторе: ***Бадаргаев Самариддин Шамсуддинович*** *- заведующий кафедрой теории и методики легкой атлетики Таджикского института физической культуры имени С. Рахимова. Тел.: 900969740.*

Information about the author: ***Badarghaev Samariddin Shamsuddinovich*** *- Head of the Department of Theory and Methods of Athletics at the Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov. Tel.: 900969740.*

УСУЛИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМИ ФАРҲАНГШИНОСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Саидов А. Ғ.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Фарҳангшиносӣ ҳамчун илме, ки фарҳангро дар гуногуншаклӣ ва равандҳои тағйирёбандааш меомӯзад, дар низоми таҳсилоти олӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар шароити тағйироти босуръати ҷомеа, ки аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дигаргунсозиҳои фарҳангӣ ба вуҷуд меоянд, аҳамияти омӯзиши фарҳангшиносӣ боз ҳам меафзояд. Дар чунин вазъ зарурати ҷустуҷӯ ва татбиқи усули инноватсионии таълим ба миён меояд, ки метавонад ҷараёни омӯзишро самаранoктар, ҷолибтар ва мутобиқ ба талаботи замон гардонад. Инноватсия дар соҳаи маориф як тамоили муосир ва посухи зарурӣ ба даъватҳои замон мебошад, ки аз омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ чандирӣ, эҷодкорӣ ва омодагӣ ба тағйиротро тақозо мекунад.

Донишҷӯёни муосир, ки ба ҳаҷми бузурги иттилоот ва сарчашмаҳои гуногуни дониш дастрасӣ доранд, аз раванди таълим интиқоли дониш, ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳлил ва ҷамъбасти иттилоот, инчунин қобилияти омӯзиши мустақилона ва муносибати эҷодкоронаро талаб менамоянд. Усули анъанавии таълим, ки асосан, ба лексия ва азёдкунӣ такя мекунанд, дигар ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд ва ниёзҳои донишҷӯёни имрӯзаро пурра қонеъ карда наметавонанд. Аз ин рӯ, таҳия ва ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионии таълими фарҳангшиносӣ зарур мегардад, то ки фаҳмиши амиқи равандҳои фарҳангӣ, аҳамият ва таъсири онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъмин карда шавад.

Усули инноватсионии таълими фарҳангшиносӣ метавонанд истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла платформаҳои электронии таълимӣ, усули интерактивии омӯзиш, равишҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ, инчунин, шаклҳои гуногуни ҳамкории донишҷӯён бо омӯзгоронро дар бар гиранд. Ин гуна усул муҳити таълимиро фаъол ва пӯё месозанд, ки дар он донишҷӯён на шунавандагони ғайрифаъол, балки иштирокчиёни фаъоли раванди омӯзиш мегарданд. Бо вуҷуди ин, татбиқи усули инноватсионӣ таъмини техникии мувофиқ, тағйири равишҳо ба арзёбии дониш ва малакаҳои донишҷӯён, ҳамчунин бознигарии нақши омӯзгор дар раванди таълимро талаб мекунад.

Арзёбии самаранокии усул инноватсионии таълим ҷузъи ҷудонашавандаи раванди татбиқи онҳо ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани он ки усули нав то чӣ андоза ба ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ мусоидат мекунанд, зарур аст меъёрҳои махсуси арзёбӣ таҳия шаванд, ки нишондиҳандаҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатиро дар бар гиранд. Ба инҳо метавон таҳлили сатҳи донишомӯзии донишҷӯён, дараҷаи ҷалбшавии онҳо ба раванди таълим, инчунин фикру мулоҳизаҳои худи донишҷӯёнро шомил намуд.

Бо вуҷуди бартариҳо, татбиқи усули инноватсионии таълими фарҳангшиносӣ бо як қатор монеаҳо рӯ ба рӯ мегардад. Ин монеаҳо метавонанд омилҳои дохилӣ, аз қабили муқовимат ба тағйирот аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён, инчунин омилҳои беруна, аз ҷумла камбуди маблағгузорӣ, набудани захираҳо ва инфрасохтори заруриро дар бар гиранд. Баъзе омӯзгорон

метавонанд аз технологияҳои нав ҳарос дошта бошанд ё ба қобилияти худ барои истифодаи усули инноватсионӣ боварии кофӣ надошта бошанд. Аз ин рӯ, таҳияи равишҳои нав ва ташкили низоми дастгирӣ барои омӯзгорон низ муҳим аст, то ин ки онҳо тавонанд ба тағйирот мутобиқ шаванд ва мушкилоти пайдошударо бартараф намоянд.

Ҳадафи таҳқиқот дар кори мазкур муайян ва таҳлили равишҳои муосири таълими фарҳангшиносӣ бо таваҷҷуҳ ба усули инноватсионӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ҷалбшавии фаъолонаи донишҷӯён ба раванди таълим мусоидат мекунанд. Вазифаҳои таҳқиқот арзёбии самаранокии ин усулҳо, муайян намудани монеаҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти омӯзгорон ва баррасии дурнамои рушди минбаъдаи равишҳои инноватсионӣ дар таълими фарҳангшиносиро дар бар мегиранд. Ин имкон медиҳад, ки барои муассисаҳои таълимӣ тавсияҳои амалӣ ҷиҳати оптимизатсияи раванди таълим ва беҳтар намудани натиҷаҳои омӯзишӣ таҳия карда шаванд.

Таҷрибаи назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳад, ки истифодаи усули инноватсионӣ, аз қабили баҳс ва бозӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххас (вазъиятҳои воқеӣ), тартиб додани тесту кроссвордҳо ва татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ ба фаъолгардонии донишҷӯён, рушди тафаккури мустақил, ташаккули малакаҳои таҳлилӣ ва боло рафтани сифати азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат менамояд.

Дар миёни ин равишҳо, усули баҳс мавқеи махсус доранд. Онҳо пеш аз ҳама барои рушди тафаккури интиқодӣ, зеҳни эҳсосӣ, фаъолиятнокӣ, ташаббускорӣ ва мустақилияти донишҷӯён равона гардидаанд. Усули мазкур метавонанд дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла баҳси гурӯҳӣ ё «мизи гирд», «ҳамлаи зеҳнӣ» (brainstorming), таҳлили ҳолати мушаххас, таҳлили ҳодиса (инсидент) ва дигар шаклҳои интерактивӣ амалӣ шаванд. Моҳияти асосии ин усул дар он ифода меёбад, ки донишҷӯён на ҳамчун қабулкунандагони пассиви дониш, балки ҳамчун иштирокчиёни фаъоли раванди таълим баромад мекунанд.

Ба андешаи файласуф ва педагог Ҷон Дюи, омӯзгор набояд донишро дар шакли омода пешниҳод намояд, балки бояд дар ҷараёни ҳамкории педагогӣ вазъиятҳои зиддиятнок ва проблемавӣ ба вуҷуд оварад, то ин ки донишҷӯён худашон роҳи ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ ва дарёфт намоянд [6, с. 19-28]. Ин равиш ба ташаккули тафаккури мустақил, қобилияти таҳлил ва баррасии падидаҳои фарҳангӣ аз нуқтаи назари илмӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари усулҳои баҳсӣ, усули бозӣ низ дар таълими фарҳангшиносӣ аҳамияти калон доранд. Ба ақидаи Э. Кроули, бозӣ имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён таваҷҷуҳи бештар ба фанни омӯзишшаванда зоҳир намуда, барои аз худ кардани босифат ва коркарди эҷодии ҳаҷми зиёди маводи таълимӣ ҳавасманд гарданди [4, с. 90]. Усули бозӣ на танҳо ҷанбаи маърифатӣ, балки ҷанбаи тарбиявӣ низ дошта, ба рушди рӯҳияи рақобатпазирӣ, ҳамкорӣ ва қобилияти нишон додани имкониятҳои шахсӣ дар ҷараёни муборизаи солим мусоидат менамояд.

Герберт Спенсер низ ба нақши бозӣ дар таълим ишора намуда, онро воситаи муҳимми раҳо сохтани неруи ҷамъшуда ва равона кардани он ба самти созанда медонад [3]. Аз ин лиҳоз, ворид намудани унсурҳои бозӣ ба раванди таълим, махсусан, аз марҳилаҳои аввали омӯзиш, ҳамчун омили муассири баланд бардоштани ҳавасмандӣ, фаъолиятнокӣ ва самаранокии таълим арзёбӣ мегардад. Масалан, омӯзонидани мавзуи амалии «Робитаи байни фарҳанги моддӣ ва маънавӣ» ба донишҷӯён тавассути методи баҳс ва бозӣ имкон медиҳад, ки моҳияти ин падидаи мураккаби фарҳангӣ дар сатҳи назариявӣ, заминаи таҷрибаи фикрӣ ва фаъолиятии худ дарк гардад. Дар ҷараёни чунин машғулият донишҷӯён ба сифати субъектҳои фаъоли раванди таълим баромад намуда, фарҳангро ҳамчун низоми ягона ва баҳам пайванд таҳлил мекунанд.

Дар марҳилаи аввали машғулият омӯзгор метавонад фазои баҳсро ба вуҷуд оварда, масъалаи асосии мавзуро дар шакли саволҳои проблемавӣ пешниҳод намояд. Масалан, саволҳое чун «Оё фарҳанги моддӣ бидуни асосҳои маънавӣ метавонад вуҷуд дошта бошад?» ё «То кадом андоза арзишҳои маънавӣ ба ташаккули ашё ва шаклҳои моддии фарҳанг таъсир мерасонанд?» донишҷӯёнро водор месозанд, ки ба фикр фуру раванд ва мавқеи шахсии худро дар ҷараёни тадрис муайян намоянд. Дар ҷараёни баҳс донишҷӯён бо такя ба донишҳои назариявии фарҳангшиносӣ, мисолҳои таърихӣ ва воқеияти муосир андешаҳои худро асоснок мекунанд.

Ҳамин раванд ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти муқоиса, таҳлил ва хулосабарории илмӣ мусоидат мекунад.

Методи баҳс инчунин имкон медиҳад, ки робитаи диалектикии фарҳанги моддӣ ва маънавӣ равшан гардад. Масалан, донишҷӯён метавонанд нишон диҳанд, ки меъмории миллӣ танҳо маҷмуи унсурҳои сохтмонӣ нест, балки инъикоси ҷаҳонбинӣ, эътиқод, завқи эстетикӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа мебошад. Дар ҷараёни баҳс тадриҷан, ба хулосае мерасанд, ки фарҳанги моддӣ шакли зоҳирии фарҳанги маънавӣ буда, фарҳанги маънавӣ бошад, мазмун ва асоси дохилии он ба шумор меравад.

Дар идомаи машғулият истифодаи методи бозӣ барои амиқтар дарк намудани мавзуъ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Омӯзгор бозии нақширо ташкил менамояд, ки дар он донишҷӯён ба нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид мешаванд. Масалан, гурӯҳе дар нақши ҳунармандон, гурӯҳи дигар дар нақши мутафаккирон ё намояндагони рӯҳонӣ баромад намуда, як падидаи фарҳангиро шарҳ медиҳанд. Дар ин ҳолат донишҷӯён мефаҳманд, ки ҳар як ашёи моддӣ, новобаста аз шакли зоҳирии худ, дорои мазмуни маънавӣ мебошад ва бе дарки ин мазмун арзиши фарҳангии он нопурра мемонад.

Методи бозӣ инчунин тавассути унсурҳои рақобати солим донишҷӯёнро ба фаъолият ҷалб мекунад. Дар раванди бозӣ онҳо маҷбур мешаванд мавқеи худро ҳимоя намоянд, далел пешниҳод кунанд ва робитаи байни унсурҳои моддӣ ва маънавиро ба таври мантиқӣ шарҳ диҳанд. Ин равиш ҳавасмандиро баланд мебардорад ва малакаҳои коммуникатсионӣ ва қобилияти кор дар гурӯҳро низ ташаккул медиҳад.

Ҳамгироии методи баҳс ва бозӣ дар омӯзиши мавзуи мазкур боиси он мегардад, ки донишҷӯён фарҳангро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дарк намоянд. Онҳо ба хулоса меоянд, ки фарҳанги моддӣ ва маънавӣ дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонанд ва танҳо дар ҳамбастагӣ мазмуни воқеии худро касб мекунанд. Бо ин роҳ, машғулияти амалӣ ба интиқоли дониш ва ташаккули тафаккури фарҳангшиносӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва мавқеи шаҳрвандии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Усули дигари муосир - case-study ҳамчун яке аз равишҳои самараноки муосири таълим метавонад ба таври мақсаднок ва муассир дар раванди таълим истифода бурда шавад [14, с. 13]. Масалан, дар доираи мавзуи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) «Роҳҳои ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангии халқи тоҷик дар замони муосир» омӯзгор метавонад як ё якчанд ҳолати мушаххаси вобаста ба вазъи имрӯзаи мероси фарҳангии халқи тоҷик, аз қабили масъалаҳои фарсудашавии ёдгориҳои меъмории таърихӣ, коҳиш ёфтани таваҷҷуҳи ҷавонон ба ҳунарҳои мардумӣ ва ё таъсири ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои суннатии фарҳангӣ пешниҳод намояд. Донишҷӯён дар асоси ин вазъиятҳо сабабҳои пайдоиши мушкилот, оқибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии он ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли масъаларо таҳлил мекунанд. Дар ин раванд онҳо имконият меёбанд, ки мавқеи шахсии худро баён намуда, онро бо далелҳои илмӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ асоснок намоянд.

Татбиқи усули case-study дар мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки муҳокимаи гурӯҳӣ ба маркази раванди таълим табдил ёбад. Ба ҷои пешниҳоди ҷавоби ягонаи «дуруст», омӯзгор ҷараёни муҳокимаро роҳнамоӣ намуда, донишҷӯёнро ба муқоисаи нуқтаҳои назар, баррасии роҳҳои гуногуни ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангӣ ва арзёбии самаранокии онҳо водор месозад. Масалан, донишҷӯён метавонанд масъалаи истифодаи технологияҳои рақамиро дар ҳифзи мероси ғайримоддӣ, нақши давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ё имкониятҳои рушди сайёҳии фарҳангиро ҳамчун воситаи эҳё ва муаррифии мерос муҳокима намоянд. Дар чунин муҳокима «раванди баҳс ва андешаронӣ» аз худи натиҷаи ниҳоӣ муҳимтар мегардад, зеро маҳз дар ҷараёни баҳс тафаккури интиқодӣ ва фарҳангшиносии донишҷӯён ташаккул меёбад.

Истифодаи ин усул дар кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор инчунин ба рушди малакаҳои тадқиқотӣ мусоидат мекунад. Донишҷӯён мустақилона мавод ҷамъоварӣ менамоянд, санадҳо, барномаҳои давлатӣ, мисолҳои таҷрибаи байналмилалӣ ё миллиро таҳлил мекунанд ва сипас натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар гурӯҳ пешниҳод менамоянд. Инро бояд илова намуд, ки дар ҷараёни муҳокима ҳар як донишҷӯ на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъоли раванди таълим мегардад.

Усули дигари муосир дар раванди тадрис аз фанни фарҳангшиносӣ ин тартиб додани тестҳо ва кроссвордҳо мебошад. Масалан, дар доираи мавзуи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) «Нақши забон, дин, урфу одат, рамзҳо ва арзишҳо дар ташаккули фарҳанг» истифодаи усули тартиб додани тестҳо ва кроссвордҳо ҳамчун воситаҳои фаъоли таълимӣ имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён мазмуни назариявии мавзуро амиқтар дарк намуда, донишҳои худро ба таври низомнок мустаҳкам созанд. Ин усул хусусияти назоратӣ доранд ва пеш ба ташаккули малакаҳои таҳлил, ҷамъбасти иттилооту худомӯзии донишҷӯён равона шудаанд [5, с. 444].

Таҳияи тестҳо аз ҷониби худи донишҷӯён дар асоси мавзуи мазкур онҳоро водор месозад, ки мафҳумҳои калидӣ, категорияҳои асосӣ ва робитаи байни унсурҳои фарҳангро бодиққат омӯзанд. Масалан, ҳангоми тартиб додани саволҳо донишҷӯён бояд фарқияти нақши забон ҳамчун воситаи интиқоли фарҳанг, дин ҳамчун низоми арзишӣ ва маънавӣ, урфу одат ҳамчун шакли тачрибаи иҷтимоӣ ва рамзҳо ҳамчун воситаи маънофаринро дуруст дарк намоянд. Дар ин раванд такрори маводи гузашта ба таври «маҷбурӣ» сурат мегирад, зеро барои сохтани саволи босифат донишҷӯ маҷбур аст ба сарчашмаҳои таълимӣ ва илмӣ мурочиат кунад ва маводи иловагиро мустақилона аз худ намояд.

Пас аз таҳияи якчанд намунаи тестӣ аз ҷониби донишҷӯён, саволҳо омехта гардида, ба ҳар як иштирокчӣ тасодуфан варианти тесте пешниҳод мешавад, ки онро ҳамкурси дигар омода кардааст. Ин ҳолат масъулияти донишҷӯёнро ҳангоми таҳияи саволҳо баланд мебардорад ва раванди санҷиши донишро низ ҷолиб ва интерактивӣ мегардонад. Муҳокимаи натиҷаҳои тестгузаронӣ дар охири машғулият имконият медиҳад, ки масъалаҳои баҳсбарангез, мафҳумҳои норавшан ва робитаи байни забон, дин, урфу одат, рамзҳо ва арзишҳо аз нав баррасӣ шаванд. Масалан, муҳокимаи саволе дар бораи нақши забони модарӣ дар ҳифзи ҳувияти миллӣ метавонад ба баҳси васеъ дар бораи арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ оварда расонад.

Истифодаи кроссвордҳо дар омӯзиши мавзуи мазкур низ аҳамияти муҳим дорад, зеро онҳо шакли ғайрианъанавии такрор ва санҷиши донишро пешниҳод менамоянд. Кроссвордҳое, ки дар онҳо мафҳумҳои калидии фарҳангшиносӣ ҷой дода мешаванд, ба монанди «забон», «дин», «анъана», «рамз», «арзиш», диққати донишҷӯёнро ҷалб намуда, хотира ва тафаккури мантиқии онҳоро фаъол месозанд. Ба хусус, кроссвордҳое, ки калимаи калидӣ доранд, масалан, калимаи «фарҳанг» ё «ҳувийят», ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки тамоми унсурҳои мавзуро ҳамчун низоми ягона дарк намоянд. Дар маҷмуъ, мутобиқ сохтани усули таҳияи тестҳо ва истифодаи кроссвордҳо ба баланд бардоштани сифати азхудкунии маводи таълимӣ, ташаккули тафаккури мустақил ва рушди масъулияти академии донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин равишҳо донишҷӯёнро аз ҳолати қабулкунандаи пассиви дониш берун оварда, онҳоро ба иштирокчиёни фаъоли раванди таълим табдил медиҳанд.

Дигар усули муҳимми муосири омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ мебошад. Ин равиш имконият медиҳад, ки ҷараёни таълим дар сатҳи назариявӣ ва дар шакли аудиовизуалӣ ҷолиб ва муфассалтар баргузор гардад, ки ба амиқтар дарк намудани мавзуъ ва рушди ҷаҳонбинии фарҳангии донишҷӯён мусоидат менамояд [12, с. 18–27]. Татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни таълимӣ ба кор бурда шавад, аз ҷумла, дар дарсҳои лексионӣ, семинарӣ ва дар кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ки ин омезиш ба баланд бардоштани сатҳи фаъолиятнокӣ донишҷӯён дар раванди таълим оварда мерасонад. Масалан, дар омӯзиши мавзуи лексионии «Ташаккули фарҳанг дар давлатҳои Шарқи қадим (Миср, Ҳинд, Чин, Эрон)» истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ метавонад маърифат ва тафаккури интиқодии донишҷӯёнро бештар густариш диҳад. Дар системаи анъанавӣ, яъне хондани лексия танҳо тавассути суханронӣ ва матнҳои таълимӣ, донишҷӯён асосан, дониши назариявӣ ба даст меоранд, аммо бо ёрии тасвирҳо, аксҳо ва наворҳои таълимӣ онҳо метавонанд ёдгориҳои таърихию фарҳангии Мисри Қадим, ба мисли мақбараи Фиръавн, Ҷосер, аҳромҳои Рамзес, Тутмос I-II ва Хеопс, ёдгориҳои Чини Қадим, ба мисли девори бузурги Чини қадим, санъати меъморӣ, муҷассамасозӣ, тасвирӣ, минётурӣ, мусиқӣ, кулолгарӣ ва бофандагии Чини Қадим, ё ҳунарҳои анъанавии Ҳинди Қадим ва ёдгориҳои фарҳангии Эрони Қадим, ба таври визуалӣ бубинанд. Ин усул имконият медиҳад, ки донишҷӯён сохти моддӣ ва маънавии фарҳангро бо

чашми худ мушоҳида кунанд ва робитаи байни арзишҳои фарҳангӣ, анъана ва ҳунарҳои мардумиро низ беҳтар дарк намоянд.

Ҳамзамон, илова намудани мусиқӣ ва наворҳои таълимӣ ба ҷараёни дарс таваҷҷуҳи донишҷӯёнро бештар ҷалб намуда, равандҳои эҷодиву таҳлилиро фаъол месозад. Масалан, мусиқии анъанавӣ ё наворҳои аудиовизуалӣ, ки маросимҳо ва урфу одати халқҳои Шарқи қадимро нишон медиҳанд, ба донишҷӯён шароит фароҳам меорад, ки унсурҳои моддии фарҳанг, ҷанбаҳои маънавию рамзӣ ва таъсири онҳоро ба ташаккули фарҳанг дарк намоянд. Аз ин рӯ, татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ дар омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ сатҳи фаҳмиши назариявӣ ва қобилияти таҳлили донишҷӯёнро баланд бардошта, таҷрибаи амалӣ ва ҷаҳони назари онҳоро васеъ мекунад ва онҳоро ба иштирокчии фаъоли раванди омӯзиш табдил медиҳад.

Ҳамин тариқ, ба таври муфассал усули муосири омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ ва самаранокии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардид. Таҳлил гардид, ки истифодаи усули инноватсионӣ, аз қабили баҳс ва бозӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххас (case-study), тартиб додани тестҳо ва кроссвордҳо ва татбиқи технологияҳои мултимедиявӣ, раванди омӯзишро ҷолибу фаъол мегардонад ва ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳлилӣ, ҳамкорӣ ва масъулияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Истифодаи усули баҳс ва бозӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мавқеи худро таҳлил намуда, далелҳо ва нуқтаи назарҳои гуногунро муқоиса ва асоснок созанд, ки ин раванд ба ташаккули тафаккури мустақил ва иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил ёфтани онҳо мусоидат мекунад. Усули «case-study» тавассути эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ донишҷӯёнро водор месозад, ки мустақилона таҳлил кунанд, роҳҳои ҳалли мушкилотро баррасӣ намоянд ва ҷараёни муҳокимаи дастаҷамъона ба рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва интиқодӣ мусоидат менамояд.

Тартиб додани тестҳо ва кроссвордҳо ҳамчун усулҳои санҷишӣ ва такрорӣ донишҷӯёнро водор месозанд, ки маводи таълимиро ба тарзи систематикӣ аз худ кунанд, малакаҳои таҳлили мантиқӣ ва ҳамгиро намудани иттилоотро инкишоф диҳанд ва иштирокчии фаъоли ҷараёни омӯзиш гарданд. Истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ ҷараёни дарсро интерактивӣ, визуалӣ ва ҷолиб мегардонад, ки ин омезиш ба васеътар дарк намудани маводи таълимӣ ва рушди ҷаҳонбинии фарҳангии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, мутобиқ сохтани усули инноватсионӣ ба омӯзиши фанни фарҳангшиносӣ сатҳи азхудкунии дониш, фаъолияти эҷодӣ ва таҳлилии донишҷӯёнро баланд мебардорад ва онҳоро аз мавқеи пассив ба мавқеи фаъол ва масъул дар раванди таълим табдил медиҳад. Ин равишҳо барои рушди тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинии фарҳангӣ ва таҷрибаи амалии донишҷӯ дар самти омӯзиши фарҳангшиносӣ нақши муассир доранд.

АДАБИЁТ

1. Агибова И.М., Сорокопуд Ю.В., Филимонюк Л.А. Инновационные процессы в образовании. - Ставрополь, 2014.
2. Акрамова М., Саидов А. Дастури таълимӣ-методӣ аз фанни фарҳангшиносӣ. – Душанбе, 2025. – 160 с.
3. Анискевич А., Манчулянцев О. Краутия. - М.:ДМК Пресс, 2012. - С. 130.
4. Валеева М. А. Использование интерактивных методов обучения как условие становления социально-профессионального опыта студента // Сибирский педагогический журнал. - 2009. - № 4. - С. 88–98.
5. Евдокимова Л. А. Составление тестов как метод закрепления учебного материала // Вопросы методики преподавания в вузе. - 2014. - №3 (17). - С. 444–446.
6. Ерохин А. К. Философия образования Джона Дьюи: искушение социальным опытом // Философия образования. - 2007. - № 1. - С. 19-28.
7. Культурология / под ред. Ю. Б. Пушкова [и др.]. - М.: Проспект, 2008. - 384 с.
8. Лаврентьев С. Ю., Крылов Д. А. Современные методы обучения как средство активизации познавательной активности студентов вуза // Вестник Марийского государственного университета. - 2013. - №1. - С. 108–111.
9. Ломакина А. В. Кейс-стади. - URL: http://www.psyhodic.ru/arc.php?page=1864. Баран О. В. Возможности применения case-study в учебном процессе // Вестник МГЛУ. - 2010. - № 605. - С. 9-14.

10. Соколова Н. Л. Цифровая культура или культура в цифровую эпоху // Международный журнал исследований культуры. - 2012. - № 3

11. Стражникова Т. И. Современные технологии обучения в образовании // Научный журнал КубГАУ. - 2021. - № 6. - С. 125-131.

12. Хазова Л. В. Подходы к организации преподавания социально-гуманитарных дисциплин в негуманитарных вузах // Социально-гуманитарные знания. - 1997. - № 3. - С. 18–27.

13. Шарипов Ф.Ф., Насридинова Г.Р. Внедрение информационных технологий в систему гуманитарного образования // Вестник Таджикского национального университета. - 2015. - № 3-4. - С. 230-231

14. Юлдашев З. Ю., Бобохужаев Ш. И. Инновационные методы обучения: Особенности кейс-стади метода обучения и пути его практического использования. - Ташкент: IQTISOD-MOLYA, 2006. - С. 13.

УСУЛИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМИ ФАРҲАНГШИНОСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақола масъалаҳои марбут ба усули инноватсионии таълими фанни фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мешаванд. Фарҳангшиносӣ ҳамчун фанни иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Тағйироти босуръати ҷомеа зарурати тағдиди равишҳои таълимиро ба миён овардааст. Усули анъанавии таълим на ҳамеша ба талаботи донишҷӯёни муосир ҷавобгӯ мебошанд.

Дар мақола зарурати татбиқи равишҳои инноватсионӣ асоснок карда мешавад. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим дода шудааст. Истифодаи усули интерактивӣ муҳити фаъоли таълимиро фароҳам меорад. Донишҷӯён дар чунин муҳит иштирокчиёни фаъоли раванди омӯзиш мегарданд. Дар мақола масъалаи арзёбии самаранокии усули инноватсионӣ низ таҳлил мегардад. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ ҳамчун меъёрҳои арзёбӣ пешниҳод шудаанд. Монеаҳои татбиқи усули нав дар низоми таҳсилот муайян карда мешаванд. Норасоии захираҳо ва омодагии нокифояи омӯзгорон аз ҷумлаи мушкилот мебошанд.

Зарурати дастгирии методӣ ва касбии омӯзгорон таъкид мешавад. Таҷрибаи назариявӣ ва амалӣ самаранокии усули инноватсиониро исбот менамояд. Мақола аҳамияти рушди минбаъдаи равишҳои муосири таълимро нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: *фарҳангшиносӣ, таълими олӣ, усули инноватсионӣ, технологияи иттилоотӣ, таълими интерактивӣ, тафаккури интиқодӣ, донишҷӯ, омӯзгор, ҷаҳонишавӣ.*

ИННОВАЦИОННЫЙ МЕТОД ПРЕПОДАВАНИЯ КУЛЬТУРОЛОГИКИ В ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье рассматриваются инновационные методы преподавания культурологии в системе высшего профессионального образования. Культурология занимает важное место в формировании мировоззрения студентов. Современные социальные и культурные изменения требуют обновления образовательных подходов. Традиционные методы обучения не всегда соответствуют требованиям времени.

В работе обосновывается необходимость внедрения инновационных методов обучения. Особое внимание уделяется использованию информационных технологий в образовательном процессе. Интерактивные методы способствуют активизации учебной деятельности студентов. Обучающиеся становятся активными участниками образовательного процесса. В статье анализируются способы оценки эффективности инновационных методов. Предлагается использование количественных и качественных показателей оценки. Рассматриваются основные препятствия внедрения инноваций в образовательную практику. Среди них выделяются недостаток ресурсов и неподготовленность преподавателей.

Подчеркивается важность методической и профессиональной поддержки педагогов. Теоретический и практический опыт подтверждает эффективность инновационных подходов. В статье подчеркивается важность дальнейшего развития современных подходов к обучению.

Recently, a festival of Chinese and Tajik culture and intangible heritage was held in Dushanbe, organized at the initiative of international educational institutions. During the festival, an agreement on cooperation between media organizations and China Media Group concerning the presentation of each other's cultural days, as well as «Chinese Language + Vocational Skills» programs, was signed. These activities provide young people not only with language skills but also with professional competencies, thereby contributing to the development of intercultural understanding.

Over the past decade, the volume of translations of literary and popular-scientific works from Chinese into Tajik has increased significantly in Tajikistan. This has had a positive impact on the consolidation and improvement of Tajik citizens' proficiency in the Chinese language. Every year, on April 20, the «International Chinese Language Day» is celebrated with considerable ceremony in the Republic of Tajikistan, contributing to the wider popularization of the language.

As noted above, one of the main obstacles to educational migration for citizens of Tajikistan is insufficient knowledge of a foreign language, particularly Chinese. The Government of the Republic of Tajikistan has established and provided the necessary legal framework, conditions, and opportunities for

citizens of Tajikistan to study abroad in order to promote educational migration, so that language or other factors should no longer constitute an insurmountable obstacle.

It is proposed that the state authorities of the People's Republic of China and private companies associated with the education system establish permanent representative offices in the Republic of Tajikistan dedicated to expanding educational migration, similar to those established by other countries, such as Russia, Malaysia, and others. For example, the Russian Federation operates a representative office of Rossotrudnichestvo. Such an initiative would facilitate future opportunities for citizens of Tajikistan to study at higher and secondary professional educational institutions.

Based on the facts presented above, we can confidently conclude that educational migration between Tajikistan and China has been developing dynamically during the period of Tajikistan's state independence. The establishment of strong political, economic, cultural, and educational relations between Tajikistan and China, together with a number of geographical and social factors, has created stable and favorable foundations for the development of educational migration among citizens of Tajikistan.

References

1. *Demographic Yearbook of Tajikistan 2024* / Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan. – 2024. – 346 p. – URL: https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2025/02/demog-01.01.2024.pdf
2. Qurbunov, A. *Education and National Security: Directions and Priorities*. Collection of Articles "Education and Independence," Book 1. - Dushanbe, «Mehroj Garf», 2021. - 400 p.
3. Nikolenko, A. N. «Theoretical Approaches to the Study of Educational Migration» // *Bulletin of Volgograd State University. Series 7: Philosophy*. - 2009. - No. 1(9). - Pp. 229–234.
4. *Address of the President of the Republic of Tajikistan «On the Main Directions of the Domestic and Foreign Policy of the Republic»*. Dushanbe, December 28, 2024. - «Sharqi Ozod» Publishing House. - 40 p.
5. Pogodaev, N. P. «Russian Language Proficiency as a Condition for the Adaptation of Migrant Students from Tajikistan in the University Environment of Tomsk» // *Bulletin of Tomsk State University. Philosophy. Sociology. Political Science*. - 2015. - No. 1(29). - Pp. 91–103.
6. Pogorelskaya, A. M., Pogodaev, N. P. «Modernization of Higher Education in Tajikistan and Specific Features of Educational Cooperation with Russia in 2022–2023» // *Bulletin of Tomsk State University. Philosophy. Sociology. Political Science*. - 2024. - No. 78. - Pp. 239–248.
7. Rakhmonov, A. Kh. «Specific Features of Educational Migration from Tajikistan» // *Economic and Social Problems of Russia*. - No. 3, 2025. - Pp. 75–91.
8. Ryazantsev, S. V., Pismennaya, E. E., Rakhmonov, A. Kh. «Youth Emigration from Tajikistan to the Countries of the Organisation for Economic Co-operation and Development: History and Contemporary Trends» // *Oriental Studies*. - 2023. - Vol. 16, No. 6. - Pp. 1418–1443.
9. Sayidzoda, Z. Sh. *35 Years of the Foreign Policy of the Republic of Tajikistan under Conditions of State Independence*. - Dushanbe: «Kontras», 2026. - 204 p.
10. Sanginzoda, E. «Challenges of the Labor Market and Human Capital Development». *Human Capital of Modern Tajikistan*. - Dushanbe: «Donish», 2021. - P. 96.

DEVELOPMENT OF EDUCATIONAL MIGRATION BETWEEN TAJIKISTAN AND CHINA DURING THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE

In this article, the author examines the process of formation of educational migration during the period of state independence of Tajikistan, as well as economic and social phenomena and factors that prompted citizens of Tajikistan to migrate.

The article provides a scientific explanation of the main reasons for labor migration in Tajik society, as well as the high demand and particular interest of citizens in educational migration. The author also analyzes the development of educational migration in modern Tajikistan and the obstacles it faces.

To develop the process of educational migration in Tajikistan, the article presents the first initiatives of citizens and government agencies to provide education abroad, which have become the main driving forces of educational migration.

In this article, the author examines the process of formation and development of educational migration between Tajikistan and the People's Republic of China, which is considered one of Tajikistan's development partners in the modern era.

Key words: *human capital concept, development of educational migration, competitiveness, labor market, vocational education.*

РУШДИ МУҲОҶИРАТИ ТАҲСИЛОТ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОИЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Муаллиф дар мақола раванди ташаккули муҳоҷирати таҳсилотро дар даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва падидаву омилҳои иқтисодиву иҷтимоие, ки шаҳрвандони Тоҷикистонро барои муҳоҷират водор кардааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар мақола сабабҳои асосии пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ва афзоиши баланди талаботу таваҷҷуҳи хоссаи шаҳрвандонро ба муҳоҷирати таҳсилот аз ҷиҳати илмӣ шарҳ додааст. Дар баробари ин, муаллиф хусусиятҳои рушди муҳоҷирати таҳсилотро дар Тоҷикистони муосир ва монеаҳои онро таҳлил намудааст.

Барои рушди раванди муҳоҷирати таҳсилот дар Тоҷикистон ташаббусҳои аввалини шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ барои таъмини таҳсил дар хориҷа, ки заминаҳои асосии муҳоҷирати таҳсилот гардид, дар мақола нишон дода шудааст.

Муаллиф дар мақола раванди ташаккул ва рушди муҳоҷирати таҳсилотро миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки яке аз шарикони рушд дар замони муосир барои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, таҳқиқ намудааст.

Калимаҳои калидӣ: *Консепсияи сармояи инсонӣ, рушди муҳоҷирати таҳсилот, рақобатпазирӣ, бозори меҳнат, таҳсилоти касбӣ.*

РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ МИГРАЦИИ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И КИТАЕМ В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье автор рассматривает процесс формирования образовательной миграции в период государственной независимости Таджикистана, а также экономические и социальные явления и факторы, побудившие граждан Таджикистана к миграции.

В статье научно объясняются основные причины возникновения трудовой миграции в таджикском обществе, а также высокий спрос и особый интерес граждан к образовательной миграции. Одновременно автор анализирует особенности развития образовательной миграции в современном Таджикистане и препятствия на этом пути.

Для развития процесса образовательной миграции в Таджикистане в статье представлены первые инициативы граждан и государственных органов по предоставлению образования за рубежом, которые стали основными движущими силами образовательной миграции.

В статье автор рассматривает процесс формирования и развития образовательной миграции между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой, которая считается одним из партнеров Таджикистана по развитию в современную эпоху.

Ключевые слова: *концепция человеческого капитала, развитие образовательной миграции, конкурентоспособность, рынок труда, профессиональное образование.*

Information about the author: ***Zuvaidov Nematullo Ismatulloevich*** *- PhD, Hunan University of Technology, People's Republic of China. Tel.: +992-918-44-14-46, e-mail: nematullozuvadov@bk.ru.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зувайдов Неъматулло Исматуллоевич*** *- доктор PhD, Донишгоҳи технологии Ҳунан, Ҷумҳурии Халқии Хитой. Тел.:+992-918-44-14-46, e-mail: nematullozuvadov@bk.ru.*

Сведения об авторе: ***Зувайдов Нематулло Исматуллоевич*** *— доктор PhD, Хунаньский технологический университет, Китайская Народная Республика. Тел.: +992-918-44-14-46, электронная почта: nematullozuvadov@bk.ru.*

ТАРБИЯИ ЭКОЛОГӢ ВА РУШДИ РАФТОРИ ДУРУСТ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Рустамзода К. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тарбияи экологӣ ва рушди рафтори муназзами хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳадафи муҳим дошта, ба ташаккули рафтори масъулиятбор ва худогоҳии экологӣ нигаронида шудааст, то хонандагон дар оянда ба муҳити зист, захираҳо ва табиати зинда арҷу эҳтиром гузоранд. Инчунин, дарки муҳити атроф ва фаҳмидани таъсири амалҳои одамон ба экосистемаҳо, рушди

одатҳои дуруст, ки ҳамчун омили ташаккули низоми саҳеҳ ва мутаносиби экологӣ мебошанд, дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Мафҳуми тарбияи экологӣ ва рушди рафтори муназзам дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ як қатор паҳлуҳои муҳимро дар бар мегирад.

Тарбияи экологӣ - ин раванде аст, ки дар он хонандагон маълумотро дар бораи муҳити атроф, захираҳои табиӣ, экосистемаҳо ва ҳифзи муҳити зист аз худ мекунанд. Ба онҳо фаҳмонда мешавад, ки ҳаёти одамон, ҳайвонот ва растаниҳо ба ҳам алоқаманд буда, ҳар як амали анҷомдодаи онҳо метавонад ба табиат таъсир расонад.

1) Рушди рафтори муназзам дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ - ин раванди нигоҳ доштани манбаъҳои табиӣ барои оянда мебошад. Хонандагон ҳис бояд кунанд, ки онҳо на танҳо ҳозир, балки барои насли оянда низ маълумоти бештар дода тавонанд.

Хусусиятҳои тарбияи экологӣ ва рушди рафтори муназзам барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ як қатор мафҳумҳоро дарбар мегиранд.

2) Ҳис кардани муҳити зист ва таъсири он дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ- хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд фаҳманд, ки ҳар як амали онҳо метавонад ба муҳити зист ва табиат таъсир расонад. Масалан, ки бо коркарди пластик, партовҳо, ва истифодаи нодуруст аз захираҳои табиӣ чӣ гуна экосистема метавонад осеб бинад.

- барои хонандагон муҳим аст, фаҳманд, ки чӣ гуна коркарди барзиёд, истифодаи пластик ва нақлиёт дар тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад.

3) Таъсири шахсӣ ба мувозинати табиӣ: - рафтори муназзам ва саҳеҳ хонандагонро ташвиқ мекунад, ки масъулиятро дар назди табиат ҳис кунанд ва ҳамеша кӯшиш намоянд, ки ҳангоми истифодаи захираҳо ба мувозинати табиӣ аҳамият диҳанд. Масалан, ба хонандагон бояд омӯхта шавад, ки ба ҳадди ақал аз захираҳои об ва энергия дуруст истифода баранд.

4) Ташаккул ва ташвиқи хонандагон оид ба фаҳмонидани тарбияи экологӣ:- тарбияи экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ чунин кумак мекунад, ки хонандагон дар муносибат бо муҳити зист одатҳои дуруст ва масъулиятбор пайдо мекунанд, ки на танҳо ҳангоми таҳсил, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо низ ба кор меоянд

- масалан, ба хонандагон фаҳмонида шавад, ки чӣ гуна кам кардани партовҳо ва истифодаи партовҳо дар муҳити зист ва хӯрдани ғизоҳои органикӣ зарарнок аст.

5) Масъулиятпазирӣ ва ҳифзи муҳити зист: ба хонандагон чӣ гуна бояд фаҳмонида шавад, ки ҳар як амал ва рафтори онҳо метавонад боиси хубӣ ё зарари муҳити зист гардад. Бо ёрии омӯзгорон хонандагон фаъолиятҳои амалии худро нишон медиҳанд. Масалан, (боғдорӣ ё ҷамъоварии партовҳо), хонандагон на танҳо бо муҳити аслӣ ошно мешаванд, балки амалҳои мунтазамро иҷро мекунанд.

6) Истифодаи бевоситаи фаъолиятҳои экологӣ: - тарбияи экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавонад ба фаъолиятҳои амалӣ ва таҷрибаҳо асос ёбад, то хонандагон дарк кунанд, ки муҳити зист ва табиатро чӣ гуна ба қадри имкон муҳофизат кардан мумкин аст.

- масалан, ташкил кардани боғи муассисаи таълимӣ ё коркарди лоиҳаҳои таҳқиқотӣ дар бораи ҳайвонот ва растаниҳо метавонад хонандагонро ба амалиёти воқеии экологӣ водор созад.

7) Аҳамияти кам кардани истифодаи пластик ва партовҳо дар муҳити зист: - ин ёдоварӣ ва маърифати экологӣ дар хонандагон метавонад нақши муҳим дар шинохти мавқеи партовҳо, пластик ва истифодаи захираҳои табиӣ дошта бошад:

- масалан, хонандагон дарк мекунанд, ки чӣ гуна истифодаи партовҳо ва пластик ба муҳити атроф осеб мерасонад ва чӣ гуна коркарди дубораю истифодаи камтар ва онҳо метавонад таъсироти мусбат ба муҳити зист дошта бошад.

8) Фаъолият ва машғулиятҳо тавассути ҳавасмандкунии иэҷодӣ оид ба муҳити зист дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ: - воситаҳои аёнӣ, тасвирҳо, аниматсия ва бозиҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ба шарҳу шеваҳои гуногуни рафтори экологӣ бо амалҳои муназзам шинос шаванд:

- масалан, тавасути барномаҳои аниматсионӣ хонандагон метавонанд рафтори муназзамии экологӣ ва усули тадбиқи онро дар ҳаёти ҳаррӯза омӯзанд.

Намунае аз фаъолиятҳои барои рушди рафтори муназзам дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

1) Фаъолияти «Сайри экологӣ»: - Хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавонанд ба як сайри экологӣ, ба олами атроф рафта, бо экосистемаҳо, ҳайвонот, ва растаниҳо шиносоӣ пайдо кунанд. Дар рафти сайри экологӣ хонандагон метавонанд ба муҳити зист шинос шаванд ва донанд, ки чӣ гуна муносибат бо табиат метавонад ба ояндаи он таъсиргузор бошад.

2) Фаъолияти «Ҷамъоварии партовҳо»:

- ба воситаи бозиҳои эҷодӣ мо метавонем хонандагонро ташвиқ кунем, ки чӣ гуна партовҳоро кам кардан ва дубора истифода бурдан мумкин аст;

- барои намуна, дар муассисаи таълимӣ ё маҳаллаҳо мо метавонем дар байни хонандагон як озмун барои ҷамъоварии партовҳо ташкил кунем ва хонандагон якдигарро барои ҷустуҷӯйи роҳҳои омодагӣ ба ҷамъоварии партовҳо ҳавасманд созанд.

3) Ташкили гузаронидани саёҳат дар муҳити зисти «боғи сабзи муассисаи таълимӣ»: - хонандагон метавонанд дар боғи муассисаи таълимӣ растаниҳо ва гулҳои сабз парвариш намоянд. Вақте, ки хонандагон барои нигоҳ доштани муҳити зист саҳми худро мегузоранд, имкон пайдо мекунанд, ки нисбат ба ояндаи табиат дилсӯз бошанд.

Тарбияи экологӣ ва рушди рафтори муназзам барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ муҳим дониста мешавад Тарбияи экологӣ ба хонандагон шароит муҳаё месозад, ки муҳити зист ва табиатро эҳтиром кунанд ва барои нигоҳ доштани муҳити зисти солиму бонизом масъулият ҳис намоянд. Пас, рафтори муназзам дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфта, бо донишҳои экологӣ ва амалҳои дуруст устувор мегардад.

Тарбияи экологӣ барои хонандагон на танҳо дар доираи дарсҳо, балки дар фаъолияти корҳои беруназсинфӣ низ амалӣ гардонида мешавад. Зимни корҳои беруназсинфӣ, дар раванди дарс гузаронидани корҳои зарурӣ хонандагонро ба меҳнат ва фароғат ҷалб менамояд.

Дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ ҷалби хонандагон ба истифодаи усули фаъоли таълим муфид арзёбӣ мегардад. Маърифати экологӣ ба хонандагон тавассути шиносоии мустақим бо табиат, мушоҳидаҳо оид ба табиат ва муҳити атроф таҳким меёбад. Аз нуқтаи назарияи фалсафии Жан-Жак Руссо, ки дар асри XVIII баён гардида буд, истифодаи сафарҳои экологиро оид ба муҳити атроф пешниҳод мекард, ки хонандагон бояд дар муҳити табиӣ ташаккул ёбанд, то кунҷковии табиии худ ва қобилияти омӯхтани олами атрофро ба дараҷаи баландтар муҳим арзёбӣ кунанд.

А. М. Новиков, қайд менамояд, ки «Экскурсия як шакли ташкилӣ мебошад, ки ба хонандагон имкон медиҳад, то аз роҳи мусоҳиба ва омӯзиш дар муҳити табиӣ ё сунъӣ раванди омӯзиширо таҷриба кунанд, ва дар натиҷа, онҳо донишҳоро дар шеваи амалӣ ва таъсирбахш ба даст меоранд» [10, с. 76].

Дар робита бо рушди экология дар раванди таълим дар ин замина, В. А. Ясвин ва С.Д. Дерябо чунин мафҳуме пешниҳод мекунанд: «Экскурсияи экологӣ як шакли таълими экологӣ мебошад, ки боздиди гурӯҳӣ аз манзараҳои табиӣ ё муассисаҳои фарҳангӣ барои расидан ба мақсадҳои зерини таълимӣ вобаста мешаванд» [6, с. 29].

Методҳое, ки арзишҳои экологиро таҳлил ва ислоҳ мекунанд, самарабахштаринанд, зеро хонандагонро водор мекунанд, ки на танҳо манфиатҳо ва ниёзҳои худро дарк кунанд, балки арзишҳои муҳимми экологиро онҳо ба назар гиранд. Омӯзгорон бо такя ба таҷрибаи мушоҳидаи мустақим ва далелҳои қатъӣ кӯшиш мекунанд, ки аксуламалҳои эмотсионалӣ ва эҳсосиро дар хонандагон бедор кунанд ва онҳоеро, ки бо табиат ва муҳити зисти атроф алоқаманданд, ба масъалаҳои экологӣ ҳидоят намоянд.

Дар марҳилаи ташаккули масъалаҳои экологӣ, усули фаъолият, ки барои рушди мустақили донишҷӯён пешбинӣ шудаанд, хеле муҳиманд. Ба хонандагон супоришҳо ва вазифаҳо дода мешаванд, ки беҳтарин роҳҳои ҳалли мушкилотро пайдо кунанд. Баҳсҳо ва муҳокимахое, ки дар раванди таълим ба амал меоянд, кумак мекунанд, то муносибати шахсии хонандагон ба масъалаҳои экологӣ ба таври дақиқ баён шавад ва онҳоро бо шароити воқеии муҳити зисти маҳаллӣ ошно намоянд.

Дар марҳилаи асосноккунии назариявии роҳи ҳамоҳангсозии ҷомеа бо табиат, муаллим барои нишон додани асосҳои илмии ҳифзи муҳити зист дар заминаи васеъ ва бисёрҷониба, ки омилҳои глобалӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро дарбар мегиранд, аз ҳикояҳо ва масъалаҳо истифода мебарад. Фаъолияти маърифатӣ, ки моделсозии вазъиятҳои экологиро ташвиқ мекунад, то

хонандагон барои қабул кардани қарорҳои ахлоқӣ ва эҷоди самтҳои арзишманд ва муҳимми экологӣ муваффақ гарданд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки манфиатҳо ва ниёзҳои худро бо роҳи дуруст ва беназир инкишоф диҳанд.

Ҳамчунин, роҳои таълимии гуногун дар омӯзиш аҳамияти умумиҷаҳонӣ доранд. Масалан, таҷрибаҳои миқдорӣ, ки миқдорҳо, параметрҳо ва доимиҳоро барои муайян кардани падидаҳои экологӣ чен мекунанд, имкон медиҳанд, ки хонандагон на танҳо бо маълумоти назариявӣ, балки бо ченкунии муҳити зист дар амал шинос шаванд [11].

Ноил шудан ба ҳадафҳои таълими маърифати экологӣ талаб мекунад, ки роҳҳо ва шаклҳои истифодашударо бознигарӣ кунанд. Омӯзгороне, ки дар синфҳои ибтидоӣ кор мекунанд, одатан, усул ва шаклҳои таълимро интихоб мекунанд, ки Н. А. Фролова ва Л. С. Квастсова чунин баррасӣ кардаанд:

- ҳавасманд кардани хонандагон барои васеъ кардани дониши худ дар бораи муҳити зист;
- рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти пешгӯйии оқибатҳои фаъолиятҳои экологӣ;
- рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва қобилиятҳои мустақилонаи ба даст овардани донишҳо;
- ҷалби донишҷӯён ба фаъолиятҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои экологӣ дар маҳал.

Барои дарк кардани воқеият ва таъсири экологӣ хонандагони синфҳои ибтидогӣ ба фаъолиятҳои амалӣ ҷалб мешаванд. Масалан, ҷустуҷӯйи табиати нодир, таъсиси пайроҳаҳои экологӣ, барқарорсозии ҷангалҳо ва паҳн кардани донишҳои экологӣ [8, с. 49].

Рушди донишҳои экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути супоришҳое, ки бояд ба масъалаҳои экологӣ равона шаванд, амалӣ карда мешавад. Супоришҳо, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, бояд на танҳо муносибатҳо байни организмҳо ва муҳити зисти онҳо, балки ҷанбаҳои арзишӣ, меъёрӣ ва амалии муносибатҳои инсонро бо муҳити табиӣ ва иҷтимоии онҳо низ мавриди омӯзиш қарор бидиҳанд. Ба ин тартиб, хонандагон ба таҳқиқоти мустақилона машғул мешаванд, ба худмуйянкунии оқибатҳои рафтор ва фаъолияти худ дар муҳити зист машғул мешаванд, малакаҳои амалиро аз худ мекунанд ва ба фаъолиятҳои мунтазам машғул мешаванд.

Роҳои асосии таълим дар ин раванди экологӣ мушоҳида, озмоиш ва моделсозӣ мебошанд. Ин раванд шаклҳои фаъолиятҳои таълимии ғайримуқаррариро барои хонандагон муайян мекунад, ки махсусан, дар фанҳои экологӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар ин маврид, акнун мо метавонем мисоли мушахасро дида бароем: экскурсияҳо, дарсҳо бо маводи тақсимотӣ, корҳои амалӣ ва лабораторӣ дар синфхона, гӯшаи табиат, табиат ва мушоҳидаҳои мустақилона, ки хонандагон дар онҳо иштирок мекунанд.

Ба мушоҳида ҳамчун усули муҳимми дарки табиат ва муҳити атроф аз ҷониби маорифпарварон ва олимон, аз ҷумла Е. И. Тихеева, О. Иогансон, А. А. Быстров, П. М. Башо, Е. И. Залкинд, С. А. Веретенникова ва П. Г. Саморукова, аҳамияти калон дода шудааст. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки ба равандҳои экологӣ диққат диҳанд ва ҳангоми шиносоии муҳити атроф ба он шавқ ва муҳаббат пайдо кунанд.

Барои ташаккул додани фаъолияти маърифатӣ, лозим аст, ки мушоҳидаҳо ба таври мақсаднок ва ба роҳнамоии муаллим анҷом дода шаванд. Е. И. Залкинд ва дигарон таъкид кардаанд, ки ҳангоми мушоҳида роҳнамоии хонандагон аз ҷониби омӯзгор хеле муҳим аст. Мушоҳида як раванди мураккаби маърифатӣ аст, ки дар он ҳиссиёт ва ақл якҷо инъикос мешаванд, хонандагон тавассути мушоҳида, тафаккури худро рушд медиҳанд ва ба табиат шавқ ва муҳаббат пайдо мекунанд.

Барои гузаронидани фаъолияти таълимии экологӣ дар муассисаҳои таълими ибтидоӣ, метавон самтҳои зеринро истифода кард:

- таъсиси инфрасохтори бехатари экологӣ ва ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- ташкили фаъолиятҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ барои хонандагон, ки ба омӯзиши экология равона шудаанд;
- татбиқи курсҳои иловагии таълимӣ барои тақвият додани донишҳои экологӣ;
- ташкили кор бо волидон ва намояндагони қонун, то онҳо низ дар ташаккули муҳити экологии мувофиқ кумак кунанд [7, с. 20].

Инчунин дар синфҳои ибтидоии муассисаи таълимӣ, бозӣ ҳамчун як шакли пешбари фаъолият барои муассисаи таълимӣ аҳамияти худро нигоҳ медорад. Дар фаъолиятҳои таълимӣ,

бозӣ ба рушди ангезаи хонандагон барои азхуд кардани олами табиат кумак мекунад. Роҳҳо ва шаклҳои таълими экологӣ ба ҳадафҳои таълим дар синфҳои ибтидоӣ алоқаманд буда метавонанд.

Таълими экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд на танҳо маълумот, балки амалҳои экологиро низ дар бар гирад. Шаклҳои гуногуни таълим ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ кумак мекунанд, ки ба табиат ва муҳити зист бо масъулият ва эҳтиромкорӣ муносибат кунанд. Ин ҳам хонандагонро барои фаҳмидани масъулиятҳои экологӣ ва амалӣ кардани рафтори муназзам дар зиндагӣ омода мекунад.

Шаклҳои мухталифи фаъолиятҳо хонандагонро барои шиносоии муҳити зист ва рафтори муназзам ҳавасманд месозад.

Хусусияти фарқкунандаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки аз давраи бозӣ, ҳамчун фаъолияти асосӣ ба давраи омӯзиш мегузаранд. Бозӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ як фаъолияти табиӣ ва хеле гуворо мебошад, ки хислатҳои онҳо ва қобилиятҳои маърифатии онҳоро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, усули таълими бозӣ метавонанд дар таълими экологӣ хеле муфид ва самаранок татбиқ шаванд, зеро онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки бо шавқ ва манфиат ба омӯзиш ва шиносоии дарки олами табиат фаъолона ҷалб шаванд [5, с. 22].

Дар раванди тарбияи экалогӣ бозиҳо ва нозукиҳои бозӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон қобилиятҳои маърифатии худро инкишоф диҳанд. Бозӣ, ҳамчун усули таълимӣ на танҳо як воситаи фароғат, балки як роҳест, ки хонандагонро бо муҳити атроф ва масоили экологӣ шинос мекунад. Н. С. Лукин дар асарҳои худ, дар бораи падидаҳои экологӣ дар бозиҳо ба хулосае омадааст, ки ин синну сол ба ҳаёти воқеии хонандагон робитаи зич дорад.

Бозиҳои рақобатпазири экологӣ як навъ бозиҳое мебошанд, ки на танҳо барои ҳавасманд кардани хонандагон, балки барои муаррифии донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои экологӣ равона шудаанд. Рақобат, ки ҳамеша ҳамчун ангезандаи фаъолият ва таҳрикдиҳандаи ягон масъалаи ба экалогия рабтдошта дар инсонҳо амал мекунад, хусусан, дар байни хонандагон ва омӯзгорон маъмул мебошад. Мусобиқаҳои гуногуни экологӣ, ки ба тарзи бозӣ амалӣ мешаванд: мусобиқаҳои рақобати, лоиҳавӣ, мусобиқаҳои муаммоҳои калима ва дигар шаклҳои бозӣ, ба шумор меравад.

Мундариҷаи бозиҳо дар муҳити таълим метавонад гуногун бошад. Якчанд қисматҳои падидаҳои табиӣ, тағйироти ҳаёти растаниҳо ва ҳайвонот, меҳнати инсон дар вақти муайян, робитаҳо ва вобастагиҳои байни табиат ва масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва саломатӣ ва ғайра. Масалан, ба монанди «Тахмин кунед ва ном гузоред», «Кӣ чӣ мехӯрад?», «Кӣ дар куҷо зиндагӣ мекунад?», «Дар дарахт чӣ мерӯяд?» ва бозиҳои дигар метавонанд дар раванди дарсҳои амалӣ ва беруназсинфи истифода карда мешавад.

Дилхоҳ бозиҳои анъанавӣ, ки дорои қоидаанд, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аҳамияти тарбияи экалогӣ доранд. Масалан, бозии тақлиди рафтори ҳайвонот ё бозӣ бо тӯб аз ин қабил бозиҳо ба шумор мераванд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо шавқ ба чунин бозиҳо машғул мешаванд, зеро онҳо табиатан, ба бозиҳои маъмулӣ ва вақтхушӣ шинос ҳастанд. Ин гуна, бозиҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷолиб буда, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури мантиқияшонро тақвият мебахшанд.

Барои суҳбатҳои ахлоқӣ оид ба тарбияи экологӣ, истифода аз мавзуъҳои гуногун яке аз роҳҳои судманд аст. Масалан, мавзуъҳо ба монанди «Табиат ҳимояро талаб мекунад», «Мо аз табиат меомӯзем», «Парандагон дар бораи чӣ месароянд» ва ғайра метавонанд хонандагонро ба хулосаҳои амиқ биоваранд.

Суҳбатҳои ахлоқӣ дар ташаккули тасвири илмии хонандагон дар бораи ҷаҳон ва фаҳмидани мавқеи худ дар низоми олами зинда ва вазифаи масъулияти онҳо барои ҳифзи муҳити табии замин кумак мекунад [3, с. 12].

Кор бо адабиёти бадеӣ, ки қиссаҳои таърихӣ, табиӣ, шеър, хондани афсонаҳо, суҳбатҳо ва тамошои намоишномаҳои лӯхтакро дар бар мегирад, дар рушди шавқ ва маърифати экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим мебозад. Тавре ки Л. П. Молодова таъкид кардааст: «Афсона, ҳикоя, шеър ё расм хонандагонро ба шиносоии табиат ва мавҷудоти зинда мерасонанд, дарки воқеият ва эҳсоси амиқро меомӯзанд. Хондани асарҳои бадеӣ, ки дар онҳо мушоҳидаҳои

табиати зинда ва тамоми раванди зиндагии табиат нишон дода мешаванд, хонандагонро на танҳо ба дарки илмии табиат ва рафтори мавҷудот равона мекунад, балки онҳоро бо табиат ҳамдард ва мувофиқ мекунад. Чун хонандагон дарк мекунанд, ки табиат ва мавҷудоти зинда эҳсос ва муносибатҳоро меҷӯянд, онҳо инчунин як ҳисси масъулият ва эътиборро нисбат ба муҳити атроф ва ҳамзистӣ бо табиат пайдо мекунанд».

Табиат як шакли муҳим ва муассири таълими экологӣ барои хонандагон аст. Хонандагон ба муҳити табиӣ ва муҳити зисти инсон шинос мешаванд, гуногунии растаниҳо ва ҳайвонотро меомӯзанд ва барои ҳифзи муҳити зист кумак мерасонанд. Масалан, ташкил ва гузаронидани Рӯзи табиат – на танҳо омӯзиш, балки амал кардани хонандагон бо усулҳои омӯзиши табиат ва беҳтар кардани солимии муҳити атроф мебошад.

Корҳои беруназсинфӣ, ки равиши экалогӣ доранд, дар синфҳои ибтидоӣ нақши калидӣ мебозанд. Бо истифода аз он дар мавзуи таърихи табиат, мо метавонем ба хонандагон кумак кунем, ки донишҳои экологиашонро тақвият бахшанд, қобилиятҳои зеҳнӣ ва мустақилияти онҳоро рушд диҳем, онҳоро ташвиқ кунем, ки хулоса бароранд ва фикронии худро нисбат ба муҳити зист муқоиса карда тавонанд [1, с. 9].

Кор дар самти ҳамгироии донишҳо имконият медиҳад, ки хонандагон робитаҳои байни ашё ва падидаҳои табииро дарк намоянд, қонуниятҳои экологии табиатро муайян карда, шарҳ диҳанд. Омӯзиши робитаҳо дар ҷаҳони атроф ва дарк кардани таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист муҳим мебошад. Ин раванд як раванди тӯлонӣ ва мураккаб аст, ки ба ташаккули огоҳии экологӣ ва муносибати масъулиятнок нисбат ба табиат кумак мекунад.

Ғайр аз он, ҷамъбасти дарсҳо на танҳо ба арзёбии дониш, балки ба истифодаи воситаҳои таълимӣ ва техникаи таълимии замонавӣ имкон медиҳад. Ин воситаҳо метавонанд ба ҷалби хонандагон ва боиси самаранокии дарсҳо шаванд, ки дар натиҷа ба натиҷаҳои беҳтари таълимӣ оварда мерасонанд.

Ҳамин тавр, дарс ҳамчун шакли анъанавии раванди таълим, сарфи назар аз сохтори қатъии танзимшавандаи он, имкониятҳои назаррасеро барои тарбияи экологӣ ва рушди хислатҳои хуби хонандагон фароҳам месозад. Ҳар қадар ки маводи таълимӣ бой ва ҷолиб бошад, ҳамон қадар хонандагон қобилият пайдо мекунанд, ки донишҳои экологиро амиқ ва самаранок азхуд намоянд. Ҳар қадар тафаккури мантиқии хонандагон васеъ бошад, ҳамон қадар қобилияти экалогии онҳо беҳтар мешавад. Усули асосии таълим дар тарбияи экологӣ мушоҳида, озмоиш ва моделсозӣ мебошанд. Ин усул шаклҳои гуногуни ташкил ва гузаронидани дарсҳоро, ки ба фанни муайян хос мебошанд, муайян мекунанд.

Дар мақола гуфта мешавад, ки тарбияи экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ як раванди муҳимми таълимӣ аст ва ба ташаккули шуури экологӣ ва масъулиятпазирӣ дар муҳити зист ва табиат нигаронида шудааст. Дар як дунёи рушдёбанда, ки ба мушкилоти таҳдидҳои экологӣ, ба монанди гармшавии глобалӣ, олудашавии ҳаво ва захролудшавии об рӯбарӯст, шомил кардани ин масъулият дар барномаҳои таълимӣ барои кӯдакон хеле муҳим аст. Тарбияи экологӣ ба хонандагон ёрӣ медиҳад, фаҳманд, ки чӣ гуна амалҳои хурд ва рафторҳои рӯзмарра метавонанд дар сатҳҳои глобалӣ ба муҳити зист таъсири манфӣ ё мусбат расонанд.

АДАБИЁТ

1. Дерябо С. Д., Ясвин В. А. Экологическая педагогика и психология. - Ростов-на-Дону: «Феникс», 2006. - 480 с.

2. Егоренков Л. И. Основы начального экологического воспитания: Учебное пособие. - М.: Прометей, 1996. - 126 с.

3. Икромова Н. Н. Экологическое воспитание в начальной школе: проблемы и перспективы // Экология и образование. - 2021. - №9. - 102 с.

4. Квасцова Л. С., Фролова Н. А. О некоторых аспектах экологического образования школьников. // Биология в школе. - 2004. - №3. - 85 с.

5. Маҳмадалиев С. С. Таҳлили усулҳои тарбияи экологӣ дар мактабҳои ибтидоии Тоҷикистон // Маориф ва ҷомеа. - 2018. - №7. - 95 с.

6. Молодова Л. П. Методика работы с детьми по экологическому воспитанию / Минск – Асар, 2004. - 158 с.

7. Насриддинова Л. Л. Таъсири тарбия ва маърифати экологӣ дар фарзандони синфҳои ибтидоӣ // Педагогикаи экологӣ. - 2020. - №5. - 134 с.

8. Новиков А. М. Основания педагогики. - М.: Эгвес, 1-е изд., 2010. - 208 с.

9. Программа формирования экологической культуры, культуры здорового и безопасного образа жизни [Электронный ресурс] – Режим доступа:https://nsportal.ru/nachalnaya shkola/raznoe/2012/10/05/programma-formirovaniya-ekologicheskoy-kultury-kultury-zdorovogo (Дата обращения 10.11.2017).

10. Раҷабов А. А. Равандҳои экологӣ ва таъсири онҳо ба рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ // Журнал экологии Тоҷикистон. - 2019. - №2. - 86 с.

11. Шодиев Ҳ. М. Тарбияи экологӣ ва рушди устувор дар мактабҳои ибтидоӣ // Маориф ва тарбия. - 2017. - №4. - 112 с.

ТАРБИЯИ ЭКОЛОГӢ ВА РУШДИ РАФТОРИ ДУРУСТ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таълими экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷузъи муҳими раванди таълимӣ буда, ба тарбияи огоҳии экологӣ ва масъулият барои табиат ва муҳити зист нигаронида шудааст. Дар ҷаҳони босуръат рушдёбанда ва ифлоскунанда, ки бо таҳдидҳои экологӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, ифлосшавии ҳаво ва об рӯбарӯ аст, ворид намудани масъулияти экологӣ ба таълими мактабӣ муҳим аст. Таълими экологӣ ба кӯдакон кӯмак мекунад, ки фаҳманд, ки чӣ гуна ҳатто амалҳои ҳаррӯзаи онҳо метавонанд ба муҳити зист, ҳам маҳаллӣ ва ҳам ҷаҳонӣ, таъсир расонанд.

Ҳадафи асосӣ ин инкишоф додани дониш ва малакаҳое мебошад, ки ба кӯдакон кӯмак мекунанд, ки аҳамияти ҳифзи захираҳои табиӣ ва ҳифзи экосистемаро дарк кунанд. Ин на танҳо огоҳӣ аз таъсири фаъолияти инсон ба муҳити зист, балки инчунин рушди интизоми экологӣ ва фарҳанги истеъмолро дар бар мегирад. Ин равиш рафтори устуворро тарғиб мекунад ва қабули амалияҳои устуворро, ки ба экосистема таъсири мусбат мерасонанд, ташвиқ мекунад.

Калидвожаҳо: *тарбияи экологӣ, шуури экологӣ, масъулияти экологӣ, муҳити зист, ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии иқлим, экосистема, ҳифзи экосистемаҳо, ҳифзи захираҳои табиӣ, рафтори устувор, тақрибаи устувор, донишии устувор, маърифати экологӣ.*

ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ И РАЗВИТИЕ УСТОЙЧИВОГО ПОВЕДЕНИЯ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Экологическое воспитание учащихся начальных классов является важнейшей составляющей образовательного процесса, направленной на формирование экологического сознания и ответственности за природу и окружающую среду. В условиях быстро развивающегося и загрязняющегося мира, сталкивающегося с глобальными экологическими угрозами, такими как изменение климата, загрязнение воздуха и воды, внедрение экологической ответственности в школьное образование имеет ключевое значение. Экологическое воспитание помогает детям осознать, как даже их повседневные поступки могут повлиять на окружающую среду, как на уровне местном, так и глобальном.

Основной целью является развитие знаний и навыков, которые помогут детям понять важность сохранения природных ресурсов и защиты экосистем. Это включает в себя не только осознание последствий человеческой деятельности для окружающей среды, но и формирование экологической дисциплины и культуры потребления. Такой подход способствует развитию устойчивого поведения и способствует внедрению устойчивых практик, которые будут иметь положительное влияние на экосистему.

Ключевые слова: *экологическое воспитание, экологическое сознание, экологическая ответственность, окружающая среда, загрязнение окружающей среды, изменение климата, экосистема, защита экосистем, сохранение природных ресурсов, устойчивое поведение, устойчивая практика, устойчивое образование, экологическое образование.*

ENVIRONMENTAL EDUCATION AND DEVELOPMENT OF SUSTAINABLE BEHAVIOR FOR PRIMARY SCHOOL STUDENTS

Environmental education for primary school students is a vital component of the educational process, aimed at developing ecological awareness and responsibility towards nature and the environment. In a rapidly developing world facing ecological challenges such as climate change, air and water pollution, and resource depletion, instilling environmental responsibility in educational programs is crucial. Environmental education helps children understand how their small daily actions can impact the environment both locally and globally.

The primary goal of this process is to develop knowledge and practices that enable children to understand the importance of conserving natural resources and protecting ecosystems. It involves not only recognizing the consequences of human actions on the environment but also fostering ecological discipline and consumer culture.

This approach leads to the development of sustainable behavior and encourages the implementation of sustainable practices that can have a positive impact on the ecosystem.

Keywords: *environmental upbringing, environmental awareness, environmental responsibility, environment, environmental pollution, climate change, ecosystem, ecosystem protection, conservation of natural resources, sustainable behavior, sustainable practice, sustainability education, environmental education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рустамзода Комилҷон Абдушукур*** *- унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ 121. Телефон: +99209947474.*

Информация об авторе: ***Рустамзода Комилджон Абдушукур*** *– соискатель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Рудаки, 121. Телефон: +99209947474.*

Information about the author: ***Rustamzoda Komiljon Abdushukur*** *– researcher of the Department of General Pedagogy at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Street, 121. Phone: +99209947474.*

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ФАРДИКУНОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Ҷонмирзоев Э. Ҷ.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Дар шароити муосири рушди низоми маориф баланд бардоштани сифати таълим ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи қобилиятҳои ҳар як хонанда яке аз масъалаҳои муҳимми педагогӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти асосии муҳити таълимӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон аз рӯйи сатҳи дониш, қобилияти фикрронӣ, суръати азхудкунии маводи таълимӣ, шавқу рағбат, қобилиятҳои маърифатӣ, хусусиятҳои равонӣ ва тарзи дарки иттилоот аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи якхелаи усул, шакл ва суръати таълим барои ҳамаи хонандагон на ҳамеша метавонад ба натиҷаи дилхоҳи таълимӣ оварда расонад. Дар чунин шароит зарурати истифодаи муносибати фардӣ ва фардикунонии раванди таълим бештар мегардад.

Математика ҳамчун яке аз фанҳои асосии таълимӣ дар ташаккули тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодии хонандагон нақши муҳим дорад. Омӯзиши ин фан на танҳо азхуд намудани мафҳумҳо, қоидаҳо, формулаҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳоро дар бар мегирад, балки ба рушди қобилияти мустақилона фикр кардан, муқоиса намудан, хулосабарорӣ кардан, муайян намудани робитаҳои байни мафҳумҳо ва истифодаи дониш дар ҳолатҳои гуногун мусоидат менамояд. Дар баробари ин, сатҳи омодагӣ ва имкониятҳои хонандагон дар азхудкунии маводи математикӣ яксон нест. Бинобар ин, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии онҳо яке аз шартҳои муҳими самаранокии таълими математика мебошад.

Мафҳуми «фардикунонии таълим» дар адабиёти педагогӣ ба маъноҳои гуногун истифода шуда, бо мафҳумҳои «муносибати фардӣ» ва «тафриқаи таълим» робитаи зич дорад. Бо вуҷуди наздикии ин мафҳумҳо, онҳо мазмун ва вазифаҳои яксон надоранд. Муносибати фардӣ пеш аз ҳама ба ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсии хонанда дар раванди таълиму тарбия равона шуда бошад, фардикунонии таълим ташкили чунин раванди омӯзишро дар назар дорад, ки шакл, усул, мазмун ва суръати фаъолияти таълимӣ то ҳадди имкон ба имкониятҳо ва хусусиятҳои фардии хонанда мутобиқ карда шавад. Аз ин рӯ, муайян намудани моҳияти фардикунонӣ ва фарқ кардани он аз мафҳумҳои ҳаммаъно ё наздик яке аз масъалаҳои муҳими назариявии методикаи таълими математика мебошад.

Аҳамияти фардикунонӣ дар таълими математика инчунин бо зарурати баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон алоқаманд аст. Ҳангоми ба назар гирифтани сатҳи дониш, қобилият, шавқу рағбат ва суръати азхудкунии мавод омӯзгор метавонад барои хонандагон супоришҳои мувофиқ, масъалаҳои сатҳҳои гуногуни мураккабӣ ва шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимиро пешниҳод намояд. Ин равиш барои фароҳам овардани имконияти иштироки фаъолонаи ҳар як хонанда, рушди мустақилият, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва ташаккули малакаҳои математикӣ замина фароҳам меорад.

Дар масъалаҳои педагогика ба принсипҳои ташкили раванди таълиму тарбия ва нақши муносибати мақсадноки омӯзгор дар рушди шахсияти хонанда таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд [13].

Аксар вақт, мафҳумҳои илми педагогика ба зуҳуроти махсусан, мураккаб ишора мекунанд, ки онҳо бо маъноҳои гуногун ва баъзан, хеле норавшан истифода мешаванд. Ба чунин мафҳумҳо мафҳуми «фардикунонии таълим» низ дохил мешавад. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки мазмуни ин мафҳум аз он вобаста аст, ки ҳангоми сухан дар бораи фардикунонӣ кадом мақсад ва воситаҳо дар назар дошта мешаванд. Мушкилии дигар дар он аст, ки ду мафҳуми «фардикунонӣ» ва «тафриқа» (ё фарқ) омехта шудаанд. Масалан, бархе тафриқаро ба таълим ва фардикуруниро ба омӯзиш рабт медиҳанд; дигарон фарққуниро яке аз шаклҳои фардикунонӣ меҳисобанд. Гурӯҳи дигари муаллифон мафҳуми тафриқаро тобеи мафҳуми фардикунонӣ мешуморанд, дар ҳоле ки бархе бар ин назаранд, ки фардикунонӣ худ як ҳолати махсуси тафриқа мебошад.

Фардикунонии фаъолияти таълимиро ҳамчун масъалаи муҳими педагогӣ баррасӣ намуда, мутобиқ намудани фаъолияти таълимӣ ба имкониятҳои воқеии хонандагонро яке аз шартҳои муҳими самаранокии омӯзиш медонад [9].

Барои равшантар намудани ин масъала, андешаҳои муаллифони гуногунро дар бораи фардикунонӣ баррасӣ мекунем.

И. М. Чередов менависад: «Аз нуқтаи назари муносибатҳои дидактикӣ, фардикунонии таълимро бояд ҳамчун принсипи раванди таълим фаҳмид ва таълими тафриқавӣ дар дарсҳо ҳамчун шакли мушаххаси ташкили таълим, ки шароитҳои оптималии татбиқи ин принсипро дар заминаи низоми дарс дар синф фароҳам меорад» [3. с, 132].

Ба гуфтаи ӯ, фардикунонӣ ба гурӯҳҳои хонандагоне хос аст, ки дар онҳо раванди тағйирёбандаи таълим ба роҳ монда мешавад. Фардикунонӣ ҳамчун шакли ниҳоии тафриқа арзёбӣ мегардад, ки дар он раванди таълим на ба хусусиятҳои гурӯҳӣ, балки ба хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда мутобиқ гардонида мешавад.

А. А. Кирсанов бошад, фардикунонии кори тарбиявиро чунин шарҳ медиҳад: «Системаи воситаҳои тарбиявию дидактикӣ, ки ба мақсадҳои фаъолият ва имкониятҳои воқеии маърифатии коллективи синф, хонандагони алоҳида ва гурӯҳҳои хонандагон мувофиқ аст ва имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимии хонанда дар сатҳи имкониятҳои потенсиалии ӯ, бо назардошти мақсадҳои таълим таъмин гардад».

Ҳангоми муайян кардани мафҳуми «фардикунонӣ», бархе муаллифон - монанди А. А. Бударний ва Е. Рабунский – ба хусусиятҳои гурӯҳҳои хонандагон такя мекунанд, ки дар маҷмуи муайяни сифатҳо ба ҳам монанд мебошанд.

Дар ин мақола, мафҳуми «фардикунонӣ» ба маънои зерин истифода мешавад:

Фардикунонӣ – ин таълимест, ки дар он шакл, усул ва суръати таълим ба имкониятҳои фардии хонанда ва ба дараҷаи инкишофи қобилиятҳои ӯ мутобиқ гардонида мешавад. Дар раванди таълим, хусусиятҳои фардии хонандагон дар тамоми шакл ва усули таълим ба назар гирифта мешаванд – сарфи назар аз он ки кадом хусусият ва то кадом андоза ин ба назар гирифта мешавад.

Зарурати ташкили раванди таълим дар асоси муносибати фардикунонӣ таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки хонанда бояд ҳамчун шахсияти фаъол ва иштирокчии бевоситаи раванди таълим баррасӣ гардад [1].

Дар адабиёти педагогӣ мафҳуми «равиши фардӣ» низ маъмул аст. Аксарияти кулли омӯзгорон муносибати фардиро яке аз принсипҳои асосии мактаби муосир мешуморанд: принсипи «васеъ», «умумӣ» ва «асосии» фаъолияти педагогӣ – яъне принсипи таълиму тарбия. Бо вуҷуди ин, аз он ҷо, ки баъзе муаллифон назари дигар доранд, ба ин масъала таваққуф мекунем.

Маълум аст, ки дар системаи мафҳумҳои асосии педагогика (мақсад, мазмун, принсипҳо, усул ва шаклҳои ташкили таълиму тарбия), муносибати фардиро на ҳамчун мақсад, на ҳамчун вазифа ва на ҳамчун мазмуни таълиму тарбия ҳисобидан мумкин аст. Муносибати фардӣ, ҳамчунин, наметавонад усул ё шакли ташкилии таълиму тарбия бошад, зеро шаклҳо ва усул вобаста ба тағйирёбии вазифаҳо ва мазмуни таълим тағйир меёбанд. Бо вуҷуди ин, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии хонанда дар ҷараёни таълими самаранок зарурӣ боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ, муносибати фардиро ба принсипҳои таълиму тарбия нисбат додан дурусттар аст. Татбиқи ин принсип дар амал маънои қисман, ва муваққатан, тағйир додани вазифаҳои бевосита ва ҷанбаҳои алоҳидаи мазмуни кори таълиму тарбияро дошта, ҳамзамон, доимо бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва махсуси шахсияти ҳар як хонанда тағйир додани усул ва шаклҳои ташкилиро талаб мекунад. Ҳадафи ниҳоӣ – таъмини рушди ҳамаҷониба ва мукаммали шахсияти хонанда мебошад.

Муносибати фардӣ дар раванди таълим таваҷҷуҳи муосир ба ҳар як хонанда ва шахсияти эҷодии ӯро дар шароити низоми таълими синфӣ-дарсӣ дар бар мегирад. Он тибқи барномаҳои таълимии ҳатмӣ ва иловагӣ (маҳфилҳо, бахусус дар синфҳои болоӣ) амалӣ гардида, маҷмуи оқилонаи дарсҳои фронталӣ, гурӯҳӣ ва фардиро фаро гирифта, ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди ҳар як хонанда равона шудааст.

Бо такя ба таърифҳои мафҳумҳои «раванди фардӣ» ва «фардикунонии таълим» метавон чунин хулоса кард, ки муносибати фардӣ - асли тарбия буда, фардикунонии таълим – ташкили махсуси раванди тарбия дар коллективи синфӣ (ё гурӯҳӣ) мебошад, ки ба татбиқи ҳамин принсип нигаронида шудааст [7].

Тавре ки дар боло зикр гардид, фардикунонӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон дар кори таълимро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки фардикунонӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад комилан мутлақ бошад. Азбаски дар ҳама гуна шароит ва бо истифодаи шаклҳо ва усулҳои гуногуни таълим дар мактаб ба назар гирифтани ҳамаи хусусиятҳои фардии хонандагон ғайриимкон аст, танҳо он фарқиятҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ба таври аён зоҳир шуда, дар раванди таълим аҳамияти калон доранд.

Илова бар ин, одатан, хусусиятҳои фардии на ҳар як хонандаи алоҳида, балки гурӯҳҳои хонандагон ба назар гирифта мешаванд, ки дорои сифатҳои яксон мебошанд. Яъне, ҳангоми истифодаи амалии мафҳуми «фардикунонии таълим» сухан дар бораи фардикунии нисбӣ меравад. Саволе ба миён меояд: пеш аз ҳама, кадом хислатҳои фардии шахсияти хонандаро бояд ба эътибор гирифт?

Одатан, таваҷҷуҳи омӯзгорон ба сатҳи инкишофи равонии хонанда ҷалб карда мешавад. Ин мафҳум ҳам шароити зарурии омӯзиш ва ҳам дониш, маҳорат ва қобилиятҳои бадастомадаро дар бар мегирад. Омӯзиш ё қобилияти омӯзиш мафҳумест, ки қобилияти равонии хонандаро тавсиф мекунад, яъне қобилияти ноил шудан ба сатҳи баланди азхудкунӣ дар муддати кӯтоҳ мебошад.

То куҷо таваҷҷуҳи омӯзгор ба чунин хусусияти шогирд асоснок аст? Дараҷаи инкишофи руҳӣ одатан, бо баъзе хислатҳои шахсӣ, ки ба инкишофи хонанда бевосита таъсир мерасонанд (меҳнатдӯстӣ, муносибат ба таълим, сифатҳои эҳсосӣ ва иродӣ, мустақилият, ташаббус ва ғайра), алоқаманд аст. Ҳамаи ин хусусиятҳо – ҳам сатҳи инкишоф ва ҳам хислатҳои характер – ба муваффақияти мактабӣ таъсир мерасонанд. Аммо ҳамзамон, онҳо ҳамчун натиҷаи фаъолияти таълимии мактаб низ амал мекунанд, зеро аксар вақт дар ҳамин раванди таълим ташаккул меёбанд.

Омӯзиш на танҳо тафаккури хонандаро инкишоф медиҳад, балки ба ташаккули сифатҳои фардӣ, ҳавасмандии маърифатӣ, муносибати дуруст ба меҳнат ва дигар ҷанбаҳои шахсияти ӯ мусоидат менамояд. Албатта, мумкин аст синфро ба гурӯҳҳое ҷудо намуд, ки дорои сатҳи гуногуни инкишофи равонӣ мебошанд, ва ба ҳар гурӯҳ супоришҳои мутобиқ ба сатҳи онҳо пешниҳод кард. Ин усули кори омӯзгорро низ метавон «фардикунонии таълим» номид.

Муносибати фардиро ҳамчун яке аз шартҳои муҳими самаранокии таълим баррасӣ намуда, зарурати ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагонро дар интихоби роҳу усулҳои омӯзиш таъкид мекунад [4].

Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки дараҷаи инкишофи равонӣ ва инчунин хислатҳои характери вобаста ба он устувор нестанд. Таҷрибаи педагогӣ ва таҳқиқоти равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки хонандагон вобаста ба синну сол метавонанд дар ин хусусиятҳо хеле тағйир ёбанд. Аз ин рӯ, шомил кардани онҳо ба ин ё он гурӯҳ бояд шартӣ (нисбӣ) бошад.

Хусусиятҳои шахсият, ки ба фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонанд, низ пайваста тағйирёбандаанд. Масалан, матонат ва меҳнатдӯстӣ аз оила ва кӯдакистон оғоз меёбанд; дар мактаб бошад, ташаккули сифатҳои фардии хонанда идома меёбад. Аммо ин танҳо дар ҳолате ба

амал меояд, ки омӯзгор ба ин раванд диққати махсус диҳад, хонандаро барои фаъолияти таълимӣ ҳавасманд созад ва завқи маърифатии ӯро бедор намояд.

Он гоҳ чунин ҳолат метавонад рӯй диҳад, ки як хонандаи қафомонда ё бетафовут ногаҳон ба омӯзиш ва фаъолияти фикрӣ таваҷҷуҳ пайдо мекунад. Пас, омӯзгор бояд бо таваҷҷуҳ ба инкишофи равонии хислатҳои шахсии хонанда дарк намояд, ки ин хусусиятҳои фардӣ ҳамеша тағйирёбанда ва номустақарранд.

Масалан, бо ёрии дарсҳои махсуси ислоҳӣ мумкин аст сатҳи инкишофи равониро ба таври назаррас боло бурд. Аз ин рӯ, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ бояд бо ҳадафи мушаххас – яъне ҳавасманд кардани рушди салоҳиятҳои шахсии хонандагон – анҷом дода шавад.

Аммо амалияи педагогӣ пайваста ба навъи дигари хусусиятҳои фардӣ низ рӯ ба рӯ мегардад, ки муваффақият дар фаъолияти маърифатӣ ва тарбиявӣ метавонад аз онҳо вобаста бошад. Эҳтимол нест, ки омӯзгори соҳибтаҷрибае пайдо шавад, ки ба чунин тафовутҳои хонандагон, аз қабили суръати фикрронӣ, шитоб ё сустӣ, мутамарказӣ ё парешонӣ, суръати дарк ва азёдкунӣ, самаранокӣ ва ғайра, аҳамият надиҳад.

Тавре ки яке аз муаллифон таъкид мекунад: «Азбаски вазифаи омӯзгор мураккаб кардан нест, балки осон кардани фаъолияти таълимии хонандагон аст, донистани хусусиятҳои табиии шогирдон ва ба назар гирифтани онҳо дар фаъолияти педагогӣ асоси фардикунонии таълимро ташкил медиҳад».

Тадқиқот сершумор нишон медиҳанд, ки фарқиятҳои фардӣ дар хусусиятҳои дар боло зикршуда – агар дигар омилҳо якхела бошанд (масалан, шавқ ба таълим, дониши зарурӣ, маҳорат ва малака ва ғайра) – асосан, бо омилҳои табиӣ, пеш аз ҳама хусусиятҳои системаи асаби инсон муайян карда мешаванд. Тағйир додани ин хусусиятҳо амалан, ғайриимкон аст, аммо нодида гирифтанашон низ мумкин нест, зеро онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолият, рафтор ва муносибат бо дигарон таъсири ҷиддӣ мерасонанд [8].

Бо вуҷуди ин, муносибати фардӣ, ки чунин хусусиятҳои равонӣ ва динамикии фаъолияти таълимиро ҳамчун зуҳуроти хосиятҳои системаи асаб ба ҳисоб мегирад, то ҳол дар мактабҳо ба таври васеъ ҷорӣ нашудааст. Ин бештар ба набудани имкониятҳои ташхиси хусусиятҳои типологии хонандагон дар мактаби муқаррарӣ вобаста аст, зеро омезиши хосиятҳои системаи асаб намудҳои гуногуни онро ташкил дода, онҳоро аксаран типҳои фардӣ ё типологӣ меноманд. Дар аксари мактабҳо равоншинос нест ва омӯзгорон низ барои анҷоми чунин ташхис омода нестанд.

Самаранокии раванди таълим аз интихоби оқилонаи мазмун, усул, восита ва шаклҳои ташкили таълим вобаста буда, онҳо бояд ба имкониятҳои воқеии хонандагон мутобиқ карда шаванд [2].

Маълум аст, ки усули гуногуни таълим ба ҳолат ва натиҷаи фаъолияти хонандагон бо хусусиятҳои типологии гуногун таъсири мухталиф мерасонанд. Омӯзгоре, ки хосиятҳои системаи асаби хонандагонро дар фаъолияти таълимӣ ҳамчун омилҳои муҳим эътироф мекунад, бояд барои онҳо усул ва чораҳои махсуси омӯзишро ба роҳ монад, ки ба пешрафти таълимии онҳо мусоидат мекунад.

Биёед баъзе аз ин усулро баррасӣ кунем.

Усули махсуси кор бо хонандагони «заиф» ва «қавӣ»

Барои хонандагони дорои системаи асаби заиф тавсия дода мешавад:

1.Онҳоро ба ҳолатҳои саволҳои ногаҳонӣ ва ҷавобҳои зуд дучор насозед;

2.Барои фикр кардан ва омодагӣ вақти кофӣ диҳед;

3.Ҷавобҳо беҳтар аст хаттӣ бошанд, на шифоҳӣ;

4.Аз маҷбур кардани онҳо ба ҷавоб додани маводи тоза худдорӣ кунед – пурсишро то дарси дигар мавқуф гузоред;

5.Бо интихоби дурусти тактикаи пурсиш ва ҳавасмандгардонӣ (на танҳо баҳо, балки таърифҳое мисли «офарин», «хуб», «бачаи хуб», «духтари зирак» ва ғ.) эътимоди онҳоро боло баред;

6.Ба нокомии онҳо бо эҳтиёт муносибат кунед, зеро худи онҳо ба нокомӣ ҳассосанд; ҳатман барои кӯшиш ва субот мукофот диҳед, ҳатто агар натиҷа дилхоҳ набошад;

7.Ҳангоми омодасозии ҷавобҳо имконият диҳед, ки он чизеро, ки навишта шудааст, санҷида ва ислоҳ намоянд;

8.То ҳадди имкон диққати онҳоро парешон накунед ва муҳити ором фароҳам ored;

9.Агар имкон бошад, онҳоро дар аввали дарс пурсед, на дар охири рӯз;

10. Муҳим аст, ки хонандаро омӯзонед, то нокомиро дуруст қабул кунад. Ба ӯ фаҳмонед, ки нокомӣ ҷузъи табиии омӯзиш аст ва сабаби ноумедӣ нест. Бояд хонандаро аз хурдӣ ба доираи ҳар як амал омода кард [9].

Муносибати фардиро дар раванди таълим ҳамчун шарти муҳими ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон баррасӣ намуда, зарурати мутобиқ намудани фаъолияти омӯзгорро ба имкониятҳои гуногуни хонандагон таъкид мекунад [14].

Ба хонандагоне, ки системаи асаби заиф доранд ва дар гурӯҳи рӯзона иштирок мекунанд, бояд диққати махсус дода шавад. Бо назардошти хусусиятҳои табиати равонии онҳо, чунин хонандагон наметавонанд дар як гурӯҳ бо тамоми синф, бахусус дарсҳои шифоҳӣ, фаъолона иштирок кунанд: онҳо зуд азият мекашанд, тез хасташавандаанд ва аз ҳузури дигарон халал мебинанд. Аз ин рӯ, барои онҳо истифодаи ҷойҳои иловагӣ ба монанди китобхона, толорҳои бозӣ, майдончаҳои истироҳат ва дигар фазоҳои ором мувофиқ мебошад.

Ҳангоми омӯзиши мустақилона ба ин хонандагон бояд иҷозат дода шавад, ки худ танаффус гиранд, каме истироҳат кунанд ва дар вақте, ки марҳилаи муайяни кориашон анҷом меёбад, фурсат пайдо кунанд, ки барқарор шаванд. Тактикаи омӯзгор нисбат ба хонандагони дорои системаи асаби пуркувват бояд чӣ гуна бошад?

Агар фаъолият якранг, беэҳсос ва холӣ аз имкони истироҳат бошад ва илова бар ин бо мачбуркунӣ ҳамроҳ гардад, хонандагони дорои системаи асаби «қавӣ» низ метавонанд зуд хаста шаванд ва аз дарс безор шаванд. Гарчанде ки онҳо аз ҷиҳати мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ мушкил надоранд, омӯзиши устувор бояд бе ҷамъшавии хастагӣ ва фишори равонӣ бошад. Ба чунин хонандагон ҳам бояд фурсат дода шавад, ки танаффуси кӯтоҳ гиранд ва навъи фаъолияти худро тағйир диҳанд, агар ин имкон дошта бошад.

Бисёр ҳолатҳо мушоҳида шудааст, ки хонандагони дорои системаи асаби пуркувват аз сабаби хусусиятҳои типологии худ дар дарки амиқи мавод мушкилӣ мекашанд. Онҳо ба фаро гирифтани мазмун одатан, сатҳӣ ва шитобкорона муносибат мекунанд, ҷузъиётро нодида мегиранд ва ба муҳтавои аслӣ амиқ намедароянд.

Онҳо майле надоранд, ки маводи таълимиро такрор кунанд (ҳол он, ки такрор «модари дониш» аст) ва ҳамин чиз монеаи таҳкими фаҳмиши амиқ мегардад.

Дар масъалаҳои педагогикаи умумӣ ба ташкили дурусти раванди таълиму тарбия, истифодаи принсипҳои педагогӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсии хонандагон аҳамият медиҳанд [15].

Омӯзгор барои безарар гардондани хислатҳои равонӣ ва самаранок кардани фаъолияти таълимии чунин хонандагон чӣ бояд кунад? Ҳангоми иҷрои амалҳои мураккаб ва зина ба зина, муаллим бояд назорати пайваста дошта бошад ва иҷрои онҳоро тадриҷан бо роҳнамоии мувофиқ таъмин намояд. Барои хонандагони «қавӣ», таълими махсус ва омӯхтани сабр бисёр муфид мебошад, зеро ин гурӯҳ одатан дар ҳамин самт мушкил доранд. Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои монанди банизомдарорӣ, банақшагирӣ ва санҷиши корҳои анҷомшуда, омӯзгор на танҳо бояд назорат кунад, балки онҳоро ба иҷрои мустақилона ва масъулиятноки кор ташвиқ намояд.

Раванди таълим бояд ба рушди қобилиятҳои хонанда равона гардида, имкониятҳои мавҷуда ва иқтидори инкишофи ӯ ба назар гирифта шаванд [6].

Тавре ки равоншиносон мегӯянд, шахсони дорои системаи асаби қавӣ қобилияти хуби мутобиқшавӣ доранд, вале барои аз нав ташкил кардани кори худ ба самти дуруст бояд онҳоро итминон бахшид ва роҳнамоӣ кард.

Усули махсус барои кор бо хонандагони ғайрифаъол:

1. Аз хонандагон талаб накунад, ки фавран ба фаъолият ҷалб шаванд – қобилияти кории онҳо тадриҷан фаъол мешавад.

2. Супоришҳои гуногунро тадриҷан пешниҳод кунад ва онҳоро барои иҷро шитоб накунад.

3. Дар ҷавобҳои шифоҳӣ шитоб нанамояд, то хонандаи суст фикр кунад ва ҷавоби дақиқ диҳад.

4. Дар оғози дарс онҳоро напурсад, зеро баргаштан ба ҳолати дарсӣ баъд аз танаффус барои онҳо душвор аст.

5. Аз саволҳои ғайричашмдошт худдорӣ намояд ва ба онҳо фурсат диҳад, ки фикр кунанд ва омода шаванд.

6. Ҳангоми иҷрои супоришҳо диққати онҳоро парешон накунад.

7. Онҳоро маҷбур накунад, ки фавран ба саволҳои маводи нав ҷавоб диҳанд – беҳтар аст ин корро ба дафъаи дигар вогузор карда, ба онҳо имкони омӯзиши хонагӣ дода шавад [3].

Усули кор бо хонандагони фаъол:

- Душвориҳои онҳо бештар ба зуд кам шудани таваҷҷуҳ ва хастагии равонӣ вобаста аст.
- Ба роҳбарӣ ва назорати доимӣ ниёз доранд, то фаъолияти худро ба таври ихтиёрӣ танзим кунанд.
- Пеш аз кор кардан бояд одат кунанд, ки ба супоришҳои муаллим бодиққат гӯш диҳанд.
- Талаби диққат бояд тавассути такрори бо сабр ва бе сарзаниш таҳким ёбад.
- Ба назорати пайваста ва иштироки омӯзгор ниёз доранд.
- Ҳангоми хастагӣ ва дилгирӣ метавонанд таваҷҷуҳро гум карда, рафторҳои парешонӣ нишон диҳанд (суҳбат, савол додан, дидани дафтарҳои дигарон ва ғайра).
- Омӯзгор бояд онҳоро ба роҳҳои гуногуни иҷрои вазифаҳо ва фикри нав ҳидоят намояд.

Истифодаи таваҷҷуҳи маърифатии хонандагон дар ҳавасмандгардонии таълими математика

1. Ҳавасмандсозии хонандагон бо таваҷҷуҳ ба соҳаҳои гуногун

- Агар хонандагон ба фанҳои табиатшиносӣ ё гуманитарӣ шавқу рағбат дошта бошанд, барои ҳавасмандсозӣ метавон:
- Масъалаҳоеро пешниҳод кард, ки донишҳои соҳаи дилхоҳро талаб кунанд.
- Масъалаҳоро ба мавзӯъҳои нав ва ғайримаъмул, вале марбут ба соҳаҳои шавқовар асос гузошт.

Мисолҳо:

- Барои дӯстдорони таърих:
- «Пифагор ва мактаби ӯ»
- «Теоремаи Пифагор ва усули гуногуни исботи он»
- Барои дӯстдорони илмҳои табиатшиносӣ:
- Масъалаи афтидани санг ва суръати зарба;
- Барои дӯстдорони иқтисод:
- Масъалаҳои ҳисобу китобҳои молиявӣ.
- Барои дӯстдорони адабиёт:
- Таҳлили матнҳои адабӣ ва сохтани моделҳо;

2. Мисолҳои масъалаҳои шавқовар дар математика

- Дар мавзуи «Параллелограмм»:
- Масъала оид ба мусобиқаи сагу рӯбоҳ бо истифодаи таносуби тарафҳои чоркунҷа.
- Дар мавзуи «Муодилаҳои квадратӣ»:
- Ҳисоби шумораи иштироккунандагон дар вохӯрӣ бо шумораи умумии дастфишорӣ.

3. Муносибати гуногун ба супоришҳо вобаста ба табиати шавқи маърифатӣ

- Агар шавқ ба назария бошад – масъалаҳои таҳлилӣ ва назариявӣ.
- Агар шавқ ба амал бошад – масъалаҳои воқеӣ ва амалӣ.

4. Ҳадафҳо ва манфиатҳои фардикунонии таълим

- Баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва иштироки фаъолонаи хонандагон.
- Ба назар гирифтани хусусиятҳои равонӣ, завқу шавқ, суръати омӯзиш ва қобилияти фикр кардан.
- Тарҳрезии вазифаҳо ва масъалаҳо бо назардошти хусусиятҳои фардӣ.

Хулоса ва тавсияҳо

- Фардикунонии таълим бояд ба сатҳи рушди равонӣ ва шавқу рағбати хонанда мутобиқ шавад.

- Бо истифода аз ин усулҳо самаранокии омӯзиш ва ҳавасмандӣ зиёд мешавад.

Вазифаи асосии омӯзгор дар фардикунонии таълим

Вазифаи асосӣ – ташкил кардани раванди таълим ба тарзи он, ки:

- Шавқу рағбати хонандагон ба дониш зиёд шавад;
- Зарурати пурратар ва амиқи азхудкунии мавод ба миён ояд;
- Мустақилияти хонанда дар кор ва омӯзиш таҳким ёбад;
- Ҳар хонанда фаъолона ва бо тамоми қувваи худ дарсро пайгирӣ намояд;
- Ташаккули маҳорати ҳамаҷонибаи хонандагон таъмин шавад.

Робитаи инкишофи тафаккур ва нутқро таҳлил намуда, нақши муҳими таълим ва фаъолияти иҷтимоиро дар ташаккули равандҳои маърифатии хонанда нишон медиҳад [5].

Ҳадафҳои фардикунонии таълим дар математика

1.Инкишоф ва истифодаи сифатҳои фардии шахсияти хонанда: Таъсири хусусиятҳои шахсӣ ва равонӣ ба раванди омӯзиш.

2.Инкишоф ва истифодаи манфиатҳои маърифатии ҳар як хонанда: Муайян кардани мавзӯъҳо ва усулҳое, ки шавқу рағбати хонандаро қавитар мекунанд.

3.Инкишоф ва истифодаи қобилият ва истеъдоди зеҳнии ҳар хонанда: Тарбия ва такмили истеъдодҳои табиӣ.

4.Инкишофи оптималии қобилияти омӯзиши ҳар хонанда: Тадбирҳои фардикунонидашуда барои баланд бардоштани сатҳи дарк ва омӯзиш.

5.Тайёр намудани хонандагон ба интихоби боҳушу бодиққати касб: Омодасозии хонандагон барои интихоби дурусти роҳи касбӣ.

6.Инкишофи малакаи мустақилона кор кардан: Тарбияи хонандагон барои иҷрои вазифаҳо мустақилона ва бо масъулият [12].

Афзалият ва нақши омӯзгор

- Омӯзгори математика бояд ҳар як хонандаро аз нуқтаи назари дараҷаи дониш, қобилияти хониш, шавқу ҳавас ва истеъдод пурра омӯзад.
- Барои ин, метавон системаҳои гуногуни санҷишӣ ва машқҳоро истифода кард.

Системаҳои санҷишӣ барои муайян кардани сатҳи дониш ва қобилиятҳои хонандагон

- Сатҳи қобилияти омӯзиш;
- Қобилияти мустақилона кор кардан;
- Қобилияти хондани матни таълимӣ бо дарки зарурӣ ва суръат;
- Қобилияти тезфикр будан;
- Дараҷаи рушди ҷузъи алоҳидаи тафаккури математикӣ;
- Шавқу завқи маърифатӣ ва дигар хусусиятҳо.

АДАБИЁТ

1. Амонашвили Ш. А. Личностно-гуманная основа педагогического процесса / Ш. А. Амонашвили. - Минск: Университетское, 1990. - 560 с.

2. Бабанский Ю. К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект / Ю. К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1977. - 256 с.

3. Буйдоқов Х. Дидактика / Х. Буйдоқов. - Душанбе, 1995. - 118 с.

4. Бударный А. А. Индивидуальный подход в обучении / А. А. Бударный. - М.: Просвещение, 1965. - 112 с.

5. Выготский, Л. С. Мышление и речь / Л. С. Выготский. - М.: Лабиринт, 1999. - 352 с.

6. Выготский Л. С. Педагогическая психология / Л. С. Выготский. - М.: Педагогика, 1991. - 480 с.

7. Давыдов В. В. Теория развивающего обучения / В. В. Давыдов. - М.: ИНТОР, 1996. - 544 с.

8. Загвязинский В. И. Теория обучения: современная интерпретация / В. И. Загвязинский. - М.: Академия, 2001. - 192 с.

9. Кирсанов А. А. Индивидуализация учебной деятельности как педагогическая проблема / А. А. Кирсанов. - Казань: Изд-во Казанского университета, 1982. - 224 с.

10. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф, 2001. - 401 с.

11. Осмоловская И. М. Дифференциация процесса обучения в современной школе / И. М. Осмоловская. - М.: Институт практической психологии, 1998. - 160 с.

12. Подласый И. П. Педагогика: новый курс / И. П. Подласый. - М.: Владос, 2000. - 576 с.

13. Раҳимов Х., Нуров, А. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. - Душанбе, 2011, ТГПУ. - 146 с.

14. Рабунский Е. С. Индивидуальный подход в процессе обучения школьников / Е. С. Рабунский. - М.: Педагогика, 1991. -160 с.

15. Шарифзода Ф., Миралиев, Д. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф. Шарифзода, Д. Миралиев. - Душанбе, 2012. ТГПУ, - 164 с.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ФАРДИКУНОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Мақола ба омӯзиши мафҳум ва моҳияти фардикунонӣ дар таълими математика бахшида шуда, хусусиятҳо ва аҳамияти ин равандро дар низоми таълимии муосир баррасӣ мекунад. Дар таҳқиқот таълимгирифтагони синну сол, сатҳи дониш, қобилиятҳои зеҳнӣ ва услуби инфиродии дарк фарқи назаррас доранд ва ин тағйирёбӣ зарурати фардикунонии таълимро тақозо менамояд. Фардикунонӣ ҳамчун принсипи асосии педагогӣ маънидод шуда, нақш ва таъсири он дар ташаккули фикрроиҳои математикӣ, инкишофи эҷодкорӣ, худомӯзӣ ва худтанзимкунии донишҷӯён нишон дода мешавад.

Дар мақола инчунин шаклҳо ва усулҳои фардикунонии таълим, аз ҷумла ташкили сатҳҳои гуногуни супоришҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, роҳандозии вариантҳои инфиродии фаҳмондадиҳӣ ва назорат, муҳокима мегардад. Таъсири ин равиш ба баланд шудани самаранокии дарс, фаъолсозии ҷараёни дарк, болоравии мотивация ва мутобиқат ба талаботи таълими инноватсионӣ таҳлил карда мешавад.

Мавод барои омӯзгорон, донишҷӯёни ихтисоси педагогика, пажӯҳишгарони соҳаи таълими математика ва ҳамаи онҳое, ки ба роҳандозии равишҳои фардии омӯзиш дар муҳити таълимӣ таваҷҷуҳ доранд, муфид мебошад.

***Калидвожаҳо**: фардикунонӣ, таълими математика, усулҳои таълим, назари инфиродӣ, рушди қобилиятҳо, самаранокии таълим, омӯзиши фардӣ, технологияҳои таълимӣ.*

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ В ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКЕ

Статья посвящена изучению понятия и сущности индивидуализации в обучении математике, а также рассмотрению особенностей и значимости данного процесса в современной образовательной системе. В исследовании подчёркивается, что обучающиеся отличаются по возрасту, уровню знаний, интеллектуальным способностям и индивидуальным стилям восприятия, что делает индивидуализацию обучения необходимым педагогическим требованием. Индивидуализация трактуется как один из ключевых педагогических принципов, а её роль и влияние на формирование математического мышления, развитие творческого подхода, самостоятельности и саморегуляции учащихся подробно раскрываются.

В статье анализируются формы и методы индивидуализации обучения, включая организацию разноуровневых заданий, использование информационных технологий, применение индивидуальных вариантов объяснения и контроля. Рассматривается влияние данного подхода на повышение эффективности урока, активизацию познавательной деятельности, рост мотивации и соответствие требованиям инновационного образования.

Материал адресован преподавателям, студентам педагогических специальностей, исследователям в области методики обучения математике, а также всем, кто интересуется внедрением индивидуальных подходов в образовательный процесс.

***Ключевые слова:** индивидуализация, обучение математике, методы обучения, индивидуальный подход, развитие способностей, эффективность обучения, индивидуальное обучение, образовательные технологии.*

THE CONCEPT AND ESSENCE OF INDIVIDUALIZATION IN MATHEMATICS EDUCATION

The article is devoted to the study of the concept and essence of individualization in mathematics education, as well as the examination of its characteristics and significance within the modern educational system. The study highlights that learners differ in age, knowledge level, intellectual abilities, and individual learning styles, which makes the individualization of education a necessary pedagogical requirement. Individualization is defined as a key pedagogical principle, and its role and impact on the development of mathematical thinking, creativity, self-directed learning, and self-regulation among students are thoroughly analyzed.

The article also discusses the forms and methods of individualizing education, including the organization of multi-level tasks, the use of information technologies, and the implementation of individualized approaches to instruction and assessment. The influence of this approach on increasing lesson effectiveness, stimulating cognitive engagement, enhancing motivation, and meeting the demands of innovative education is examined.

The material is useful for teachers, students of pedagogical specialties, researchers in the field of mathematics education, and anyone interested in implementing individualized learning approaches in educational settings.

***Keywords:** individualization, mathematics education, teaching methods, individual approach, skill development, learning effectiveness, personalized learning, educational technologies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷонмирзоев Эраҷ*** *- Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, дотсент, номзади илмҳои педагогӣ. Тел.: +992 93 793-64-64, почтаи электронӣ: eraj1964@mail.ru.*

Информация об автор: ***Джонмирзоев Эрадж*** *– Республиканский иниститут повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. Тел.: +992 93 793-64-64, электронная почта: eraj1964@mail.ru.*

About the author: ***Jonmirzoev Eraj*** *- Republican Institute for Advanced Training and Retraining of Education Professionals. Tel.: +992 93 793-64-64, email: eraj1964@mail.ru.*

ШАКЛГИРИИ СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ БЕРУН АЗ ДАРС - ОМИЛИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОИИ НАВРАСОН

Ҷаъфарзода Н. Ф.

унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Мақсади ягонаи омӯзиши фанни адабиёт аз худ намудани дониш ва дар баробари он дар зиндагӣ татбиқ намудани донишу малакаҳои бадастомада мебошад. Дар ин робита, дараҷаи сатҳи баланди тарбияи маънавӣ ва ташаккули одобу ахлоқи хонандагон ҳам дар муқоиса бо таълиму омӯзиш ба корҳои фориғ аз дарс вобастагии қавӣ дорад.

Инкишофи соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва давлат низ ба сатҳи болоравии тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва ҷавон алоқаи мустаҳкам дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумат қарор гирифта, доир ба болоравии тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон чораҳои муносиб андешида шудаанд. Масалан, оид ба рушди маориф, посдории муқаддасоти миллӣ ба монанди забони модарӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавон санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор таҳия ва тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2008);
- Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (1995) ва ғ. дарҷ гардидаанд.

Инкишоф ва такомули арзишҳои тарбиявии хонандагон дар раванди фаъолиятҳои беруназсинф, самти муҳимми таълиму тарбияро ташкил медиҳад, ки масъулияти зиёди иштирокчиёни ҷараёни таълиму тарбияро талаб мекунад. Огоҳ будан аз равишҳои муносибат дар ҷомеа, маданияту фарҳанги муошрату мардумдорӣ ва тибқи таомули расмӣ онро риоя намудан онҳо омили муносибати дурусти наврас дар ҷомеа гашта метавонад.

Одобу ахлоқ ин намудҳои тафаккур ва фаҳмишии одамон аст, ки ба рӯйдодҳои таърихӣ, расму оин, анъанаҳои дар давраи тулонӣ инкишофёфтаи халқ вобаста аст. Таҷрибаҳои дар раванди ҳодисаҳои гуногун аз сар гузаронидаи одамон ва рушди намудҳои муносибати дуруст одобу ахлоқи ба ҷомеа мақбулро ташкил медиҳанд.

Вазъиятҳои гуногуни иқтисодӣ низ маънои асосӣ ва тарзу воситаҳои ахлоқи шоистаро ба миён меоваранд, ки боиси ҳифзу ташаккули он аз ҷониби ҷамъият гашта метавонад.

Ҷомеа метавонад муошрати инсонҳоро бо якдигар ба танзим дарорад ва чаҳорчӯбаи муайянро ба миён гузорад.

Донишмандони форсу тоҷик дар бораи хислатҳои неки инсонӣ ва одобу ахлоқи ҳамида асарҳои зиёд навишта, оид ба паҳлуҳои гуногуни манфиат ва моҳияти он афкори ҷолиб иброз доштаанд, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ гаштааст.

Аз даврaҳои қадим то ба замони муосир ин адибон бо такя ба эҷодиёти шифоҳии халқ тарбияи маънавӣ-ахлоқиро таҳқиқ намудаанд, ки заҳмати зиёдеро талаб мекунад.

Дар баъзе асарҳо ба таври мустақил ва дар баъзеи дигари онҳо дар дохили асар омехта бо фикрҳои сиёсию иҷтимоӣ масъалаҳои одобу ахлоқи нек дар ҷомеа баррасӣ гашта, дастраси ҷомеа гардидаанд.

Дар замони муосир илова ба фаъолияти омӯзиши назариявӣ хонандагон бо фаъолияти беруназсинфӣ низ фаро гирифта мешаванд, ки гуфтан мумкин аст татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал мебошад. Корҳои беруназсинфӣ ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳам таъсири амиқ гузошта метавонад. Дар ин раванд омӯзгор саҳми арзанда дошта, имкон дорад бо роҳу равиши муассир ин ҷанбаро тақвият диҳад.

Дар ҷараёни таълим ва тарбия ба хонандагон тавсия додан ва таъкид кардани он, ки суханро бояд фасеҳу равон гӯянд, аҳамияти муҳим дорад. Ин амал бо сабаби он мавқеи муҳим дорад, ки як сухан сад паҳлу дорад ва истифода бурдани нутқи фасеҳу равон ба муошрати дуруст таъсири мусбат мерасонад.

Рафторҳои маънавии инсондӯстӣ, худшиносии миллӣ, дӯстӣ, рафоқат ва дарки ваҳдату ягонагӣ омили ташаккули маънавиёти насли наврас ва ҷавон гардида, дар бартараф намудани масъалаҳои гуногуни доғи рӯз таъсири мусбат мегузорад ва ба ин васила асоси амният ва оромӣ дар ҷумҳурӣ низ гашта метавонад. Боиси таассуф аст, ки рафтори як қатор хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо вуҷуди ба роҳ мондани чораҳои фаҳмондадиҳӣ қаноатбахш нест ва онҳо аз доираи ахлоқ берун рафта, ҳатто ба дараҷаи бераҳмию бешафқатӣ бо якдигар зӯровариро раво мебинанд.

Қисми зиёди ҷавонон ва наврасоне ба роҳи хато ва ҳатто содир намудани ҷиноят мераванд, ки ин аз надонистан ва риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавии инсонӣ мебошанд. Масалан, ба саволи «Сабаби қоидавайронкунии Шумо чист?» чунин ҷавобҳо дода шудаанд: раванди ҳодиса, нодонӣ, идора карда натавонистани эҳсос, надонистани қонун, «дар қатори дӯстон», маҷбур карданд, зери таъсири машрубот, қасдан. Дар ин ҷо сухан дар бораи фазои номусоиди маънавӣ, рафтори ғайриахлоқии калонсолон, оилаҳои носолим, ҷалб нагаштан ба меҳнати фоиданок ва дар солҳои наврасию ҷавонӣ рафтан ба роҳи хатои истеъмоли маводи сахттаъсир меравад. Вақте, ки сабаби пайдо гаштани чунин каҷрафториҳо муайян гашт, роҳи ҳалли онро ҷустуҷӯ намуда, рӯ меорем ба таълиму тарбия ва махсусан, ба таълими фанни адабиёт.

Дар илми педагогика таҳқиқи ин масъала аз нигоҳи назариявӣ ва методологӣ ба қадри имкон таҳлилу тадқиқ гаштааст. Ҷавҳари ташаккули маънавии шахсиятро мавҷудияти ҷаҳонбинии васеъ, нигоҳи илмӣ ва устуворӣ дар афкори хонандагон ташкил медиҳад. Инчунин, тарбияи пешқадам будан дар ҷамъият, муносибати хуб бо намояндагони дигар миллатҳо, ифтихори миллӣ доштан дар раванди фаъолияти меҳнатӣ, тафаккури ҷамъиятӣ-сиёсӣ доштан дар зиндагии мустақилона барои ташаккули арзишҳои маънавӣ низ дар ин раванд нақши муҳим мебозад. Ин раванд дар замони муосир, ки масъалаҳои ҷаҳонишавиро ҳам дар бар мегирад, бисёр мураккаб аст. Дар он фаъолияти педагогӣ ба беҳтар гардонидани муносибатҳо байни хонандагон, омӯзгорон ва волидайн, амалигардонии арзишҳои маънавии шахсият ва хонанда тибқи талаботи замони муосир равона намуда шудааст. Арзишҳои маънавӣ - ахлоқӣ ҳамон вақт боло мераванд, ки агар хонанда:

- дар коллектив ҷой ва мавқеи устувори худро ҳамчун шахсияти комил дошта бошад;
- барномаи таълимиро ба дараҷаи олӣ аз худ намуда, дар амал татбиқ карда тавонад;
- илова ба маводи таълим дар раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ ғановати маънавӣ ва ҳисси масъулиятшиносии зиёд дошта бошад.

Мувофиқи гуфтаи муҳаққиқ Х. Раҳимов: «Омӯзгорон асосан, дар кори тарбия чунин анъанаҳоро ба монади эҳтиром ба калонсолон, ҳурмати падару модар, тарбияи меҳнатдӯстӣ дар оилаҳои тоҷик истифода мебаранд. Дар бисёр мавридҳо ин корро омӯзгорони адабиёти тоҷик зимни омӯзиши эҷодиёти намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хисрав ва дигарон анҷом медиҳанд» [7, с. 73]. Дар ҳақиқат, фанни адабиёти тоҷик ва таълими он ҷиҳати тарбияи маънавӣ - ахлоқии ва иншофи ақидаҳои гуногуни мусбати унсурҳои тарбия нақши асосӣ дорад ва яке аз унсурҳои асосии фаъолиятҳои беруназсинфӣ буда, чаҳорчӯбаи ахлоқ ва маданияти рафторро пешбинӣ намояд, ки инсон бояд дар баҳодиҳии қобилияти худ ва ҳамкорон ботарбия, боадолат бошад, принсипнок, бодиққат, устувор ва дилсӯзона кор кунад.

Сифатҳои маънавӣ дар асоси чунин шаклҳои рафтор ба монанди риояи тартибу интизом, бовиҷдонӣ, хушмуомилагӣ, мардонагӣ, боҳиммматӣ, хоксорӣ, бошарафӣ, бораҳму бошафқат

будан, рушду такомул меёбанд. Интерпретатсияи дурусти категория ва мафҳумҳои аҳамияти умумимиллидошта, ба монанди бошарафӣ, муҳаббати зиёд, хайру эҳсон, муросо, вичдони пок, эътиқоди қавӣ, ростқавлӣ, музаффарият, хирадмандӣ ва боҷуръат будан маводе хоҳад гашт, ки ҷиҳати болоравии одобу ахлоқ ва сифати маънавиёт мусоидат хоҳад кард. Мундариҷаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз сохтори мавзуъҳои зерин таркиб ёфтааст: «Ҳаёти маънавии инсон», «Қадри инсон ва ҳаёти ӯ», «Фаъолияти маънавии хуб», «Муҳаббат, оила, фарзандон» ва ғайра.

Сабаби рӯ овардан ба афкори маънавии халқи тоҷик он аст, ки маҳз онҳо тартиби муҳокимаронии наврасон ва ҷавонони тоҷикро дар бар мегиранд ва ҷаҳонбинии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буданро ташаккул медиҳанд. Инчунин, ташкил ва баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ҷиҳати омӯзиш, азхудкунӣ ва мукаммалгардонии дониши наврасон ва ҷавонон мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, озмуни «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ эълон гардид, омили болоравии сатҳуи сифати тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон гашта метавонад.

Қайд кардан зарур аст, ки баргузории ин озмун боиси болоравии сатҳи маънавиёт ва ахлоқи насли наврас дар заминаи хондан, азёд намудани асарҳои классик, муосири тоҷик ва ҷаҳон мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Ҳадафи «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон» - ин дар ниҳоди насли наврас бедор ва мустаҳкам намудани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, садоқат ба Ватан ва беҳтар намудани ҷараёни тарбияи ҳарбию ватанпарастии ҷавонон мебошад.

Адабиёти қадим, ҳаёт ва фаъолияти адибони классик, муосири тоҷик ва асарҳои онҳо, адабиёти халқу миллатҳои дигар ба омӯзгори ҳозиразамон ҷиҳати ҳалли масъалаи тарбияи маънавии хонандагон, ҷавоб додан ба саволҳо оид ба ахлоқу одоб маводи амалии муҳиме аст. Ҷиҳати таълимии ин мавод он аст, ки дар онҳо тоқатпазирӣ ҳангоми душвории ҳаёт, сабру таҳаммул дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби ҳаёт, намунаи ибрат будан, мардонагию далерӣ нишон додан дар роҳи интихобнамудаи худ, таълим дода мешавад. Инчунин, намунаи ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бениҳоят зарур аст, дар ин мавод нуҳуфта аст. Маънавиёти ҳамаи инсонҳо як аст. Барои насли навраси имрӯза дарки дурусти муваффаққияти ҳаётӣ зарур аст. Ин мафҳумро ба ташаккули ахлоқ ва маънавиёт баргардонида, мо гуфта метавонем, ки олимону мутафаккирони асрҳои пеши тоҷик ва қаҳрамонҳои офаридаи онҳо инсонҳои ба дараҷаи олӣ муваффақ буданд ва бо ақлу заковат ва дарку идроки баланд афзалиятҳо доштанд, гарчанде ин сифатҳо барои онҳо модарзодӣ набуд. Онҳо ба муқобили зиддиятҳои замони худ истодагарӣ карда тавонистаанд, «маънавиёти абадӣ»-ро, ки вазифаи «ҷаҳонро тасхир намудан»-ро дорад онҳо соҳиб гаштаанд. Рӯ овардан ба таърихи адабиёт, намояндагони он, персонажҳои оддии халқӣ мундариҷаи асосии таҳсилоти гуманитариро бо далелҳои саҳеҳ ташкил медиҳад. Образи қаҳрамони асари бадеӣ барои хонандаи наврас бояд ҳамчуноне кушода шавад, ки образи маънавиёти баланддошта бошад ва тавонад, ки ҷаҳонро аз фалокат наҷот диҳад, на ин ки мафкураи танги ғуломӣ дошта бошаду ғарқи нотавониҳои маънавию ҷисмонӣ гашта бошад. Тоқатпазирӣ-ин сифати баланди маънавиёт аст, вале на нишонаи нотавон будан, балки баръакс, нишонаи дорои маънавиёти баланди инсонӣ будан аст. Маҳз бо ана ҳамин сифатҳо бояд хонандаи муассисаи таълимӣ адабиёт ва қаҳрамонҳои адабиро шиносад. Дар натиҷа хонанда ба қаҳрамони бадеӣ дар зиндагӣ тақлид мекунад ва ҳаёти худро ба он монанд карданӣ мешавад. Бинобар ҳамин, зарур аст, ки ба барномаи таълимӣ танҳо адибону қаҳрамонҳои бадеие ворид гарданд, ки дорои маънавиёти олӣ мебошанд. Ба хонанда нишон додан лозим аст, ки дар ҳақиқат онҳо аз рӯйи дониш, истеъдод, далерию ҷасурӣ, одамгарӣ ва иқтидори маънавӣ аз ҳама беҳтаринанд. Ба ҳамин монанд Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил ва дигарон мебошанд. Дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти эҷодии онҳо омӯзгор метавонад ба хонанда зебогии қаҳрамонии инсони комилро, хизмат намудан ба ватану миллатро омӯзонад. Нишон диҳад, ки инсон зиндагии худашро мувофиқи ҳамин ормонҳо худаш сохта метавонад ва барои ба ин амал ноил гаштан

қобилияти фавқулода ё ин ки шароити ҳатмӣ лозим нест, балки барои ин руҳи худро тарбия намуданро ёд гирифтан лозим аст. Аз рӯйи виҷдони пок зиндагӣ кардан лозим аст ва барои манфиати яклаҳзаина аз маънавиёт ва ахлоқи ҳамида, ки дар ниҳоди мо аз азал гузошта шудааст, гузашт кардан мумкин нест.

Ганҷинаи маънавиётеро, ки гузаштагонамон ба мо мерос мондаанд, чӣ тавр ба хонанда расонидан мумкин аст? Яке аз роҳҳои манфиатнок ва ояндадори кори педагогии омӯзгори фанни адабиёт, ин рӯ овардан ба ташаккули образи қаҳрамон дар сюжети асари бадеӣ мебошад. Бо ёрии адабиёти бадеӣ, филмҳои бадеӣ, ки асоси онҳоро қаҳрамонии образи асосӣ ташкил медиҳад, имконият фаррох мавҷуд аст, дар ниҳоди хонандагон сифатҳои олии маънавӣ инкишоф дода шавад. «Санъати тарбия хусусияте дорад, ки ҳама гумон мекунанд як амали маъмулӣ ва осон аст. Вале ҳарчанд ба назар фаҳмою осон намояд, ҳамон қадар он шахс маълумоти назариявию амалӣ надорад. Ба ҳамагон маълум аст, раванди тарбия сабру тоқати зиёд талаб дорад, лекин на ҳама медонанд, ки ба ғайр аз сабру тоқат, қобилияти модарзодӣ ва малакаи ирсӣ дониши махсус низ зарур аст» [11, с. 31]. Муҳаббат ба ватан, эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ ба наздикон, таҳаммулпазирӣ нисбат ба атрофиён, барои мақсадҳои олӣ кӯшишу ғайрат доштан, эҳтиром ба расму анъанаҳои ниёгон – ҳамаи ин хислату рафторҳои нек дар адабиёти қадим ва муосир таҷассум ёфтаанд. Дар миёни хонандагон китоб ё кинофилмҳои мундариҷаи қаҳрамонию далеридошта бо шавқу завқи беандоза муҳокима мегарданд. Онҳоро тақдири қаҳрамони асар, ки ҳаёти худро ба хизмати Модар-Ватан бахшидааст ва хати сюжети он нигарон мекунад. Бачаҳо ин образҳоро сахт аҳамият дода, нағз дар хотир мегиранд ва тамоми ҳаёт кӯшиш мекунанд, ба онҳо монанд шаванд. Муҳокимароиҳое, ки наврасони муосир ба образҳои характери агрессивидоштаи филмҳои дигар мамлакатҳо тақлид мекунанд, вазъиятро дигар намекунад. Дар ин вақт зарур аст қаҳрамонеро, ки корнамоии маънавӣ намудааст, дар шакли сода ва фаҳмо муқобилгузорӣ намоем, афзалияти онро нишон диҳем. Ба таври маъмулӣ нақл намудани асарҳои ба нусхабардорӣ монанди асри XX диққати хонандаро ба худ ҷалб намекунад ва образи якмароми бетафовути қаҳрамонро нишон медиҳад. Бояд қаҳрамони образи бадеиро тавре нишон диҳем, ки наврас шахсияти худро танҳо ба ҳамон монанд кардан хоҳад, чунки вай дар ин синну сол ба атроф таваҷҷуҳи зиёд дорад. «Наврас фалсафаро оғоз мекунад – аз рӯйи фаҳмишҳои васеи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фаҳмишҳои ахлоқӣ андешаронӣ мекунад. Ҳама чизе, ки дар атроф мегузарад, ба шахсияти вай алоқаманд аст» гуфтааст В. Сухомлинский [8, с. 43]. Саргузаштҳои ҳаётии бузургони классик ва муосири мо ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати офаридани образҳои қаҳрамонҳо, ки барои хонандаи муосири тоҷик хеле зарур аст, хизмат мекунанд. Муборизаҳои дохилию хориҷӣ, рафтан ба ғарибиҳо, бандию зиндон шуданҳо руҳи қавии онҳоро нашикастааст. Мустаҳкамии ирода ва маънавиёти гузаштагонамон дар он зоҳир мегардад, ки дар давраи ҳуҷуми аҷнабиён ва баъзе табадулоти сиёсӣ онҳо асли хеш, забон фарҳанг ва маданияти худро нигоҳ доштанд.

Дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳо низ шавқу завқи хонандагонро ба китобҳои аҳамияти баланди маънавидошта зиёд кардан мумкин аст. Фаъолияти эҷодкорона ва таҳқиқотӣ дар муассиса диққати хонандагонро ҷалб менамояд, водор месозад, ки дар бораи маводи дар дарс шунидаашон андеша намоянд ҳаёти дохилии инсонро беҳтар дарк намоянд. Асарҳои қаҳрамонии адабиёт барои хонандагон ин образи инсони муқаддасро инъикос мекунад, ки вазъиятҳои гуногуни ҳиссиёт, ормонҳои ахлоқию маънавиро доро аст. Ба ҷаҳони адабиёти маънавӣ ворид гашта, хонанда хоҳам нохоҳам бо ин ҷаҳон вобастагӣ пайдо мекунад, масъалаҳои маънавиётро ҳал менамояд, маънии зиндагиро дар он ҷустуҷӯ мекунад.

АДАБИЁТ

1. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. - Душанбе: Ирфон, 2014, - 206 с.
2. Иматова Л.М. Предшкольная педагогика и ее роль в формировании личности младшего школьника. / Л.М.Иматова //Вестник таджикского национального университета. – Душанбе, 2011. - С. 230-235.
3. Каримова И. Х. Теоретические основы гумнизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И. Х. Каримова, дисс. докт. пед. наук. - Душанбе, 2000. – 357 с.
4. Коменский Я. А. Великая дидактика // Избр. пед. соч./ Я.А. Коменский.

5. Лутфуллоев М. Современная дидактика / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. – 334 с.
6. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития / С. Нурматов. - дисс. ... канд. филос. наук. - Ташкент: 1979. - 166 с.
7. Рахимов Х. Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшекласников к семейной жизни / Х. Рахимзода. Дис. докт.пед. наук, – Душанбе, 2002. – 308 с.
8. Сухомлинский В. А. Воспитание советского патриотизма у школьников: Из опыта работы сельской школы / В. А. Сухомлинский. – М.: Учпедгиз, 1959. – 148 с.
9. Тоҳириён Ш. Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи масъалаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9 дар раванди таълими адабиёти классики тоҷик / Тоҳириён Шаҳлои Абдуализода. - Душанбе, 2023. – 160 с.
10. Тоҳириён Ш. Ҷанбаҳои педагогии тарбияи маънавии идеологияи ваҳдати миллӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - № 1 (45). - Душанбе, 2024. – С. 34 - 43
11. Ушинский К. Д. О народности в общественном воспитании / К. Д. Ушинский // Собрание соч.: в 6 т. Т. 1. – М.: Педагогика, 2000. – 273 с.
12. Шарифзода Ф. Масоили мубрами таҳқиқотипедагогикаи муосир/ Ф. Шарифзода. - Душанбе: «Ирфон», 2016. – 263 с.

МАНБАЪҲО АЗ ИНТЕРНЕТ

1. https://mfa.tj/tg/baku/view/10011/dostizheniya
2. https://www.dissercat.com/content/shkolnyi-muzei-
3. https://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-01
4. http://www.dslib.net/obw-pedagogika/shkolny

ШАКЛГИРИИ СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ БЕРУН АЗ ДАРС - ОМИЛИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОИИ НАВРАСОН

Дар мақолаи илмӣ шаклгирии сифатҳои ахлоқии хонандагон дар фаъолиятҳои берун аз дарс: омили асосӣ дар инкишофи иҷтимоии ҷавонон**,** муасисаҳои таълимии умумӣ ҳамчун марказҳои тарбияи арзишҳои иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд, ки дар онҳо хонанда бояд дорои сифатҳои маънавӣ ва мавқеи устувори иҷтимоӣ бошад. Чаҳорчӯбаи ахлоқ ва фарҳанги рафторро таъкид мекунад, ки инсон бояд дар баҳодиҳии қобилиятҳои худ ва дигарон бо тарбия, адолат ва эҳтиром амал кунад. Дар раванди фаъолият, принсипнокӣ, диққат, устуворӣ ва дилсӯзӣ зарур аст. Муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба худбоварӣ ва мағрурӣ низ вобаста аст, на ба хоксориҳои зиёд, қобилияти қабули интиқод, беэҳтиромӣ ба ҳамсинфон, ҳамсоягон ва дӯстон, ё дағалӣ. Аммо танҳо донистани меъёрҳои ахлоқӣ кофӣ нест, муҳим аст, ки хоҳиши мувофиқ ба ин меъёрҳо вуҷуд дошта бошад ва системаи малакаҳои этикии рафтор низ ташаккул ёбад. Ин мавзуъ ба рушди иҷтимоии хонандагон дар заминаи фаъолиятҳои беруназсинфӣ мусоидат мекунад.

Калидвожа: *тарбия, маънавиёт, ахлоқ, беруназсинфӣ, иҷтимоӣ, эҳсосот, иттилоот, таҳсилот, муассисаи таълимӣ, мушкилот.*

ФОРМИРОВАНИЕ МОРАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ УЧАЩИХСЯ В РАМКАХ ВНЕУЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ — КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ПОДРОСТКОВ

В научной статье рассматривается формирование нравственных качеств учащихся во внеурочной деятельности: основной фактор социального развития молодёжи общеобразовательные учреждения как центры воспитания социальных ценностей, где учащийся должен обладать нравственными качествами и устойчивой социальной позицией. В рамках морали и культуры поведения подчёркивается, что человек должен действовать с образованием, справедливостью и уважением при оценке своих и чужих способностей. В процессе деятельности необходимы принципиальность, внимательность, настойчивость и сострадание. Межличностные отношения также зависят от уверенности в себе и гордости, а не от излишней скромности, умения воспринимать критику, неуважение к одноклассникам, соседям и друзьям, грубость. Однако одного лишь знания нравственных норм недостаточно, важно стремление к их соблюдению и формирование системы этических навыков поведения. Данная тема способствует социальному развитию учащихся в контексте внеурочной деятельности.

Ключевые слова: *воспитание, духовность, нравственность, внеклассный, социальный, эмоциональный, информация, образование, образовательное учреждение, проблемы*.

FORMATION OF STUDENTS' MORAL QUALITIES IN EXTRA-CURRICULAR ACTIVITIES - A KEY FACTOR IN THE SOCIAL DEVELOPMENT OF ADOLESCENTS

The scientific article developing Moral Qualities in Students through Extracurricular Activities: A Key Factor in the Social Development of Youth examines general education institutions as centers for fostering social values, where students must possess moral qualities and a stable social position. Within the framework of morality

and behavioral culture, it is emphasized that individuals should act with education, fairness, and respect when assessing their own and others' abilities. Integrity, attentiveness, persistence, and compassion are essential during activities. Interpersonal relationships also depend on self-confidence and pride, rather than excessive modesty, the ability to accept criticism, disrespect for classmates, neighbors, and friends, or rudeness. However, knowledge of moral standards alone is not enough; a commitment to upholding them and developing a system of ethical behavior skills are essential. This topic promotes the social development of students in the context of extracurricular activities.

Keywords: *Upbringing, spirituality, morality, extracurricular, social, emotional, information, education, educational institution, problems.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷаъфарзода Насриддин Файзулло*** *- унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Варзоб. Тел. 888883832, email: jafarov92@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Джафарзода Насриддин Файзулло*** *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, руководитель отдела образования Варзобского района. Тел.888883832, email: jafarov92@mail.ru.*

Information about the author: ***Jafarzoda Nasriddin Fayzullo*** *– researcher of the Institute for Education Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, head of education department of the Varzob district. Tel. 888883832, email: jafarov92@mail.ru.*

МУНОСИБАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ХУДТАТБИҚНАМОИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАНҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ

Пӯлотова Г. И.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Рушди босуръати илм, технология ва иқтисоди донишбунёд ба мазмун, восита ва натиҷаҳои интизоршавандаи таҳсилот тағйироти ҷиддӣ ворид намуда истодааст. Дар шароити муосир сифати таълим дигар танҳо бо ҳаҷми донишҳои пешниҳодшаванда ё сатҳи азхудкунии маълумоти тайёр муайян намегардад. Қобилияти хонанда ба таҳлил, муқоиса, ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилоот, ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, истифодаи дониш дар вазъиятҳои воқеӣ ва ҳамкорӣ бо дигарон ба яке аз натиҷаҳои асосии таҳсилот табдил ёфтааст. Таъмини чунин натиҷаҳо, пеш аз ҳама, ба сатҳи омодагии касбӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги методӣ ва қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста мебошад.

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди маориф ҳамчун омили асосии ташаккули неруи инсонӣ ва пешрафти устувори ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар санадҳои стратегии соҳа баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди касбияти омӯзгорон, таҷдиди мазмуни таълим, густариши технологияҳои рақамӣ ва таҳкими омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аз самтҳои афзалиятнок муайян шудаанд [2, с. 3]. Ҳамзамон, дар суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш, такмили омодагии омӯзгорон ва тақвияти таълими фанҳои дақиқу табиӣ таваҷҷуҳи пайваста зоҳир мегардад [9].

Амалисозии ин ҳадафҳо фаъолияти омӯзгореро тақозо менамояд, ки на танҳо дорои дониши устувори фаннӣ бошад, балки тавонад раванди таълимро мустақилона тарҳрезӣ кунад, усулҳои мувофиқро интихоб намояд, натиҷаҳоро таҳлил созад ва таҷрибаи худро пайваста такмил диҳад. Аз ин рӯ, масъалаи худтатбиқнамоии касбии омӯзгор дар шароити навсозии низоми маориф аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки худтатбиқнамоии касбии омӯзгор ҳамчун раванди бошууронаи ошкор намудан, инкишоф додан ва дар фаъолияти педагогӣ амалӣ сохтани имкониятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, методӣ ва коммуникативии шахсият фаҳмида мешавад. Мазмуни он танҳо бо аз худ кардани дониш ё технологияҳои нав маҳдуд намегардад. Нишонаҳои асосии худтатбиқнамоӣ дар ташаббус, қобилияти навсозии таҷрибаи касбӣ, таҳияи маводи муаллифӣ, иштироки фаъол дар ҳамкории методӣ, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти худ ва муайян намудани ҳадафҳои нави рушд зоҳир мешаванд.

Бо вуҷуди густариши таҷҳизоти электронӣ ва барномаҳои рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мавҷудият ё истифодаи онҳо ҳанӯз далели навоварии педагогӣ нест. Воситаи муосири техникии таълим танҳо дар сурате хусусияти инноватсиониро касб менамояд, ки ба таҷдиди мақсад ва мазмуни таълим, тағйирёбии усулҳои фаъолияти омӯзгор ва хонанда, рушди мустақилият ва беҳтар гардидани натиҷаҳои таълимӣ мусоидат кунад. Аз ин рӯ, муносибати инноватсионӣ бояд ҳамчун низоми ҳамгирои ғояҳо, арзишҳо, усулҳо, технологияҳо ва шароити ташкилию методӣ баррасӣ гардад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ инъикос месозанд, ки масъалаҳои рушди шахсият, фаъолияти мақсаднок, омодагӣ ба навоварӣ, муносибати босалоҳият ва амсилаҳои инноватсионии таълим дар осори олимони рус чун Л. С. Виготский [1], А. Н. Леонтев [5], В. А. Сластёнин, Л. С. Подимова [11], М. В. Кларин [4] ва А. В. Хуторской [13], инчунин олимони тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи вобастагии худтатбиқнамоии касбии омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аз муҳити методӣ, ҳамкории касбӣ ва истифодаи мақсадноки технологияҳои рақамӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили амиқтар ниёз дорад.

Ҳадафи мо, муайян намудани моҳият, омилҳо ва шароити педагогии рушди худтатбиқнамоии касбии омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар заминаи муносибати инноватсионӣ мебошад.

Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки худтатбиқнамоии касбӣ бо се ҷанбаи ба ҳам алоқаманд тавсиф мегардад, ки мазмуни умумиро муайян месозад:



Чи тавре, ки аз схемаҳо бармеояд, ин ҷанбаҳо – иҷтимоӣ, фаъолиятӣ ва рефлексӣ ном гирифта, дар зер кӯшиш намудем, ки ҳар яки онҳоро бо назарияҳои олимони соҳа мутобиқ гардонида бошем. Ҷанбаи иҷтимоии рушди касбӣ аз ғояҳои назарияи фарҳангӣ-таърихии Л.С. Выготский бармеояд. Гарчанде таҳқиқоти ӯ бевосита ба фаъолияти инноватсионии омӯзгори калонсол бахшида нашудааст, ғояи вобастагии рушди шахсият аз муошират, ҳамкорӣ ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ барои шарҳи рушди касбии омӯзгор аҳамияти методологӣ дорад [1]. Омӯзгор дар муҳити касбӣ на танҳо донишҳои нав мегирад, балки тарзи таҳлил, арзёбӣ ва тағйир додани фаъолияти худро аз худ менамояд. Аз ин рӯ, иттиҳодияи методӣ, гурӯҳи эҷодӣ, семинар, дарси кушод ва ҷомеаи касбӣ метавонанд ҳамчун муҳити рушди касбӣ амал намоянд, ба шарте ки фаъолияти онҳо бо мубодилаи воқеии таҷриба ва таҳлили масъалаҳои педагогӣ пайваст бошад.

Ҷанбаи фаъолиятии масъала ба назарияи А. Н. Леонтьев такя мекунад, ки мувофиқи он рушди шахсият дар фаъолияти мақсаднок ва дорои ангеза сурат мегирад [5]. Аз ин мавқеъ, иштирок дар курс, семинар ё омӯзиши технологияи нав ҳанӯз рушди касбиро таъмин намекунад. Дониш бояд дар фаъолияти воқеӣ татбиқ гардида, натиҷаи истифодаи он таҳлил ва такмил дода шавад. Омӯзгор маҳз дар раванди тарҳрезии дарс, таҳияи супориш, озмоиши усули нав, муқоисаи натиҷаҳо ва ислоҳи таҷрибаи худ ба худтатбиқнамоии касбӣ мерасад.

Ҷанбаи инноватсионии масъала дар осори В. А. Сластёнин ва Л. С. Подимова ҳамчун омодагии омӯзгор ба дигаргунсозии бошууронаи фаъолияти педагогӣ баррасӣ шудааст [11]. Фаъолияти инноватсионӣ дар ин маврид маҷмӯи ҷудогонаи усулҳои нав нест, балки ҳолати касбии омӯзгор мебошад, ки ангезаи навоварӣ, дониш, малакаи технологӣ ва қобилияти рефлексивиро муттаҳид месозад. Омӯзгор бояд на танҳо технологияи навро донад, балки зарурати истифодаи онро асоснок карда, шароити татбиқ ва натиҷаи онро арзёбӣ карда тавонад.

М. В. Кларин навоварии педагогиро бо тағйироти сифатӣ дар ташкил ва натиҷаи таълим алоқаманд менамояд [4]. Ин мавқеъ имкон медиҳад, ки байни истифодаи воситаи нав ва навоварии воқеӣ фарқ гузошта шавад. Масалан, иваз намудани навиштаҷоти тахта бо муаррифии электронӣ метавонад шакли пешниҳоди иттилоотро тағйир диҳад, вале агар фаъолияти хонанда ҳамоно ба шунидан ва азёдкунӣ маҳдуд монад, чунин тағйиротро наметавон навоварии пурраи педагогӣ арзёбӣ кард.

Муносибати босалоҳият дар осори А. В. Хуторской қобилияти истифодаи дониш ва таҷрибаро барои ҳалли масъалаҳои воқеӣ дар марказ мегузорад [13]. Дар фаъолияти омӯзгор ин маънои онро дорад, ки салоҳияти касбӣ на бо ҳаҷми маълумоти назариявӣ, балки бо сифати қарорҳои педагогӣ, маҳорати тарҳрезии дарс, интихоби усул, ташкил намудани фаъолияти хонанда ва арзёбии натиҷа муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, масъалаҳои навсозии фаъолияти педагогӣ, рушди салоҳияти касбӣ ва омодагии омӯзгор ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар пажӯҳишҳои олимони тоҷик низ мавқеи муайян доранд. Аз ҷумла, Т. Қ. Тақдиров шароити педагогии татбиқи равандҳои инноватсионирo дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, самаранокии навовариро бо омодагии кадрӣ, идоракунии мақсаднок, таъминоти методӣ ва муҳити мусоиди муассисаи таълимӣ алоқаманд медонад [12]. Аз ин мавқеъ, фаъолияти инноватсионӣ на амали ҷудогонаи омӯзгор, балки натиҷаи ҳамкории омилҳои шахсӣ, методӣ ва ташкилӣ маҳсуб меёбад.

Дар таҳқиқоти Қ. Муҳиддинов масъалаи ташаккул ва таъмини салоҳияти инноватсионии касбии омӯзгорони мактаб дар робита бо фаъолияти идоракунии муассисаи таълимӣ баррасӣ шудааст [8]. Мазмуни ин муносибат инъикос менамояд, ки рушди омодагии омӯзгор ба навоварӣ танҳо аз саъю кӯшиши инфиродии ӯ вобаста нест. Барои ин роҳбарии дастгиркунанда, ҳавасмандгардонӣ, ташкили фаъолияти методӣ, фароҳам овардани имконияти озмоиши ғояҳои нав ва паҳн намудани таҷрибаи муваффақ зарур мебошад. Ин хулоса барои шарҳи худтатбиқнамоии касбӣ муҳим аст, зеро имкониятҳои шахсии омӯзгор танҳо дар муҳити дастгиркунандаи касбӣ пурра амалӣ мегарданд.

М. А. Муродов ташаккули фарҳанги педагогии омӯзгорро дар мактабҳои навъи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, нақши муҳити таълимӣ, гуманизатсияи муносибатҳои педагогӣ ва рушди симои инфиродии омӯзгорро таъкид менамояд [7]. Ин андеша ба мо имкон медиҳад, ки худтатбиқнамоии касбиро ҳамчун раванди яксамтаи фаъолияти омӯзгорон ҳисоб накунем. Баръакс, худтатбиқнамоӣ дар пайдо гардидани услуби инфиродии педагогӣ, мавқеи мустақили касбӣ, ташаббус ва қобилияти интихоби роҳҳои мувофиқи таълим зоҳир мегардад.

Самти омодагии касбии омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар таҳқиқоти Т.Б. Рачабов аҳамияти махсус зоҳир карда шудааст. Ӯ фаъолияти таҳқиқотиро ҷузъи муҳими омодагии касбии омӯзгори математика арзёбӣ намуда, робитаи онро бо қобилияти гузоштани масъала, таҳлили вазъият, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва арзёбии натиҷа нишон медиҳад [10]. Аз ин нуқтаи назар, омӯзгори математика танҳо интиқолдиҳандаи донишҳои тайёр набуда, бояд дорои тафаккури таҳқиқотӣ ва қобилияти ташкили фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагон бошад. Чунин омодагӣ яке аз нишонаҳои асосии худтатбиқнамоии касбии омӯзгори фанҳои риёзӣ ва табиӣ мебошад.

Муносибати босалоҳиятро Н. Р. Мирзоева ҳамчун яке аз заминаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, зарурати гузариш ва аз азхудкунии маълумоти тайёр ба ташаккули қобилияти истифодаи дониш дар фаъолияти амалӣ ва ҳалли масъалаҳои воқеиро таъкид менамояд [6]. Чунин муносибат нисбат ба фаъолияти омӯзгор низ қобили татбиқ аст. Зеро салоҳияти касбии омӯзгор дар он зоҳир мегардад, ки ӯ метавонад донишҳои фаннӣ, психологию педагогӣ ва технологиро дар вазъияти мушаххаси таълимӣ муттаҳид намуда, қарори асоснок қабул кунад.

Натиҷаи пажӯҳишҳои олимон бозгӯи он аст, ки худтатбиқнамоии касбии омӯзгорро бояд ҳамчун раванди бисёрҷанба арзёбӣ намуда бошем. Яъне агар ҷанбаи шахсии он аз ангеза, арзишҳои касбӣ, мустақилият ва эҷодкориро фарогир бошад, ҷанбаи фаъолиятӣ дар тарҳрезӣ, татбиқ ва такмили таҷрибаи педагогӣ ифода ёфта, ҷанбаи рефлексивӣ бошад, таҳлил, худбаҳодиҳӣ ва муайян намудани самти минбаъдаи рушдро дар бар мегирад. Ҷамъбасти ин

назарияҳо нишон медиҳад, ки худтатбиқнамоии касбӣ раванди пайвастаест, ки аз ангеза ба дониш, аз дониш ба амал, аз амал ба таҳлил ва аз таҳлил ба ҳадафи нави рушд мегузарад. Дар ин раванд муҳити иҷтимоиву касбӣ, фаъолияти мустақилонаи педагогӣ ва рефлексия нақши асосӣ доранд.

Барои муайян намудани ҳолати воқеии масъала фаъолияти касбии беш аз 180 нафар омӯзгорони фанҳои математика, физика, химия, биология ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва минтақаи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор гирифт. Муассисаҳои интихобшуда аз ҷиҳати таъминоти моддию техникӣ, дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ ва сатҳи ташкили фаъолияти методӣ яксамта набуданд, ки ин имкони муқоисаи таҷрибаҳои гуногунро фароҳам овард.

Таҳқиқот хусусияти тавсифию муқоисавӣ дошт. Маводи эмпирӣ тавассути мушоҳидаи фаъолияти омӯзгорон, пурсиш, суҳбати нимасохторӣ, омӯзиши коркарди дарсҳо, маводи электронии таълимӣ, ҳуҷҷатҳои иттиҳодияҳои методӣ ва натиҷаҳои иштирок дар семинару гурӯҳҳои эҷодӣ ҷамъоварӣ гардид. Дар ҷараёни таҳлил ба чунин нишондиҳандаҳо таваҷҷуҳ карда шуд:

– майл ба навоварӣ ва эҳтиёҷ ба рушди касбӣ;

– дараҷаи истифодаи мақсадноки технологияҳои муосири таълим;

– иштироки омӯзгор дар ҳамкории методӣ ва мубодилаи таҷриба;

– таҳияи маводи муаллифӣ ва супоришҳои таҳқиқотию лоиҳавӣ;

– қобилияти таҳлил намудани натиҷаи дарс ва муайян кардани самтҳои рушди минбаъда.

Маълумоти бадастомада бо усули таҳлили мундариҷа, муқоисаи сифатӣ ва тафсири педагогӣ ҷамъбаст карда шуд. Азбаски дар маводи пешниҳодшуда тақсимоти пурраи рақамӣ аз рӯйи ҳар меъёр мавҷуд нест, натиҷаҳоро мо ҳамчун тамоюлҳои сифатии муайяншуда шарҳ медиҳем.

Таҳлили маводи эмпирӣ нишон дод, ки худтатбиқнамоии касбии омӯзгор ба мавҷудияти як омил маҳдуд намегардад. Он дар ҳамбастагии ангезаи рушди касбӣ, имконияти истифодаи дониш дар амал, муҳити методӣ, дастгирии ташкилӣ ва қобилияти рефлексивӣ ташаккул меёбад.

Омӯзгороне, ки дар муҳокимаи дарсҳо, гурӯҳҳои эҷодӣ, семинарҳо ва иттиҳодияҳои методӣ мунтазам иштирок мекарданд, бештар ба озмоиши усулҳои нав, таҳияи маводи таълимӣ ва таҳлили интиқодии таҷрибаи худ майл нишон доданд. Дар фаъолияти онҳо супоришҳои проблемавӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ ва байнифаннӣ бештар истифода мешуданд.

Ин натиҷа нишон медиҳад, ки ҳамкории касбӣ танҳо воситаи мубодилаи иттилоот нест. Он метавонад муҳити ташаккули донишҳои амалии педагогӣ бошад. Омӯзгор дар раванди муҳокима бо ҳамкасбон на танҳо таҷрибаи дигаронро қабул мекунад, балки қарорҳои худро муқоиса ва арзёбӣ менамояд.

Дар баробари ин, самаранокии иттиҳодияи методӣ ба шакли мавҷудияти он не, балки ба мазмуни фаъолияташ вобаста аст. Дар муассисаҳое, ки фаъолияти методӣ асосан бо таҳияи ҳисобот, санҷиши ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди маълумоти тайёр маҳдуд мегардид, таъсири он ба ташаббускорӣ ва эҷодкории омӯзгор камтар ба назар мерасид. Пас, гурӯҳи методӣ танҳо дар ҳолате ба омили рушди худтатбиқнамоӣ табдил меёбад, ки муҳокимаи масъала, таҳлили дарс, озмоиши ғоя ва арзёбии натиҷаро дар бар гирад.

Омӯзиши таҷрибаи омӯзгорон нишон дод, ки технологияҳои рақамӣ барои дастрасӣ ба маводи таълимӣ, омода намудани муаррифӣ, моделсозӣ, санҷиши электронӣ, ташкили робитаи бозгашт ва мубодилаи таҷриба имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Аммо таъсири онҳо ба сифати таълим аз тарзи истифода вобаста мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо мо шоҳиди он, гардидем, ки воситаи электронӣ танҳо шакли пешниҳоди маълумотро иваз мекард. Мазмун, мантиқи дарс ва нақши хонанда бетағйир мемонданд. Чунин истифодабарии воситаҳо бештар хусусияти техникиро инъикос месохтанд, инноватсионии раванд ба тамом дида намешуд.

Самаранокии бештар дар ҳолатҳое мушоҳида гардид, ки технология барои моделсозии равандҳои физикӣ ва биологӣ, коркарди маълумоти таҷрибавӣ, ҳалли масъалаҳои амалӣ, сохтани ҷадвалу диаграмма, гузаронидани таҷрибаи виртуалӣ ё ташкили фаъолияти муштараки

хонандагон истифода мешуд. Ин вазъият воситаи рақамии тарзи фаъолияти маърифатиро тағйир дода, хонандаро аз қабулкунандаи маълумоти тайёр ба иштирокчии фаъол мубаддал месохт.

Аз ин мушоҳидаҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки меъёри арзёбии истифодаи технология на шумораи воситаҳои электронӣ маҳсуб меёбад, балки таъсири онҳо ба фаъолият ва натиҷаи таълим мебошад.

Таҳлил ва мушоҳидаи эмперӣ нишон дод, ки рушди фаъолияти инноватсионӣ ба сиёсати дохилии муассисаи таълимӣ вобастагии назаррас дорад. Дар муассисаҳое, ки роҳбарият пешниҳоди ғоя, озмоиши усул, баргузории дарси кушод ва таҳияи маводи муаллифиро дастгирӣ мекарданд, омӯзгорон ба фаъолияти эҷодӣ фаъолтар ҷалб мегардиданд.

Муҳити инноватсионӣ дар ин маврид танҳо бо таҷҳизоти техникӣ муайян намегардад. Он низоми муносибатҳои касбиеро бозгӯ аст, ки дар он омӯзгор имкони пешниҳод, озмоиш, муҳокима ва ислоҳи ғояи худро дорад. Унсурҳои асосии чунин муҳитро метавон чунин муайян кард:

– дастгирии ташаббуси касбӣ;
– ҳамкории мунтазами методӣ;
– дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва рақамӣ;
– менторӣ ва роҳнамоии омӯзгорони ҷавон;
– муносибати созанда ба хато ва таҷрибаи номуваффақ;
– эътироф ва паҳн намудани натиҷаҳои эҷодӣ.

Маҳз ин гуна муҳит ба омӯзгор имкон медиҳад, ки аз иҷрокунандаи дастуру барномаи тайёр ба субъекти фаъоли тағйироти педагогӣ табдил ёбад.

Ҳамчунин омӯзгороне, ки ба таҳияи масъалаҳои амалӣ, супоришҳои таҷрибавӣ ва лоиҳаҳои байнифаннӣ машғул буданд, имкониятҳои бештари худтатбиқнамоии касбиро нишон доданд. Чунин фаъолият пайвастани дониши фаннӣ, методика, технология ва таҷрибаи иҷтимоиро талаб мекунад.

Масалан, лоиҳаи байнифаннӣ оид ба сарфаи неру метавонад донишҳои физика, математика, биология ва технологияи иттилоотиро муттаҳид созад. Дар ин раванд омӯзгор на танҳо маводи таълимиро пешниҳод мекунад, балки масъала мегузорад, манбаъ интихоб менамояд, фаъолияти гурӯҳиро роҳнамоӣ мекунад ва натиҷаро арзёбӣ менамояд.

Фаъолияти лоиҳавӣ барои худи омӯзгор низ аҳамияти рушддиҳанда дорад, зеро ӯро ба ҷустуҷӯи маълумот, тарҳрезии вазъияти таълимӣ, ҳамкорӣ бо ҳамкасбон ва таҳлили натиҷа водор месозад.

Муносибати инноватсионӣ тағйир ёфтани мавқеи омӯзгорро дар раванди таълим талаб менамояд. Дар модели анъанавӣ ӯ бештар ҳамчун манбаи асосии дониш баромад мекунад. Дар модели инноватсионӣ омӯзгор ташкилкунанда, роҳнамо, мушовир ва тарҳрези фаъолияти маърифатии хонанда мебошад.

Ин тағйирот махсусан дар таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ муҳим аст. Агар дарс танҳо ба пешниҳоди формула, қоида ё алгоритми тайёр асос ёбад, имконияти рушди тафаккури таҳқиқотии хонанда маҳдуд мемонад. Баръакс, масъалаи проблемавӣ, фарзия, таҷриба, таҳлили далел ва ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳал хонандаро ба фаъолияти мустақилона ҷалб мекунад.

Барои иҷрои ин нақш омӯзгорро мебояд вазъияти проблемавӣ тарҳрезӣ намояд, фаъолияти таҳқиқотиро ташкил карда бошад, кори инфиродӣ ва гурӯҳиро роҳнамоӣ намояд, захираи рақамиро мақсаднок интихоб кунад, робитаи бозгашти ташаккулдиҳанда таъмин намояд ва натиҷаи таълимро таҳлил ва фаъолияти худро ислоҳ кунад.

Ҳамаи ин маҷмӯи амалҳо мазмуни воқеии худтатбиқнамоии касбиро ташкил медиҳад ва омӯзгори ҷавобгӯ ба талаботи замонро месозад:

Сохтори худтатбиқнамоии касбии омӯзгор



Сохтори пешниҳодшудаи худтатбиқнамоии касбӣ хусусияти даврӣ дошта, аз ангеза, азхудкунии дониш, татбиқ, ҳамкорӣ, рефлексия ва муайян намудани ҳадафи нави рушд иборат мебошад. Риояи ин пайдарпайӣ метавонад барои таҳияи барномаҳои такмили ихтисос, ташкили фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ ва арзёбии рушди касбии омӯзгорон заминаи илмӣ-методӣ фароҳам оварад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба мо имкон медиҳанд, ки шартҳои асосии рушди худтатбиқнамоии касбии омӯзгорро ба тариқи зайл ҷамъбаст намуда бошем:

Якум, дар муассиса бояд муҳити дастгиркунандаи ташаббус, озмоиш ва ҳамкорӣ ташаккул ёбад. Озодии касбӣ бояд бо масъулият барои натиҷа пайваст бошад.

Дуюм, фаъолияти методӣ бояд аз шакли ҳисоботдиҳӣ ба таҳлили масъалаҳои воқеии дарс гузарад. Мушоҳидаи ҳамкасб, таҳлили муштараки дарс, менторӣ ва гурӯҳи эҷодӣ дар ин самт самаранок мебошанд.

Сеюм, технологияҳои рақамӣ бояд мувофиқи ҳадаф ва вазифаи педагогӣ интихоб шаванд. Истифодаи онҳо набояд ба намоиши зоҳирӣ маҳдуд гардад.

Чорум, омӯзгор бояд ба фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ ҷалб карда шавад. Таҳия, санҷиш, арзёбӣ ва муаррифии ғояи педагогӣ имконияти худтатбиқнамоиро васеъ менамояд.

Панҷум, рефлексия бояд ҷузъи доимии фаъолияти касбӣ бошад. Омӯзгор бояд тавонад натиҷаи кори худро арзёбӣ намуда, сабаби мушкилот ва самти рушди минбаъдаро муайян созад.

Хулоса, таҳлил нишон дод, ки худтатбиқнамоии касбии омӯзгори фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ раванди бисёрҷанба буда, ангезаи рушди касбӣ, дониши фаннию методӣ, малакаи технологӣ, фаъолияти эҷодӣ, ҳамкории касбӣ ва рефлексияро муттаҳид менамояд.

Муносибати инноватсионӣ танҳо бо истифодаи воситаҳои рақамӣ ё усулҳои нави таълим маҳдуд намешавад. Он тағйир додани тарзи тафаккури педагогӣ, нақши омӯзгор, шакли фаъолияти хонанда ва меъёрҳои арзёбии натиҷаи таълимро талаб менамояд.

Натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи омӯзгорон нишон доданд, ки худтатбиқнамоии касбӣ дар муҳите самараноктар рушд меёбад, ки ҳамкории методӣ, ташаббуси омӯзгор, фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ ва таҳлили рефлексивӣ дастгирӣ мешаванд.

Технологияи рақамӣ танҳо дар он сурат омили рушди касбӣ мегардад, ки барои ҳалли вазифаи мушаххаси педагогӣ, фаъол намудани хонанда ва беҳтар намудани натиҷаи таълим истифода шавад. Арзиши технология бо нав будани восита не, балки бо тағйироти сифатие муайян мегардад, ки он дар фаъолияти омӯзгор ва хонанда ба вуҷуд меорад.

АДАБИЁТ

1. Выготский Л. С. Собрание сочинений: в 6 т. Т. 2: Проблемы общей психологии / под ред. В. В. Давыдова. – Москва: Педагогика, 1982. - 504 с.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 29 сентябри соли 2020, №526.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030» аз 30 апрели соли 2021, №165.
4. Кларин М. В. Инновационные модели обучения: исследование мирового опыта. - Москва: Луч, 2016. – 640 с.
5. Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность. - Москва: Политиздат, 1975. - 304 с.
6. Мирзоева Н. Р. Основы компетентностного подхода для повышения качества образования в республике таджикистан // Вестник Педагогического университета. - 2022. - №3 (98).
7. Муродов М. А. Педагогические условия формирования культуры учителя в школах нового типа Республики Таджикистан: дис. … канд. пед. наук. – Қӯрғонтеппа, 2008. - 171 с.
8. Мухиддинов К. Теоретические основы системы управленческой мобилизующей деятельности по обеспечению инновационной профессиональной компетентности школьных педагогов: дис. … д-ра пед. наук. – Душанбе, 2011.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 26 январи соли 2021.
10. Раджабов Т. Б. Исследовательская деятельность в профессиональной подготовке современного учителя математики // Вестник Педагогического университета. - 2014. - №1-1 (56).
11. Сластёнин В. А., Подымова Л. С. Педагогика: инновационная деятельность. - Москва: Магистр, 1997. - 224 с.

12. Тақдиров Т. К. Педагогические условия реализации инновационных процессов в школах Республики Таджикистан: дис. … канд. пед. наук. - Душанбе, 2010.

13. Хуторской А. В. Ключевые компетенции: технология конструирования // Народное образование. - 2003. - №5. - С. 55-61.

МУНОСИБАТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РУШДИ ХУДТАТБИҚНАМОИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАНҲОИ РИЁЗӢ, ДАҚИҚ ВА ТАБИӢ

Дар мақола масъалаи рушди худтатбиқнамоии касбии омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар заминаи муносибати инноватсионӣ баррасӣ шудааст. Таҳқиқот фаъолияти беш аз 180 нафар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд ва минтақаи Ҳисорро фаро гирифт. Натиҷаҳо нишон доданд, ки ҳамкории методӣ, дастгирии ташаббус, истифодаи мақсадноки технологияҳои рақамӣ, фаъолияти лоиҳавию таҳқиқотӣ ва рефлексияи касбӣ ба рушди худтатбиқнамоии омӯзгор мусоидат менамоянд. Муайян гардид, ки технология танҳо дар сурати тағйир додани мақсад, мазмун, усул ва натиҷаи таълим хусусияти инноватсионӣ касб мекунад.

Калидвожаҳо: *муносибати инноватсионӣ, худтатбиқнамоии касбӣ, омӯзгор, технологияҳои рақамӣ, муҳити инноватсионӣ, ҳамкории методӣ, рефлексияи педагогӣ.*

ИННОВАЦИОННЫЙ ПОДХОД К РАЗВИТИЮ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ САМОРЕАЛИЗАЦИИ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИЧЕСКИХ, ТОЧНЫХ И ЕСТЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН

В статье рассматривается развитие профессиональной самореализации учителей математических, точных и естественных дисциплин на основе инновационного подхода. Исследование охватило более 180 учителей общеобразовательных учреждений Согдийской области и Гиссарского региона. Установлено, что методическое взаимодействие, поддержка инициативы, целенаправленное использование цифровых технологий, проектно-исследовательская деятельность и профессиональная рефлексия способствуют развитию самореализации учителя. Показано, что технология приобретает инновационный характер только тогда, когда изменяет цели, содержание, методы и результаты обучения.

Ключевые слова*: инновационный подход, профессиональная самореализация, учитель, цифровые технологии, инновационная среда, методическое взаимодействие, педагогическая рефлексия.*

AN INNOVATIVE APPROACH TO DEVELOPING THE PROFESSIONAL SELF-REALIZATION OF TEACHERS OF MATHEMATICS, EXACT AND NATURAL SCIENCES

The article examines the professional self-realization of teachers of mathematics, exact and natural sciences within an innovative approach. The study involved more than 180 teachers from general education institutions in the Sughd Region and the Hisor area. The findings show that methodological cooperation, support for teacher initiative, purposeful use of digital technologies, project and research activities, and professional reflection promote professional self-realization. Technology becomes genuinely innovative only when it contributes to changes in the aims, content, methods, and outcomes of teaching.

Keywords*: innovative approach, professional self-realization, teacher, digital technologies, innovative environment, methodological cooperation, pedagogical reflection.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пӯлотова Гулсара Ильёсҷоновна*** *- мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. E-mail: pulotova.gulsara@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Пулотова Гулсара Ильёсджоновна*** *- заведующая отделом естественно-математических дисциплин, информационных технологий, учебных программ и учебников Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица А. Адхамова, 11/2. E-mail: pulotova.gulsara@mail.ru.*

Information about the author: ***Pulotova Gulsara Ilyosjonovna*** *- head of the department of natural and mathematical sciences, information technology, curricula and textbooks at the Abdurahmoni Jomi institute for education development, Academy of education of Tajikistan. Address: 11/2 A. Adhamov Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan. E-mail: pulotova.gulsara@mail.ru*

ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ КӮДАКОН: ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Шарипова Т. Т.

унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таҳлили маъхазҳои илмие, ки моҳияти масъалаи ташаккули тафаккури техникии кӯдакон ва инкишофи онро дар оянда тавсиф мекунанд, муайян намуд, ки дар доираи илм имрӯз ақидаҳои зиёде гирд оварда шуда, консепсияҳо, усулҳои гуногун, ки ба ташаккули тафаккури техникии мактаббачагон нигаронида шудаанд, коркард гаштаанд.

Дар асарҳои В. Г. Афанасев, В. И. Вернадский, В. Н. Садовский ва дигар олимон, равиши систематикии ташкили фазои таълим, ки ба ташаккули тафаккури техникии хонандагон мусоидат мекунад, баррасӣ шудааст.

Аксар педагогҳо ва равоншиносон таъкид мекунанд, ки инсон дар сурати мавҷуд будани чунин эҳтиёҷот ба тафаккури истеҳсолӣ рӯ меорад (А. М. Матюшкин, В. В. Белич, И.А. Бескова, Л. А. Виготский, Л. С. Рубинштейн, К. Д. Ушинский, Ю. А. Самарин ва диг.). Сипас ҷустуҷӯйи ҷавобҳо ба саволҳое, ки ба тағйирёбии вазъияти ҳаёт мувофиқанд, оғоз меёбад, ки ба вазифаҳо табдил меёбанд.

Муҳаққиқон даъво доранд, ки вазифаҳои тафаккури амалӣ дар фаъолияти мушаххас амалӣ мешаванд (А .М. Аверин, Б. Д. Душков, Р. А. Атаханов ва ғ.). Бо назардошти ин мавқеъ фаъолияти таълимии хонандагон дар мактабхои маълумоти умумӣ бояд бо инкишофи тафаккури техникӣ алоқаманд бошад.

Дар асари Н. Латипов «Эвристикаи муҳандисӣ» муаллиф қайд мекунад: «Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки муҳандиси ҷавонро ба фикрронии мувофиқи мақсадаш водор созад. Дар баробари ин, чунин фаъолият бояд на танҳо ба ҳалли масъалаҳои техникӣ, балки ба вазифаҳои рӯзмарра низ нигаронида шавад. Заифии тафаккур барои инсон, дар муқоиса бо рукуди равандҳои физиологӣ ҳам хеле хатарноктар аст» [6].

Маънои ин гуфтаҳоро ба назар гирифта, мо диққати худро ба он ҷалб менамоем, ки дар мактабҳои таълимоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун ба хонандагон фикр кардани «техникӣ»-ро ёд додан лозим аст. Ин принсип самти ташаккули тафаккури техникии хонандагони синфҳои ибтидоиро муайян мекунад.

Дар поён мо ғояҳои инкишофи тафаккури техникиро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ дида мебароем. Дар асари П. Энгелмейер «Фалсафаи техника» бори аввал дар луғати илмӣ мафҳуми «тафаккури техникӣ» истифода шудааст, ки муаллиф бо он тафаккури мушаххасро дар назар дошт.

Дар айни замон тафаккури техникӣ хамчун шакли инъикоси воқеият маънидод карда мешавад, ки одам бо ёрии он маҳсулоти техникӣ меофарад (М. Л. Шубас).

Педагоги муосир М. Л. Шубас тафаккури техникиро яке аз шаклҳои инъикоси воқеият муайян кардааст, ки тавассути он воситаҳои гуногуни техникӣ тарҳрезӣ, эҷод, усули истифодаи онҳо дар даврaҳои муайяни таърих сурат мегиранд [18].

Аксари олимон асарҳои илмии худро ба омӯхтани хусусиятҳои тафаккури техникӣ, алоқаи он бо маводи назариявӣ ва амалии дар раванди таълим истифодашаванда бахшидаанд (В. А. Скакун, И. С. Якиманская, Н. А. Менчинская, П. И. Иванов, Т. В. Кудрявсев ва диг.).

Асарҳои А. Григорева, А. В. Иванова, А. Г. Корнилова, В. Ф. Афанасев, Н.Д. Неустроев, У. А. Винокурова ва дигар муҳаққиқон хусусиятҳои минтақавии системаи маориф ва меҳвари касбии хонандагонро таҳлил мекунанд.

Дар асарҳои илмии соҳаи психологияи тарбиявӣ тадқиқоти амиқи тафаккури техникӣ, инкишофи назарияи ташаккули он дар раванди таълим (В. А. Скакун, И. С. Якиманская, Н.А. Менчинская, Т. В. Кудрявсев, Е. Стоун, Р. А. Атахонов, М. Саидов)-ро пайдо мекунем. Аммо зимни таҳлили асарҳои сершумори олимони соҳае, ки мо таҳқиқ карда истодаем, ошкор намудем, ки таҳқиқоти мукаммали механизми тафаккури техникӣ, ки дар фаъолияти муайян зуҳур мекунад, инчунин усулҳои ташаккул, инкишоф ва ислоҳи он ба назар намерасад [13], [20], [8], [5], [14], [1], [12].

Дар боло қайд гашт, ки тафаккур, сарфи назар аз намудаш, танҳо дар вақте ба амал меояд, ки ба ин раванд зарурат пайдо шавад (А. М. Майушкина, В. В. Белич). Аз ин бармеояд, ки агар

шахс ба ягон мушкилие дучор шавад, фикр дар ҳалли масъалаи муайян ба кор шуруъ мекунад. Дар ибтидои инкишофи инсоният одамон ба масъалаҳои амалӣ дучор мешуданд, ки баъдтар аз онҳо як унсури назариявӣ пайдо шуд [2], [7].

«Одамони гуногун хусусиятҳои хоси тафаккури худро доранд, ки бо масъалаҳое, ки бояд онҳоро ҳал кунанд, асоснок мегардад. Илова бар ин, ба табиати тафаккур фаъолияти амалии шахс таъсир мерасонад» (С. Л. Рубинштейн) [10].

Вобаста ба ин, маълум мешавад, ки равандҳои тафаккур хусусиятҳое пайдо мекунанд, ки ба шахси мушаххас хосанд. Масъалаҳои ташаккули тафаккури техникии хонандагони синфҳои ибтидоиро низ дида баромадем. Барои посух додан ба онҳо лозим омад, ки сарчашмаҳои гуногуни иттилоотро оид ба ин мавзуъ, аз ҷумла асарҳои Р. Атаханов, В.Д. Шадриков, ки дар он муаллифон психологияи меҳнат, фаъолияти муҳандисиро меомӯзанд, таҳлил ва арзёбӣ намоем [16, с. 33-46], [1, с. 41-50].

Дар «Луғати психологӣ» тафаккури техникӣ ҳамчун қобилияти шахс дар гузоштани масъалаҳои техникӣ ва ҳалли онҳо тавсиф шудааст. Мо ба ин гуфтаҳо розӣ шуда, нишон медиҳем, ки нишондиҳандаи асосии инкишофи фаъолияти равонӣ қобилияти тартиб додани масъалаи техникӣ ва ҳал намудани он мебошад. Қобилияти дарки мушкилот, гузоштани вазифае, ки ба соҳаи муайяни дониш хос аст, сатҳи инкишофи интеллекти шахсро муайян мекунад. Аммо, мо ин сифатҳоро дар дигар намудҳои тафаккур, на танҳо техникӣ пайдо хоҳем кард. Аз ин рӯ, ба фикри мо, таърифи дар боло зикршудаи тафаккури техникӣ моҳият ва хусусиятҳои онро пурра ошкор карда наметавонад.

Бисёр муҳаққиқон кӯшиш карданд, ки тафаккури техникӣ ва амалиро шарҳ диҳанд. Масалан, асарҳои П. И. Иванов ва Т.В. Кудрявсев ба таҳлил ва таркиби ин мафҳумҳо бахшида шудаанд. Ба гуфтаи П. И. Иванов консепсияи тафаккури техникӣ ба мафҳуми интеллекти амалӣ асос ёфта, натиҷаи он ба вуҷуд овардани маҳсули муайяни моддӣ мебошад. Аз ин рӯ, тафаккури амалӣ дар амал ва андешаҳои амалӣ ифода меёбад.

Муаллифи дигар Т. В. Кудрявсев бо ин мавқеъ розӣ нест. Вай таъкид мекунад, ки мафҳуми тафаккури техникӣ танҳо дар асоси мафҳуми зеҳни амалӣ ба даст овардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин дар байни мафхум ва консепсия алоқаҳои муҳим мавҷуданд.

Т. В. Кудрявсев муқаррар намуд, ки тафаккури техникӣ дар баъзе мавридҳо хусусияти конструктивӣ, эҷодӣ надорад. Илова бар ин, муаллиф ба хулосае меояд, ки агар барои ҳалли масъалаи техникӣ бо тасвирҳои объектҳо кор кардан лозим бошад, ин гуна фаъолият бо ба даст овардани натиҷаи нав, маҳсулот хотима намеёбад [5].

П. И. Иванов дар асарҳои илмии худ масъалаҳои вобаста ба тафаккури техникиро баррасӣ намудааст. Ба фикри ӯ, дар таркиби масъалахои техникие, ки мавзуъ ҳал мекунад, тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки ҳангоми ҳалли масъалаи амалӣ ҳамаи марҳалаҳои ин равандро пешгӯйӣ кардан шарт нест. Баъзан, ёфтани роҳи ҳалли марҳалаи якуми он кифоя аст. Натиҷаи он метавонад ба вазъияти минбаъда таъсир расонад, ки боиси тағйирот дар амалҳои зерин мегардад.

Амали мушаххас инчунин вазифаи дурандеширо иҷро мекунад, ки имкон медиҳад, ки ҳалли масъалаи амалӣ бо назардошти тағйироте, ки бо амалисозии амали ибтидоӣ ба амал омадааст, идома дода шавад.

Бояд гуфт, ки ин гуна вазифаҳои фаннӣ малакаҳои муайяни мушаххасро талаб мекунанд. Масалан, С. Л. Рубинштейн ба руйхати чунин талабот қобилияти мушоҳида кардан, диққати махсус додан ба ҷузъиёти инфиродӣ, зуд иваз кардани фаъолияти равониро ба амал ва аз амал боз ба фаъолияти равонӣ гузаштанро шомил намудааст [10].

Муносибати ҳалли масъалахои амалӣ ва ҳалли вазифаҳои лоиҳакашию конструкториро алоҳида таъкид кардан лозим аст. Раванди дарёфти ҷавоб ба чунин мушкилот ва вазифаҳо бо хусусиятҳои тарҳрезии қисмҳои алоҳида, унсурҳои дастгоҳ ва тамоми сохтор алоқаманд аст. Дар баробари ин халли масъала ба маҳорати истифода бурдани донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ҷамъшуда вобаста аст. Вале характери худи вазифа ва муносибати одамро ба он, шавқу ҳаваси ӯро ба назар нагирифтан мумкин нест.

Равишҳое, ки хусусияти тафаккури техникиро муайян мекунанд, ки мо дар боло тавсиф кардем, ягона нестанд. Масалан, Г. Кайзер чунин мешуморад, ки тафаккури техникӣ на ҳама вақт бо амалиёти равонӣ ҳамроҳ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки «тафаккури техникӣ ҷузъи фаъолияти амалии истеҳсолӣ мебошад. Дараҷаи зуҳури он ба шароити мушаххаси чунин фаъолиятҳо вобаста аст» [4].

Дар асарҳои Г. Франкевич, Г. Кайзер ва дигар олимон ба он диққати махсус дода мешавад, ки инкишофи тафаккури техникӣ масъалаи асосии таълими политехникӣ мебошад. Сохтори тафаккури техникӣ сохтори мураккаби мушаххас дорад. Барои инкишоф додани тафаккури техникӣ қобилиятҳои техникиро инкишоф додан лозим аст.

Вобастагии тафаккури техникӣ ба хислатҳои фардии инсон, хосиятҳои шахсияти ӯ дар асарҳои А. Г. Асмолов, В. М. Мерлин, И. Я. Лернер, М. В. Антропова, Н. А. Менчинская, Н.Д. Левитов, Е. Ф. Зеер ва дигар муҳаққиқон мавриди баррасии амиқ қарор гирифта бошад ҳам, аммо онҳо таърифи тафаккури техникиро бо назардошти ин сифатҳо пешниход намекунанд.

Таҳлили маъхазҳои илмӣ ва маводи муҳаққиқону олимон нишон дод, ки таърифи тафаккури техникӣ бояд бо назардошти маводи техникие, ки бо он амал мекунад, дода шавад.

Ба гуфтаи Е. В. Кряжев, М. Агеев, Ю. А. Якуба ва дигар олимон дар раванди таълим дар мактабхои таълимоти миёнаи умумӣ барои инкишоф додани тафаккури техникӣ аз вазифаҳои гуногуни психологию педагогии дорои характери техникӣ истифода бурдан лозим аст.

Ин ҷо муфассалтар дида мебароем, ки вазифаи техникӣ дар чӣ зоҳир мегардад. Дар айни замон аҳли ҷамъияти илмӣ дар бораи чӣ будани «вазифаи техникӣ» ақидаи ягона надорад. Ин истилоҳ аксар вақт ҳамчун ҳама гуна вазифае фаҳмида мешавад, ки бо дарёфти ҷавоб ба мушкилоти марбут ба технология ё муҳандисӣ алоқаманд аст.

Т. В. Кудрявсев тафсири шахсии мафҳуми «вазифаи техникӣ»-ро пешниҳод мекунад: ин «вазифаест, ки бо дараҷаи муайяни номуайянӣ дар ёфтани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда тавсиф мешавад». Дар асоси ин таъриф илова мекунем, ки чунин вазифа бояд бо истифода аз равандҳои ҳалталаб амалӣ карда шавад ва мазмуни он бояд то андозае номуайянӣ дошта бошад [5].

Ҳар як вазифаи техникӣ дар назди субъект масъалае мегузорад, ҷустуҷӯро талаб мекунад. Яъне, дар раванди ҳалли масъалаи техникӣ майдони ҷустуҷӯро муайян кардан, маълумотеро, ки барои ҳалли масъала зарур аст, ёфтан ва аз вариантҳои гуногуни ҳалли вариантеро интихоб кардан лозим аст, ки шартҳои дар масъала зикргардидаро қонеъ мекунад.

Дар раванди таълим барои ба мактаббачагон омӯзонидани ҳалли вазифаҳои масъалавӣ маҷмуи махсуси интихобшудаи вазифаҳои таълимию масъалавӣ истифода мешаванд, ки ҳамчун вазифаҳое фаҳмида мешаванд, ки ба ташаккули усули амали талабагон мусоидат мекунанд, ки барои ёфтани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда заруранд. Чунин вазифаҳо на танҳо вазъияти масъалавиро дарбар мегиранд, балки хонандагонро ба муайян намудани хусусиятҳо, ҳодисаҳои муҳим, ки дар асоси онҳо роҳи дурусти ҳал пайдо мешавад, равона мекунад.

Вазифаи таълимӣ ва ҳалли мушкилот ҳамчун вазифае фаҳмида мешавад, ки ҳалли он ба ташаккули усули амали хонандагон мусоидат мекунад. Дар мазмуни вазифаҳои ин намуд мо маҷмуи саволҳоеро меёбем, ки ба воситаи онҳо масъала муайян карда шуда, самти талабагон ба муайян кардани хусусиятҳои муҳимтарини падида ва мафҳумҳои азхудшаванда муайян карда мешавад (В. В. Давидов, Д. Б. Элконин, Л. В. Занков ва диг.).

Ба фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули тафаккури техникии онҳо вазифаҳои техникӣ низ дохил карда мешаванд.

Илми педагогӣ дар ин марҳилаи рушд дар назди худ мақсади ташаккули шахсиятро гузошта, он сифатҳоеро, ки бояд инкишоф ва такмил дода шаванд, нишон медиҳад (Ф.А. Зуева, Е. Г. Мохова). Ф. А. Зуева маҳорати мустақилона ташкили ҳалли масъалаи додашуда ва бо истифода аз қобилиятҳои эҷодӣ ҳал карданро ба чунин сифатҳо нисбат додааст. Вай ин хислатхоро ба таркиби тафаккури техникӣ мансуб медонад [3, с. 185], [9].

Дар асоси ин фикр, мо якчанд сатҳҳои рушди тафаккури техникиро муайян кардем:

Сатҳи аввал: мавҷудияти дониш дар бораи усулҳои амал хеле суст зуҳур мекунад, амалҳои иҷрошаванда ғайришуурӣ буда, асосан, ба интуитсия такя мекунанд.

Сатҳи дуюм: заминаи дониш ташаккул ёфтааст, аммо аз он самаранок истифода бурда намешавад. Амалҳои анҷомдодашуда аз нотавонии иҷрогар, номуайянии ӯ дар масъалаҳои баррасишаванда шаҳодат медиҳанд.

Сатҳи сеюм: амалҳое, ки ба ҳалли масъалаи техникӣ нигаронида шудаанд, бошуурона интихоб карда мешаванд, онҳо оқилона ва самаранок мебошанд. Аммо, дониши техникӣ ба интихоби онҳо кам таъсир мерасонад.

Сатҳи чорум: амалҳое, ки тавассути онҳо мушкилоти техникӣ дуруст ҳал гашта, ба донишҳои амиқи техникӣ асос ёфтаанд.

Маҷмуи супоришҳои техникиро, ки ба сатҳҳои гуногун мувофиқанд, тартиб додем ва вазифаҳоеро, ки дараҷаи инкишофи тафаккури техникии мактаббачагонро муайян мекунанд, ба се дараҷаи мураккаб тақсим кардем. Тавсия медиҳем, ки онҳоро ҳангоми дарсҳои технология, геометрия, алгебра, математика ва дигар фанҳо истифода бурда шавад.

Дар асоси гуфтахои боло ба хулосае меоем, ки вазифахои техникие, ки барои ҳал карда ба мактаббачагон пешниҳод карда мешаванд, бояд дараҷаи тафаккури техникии онҳоро ба назар гирифта, ба инкишофи он нигаронида шавад.

Чунин мешуморем, ки ба инкишофи тафаккури техникии хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ шароити педагогие, ки дар муассисаи таълимӣ дар асоси таҷрибаи амалӣ ва донишҳои назариявии асосҳои инкишофи тафаккури техникии хонандагони синфҳои ибтидоӣ фароҳам оварда шудаанд, низ таъсир мерасонад.

Раванди ташаккули тафаккури техникии мактаббачагон бояд амалҳои зеринро дар бар гирад:

1. Ташаккули тафаккури риёзӣ ва мантиқӣ дар дарсҳои математика ва физика.
2. Таълими технологияҳои асосӣ дар дарси расмкашӣ ва технология.
3. Ташаккули синфҳои махсуси муҳандисӣ дар муассисаи таълимӣ.
4. Татбиқи барномаҳои таълимӣ дар самтҳои эҷодӣ ва техникӣ дар таълими факултативӣ.
5. Аз ҷониби хонандагон анҷом додани лоиҳаҳои техникӣ.
6. Ташкили кори беруназсинфӣ бо хонандагон дар соҳаи техника.
7. Ҷалби мактаббачагон ба озмунҳои маҳорати касбӣ, робототехника, боздид аз паркҳои технологӣ ва амсоли ин.

Азхуд намудани барномаи махсуси фанни таълим (математика, физика, накша, технология ва ғайра) бояд ба инкишофи тафаккури техникӣ, мантиқӣ ва математикии мактаббачагон мусоидат намояд.

Тафаккури техникӣ ба шакли муқаррарии тафаккур асос ёфтааст, ки дар он амалҳои бунёдӣ аз қабили таҳлил ва синтез, муқоиса, гурӯҳбандӣ, системасозӣ ва ғайра шомиланд.

Корҳои лабораторӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ ба мактаббачагон ба кор кардан бо объектҳои техникӣ, маводи маълумотӣ, гирифтани дониш дар бораи технологияҳои муайян, усули амал кумак мерасонанд. Масалан, хангоми таълими физика аз рӯихати калони масъалаҳои эҷодӣ истифода бурдан мумкин аст, ки ҳалли онҳо таҷриба, сохтори дастгоҳҳо ва механизмҳоро талаб мекунад. Раванди ҳалли ин гуна масъалаҳо бо инкишофи тафаккури эҷодӣ, техникӣ, афзоиши шавқу ҳавас ба фанни омӯхташаванда ҳамроҳ мешавад.

Ҷузъи муҳимми тафаккури техникӣ тафаккури мантиқӣ мебошад, ки онро дар дарсҳои математика бо истифода аз масъалаҳои тарҳрезии мантиқии ғайристандартӣ, вазифаҳое, ки ҳалли онҳо иҷрои амалҳои мантиқӣ, вазифаҳои масъаларо талаб мекунад, самаранок инкишоф додан мумкин аст. Хамаи ин гуна корхо ва супоришхо аз хонандагон талаб мекунанд, ки амалҳои аз ҷиҳати мантиқӣ асоснокро иҷро карда тавонанд. Масалан, таҳлил ва ҷамъбаст кардан, муайян кардани хусусиятҳои муҳим, тасниф кардан, муқоиса кардан, асоснок кардан ва ғайра.

Ба ҳам пайвастани машгулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ омили муҳимми инкишофи тафаккури техникӣ мебошад. Корҳои беруназсинфӣ, ки ба эҷодиёти техникӣ нигаронида шудаанд, ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои гирифтаашонро дар амал татбиқ намоянд, лоиҳаҳои шахсии худро таҳия кунанд ва дар озмунҳо ширкат варзанд, ки ин ба ташаккули маҳорати муҳандисии онҳо ва ҳавасмандии онҳо ба омӯзиши фанҳои техникӣ мусоидат мекунад.

Инкишофи тафаккури техникӣ аз муаллим талаб мекунад, ки усули гуногунеро, ки ба фаъол гардондани фаъолияти маърифатии хонандагон нигаронида шудаанд, истифода барад. Инҳо омӯзиши проблемавӣ, фаъолиятҳои лоиҳавӣ, технологияҳои бозӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиро дар бар мегиранд. Муҳим он аст, ки раванди таълим ба азхудкунии мустақилонаи дониш ва ташаккули маҳорати татбиқи он дар ҳолатҳои амалӣ нигаронида шавад.

Яке аз роҳҳои самарабахши инкишоф додани тафаккури техникӣ ин истифодаи вазифаҳои техникии сатҳҳои гуногуни мураккаб мебошад. Вазифаҳо бояд ба ташаккули қобилияти таҳлили объектҳои техникӣ, муайян кардани хусусиятҳои конструктории онҳо, таҳияи қарорҳои техникӣ ва арзёбии самаранокии онҳо нигаронида шаванд. Хусусиятхои фардии хонандагон ва дараҷаи тайёрии онҳоро ба назар гирифтан зарур аст. Ҳамин тариқ, инкишофи тафаккури техникӣ дар мактаббачагон раванди мураккабест, ки ташаккули тафаккури риёзӣ ва мантиқӣ, таълими технологияҳои асосӣ, татбиқи барномаҳои таълимӣ дар соҳаи техникӣ, татбиқи лоиҳаҳои техникӣ ва ташкили корҳои беруназсинфӣ мебошад. Бомуваффақият амалӣ намудани ин раванд аз омӯзгор талаб мекунад, ки дар муассисаи таълимӣ аз метод ва усулҳои гуногун истифода барад, инчунин шароити мусоиди педагогиро фароҳам оварад.

АДАБИЁТ

1. Атаханов Р.А. Соотношение общих закономерностей мышления и математического мышления // Вопросы психологии. - 1995. - №5. - С. 41-50.

2. Белич, В.В. Соотношение эмпирического и теоретического познавательной деятельности учащихся: Автореферат дис…доктора пед. Наук. – Челябинск, 1993. - 46 с.

3. Зуева Ф.А. Педагогические условия развития технического мышления у студентов инженерно-педагогических специальностей: Диссертация на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. – Челябинск, 1998. - С. 185.

4. Кайзер Г. Исследование процесса решения технических задач / Г. Кайзер // Вопросы педагогики профессионального образования. - М., 1965.

5. Кудрявцев Т.В. Психология технического мышления. - М.: Педагогика, 1975 г. – 302 с.

6. Латыпов Н.Н., Елкин С.В., Гаврилов Д.А. Самоучитель игры на извилинах \ Под. ред. А.А. Вассермана. – М.: АСТ, 2012.

7. Матюшкин А.М., Основные направления исследования мышления и творчества // Психологический журнал. - 1984. - №1. - С. 9 – 17.

8. Менчинская Н.А. Проблемы учения и развития. К вопросу о теории обучения. Советская педагогика. - 1989. - №4. – С. 42-46.

9. Мохов А.Г. Психолого-педагогические особенности формирования творческого мышления у старшеклассников в профильном техническом обучении с помощью проектно-продуктивных задач / автореферат диссертации… кандидата психологических наук. - Санкт – Петербург, 2006. – 22 с.

10. Рубинштейн С.Л., Основы общей психологии. - СПб и др.: ПитерКом, 1998 г. - 485 с.

11. Сабури Х.М. Коммуникабельность как профессиональное качество личности учителя начальных классов. // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. - 2021. - № 4 (69). - С. 122-128.

12. Саидов М. Инкишофи тафаккури техникӣ дар кӯдакони синни томактабӣ / М. Саидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 140 с.

13. Скакун В.А. Преподавание общетехнических и специальных предметов в средних ПТУ: Методическое пособие. - М.: Высшая школа, 1987. - 272 с.

14. Стоунс Э. Психопедагогика. Психологическая теория и практика обучения. - М.: Педагогика, 1984. – 420 с.

15. Умаров Ҷ. Педагогикаи инноватсионӣ / Ҷ. Умаров. – Душанбе: Нашриёти ДДОТ, 2019. – 190 с.

16. Шадриков В.Д. Психологический анализ деятельности и системы // Психологический журнал. - 1980. - №3. - С. 33-46.

17. Шарипов Ф. Роҳнамои методӣ оид ба таълими технология дар синфҳои ибтидоӣ / Ф. Шарипов. – Душанбе: Маориф, 2014. – 170 с.

18. Шубас М.Л. Инженерное мышление и научно – технический прогресс. - Вильнюс. Минтис, 1982.

19. Юсупов Б. Таълими бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ / Б. Юсупов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 150 с.

20. Якиманская И.С. Формирование интеллектуальных умений и навыков в процессе производственного обучения. - М.: Высшая школа, 1979. – 88 с.

ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ КӮДАКОН: ТАҲЛИЛИ МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақола равишҳои назариявӣ оид ба ташаккули тафаккури техникӣ дар кӯдакон баррасӣ карда мешаванд, бинобар ин қайд карда мешавад, ки ин мавзуъ дар ҷомеаи илмӣ муҳим тарҳрезӣ шудааст ва таъкид карда мешавад, ки мафҳумҳо ва усули зиеде мавҷуданд, ки ба рушди тафаккури техникӣ дар мактаббачагон ва аҳамият ва гуногунҷанбаи мушкилоти ташаккули тафаккури техникӣ дар кӯдакон нигаронида шудаанд ва зарурати таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи усули самараноки таълимро нишон медиҳанд.

Муаллиф инчунин, изҳор медорад, ки дар заминаи парадигмаҳои муосири таълимӣ ташаккули тафаккури техникӣ ҳамчун омили асосии мутобиқсозии муваффақона ба шароити ҷомеаи аз ҷиҳати технологӣ рушдёфта баррасӣ карда мешавад. Тадқиқот дар доираи психологияи маърифатӣ ва педагогика робитаи байни тафаккури пешрафтаи техникӣ ва қобилияти ҳалли инноватсионии мушкилотро таъкид мекунанд. Рушди тафаккури техникӣ ба ташаккули муносибати системавӣ ба таҳлили вазифаҳо, қобилияти ҷудо кардани параметрҳои асосӣ ва пешгӯйии натиҷаҳои фаъолият мусоидат мекунад.

Калидвожа: *равишҳои назариявӣ, ташаккули тафаккури техникӣ, консепсия, усул, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мушкилоти ташаккул, усули таълим, мутобиқшавӣ, омили асосӣ, психология, педагогика.*

ФОРМИРОВАНИЕ ТЕХНИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ У ДЕТЕЙ: АНАЛИЗ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ПОДХОДОВ

В статье рассматриваются теоретические подходы к формированию технического мышления у детей, в связи с чем, отмечается, что эта тема является актуальной и разработанной в научном сообществе и подчеркивается, что существует множество концепций и методов, направленных на развитие технического мышления у школьников и важность и многогранность проблемы формирования технического мышления у детей, а также указывается на необходимость дальнейших исследований и разработки эффективных методов обучения.

Автор статьи, также, констатирует, что в контексте современных образовательных парадигм формирование технического мышления рассматривается как ключевой фактор успешной адаптации к условиям технологически развитого общества. Исследования, проводимые в рамках когнитивной психологии и педагогики, подчеркивают взаимосвязь между развитым техническим мышлением и способностью к инновационному решению проблем. Развитие технического мышления способствует формированию системного подхода к анализу задач, умения выделять ключевые параметры и прогнозировать результаты деятельности.

Ключевые слова: *теоретические подходы, формирование технического мышления, концепция, методы, учащиеся начальных классов, проблема формирования, методы обучения, адаптация, ключевой фактор, психология, педагогика.*

FORMATION OF TECHNICAL THINKING IN CHILDREN: ANALYSIS OF THEORETICAL APPROACHES

The article discusses theoretical approaches to the formation of technical thinking in children, in connection with which it is noted that this topic is relevant and developed in the scientific community and emphasizes that there are many concepts and methods aimed at developing technical thinking in schoolchildren and the importance and versatility of the problem of the formation of technical thinking in children, and also indicates the need for further research and development of effective teaching methods.

The author of the article also states that in the context of modern educational paradigms, the formation of technical thinking is considered as a key factor in successful adaptation to the conditions of a technologically advanced society. Research conducted within the framework of cognitive psychology and pedagogy highlights the relationship between advanced technical thinking and the ability to innovatively solve problems. The development of technical thinking contributes to the formation of a systematic approach to task analysis, the ability to identify key parameters and predict performance results.

Keywords: *theoretical approaches, formation of technical thinking, concept, methods, primary school students, problem of formation, teaching methods, adaptation, key factor, psychology, pedagogy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипова Таҳмина Тухтаевна*** - *унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Тел.: (+992) 92-980-54-92, email: taxa0887@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Шарипова Тахмина Тухтаевна*** - *соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжанский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова». Тел.: (+992) 92-980-54-92, email: taxa0887@mail.ru.*

Information about the author: ***Sharipova Takhmina Tukhtaevna*** - *reseacher of the Department of Social and Professional Pedagogy, SEI of «Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov». Tel.: (+ 992) 92-980-54-92, email: taxa0887@mail.ru.*

ИСТИФОДАИ ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ ПРОГРАММАВӢ БО НАЗАРДОШТИ ИХТИСОСИ ВАРЗИШӢ

Сафаров Ю. С., Разоқов Х.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даҳсолаи охир таълими программавӣ дар педагогика васеъ истифода бурда мешавад. Дар Энсиклопедияи Калони Советӣ гуфта мешавад, ки дар бобати муайян намудани мафҳуми таълими программавӣ ихтилофи назар мавҷуд аст ва боз қайд карда мешавад, ки таълими программавӣ ин мувофиқ кардани идораи равиши аз худ намудани дониш, яъне таълим бо усули мувофиқ идора намудани фаъолияти идроки хонандагон аст, ки таҳти роҳбарии муаллим тавассути барномаҳои таълимӣ ва ё воситаҳои техники суръат мегирад [12].

Ҳоло якчанд намуди таълими программавиро фарқ мекунанд. Бештар барномасозии хаттӣ ё скиннерӣ, гуногунсоҳа ё краудерӣ маълум мебошанд. Баъзе шаклҳои муштараки таълими барномавӣ, аз ҷумла барномасозии хаттиву гуногунсоҳа ва инчунин баъзе намудҳои таълими барномавӣ, ки байни муносибати психологии ташкили таълим ва таълими барномавӣ мебошанд, истифода мешаванд. Ин барномасозии эвристикӣ ва баъзе дигар шаклҳо мебошад.

Барномасозии хаттӣ, ки яке аз шаклҳои оддии таълими барномавӣ аст, ба туфайли таҳқиқоти мактаби Скиннер Б. Ф. ба вуҷуд омад, ки он ба рафтори инсон ва ҳайвонот бахшида шудааст. Барои муайян кардани хусусияти барномасозии хаттӣ нисбат ба дигар намудҳои барномасозӣ мафҳуми «қобилияти адаптивӣ» барномаҳои омӯзандаро ҷорӣ бояд кард, ки онро дар адабиёт махсус истифода мекунанд. Маънои «адаптивият» мутобиқ намудани маводҳои таълими барномавӣ бо қобилияти омӯзандагон мебошад. Тахмин карда мешавад, ки яке аз хусусиятҳои асосии мавзуҳои таълими барномавӣ ин ба эътибор гирифтани реаксияи фардии шогирдон нисбат ба дарс мебошад.

Он чиз дар назар дошта шудааст, ки яке аз хусусиятҳои асосии ба барнома даровардани мавод ин ба ҳисоб гирифтани имконияту зарурияти таассуроти фардии хонандагон нисбат ба таъсири омӯзандагӣ мебошад.

Дараҷаи мутобиқшавии барномаҳои омӯзанда гуногун аст. Барои барномасозии хаттӣ мутобиқ шудан зиёд нест. Ин чунин маъно дорад, ки барномаи хаттӣ хусусиятҳои фардии аз худ кардани мавзуъро нисбатан, кам ба эътибор мегирад. Дар барномаи хаттии таълим меъёрҳои муттасили мавзуҳо барои ҳамаи омӯзандагон ба як тартиб ҷойгир буда мутобиқият танҳо аз ҳисоби суръати омӯзиш содир мешавад. Ҳамин тариқ, ҳар як омӯзанда бо як барнома ва бо суръати худ кор мекунад, барои иҷрои вазифа ҳар қадар вақт лозим шавад, ҳамон кадар истифода мекунад. Аммо вазифа вобаста ба имконияти омӯзандагон, хусусан, пайдо шудани душворӣ, тағйир дода намешавад.

Барномаҳои хаттии омӯзанда, ки ба мақсади аз худ кардани мавзуи вербалӣ пешбинӣ шудаанд, васеъ истифода бурда мешаванд. Дар хориҷа барномаҳои хаттӣ ба шакли китоби дарсии махсус хеле васеъ паҳн шудааст. Ҳар яки ин китоби дарсӣ дорой шумораи зиёди мавзуъҳои ҳаҷман, хурд буда, аз рӯйи тартиби махсус сохта шудааст. Масалан, мақсад ва меъёри ягонаи ҳачми мавзуи таълим дар барномаҳои хаттии таълимӣ он аст, ки дар ҳар як қисми чунин мавзуъ баёнот, савол ва ҷавоб мавҷуд мебошад. Дар ибтидо омӯзанда бо як қисми мавзуъи муайян шинос мешавад, баъд дар он саволи дараҷаи фаҳмиши мавзуъро пайдо мекунад. Ниҳоят

омӯзанда имконият дорад ҷавоби худашро бо ҷавоби дуруст муқоиса кунад. Ба ибораи дигар, ҳангоми гузаштани ҳар як қисми мавзуъ омӯзанда кумаки иловагӣ мегирад.

Ҳангоми тайёр намудани чунин барномаи омӯзанда усули зиёди махсус истифода бурда мешаванд, ки он аз худ намудани мавзуъҳои дарсиро осон менамояд, инчунин дараҷаи аз худ намудани он ба таври илова санҷида шуда, мавзуъҳои нави барномаи омӯзанда, тадриҷан, тайёр карда мешаванд.

Дар адабиёт кӯшиши истифодаи барномасозии хаттӣ дар соҳаи таълимӣ ҳаракат дида мешавад. Хусусан, оид ба гимнастика як қатор тадқиқот гузаронида шудаанд. Масалан, дар тадқиқоти профессор А. М. Шлемин [6, с.54] ва шогирдони вай имконияти истифодаи барномасозии хаттӣ ба мақсади аз худ намудани маводи назариявӣ ва амалӣ мавриди мутолиа қарор гирифта буд. Хусусан, дар тадқиқоти Ю. З. Носиков [11], имконияти истифодаи баъзе унсурҳои барномасозии хаттӣ мавриди омӯзиши мавзӯи оддии амалӣ гардида буд. Дар тадқиқоти П. К. Петров [9], кӯшиш карда шудааст, ки барномаҳои таълимие ба вуҷуд оварда шавад, ки барои аз худ намудани маводи назариявӣ оид ба гимнастика, барои донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ пешбинӣ шудаанд. Ин тадқиқотҳо исбот намуданд, ки истифодаи принсипҳои барномасозӣ ба шакли барномаҳои хаттии таълимӣ таъсири мусбат расонида, онро дар таълими назариявию амалӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Дар ин хусус Ю. К. Гавердовский ва В. И. Заглада [4] қайд мекунад, ки барномасозиии хаттӣ барои аз худ намудани машқҳои нисбатан оддии гимнастикӣ мувофиқанд. Дар ин сурат чунин барномаи таълимӣ тартиб дода мешавад, ки ба туфайли он бе хато малакаҳои оддии ҳаракат ҳосил шуда, ҳудуди истифодаи барномасозии хаттӣ васеъ мегардад. Роҷеъ ба таълими бехато инчунин профессор А.М. Шлемин таъкид мекунад, ки машқҳои оддии гимнастикӣ дар асоси барномасозии хаттӣ, бехато аз худ кардани ҳар як амали ҳаракат сохта шавад.

Имконияти истифодаи барномасозии хаттӣ ва шаклҳои ба он наздик дар таҳқиқоти Х.И. Диманов [5] санҷида шудааст. Вай истифодаи принсипҳои барномасозиро дар машқҳои гимнастикии донишҷӯёни донишкадаҳои маълумоти олӣ маъқул донистааст. Барномаи омӯзандае истифода шуд, ки он аз 6 силсила иборат буда, сохтори он истифодаи 3 намуди кадрҳо: ахборӣ, амалӣ ва санҷишро дар бар мегирифт. Қайд карда шудааст, ки чунин тартиби барномаҳо таъсири калон бахшида, нисбат ба усули мавҷудаи аз худ намудани машқҳои гимнастикӣ аз он бештар истифода шавад.

Чунин таҳқиқотро Б. Н. Лиситский [11] гузаронида буд. Вай барномаҳои омӯзандае тайёр намуда, амалан санҷида баромад, ки барои шунавандагони академияҳои ҳарбӣ пешбинӣ шуда буданд. Дар айни замон ӯ кӯшиш намуд, барномаҳои омӯзандае тайёр намояд, ки барои таълими тарбияи ҷисмонӣ бо усули доиравӣ пешбинӣ шуда буд. Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи принсипҳои барномасозӣ бо усули барномаҳои хаттӣ мавриди аз худ намудани машқи оддии гимнастикӣ матлуб мебошад.

Барномасозии серсоҳа низ дар амалияи варзишӣ истифода шудааст. Аз ҷумла чунин барномаҳои омӯзанда таҳия шуда буданд, ки дар асоси машқи гимнастикӣ тартиб дода шуда буданд. Ингуна таҳқиқоти аввалин ба омӯзиши машқҳои мураккаб ва ҷолиби гимнастикӣ бахшида шудаанд. Дар ин тазҳқиқот барномаҳои таълимии навъи муштарак, усулҳои хаттӣ ва серсоҳаи барномасозӣ истифода шуда буданд. Муаллифон ду намуди барномаҳои омӯзандаро пешниҳод намуданд. Яке аз онро муаллифон барномаи омӯзандаи «кушод» номидаанд, ки омӯзиши машқҳои нисбатан мураккаби гимнастикиро дар назар дошта, қисми амалӣ ва қисми назариявиро дар бар мегирад.

Барномасозии хаттӣ асосан, фасли назариявии барномаи омӯзандаро дар бар мегирад. Ба ақидаи муаллифон, ин фасл мавриди аз худ намудани машқҳои каммаълум ва ҷолиби гимнастикӣ зарур буда, мавриди аз худ намудани он дар бораи ҳаракати худ пешакӣ тасаввуроти дуруст бояд дошт. Пешниҳод карда мешавад, ки гимнаст бояд инчунин назарияи машқро аз худ намояд. Хусусан, дар барномаи омӯзанда барои гимнастҳо киниграммаи машқи нави мураккаб пешниҳод шуда, баъд масъалаи техникаи иҷрои он дида баромада мешавад, ки омӯзанда бо он бояд хуб шинос шавад. Ҳангоми санҷиши ҷиҳати дараҷаи тайёрии назариявии машқкунандагон усулҳои омӯзиши дастгирӣ васеъ истифода мешавад. Барномасозии дастгирӣ дар ин бобат бештар қисми амалии барномаҳои омӯзандаро инъикос менамояд. Ин барномаҳои омӯзанда дар

амал санҷида шуда, натиҷаи мусбат додан. Худи ҳамон муаллифон инчунин барномаҳои «хурди» омӯзанда пешниҳод намуданд, ки ба ҳамин усул сохта шудаанд, аммо фасли амалии онҳо камсоҳа ва қулай мебошад. Барномаҳои «хурди» омӯзанда барои аз худ намудани машқҳои нисбатан маълум таъин шудааст, ғайр аз ин пешбинӣ шудааст, ин барномаи омӯзандаро мураббиёни нисбатан баланд ихтисос истифода баранд.

Кӯшиши истифодаи афзалияти барномаҳои омӯзандаи хаттӣ, дастгирӣ ва мутаносибан кам намудани маҳдудияти хосси онҳо, амалан, боиси тартиб додани барномаҳои муштараки дорои маълумоту вазифаҳои гуногуни хаттӣ ва дастгирӣ гардид. Маълумоти асосӣ ва вазифаҳои ба он муносиб ба дараҷаи миёна кор карда мешаванд. Хусусан, тартиби хаттии ҳадди маълумот дар онҳо муносиби вазифаю ҷавоб мебошад, ки ҷавобҳои интихобиро талаб мекунад. Вазифаю ҷавобҳои иловагӣ чӣ барои донишҷӯёни суст ва чӣ пуркувват пешбинӣ мешаванд.

Бо ин миқдори зиёди ахборотӣ барои барномаҳои хаттӣ ва дастгирӣ хосбуда кам шуда, ба андозае мувофиқ мешаванд, ки онро дар муҳлати додашуда аз худ кунанд. Ҳангоми омӯзишӣ таҳти роҳбарии муаллим таълим аз рӯи барномаи муштарак бо усули дастгирӣ сурат мегирад, ки ин муроҷиат ба маълумотномаю мавзуъҳои иловагӣ мебошад. Муаллим манбаи асосии шарҳу баёни иловагӣ, ёрии ҳаматарафа ва одат кардан ба омӯзиш мебошад. Аз ин ру, дар мактабҳои олӣ ва миёна барномаҳои муштараки омӯзанда бештар паҳн шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки ҳангоми зарурати истифодаи принсипҳои барномасозӣ барои аз худ кардани машқҳои нисбатан оддии варзишӣ, хусусан машқҳои гимнастикӣ, ки ба донишҷӯёни донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ, вобаста ба касби интихобкардаи варзишиашон дар навбати аввал истифодаи усули ба барномасозии хаттӣ ва дастгирӣ хос мебошад, имконпазир аст. Дар таҳқиқотҳои зикршуда нишон дода шудааст, ки ҳатто шакли оддии таълими барномавӣ мавриди омӯхтани машқҳои оддии гимнастикӣ самараи хуб мебахшад. Дар ин суръат барномаҳои оддии омӯзанда самарабахш буда, ба шакли барномаҳои оддии навъи китобӣ ва ё плакатҳои махсус бо баёни супоришҳои асосӣ ва контролӣ ҳамчун таълими барномавӣ тартиб дода мешаванд.

Самарабахшии омӯзиши мавзуи таълим аз рӯи барномаҳои омӯзанда ба дараҷаи сифати тартиб дода шудани онҳо вобаста аст. Аз ин ру, пеш аз ба ҷараёни таълим дохил намудан онҳо муфассал дида баромада шаванд. Барои муайян кардани дараҷаи самарабахшии барномаҳои омӯзанда нисбат ба усулҳои анъанавии таълим дар шароити оддии равиши дарсӣ таҷрибаи муқоисавии педагогӣ гузаронида мешавад.

Бо мақсади муайян намудани самараи барномаҳои омӯзанда, вобаста ба ихтисоси интихобкардаи варзишии донишҷӯён тартиб дода шудаанд, се таҷрибаи педагогӣ гузаронида шуд: I ва II ибтидоӣ (ҷустуҷӯӣ), Ш - таҷрибаи асосии педагогӣ.

Дар таҷрибаи ибтидоӣ санҷиши ибтидоии усули пешниҳодшудаи гузаронидани дарс бо истифодаи аз барномаҳои омӯзанда гузаронида шуд, ки он дар асоси таълими барномавӣ сохта шуда буд. Мақсади ин таҷриба санҷиши ибтидоии сифати барномаҳои омӯзанда буд, ки барои донишҷӯёни ихтисоси волейбол тайёр карда шуда буданд. Чӣ тавре, ки аз адабиёти махсус маълум аст, мавзуъҳои таълими барномавӣ бояд ду марҳилаи асосии санҷишро гузаранд.

Марҳилаи аввал марҳилаи дохилӣ, марҳилаи дуюм марҳилаи берунии санҷиши маводи программмавӣ номида мешавад.

Санҷиши дохилии мавзуъҳои барнома одатан, санҷиши сохтори дохилии барномаҳои донишҷӯён, аз ҷумл, санҷиши интихоби дурусти машқҳои таълимӣ, эътиборнокии сохтори худи барномаи донишҷӯён мебошад. Барнома ба мақсади мавҷуд будани алоқаи мутақобил, мавҷудияти миқдори зарурии кадрҳои ахборотӣ, амалиётӣ, санҷишӣ ва ғайра санҷида мешавад.

Санҷиши берунӣ гуфта муайян намудани дараҷаи самарабахшии таълим аз рӯйи ҳамин барнома нисб, ба таълими анъанавӣ фаҳмида мешавад.

Гузаронидани таҷрибаи педагогие, ки мавриди мутолиа қарор додаем, санҷиши дохилии барномаи омӯзандаи пешниҳод шаванда мебошад, мақсад гузошта шуд, ки дар баробари ин се масъалаи зерин ҳал гардад:

1. Дараҷаи дастрас будани супоришҳои таълимии барномаи омӯзанда санҷида шавад;

2. Хаҷми зарурӣ ва муносиби супоришҳои барномаи омӯзанда муайян карда шавад;

3. Хатоҳоеро, ки ҳангоми иҷрои вазифа хоҳу нохоҳ роҳ дода мешаванд, муайян намуда, имконияту усули ислоҳи онҳо дар сохтори худи барномаҳои омӯзанда ба эътибор гирифта шаванд.

Вазифаи асосии таҷрибаи педагогӣ он буд, ки имконияти гузаронидани машғулияти гимнастикиро вобаста ба ихтисоси варзишии донишҷӯён бо истифодаи усулҳои таълими программавӣ муайян намоем.

Иҷрои машқҳои таҷрибавӣ ва аз худ намудани малакаҳои касбии педагогӣ дар марҳилаи сеюми таҳқиқот бо усули таҷрибаҳои педагогӣ аз рӯйи ҷадвали 5-баллӣ таҳти назорати се коршиноси мустақил дар соҳаи педагогика анҷом дода шуд (ҷадвали 1- 2).

Ҷадвали 1

Иҷрои амалии машқҳо				
иҷро шуд			иҷро нашуд	
5	4	3	2	1
Иҷори бехато ва 0,1-0,2 балл кам иҷро кардан	0,3-0,4 балл кам иҷро кардан	0,8-1,0 балл кам иҷро кардан	Беш аз 1,0 балл кам иҷро кардан	Аз иҷрои вазифа даст кашидан

Ҷадвали 2

Ҷараёни омӯзиши малакаҳои касбӣ-педагогии донишҷӯёни таҷрибаомӯз

Иҷрои амалии машқҳо				
иҷро шуд			иҷро нашуд	
5	4	3	2	1
Ба таври аъло донистани техника ва истилоҳоти машқҳо; донистани мураттибии машқҳои программаи муайян; бо сифат нишон додани машқҳо; ёри ва дастгирии пешакӣ; дуруст баҳо додани нишондоди методи оид ба ислоҳи хатоҳо.	Дуруст донистани техника ва истилоҳоти машқҳо; донистани мураттибии машқҳои программаи муайян; ёрӣ ва дастгирии пешакӣ; дуруст баён намудани хатоҳо ба нишондодҳои методии нодуруст оид ба ислоҳи хатоҳо.	Дониши қаноатманди техника ва терминалогияи машқҳо; дониши нодурусти мураттибии машқҳои программаи муайян; дуруст нишон додани машқҳо; баён нодурусти хатоҳо ва нишондодҳои методӣ оид ба ислоҳи онҳо.	Надонистани техника ва истилоҳоти машқҳо; надонистани мураттибии машқҳои программаи муайян; нодуруст нишон додани машқҳо; баён нодурусти баён намудани хатоҳо ва нишондодҳои методӣ оид ба ислоҳи онҳо.	Аз иҷрои вазифа даст кашидан


Вазифаи таҷриба ин муайян намудани зарурати миқдори машғулиятҳое, буд, ки ба барномаи омӯзанда дохил карда шуда буданд. Машқҳои таҷрибавӣ ва машғулиятҳои дарсӣ, тавре илова карда шудаанд, ки нақшаи умумии дарсҳо ва мазмуни онҳо дар барномаи гимнастика барои донишҷӯёни курси умумии донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ вайрон нашаванд. Аз ин рӯ, қарор карда шуд, ки бо истифодаи машқҳои барномаи омӯзанда ба равиши дарс иловаҳо намуда, ба он ҳамагӣ 10 - 15 дақиқа вақти дарсӣ (расми 7) дода шавад.

Расми 7.


Схемаи машғулиятҳои гимнастика дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ (курси умумӣ)

Қисми тайёрӣ Қисми асосӣ Қисми хотимавӣ


I намуд II намуд III намуд



Схемаи маъмулӣ



Схемаи тачрибавӣ



Эзоҳ: графаҳои сиёҳ машқҳо бо назардошти ихтисоси варзишӣ

Мавзуъҳои мазкурро таҳлил намуда, дидан мумкин аст, ки дар баъзе маврид машқҳои барои барномаи омӯзанда тавсия шуда бояд ислоҳ шаванд. Санҷиши тачрибавӣ нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо машқҳое, ки ба барномаи омӯзанда дохил карда шуданд, барои тачрибачиён хеле осон ва дастрас буданд.

Шояд ба онҳо мебоист машқҳои мураккабтар пешниҳод намуд, то ин ки самараи таълим бештар гардида, пешравӣ дар соҳаи амалиёти ҳаракат ва сифатҳои ҷисмонӣ бештар бошад.

Зуҳуроти манфии ин низ дида мешавад, ки сарфи назар аз кушишашон варзишгарон ба сифатан иҷро намудани машқҳо комёб нашудаанд. Ба ин тачриба бо волеболчиён мисол шуда метавонад. Дар машқи 2 (ҷадвали 3) ду кӯшиши аввал, ки ба аз худ кардани ин машқ алоқа доштанд, бенатиҷа баромаданд, дар кушиши даҳум ҳам иҷро намудани машқ ба 0,500 ҳанӯз нарасида буд.

Ин далели он аст, ки чунин машқҳо барои тачрибачиён мушкил аст ва ҳангоми ислоҳи барнома чунин машқҳоро ба машқҳои осон иваз намудан лозим аст. Мо ҳамаи заруроти зикршударо ба эътибор гирифта, пеш аз саршавии тачрибаи асосии педагогӣ барномаҳои омӯзандаро ислоҳ намудем.

Дар гуруҳои тачрибавӣ чунин тартиби омӯзишӣ риоя карда шуд.

Амалан аз худ намудани машқҳои барномаи омӯзанда:

- баёни вазифаҳои машғулият, таърифи машқҳое, ки аз худ мекунанд, роли онҳо дар фаъолияти ояндаи мураббиашон;
- шинос шудан бо сохтори барномаҳои омӯзанда;
- номи истилоҳоти машқҳо, шарҳи техникаи он, намоиши машқҳо бо тавассути истифодаи кинограммаҳо, инчунин амалан нишон додани машқҳо;
- шинос шудан бо ҷадвали баҳогузорӣ аз рӯи сифатан иҷро намудани машқҳо;
- донишҷӯёнро бо тарзу усули ҳимоя ва расонидани кумак шинос намудан;
- иҷрои амалии машқҳои барномаи омӯзанда.

Ба малакаи касбии педагогӣ соҳиб шудан:

- тавассути барномаҳои омӯзанда шинос шудан бо принсип ва усули барномаҳои омӯзанда;
- ба таври назариявӣ шинос шудан бо тарзи иҷрои машқҳо ва навишта гирифтани техникаи иҷро;
- донистани усули методии таълим;
- маҳорати расонидани ёрӣ ва ҳимоя, дониши методӣ дар бораи ҳимоя ва ёрӣ.

Донишҷӯён дар рафти таълим аз рӯйи ин ду самт амал намуданд: амалан аз худ намудани машқҳо ва пайдо кардани малакаи касбии педагогӣ.

Онҳо машқҳоро амалан иҷро намуданд, бо сифати шарик-мураббии оянда вазифаҳои методиро оид ба баёну нишон додани машқҳои иҷро карда, ёриву дастгирӣ намуда ба хатоҳо назорат мекардан ва сабаби пайдоиши онҳоро шарҳ медоданд.

Натиҷаҳои рафти тачрибаи педагогиро дида мебароем,ки онҳо мазмуни асосии барномаҳои таълимии донишҷӯёни касби волейбол мебошанд. Дар ҷадвали 3 натиҷаҳои рафти тачрибаи педагогӣ оид ба ин мавзуъ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 3.

Имконпазирии аз худ намудани машқҳои барномаи омӯзиш

P / N	$P(X_1)$	$P(X_2)$	$P(X_3)$	$P(X_4)$
1	0400	0	0533	0200
2	0600	0	0567	0333
3	0600	0167	0444	0400
4	0684	0186	0552	0400
5	0727	0250	0563	0440
6	0750	0292	0622	0487
7		0344	0648	0510
8		0389	0667	0550
9		0450		0550
10		0488		0563
11				0567
12				0578
13				0592


Онҳо бештар натиҷаҳое мебошанд, ки ба шакли графикӣ дар расми 8 нишон дода шудаанд.

Дидан мумкин аст, ки рафти машқҳои мақсаднок барои аз худ намудани машқҳои гимнастикӣ хос мебошад. Хусусан, натиҷаҳои машқҳое, ки барои гардишҳои бетакягоҳ таъин шудаанд қаноатбахшанд.

Аз ҳама бештар, натиҷаҳои таълим аз рӯи барномаи муайян дар машғулиятҳои аввал ба даст меоянд ва онҳо хеле назаррасанд, самарабахш ва дараҷаи аз худ кардани барнома бо суръати баланд иҷро мешавад. Баъд, тадриҷан, аз иҷрои шашум ва ҳафтум эҳтимолияти иҷрои машқи додашуда камтар шуда, вале болоравӣ то охири таҷрибаи педагогӣ дар он боқӣ мемонад. Дар машқи ёздаҳум таҷрибачиён ин машқро то ба дараҷаи 0,68 аз худ намудаанд. Ҷараёни азхудкунии машқҳои тайёриву ёридиҳанда, ки дар барномаи омӯзиш (ҷадвали 4, расми 9) пешниҳод шудаанд, низ ҳамин гуна хусусият дорад.

Расми 8. Муайянкунии эмпирикӣ ва пешгуии эҳтимолияти иҷрои машқ

P -- эҳтимолияти иҷро, n – шумораи равишҳо



Натиҷаҳои таҷрибаи асосии педагогӣ, инчунин таҳқиқоти таҷрибавӣ дар маҷмуъ, итминон медиҳанд, ки истифодаи барномаҳои фарққунандаи маводи таълимӣ, ки дар шакли дастурҳои барномарезишуда оварда шудаанд, натиҷаҳои мусбат медиҳад ва метавонад барои истифода дар амалияи азхудкунии маводи гимнастикӣ бо назардошти ихтисоси варзишӣ дар намудҳои интихобшудаи варзиш тавсия дода шавад.

Натиҷаҳои таҷрибаи асосии педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, ки барои азхудкунии маводи гимнастикӣ пешбинӣ шудаанд, ислоҳи кунунии онҳо зарур аст, ки дар ниҳоят ба беҳтар шудани натиҷаҳои таълим оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки пас аз ислоҳи барномаҳои таълимӣ, самаранокии таълим бо истифода аз маводи барномасозии пешниҳодшуда нисбат ба марҳилаи дуюми озмоиш баландтар буд.

АДАБИЁТ

1. Закон Республики Таджикистан о физической культуре и спорта. – Душанбе, 2016.
2. Гавердовский Ю.К.Техника гимнастических упражнений. – М. : Физкультура и спорт, 1994.
3. Гимнастика и методика преподавания. – М, 1987.
4. Дьячков В.М.Физическая подготовка спортсмена. - М., Физкультура и спорт, 1967.
5. Дьячков В.М. Фосбери-флоп. – М. : Физкультура и спорт, 1975. – 41 с.

профессиональном образовании». – Душанбе: Ирфон, 2007. – 52 с.

6. Зациорский В.М. Кинематика движений человека: Лекция для студентов ГЦОЛИФК. – М.: 1990. – 24 с.
7. Каландарбекова Б.Х. Соревновательные игры и эстафеты с элементами волейбола на уроках физкультуры // Вестник Таджикского национального университета. – 2010. - № 4. - С. 235-238.
8. Маслов В.И., Зволинская Н.Н. Высшее физкультурное образование сегодня и завтра // Теория и практика физ. культуры. – 1990. - № 12.
9. Матвеев Л.П. К теории построения спортивной тренировки // Теория и практика физ. культуры. – 1991. - № 12. – С.11-21.
10. Сафаров Ш.А. Дидактический потенциал культурологического аспекта спортивных игр в формировании национального самосознания студентов высших учебных заведений Таджикистана: Автореф. дисс. докт. пед. наук. – Душанбе, 2014. – 42 с.
11. Сафаров Ю.С. Новые технологии обучения и современная методика программированного обучения.- Вестик ТНУ. – 2025. - № 2.
12. Энсиклопедияи калони советӣ. -1989.

ИСТИФОДАИ ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ ПРОГРАММАВӢ БО НАЗАРДОШТИ ИХТИСОСИ ВАРЗИШӢ

Дар мақола масъалаҳои тадқиқотӣ вобаста ба таҳияи барномаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ – педагогии донишҷӯёни институтҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки дар ихтисосҳои гуногуни варзишӣ бо истифода аз воситаҳо, гимнастикаи варзишӣ ва амалӣ дар фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ ва мураббигии худ машғуланд, баррасӣ карда мешаванд.

Субъектҳои донишҷӯ дар ҷараени таълим оид ба иҷрои супоришҳои барномаи таълимии таҷрибаи педагогӣ, дар баробари иҷрои амалии машқ ва дар нақши шарики мураббии оянда вазифаҳои методиро оид ба шарҳ ва нишон додани машқҳо, кумак, суғурта иҷро мекарданд, хатоҳоро назорат мекарданд ва сабаби пайдоиши онҳоро бо истифода аз барномаҳои таълимӣ шарҳ медоданд.

Аз рӯйи миқёси 5-баллии баҳоҳо нишондиҳандаҳои ташаккули малакаҳои касбӣ – педагогӣ дар ҷараёни азхудкунии машқҳои мақсадноки барномаи таълимӣ аз ҷониби донишҷӯёни озмоишавандаи ихтисосҳои гуногуни варзишӣ ба даст оварда шудаанд.

Калидвожа: *тарбияи ҷисмонӣ, омӯзиши программавӣ, технологияи муосир, барномаи таълимӣ, ҷадвал, арзебӣ.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИНЦИПОВ ПРОГРАММИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ С УЧЕТОМ СПОРТИВНОЙ СПЕЦИАЛИЗАЦИИ

В стаье затронуты вопросы исследования связанные с разработкой обучающих програм для повышения уровня профессионально – педагогической подготовленности студентов институтов физической культуры, занимающихся в различных спортивных специализациях с использованием средств, спортивно–прикладной гимнастики в своей будущей преподавательско-тренерской деятельности.

В ходе педагогической практики студенты-субъекты выполняли задачи, предусмотренные учебной программой; наряду с практическим выполнением упражнений и участием в занятиях в качестве партнеров будущих инструкторов, они выполняли методические функции — в частности, объясняли и демонстрировали упражнения, оказывали помощь и страховку, отслеживали ошибки и разъясняли их причины в соответствии с образовательной программой.

По разработанной 5-балльной шкале оценок получены показатели формирования профессионально – педагогических навыков в ходе освоения целевых упражнений обучающей программы испытуемыми – студентами различных спортивных специализаций.

Ключевые слова: *физическое воспитание, программированное обучение, современная технология, обучающая программа, таблица, график, оценка.*

USING THE PRINCIPLES OF PROGRAMMED TRAINING BASED ON SPORTS SPECIALIZATION

The article touches upon research issues related to the development of training programs for improving the level of professional and pedagogical readiness of students of physical education institutes engaged in various sports specializations using sports and applied gymnastics in their future teaching and coaching activities.

The student subjects, in the process of learning to complete the tasks of the educational program of the pedagogical experiment, along with the practical implementation of the exercise and as a partner – future coach, performed methodological tasks to explain and show exercises, provide assistance, provide insurance, monitor errors and explain the reason for their occurrence using training programs.

According to the developed 5-point rating scale, indicators of the formation of professional and pedagogical skills were obtained during the development of targeted exercises in the training program by students of various sports specializations.

Keywords: *physical education, programmed learning, modern technology, training program, table, schedule, assessment.*

Маълумот дар бораи муаллифон*: Сафаров Юлдаш Сафарович* *–номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: 938647575.* ***Разоқов Хуршед Соҳибназарович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Телефон 004042151*

Информация об авторах*: Сафаров Юлдаш Сафарович* *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры физической культуры и спорта Таджикского национального университета. Телефон: 938647575.* ***Разоков Хуршед Сохибназарович*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии Таджикского института физической культуры имени С. Рахимова. Телефон: 004042151*

Information about the authors*: Safarov Yuldash Safarovich* *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Physical Education and Sports of the Tajik National University. Phone: 938647575.* ***Razokov Khurshed Sohibnazarovich*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy and Psychology of the Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov. Phone: 004042151*

ИСТИФОДАИ УСУЛИ РАСМКАШИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Рамазонова Р. С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Эҷодкорӣ яке аз роҳҳои фаъолона дарки ҷаҳон эътироф шудааст, маҳз ҳамин пешрафтро ҳам барои як фард ва ҳам барои тамоми инсоният имконпазир мегардонад. Дар давраи муосир аз сабаби теъдоди зиёд ба дунё омодани кӯдакони имконияташон маҳдуд, яке аз самтҳои муҳим, истифодаи намудҳои гуногуни қобилиятҳои эҷодӣ ташаккул додани тарбияи бадеӣ, зебопарастӣ иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ватандӯстии онҳо нигаронида шудааст.

Намудҳои гуногуни қобилиятҳои эҷодӣ дар маҳфилҳои ҳайкалтарошӣ, рассомӣ, меъморӣ ва ғайра ба хонандагони имконияташон маҳдуд имконият медиҳад, ки онҳо барои оянда омода шаванд. Хонандагони имконияташон маҳдуд барои инкишофи эҷодиёти рассомӣ имкониятҳои калони педагогӣ доранд. Озодии баёни эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуддошта на танҳо бо ақидаҳои образнок, бо хоҳиши дар расм интишор кардани онҳо, балки инчунин бо фармони ӯ ба воситаҳои тасвир муайян карда мешавад [5, с. 32].

Хонандагони имконияташон маҳдуддоштаи эҷодкор яке аз вазифаҳои муҳимми назарияи педагогии амалия дар марҳалаи ҳозира мебошад. Эҷодиёти хонандагони имконияташон маҳдуддошта як падидаи беназир буда, барои бедор кардани ҳиссиёти даст дар ташаккули шахсияти онҳо аҳамияти бузург дорад.

Солҳои охир барои инкишоф додани қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуддошта дар маҳфили расмкашӣ усулҳои ғайрианъанавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин маҳфилҳо барои рушди маънавӣ ва ором шудани майнаи сари хонандагони имконияташон маҳдуддошта низ муфиданд.

Кор бо маводи ғайриоддӣ ва иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ҳуқуқи баробариро эътироф намуда, инчунин расмкашӣ рушди умумии руҳӣ ва шахсии онҳоро мусоидат хоҳад кард. Эҷодкорӣ ҳамчун фаъолияте, ки чизи нав, аслиро ба вуҷуд меорад, ки баъдан ҷузъи таърихи на танҳо худи эҷодкор, балки ба илму санъат низ табдил меёбад.

Расм яке аз воситаҳои муҳимтарини дарки олам ва ташаккули дониши тарбияи зебопарастӣ мебошад, зеро он бо фаъолияти мустақилонаи амалӣ ва эҷодии хонандагони имконияташ маҳдуддошта ҳамчун табобат истифода бурда мешавад. Бо расмкашӣ, онҳо қобилиятҳои муайянро ба монанди ҳамоҳангсозии чашм, назорати даст инкишоф дода мешавад [2, с. 83].

Хонандагони имконияташ маҳдуддошта иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ бо дунёи ноошно ва аҷиби гирду атрофашро бо шодиву тааҷҷуб кашф мекунад ва худро сайёҳи кӯчак тасаввур мекунад. Рушди хонандагони имконияташ маҳдуд дар сурате муваффақтар мешавад, ки вай ба фаъолиятҳои гуногуни кӯдакон дохил карда шавад, ки дар он қобилиятҳои эҳтимолии ӯ ва зуҳуроти аввалини эҷодкорӣ амалӣ мешаванд.

Азхудкунии усули нави фаъолият ба шахсияти хонандагони имконияташ маҳдуд имконият медиҳад, ки мушкилоти навро дар системаи дониш ё намуди муайяни фаъолияти эҷодӣ бомуваффақият ҳал кунад. Дар педагогикаи ҷаҳонӣ ба таври умум эътироф шудааст, ки ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ дар хонандагони имконияташ маҳдуддошта аз хурди ҳамчун бозиҳои бачагона асос ёфтааст.

Умуман, қобилияти эҷодӣ вобаста ба доираи фаъолияте, ки дар он амалӣ мегардад, ба қобилиятҳои махсус ва умумии эҷодӣ ҷудо мешавад. Қобилияти махсуси эҷодӣ бо намудҳои мушаххаси маҳфилҳои эҷодӣ (техникӣ, мусиқӣ, рассомӣ ва ғайра) алоқаманд буда, муваффақиятро дар соҳаҳои эҷодӣ таъмин менамояд. Дар ҳар як ҳолат, қобилиятҳои махсус бо майлҳои мушаххас муайян карда мешаванд ва рушди маҷмӯи беназири хосиятҳои шахсиро талаб мекунанд, ки дар давоми ҳаёт ташаккул меёбанд.

Дар баробари ин, қариб ҳамаи муҳаққиқон қайд мекунанд, ки эҷодкорӣ бояд ҳамчун шакли пурмазмуни фаъолияти рӯҳӣ, қобилияти ҳамаҷониба, ки иҷрои бомуваффақияти намудҳои гуногуни фаъолиятро таъмин менамояд, дониста шавад. Вазифаи роҳбари маҳфили эҷодӣ хонандагони имконияташ маҳдуд бо такя ва майли тақлидкунӣ, такроркунӣ, офаридани чизи нав, омӯзонидани маҳорату малакаҳое мебошад, ки бидуни онҳо фаъолияти мустақилонаи эҷодии онҳо ғайриимкон аст. Бо назардошти тамоюли такрори он чизе, ки хонанда мебинад, роҳбари маҳфил бояд даронҳо мустақилият, кунҷковӣ, фаъолиятро дар татбиқи ин донишу маҳорат парварад, тафаккури интиқодӣ ва таваҷҷӯҳро инкишоф диҳад [9, с. 85].

Қобилияти эҷодии рассомӣ дар хонандагони имконияташ маҳдуд равандҳои равонӣ, аз қабили диққат, хотира, тафаккур, дарк, нутқ ва тасаввурот такмил медиҳад. Сифатҳои онҳо фаъолона инкишоф ёфта, дар асоси қобилият майлу рағбат пайдо мешаванд. Хонандагони имконияташ маҳдуддошта аз рангҳои дурахшон ва гуногунии шаклҳои ашёҳо завқи калон пайдо мекунанд ва муносибати махсус ба асарҳои санъат, қобилияти фарқ кардани онҳо аз ашёи оддӣ ташаккул меёбад.

Дар сатҳи инкишофи эҷодии қобилиятҳо хонандагони имконияташ маҳдуд дошта, аз синфи ибтидоӣ қобилияти дарк кардани хусусиятҳои дохилии тасвири бадеиро дорад. Дарки зебоии воқеият аз ҷониби хонандагони имконияташ маҳдуддошта хусусияти равшан ва таъсирбахш дорад. Шумораи хеле зиёди онҳо қодиранд, ки дар маҳфилҳо рушди қобилиятҳои эҷодиро дар фаъолият нишон диҳанд. Рассомӣ эҳсосоти мусбӣ асоси солимии равонӣ ва некӯаҳволии эмотсионалии хонандагони имконияташ маҳдудро ташкил медиҳанд. Азбаски расмкашӣ манбаи табъи болидаи онҳо аст, шавқ ба эҷодиёти бадеӣ бояд дастгирӣ ва инкишоф дод.

Имрӯзҳо усули рассомӣ мавҷуданд, ки хонандагони имконияташ маҳдуд метавонед ҳатто бидуни малакаҳои бадеӣ асарҳои аслӣ эҷод кунед. Расмкашӣ бо истифода аз усули тасвирии ғайрианъанавӣ хонандагони имконияташ маҳдуддоштаро хаста намекунад, онҳо дар тӯли тамоми вақти барои иҷрои супориш ҷудошуда хеле фаъол ва самаранок боқӣ мемонанд [13, с. 11].

Усули ғайрианъанавӣ имконият медиҳанд, ки нисбат ба хонандагони имконияташ маҳдуддошта бо назардошти хоҳиш ва шавқу ҳаваси онҳо мусоидат мекунад, агар:

- ба рушди зеҳнии хонанда;
- эътимод ба худ инкишоф меёбад;
- тафаккури фазоиро инкишоф медиҳад;
- ба хонандагони имконияташон маҳдуд озодона баён кардани андешаҳои худро таълим медиҳад;
- малакаҳои хуби мотории дастҳоро инкишоф медиҳад;
- озодии интихоби маводҳои маҳфили эҷодӣ ва техникиро истифода бурда метавонад [7, с. 176].

Таҷрибаи истифодаи ин гуна усул нишон медиҳад, ки муҳимтарин шарти инкишофи бомуваффақияти эҷодиёти бадеии хонандагон гуногунрангии моделсозӣ, расмкашӣ, аппликасия мебошад. Барои азхуд намудани усули ғайрианъанавии хонандагони имконияташон маҳдуддошта, доираи васеи маводи гуногун мавҷуданд: коғазғои матоъ, шакл ва андозағои гуногун. Истифодаи рангҳои гуаш ва акварел, мӯқаламҳо, қаламҳои мумӣ, қаламҳои ранга; қаламҳои муқаррарӣ тавсия дода мешавад.

Расмкашӣ бо истифода аз усули ғайрианъанавӣ метавонад барои монда нашудани хонандагони имконияташон маҳдуддошта «аз содда ба мураккаб» оғоз карда шавад. Усули асосии дар ин синну сол истифодашаванда: расмкашӣ бо ангуштон, кафи даст, бо кафкҳои резинӣ пахта, чоп бо барги дарахт, картошка, сабзӣ, кашидан бо шамъ, ангиштсанг истифода бурда мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи онҳо ба хонандагони имконияташон маҳдуддошта имкон медиҳад, ки худро ҷасуртар ҳис кунанд, тасаввуротро инкишоф диҳанд ва барои ифодаи худ озодии комил фароҳам оранд.

Усули расмкашии ғайрианъанавӣ як самти нав ба ҳисоб меравад, зеро барои рушди тамоми ҷанбаҳои онҳо мусоидат мекунанд. Бояд гуфт, ки муваффақияти таълими усулҳои ғайрианъанавӣ бештар ба тахассуси роҳбари маҳфил вобаста аст. Барои ба хонандагони имконияташон маҳдуддошта, расонидани мазмуни кор аз рӯйи ҳар як техника аз роҳу усули гуногун истифода бурдан лозим аст. Азбаски ҳангоми таълими расмкашӣ аз усули ва маводҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст, роҳбари маҳфили эҷодӣ бояд аз уҳдаи эҷод кардан баромада тавонад.

Дар раванди фаъолияти расмкашӣ тамоми функсияҳои равонии хонандагони имконияташон мащдуд такмил меёбанд: дарки биноӣ, хотира, амалиёти руҳӣ, инчунин инкишофи тафаккур ва нутқро метезонад. Вақтҳои охир расмкашӣ бо истифода аз усули тасвири ғайрианъанавӣ торафт маъмул гаштааст. Роҳбарони маҳфили расмкашӣ қайд менамоянд, ки ин технологияҳо хонандагонро аз хастагӣ дур месозад ва ба онҳо бо назардошти хоҳишу манфиатҳои онҳо муносибати фардӣ зоҳир мекунанд [15, с. 211].

Муҳити рушди маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ бо усули ғайрианъанавӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони имконияташон маҳдуд ташкил карда шудааст, ба фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии онҳо ташаббус нишон медиҳад. Бо хонандагон озодии интихоби шаклҳои фаъолиятро фароҳам меорад, мазмуни шаклҳои гуногунро дар бехатарӣ ва бароҳатиро таъмин менамояд ва ба манфиатҳои хонандагон ҷавобгӯ мебошад. Инчунин эҳтиёҷот ва имкониятҳои ҳар яки хонандагонро муайян намуда, муносибати мувофиқро бо олами беруна таъмин менамояд.

Барои иштирок дар маҳфилҳои эҷодии расмкашӣ хонандагони имконияташон маҳдуд якчанд омилҳо бояд истифода бурда шавад:

- баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарон;
- ҷалб намудани падару модарон ба корҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар намоишгоҳҳо;
- омӯзиши оила ва барқарор намудани робита бо аъзои он барои ҳамоҳангсозии таъсири маҳфилҳои эҷодӣ [3, с. 221].

Барои ҳалли ин мушкилот шаклҳои кор маҷлисҳои гурӯҳии аҳли хонавода, машваратҳо, гузарондани чорабиниҳои якҷояи хонандагони имконияташон маҳдуд ва падару модарон, корҳои эҷодии дар намоишгоҳҳо гузошташуда, бастани шартнома бо падару модарон истифода мешаванд.

Дар асоси иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ барои барқарор кардани саломатӣ, аз ҳаяҷон баромадани хонандагони имконияташон маҳдудошта якчанд сабабҳо барои ба ҳаёт мутобиқ кардан истифода бурда мешавад:

- муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатии ҷисмонӣ ва руҳии хонандагони имконияташон маҳдудошта аз ҷумла некуаҳволии эмотсионалии онҳо;

- таъмини имкониятҳои баробар барои инкишофи ҳамаҷонибаи ҳар як хонанда дар давраи мактабӣ, сарфи назар аз ҷойи истиқомат, ҷинс, миллат, забон, вазъи иҷтимоӣ, хусусиятҳои психофизиологӣ ва дигар хусусиятҳо, аз ҷумла, маҳдудият доштан;

- таъмини муттасилии мақсадҳо, вазифаҳо ва мӯҳтавои таҳсилоти иловагӣ, ки дар доираи барномаҳои сатҳҳои гуногун татбиқ карда мешаванд;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи хонандагони имконияташон маҳдудошта, мувофиқи синну сол, нуқсонҳои мухталиф, инкишоф додани қобилияти эҷодии онҳо баробари хонандагони солим;

5) ташаккули фарҳанги умумии шахсияти хонандагон, аз ҷумла арзишҳои тарзи ҳаёти солим, инкишофи сифатҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ, ақлӣ, ҷисмонии онҳо, ташаббус, мустақилият ва масъулияти хонандагони имконияташон маҳдуддошта, дар фаъолияти таҳсилоти иловагӣ

6) таъмини тағйирпазирӣ ва гуногунии мазмуни Барномаҳо ва шаклҳои ташкилии таҳсилоти томактабӣ, имкони ташкили Барномаҳои самтҳои гуногун бо назардошти эҳтиёҷоти таълимӣ, қобилият ва вазъи саломатии кӯдакон.

7) ташаккули муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, ки ба синну сол, хусусиятҳои фардӣ, психологӣ ва физиологии хонандагони имконияташон маҳдудошта мувофиқ бошад.

8) расонидани ёрии психологию педагогӣ ба оила ва баланд бардоштани салоҳияти волидон (намояндаҳои қонунӣ) дар масъалаҳои рушд ва тарбия, ҳифз ва таҳкими саломатии хонандагони имконияташон маҳдудошта [1, с. 156].

Усули ғайрианъанавӣ барои хонандагони имконияташон маҳдудошта махсусан, ҷолибанд, зеро онҳо барои ифодаи хаёл, хоҳиш ва дар маҷмуъ худшиносии худ имкониятҳои калон фароҳам меоранд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ барои кори мақсаднок ва мунтазам оид ба рушди малакаҳои мотории хурди ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, фаъолияти эҷодӣ ва муҳимтар аз ҳама, нигоҳ доштани инкишофи руҳӣ ва ҷисмонии хонандагони имконияташон маҳдудошта истифода бурда мешавад. Имконияти иштирок дар таҳсилоти иловагӣ аз он иборат аст, ки тавассути маҳфилҳои рассомӣ мо ҷанбаи ҳавасмандии фаъолияти хонандагонро ба эътибор мегирем.

Усули истифодашаванда дар таҳсилоти иловагӣ имкон медиҳанд, ки тасвири гуногунрангро эҳсос намоянд оид ба дарки олами атроф маълумот ба худ гиранд. Худи раванди расмкашӣ муносибати эҳсосии мусбатро ташаккул медиҳанд. Инчунин, ба инкишофи самарабахши хаёлот, идрок ва дар натича қобилиятҳои маърифатӣ мусоидат менамояд.

Тасвири бо усули ғайрианъанавии офаридашуда барои хонандагон хеле равшан ва рангин аст. Истифодаи усули ғайриоддии расмкашӣ ба онҳо фазои васеътареро барои худнамоӣ фароҳам меорад, ки дар он ӯ метавонад далерона шоҳасарҳои эҷодиёти худро бо завқ ва шодӣ эҷод кунад. Хонандагони имконияташон маҳдудоштае, ки ба эҷодиёти худ машғул мебошанд дар натиҷаи ғайриоддӣ, ки дар ҷараёни эҷодкорӣ ба даст омадааст, хеле шодмон мегарданд [12, с. 228].

Усули ғайрианъанавии расмкашӣ, мисли ҳама чизи ғайриоддӣ, диққати хонандагонро бештар ҷалб менамоянд. Ба шарофати ин усул дар хонандагони имконияташон маҳдудошта тағйироти мусбат ба амал меояд, ки онҳо тобишҳои гуногун пайдо карданд, дар дарки зебопарастӣ таҷриба пайдо карданд ва ҷаҳони атрофро эҷодкорона дарк мекунанд.

Хонандагони имконияташон маҳдудошта корҳои эҷодии ғайриоддиро амалӣ менамоянд, чизҳои нав, ҷолиб, аслӣ меофаранд ва маҳорати эҷодии худро нишон медиҳанд.

Усули ғайриоддии дар расмкашӣ, хонандагони имконияташон маҳдудоштро маҷбур мекунанд, ки ҳаҷми иттилооте, ки ӯ гирифтааст, озод дар расм нишон диҳад, яъне ҳар қадар онҳо шунида, дида, таҷриба гирифтаанд, ҳамон қадар тасаввуроти ӯ равшантар кор мекунад ва расмро эҷод менамояд. Вазифаи роҳбари маҳфил таъмин намудани маводҳои таълимӣ мебошад,

зеро мавод ҳар қадар гуногун бошанд, кор бо онҳо ҳамон қадар шавқовартар мегардад. Иштирок дар маҳфил бо воситаи усули ғайрианъанавӣ хонандагон на танҳо корҳои эҷодиро аз худ мекунад, балки тафаккур, эҷодкорӣ, тасаввурот дар сатҳи баланди рушд меёбад.

Вазифаи роҳбари маҳфил барои корҳои эҷодӣ аз инҳо иборат аст:

- шавқу рағбати ХИМ-ро ба назар гирифт;
- тақсимбандии сохтори маҳфилҳои эҷодӣ ва мақсадноки вақт дар лаҳзаҳои корҳои эҷодӣ дуруст ба роҳ монд;
- ХИМ-ро ба гурӯҳҳо ҷудо намуд;
- таносуби фаъолияти ХИМ-доштаро ба хонандагони солим ҳамчун бозӣ гузаронида шуд (кӣ бештар фаъолият мекунад?).
- диққати ХИМ-ро дар кори эҷодӣ ҷалб намуд;
- тавассути маводҳои машғулияти корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ташаккул додани малакаҳои фикрнамоӣ, масъулиятнокӣ, мустақилият ва бедор намудан шавқи маърифатии ХИМ-дошта,ба роҳ монда шуд [14, с. 97].

Таҳлили фаъолияти роҳбари маҳфил:

- мувофиқи мақсад интихоб карда тавонистани корҳои эҷодӣ;
- омӯхтан ва таҳлили сарчашмаҳои методӣ доир ба корҳои эҷодӣ;
- фаъолиятҳои роҳбари маҳфил аз рӯйи салоҳиятнокӣ;
- кори роҳбари маҳфил мавофиқи барномаҳои таҳсилоти иловагӣ;
- ташкили фазои ҳамкории байни ХИМ-дошта, ва хонандагони солим;
- муносибати фардӣ бо ХИМ-дошта;
- муносибат ва муошират бо ХИМ-дошта, ба хонандагони солим;
- ҳавасмандӣ ва руҳбаландкунии ХИМ-дошта;
- истифода бурда тавонистани техника ва технология роҳбари маҳфил;
- воситаҳои арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи ХИМ-дошта.

Таҳлили фаъолияти ХИМ-дошта

- ХИМ-дошта, новобаста аз нуқсонҳои худ дар маҳфилҳои эҷодӣ фаъолона иштирок варзиданд;
- малакаҳои ба худ ва ҳамдигар баҳо доданро пайдо намуданд;
- касби маҳорати иҷрои мустақилонаи супоришҳоро иҷро намуданд;
- иштирок дар корҳои гурӯҳӣ истифода бурда шуд;
- касби малакаҳои дар ҳамкорӣ бо дигарон фаъолият намуданд;
- одоби муошират риоя карда шуд.

Таҳлили ҳолатҳои санитарӣ, гигиенӣ

Шароит дар синфхонаҳо, ки дар онҳо ба тозагӣ, равшанӣ, боду ҳавои тоза ва ғайра риоя карда шуд. Муҳити равонӣ дар корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ба роҳ монда шуд [1, с.13].

Дар корҳои эҷодии таҳсилоти иловагӣ ба тариқи омӯзиши фаъол тарзи гурӯҳбандӣ, намунаи бастани гурӯҳҳои хурд, намунаи нақшаҳои тавзеҳӣ тариқи фаъоли таълим пурра истифода бурда мешавад. Баъд аз эҷод намудани як навъи фаъолият хулоса ва пешниҳод баррасӣ гардад.

Хулоса ва пешниҳод:

- баҳои умумии корҳои эҷодӣ;
- муваффақиятҳои корҳои эҷодӣ;
- норасоиҳои корҳои эҷодӣ;
- бо воситаи онлайн муаррифӣ кардани корҳои эҷодӣ;
- тавсияҳо барои беҳтар шудани корҳои эҷодӣ.

Хусусияти иштирок дар таҳсилоти иловагӣ дар он аст, ки татбиқи роҳу усули ғайрианъанавии рушди эҷодиёти бадеии хонандагони имконияташон маҳдуд, инчунин барои расмкашии ғайрианъанавӣ аз асбобҳои худсохт, табиӣ ва партовҳо истифода мешавад. Расми ғайримуқаррарӣ ба хонандагон эҳсоси зиёди мусбат мебахшад, имкони истифодаи ашёи рӯзгорро ҳамчун маводи аслии бадеӣ ошкор мекунад ва онҳоро бо ғайричашмдошти худ ба ҳайрат меорад.

Хулоса иштирок дар маҳфилҳо ва машғул шудан ба корҳои эҷодкории ғайрианъанавӣ хонандагонро хурсанд мегардонад, руҳияи онҳоро баланд мебардорад, баробарҳуқуқии онҳо эътироф мегардад, барои ҳаёт омода мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Богоявленская Д.Б. Психология творческих способностей / Д.Б.Богоявленская. - М: Издательский центр Академия, 2002. - 320 с.
2. Венгер Л. А. Педагогика способностей/ Л. А. Венгер. - М: Педагогика, 1973. - 117 с.
3. Ветлугина Н.А. Художественное творчество и ребёнок: монография / Н.А. Ветлугина. - М., 1972. - 288 с.
4. Комарова Т.С. Детское художественное творчество: методическое пособие для воспитателей и педагогов /Т.С. Комарова. - М: Мозаика-синтез, 2008. - 160 с.
5. Комарова Т.С. Коллективное творчество детей./ Т.С.Комарова, А.И. Косминская В.Б. Теория и методика изодеятельности в детском саду./ В.Б. Косминская. - М: Просвещение, 1977. – 71 с.
6. Котова Е.В. Развитие творческих способностей дошкольников: методическое пособие/ Е.В. Котова, С.В. Кузнецова, Т.А. Романова. - М: ТЦ Сфера, 2010. - 128 с.
7. Кравцова Е.Е. Психологические новообразования дошкольного возраста / Е.Е. Кравцова // Вопросы психологии. - 1996. - № 6. – 310 с.
8. Лопатина, Е.Г. Педагогические условия формирования изобразительного творчества детей 5 года жизни// Повышение эффективности воспитания детей дошкольного возраста. - Шадринск, 1992. - С. 95-97.
9. Маҷидова.Б., Дадобоева М. Асосҳои логопедия. [Матн] / Б.Маҷидова. М.Дадабоева // -Душанбе: 2018. - 138 с.
10. Моисеева И.С., Добродомова О.С. Развитие творческих способностей у дошкольников в изобразительной деятельности // Проблемы и перспективы развития образования: материалы V Междунар. науч. конф. - Пермь: Меркурий, 2014. - С. 79-81.
11. Мухина В.С. Изобразительная деятельность ребёнка как форма усвоения социального опыта. - М: 1981. – 154 с.
12. Мухина В.С. озрастная психология:феноменология развития, детство, отрочество: Учебник для студ. вузов. - М: Издательский центр «Академия», 2000. - 456 с.
13. Наврӯзов С.Н. Условечение способности (Соотношение социальных и биологических и биолоческих [Текст] / С. Наврузов. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 304 с.
14. Обидова М., Қадамшоева О. Табобати кӯдакони лакнатзабон бо воситаи афсона. [Матн] / М.Обидова, О.Қадамшоева // - Душанбе: 2013. - 50 с.
15. Петровский А.В. Психология развивающейся личности / А.В. Петровский. - М., 1987. - 240 с.
16. Петухова Л.В. Развитие художественно-творческих способностей у детей старшего дошкольного возраста в условиях взаимодействия семьи и ДОУ [Электронный ресурс] // Теория и практика общественного развития. - 2013. - №9. - 250 с.
17. Рождественская Н.В. Креативность: пути развития/ Н.В. Рождественская - СПб: Питер, 2006. - 178 с.

ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ РАСМКАШИИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ БАРОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Аз сабаби теъдоди зиёд ба дунё омадани кӯдакони имконияти маҳдудошта муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ онҳоро ба ҳаёт мутобиқ менамояд ва омода мешаванд. Усули ғайрианъанавӣ хонандагони имконияташон маҳдуддошта бо назардошти хоҳиш ва шавқу ҳаваси имконият медиҳанд, ки қобилияти зеҳнӣ рушд ёбад. Эътимоди онҳо ба худ меафзояд ва қобилияти тафаккури онҳо, инчунин малакаҳои хуби моторӣ беҳтар мешаванд. Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ бо усули ғайрианъанавӣ озодии интихоби маводи маҳфили эҷодӣ ва техникиро истифода бурда метавонад. Инчунин ҳуқуқи баробар доранд. Инчунин, барои қобилияти эҷодии рассомӣ дар хонандагони имконияташон маҳдуд аз қабили диққат, хотира, тафаккур, дарк, нутқ ва тасаввурот такмил дода мешавад.

Калидвожа: *усул, маҳфил, расмкашӣ, диққат, ғайрианъанавӣ, тафаккур, рушд, ҳуқуқ, қобилият, метобиқ, эҷодӣ, озод, хонанда, техника, имконият, иштирок, маҳдуд.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НЕТРАДИЦИОННЫХ МЕТОДОВ РИСОВАНИЯ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В связи с рождением большого количества детей с ограниченными возможностями, автор в статье отмечает, что участие в творческой деятельности помогает им адаптироваться в жизни и подготовиться. Нетрадиционные методы позволяют учащимся с ограниченными возможностями развивать свои интеллектуальные способности с учетом их желаний и интересов. Повышается их уверенность в себе и развиваются мыслительные способности, улучшается мелкая моторика. Участие в творческих клубах нетрадиционным способом позволяет воспользоваться свободой выбора творческих и технических материалов для клуба. Они также имеют равные права. Он также улучшает творческие способности учащихся с ограниченными возможностями, такие как внимание, память, мышление, восприятие, речь и воображение.

Ключевые слова: *метод, хобби, рисование, внимание, нестандартность, мышление, развитие, право, способность, адаптация, творчество, свобода, читатель, методика, возможность, участие, ограничение.*

USING NON-TRADITIONAL DRAWING METHODS TO DEVELOP CREATIVE ABILITIES OF DISABLED READERS

Due to the large number of children born with disabilities, the author notes in the article that participation in creative activities helps them adapt to life and prepare. Non-traditional methods allow students with disabilities to develop their intellectual abilities, taking into account their desires and interests. Their self-confidence increases and their thinking abilities develop, fine motor skills improve. Participation in creative clubs in a non-traditional way allows you to take advantage of the freedom to choose creative and technical materials for the club. They also have equal rights. It also improves the creative abilities of students with disabilities, such as attention, memory, thinking, perception, speech and imagination.

Key words: *method, hobby, drawing, attention, non-standard, thinking, development, right, ability, adaptation, creativity, freedom, reader, methodology, opportunity, participation, limitation.*

Маълумот дар бораи муаллиф*: Рамазонова Раҷабгул* *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: 918230146*

Сведения об авторе: ***Рамазонова Раджабгул*** *- кандитат педагогический наук, дотсент кафедра специальной педагогика и инклюзивной образования Таджикский Государственный Педагогический Университет имени Садриддина Айни. Адрес: 734003. Проспект Рудаки 121. Тел.: 918230146*

About the author: ***Ramazonova Rajabgul*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Dotsent, Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003. Rudaki Avenue 121. Tel.: 918230146*

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ (ТЕХНИКӢ)

Салимов Ф. Н.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илмӣ - техникӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони русӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Забони русӣ, ҳамчун яке аз забонҳои пешбари илм ва технология дар ҷаҳон, дар ҳуҷҷатҳои техникӣ, муошарати касбӣ, конфронсҳои байналмилалӣ ва нашрияҳои илмӣ истифода мешавад. Аммо, таълими забони русӣ дар донишгоҳи ғайризабонӣ (техникӣ) як қатор мушкилоти беназирро ба миён меорад, ки ҳам аз шумораи донишҷӯён ва ҳам аз хусусияти хоси фанни омӯхташаванда бармеоянд.

Таълими забони русӣ ба донишҷӯёни соҳаҳои техникӣ аз таълими анъанавии забон, ки ба фанҳои филологӣ тамаркуз мекунад, фарқ мекунад. Яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи хусусияти методология самти амалии таълим аст, ки бо ниёзҳои касбии донишҷӯён алоқаманд аст. Бар хилофи донишҷӯёни соҳаи гуманитарӣ, донишҷӯёни соҳаҳои техникӣ бояд луғати мувофиқи касбӣ, аз ҷумла, истилоҳоти истифодашаванда дар соҳаҳо ба монанди энергетикӣ, технологияҳои кимиёвӣ, металлургия, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт ва ҳамлу нақди нақлиётӣ,

саноати нафт ва газ, пармакунӣ, истихроҷ ва интиқоли захираҳои табиӣ, омӯзанд. Бинобар ин, ҳангоми таълими забони русӣ бояд хусусиятҳои рушди салоҳияти забоншиносӣ дар шароити касбӣ ба назар гирифта шавад.

Яке аз мушкилоти асосӣ маҳдуд будани захираҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён аст. Аз сабаби тамаркуз ба фанҳои муҳандисӣ ва техникӣ, донишҷӯён метавонанд курси забони русиро ҳамчун курси дуюмдараҷа қабул кунанд, ки ин аз омӯзгор талаб мекунад, то усули махсусро барои афзоиши ангеза истифода барад. Дар ин замина, равиши тафриқавӣ нақши муҳим мебозад, ки имкон медиҳад сатҳи омодагии донишҷӯён, манфиатҳои касбӣ ва ниёзҳои онҳо ба назар гирифта шаванд. Ҳамгироии маводи таълимӣ бо фанҳои махсус низ аҳамияти хосса дорад, ки ба ташаккули робитаҳои байнифаннӣ ва тақвияти хусусияти амалии маводи омӯхташаванда мусоидат мекунад.

Илова бар ин, хусусияти муҳимми таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ зарурати рушди салоҳияти академӣ ва касбии хаттӣ мебошад. Дар шароити раванди муосири таълим, донишҷӯён бояд қобилияти навиштани гузоришҳои техникӣ, мақолаҳои илмӣ, рефератҳо ва аннотатсияҳо барои адабиёти махсусро дошта бошанд. Ин таваҷҷуҳи махсусро ба рушди малакаҳои сохтани матни мантиқӣ, баҳсбарангезӣ ва риояи меъёрҳои услуби илмӣ талаб мекунад.

Таҳқиқоти муосир дар соҳаи усули таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ зарурати истифодаи равишҳои ҳамгирошударо нишон медиҳанд, ки усули анъанавии таълимро бо технологияҳои инноватсионӣ муттаҳид мекунанд. Аз ҷумла, истифодаи захираҳои рақамӣ, аз қабили курсҳои онлайнӣ, барномаҳои симулятсия ва лабораторияҳои виртуалӣ, метавонад самаранокии таълимро ба таври назаррас беҳтар созад.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ аз ҷониби маҷмуи омилҳои забонӣ, методологӣ ва дидактикӣ муайян карда мешаванд. Беҳтар кардани раванди таълим татбиқи усули мутобиқшудаеро талаб мекунад, ки ба ҳадафҳои касбии донишҷӯён нигаронида шудаанд, рушди салоҳияти коммуникатсионӣ дар шароити касбӣ ва истифодаи технологияҳои муосири таълим.

Таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ барои рушди салоҳиятҳои забонии муоширатӣ ва касбӣ дар донишҷӯён равона карда шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологӣ, донистани забони русӣ воситаи муҳим барои рушди касбии муҳандисони ояндаи соҳаҳои технологияи кимиёвӣ ва металлургӣ, энергетикӣ, нақлиёт ва инфрасохтори роҳҳо, мутахассисони саноати нафт ва газ, сохтмон, муҳандисии мошинсозӣ ва дигар соҳаҳои техникӣ мебошад.

Ҳадафҳои асосии таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ инҳоянд:

1. Ташаккули салоҳияти муоширатӣ. Донишҷӯён бояд малакаҳои шифоҳӣ ва хаттии муоширатро, ки барои муоширати касбӣ, иштирок дар конференсияҳо, муҳокимаҳо, омода кардани гузоришҳо ва презентатсияҳо заруранд, аз худ кунанд.

2. Ташаккули салоҳияти забонии касбӣ. Омӯзиш бояд хусусиятҳои луғат ва истилоҳоти касбиро ба назар гирад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо матнҳои илмӣ ва техникӣ, дастурҳо, стандартҳо ва ҳуҷҷатҳо самаранок кор кунанд.

3. Беҳтар кардани малакаҳои коркарди матн. Аз худ кардани усули таҳлил, хулоса ва шарҳ додани матнҳо ҷанбаи муҳимми омӯзиши муҳандисон ва дигар мутахассисони техникӣ мебошад. Қобилияти истихроҷи маълумоти калидӣ аз манбаъҳои касбӣ кори мустақилонаи донишҷӯёнро беҳтар мекунад.

4. Рушди саводнокии академӣ. Навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳо, мақолаҳои илмӣ ва мактубҳои корӣ аз худ кардани меъёрҳои услубии забони русиро талаб мекунад. Таълим бояд ба рушди саводнокии хаттии хонандагон мусоидат намояд.

5. Ҳамгироии забони русӣ бо фанҳои тахассусӣ. Истифодаи равиши байнифаннӣ ба донишҷӯён кумак мекунад, ки татбиқи амалии забони русиро дар кори касбии худ бубинанд. Ҳалли масъалаҳои мавриди назар, таҳлили ҳуҷҷатҳои техникӣ ва омода кардани лоиҳаҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки омӯзиши забониро бо масоили воқеии касбӣ пайваст кунанд.

6. Рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ. Забони русӣ ҳамчун як фанни таълимӣ ба рушди тафаккури мантиқӣ, баҳс ва қабули қарор мусоидат мекунад, ки барои тадқиқоти илмӣ ва фаъолиятҳои муҳандисӣ муҳим аст.

7. Беҳтар кардани мутобиқшавии фарҳангӣ ва касбии донишҷӯён. Барои донишҷӯёни хориҷӣ, таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ инчунин барои мусоидат ба ҳамгироии муваффақона ба ҷомеаи касбӣ ва шинос кардани онҳо бо анъанаҳои русии муошрати илмӣ ва ахлоқи тиҷоратӣ равона шудааст.

Усули муосири таълими забони русӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ба якчанд равишҳои асосӣ асос ёфтаанд:

1. Равиши коммуникативӣ. Ҳадафи асосии равиши коммуникативӣ инкишоф додани қобилияти донишҷӯён барои истифодаи забони русӣ дар вазъиятҳои воқеии касбӣ ва таълимӣ мебошад. Ин равиш фаъолона бозиҳои нақшофарӣ, муҳокимаҳо ва супоришҳои лоиҳавиро истифода мебарад, ки равандҳои воқеии кориро тақлид мекунанд (Галперин, 2019). Масалан, ҳангоми омӯзиши луғати касбӣ, донишҷӯёни соҳаи нафт ва газ метавонанд вохӯриро дар бораи пармакунӣ ва истеҳсоли нафт тақлид кунанд, ки дар он онҳо истилоҳот ва сохторҳои касбиро истифода мебаранд.

2. Равиши маърифатӣ**.** Ин равиш барои рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забон равона шудааст. Он кор бо матнҳои мувофиқи касбӣ, таҳлили сохторҳои забонӣ ва эҷоди харитаҳои консептуалӣ барои кӯмак ба сохторбандии иттилоотро дар бар мегирад (Зимняя, 2020). Масалан, донишҷӯён матнҳои дастурҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёриро таҳлил карда, истилоҳоти калидӣ ва робитаҳои онҳоро муайян мекунанд.

3. Равиши тафриқавӣ. Истифодаи равиши тафриқавӣ ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи дониши забонии донишҷӯёнро ба назар гирем ва раванди таълимро ба ниёзҳои инфиродии онҳо мутобиқ созем (Леонтьев, 2018). Масалан, дар гурӯҳе, ки донишҷӯён сатҳҳои гуногуни дониши забони русӣ доранд, донишҷӯёни қавӣ метавонанд барои мақолаҳои илмӣ шарҳҳо эҷод кунанд, дар ҳоле ки донишҷӯёни заифтар метавонанд машқҳоро барои азхуд кардани истилоҳоти асосӣ иҷро кунанд.

4. Равиши интегративӣ. Ин равиш омезиши омӯзиши забонро бо фанҳои махсус дар бар мегирад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки забони русиро на дар алоҳидагӣ, балки дар заминаи касби ояндаи худ аз худ кунанд (Матюшкин, 2022). Масалан, донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисии соҳаҳои гуногуни техникӣ дар тарҷумаи матнҳои техникӣ ва таҳлили мақолаҳои касбӣ бо забони русӣ кор мекунанд.

5. Технологияҳои рақамӣ дар таълим. Истифодаи онлайн‒платформаҳо, симуляторҳои интерактивӣ ва лабораторияҳои виртуалӣ имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии мавод ба таври назаррас афзоиш ёбад. Масалан, ҳангоми дарсҳо донишҷӯён викторинаҳои интерактивӣ оид ба луғати касбӣ месупоранд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки фавран фикру мулоҳизаҳои худро гиранд.

Ҳангоми интихоби равишҳои методологӣ барои таълими забони русӣ дар донишгоҳи ғайризабонӣ бояд хусусиятҳои омодагии донишҷӯён, ниёзҳои касбии онҳо ва сатҳи дониши забонро ба назар гирифта шавад. Истифодаи ҳамгирошудаи равишҳои коммуникативӣ, маърифатӣ, тафриқавӣ ва интегративӣ, инчунин технологияҳои рақамӣ ба азхудкунии самараноки мавод ва рушди салоҳияти забонии касбӣ нигаронидашуда мусоидат мекунад.

Кор бо луғати касбӣ яке аз ҷанбаҳои асосии таълими забони русӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ мебошад. Хусусиятҳои ин кор аз истиллоҳоти мушаххаси илмҳо ва технологияҳои гуногун, зарурати инкишоф додани малакаҳои донишҷӯён дар истифодаи истилоҳоти махсус дар забони хаттӣ ва шифоҳӣ ва усули методологӣ, ки ба содда кардани дарки воҳидҳои мураккаби забонӣ нигаронида шудаанд, бармеоянд.

Луғати касбӣ истилоҳот, жаргонҳо, луғоти касбӣ ва клишеҳоеро дар бар мегирад, ки дар соҳаи мушаххаси фаъолият истифода мешаванд. Бар хилофи калимаҳои маъмул, истилоҳоти касбӣ хусусиятҳои зеринро доранд: махсусгардонии маҳдуди маъно; дақиқӣ ва якмаъноии тафсир; ҷузъи байналмилалӣ (қабулшуда аз забонҳои дигар, калькаҳо); системанокии возеҳ (имконияти муттаҳидшавӣ ба гурӯҳҳои мавзӯӣ ва соҳаҳои истилоҳот).

Усули методологӣ барои кор бо луғати касбӣ:

1. Омӯзиши контекстӣ. Азхуд кардани истилоҳот дар заминаи фаъолияти касбӣ самараноктар аст. Истифодаи матнҳои илмӣ ва техникӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва иштирок дар муҳокимаҳои мавзуӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки луғатро дар заминаҳои табиии истифодаи он азёд кунанд.

2. Таҳлили муқоисавӣ. Муқоисаи истиллоҳоти русӣ бо муодили онҳо дар забонҳои дигар ба мо кӯмак мекунад, ки пайдоиши калимаҳо ва сохтори онҳоро беҳтар дарк кунем. Ин усул махсусан, барои донишҷӯёне, ки забони русиро ҳамчун забони хориҷӣ меомӯзанд, муфид аст.

3. Вазифаҳои амалӣ: тартиб додани луғатҳо аз рӯйи ихтисос; тарҷума ва шарҳи матнҳои касбӣ; тартиб додани харитаҳои истиллоҳот; таҳлили хатоҳои маъмулӣ дар истифодаи луғати касбӣ.

4. Усули интерактивӣ. Истифодаи луғатҳои электронӣ, платформаҳои онлайнӣ ва пойгоҳҳои додаҳои истилоҳоти махсус раванди азёд кардан ва мустаҳкам кардани калимаҳои навро осон мекунад.

Кор бо луғати касбӣ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, аз ҷумла, таҳлили контекстӣ, омӯзиши муқоисавӣ, супоришҳои амалӣ ва афзорҳои рақамӣ. Самаранокии азхудкунии истилоҳот мустақиман аз стратегияҳои методологии истифодашавандаи омӯзгор, инчунин аз ангезаи донишҷӯён ва сатҳи дониши забонии онҳо вобаста аст.

Таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ бо сабаби махсусияти таълими донишҷӯён дар ихтисосҳои техникӣ як вазифаи мураккаб аст. Мутахассисони оянда дар соҳаҳои истихроҷи нафт, пармакунӣ, интиқоли захираҳои энергетикӣ ва дигар соҳаҳои техникӣ дониши луғати касбӣ, қобилияти кор бо ҳуҷҷатҳои техникӣ ва малакаҳои муошират тиҷориро талаб мекунанд. Дар ин замина, ҳам мушкилот ва ҳам самтҳои умедбахши такмили усули таълим муайян карда мешаванд (Иванов, 2021).

Мушкилоти таълимӣ :

1. Ҳавасмандии пасти донишҷӯён. Аксари донишҷӯён забони русиро ҳамчун фанни дуюмдараҷа, ки бо фаъолияти асосии касбии худ алоқаманд нест, қабул мекунанд. Ин шавқро ба омӯхтани забон коҳиш медиҳад ва аз омӯзгорон талаб мекунад, ки усули махсуси ҳавасмандкуниро таҳия кунанд (Смирнова, 2020).

2. Мураккабии истилоҳоти касбӣ. Истилоҳоти соҳаҳои гуногуни техникӣ бисёр калимаҳои иқтибосӣ, сохторҳои мураккаби синтаксисӣ ва ибораҳои мушаххасро дар бар мегирад. Ин дарки луғатро, махсусан барои донишҷӯёни хориҷӣ, душвор мегардонад.

3. Набудани маводи таълимии мутобиқшуда. Китобҳои дарсии забони русӣ аксар вақт ба илмҳои гуманитарӣ нигаронида шудаанд ва хусусиятҳои соҳаҳои техникиро ба назар намегиранд. Таҳияи китобҳои дарсии махсус ва воситаҳои таълимӣ масъалаи мубрам боқӣ мемонад.

4. Набудани ҳамгироӣ бо фанҳои асосӣ. Фарқияти байни омӯзиши забонӣ ва техникӣ маънои онро дорад, ки донишҷӯён татбиқи амалии маводи омӯхташавандаро намебинанд. Тақвияти робитаҳои байнифаннӣ зарур аст.

Бо назардошти мушкилоти мавҷуда, самтҳои зерини умедбахши рушдро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Ҷорӣ намудани омӯзиши касбӣ. Истифодаи матнҳои марбут ба самтҳоигуногуни техникӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои техникӣ ва харитаҳои истилоҳот ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки забонро дар заминаи касби ояндаи худ аз худ кунанд.

2. Истифодаи технологияҳои рақамӣ. Ташкили курсҳои интерактивӣ, луғатҳои электронӣ ва шабеҳасозиҳои (симулятсияҳои) онлайнӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои забонии худро дар шакли ба таври мувофиқ беҳтар кунанд.

3. Таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои тахассусӣ. Таҳияи маводи таълимии соҳавӣ самараноктар омӯхтани забони касбиро таъмин мекунад.

4. Ҳамгироии амиқтари забони русӣ бо фанҳои тахассусӣ. Лоиҳаҳо ва супоришҳои муштарак дар чорроҳаи забоншиносӣ ва илмҳои техникӣ ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки аҳамияти амалии забони русиро дар кори ояндаи худ дарк кунанд (Лебедев, 2020).

Мушкилоти таълими забони русӣ дар донишгоҳи техникӣ равиши систематикиро талаб мекунанд. Истифодаи усули муосир, технологияҳои рақамӣ ва ҳамкории байнифаннӣ ба беҳтар шудани сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир мусоидат мекунад.

Роҳҳои ҳалли ин мушкилотро дар таҳияи васоити таълимии тахассусӣ, истифодаи фаъоли технологияҳои рақамӣ (шабеҳасозиҳои онлайнӣ, кейсҳои касбӣ) ва ҳамгироии таълими забон бо фанҳои касбӣ пайдо метавон кард.

Ҳамин тариқ, таълими забони русӣ дар донишгоҳҳои техникӣ равиши махсуси методологиро талаб мекунад, ки хусусиятҳои фаъолияти касбии донишҷӯёнро ба назар мегирад. Он бояд на танҳо ба рушди салоҳияти умумии забон, балки ба рушди малакаҳои муошират касбӣ низ нигаронида шавад.

АДАБИЁТ

1. Галперин, П. Я. Психологияи омӯзиш ва усулҳои таълими забонҳо. - Санкт-Петербург: Нашриёти ДДСПб, 2019.
2. Иванов, П. А. Таълими забони русӣ дар Донишгоҳи техникӣ. - Москва: ФЛИНТА, 2021.
3. Зимняя, И. А. Асосҳои психолингвистикии таълими забонҳои хориҷӣ. - Москва: Просвещение, 2020.
4. Леонтьев, А. А. Забон, шуур, фаъолият. - Москва: Наука, 2018.
5. Лебедев, Н. С. Эҷоди китобҳои дарсӣ барои донишгоҳҳои техникӣ: Тамоюлҳои муосир. - Уфа: ДДБош., 2020.ж
6. Матюшкин, А. М. Омӯзиши мушкилотӣ: Назария, методология, амалия. - Новосибирск: Нашриёти ДДН, 2022.
7. Смирнова, Е. Н. Ташаккули ангеза дар донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ. - Санкт-Петербург: Нашриёти ДДСПб., 2020.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ (ТЕХНИКӢ)

Мақола хусусиятҳои таълими забони русиро дар донишгоҳи ғайризабонӣ (техникӣ) баррасӣ мекунад ва ба усули таълиме, ки барои рушди салоҳияти забони касбӣ нигаронида шудаанд, тамаркуз менамояд. Дар он мушкилоти асосие, ки омӯзгорон ва донишҷӯён бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, баррасӣ мегарданд: ангезаи паст, луғати мураккаби касбӣ, набудани маводи таълимии мутобиқшуда ва ҳамгироии сусти забон бо фанҳои махсус. Дар мақола роҳҳои беҳтар кардани самаранокии таълим, аз ҷумла таҳияи васоити таълимии махсус, истифодаи матнҳои касбӣ ва харитаҳои истиллоҳотӣ ва ҳамгироии байнифаннӣ пешниҳод карда мешаванд.

Вожаҳои калидӣ: *забони русӣ, донишгоҳи техникӣ, луғати касбӣ, равиши коммуникативӣ, таълими тафриқавӣ, технологияҳои рақамӣ, ҳамгироии байнифаннӣ.*

ОСОБЕННОСТИ ПРЕПОДАВАНИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА В НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ (ТЕХНИЧЕСКИХ) УНИВЕРСИТЕТАХ

В статье рассматривается специфика преподавания русского языка в неязыковом (техническом) вузе, акцентируя внимание на методах обучения, направленных на формирование профессионально ориентированной языковой компетенции. Рассматриваются основные трудности, с которыми сталкиваются преподаватели и студенты: низкая мотивация, сложность профессиональной лексики, недостаток адаптированных учебных материалов и слабая интеграция языка с профильными дисциплинами. В статье предлагаются способы повышения эффективности обучения, включая разработку специализированных учебных средств, использование профессионально ориентированных текстов и терминологических карт, а также междисциплинарную интеграцию.

Ключевые слова: *русский язык, технический университет, профессиональная лексика, коммуникативный подход, дифференцированное обучение, цифровые технологии, междисциплинарная интеграция.*

FEATURES OF TEACHING THE RUSSIAN LANGUAGE IN NON-PHILOLOGY (TECHNICAL) UNIVERSITIES

This article examines the specifics of teaching Russian at a non-linguistic (technical) university, focusing on teaching methods aimed at developing professionally oriented linguistic competence. The main difficulties faced by teachers and students are discussed: low motivation, complexity of professional vocabulary, lack of adapted teaching materials, and poor integration of language with specialized disciplines. The article suggests ways to

improve the effectiveness of teaching, including the development of specialized teaching aids, the use of professionally oriented texts and terminology maps, and interdisciplinary integration.

Keywords: *Russian language, technical university, professional vocabulary, communicative approach, differentiated learning, digital technologies, interdisciplinary integration.*

Маълумот дар бораи муалиф: ***Салимов Файзулло Нарзуллоевич*** – *омӯзгори калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ. Тел.: 917011958, email: faisal57@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Салимов Файзулло Нарзуллоевич*** *— старший преподаватель кафедры языков Таджикского технического университета имени академика М. С. Осими. Тел.: 917011958, email: faisal57@mail.ru.*

Information about the author: ***Salimov Faizullo Narzulloevich*** *- Senior Lecturer, Department of Languages, Tajik Technical University named after Academician M. S. Osimi. Tel: 917011958, email: faisal57@mail.ru.*

ВЛИЯНИЕ ВЛАДЕНИЯ ИНОСТРАННЫМИ ЯЗЫКАМИ НА ПРОФЕССИОНАЛЬНУЮ ПОДГОТОВКУ СПЕЦИАЛИСТОВ В СФЕРЕ ТУРИЗМА И ГОСТЕПРИИМСТВА

Курбонова М. М.

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

В XXI веке созидательной основой развития национальной экономики многих стран мира является отрасль туризма и считается самой преимущественной её отраслью, так как играет решающую роль в дальнейшем развитии их экономики. Современный туризм развивается со скоростью и на сегодняшний день является доходным бизнесом современного мира. Современные специалисты сферы экономики считают отрасль туризма феноменом настоящего столетия [1, с. 143]. Учитывая всё это, чтобы поднять вверх уровень своей национальной экономики, большое количество государств мира прилагают усилия для рационального использования существующих в странах туристических возможностей.

В последние годы туризм – как одна из наиболее значимых отраслей индустрии стремительно стал развиваться и в нашей стране. Большое значение развитию туризма в Республике Таджикистан придаёт Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон. Им изданы ряд постановлений и законов, которые способствуют развитию туризма в Таджикистане и начальные меры для достижения этой цели уже приняты.

Уважаемый Президент нашей страны Эмомали Рахмон объявил 2018 год в стране «Годом развития туризма и национальных ремёсел», а последующие три - 2019-2021гг. «Годами развития села, туризма и народных ремёсел». За столь короткое время было проведено большое количество мероприятий, посвящённых достижению поставленных целей по развитию туризма в Таджикистане, возродились многие, давно забытые народные ремёсла и мир узнал о культурно - исторических наследиях Таджикистана, красоте этого края, о народных обычаях, обрядах, традициях и её народных ремёслах очень многое. Страны мира стали проявлять большой туристский интерес к нашему краю, растёт поток туристов в нашу страну.

Основная цель стратегии развития туризма в Таджикистане - это развитие туристической рекреационной отрасли, способной выдержать конкуренцию, и превращение туризма в одну из передовых и перспективных отраслей страны [2, с. 7 – 14].

Новые социально-экономические отношения Республики Таджикистан с зарубежными партнёрами диктуют новый подход в обучении будущих специалистов сферы туризма иностранным языкам**,** улучшения подготовки компетентных кадров этой сферы в вузах Таджикистана. Исходя из этого перед высшими учебными заведениями республики, которые заняты подготовкой кадров сферы туризма, поставлена задача выпускать высококвалифицированных кадров этой отрасли, каких сегодня требует мировой рынок.

Высококвалифицированные кадры сферы туризма в новом веке – это не только специалист обладающий навыками своей профессии, но и специалист, владеющий несколькими

мировыми языками, обладающий большим словарным запасом своей сферы, владеющий культурой речи, культурой общения и этикой. Только такой специалист сферы туризма может быть компетентен и сможет достичь хороших результатов в своей сфере деятельности.

Начинающему менеджеру – бывшему студенту или проходящему практику стажеру зачастую не хватает знаний не столько, по сугубо практическим темам, например по заполнению различных форм бланков, содержанию и структуре туристских каталогов, сколько незнание или слабые знания иностранного языка [3, с. 74 – 76]. Так, например, выезжающему за рубеж необходимо заполнить бланки или другие виды необходимых документаций на иностранном языке и прямая обязанность работника турагентства помочь в этом клиенту. Попадая в данные ситуации, у молодого специалиста формируется комплекс «страха неизвестности», неуверенности в себе, что, безусловно, сказывается на его компетентности и качестве выполненной работы [4, с. 54 – 59].

Профессиональное знание иностранных языков для специалиста, работающего в сфере туризма, является признаком его профессиональной компетентности. Поэтому выпускник факультета туристского профиля должен владеть не только определенным количеством профессиональных знаний, умений и навыков, но и владеть профессиональными знаниями иностранного языка.

Отсюда и возникает необходимость улучшения качества изучения и преподавания иностранного языка при подготовке квалифицированных кадров туристского профиля, как, например, менеджеров туризма, инструкторов или гидов-проводников международного класса, которые впоследствии должны стать конкурентоспособными, владеть высоким уровнем общего развития, а также владеть коммуникативными навыками иностранного языка, в частности английского и русского языков [5, с. 103 –110].

Для достижения этой цели необходимо тесное сотрудничество вуза и туристических организаций Таджикистана, а при возможности, туристических компаний ближнего и дальнего зарубежья.

Вопрос о том, что необходимо готовить специальные кадры со знанием иностранного языка, в Европейских странах, где туризм давно развит и выдвинут на первое место в качестве прибыльного бизнеса, не возникает. Потому что квалифицированные специалисты сферы туризма в западных странах, знают несколько иностранных языков, так как знание нескольких иностранных языков является неотъемлемой частью при подготовке компетентных кадров сферы туризма [6, с. 33 – 42].

Речь идет не о русском языке и не об английском языке вообще (Social English), которые можно изучить на курсах, которых сейчас огромное количество, а об обучении иностранному языку профессионально - ориентированного общения будущих специалистов сферы туризма. Имеется в виду тот английский (English for special purposes) и русский языки, где, безусловно, есть своя профессиональная терминология и специфика (как язык физиков, юристов, экономистов и пр.), которые нельзя изучить на вышеупомянутых курсах [7, с. 81– 86].

Обучение русскому и английскому языкам в неязыковом вузе, каковым является Международный университет туризма, предпринимательства и сервиса Таджикистана, руководствуется принципом его профессиональной коммуникативной направленности в рамках профессиональной сферы между представителями определенных профессий, в том числе и всех профессий сферы туризма.

Специфика обучения иностранному языку наших студентов, для которых таджикский язык является родным, заключается главным образом в преодолении межязыковой интерференции в области фонетики, морфологии, синтаксиса и обогащения их профессионального словарного запаса, способствующих повышению уровня их коммуникативной компетентности.

Понятие «коммуникативная компетентность» менеджеров туризма предполагает обмен информацией, общение среди специалистов профессиональной деятельности, а также формы взаимодействия между служащими, работниками и клиентами, осуществляемые при помощи иностранного языка [8, с. 26 – 32].

Следует отметить, что формирование коммуникативной компетентности будущих специалистов туристского профиля должно осуществляться при обучении иностранному языку в рамках учебных программ неязыкового вуза и вопросы, связанные с потенциальными возможностями учебной дисциплины «иностранный язык» в неязыковом вузе являются предметом пристального внимания.

Опыт специалистов показывает, что коммуникативный подход при обучении иностранным языкам, требует многоуровневой подготовки:

- учебная программа профессионального образования специалистов сферы туризма должна включать разделы профессионально-коммуникативной направленности;
- процесс обучения должен строиться с учётом реальных потребностей современного общения в туризме;
- организация учебного процесса должна быть построена на современных методах и средствах обучения иностранному языку, отвечающих условиям формирования профессиональной компетентности;
- формы обучения должны опираться на мотивационные, интеллектуальные и эмоциональные особенности студентов, что обеспечит активизацию познавательной и коммуникативной деятельности, потребность их в самообразовании [9, с. 94 – 98].

Современные специалисты пришли к выводу, что профессионально-ориентированные формы занятий, безусловно, с учётом самостоятельной подготовки, положительно влияют на развитие интеллекта и творческих способностей самих студентов. Недостаточная же организация учебного процесса профессионально-ориентированного общения снижает качество подготовки данных специалистов в целом.

Результаты наблюдений последних лет показывают, что резервы профессионального совершенствования слабо используются. Причиной этому служат :

- нехватка высококвалифицированного преподавательского состава (т. к. преподаватель должен владеть не только знаниями иностранного языка, но и быть компетентным в вопросах, связанных с туристской деятельностью);
- отсутствия разработанной системы преподавания профессионального иностранного языка в неязыковом вузе;
- отсутствие современных методов преподавания (использование на занятиях Internet, применение инновационных технологий, мультимедийных курсов (ММК) и пр.);
- нехватка достаточного количества оборудованных аудиторий интерактивными досками, компьютерами с выходом в Internet и пр. [10, с. 45 – 56].

На этой основе возникает потребность определения содержания образовательного курса иностранного языка, обеспечивающего формирование коммуникативной компетентности специалистов туристского профиля. Чтобы учебная программа по формированию коммуникативной компетентности менеджера туризма способствовала более эффективной профессиональной подготовке будущих специалистов, а также обогащала учебно-методические основы преподавания иностранного языка на факультетах туристского профиля, требуется тщательный подход к её разработке. При составлении подобных программ необходимо учитывать следующее:

- при обучении иностранному языку на данном этапе многоуровневой подготовки необходимо определить цели и задачи;
- для формирования свободы общения и коммуникативной активности студентов следует применять специальные методы проведения практических занятий по иностранному языку;
- разрабатывать и создавать профессиональные специализированные электронные учебники, ММК и учебно-методические пособия, презентации труднодоступных грамматических тем [11, с. 134 – 141].

На сегодняшний день в специфике профессий отрасли туризма значение изучения иностранного языка очень высоко. Компетентное владение самых распространенных в мире языков способствует активному взаимодействию таджикских туристских компаний с иностранными партнерами, увеличению числа стран мира, посещаемых нашими туристами. Способствует соответственно также и развитию сферы обслуживания в Таджикистане.

Международный туризм все больше становится единой сетью и подразумевает постоянный контакт среди туроператоров и высококвалифицированных специалистов, что требует от представителей профессий в туризме профессионального знания иностранных языков.

От знаний, которые получают наши студенты, напрямую зависит качественный уровень обслуживания туристов в нашей стране, в том числе и иностранных, а значит ее привлекательность, туристский имидж, конкурентоспособность на мировом туристском рынке и компетентность не только работников этой сферы, но и фирмы и организации, которых они представляют [12, с. 23 – 30].

Специалист отрасли туризма, владеющий необходимыми знаниями иностранных языков, сможет логично и грамотно выражать свои мысли на любом иностранном языке. Он сможет правильно понять своего собеседника и правильно использовать в своей речи любые термины сферы своей деятельности на иностранных языках, постоянно быть в курсе развития мирового туризма и развивать свой кругозор в этой отрасли экономики. Нынешнему рынку сферы туризма такой специалист необходим.

Владение вышеуказанными знаниями и навыками помогут студенту стать компетентным высококвалифицированным специалистом своей сферы деятельности, вкладывая свою частицу в развитие экономики своей страны, а в частности в развитие отрасли туризма в Таджикистане.

ЛИТЕРАТУРА

1. Боровик Н. А. Иностранные языки в туристической индустрии: методика преподавания и практическое применение. - Москва: Научный мир, 2016.
2. Буторова Н. В. Профессиональная подготовка специалиста-менеджера иностранного туризма в туристском вузе : Дис. ... канд. пед. наук : 13.00.08 : г. Сходня, Моск. обл., 2002 143 с. РГБ ОД, 61:02-13/1579-0.
3. Буянова Л. Ю. Термин как единица логоса. – Краснодар, 2002.
4. Варламова Л. П. Коммуникативные навыки в профессиональной подготовке специалистов туризма. Современные проблемы науки и образования, 2019. - № 4(72). – С. 134-141.
5. Володина М. Н. Теория терминологической номинации. – М., 1997.
6. Галанин Ю.Г. Аспекты формирования модели взаимодействия вуза и гостиничного комплекса в профессиональной подготовке кадров [Текст] / Ю.Г. Галанин // Управленец. – 2010. – №11-12 (15-16). – С.74 – 76.
7. Галанин Ю.Г. Современные требования к подготовке кадров в сфере гостеприимства [Текст] / Ю.Г. Галанин // Высшее образование сегодня. – 2010. – № 10. – С. 72 – 74.
8. Елисеева В. И. Языковая подготовка в сфере туризма: вызовы и перспективы. - Санкт-Петербург: СПбГУ. – 2018.
9. Кучеренко, О. В. Межкультурная компетенция и знание иностранных языков в контексте туризма. Вестник Института туризма. – 2020. - № 10(1). – С. 23-30.
10. В.М. Лейчик. Терминоведение: предмет, метод, структура. – М., 2006.
11. Татаринов В.А. Теория терминоведения, Т. 1. – М, 1996.
12. Шевченко И. П. Роль иностранных языков в повышении качества туристических услуг. Журнал туризма и гостеприимства. – 2017. - №4(2). – С. 45-56.
13. Из сайта https://president.tj/

ВЛИЯНИЕ ВЛАДЕНИЯ ИНОСТРАННЫМИ ЯЗЫКАМИ НА ПРОФЕССИОНАЛЬНУЮ ПОДГОТОВКУ СПЕЦИАЛИСТОВ В СФЕРЕ ТУРИЗМА И ГОСТЕПРИИМСТВА

В статье рассматривается влияние знания иностранных языков на подготовку профессиональных специалистов в сфере туризма. В условиях глобализации и активного развития международного туризма спрос на специалистов с высоким уровнем языковой квалификации возрастает с каждым днем. Знание иностранных языков является одним из ключевых факторов повышения профессионализма, конкурентоспособности и качества обслуживания в туристической отрасли.

В статье анализируется роль изучения иностранных языков в формировании коммуникативных навыков, культурной компетенции и способности профессионального общения с иностранными туристами. Также рассматриваются проблемы и пути совершенствования процесса обучения иностранным языкам в подготовке специалистов в сфере туризма, предлагаются рекомендации по повышению эффективности обучения. Результаты исследования показывают, что знание иностранных языков способствует профессиональному развитию специалистов, улучшению качества обслуживания и продвижению туристической отрасли.

Ключевые слова: *иностранные языки, сфера туризма, профессиональная подготовка, языковая компетенция, коммуникативные навыки, туристическое обслуживание, специалисты туризма, конкурентоспособность, межкультурная культура.*

ТАЪСИРИ ДОНИСТАНИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ КАСБИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОННАВОЗӢ

Дар мақолаи мазкур таъсири донистани забонҳои хориҷӣ ба омодагии касбии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди фаъоли сайёҳии байналмилалӣ талабот ба мутахассисони дорои салоҳияти баланди забонӣ рӯз ба рӯз меафзояд. Донистани забонҳои хориҷӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сатҳи касба, рақобатпазирӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Дар мақола нақши омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ташаккули малакаҳои иртиботӣ, салоҳияти фарҳангӣ ва қобилияти муошират касбӣ бо сайёҳони хориҷӣ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, мушкилот ва роҳҳои такмили раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар омодасозии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ таҳлил шуда, тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии таълим пешниҳод мегарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки донистани забонҳои хориҷӣ ба рушди касбии мутахассисон, беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонӣ ва пешрафти соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

Калидвожа: *забонҳои хориҷӣ, сайёҳӣ, омӯзиши касбӣ, салоҳияти забонӣ, малакаҳои муошират, хизматрасонии сайёҳӣ, мутахассисони сайёҳӣ, рақобатпазирӣ, фарҳанги байнифарҳангӣ.*

THE INFLUENCE OF FOREIGN LANGUGES PROFICIENCY ON PROFESIONAL TRAINING OF SPECIALIST OF THE FIELD OF TOURISM AND HOSPITELITY

This article explores the impact of foreign language proficiency on the professional training of specialists in the tourism industry. In the context of globalization and the rapid development of international tourism, the demand for professionals with high language qualifications is steadily increasing. Knowledge of foreign languages is one of the key factors in enhancing professionalism, competitiveness, and service quality in the tourism sector.

The article analyzes the role of foreign language learning in the development of communicative skills, cultural competence, and the ability to engage in professional communication with international tourists. Additionally, the paper examines the challenges and methods for improving foreign language education in the preparation of tourism specialists, offering recommendations to enhance the effectiveness of language training. The findings of the study show that foreign language proficiency significantly contributes to the professional growth of specialists, improvement in service quality, and the advancement of the tourism industry.

Keywords: *foreign languages, tourism industry, professional training, language competence, communicative skills, tourism services, tourism specialists, competitiveness, intercultural competence.*

Сведения об авторе: ***Курбанова Муътабар Мадиходжаевна*** *– старший преподаватель кафедры гуманитарных и естественно-научных дисциплин Института туризма Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Борбада 48/5. Тел: (+992) 988-12-77-12, e-mail: mutabarkhonkurbonova@gmail.com.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонова Муътабар Мадихоҷаевна*** *- муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табии риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,. Суроға: 734055, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Борбад 48/5. Тел.: (+992) 988-12-77-12, e-mail: mutabarkhonkurbonova@gmail.com.*

Information about the author: ***Kurbonova Mutabar Madikhojaevna*** *- senior teacher of the Department of Humanities and Natural Sciences, Institute of Tourism International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan/ Address: 734055, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, st. Borbad 48/5. Tel: (+992) 988-12-77-12, e-mail: mutabarkhonkurbonova@gmail.com.*

ПАЙДАРҲАМИИ ТАЪЛИМИ ФУНКСИЯҲОИ АВВАЛИНИ МАТЕМАТИКИИ ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Назаров А. П.,
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Баротов Ҷ. Ш.,
унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
Абдулҳақов М. А.,
унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҷадвалҳои электронӣ, аз ҷумла протсессори ҷадвалии Excel, дорои номгӯйи зиёди функсияҳои математикӣ мебошанд. Таълими ҷадвалҳои электронӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфи 7-ум оғоз меёбад [1], [2, дарси 23]. Чаро дар кори мазкур протсессори ҷадвалии Excel-ро интихоб кардем, зеро он дар аксар компютерҳои муассисаҳои таълимӣ насб шудаанд. Дар боби 3-юм ва дарсҳои 23-31-и адабиёти [2] номгӯйи ҷадвалҳои электронӣ оварда шудаанд. Таълими ҷадвали электронии Excel тибқи адабиёти [2] аз дарси 32-юм оғоз меёбад. Дар раванди таълими он пайдарҳам амалҳои арифметикӣ, ифодаҳо, тарзи навишти формулаҳо, пайвандгузориҳо ва амсоли инҳо таълим дода мешаванд [3, с. 228], [4, с. 132]. Марҳилаҳои минбаъдаи таълими ҷадвалҳои электронӣ ба таълими функсияҳои математикӣ ва дигар функсияҳо равона мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам дар раванди таълими функсияҳо дар доираи фанни технологияи иттилоотӣ омӯзгорон ба мушкилиҳо дучор мегарданд. Сабаби мушкилӣ дар он аст, ки ҳоло ба хонандагон дар дарсҳои математика (алгебра) функсияҳои математикӣ таълим дода нашудаанд. Дар робита бо фанни математика, дар ин марҳила ба хонандагон функсияҳои математикии ба онҳо шинос буда бояд таълим дода шаванд. Бинобар ин таълими функсияҳо аз таълими функсияҳои пойгоҳии (базавии) ҷадвалҳои электронӣ, ки бо донишҳои математикӣ вобастаанд, оғоз карда мешавад. То таълими функсияҳо, баҳисоб мегирем, ки хонандагон бо аломати амалҳои арифметикӣ дар ҷадвали электронӣ (+, -, *, /, ^), бо мафҳуми формула дар катаки ҷадвали электронӣ ва тарзи навиштани он шинос ҳастанд.

Интихоб ва ба барномаи таълимӣ ворид намудани баъзе аз функсияҳои стандартии ҷадвалҳои электронӣ ва коркарди методию пайдарҳамии таълими онҳо.

Ба робитаи байнифаннӣ бо донишҳои математикии дар ин марҳила ташаккулдодашудаи хонандагон ба таълими босифати баъзе аз функсияҳои стандартии ҷадвалҳои электронӣ ноил шудан мумкин аст, агар гурӯҳи функсияҳои муайян дуруст интихоб гардида, пайдарҳамии таълими онҳо коркард карда шавад.

Хонандагон дар ин марҳилаи таълими ҷадвалҳои электронӣ аз фанни математика бо амалҳои ҷамъи якчанд адад, ёфтани миёнаи арифметикии якчанд адад, ҳосили зарби якчанд адад ва амали яклухткунии адад то разряди нишондодашуда шинос ҳастанд. Ҳангоми шиносоӣ ва ҳисобкуниҳо дар ҷадвалҳои электронӣ тавсия дода мешавад, ки дар аввал функсияи суммаронии =СУММ (...) таълим дода шавад (ба ҳисоб мегирем, ки варианти протсессори ҷадвалии Excel бо забони руссӣ аст; бо забони англисӣ SUM (…)) [4, с. 138], [9, саҳ. 39]. Технологияи истифодабарии он, дохилкунӣ ё интихоби қимати аргументҳо ва ёфтани натиҷаи амали суммаронӣ ба хонандагон омӯзонида мешаванд [9, с. 57], [5, с. 55]. Функсияи =СУММ () бо тарзҳои гуногун истифода бурда мешавад, масалан, дар адабиёти [10, с. 21] як тарзи он нишон дода шудааст. Роҳи якуми содаи он, масалан, ёфтани суммаи чор адади додашудаи (5,47; 6,81; -4,31; 0,69) шуда метавонад. Тавсия дода мешавад, ки дар мадди аввал хонандагон суммаи ин чор ададро дастӣ ёбанд. Баъдан ба таълим ва ёфтани қимати сумма бо ёрии ҷадвали электронӣ мегузарем. Дар дилхоҳ катаки ҷадвал дар аввал «=СУММ(«-ро менависем. Он ададҳоро дохили қавси функсия ҳамчун аргументҳо навишта, аз ҳамдигар бо аломати «;» ҷудо мекунанд. Дар охир қавсро мепушанд «)»:=СУММ (5,47; 6,81; -4,31; 0,69)

Бо пахши тугмаи Enter натиҷаи амали сумма дар ҳамон катак мебарояд (барои ин мисол 8,66). Қайд кардан зарур аст, ки аломати ҷудокунандаи қисми бутун ва қисми касрии ададӣ касри даҳӣ дар ҷадвалҳои электронӣ метавонад аломати нуқта «.» ё аломати вергул «,» бошад.

Ин аз тарзи ҷуркунии системаи операционӣ ё худи ҷадвали электронӣ вобаста аст. Мо ба ҳисоб мегирем, ки аломати вергул «,» интихоб шудааст.

Пайдарпай ба таълими технологияи истифодабарии функсияи =СУММ (), ки акнун аргументҳояш номи катакҳои ҷадвал мебошанд, мегузарем [5, с. 125]. Дар ин маврид шарт нест, ки он ададҳоро дар як сутун ё як сатр паси ҳам нависем. Ҳангоми дар як сутун ва аз ягон катакаш сар карда, ададҳо дохил карда шуда бошанд, пас дар катаки оянда ё дилхоҳ катаки дигари холӣ буда барои ёфтани суммаи ҳамаи он ададҳо функсияи =СУММ ()-ро навишта, дар дохили қавс номи катаки аввал, ки адади якум дохил шудааст, менависанд. Аломати баён «:» -ро гузошта, номи катаки адади охирон бударо менависанд. Тугмаи Enter -ро пахш мекунанд ва ҷавоби сумма мебарояд. Ҷавоби дар ҷадвали электронӣ ҳосилкардаро бо ҷавоби дурусти тариқи дастӣ ҳисобшуда муқоиса мекунем ва мебинем, ки ягон фарқ нест. Масалан, агар ададҳо дар як сутун аз катаки С4 то катаки С17 навишта шуда бошанд, пас барои ёфтани суммаи он ададҳо, дар катаки С18 формулаи =СУММ (С4:С17) -ро дохил мекунанд. Ё худ агар дар як сатри 4 аз сутуни D то сутуни О ададҳо навишта шуда бошанд, пас барои ёфтани суммаи онҳо, масалан дар катаки Р4, формулаи =СУММ (D4:O4) -ро дохил мекунанд. Ин тарзи дастӣ навиштани функсия аст.

Ба хонандагон технологияи истифодабарии «Устои функсия» -ро дар мисоли ёфтани суммаи ададҳо меомӯзонанд [3, с. 231], [9, с. 135]. Дар ин маврид мушаки компютер нақши бештар дорад. Дар мисоли сархати пештара, курсори Excel-ро дар катаки С18 ҷойгир мекунем. Бо истифода аз мушак аз банди лентаи асосии протсессори ҷадвалии Excel («Главная»), зербанди «Таҳриркунӣ» («Редактирование») тугмаи амрии суммаро Σ -ро пахш мекунем. Дар катаки С18 формулаи =СУММ (С4:С17) тариқи худкор пайдо мешавад. Тугмаи Enter -ро пахш мекунанд ва ҷавоби сумма мебарояд. Дар ҳама мавридҳо навишти С4:С17 доираи катакҳо (диапазон ячеек) номида мешавад.

Ба хонандагон тарзи ҳисоб намудани суммаи якчанд ададҳо бо ду роҳ таълим дода шуд: 1) дар дохили қавсҳо навиштани ҳар як адад; 2) дар дохили қавсҳо навиштани доираи катакҳо. Акнун омӯзгорро зарур аст, ки нуқтаи назари хонандагонро фаҳмад, ки барои онҳо кадомаш беҳтар аст? Нуқтаи назари баъзе аз хонандагонро фаҳмида, омӯзгор ба онҳо мефаҳмонад, ки истифодаи доираи катакҳо беҳтар аст. Зеро ҳангоми илова намудани катак байни он катакҳо, ё нест намудани ягон катак аз байни онҳо, доираи катакҳо дар формулаи =СУММ (…) буда тариқи худкор дигар мешавад. Яъне доираи катакҳо тариқи худкор ба ҳисоб гирифта мешавад.

Суммаи якчанд ададҳо, ки дар катакҳои гуногун ҷойгиранд ва пайдарпай ҷойгир нестанд (бе тартиб), бо функсияи СУММ() ёфтан мумкин аст. Ин технология, хоҳ бо роҳи дастӣ, хоҳ бо ёрии «Устои функсия», ба хонандагон омӯзонида мешавад. Дар ин маврид метавонад якчанд катакҳои алоҳида ва якчанд доираи катакҳо дар аргументи функсияи СУММ () иштирок намоянд. Ҳар яки онҳо аз ҳамдигар бо аломати нуқта-вергул «;» ҷудо карда мешаванд. Масалан, *суммаи ададҳои дар катакҳои D4, F11, I3 ва дар доираи катакҳои B2:B8, D6:K6 дохилбуда ёфта шавад*. Дар аввал бо роҳӣ дастӣ ёфтани ин суммаро ба хонандагон мефаҳмонанд. Бо ин мақсад дар дилхоҳ як катаки холӣ буда аломати «=« -ро менависем. Пас аз он амали СУММ (D4; F11; I3; B2:B8; D6:K6) -ро менависем. Тугмаи Enter -ро пахш мекунем. Сумма ҳисоб шуда, дар катаки интихоб шуда мебарояд. Бо истифода аз устои функсия ва мушаки компютер бошад, дар дилхоҳ як катаки холӣ буда тугмаи амрии суммаро Σ -ро пахш мекунем. Пай дар пай бо мушак катакҳо ва доираи катакҳои додашударо интихоб мекунем. Дар охир тугмаи Enter-ро пахш мекунем ва сумма ҳисоб шуда, дар катаки интихоб шуда мебарояд. Ҳаминтариқ донишҳои муайян оид ба функсияи СУММА ва технологияҳои истифодабарии он ба хонандагон омӯзонида шуда, ташаккул дода мешаванд. Донишҳои назариявии ташаккул додашуда дар дарсҳои амалӣ мустҳакам карда мешаванд. Маҳорату малакаи хонандагон оид ба истифодабарии функсияҳои ҷадвалҳои электронӣ инкишоф дода шуда, мустаҳкам карда мешаванд.

Функсияи СУММ аввалин функсияест, ки дар раванди таълими ҷадвалҳои электронӣ ба хонандагон омӯзонида мешавад. Бинобар ин ба қисми лексионии (назариявии) он каме вақт зиёдтар сарф карда мешавад. Зеро бо тарзи навиштан ё интихоби функсия бори аввал шинос мешаванд. Бо тарзи дар дохили қавсҳо навиштани аргументҳо ва аз ҳамдигар ҷудокунии онҳо,

номи катакҳо ва доираи катакҳо шинос мешаванд. Ин ҳама салоҳиятҳои мавзуии фанни технологияи иттилоотӣ доир ба ҷадвали электронӣ ва формула дар катакҳо мебошад.

Функсияи дуюми ҷадвалҳои электронӣ, ки вобаста ба донишҳои ташаккулдодашудаи математикиашон ба хонандагон омӯзонида мешавад, функсияи миёнаи арифметикӣ ҳисобида мешавад. Хонандагон дар курси математика бо амали миёнаи арифметкӣ ва тарзи ҳисоб намудану ёфтани он шинос шудаанд. Бинобар ин омӯзгори фаннӣ ба хонандагон супориш медиҳад, ки миёнаи арифметикии якчанд ададро ёбанд ва донишҳояшонро такрор намуда, мустаҳкам намоянд. Пас аз ёфта шудани қимати миёнаи арифметикӣ, омӯзгор ба таълими функсияи миёнаи арифметикӣ дар ҷадвали электронӣ мегузарад. Тарзи навишт ва тарзи истифодабарии онро пайдарпай ва системанок ба хонандагон меомӯзонад. Функсияи миёнаи арифметикӣ дар ҷадвали электронӣ бо калимаи «СРЕДНЕЕ» («МИЁНА», бо забони англисӣ «AVERAGE») навишта мешавад [3, с. 235], [6, с. 28]. Ин функсия дар ҷадвали электронӣ имкон медиҳад, ки миёнаи арифметикии якчанд ададҳои дар дохили қавсҳои (...) ҳамчун аргументҳо навишта шуда ё дар катакҳои ҷадвал дохил кардашударо ёбем. Дар ин маврид ададҳо метавонанд бо тартиб дар катакҳои як сутун ё як сатр ва бе тартиб дар ҳар катакҳо дохил карда шуда бошанд. Барои истифодабарии он дар ягон катак, аввал аломати баробар «=« -ро пахш мекунем, ин функсияро менависем =СРЕДНЕЕ. Давомаш монанд ба функсияи СУММ аст ва омӯзгор онҳоро ба хонандагон меомӯзонад. Тарзи интихоби он бо ёрии устои функсияҳо чунин аст. Дар аввал тугмачаи ▼ дар рости тугмаи амарии Σ бударо пахш мекунем. Аз рӯйхати кушодашуда «Среднее» -ро интихоб мекунем. Дар натиҷаи таълими функсияи миёнаи арифметикӣ ба хонандагон, донишҳои пештар гирифта ва ташаккулдодашудаашонро такрор ва мустаҳкам менамоянд. Супориш ҳамчун машқ барои ҳал метавонад чунин бошад: *Баҳои ҳар як хонандаро аз фанни технологияи иттилоотӣ ба катакҳои ҷадвали электронӣ дохил намоед. Баҳои миёнаи синфро маълум кунед.*

Функсияи стандартии навбатии ҷадвалҳои электронӣ, ки вобаста ба донишҳои ташаккулдодашудаи математикиашон ба хонандагон омӯзонида мешавад, функсияи ҳосили зарб ҳисобида мешавад. Дар раванди таълим омӯзгор ба хонандагон меомӯзонад, ки ин функсия бо калимаи «ПРОИЗВЕД» навишта мешавад. Салоҳиятҳои мавзуӣ, тарзи навишт ва тарзи истифодабарии онро пайдарпай ва системанок ба хонандагон меомӯзонад. Маводи бештарро аз сурогаҳои электронии [7], [8] дастрас намудан мумкин аст. Маънои ин калима «ҲОСИЛИ ЗАРБ» (бо забони англисӣ «PRODUCT») мебошад. Ин функсия дар ҷадвали электронӣ имкон медиҳад, ки ҳосили зарби якчанд ададҳои дар дохили қавсҳо (...) навишта шуда ё дар катакҳои ҷадвал, хоҳ бо тартиб ва хоҳ бе тартиб, дохил кардашударо ёбем. Ба маънои дигар, функсияи ПРОИЗВЕД якчанд ададҳои ҳамчун аргумент додашударо бо ҳам зарб намуда, қимати ҳосили зарбро бармегардонад. Аргументҳо метавонанд ҳамчун ададҳои ҷудогона дар дохили қавсҳо навишта шаванд, ё дар катакҳои ҷадвал дохил карда шуда, дар дохили қавсҳо пайвандгузорӣ карда шаванд. Барои истифодабарии он дар ягон катак, аввал аломати баробар «=« -ро пахш мекунем, ин функсияро менависем =ПРОИЗВЕД. Қавси кушодаро «(« мегузорем. Давомаш монанд ба функсияи СУММ аст ва омӯзгор онҳоро ба хонандагон меомӯзонад. Дар дохили устои функсияҳо илова нагардидааст. Вале бо пахши тугмачаи ▼ дар рости тугмаи амарии Σ буда, хонандагон метавонанд банди «Дигар функсияҳоро...» -ро интихоб намоянд [4, с. 132], [3, с. 232]. Дар натиҷа рӯйхате кушода мешавад, ки дар он тамоми функсияҳои стандартии ҷадвали электронӣ инъикос меёбанд. Омӯзгорро зарур аст, ки технологияи ёфтан ва интихоб намудани функсияро аз ин рӯйхат ба хонандагон пайдарпай омӯзонад [3, с. 232]. Аз рӯйхати кушодашуда функсияи «ПРОИЗВЕД» -ро ёфта, интихоб мекунем. Пас аз таълим дода шудани функсияи ҳосили зарб, бо мақсади муайян намудани сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда, омӯзгори фаннӣ ба хонандагон метавонад чунин супориш диҳад: *фаҳмонед, ки формулаи =ПРОИЗВЕД(A4:A8; 2,5; D1:G1; -0,4) кадом корро иҷро мекунад?* Ҷавоби шифоҳии баъзе аз хонандагонро шунида, хулосабарорӣ менамояд.


Функсияи навбатӣ, ки ба хонандагон таълим дода мешавад, функсияи яклухткунӣ аст. Бо мафҳуми яклухткунии ададҳо ҳамчун амали математикӣ хонандагон дар дарсҳои математика шинос ҳастанд ва методи яклухткунии ададҳоро медонанд. Он ҳамчун амал ҳисобида мешуд. Барои такрор ва ба ёд оварӣ, омӯзгор ду-се адади ҳақиқиро ба хонандагон пешниҳод менамояд,

ки қисми касрияшон дорои рақамҳои зиёданд. Супориш медиҳад, ки онҳоро то ягон разряд яклухт кунанд. Натиҷаҳоро дида мебарояд. Акнун омӯзгор функсияи яклухткунии ададҳоро дар ҷадвалҳои электронӣ дохил намуда, ба хонандагон меомӯзонад. Дар ҷадвали электронии Excel чор функсияи яклухткунӣ истифода бурда мешавад: ОКРУГЛ [4, с. 139], [6, с. 161], ОКРУГЛВНИЗ, ОКРУГЛВВЕРХ, ОКРУГЛТ. Дар ин марҳила ба хонандагон танҳо яктои онро ОКРУГЛ омӯзонидан кифоя аст ва ба мақсад мувофиқ аст. Пас аз чанд дарсҳои таълимии назариявию амалӣ ба таълими боқимонда функсияҳои яклухткунӣ оғоз менамоянд. Зеро дар курси математика ҳамин амалро омӯхтаанд. Функсияи яклухткунӣ дар ҷадвалҳои электронӣ дар шакли =ОКРУГЛ(...) (=ROUND(…)) навишта мешавад. Ба хонандагон меомӯзонанд, ки дар фарқият аз функсияҳои дар аввал омӯзонидашуда, ин функсия дорои ду аргумент аст. Аргументи якум худи адад ё номи як катак буда, аргументи дуюм разряди яклухткунӣ мебошад. Аргументҳо аз ҳамдигар бо аломати нуқта-вергул «;» ҷудо карда мешаванд =ОКРУГЛ(...;...). Тавре мебинем, аргументи якуми функсияи яклухткунӣ танҳо аз як адад ё танҳо аз як катак иборат будаст, ки фарқияти дигар аз он функсияҳо ҳаст. Ба хонандагон мефаҳмонанд, ки разряди яклухткунӣ ҳамон миқдори рақамҳоро бо адад, ки бояд пас аз яклухткунӣ дар қисми касрӣ боқӣ монад, дар назар дорад. Аз ҷумла, то даҳякӣ рақами 1, то садякӣ рақами 2, то ҳазорякӣ рақами 3. Масалан, мехоҳем, ки *адади 5464,1346873 -ро то ҳазорякӣ яклухт кунем*. Ҳангоми яклухткунӣ то ҳазорякӣ разряди он 3 рақам аст. Пас =ОКРУГЛ(*5464,1346873*;3), ҷавобаш *5464,135*. Функсияи яклухткунӣ дар бисёр масъалаҳои иқтисодию оморӣ истифода карда мешавад. Бинобар ин ба хонандагон дар сатҳи баланд ва босифат омӯзонидани салоҳиятҳои мавзуию фаннии функсияи яклухткунӣ хеле зарур аст. Бо ин мақсад омӯзгорро зарур аст, ки якчанд масъалаҳоро аз доираи иқтисод ва омор бо хонандагон дар ҷадвалҳои электронӣ ҳал намоянд.

Ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, ки ҳангоми яклухткунӣ то ададди бутун бо функсияи ОКРУГЛ, қимати аргументи дуюми онро (разрядро) 0 (сифр) гузоштан зарур ва ҳатмӣ аст =ОКРУГЛ(…;0). Зеро ҳангоми нагузоштани аргументи дуюм, барномаи ҷадвали электронӣ хато эълон менамояд ва хабар медиҳад, ки «миқдори аргументҳо кам аст». Дар баробари ин боз функсияи бутун истифода бурда мешавад (ЦЕЛОЕ()), вале аз функсияи =ОКРУГЛ(…;0) фарқ мекунад. Зеро функсияи ЦЕЛОЕ() қисми касрии ададиҳақиқиро партофта, танҳо қисми бутунашро бармегардонад. Дар ин маврид амали яклухткунӣ ба миён намеояд.

Як масъаларо аз иқтисодиёт мегирем: *Корхона ба истеҳсоли хишт машғул аст. Миқдори истеҳсолкардаи хишти корхона дар давоми 12 моҳ ҳармоҳа маълум аст. Маълум кунед, ки корхона дар як сол чӣ қадар хишт истеҳсол кардааст? Ба ҳисоби миёна (то садякӣ) ҳар моҳ чӣ қадар хишт истеҳсол мекардаст?*

Методика ва роҳи ҳалли масъаларо омӯзгори фаннӣ пайдарпай ва системанок ба хонандагон меомӯзонад. Бо ин мақсад ба хонандагон супориш медиҳад, ки дар дилхоҳ 12 катак ададҳои натуралиро, ки миқдори истеҳсолшудаи хишти ҳармоҳаи корхона аст, дохил кунанд. Ин аз ҷиҳати методӣ хеле босамар аст, зеро ҳар як хонанда ҷавобҳои гуногунро вобаста ба аргументҳои дохил кардаашон ҳосил мекунад. Мустақилияти хонандагон ва маҳорату малакаи онҳо зимни корбарӣ бо ҷадвалҳои электронӣ инкишоф меёбад. Барои ёфтани миқдори солонаи истеҳсоли хишт аз функсияи СУММ истифода мебаранд. Барои ёфтани ҳисоби миёнаи моҳона аз функсияи СРЕДНЕЕ ва барои яклухткунии он то садякӣ аз функсияи ОКРУГЛ истифода мебаранд. Масалан бо тартиб дар шаш катаки сутунҳои А ва В маълумотҳои омории ҳармоҳаи истеҳсоли хиштро дохил мекунем: аз А1 то А6, аз В1 то В6. Дар катаки В7 формулаи ***=СУММ(А1:В6)*** -ро дохил мекунем. Дар натиҷа ҷамъи солонаи истеҳсоли хишти корхона ёфта мешавад. Тарзи навишти доираи катакҳо А1:В6 доираи росткунҷавӣ аст. Он катакҳоро аз А1 то А6 ва аз В1 то В6 якҷоя ба ҳисоб мегирад. Барои ёфтани истеҳсоли миёнаи моҳонаи хишти корхона, дар катаки В8 формулаи зеринро дохил мекунем: ***=ОКРУГЛ(СРЗНАЧ(А1:В6);2)***. Тавре мебинем, дар ин маврид ду функсия якҷоя истифода карда шудааст ва ҳамчун функсияи мураккаб ном мебаранд. Ин имконотро хонандагон омӯхта, фаҳмида мегиранд. Намунаи иҷрои масъала дар шакли тасвир дар Расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Тасвири пайдараҳамии ҳалли масъала

Функсияи яклухткунии ОКРУГЛ (), ки ба хонандагон омӯзонида шуда, салоҳиятҳои мавзуияш фаҳмонида шуданд, *яклухткунии математикӣ* буда, дар доираи донишҳои доштаашон аз фанни математика таълим дода шуд. Дар он яклухткунӣ вобаста ба рақаме, ки пас аз разряди яклухткунӣ истодааст, иҷро карда мешавад. Бо рақами 5 муқоиса карда мешавад. Дар баробари яклухткунии математикӣ боз методҳои дигари яклухткунӣ мавҷуд аст, аз ҷумла яклухткунӣ ба боло ва яклухткунӣ ба поён. Дар курси фанни математика хонандагон бо ин методҳои яклухткунӣ шинос нестанд. Бинобар ин мафҳумҳои яклухткунӣ ба боло ва яклухткунӣ ба поёнро омӯзгори фаннӣ ҳамчун мафҳумҳои нав дар доираи фанни технологияи иттилоотӣ ворид намуда, ба хонандагон таълим дода мешаванд. Дар фарқият аз яклухткунии математикӣ, ҳангоми яклухткунӣ ба боло рақами дар разряди яклухткунӣ истода ҳатман ба 1 зиёд карда шуда, рақамҳои боқимондаи пас аз разряди яклухткунӣ буда партофта мешаванд. Масалан, адади 66546,63298, ҳангоми яклухткунӣ то ҳазорякӣ ба боло ба 66546,633, ё то садякӣ ба 66546,64 баробар мегардад. Дар баъзе мавридҳо натиҷаи амали яклухткунӣ ба боло ба амали яклухткунии математикӣ баробар шуда метавонад. Масалан, барои мисоли овардашуда ҳангоми яклухткунӣ то ҳазорякӣ бо ҳам баробар мегарданд.

Ҳангоми яклухткунӣ ба поён рақами дар разряди яклухткунӣ истода бетағйир гузошта шуда, боқимонда рақамҳои пас аз разряди яклухткунӣ буда партофта мешаванд. Масалан, барои адади гирифтаамон, ҳангоми яклухткунӣ то ҳазорякӣ ба поён ба 66546,632, ё то садякӣ ба 66546,63 баробар мегардад. Дар баъзе мавридҳо натиҷаи амали яклухткунӣ ба поён ба амали яклухткунии математикӣ баробар шуда метавонад. Масалан, барои мисоли овардашуда ҳангоми яклухткунӣ то садякӣ бо ҳам баробар мегарданд. Мисоли дигарро дида мебароем. Бигузор адади 587613,345166887 дода шуда бошад. Ин ададро то даҳякӣ ва то даҳҳазорякӣ ба боло ва ба поён яклухт мекунем. Дар натиҷа ҳангоми то даҳякӣ ва то даҳҳазорякӣ ба боло яклухт кардан, ҳосил мекунем: 587613,4; 587613,3452. Ҳангоми то даҳякӣ ва то даҳҳазорякӣ ба поён яклухт кардан, чунин натиҷа ҳосил мекунем: 587613,3; 587613,3451. Ҳаминтавр мафҳумҳои яклухткунӣ ба боло ва яклухткунӣ ба поён ба хонандагон таълим дода шуда, дар онҳо донишҳои муайян ташаккул дода мешавад. Бо ҳалли мисолҳо дар шакли математикӣ он донишҳо мустаҳкам мегарданд.


Пас аз шиносоӣ пайдо намудан оид ба яклухткунӣ ба боло ва яклухткунӣ ба поён, омӯзгори фаннӣ функсияҳои яклухткунӣ ба боло ва яклухткунӣ ба поёни ҷадвали электрониро дохил менамояд. Онҳоро пайдарҳам ва системанок ба хонандагон таълим медиҳад. Ин ҷо ба омӯзгори фаннӣ сабукӣ фароҳам оварда шуд, зеро ба хонандагон мафҳумҳои ин ду функсияи яклухткунӣ ба таври математикӣ таълим дода шуд. Функсияи яклухткунӣ ба боло дар ҷадвали электронии Excel бо калимаи русии ОКРУГЛВВЕРХ навишта мешавад. Ба хонандагон меомӯзонанд, ки монанд ба функсияи ОКРУГЛ, ин функсия дорои ду аргумент аст. Аргументи якум худи адад ё номи катак буда, аргументи дуюм разряди яклухткунӣ ба боло мебошад. Ҳар ду аргументҳо ҳатман навишта шуда, аз ҳамдигар бо аломати нуқта-вергул «;» ҷудо карда мешаванд =ОКРУГЛВВЕРХ(...;...). Масалан, мехоҳем, ки адади *66458,7236194 -ро то садякӣ ба боло яклухт кунем*. Ҳангоми яклухткунӣ ба боло то садякӣ разряди он 2 рақам аст. Пас =ОКРУГЛВВЕРХ(*66458,7236194*;2), ҷавобаш *66458,73*. Акнун ин ададро *то бутун, то даҳякӣ, то ҳазорякӣ ва то даҳҳазорякӣ* ба боло яклухт намуда, мувофиқан чунин натиҷаҳоро ҳосил мекунем:

=ОКРУГЛВВЕРХ(66458,7236194;0)=66459;
=ОКРУГЛВВЕРХ(66458,7236194;1)=66458,8;
=ОКРУГЛВВЕРХ(66458,7236194;3)=66458,724;
=ОКРУГЛВВЕРХ(66458,7236194;4)=66458,7237.

Функсияи яклухткунӣ ба поён дар ҷадвали электронии Excel бо калимаи русии ОКРУГЛВНИЗ навишта мешавад. Ба хонандагон мефаҳмонанд, ки тарзи навишт ва истифодабарияш ба функсияи ОКРУГЛВВЕРХ монанд буда, он низ дорои ду аргумент аст: =ОКРУГЛВНИЗ(...;...). Масалан, ҳамон адади *66458,7236194* –ро мегирем. Онро *то бутун, то даҳякӣ, то садякӣ, то ҳазорякӣ ва то даҳҳазорякӣ* ба поён яклухт намуда, мувофиқан чунин натиҷаҳоро ҳосил мекунем:

=ОКРУГЛВНИЗ*(66458,7236194;0)=66458;*
=ОКРУГЛВНИЗ*(66458,7236194;1)=66458,7;*
=ОКРУГЛВНИЗ*(66458,7236194;2)=66458,72;*
=ОКРУГЛВНИЗ*(66458,7236194;3)=66458,723;*
=ОКРУГЛВНИЗ*(66458,7236194;4)=66458,7236.*

Омӯзгори фанниро зарур аст, ки дар дарсҳои интиҳоӣ оид ба амали яклухткунӣ як амсилаи умумии таълимиро дар ҷадвали электронӣ коркард намуда, ба хонандагон нишон диҳад. Ин сатҳу сифати таълимро боз ҳам беҳтар намуда, донишҳои ташаккулдодашудаи хонандагон ва маҳорату малакаашон мустаҳкам мегарданд. Технологияи коркарди ин намуди амсила чунин аст. Як адади ихтиёрии қисми касрияш дарозтарро ба катаки, масалан, A1 дохил менамоянд. Дар катакҳои B1, C1, D1, E1 ва F1 мувофиқан ибораҳои «яклухткунӣ то бутун», «яклухткунӣ то даҳякӣ», «яклухткунӣ то садякӣ», «яклухткунӣ то ҳазорякӣ», «яклухткунӣ то даҳҳазорякӣ» –ро дохил мекунем. Дар катакҳои A2, A3, A4 мувофиқан матнҳои «Яклухткунии математикӣ ОКРУГЛ», «Яклухткунӣ ба боло ОКРУГЛВВЕРХ» ва «Яклухткунӣ ба поён ОКРУГЛВНИЗ» –ро дохил мекунем. Қолаби ҷадвал тайёр шуд. Акнун амалҳоро ба катакҳо ворид мекунем. Формулаҳои =ОКРУГЛ(A1;0), =ОКРУГЛ(A1;1), =ОКРУГЛ(A1;2), =ОКРУГЛ(A1;3) ва =ОКРУГЛ(A1;4) –ро бо навбат ба катаҳои B2, C2, D2, E2 ва F2 ворид мекунем. Натиҷаҳоро оид ба яклухткунии математикӣ ҳосил мекунем. Айнан ҳаминтавр формулаҳои =ОКРУГЛВВЕРХ(A1;0), =ОКРУГЛВВЕРХ(A1;1), =ОКРУГЛВВЕРХ(A1;2), =ОКРУГЛВВЕРХ(A1;3) ва =ОКРУГЛВВЕРХ(A1;4) –ро бо навбат ба катаҳои B3, C3, D3, E3 ва F3, формулаҳои =ОКРУГЛВНИЗ(A1;0), =ОКРУГЛВНИЗ(A1;1), =ОКРУГЛВНИЗ(A1;2), =ОКРУГЛВНИЗ(A1;3) ва =ОКРУГЛВНИЗ(A1;4) –ро бо навбат ба катаҳои B4, C4, D4, E4 ва F4 ворид мекунем. Бо рангҳои гуногун ороиш медиҳем. Ҳаминтавр амсилаи таълимӣ тайёр шуд (Расми 2). Амсилаи таълимии коркардшуда имкон медиҳад, ки тарзи корбарии функсияҳои яклухткуниро босифат омӯхта, фарқият байни онҳо дурусттар маълум карда шаванд.



Расми 2. Амсилаи таълимии функсияҳои яклухткунӣ

Як масъалаи иқтисодӣ-молиявиро дида мебароем, ки дар замони технологияи рақамӣ ва рақамигардонии раванди таҳсилот хеле муҳим аст. Ин ҳам бошад ба ягон фоизи нишондодашуда зиёд кардани музди маоши моҳонаи кормандон. Зиёд гардонидани маоши кормандони буҷетӣ ё нафақа бо фармони Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар корхонаю муассисаҳо бо фармоиши роҳбари корхона ё муассиса сурат мегирад. Масалан: *Як ставкаи маоши омӯзгори дорои дараҷаи тахассусии якум буда 1027,36 сомонӣ аст. Ин ставкаи маош ба 23 фоиз зиёд карда шавад.* Ҳалли масъалаи мазкур ба таври математикӣ душвор нест. Ин ҳам бошад, ёфтани қимати ифодаи *1027,36+1027,36*23/100* аст. Ин ифодаро ба таври формула ба ягон катаки ҷадвали электронӣ дохил мекунем: *=1027,36+1027,36*23/100* ё *=1027,36+1027,36*23%*. Натиҷа дар катак *1263,6528* мебарояд. Акнун масъалаи яклухткунӣ то садякӣ ба миён меояд. Аз баски дар шарти масъала якранг гуфта нашудааст, пас яклухткунии математикӣ татбиқ карда мешавад: *=ОКРУГЛ(1027,36+1027,36*23%;2)*. Ҷавобаш *1263,65* мегардад. Аммо хуб мешуд, ки дар шарти масъала яклухткунӣ ба боло то адади бутун дохил карда мешуд. Ин бисёр масъалаҳои баҳсиро бартараф мекунад. Дар натиҷа ҷавоби *1264* -ро ҳосил мекунем.

Бо мақсади мустаҳкам намудани донишҳои ташаккулдодашуда оид ба функсияҳои таълим додашуда ва бо ҳисоби ҳалли масъалаи охирон, омӯзгори фаннӣ дар дарси амалӣ метавонад ба хонандагон ҳалли чунин масъаларо пешниҳод кунад: Дар муассисаи таълимӣ 27 нафар омӯзгор дарс мегӯянд. Аз онҳо 4 нафар дорои дараҷаи олии тахассусӣ, 7 нафар дараҷаи якум, 10 нафар дараҷаи дуюм ва боқимонда бе дараҷаи тахассусӣ бо таҳсилоти олӣ мебошанд. Андозаи як ставкаи ҳар як дараҷаи тахассусӣ маълум аст. Он андозаҳо ба 26 фоиз зиёд карда шаванд. Зиёдкунӣ бо се тарзи яклухткунӣ – математикӣ то бутун, яклухткунӣ ба боло то бутун ва яклухткунӣ ба поён то бутун ҳисоб карда шавад. Фарқиятҳо аз амалҳои яклухткунӣ дар ҳар як дараҷаи тахассусӣ ва дар умум маълум карда шаванд.

Ҳамин тавр, коркарди методии мазкур нишон медиҳад, ки дар марҳилаи оғози таълими функсияҳо, функсияҳои СУММ, СРЕДНЕЕ ва ПРОИЗВЕД дар аввал таълим дода мешаванд. Азбаски бо тарзи навиштани функсияҳо ва интихоби доираи катакҳо таълимгирандагон бори аввал шинос мешаванд, як соати дарсӣ барои таълими функсияи СУММ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Як соати дигар дарси амалӣ ташкил карда мешавад. Як соати дарси назариявӣ ба таълими ду функсияи дигар СРЕДНЕЕ ва ПРОИЗВЕД ҷудо карда мешавад. Зеро ҳангоми таълими функсияи СУММ дар таълимгирандагон донишҳои муайян ташаккул дода шудаанд. Пас аз гузаронидани як соат дарси амалӣ, омӯзгори фанни ба таълими функсияҳои яклухткунӣ оғоз намуда, онҳоро ба таълимгирандагон меомӯзонад. Барои таълими ҳар се функсияи яклухткунӣ, ки методика ва пайдарҳамии таълимашон коркард карда шуданд, як соат дарси назариявӣ ва як соат дарси амалӣ кифоя аст. Дар раванди таълим робитаи дохилимавзуиро ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Татбиқи пайдарҳамии таълими коркардшуда оид ба баъзе функсияҳо ва коркарди методии онҳо сифати таълими ҷадвалҳои электрониро баланд мебардоранд. Завқмандии хонандагон ба омӯзиши ин функсияҳо афзун мегардад. Дар баробари ин натиҷаҳои ба даст омада, боз меҳнати омӯзгори фаннӣ дар раванди таълим сабуктар ва содатар мегардад. Хулоса ва натичаҳои ба дастомада фарзияи корро тасдиқ намуданд.

Дар баробари ин функсияҳо, протсессори ҷадвалии Excel ва дигар ҷадвалҳои электронӣ боз дорои функсияҳои шартӣ мебошанд, ки функсияҳои омӯхташуда вобаста ба ягон шарт дар якҷоягӣ истифода бурда мешаванд. Он функсияҳо СУММЕСЛИ (SUMIFS) ва СРЗНАЧЕСЛИ (AVERAGEIF) ном доранд ва дар марҳилаи таълими амалҳои шартӣ дар ҷадвалҳои электронӣ таълим дода мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Волков В.Б. Понятный самоучитель Excel 2010 [Текст] // В.Б. Волков / ООО «Лидер». - Санкт-Петербург, 2010. - 252 с.

2. Грег Харвей. Excel 2016 для чайников (+видеокурс) [Текст] // Харвей Грег / Перевод с английского. - М. : ООО «И.Д. Вильямс», 2016. – 400 с. ISBN 978-5-8459-2077-5 (рус.).

3. Комилиён Ф.С. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 1-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2018. - 64 саҳ.

4. Комилиён Ф.С. Технологияи иттилоотӣ (Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) [EPUB] // Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода / ҶСП «Нашриёти муосир». – Душанбе, 2020. - 202 саҳ.

5. Мавлоназаров С.С. ва дигарон. Microsoft Excel [Матн] // С.С. Мавлоназаров, Р.С. Одинаев, М.У. Умарализода / Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - 86 с.

6. Назаров, А.П. Методикаи таълими информатика (Китоби дарсӣ барои МТОК ва МК) [Матн] // А.П. Назаров / ҶДММ «МеҳроҷГраф». – Душанбе, 2019. - 462 с. (А4).

7. Назаров, А.П. Асосҳои технологияи компютерӣ [Матн] // А.П. Назаров / Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2010. - 168 саҳ. (А4).

8. Семенов В.П., Финкова М.А. и др. EXCEL 2013 на примерах [Текст] // В.П. Семенов, М.А. Финкова и др. / СПб.: Наука и Техника, 2016. - 288 с.: ил.

9. Сомонаи расмии https://support.microsoft.com/ru-ru/office.

10. Сомонаи расмии https://functiontranslator.com/ru/product/

ПАЙДАРҲАМИИ ТАЪЛИМИ ФУНКСИЯҲОИ АВВАЛИНИ МАТЕМАТИКИИ ҶАДВАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дар ин кор пайдарҳамии таълими функсияҳои аввалини математикии ҷадвалҳои электронӣ - СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ баррасӣ мешавад. Таваҷҷӯҳ ба омӯзиши функсияҳои аввалин, ба монанди СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ равона карда шудааст. Ин функсияҳо асоси кори минбаъда бо протсессорҳои ҷадвалиро ташкил медиҳанд. Дар кори мазкур методикаи таълими функсияҳои аввалини математикии ҷадвалҳои электронӣ ба таълимгирандагон коркард ва тавсиф шудааст. Ба азхудкунии зина ба зинаи функсияҳо ба монанди СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ тавассути назария ва амалия таъкид шудааст. Методология аз формулаҳои одӣ то вазифаҳои мураккабтар таҳия шудааст, ки саводнокии ҳисоббарорӣ ва қобилияти татбиқи онҳоро дар таҳсил ва ҳаёт инкишоф медиҳад. Мантиқи муаррифии пайдарҳамии функсияҳо тавсиф шудааст: аз ҳисобҳои одӣ ва фаҳмиши сохтори формула то истифодаи бошууронаи имконоти дарунсохти ҷадвали электронӣ. Пайдарҳамии таълими намудҳои яклухткунӣ, ба монанди яклухткунӣ ба боло ва поён, низ баррасӣ мешаванд. Таълими ин функсияҳо ҳангоми омӯзиш пайдарҳам муаррифӣ карда мешавад. Аҳамияти вазифаҳои амалӣ барои рушди малакаҳои кор бо функсияҳо ва рушди саводнокии ҳисоббарорӣ таъкид карда мешавад. Методикаи пешниҳодшуда ба таълими босифат ва самараноки ҷадвалҳои электронӣ ва рушди малакаҳои таълимгирандагон дар татбиқи функсияҳои математикӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва амалӣ мусоидат мекунад.

Калимаҳои калидӣ*: таълим, пайдарҳамии таълим, методикаи таълим, функсияҳои математикӣ, ҷадвалҳои электронӣ, СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ, формула, катак, доираи катак.*

ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНОСТЬ ОБУЧЕНИЯ ПЕРВОНАЧАЛЬНЫМ МАТЕМАТИЧЕСКИМ ФУНКЦИЯМ ЭЛЕКТРОННЫХ ТАБЛИЦ

В работе рассматривается последовательность обучения учащихся первоначальным математическим функциям электронных таблиц – СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ. Основное внимание уделяется изучению базовых функций, таких как сумма, произведение, среднее значение и округление. Эти функции являются основой для дальнейшей работы с табличными процессорами. Представленная работа описывает методику обучения обучающимся первоначальных математических функций в электронных таблицах, делая акцент на поэтапном освоении функций типа СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ через теории к практику. Методика разработано от простых формул к более сложным задачам, что развивает вычислительную грамотность и умение применять их в учёбе и жизни. Описывается логика поэтапного введения функций: от простых вычислений и понимания структуры формул к более осознанному использованию встроенных возможностей электронных таблиц. Также рассматривается последовательность обучения виды округлений, таких как округления вверх, округления вниз. Форма записи этих функций последовательно вводятся в обучении. Подчёркивается значение практических заданий для формирования навыков работы с функциями и развития вычислительной грамотности. Представленная методика способствует эффективному освоению электронных таблиц и формированию у учащихся умений применять математические функции при решении учебных и практических задач.

Ключевые слова: *обучения, последовательность обучения, методика преподавания, математические функции, электронные таблицы, СУММ, ПРОИЗВЕД, СРЕДНЕЕ, ОКРУГЛ, формула, ячейка, диапазон ячеек.*

SEQUENCE OF TEACHING INITIAL MATHEMATICAL FUNCTIONS OF SPREADSHEETS

This paper examines the sequence of teaching students the basic mathematical functions of spreadsheets – SUM, PRODUCT, AVERAGE, ROUND. The focus is on learning basic functions such as sum, product, average, and rounding. These functions form the basis for further work with spreadsheet processors. This paper describes a methodology for teaching students basic mathematical functions in spreadsheets, emphasizing the step-by-step mastery of functions such as SUM, PRODUCT, AVERAGE, and ROUND through theory and practice. The methodology is developed from simple formulas to more complex tasks, which develops computational literacy and the ability to apply them in studies and life. The logic of the step-by-step introduction of functions is described: from simple calculations and understanding of formula structure to a more conscious use of built-in spreadsheet capabilities. The sequence of teaching types of rounding, such as rounding up and rounding down, is also considered. The notation of these functions is sequentially introduced during training. The importance of practical tasks for developing skills in working with functions and developing computational literacy is emphasized. The presented approach promotes the effective development of spreadsheets and the development of students' skills in applying mathematical functions when solving educational and practical problems.

Keywords*: training, teaching sequence, teaching methods, mathematical functions, spreadsheets, SUM, PRODUCT, AVERAGE, ROUND, formula, cell, range of cells.*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***1. Назаров Аҳтам Пулотович*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: 908-08-2384, e-mail: ahtam_69@mail.ru.*

2. Баротов Ҷаъмахон Шарофиддинович *– унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: 900-48-9955, e-mail: jamahonbarotov@gmail.com,*

3. Абдулҳақов Мирзораҳим Абдураҳмонович *– унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: 008-22-7161, e-mail: mirzorahim.abdulhapov.95@mail.ru.*

Сведения об авторах: ***1. Назаров Ахтам Пулатович*** *– доктор педагогических наук, профессор кафедры цифровых технологий и кибербезопасности Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: 908-08-2384, e-mail: ahtam_69@mail.ru.*

2. Баротов Джамахон Шарофиддинович *– соискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана. Тел.: 900-48-9955, e-mail: jamahonbarotov@gmail.com.*

3. Абдулхаков Мирзорахим Абдурахманович *– соискатель Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: 008-22-7161, e-mail: mirzorahim.abdulhapov.95@mail.ru.*

Information about the authors: ***1. Nazarov Ahtam Pulotovich*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Digital Technology and Cybersecurity of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Tel.: 908-08-2384; e-mail: ahtam_69@mail.ru.*

2. Barotov Jamakhon Sharofiddinovich *– applicant at the Abdurakhmon Jomi Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan. Tel. 900-48-9955, e-mail: jamahonbarotov@gmail.com.*

3. Abdulkhakov Mirzorakhim Abdurakhmanovich *– applicant at Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Tel. 008-22-7161, e-mail: mirzorahim.abdulhapov.95@mail.ru.*

УСУЛИ ШИНОС НАМУДАНИ КӮДАКОНИ ГУРӮҲИ ОМОДАГӢ БА МАКТАБ БО МАФҲУМҲОИ КУНҶ, ҚУЛЛА ВА ТАРАФҲО

Бобиева С. К.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Баланд бардоштани сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот яке аз талаботи муҳимми ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи бозори меҳнат ба сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи инсон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Ин раванд ба системаи таълими томактабӣ ва талаботи волидайни кӯдакони сини томактабӣ низ таъсири худро мерасонад. Волидайн ба он гуна хизматрасониҳои таълимие, ки ба инкишофи қобилияти зеҳнии кӯдак равона гардидаанд, афзалият медиҳанд.

Олими тоҷик номзади илмҳои педагогӣ Бурҳонов Қ.Т. азхуд намудани мафҳумҳои математикиро барои кӯдакони синни томактабӣ муҳим дониста қайд менамояд, ки «... раванди инкишофи мафҳумҳои асосии математикии кӯдакон ба ҳама ҷанбаҳои кори таълимӣ ва инкишофии муассисаи томактабӣ ворид карда шавад ва ба ҳалли мушкилоти рушди зеҳнӣ ва рушди математикии кӯдакони томактабӣ нигаронида шавад [1, с. 18].

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди қабул ба синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо мактабҳои умумӣ бо як қатор талаботи нав сурат мегирад, аз ҷумла кӯдак оид ба фикру мулоҳиза кардан, хулосабарорӣ, пайдо кардани намунаҳо қобилияти худро нишон диҳад. Аз ин рӯ, ташаккули мафҳумҳои ибтидоии математикӣ ва рушди малакаҳои зеҳнӣ яке аз вазифаҳои асосии омода намудани кӯдак ба таҳсил дар мактаб мебошад. Аз ҷумла, қобилияти дуруст шинохтани андоза, шакл ва ҷойгиршавии ашё дар фазо ҳамчун ҷузъи муҳимми инкишофи тафаккури математикӣ ба шумор меравад.

Муҳите, ки кӯдак дар он ҳаёт ба сар мебарад, пур аз объектҳои гуногун мебошад, ки ҳар яки онҳо шакли муайяни хос доранд. Шакл яке аз муҳимтарин хусусиятҳои объектҳо ба ҳисоб меравад, ки бавоситаи он як ашё аз ашёи дигар аз рӯйи ранг, ҳаҷм, бузургӣ ва шаклҳои геометрӣ фарқ мекунад. Дар ин замина, омӯзонидани мафҳумҳои геометрӣ, аз қабили кунҷ, қулла ва тарафҳо, дар марҳалаи омодагӣ ба мактаб аҳаммияти махсус дорад [7, с. 28].

Шиносоии барвақт бо мафҳумҳои геометрӣ ва баъзе аз хосиятҳои он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар оянда бе мушкилӣ дарк ва истифодаи онҳоро ҳангоми омӯзиши математика дар мактаб идома диҳанд.

Албатта, мураббия дар фаъолияти педагогии худ ҳатман бояд дар бораи баъзе аз мафҳумҳои оддитарини геометрӣ ва хосиятҳои онҳо маълумот дошта бошад. Мафҳуми «шакл» аз калимаи лотинии forma гирифта шуда, маънои он «намуди зоҳирӣ» мебошад. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми шакл асосан дар илми геометрия омӯхта мешавад ва омӯзиши он дар рушди зеҳнии инсон нақши муҳимми худро мегузорад. Аз нигоҳи илмӣ, шакли ашё—маҳдудияти объект дар фазо ва маҷмуи нуқтаҳои алоқаи он бо муҳити атроф мебошад.

Ҳамаи шаклҳое, ки ашёи воқеии атрофи моро ташкил медиҳанд, дар асл бар асоси намунаҳои шаклҳои геометрӣ сохта шудаанд. Аз ин рӯ, шинохти шаклҳои геометрӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки муҳити атрофро беҳтар дарк намоянд ва объекти мавҷудбударо дақиқтар тасниф кунанд.

Геометрия ҳамчун бахши асосии илми математика муносибатҳо ва шаклҳои фазоиро, инчунин шаклҳое, ки аз ҷиҳати сохташон ба шаклҳои фазоӣ монанданд, меомӯзад. «Геометрия аз талаботҳои амалии одамон ба вуҷуд омадааст. Дар асоси тайёр кардани олоти меҳнат, сохтмони бошишгоҳҳо зарурияти муайян намудани шаклу андозаи ашё пайдо мешавад» [4, с. 96].

Мафҳумҳои геометрӣ барои рушди тафаккури кӯдакон қудрати бузург фароҳам меоранд. Машғулиятҳо оид ба ташаккули мафҳумҳои геометрӣ дар кӯдакони синни томактабӣ имконияти беназире барои таъмини робита байни таълим ва азхудкунии асосҳои тафаккури мантиқӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо шаклҳои геометрӣ, мураббияҳо якқатор мафҳумҳои асосии геометриро истифода мебаранд, ки онҳоро мухтасар метавон чунин тасвир кард [6]:

- Нуқта — мафҳуми асосӣ ва ибтидоии илми геометрия мебошад. Нуқта ҳамчун объекти математикӣ андозаи муайян (дарозӣ, барӣ, баландӣ) надорад ва танҳо мавқеи муайянро дар фазо ё рӯйхат нишон медиҳад.

- Хатти рост — хатест, ки нисбат ба ҳамаи нуқтаҳояш як хел ҷойгир аст. Хатти рост каҷшавӣ ва кунҷҳо надорад. Он метавонад амудӣ, уфуқӣ ё моил бошад. Намунаҳо: роҳҳо, пайраҳаҳо ва ғ.

- Нур — хатти ростест, ки аз як тараф бо нуқта маҳдуд мешавад; Нур ибтидо дораду интиҳо не.

- Порча — хатти ростест, ки ду тарафи он маҳдудаст. Порчаҳоро метавон чен намуд.

- Хатти шикаста — хаттест, ки аз якчанд порчаи рост иборат аст. Дар хатти шикаста ҳар порча дар охири порчаи қаблӣ оғоз мешавад. Хатти шикаста метавонад кушода (беканор) ё пӯшида (канордор) бошад.

- Кунҷ — ду нурест, ки аз як нуқта мебароянд. Нурҳо дорои паҳлуҳо буда, нуқтае, ки аз он мебароянд, қулла ном дорад. Навъҳои кунҷ: рост (яке аз нурҳо нисбат ба дигараш амудӣ ҷойгир аст), тез (кунҷе, ки аз кунҷи рост хурдтар аст), кунҷӣ кунд (кунҷе, ки аз кунҷи рост калонтар аст).

- Бисёркунҷаҳо — хатҳои кандашудаи пӯшида мебошанд, ки номашон вобаста ба шумораи тарафҳо, кунҷҳо ва қуллаҳояшон аст.

- Секунҷа— шакли геометрие, ки дорои се кунҷ, се тараф ва се қулла мебошад. Ин се порчаи пайвастаи хатишикастаи пӯшида мебошанд. Мувофиқи навъи кунҷҳо секунҷаҳо ба: росткунҷа, тезкунҷа ва кунҷҳои кунд тақсим мешаванд. Мувофиқи намуди паҳлуҳо бошад, ба баробарпаҳлу ва баробартараф ҷудо мешаванд.

- Чоркунҷа — шакли геометрӣ (бисёркунҷа), ки аз чор нуқта (қулла) ва чор тараф иборат аст. Агар ҳамаи тарафҳо ва кунҷҳои чоркунҷа баробар бошанд, он квадрат ном дорад.

- Росткунҷа — чоркунҷаест, ки ҳамаи кунҷҳои он кунҷҳои рост мебошанд.

- Параллелограм— чоркунҷаест, ки паҳлуҳои муқобили он ду ба ду баробар ва параллел мебошанд.

- Ромб — параллелограмест, ки ҳамаи паҳлуҳои он баробаранд.

- Трапетсия (аз юнонӣ «мизи хурд») — чоркунҷаи барҷаста, ки ду паҳлуи муқобили он параллеланд ва дупаҳлӯи дигараш параллел нестанд.

- Шаклҳои геометрии ҳамвор — шаклҳое, ки онҳоро бурида ва дар рӯи миз гузоштан мумкин аст.

- Ҷисмҳои геометрӣ — ҷисмҳое, ки ҳаҷм доранд ва метавон онҳоро ба даст гирифта, тамоми паҳлуҳояшонро фаҳмидан, муоина ва таҳқиқ кардан мумкин аст. Ҷисмҳои геометрӣ дорои кунҷҳо, қуллаҳо ва паҳлуҳо мебошанд.

Бояд қайд кард, ки шиносоии кӯдакон бо шаклҳои ашё ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои педагогика ва психологияи томактабӣ қарор дошт. Номи зиёде аз чунин мутахассисон, аз ҷумла А.А. Каменский, И.Г. Песталотсси, Ф. Фробел, М. Монтессори, Ф.Н. Блехер, Е.И. Тихеева ва дигарон, ба рушду таҳкими ин самт алоқаманд аст. Ба андешаи онҳо, фаҳмиши кӯдак дар бораи шакл ҳамчун хосият раванди тулонӣ ва мураккаб мебошад ки дар он тафаккури визуалӣ, таҷриба ва дарки зеҳнӣ ба тадриҷ инкишоф меёбанд.

Муаллифи китоби дарсӣ Леушина А.М. қайд мекунад, ки шаклҳои геометрӣ намунаҳоеанд, ки одам аз онҳо истифода бурда, шакли ашёро муайян мекунад. Шакли ашёҳо дар шакли геометрӣ инъикос мешаванд [2, с. 12].

Дар Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» [5, с. 45] ташаккули тасаввуроти оддитарини математикӣ, ки аз панҷ қисм—миқдор ва ҳисоб, бузургӣ, шакл, фазо ва вақт — иборат аст, омӯзиши шаклҳои геометрӣ яке аз самтҳои калидӣ ба

ҳисоб меравад. Ин ҷузъи барнома имконият медиҳад, ки дар кӯдакон натанҳо шинохти визуалӣ, балки мафҳумсозии зеҳнии шаклҳо низ инкишоф ёбад.

«Кӯдакони синни томактабӣ дониш ва малакаҳои худро дар фаъолиятҳои гуногун истифода мебаранд: меҳнат, бозии пурмаҳсул, бозӣ ва омӯзиши маърифатӣ, ки дар он онҳо бояд шумораи зарурии ашё ва маводро ҳисоб кунанд, чен кунанд, шакли онро муайян намоянд» [1]. Масалан, дар машғулият-бозии диктанти шифоҳӣ кӯдакон ҳамаи шаклҳоро, ки аз рӯйи ранг, ҳаҷм гуногунанд бо тартиби муайян ҳисоб намуда ҷо ба ҷо мекунанд, ё дар машғулиятҳои санъати тасвирӣ дар фаъолияти гулмонӣ кӯдакон мефаҳманд, ки шумораи ашё аз макони онҳо вобаста нест.

Мазмуни асосии таълимии қисмати «Шаклҳо ва ҷисмҳои геометрӣ»-дар кӯдакистон тавассути машғулиятҳои математикӣ, ки он дар гуруҳҳои дуюми хурд оғоз мешавад, аз худ карда мешаванд. Кӯдак дар ҳар қадам бо зарурати ба назар гирифтани андоза, шакли объектҳо ва ҷойгиршавии онҳо дар фазо рӯ ба рӯ мешавад. Мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои мутахассисон нишон медиҳанд, ки кӯдак хеле барвақт бо андоза, шакл ва аломатҳои фазоӣ шиносоӣ пайдо мекунад. Дар ин бора Леушина А.М. чунин қайд кардаат: «кӯдаки ширмак аз рӯйи шакл ҳамон шишаро мешиносад, ки аз он шир мехурад» [2, с. 35].

Мувофиқи барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии «Рангинкамон», ташаккули мафҳумҳои геометрӣ дар кӯдакони гурӯҳҳои хурд, миёна ва калон хусусиятҳои худро дорад ва бо истифодаи усули гуногун аз қабили: муқоиса кардани ашё аз рӯйи шакл; муайян кардани монандӣ, фарқ ва номбар кардани онҳо [5].

Муқоиса кардани ашё,сосан, тавассути усули амалӣ сурат мегирад: як ашёро ба болои дигараш гузоштан ё як ашёро ба муқобили дигараш сахт пахш кардан. Кӯдакон пай дар пай аз усули амалӣ ба усули муқоиса бо чашм мегузаранд, ном ва хосиятҳои шаклҳоро тавассути азназаргузаронии тарафҳои онҳо бо истифода аз усули муоинаи дастӣ-ҳаракатӣ ва биноӣ меомӯзанд. Масалан, кӯдакон бо тӯб, куб ва дигар шаклҳои геометрӣ шинос мешаванд, онҳоро дуруст номгузорӣ мекунанд: даврa, секунҷа, чоркунҷа, росткунҷа. Дар баробари ин онҳо ранг ва ҳаҷми ин шаклҳоро муайян карданро меомӯзанд [2, с. 23].

Кӯдакони гурӯҳи калонтар мефаҳманд, ки шаклҳои геометриро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: шаклҳои ҳамвор: даврa, квадрат, байза, росткунҷа, чоркунҷа; шаклҳои сеченака (ҷисмҳои фазоӣ): курра, куб, силиндр [7, с. 82].

Дар кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб, вазифаи асосии таълимӣ ташаккули системаи дониш дар бораи шаклҳои геометрӣ мебошад. Муҳиммияти ин система дар он аст, ки кӯдак бо мафҳумҳои оддитарини шаклҳои геометрӣ шинос мешавад, хусусиятҳои онҳоро дарк мекунад ва қобилияти гурӯҳбандӣ кардан ва монандкунонии шаклҳоро дар асоси аломатҳои умумӣ соҳиб мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки шиносоӣ бо мафҳумҳои геометрӣ ба монанди кунҷ, қулла, тараф ва ғайра, дар ташаккули тафаккури мантиқӣ ва фазоии кӯдакон аҳаммияти бузург дорад, ки он заминаи устуворро дар омӯзиши минбаъдаи фанни математика дар мактаб мегузорад.

Ҳама шаклҳои геометрӣ вобаста ба хусусиятҳои худ—аз ҷумла кунҷҳо, қуллаҳо ва тарафҳо—аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, омӯзонидани мафҳумҳои кунҷ, қулла ва тараф барои кӯдакон шартӣ ва зарурӣ мебошад [2, 5, 7].

Раванд ва усули таълимии мураббия дар гурӯҳи кӯдакон аз шиносоӣ бо шаклҳои геометрии асосӣ—чоркунҷа, доира, росткунҷа ва байза оғоз мешавад. Раванди омӯзиш дар асоси муоинаи бевоситаи шаклҳо тавассути ламс ва ё кашидани хат оғоз мегардад, ки ин ба инкишофи таҷрибаи сенсорӣ ва фаҳмиши амиқи шаклҳо кӯмак мерасонад.

Аввалан, кӯдакон ба шиносоии хусусиятҳои шаклҳои геометрӣ ҷалб карда мешаванд: кунҷҳо, қуллаҳо ва тарафҳо. Ин раванд ба онҳо имкон медиҳад, ки шаклҳои гуногунро муайян ва фарқ кунанд. Масалан, кӯдакон мефаҳманд, ки квадрат ва росткунҷа дорои кунҷҳо ва қуллаҳо ҳастанд, дар ҳоле ки доира ва байза чунин хусусиятҳоро надоранд [7, с. 52].

Мураббия бо ёрии тасвир ва нишон додани хусусиятҳои шакл (кунҷ, қулла ва паҳлӯ) ба кӯдакон кумак мерасонад, ки мафҳумҳои абстрактиро дар шакли визуалӣ ва амалӣ дарк кунанд. Ба он диққат дода мешавад, ки паҳлӯҳо ва қуллаҳо сарҳади шаклро ташкил медиҳанд ва сарҳад дар якҷоягӣ бо майдони дохилии шакл худи шаклро муайян мекунад.

Дар ин раванд кӯдакон натанҳо хусусиятҳои ҷудогонаи шаклро муайян мекунанд, балки ба ҳисоб кардани онҳо машғул мешаванд, ки ин барои рушди қобилияти мантиқӣ ва диққатгардонии онҳо мусоидат мекунад. Ҳамзамон, омӯзиш ба таври назаррас ба муқоиса ва фарқиятгузории шаклҳо равона шудааст, ки ин барои такмили таҳлили визуалӣ ва таҳқиқи муфассали шаклҳои геометрӣ воситаи беҳтарин мебошад.

Илова бар ин, кӯдакон бо истифодаи рангҳо (қаламҳои сурх ва кабуд) сарҳад ва майдони дохилии шаклҳоро ранг ва ҷудо мекунанд, ки ин воситаи омӯзиширо ҷолибтар ва фаҳмиданашро осонтар мегардонад.

Дар қисми минбаъдаи раванди омӯзиш диққати кӯдакон ба ҷудокунӣ ва таҳлили майдони дохилии шаклҳо ва сарҳади онҳо равона мешавад. Кӯдакон меомӯзанд, ки шумораи тарафҳо, қуллаҳо ва кунҷҳои шаклҳоро ҳисоб кунанд, ки ин барои дарки хусусиятҳои геометрӣ аҳаммияти калон дорад.

Бо омӯхтани секунҷа кӯдакон ба хулосае мерасанд, ки секунҷа дорои се кунҷ, се қулла ва се тараф мебошад. Ин марҳила барои таҳкими мафҳумҳои аввалияи геометрӣ хеле муҳим аст, зеро кӯдакон бо истифода аз таҷрибаи худ ва таҳқиқи мустақим тавонистанд хусусиятҳои аслии шаклро муайян кунанд [3, с. 7].

Барои тасдиқ ва қонеъ кардани кӯдакон, ки хусусиятҳои муайяншуда аслан хоси шаклҳои геометрӣ мебошанд, мураббия шаклҳои монандро бо ҳаҷми калонтар пешниҳод мекунад. Чунин раванд имкон медиҳад, ки кӯдакон бо қобилияти муқоиса ва умумигардонӣ шинос шаванд ва бо таҳқиқи шаклҳои квадрат, росткунҷа, трапетсия ва ромб ба хулосаҳои умумӣ бирасанд.

Таҳқиқи ҳаматарафа нишон медиҳад, ки ҳамаи шаклҳои номбурда, новобаста аз андозаи онҳо дорои чор кунҷ, чор қулла ва чор тараф мебошанд, дар ҳоле ки ҳамаи секунҷаҳо ҳамеша се кунҷ, се қулла ва се тараф доранд [3, с. 7]. Ин дарки муҳим ба кӯдакон кумак мекунад, ки мафҳумҳои геометриро бо таҷрибаи амалӣ омезиш диҳанд ва хусусиятҳои шаклҳоро дақиқтар муайян созанд.

Ҳамин тавр, раванди омӯзиш кӯдаконро аз шинохти хусусиятҳои геометрии шаклҳои алоҳида ба дарки умумӣ ва фарқиятгузории онҳо мебарад. Ин натанҳо дониши назариявиро такмил медиҳад, балки қобилияти таҳлили мантиқии онҳоро низ инкишоф медиҳад.

Дар раванди омӯзиши математика барои кӯдакони синни томактабӣ муҳим аст, ки ба онҳо дониши тайёр пешниҳод накунем, балки онҳоро ба фикр кардан ва кашфи мустақилона роҳнамоӣ кунем. Чӣ тавре, ки дар боло қайд шудааст, мафҳуми кунҷ ҳамчун шакли геометрӣ бо ду нур (тарафҳо) ва як нуқта (қулла) бояд бо роҳи омӯзиш ва тафаккури фаъол ба кӯдакон фаҳмонда шавад [6, с. 7].

Ин усул ба кӯдакон имконият медиҳад, ки худи онҳо тавассути таҷриба ва таҳлил хулосаҳои дақиқ ва умумӣ бароранд, натанҳо ҷавобҳои омодашударо такрор кунанд. Бо ин роҳ малакаи фикр кардани кӯдаконро рушд меёбад ва онҳоро водор мекунад, ки бо диққат ва бо шавқ ба омӯзиш шуруъ кунанд. Саволҳое, ки мураббия ба онҳо пешниҳод мекунад, ҳатто агар ҷавобҳои аниқи фаврӣ надошта бошад ҳам, кӯдаконро ба таҳлили бештар, муҳокима ва шунидани дақиқ водор мекунанд.

Аз ин рӯ, барои мураббия муҳимаст, ки шитоб накунад ва ба ҷойи додани супоришҳои тайёр ва омодашуда фазои шавқу рағбат ва имкони амалиро дар кӯдакон бедор намояд. Вазифаи мураббия дар он аст, ки ба таври педагогӣ роҳ ва усули дарёфти ҷавобро нишон дода, кӯдаконро ба омӯзиши мустақилона ташвиқ намояд.

Дар барномаи «Рангинкамон» тарзи омӯзиши шаклҳои геометрӣ бо истифода аз шинос кардани кӯдакон бо шаклҳои дорои чор кунҷ ба таври ҷолиб ва табиӣ амалӣ мешавад. Ба кӯдакон шаклҳои гуногун нишон дода мешавад ва аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки номи ин шаклҳоро худ пайдо кунанд. Бо ин роҳ дониши геометриии кӯдакон васеътар гардида, фикру зеҳни кӯдаконро барои ташаккули мафҳумҳои умумӣ ва фарқиятҳо равона мекунад[5, с.40].

Таклифҳои кӯдакон, ба монанди «чор тараф» ва «чор кунҷа», дастгирӣ мешавад, ва минбаъд шаклҳоро «чоркунҷа» меноманд.

Ғайр аз ин, гурӯҳбандӣ кардани шаклҳо бо асоси шумораи кунҷҳо, қуллаҳо ва паҳлуҳо кӯдаконро аз диққат ба хусусиятҳои ҷузъии камаҳаммият ва ё ба таври ғайризарурӣ мураккаб ва дур мекунад ва онҳоро ба хулосаҳои амиқтар ва умумӣ мебарад.

Дар маҷмуъ, ин роҳи омӯзиш барои рушди психикии кӯдакони синни томактабӣ беҳтарин ва мувофиқтарин аст, зеро фикрронии кӯдакон фаъол мегардад ва таҳқиқ намудани ашёҳои атроф дар онҳо бедор мешавад.

Дар оянда барои мустаҳкам кардани тасаввуроти кӯдакон дар бораи шаклҳои геометрии чоркунҷаҳо усули гуногун ва машқҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Ташкили машқҳо, ки дар онҳо кӯдакон бо таснифи шаклҳо, андоза ва рангҳои гуногун машғул мешаванд, яке аз роҳҳои муассир барои такмили дониши онҳо мебошад.

Аз ҷумла, тасвири нақшаи чоркунҷаҳои гуногун дар коғаз ва иҷрои фаъолиятҳои дастӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки бо шаклҳо амалӣ кор карда, фарқиятҳоро ба назар гиранд ва маълумоти назариявиро бо таҷрибаҳои худ мустаҳкам созанд.

Барои ҷалби бештари кӯдакон ва фароҳам овардани шароити омӯхтани мақсаднок, метавон вариантҳои машқҳои гуногунро истифода бурд, ки онҳо аз раванди гурӯҳбандии чоркунҷаҳо вобастаанд:

-интихоби ҳамаи чоркунҷаҳои сурх ва номбар кардани шаклҳои дохили ин гурӯҳ: ин машқ кӯдаконро ба диққат ба рангу шакл ва тақсимоти онҳоро водор мекунад;

-интихоби чоркунҷаҳои дорои тарафҳои баробар ва номбар кардани онҳо: ин машқ ба омӯзиши хусусиятҳои геометрии шаклҳо ва диққат ба хусусиятҳои такрорӣ мусоидат мекунад;

-интихоби ҳамаи чоркунҷаҳои калон ва номбар кардани шакл ва ранги онҳо: ин машқ ба рушди қобилияти муқоиса ва фарқгузории андоза ва ранг кӯмак мерасонад;

-ҷудокунӣ ва ҷойгиркунии чоркунҷаҳо ба тарафи чапи миз ва шаклҳои ғайричоркунҷа ба тарафи рост, бо номбар кардани шакл, ранг ва андоза: ин машқ барои рушди қобилияти гурӯҳбандӣ, муайян кардани хусусиятҳо ва ҳамзамон такмили маҳоратҳои вазифаҳои мутаносиб ва нигоҳдории диққат хизмат мекунад.

Ин машқҳо барои дарки амиқ ва мустаҳкам кардани тасаввуроти кӯдакон дар бораи чоркунҷаҳо хеле самаранок буда, дар баробари омӯзиши назариявӣ таҷрибаи амалиро низ фароҳам меоранд. Махсусан, фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва тақсимоти шаклҳо ба тарзи муошират кӯдакон ва рушди қобилияти кор дар гурӯҳ мусоидат мекунанд.

Яке аз усули муассири омӯзиши шаклҳои геометрии чоркунҷаҳо ва дигар шаклҳо, истифодаи карточкаҳо бо тасвирҳои сарҳадии шаклҳои гуногуни геометрӣ мебошад [7, с. 18]. Дар ин машқ ба кӯдакон карточкаҳое пешниҳод карда мешаванд, ки дорои тасвирҳои сарҳадии шаклҳо бо андозаҳои гуногунанд. Супориш иборат аз он аст, ки кӯдак рақамҳои мувофиқро аз рӯйи шакл ва андоза интихоб намуда, онҳоро дар сарҳади тасвир ҷойгир намояд.

Шаклҳо баробар дониста мешаванд, агар ҳамаи нуқтаҳои онҳо дар сарҳад бо ҳам мувофиқат дошта бошанд. Ин раванд ба кӯдакон имконият медиҳад, ки мафҳуми «баробарии шаклҳо»-ро дар амал омӯзанд ва онҳоро аз рӯи хусусиятҳои зоҳирӣ ва андозавӣ муқоиса намоянд.

Вазифаи муҳимме, ки дар доираи ин усул иҷро мегардад, омӯзонидани муқоисаи шакли ашё бо шаклҳои геометрӣ ҳамчун «стандарти шакл» мебошад. Яъне, кӯдакон меомӯзанд, ки шакли ҳар як объекти мушаххасро бо шаклҳои асосии геометрӣ муқоиса кунанд. Ин таҷриба дар ташаккули малакаҳои шинохти мукаммал ва мақсадноки объектҳо дар муҳити атроф, инчунин дар расмкашӣ, сохтани суроб ва гулмонӣ нақши муҳим мебозад.

Ҳангоми азхудкунии ин усул кӯдак маҳорати шиносоии дурусти шаклҳоро ба даст меорад, аз муоинаи ашё бо боварӣ мебарояд ва дар ҳар як объект метавонад шакли умумӣ, шакли асосӣ ва инчунин шаклҳои қисмҳоро муайян намояд. Ин имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии кӯдак дар бораи муҳити атроф ва хусусиятҳои зоҳирии он амиқтар гардад ва қобилияти таҳлилӣ ва визуалии ӯ рушд ёбад.

Кор бо шаклҳои геометрӣ дар дарваи томактабӣ бояд на танҳо дар шакли фаҳмондани мафҳумҳо, балки тавассути таҷриба ва муқоиса бо ашёҳои воқеӣ сурат гирад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин раванд — муқоисаи шакли ашё бо намунаҳои геометрӣ мебошад, ки дар ду марҳила амалӣ мешавад [3, с. 7].

Марҳилаи аввал: Дар ин марҳила ба кӯдакон омӯзонидани таърифи шифоҳии шакли ашё дар асоси муқоисаи бевосита бо шаклҳои геометрӣ зарур аст. Ин кор ба кӯдакон ёрӣ медиҳад, то шакли объектҳоро ҷудо карда тавонанд ва онҳоро ҳамчун намунаҳои муайяни шаклҳои геометрӣ

қабул кунанд. Барои иҷрои ин вазифа ашёе интихоб карда мешаванд, ки шакли асосии онҳо равшан ва бе намунаҳои иловагӣ (ороишӣ) мебошад. Масалан:

- Косача, ҳалқа, табақ—ҳамчун намунаи доира.
- Рӯймол, варақ, қуттӣ—ҳамчун намунаи чоркунҷа

Ин гуна муқоиса кӯдаконро ба фаҳмиши шабоҳати шаклҳои геометрӣ бо ашёи воқеӣ роҳнамоӣ мекунад. Дар марҳилаҳои минбаъдаи омӯзиш истифодаи тасвирҳое, ки объекти шаклҳои мушаххасро дар бар мегиранд, тавсия дода мешавад.

Марҳилаи дуюм: Дар ин марҳила машғулиятҳо бояд бо усули бозиҳои дидактикӣ ва машқҳои бозӣ гузаронида шаванд, ки фаъолсозии фикри кӯдак ва иштироки фаъолро дар бар мегиранд. Бозиҳо метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд, масалан:

- «Чӣ ба чӣ монанд аст?»
- «Ашёҳои як шаклро ёбед»
- «Мағоза»

Дар ин бозиҳо кӯдакон бояд аз байни 4–5 ашё ашёеро интихоб намоянд, ки шакли муштарак доранд, онҳоро гурӯҳбандӣ кунанд ва аз рӯйи аломати шакл (масалан, ҳама доираҳо, ҳама чоркунҷаҳо) ҷамъ намоянд.

Бо мурури замон мураббия метавонад ба кӯдакон кумак расонад, то фарқ байни шаклҳои наздик ба ба ҳам монандро дақиқтар фаҳманд, ба монанди: доира ва куррашакл; чоркунҷа ва куб.

Дар зинаҳои минбаъда кӯдакон вазифадор мешаванд, ки дар муҳити гурӯҳӣ ашёҳои дорои шакли муайяншударо пайдо кунанд. Дар ин маврид, мураббия танҳо номи шаклро мегӯяд ва кӯдакон бояд ашёи мувофиқро мустақилона ҷустуҷӯ кунанд. Масалан: «Дар раф ягон ашёе ҳаст, ки ба доира монанд аст», «Дар ҳуҷраи гурӯҳӣ сайр кунед», «Чизи пинҳоншударо ёбед» ва ғ. Бо ин роҳ шинохти шаклҳо дар муҳити воқеӣ ва рушди зеҳнии кӯдакон такмил дода мешаванд.

Дар раванди муқоисаи ашёҳо бо шаклҳои геометрӣ натанҳо мушоҳидаи зоҳирӣ, балки истифодаи усули муоинаи ломисавӣ (ҳис кардан бо даст) ва ҳаракатӣ (ҷо ба ҷогузорӣ, чархзанондан) низ муҳим мебошад. Ин усулҳо ба кӯдакон кумак мекунанд, то на танҳо шаклро бинанд, балки онро эҳсос намоянд ва тавассути амал кунанд.

Барои санҷиши фаҳмиши кӯдакон аз хусусиятҳои шаклҳои геометрӣ, метавон аз саволҳои ёрирасон истифода бурд, ба монанди: «Ба фикри ту чаро табақ доирашакл аст, вале рӯймол—чоркунҷа?»; «Чаро ту ин ашёҳоро дар рафе гузоштӣ, ки дар он силиндр ҷойгир аст?».

Ин гуна саволҳо натанҳо донишҳои кӯдаконро ошкор месозанд, балки онҳоро ба таҳлил ва асоснок кардани ҷавоб водор мекунанд.

Истифодаи бозии дидактикии «Мағоза» метавонад ба дониши онҳо таҳким бахшад. Дар ҷараёни бозӣ кӯдакон ашёҳоро «мефурӯшанд» ва «мехаранд», онҳо бояд шакли ашёро тасвир намуда, хусусиятҳои асосии шаклҳои геометриро ном баранд. Чунин фаъолияти бозӣ натанҳо шавқовар, балки омӯзишӣ низ ҳаст ва ба таври табиӣ ба фаҳмиши кӯдакон бештар таъсир мерасонад.

Ин гуна машқҳо ва бозиҳо ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки на танҳо бо шаклҳо шинос шаванд, балки асосҳои амалиёти мантиқӣ, ба вижа таснифи объектҳо (гурӯҳбандӣ аз рӯйи шакл, андоза, ранг ва дигар аломатҳо)-ро низ аз худ намоянд. Ин барои рушди тафаккури мантиқӣ ва зеҳнии онҳо дар оянда заминаи муҳим мегузорад.

Дар марҳилаи дуюми омӯзиши шаклҳои геометрӣ таваҷҷуҳ на танҳо ба шинохти шакли умумии ашё, балки ба муайян кардани шакли қисмҳои ҷузъии объектҳо равона мешавад. Дар ин раванд кӯдакон меомӯзанд, ки ашёҳои мураккаб, ба мисли хона, мошин ва дигар объектҳои рӯзмарра аз қисмҳое иборатанд, ки ҳар яке шакли муайяни геометрӣ дорад.

Бо ин мақсад, машқҳои бозӣ истифода мешаванд, ки дар онҳо кӯдакон ашёро ба қисмҳои шакли муайян ҷудо мекунанд ва пас аз он аз нав ҷамъ менамоянд. Ин машқҳо беҳтараш берун аз машғулиятҳо ва бо истифодаи расмҳои буридашуда (пазлҳо) гузаронида шаванд. Онҳо на танҳо малакаи шиносоии шаклро таҳким мебахшанд, балки мафҳуми «тартиб ва сохтан аз қисмҳо»-ро низ дарк мекунанд.

Дар ҷамбаст бояд қайд кард, ки истифодаи усули гуногун ба рушди дониши назариявӣ ва малакаҳои амалӣ саҳми мегузоранд ва албатта ҳар як усули истифодашуда бояд ҳамдигарро пурра намояд.

Аз ҷумла, истифодаи усули аёнӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои кунҷ, қулла ва тарафҳо нақши муҳим мегузорад ва кӯдаконро водор месозад, ки геометрияро натанҳо бишнаванд, балки онро бинанд, ламс кунанд ва таҷриба намоянд.

Бо истифода аз усулҳои амалӣ (таҷрибавӣ) кӯдакон имкон пайдо мекунанд, ки бо шаклҳо фаъолона кор кунанд, худашон мустақилона шаклҳоро аз чӯбчаҳо, қисмҳои алоҳида тартиб диҳанд.

Усули шифоҳӣ, ки муҳокима, шарҳ, номбаркунӣ ва тавсифро дар бар мегирад, дар рушди забони геометрӣ ва тафаккури мантиқии кӯдакон нақши муҳим мебозад.

Бо якҷоя истифода бурдани методҳои аёнӣ, амалӣ ва шифоҳӣ, мураббия метавонад муҳити таълимиро шавқовар, фаъол ва самаранок созад.

АДАБИЁТ

1. Бурханов К.Т. Практические занятия по формированию элементарных математических представлений в дошкольном учреждении. - Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ). - № 4 (4). – Душанбе, 2020. - С.138-142.
2. Леушина А.М. Ташаккули одитарин тасаввуроти математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ. - Душанбе, 1980. - 384 с.
3. Макаренко А.С. О воспитании. – М.: Политиздат, 1988.
4. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Қ.1. - Душанбе, 2011. - 244 с.
5. Метлина Л.С. Занятия по математике в детском саду: (Формирование у дошкольников элементарных математическихт представлений). Пособие для воспитателя дет.сада. -2-е изд., доп. - М.:Просвещение,1985г. – 233 с.
6. Нарзуллоева М. Психологияи бачагона. – Душанбе, 2007.
7. Норов Р. Масоили методологии истифодаи маводи таърихӣ дар таълими геометрия. - Паём 2022. - №4 (14). – С. 318-322.
8. Рангинкамон. Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ (гурӯҳи корӣ). – Душанбе, 2012. - 125 с.
9. Словарь геометрических терминов. Словарь терминов по элементарной геометрии https://dl.bsu.by/mod/glossary/view. php?i =7477
10. Формирование элементарных математических представлений у дошкольников / Под ред. А. А. Столяра. - М.: Просвещение, 1988. - 303 с.
11. Харламов И.Ф. Педагогика. – М., 1999. – 520 с.

УСУЛИ ШИНОС НАМУДАНИ КӮДАКОНИ ГУРӮҲИ ОМОДАГӢ БА МАКТАБ БО МАФҲУМҲОИ КУНҶ, ҚУЛЛА ВА ТАРАФҲО

Мақола ба масъалаи омӯзиши мафҳумҳои геометрӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бахшида шуда, усулҳо ва марҳилаҳои таъсирбахши таълимро дар таҳкими тасаввуроти кӯдакон дар бораи шаклҳои геометрӣ баррасӣ мекунад. Муаллиф тавзеҳ медиҳад, ки истифодаи усулҳои аёнӣ, амалӣ ва шифоҳӣ бо ҳамдигар дар раванди таълим зарур буда, барои фаҳмидани мафҳумҳои абстрактӣ кӯмак мерасонанд. Дар мақола роҳҳои гуногуни машқҳои дидактикӣ, бозиҳои гурӯҳӣ ва супоришҳои конструктивӣ пешниҳод гардида, ки ба рушди қобилияти гурӯҳбандӣ, тафаккури мантиқӣ ва ҳавасмандии кӯдакон мусоидат мекунанд. Таваҷҷуҳ ба марҳилаҳои омӯзиш—шиносоӣ бо шаклҳои асосӣ ва муқоиса бо ашёҳои воқеӣ, таҳлили шаклҳо ва тақсимкунӣ ба қисмҳо, сохтани шаклҳои мураккаб ва табдили онҳо—ҳамчун яке аз усулҳои муассири таълим таъкид шудааст. Ин тадқиқот барои мураббиён ва муҳаққиқони соҳаи педагогика манбаи муфид мебошад ва ба рушди равиши таълимии самаранок дар синни томактабӣ замина мегузорад.

Калидвожаҳо: *мафҳумҳои геометрӣ, омӯзиши шаклҳо, кӯдакони синни томактабӣ, шаклҳои геометрӣ, секунҷа, чоркунҷа, методикаи таълим, усули дидактикӣ, машқҳои бозӣ, тафаккури мантиқӣ, моделсозӣ, марҳилаҳои омӯзиш, фаъолияти амалӣ, омӯзиши аёнӣ, рушди зеҳнӣ, тарбияи фазоӣ.*

МЕТОДЫ ОЗНАКОМЛЕНИЯ ДЕТЕЙ ПОДГОТОВИТЕЛЬНОЙ ГРУППЫ С ПОНЯТИЯМИ УГОЛ, ВЕРШИНА И СТОРОНЫ

В статье рассматриваются методы и этапы обучения детей дошкольного возраста геометрическим понятиям с целью формирования устойчивого представления о геометрических фигурах. Автор статьи подчеркивает важность комплексного использования наглядных, практических и устных методов обучения для эффективного усвоения абстрактных понятий. В работе представлены разнообразные дидактические упражнения, групповые игры и конструктивные задания, способствующие развитию логического мышления, навыков классификации и мотивации детей. Особое внимание уделено поэтапному обучению: знакомству с основными фигурами через сравнение с реальными предметами, анализу и разбиению фигур на части, а также созданию сложных форм из простых элементов. Исследование представляет практическую ценность для воспитателей, педагогов и специалистов в области дошкольного образования, способствуя совершенствованию методики обучения геометрии в раннем возрасте.

***Ключевые слова**: геометрические понятия, изучение форм, дети дошкольного возраста, геометрические фигуры, треугольник, четырехугольник, методика обучения, дидактические методы, игровые упражнения, логическое мышление, моделирование, этапы обучения, практическая деятельность, наглядное обучение, умственное развитие, пространственное восприятие.*

METHODS OF INTRODUCING CHILDREN OF THE PREPARATORY GROUP TO THE CONCEPTS OF ANGLE, VERSE AND SIDES

This article explores the methods and stages of teaching geometric concepts to preschool-aged children, aiming to develop a solid understanding of basic geometric shapes. The author emphasizes the importance of integrating visual, practical, and verbal instructional methods to facilitate the comprehension of abstract concepts. The article presents a variety of didactic exercises, group games, and constructive tasks that contribute to the development of logical thinking, classification skills, and children's motivation to learn. Special attention is given to the step-by-step approach: introducing basic shapes through comparison with real-world objects, analyzing and dividing shapes into parts, and constructing complex forms from simple elements. This study offers practical value for educators, preschool teachers, and researchers in the field of early childhood education, supporting the enhancement of effective geometry teaching strategies at the preschool level.

***Keywords:** geometric concepts, shape learning, preschool children, geometric figures, triangle, quadrangle, teaching methodology, didactic methods, educational games, logical thinking, modeling, stages of traning, practical activities, visual learning, mental development, spatial perception.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобиева Сабрина Каташоевна*** *- ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121. E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Бобиева Сабрина Каташоевна*** *- ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru.*

Information about the author: ***Bobieva Sabrina Katashoevna*** *- assistant of the department of special pedagogy and inclusive education of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 121. E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru.*

ТАРЗИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАФҲУМИ ЧЕНАКҲОИ ВАЗН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Худоярзода Ҳ.Х., Файзуллозода А.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф ва илми кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ин аст, ки маориф ва илмро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хеш соҳаи афзалиятнок ҳисобидаанд. Чунин амал бесабаб нест, зеро ки пешрафти ҳар як кишвар, ба пешрафти соҳаи маориф ва илм вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) аз он ҷумла, чунин омадааст: «Роҳбарону кормандони соҳаи маориф ва илмро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу дороии онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Ба хотири боз ҳам бештар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шуд.

Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2020) низ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ чунин тавсияҳо пешниҳод намудаанд: «Зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат» гузаронида шавад».

Яъне, дар асоси пешниҳоду дастурҳои Пешвои миллат бо ҳар роҳу усул сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дар муассисаҳои таълимии кишвар, алалхусус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо ба талаботи замон мувофиқ гардониданамон зарур аст. Таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ намудани хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи мо, барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури илмию мантиқӣ ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардонидани хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ зимни омӯзиши фанни математика дар ташаккули мафҳуми ченакҳои вазн ва амалигардонии он дар раванди таълим мусоидат менамояд.

Вазни ҷисм гуфта қувваеро меноманд, ки ба воситаи вай ҷисм ба замин кашида мешавад. Вазни ҷисм ҳам аз худи ҷисм ва ҳам аз он, ки вай дар кадом нуқтаи кураи замин кашида мешавад, вобастагӣ дорад. Масалан, вазни ҷисм дар қутб назар ба экватор 0,5% зиёд мебошад. Қайд мекунем, ки нисбати вазнҳои ду ҷисм дар ҳамаи шароитҳо адади тағйирнаёбанда мебошад.

Дар вақти ченкунии вазни ҷисм бо роҳи ба вазни ҷисми дигар муқоиса кардан, хосияти нави ҷисмро пайдо кардан мумкин аст, ки масса номида мешавад.

Бигзор, ки дар як паҳлуи тарозу ҷисми а ва дар паҳлуи дигари тарозу ҷисми в-ро гузошта бошанд, он гоҳ ҳолатҳои зерин шуданаш мумкин аст:

- паҳлуҳои тарозу, ки дар як хел баландӣ ҷойгир мешаванд дар ин ҳолат мегӯянд, ки паҳлуҳои тарозу дар мувозинат ҷойгир шудаанд ва массаи ҷисми а ба массаи ҷисми в баробар мебошад;

- паҳлуи тарозу, ки дар вай ҷисми а гузошта шудааст, аз паҳлуи тарозу, ки дар вай ҷисми в гузошта шудааст, паст меистад ва дар ин ҳолат мегӯянд, ки массаи ҷисми а аз массаи ҷисми в зиёд (калон) аст;

- паҳлуи тарозу дар вай ҷисми а буда, аз паҳлуи тарозуи дар вай ҷисми в буда баланд истодааст. Дар ин маврид мегӯянд, ки массаи ҷисми а аз массаи ҷисми в кам (хурд) аст [5].

Бо ченаки асосии вазн - як килограмм - хонандагон аллакай дар синфи якум шинос мешаванд. Дар ин ҷо, машқҳо аз рӯйи андозаи коса иҷро карда мешаванд, зеро танҳо дар чунин андозаҳо метавон нишон дод, ки миқдори ченшуда бо воҳиди ченак чӣ гуна муқоиса карда мешавад. Дар ин маврид, бояд як ҳолати зеринро ба ҳисоб гирифт. Агар бор ба тариқи махсус интихоб карда нашавад, пас вазни он, чун қоида, бо шумораи пурраи килограммҳо ифода намешавад ва ин далели ба назар ночизе барои фаҳмидани мафҳуми «вазн»-ро душвор мегардонад. Аз ин лиҳоз, машқҳои аввал бояд машқҳои дар вазни додашуда бошанд: 2 кг картошка, 3 кг сабзӣ, 4 кг себ, 5 кг анор ва ғайра.

Агар бо ягон сабаб машқҳои вазнбардорӣ дар синф имконнопазир бошад, пас шумо метавонед ба дӯконҳои наздиктарин: мағоза, бозор ва ғайра саёҳат ташкил намоед, ки дар он шумо ҳамеша метавонед сайру гашт кунед ва дар тӯли 10-15 дақиқа хонандагон бо мафҳуми вазн шинос шаванд.

Асосан ҳангоми фаҳмонидани мафҳуми вазн мо метавонем аз ҷадвалҳои китоби математика (Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 3. – Душанбе, «Маориф» 2016. - 196 с) истифода намоем. Пас аз шинос кардани хонандагон бо истилоҳи «грамм», имкониятҳои машқҳои гуногун дар мафҳуми «вазн» хеле васеъ истифода карда мешавад. Ҳоло шумо метавонед тарозуи косаро бо вазнҳо, тарозуи гуногуни дастӣ, тарозуи дастӣ ва ғайра истифода баред. Мақсад аз ин машқҳо, пеш аз ҳама, он аст, ки хонандагон вазни баъзе ашёҳоро фаҳмида тавонанд ва вазни баъзе ашёҳоро, ки доимо бо онҳо сарукор доранд, омӯзанд, то он даме, ки бо баъзе усулҳои вазнбардорӣ дар пиёла ва рақам шинос шаванд. Дар китоби дарсии математика вазифаҳои гуногуни вазнченкунӣ оварда шудаанд [12].

Шиносоӣ бо тарозуи гуфтугӯ дар синфи II метавонад бо ёрии дастгоҳ андозаи онҳо ва машқҳо ҳангоми хондани он оғоз карда шавад. Бо ин мақсад амсилаи намоишии андозаи 500 граммаро бо тақсимоташ сохтан мумкин аст. Тирчаи ҳаракаткунанда ба андозаи он часпонида мешавад, ки бо ёрии он ин ё он вазни ашё нишон дода мешавад. Амсилаи андозаи дорои тирча дар тасвир нишон дода шудааст. Дар амсила, хонандагон рақамҳоро аз рӯйи ҷадвал хонда, тирчаи ҳаракатро муқаррар менамоянд.

Асосан вазнченкунӣ дар системаи савдо (мағозаю бозорҳо) гузаронида мешавад. Омӯзгор, пеш аз ҳама, шарҳ медиҳад, ки баркашӣ ба таври автоматикӣ дар ҳудуди мағозаю бозорҳо анҷом дода мешавад, дар ҳоле ки мафҳуми «вазн» бояд дар андозаи муайян интихоб карда шавад. Омӯзгор суханони худро бо намоиш нишон медиҳад: ӯ ба як пиёла вазни ашёеро муайян менамояд, ки вазни он фавран бо тир ишора карда мешавад. Айнан ҳамин кор бо 2-3 ашёи дигар иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат истифодаи мафҳуми «вазн» дар бори дигар имкон фароҳам меорад, ки воҳидҳои андоз ба вазни ашё мувофиқат намояд.

Пеш аз омӯзиши мафҳуми «вазн» омӯзгор бояд тарзи дуруст истифода кардани тарозу гузоштанро нишон диҳад. Тавозуни тарозуро чунин бояд насб кард, ки тирча ҳангоми пур кардани тавозун дар сифр бошад. Барои он ки мавқеи тавозунро ислоҳ кардан мумкин бошад, онҳо дар пойҳои бурида насб карда мешаванд.

Пеш аз ҳама, вазни тахминии ашё бояд ҳар дафъа муайян карда шавад. Дарси махсус барои мафҳуми «вазн» оид ба моддаҳои ғизоӣ ва моеъ бояд гузаронида шавад. Моеъ маҳсулоти пурбор буда, дар анборҳо нигоҳ дошта мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо низ бояд дар зарфҳо ҷойгир карда шаванд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ усулҳои зерини мафҳуми «вазн»-ро аз худ менамоянд:

- вазни зарф, ки дар он тарозу гузошта мешавад, пас вазни зарф аз вазни умумӣ гирифта мешавад;
- зарфи холӣ бо дигар зарфи тарозу гузошта мешавад;
- пеш аз баркашидани зарфи холӣ бо ҳар гуна бори дар дигар табақи тарозу ҷойгиршуда, гузошта мешавад [15].

Барои муайян кардани вазни об ва маҳсулоти ғизоӣ мо бояд аз зарфҳои гуногун (зарфҳо, косаҳо, пиёлаҳо ва ғайра) истифода барем. Ғайр аз он, вазни баъзе маҳсулотҳо дар бастабандии стандартӣ (шакар, намак, ғалладона, мевадона ва ғайра) муқаррар карда мешавад.

Барои он ки ҳамаи хонандагони хурдсол натиҷаи баркашиданро бубинанд, тавсия дода мешавад, ки нишондодҳои мафҳуми «вазн»-ро дар рақами намоишӣ такрор намоянд. Агар дар як вақт ба амсилаи намоишӣ тасвири косаҳои андозаашон гуногун нишон дода шуда бошад, пас ҳангоми иҷрои кор дидан мумкин аст, ки аз андозаи бештар истифода бурда шавад. Барои ин «картон» ё «ширинӣ», «халтаи шакар», «моҳӣ» ва дигар «маҳсулот» аз картон ё коғазҳои ғафс бурида мешаванд. Дар ин ҳолат, вазни «маҳсулот» тавре интихоб карда мешавад, ки вазнаш аз рӯйи андоза зикршуда зиёд набошад (500 г ё 1 кг). Вақте ки «маҳсулот» ба табақи тарозу гузошта мешавад (барои ин, дар он ҷое, ки коса нишон дода шудааст, як буридаи хурд сохта шудааст ва канори расми аз картон буридашуда ба он тела карда шудааст) тирчаи намуна ба тақсимоти дилхоҳ гузошта мешавад.

Барои муайян кардани мафҳуми «вазн» тавассути чен кардани зарф ё ба тариқи дигар муайян кардани «вазн» фоидаовар аст. Масалан, дар як халта 4,5 кг арзан ҳаст; як зарфи шишагин 200 грамм вазн дорад; як бастаи коғаз 6 кг вазн дорад; ва ғайра.

Шинос будан бо истилоҳҳои сентнер ва тонна андешаҳои хонандагонро дар бораи мафҳуми «вазн» ба таври назаррас васеъ менамояд. Барои эҷод кардани андешаҳои мушаххас дар бораи ин

ченакҳо ба хонандагон иттилоъ додан лозим аст. Масалан, вазни ду халта картошка тақрибан 1 сентнер, вазни тамоми хонандагони синф (25-30 нафар) тақрибан 1 тонна мебошад.

Муқоисаи муоинашавандаи 1 сентнер ва 1 тонна ба хонандагон таассуроти хуб мебахшад. Шумо метавонед инро ба таври зерин иҷро намоед. Омӯзгор ба хонандагон як сантиметри мукааб ва як метри мукааб аз хонаи математика гирифтаашро нишон медиҳад ва мегӯяд: «Ин ҷо ду куб аст. Баландии яке 1 дм, баландии дигараш 1 м аст. Агар шумо ду зарфи ҳамон андоза ва шакли ҳамон кубаро сохта, онҳоро бо об пур намоед, пас об ба як куби хурд рехта 1 кг вазн мегирад ва ба як зарф рехта мешавад - 1 т».

Дар мақола масъалаи мушаххас намудани мафҳуми малакаҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити рушди таҳсилоти муосир баррасӣ мегардад. Аҳаммияти масъалаи мавриди таҳқиқ бо тағйирёбии ҳадафҳои маориф, густариши равиши компетентностӣ ва нақши афзояндаи муҳити рақамӣ дар равандҳои иртиботӣ асоснок карда мешавад. Мақсади таҳқиқ ба низом даровардани тасаввуроти илмӣ оид ба моҳият ва сохтори малакаҳои коммуникативӣ-нутқӣ равона шудааст. Асоси методологии корро таҳлили назариявӣ, ҷамъбасти консептуалӣ ва баррасии байнисоҳаии равишҳои психолингвистӣ, лингводидактикӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи тадқиқот муайян гардид, ки малакаҳои коммуникативӣ-нутқӣ падидаи мураккаб ва ҳамгироёна буда, ҷузъҳои забонӣ, иҷтимоӣ-забонӣ, дискурсӣ, стратегӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангиро дар бар мегиранд. Нишон дода мешавад, ки ташаккули чунин малакаҳо танҳо ба азхудкунии меъёрҳои забонӣ маҳдуд намешавад, балки бо рушди механизмҳои маърифатӣ ва қобилияти мутобиқшавии нутқ ба вазъиятҳои гуногуни муошират алоқаманд аст. Таъсири рақамикунонии маориф ҳамчун омили муҳими тағйирдиҳандаи фаъолияти нутқ таъкид мегардад. Саҳми назариявии таҳқиқ тадқиқот дар мушаххас намудани мазмун ва сохтори мафҳуми мавриди баррасӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар такмили барномаҳои таълимӣ ва технологияҳои педагогӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: *салоҳияи муоширатӣ, фаъолияти нутқ, малакаҳои муошират ва суханронӣ, равиши ба салоҳият асосёфта, рақамикунонӣ маориф, равиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*

COMMUNICATIVE-SPEECH SKILLS AS AN OBJECT OF PEDAGOGICAL ANALYSIS IN CONTEMPORARY EDUCATION

The article addresses the theoretical clarification of communicative-speech skills within the framework of contemporary educational transformations. The relevance of the study is determined by the shift in educational objectives, the increasing significance of the competency-based approach, and the expansion of communication practices in digital environments. The purpose of the research is to systematize scholarly interpretations of communicative-speech skills and to identify their structural and functional characteristics. The methodological foundation of the study is based on theoretical analysis, conceptual synthesis, and interdisciplinary interpretation of psycholinguistic, linguodidactic, and sociocultural perspectives.

The findings indicate that communicative-speech skills constitute a complex integrative construct incorporating linguistic, sociolinguistic, discourse, strategic, and sociocultural components. The study demonstrates that the development of these skills extends beyond the acquisition of language norms and involves cognitive mechanisms, communicative strategies, and context-sensitive speech behavior. Particular emphasis is placed on the impact of digitalization, which transforms communication modes and introduces new requirements for communicative competence.

The theoretical contribution of the article lies in refining the conceptual understanding of communicative-speech skills, while its practical value relates to the justification of a comprehensive pedagogical approach to their development. The results may inform curriculum design, instructional methodologies, and assessment practices.

Keywords: *communicative competence, speech activity, communicative-speech skills, competency-based approach, digitalization of education, sociocultural perspective.*

Сведения об авторах: ***Содикова Матлюба Сайфуллоевна*** *- к.п.н., доцент кафедры русского языка ТГМУ имени Абуали ибни Сино, г. Душанбе, ул. Сино 29-31. Тел.: + (992) 937177133, e-mail: jumayevshohruz@gmail.com.*

Самадова Гулджахон Юсуфжоновна *- к.п.н., доцент кафедры русского языка Таджикского государственного института культуры и искусств имени М. Турсунзаде. Тел.: 935242226.*

Маълумот дар бораи муаллифон*:* ***Содикова Матлюба Сайфуллоевна*** *- н.и.п., дотсенти кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ш. Душанбе, кучаи Сино 29- 31. Тел.: + (992) 937177133, email: jumayevshohruz@gmail.com.*

Самадова Гулҷаҳон Юсуфҷоновна *- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода. Тел.: 935242226.*

Information about the authors*: **Sodikova Matlyuba Sayfulloevna** - candidate of pedagogical sciences, teacher of the Russian language department of the Abuali ibni Sino Tajik State Medical University, Dushanbe, Sino st. 29-31. Phone: + (992) 937177133, e-mail: jumayevshohruz@gmail.com.*

***Samadova Guljakhon Yusufjonovna** - candidate of pedagogical sciences, dotsent of the Department of Russian language at Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzade. Tel.: 935242226.*

ТАЛАБОТ БА МАҲОРАТИ КАСБӢ ВА ТАЙЁРИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ФАННИ БИОЛОГИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Давлатзода Т.Х.

Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Сифатҳои умумии инсонии муайяне мавҷуданд, ки ҳар як омӯзгори оянда новобаста аз тахассусаш бояд аз худ намояд. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифадоранд, ки азхудкунии донишҳои зарурӣ ва рушди малакаву салоҳиятҳои педагогии омӯзгорони ояндаро таъмин намоянд, то онҳо тавонанд ин қобилиятҳоро дар фаъолияти касбии худ самаранок татбиқ созанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи омодасозии омӯзгорони мутахассис аз ҷониби як қатор муҳаққиқон мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, дар ҷараёни ташкили раванди тайёр намудани омӯзгорони оянда равишҳои гуногуни илмӣ-методӣ татбиқ шудаанд. Аз як ҷониб, дар як қатор таҳқиқот масъалаи такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии донишҷӯён мавриди баррасии васеъ қарор гирифтааст.

Дар байни онҳо корҳои О.А. Абдуллина [1], В.И. Горовая [9], Г.Е. Ковалева [10], М.М. Левина [11], Н.Н. Боровская [3], Н.М. Верзилин [5] ва дигарон номбар кардан бамаврид аст. Дар асарҳои илмии муҳаққиқон таъкид мегардад, ки натиҷаи ибтидоӣ ва ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти педагогӣ инкишофи шахсияти омӯзгоре мебошад, ки ба талаботи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои сатҳи маҳорати касбӣ дар ҳар гуна фаъолияти касбӣ ҳамчун дараҷаи азхудкунии низоми донишҳо, маҳорат ва малакаҳои махсус арзёбӣ карда мешаванд.

Дар робита бо хусусиятҳои фаъолияти педагогӣ, ба андешаи мо, пеш аз ҳама, масъалаи моҳияти касби омӯзгорӣ ва мазмуни мафҳуми «касбияти омӯзгор» ҳамчун самти муҳими таҳқиқи илмӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина, муроҷиат ба «Энсиклопедияи калони Шӯравӣ» нишон медиҳад, ки «фаъолияти касбӣ ҳамчун навъи фаъолияти меҳнатии шахс муайян карда мешавад, ки дар асоси маҷмӯи донишҳои назариявии махсус ва малакаву маҳорати амалии дар натиҷаи таҳсилоти махсус ва таҷрибаи касбӣ бадастомада амалӣ мегардад» [2, с. 365].

Ба андешаи мо, сатҳи тахассуси фаннии омӯзгор аз аҳаммияти хислатҳои муҳими касбии ӯ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи шахсияти омӯзгори биология дар робита бо омодасозии касбии донишҷӯён барои фаъолияти минбаъда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳаммияти хосса пайдо менамояд.

Яке аз ҳадафҳои таҳқиқоти мазкур муайян намудани хусусиятҳои шахсиятӣ ва касбии омӯзгори муосири биология, инчунин мушаххас сохтани низоми донишҳои методӣ, маҳорат ва малакаҳое мебошад, ки ташаккул ва рушди онҳо дар раванди омодасозии касбии донишҷӯён таъмин карда мешавад. Дар ин замина, баррасии талаботҳое, ки ба омӯзгори биология дар шароити муосир гузошта мешаванд, аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Масъалаи он, ки омӯзгори биология, бинобар хусусияти хоси худи фан, аз дигар омӯзгорони фаннӣ бо сифатҳои касбӣ ва методии худ ва вазифаҳое, ки онҳо иҷро мекунанд, фарқ мекунад, хеле пеш аз ҷониби методистҳои биология баён шудааст. Аз ҷумла, В.В. Половтсов як бахши алоҳидаи таҳқиқоти методии худро ба тавсифи омӯзгори фанҳои табиӣ бахшида, таъкид менамояд, ки самаранокии раванди таълим пеш аз ҳама ба шахсияти омӯзгор вобастагӣ дорад. Ба андешаи ӯ, «омӯзгори босавод ва ба фаъолияти худ дилбаста, омӯзгори фаъолу ҳавасманд метавонад ҳар гуна барномаи таълимиро ҷоннок гардонад ва камбудиҳои ҳатто беҳтарин китоби дарсиро ислоҳ ва такмил намояд» [12, с. 262].

В.В. Половтсов аз омӯзгори фанҳои табиӣ фаъолиятнокӣ ва чолокии баланди касбиро талаб менамуд, зеро дар давраи мавриди назар шаклҳои гуногуни таълим, аз ҷумла экскурсияҳо ва машғулиятҳои лабораторӣ, васеъ тарғиб ва татбиқ мегардиданд. Ҳамзамон, аз омӯзгор таҳияи мустақилонаи раванди таълим, аз ҷумла истифода ва омода намудани воситаҳои аёнӣ ва муҷаҳҳазгардонии кабинети биология низ талаб карда мешуд.

Дар давраи шӯравӣ Б.Е. Райков кӯшиш намуд, ки хислатҳои шахсиятии омӯзгори фанҳои табиатшиносиро муайян намояд ва дар маҷмӯъ бо талаботе, ки В.В. Половтсов нисбат ба омӯзгор пешниҳод карда буд, мувофиқат нишон дод. П.И. Боровитский дар навбати худ, ба масъалаи омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти педагогӣ ва ташаккули хислатҳои шахсиятии мутахассиси оянда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид менамояд, ки «омӯзгор бояд дорои хислатҳои баланди ахлоқӣ бошад» [4, с. 148].

П.И. Боровитский низ бо андешаҳои В.В. Половтсов ва Б.Е. Райков мувофиқат намуда, таъкид менамояд, ки «омӯзгор бояд қобилияти кор бо маводҳои гуногун, аз ҷумла чӯб, коғаз, картон ва металлро дошта бошад» [4]. Ба андешаи ӯ, чунин малакаҳо дар раванди муҷаҳҳазгардонии лабораторияи биология ва ташкили корҳои амалӣ бо донишҷӯён аҳаммияти махсус доранд. Б.В. Всесвятский низ кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои шахсиятии омӯзгори биологияро муайян намояд. Ба андешаи ӯ, «барои ҳамқадам мондан бо рушди илм, омӯзгор бояд мунтазам раванди инкишофи биология ва педагогикаро назорат ва омӯзад» [7, с. 69]. Дар идома қайд менамояд: «Табиатшиноси ҳақиқӣ дар асоси густариши доимии донишҳо тавассути мушоҳидаи мустақим, гузаронидани таҷрибаҳои биологӣ, иштирок дар раванди корҳои амалӣ дар муҳити таҷрибавии таълимӣ ва ташаккули муносибати арзишманд ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ зоҳир мегардад, ки дар навбати худ ба бедор намудани эҳтиром ва муҳаббат ба меҳнати судманди иҷтимоӣ дар донишҷӯён мусоидат менамояд» [7, с. 126].

Б.В. Всесвятский таъкид менамояд, ки дар баробари қобилияти мушоҳидаи табиат ва гузаронидани таҷриба бо объектҳои зинда, барои омӯзгорони биология инчунин доштани дониши амалӣ оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ аҳаммияти махсус дорад. Ба андешаи ӯ, чунин воситаҳо дар раванди таълим нақши муҳим дошта, истифодаи онҳо (аз ҷумла усулҳои аксбардорӣ ва филмбардорӣ, таҷҳизоти проексионии филм, техникаи хурди кишоварзӣ ва дигар воситаҳои техникӣ) ба баланд бардоштани самаранокии таълим мусоидат менамояд. Омӯзгорони фанни биология бояд мунтазам раванди ташаккули шавқу рағбат, рушди зеҳнӣ, такмили дониш ва малакаҳо, инчунин инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагонро мушоҳида ва таҳлил намоянд. Ҳамзамон, онҳо бояд тадриҷан малакаҳои гузаронидани таҳқиқоти педагогиро дар соҳаи дидактикаи биология аз худ намуда, сатҳи салоҳиятҳои тадқиқотии худро такмил диҳанд.

Д.И. Шербаков таъкид менамояд, ки «Б.В. Всесвятский яке аз аввалин методистон ба шумор меравад, ки маҷмӯи донишҳои методии омӯзгори биологияро нисбатан пурра тавсиф намуда, доираи васеи маҳорат ва малакаҳои касбии ӯро, гарчанде на ба таври комил, дар муайян намудани сифатҳои шахсиятӣ ва касбии омӯзгори биология ба таври назаррас ошкор намудааст» [14, с. 155]. Инчунин, А.И. Шербаков изҳор медорад, ки таҳқиқи сохтори равонии фаъолияти касбии омӯзгор дар доираи ҳар як фанни мактабӣ имконият фароҳам меорад, ки «роҳҳо ва усулҳои самараноки такмили идоракунии фаъолияти маърифатии донишҷӯён, инчунин баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дақиқтар муайян карда шаванд» [14, с. 183].

Н.А. Риков вазифаҳои калидии зерини омӯзгори биологияро баррасӣ мекунад, ки азхудкунии онҳо боиси рушди малакаҳои педагогӣ мегардад: иттилоотӣ, инкишофӣ, самтӣ, сафарбарӣ, созанда, муоширатӣ, ташкилӣ ва тадқиқотӣ. Ба андешаи ӯ, ин вазифаҳо ба таври ҷудонашаванда бо ҳам алоқаманд буда, «фаъолияти омӯзгор ҳамеша ҳамчун раванди мураккаби равонӣ ва ҳамчун як воҳиди ягона, новобаста аз шакли зоҳиршавии он, баррасӣ мегардад» [13, с. 64].

Аз ин бармеояд, ки Н.А. Риков ва А.И. Шербаков ба ҷанбаҳои равонии фаъолияти бисёрҷанбаи омӯзгори биология ва имкониятҳои дидактикии ӯ дар ташкили шаклҳои гуногуни раванди таълим дар курси биология таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Таҳлили сифатҳои касбии омӯзгори биология аз ҷониби Н.М. Верзилин анҷом дода шуда, таъкид мегардад, ки

«омили муҳими самаранокии таълими биология пеш аз ҳама шахсияти омӯзгор ва муҳаббати ӯ ба табиат мебошад» [5, с. 128]. Омӯзонидан дар табиат на танҳо барои хонандагон, балки барои худи омӯзгори биология низ муҳим аст. Дуюм сифти хоси шахсияти омӯзгори биология, ба гуфтаи Н.М. Верзилин, дурнамо, қобилияти банақшагирӣ ва ташкили тамоми низоми кори худ дар ҳаракат, дар рушд аст. Ҳамзамон, олим таъкид менамояд, ки омӯзгори биология, дар муқоиса бо омӯзгорони дигар ихтисосҳо, пайваста бо идоракунии шаклҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯён, ки ба омӯзиши биология алоқаманданд, машғул мебошад. Ба андешаи ӯ, омӯзгори биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд қобилияти ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти амалӣ ва дуруст ташкил намудани он равандҳоро дошта бошад, ки ин ҳам аҳаммияти маърифатӣ ва ҳам тарбиявӣ дорад. Маҳорати эҷоди воситаҳои таълимӣ, тарҳрезӣ ва қобилияти ҷалби хонандагон ба фаъолияти амалӣ дар раванди таълими биология барои омӯзгори биология аҳаммияти калидӣ дорад. Хусусияти дигари шахсияти омӯзгор, ки аз ҷониби олим қайд шудааст, маҳорати ташкили хонандагон дар тамоми низоми методҳои таълим мебошад.

Дар шароити муосир намояндаи илми биология шахсе ба ҳисоб меравад, ки сатҳи нуфуз ва мавқеи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фаъолияти касбии ӯ вобастагӣ дорад. Н.М. Верзилин таъкид менамояд, ки «шахсияти омӯзгори биология ва хусусиятҳои фаъолияти ӯ аз хосиятҳои хоси раванди таълими биология муайян мегарданд. Ба андешаи ӯ, маҳоратҳои умумии педагогӣ дар шароити таълими биология шакли мушаххастар ва инкишофёфта пайдо намуда, муҳимтарини онҳо муносибат ба табиат, дурнамоӣ дар ташкили раванди таълим, маҳорати ташкили фаъолияти хонандагон ва ҳимояи манфиатҳои фанни биология ба шумор меравад».

Бояд қайд кард, ки дар осори илмии худ Н.М. Верзилин ба масъалаи ташаккули малакаҳои амалии донишҷӯён дар раванди фаъолияти таълимӣ низ аҳаммияти махсус медиҳад [6]. Ба андешаи ӯ, омодагии касбии омӯзгорони оянда бояд на танҳо азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки рушди қобилияти ташкили фаъолияти мустақилонаро дар шароитҳои гуногуни таълимӣ низ дар бар гирад. Аз ҷумла, сухан дар бораи фаъолияти донишҷӯён дар ҷараёни дарсҳо, машғулиятҳои амалӣ, экскурсияҳои таълимӣ, корҳои беруназсинфӣ ва дигар шаклҳои ташкили раванди таълим меравад.

Ҳамчунин Н.М. Верзилин бар он назар аст, ки дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯён имкони воқеии назорат ва баҳодиҳии фаъолияти шахсии худро пайдо мекунанд. Чунин раванд барои ошкор намудани камбудиҳо ва ислоҳи саривақтии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Дар баробари ин, истифодаи супоришҳои методии гуногун, ки ба таҳлил, муқоиса ва интихоби роҳҳои самараноки ташкили дарс равона шудаанд, ба дарки сохтори тағйирёбандаи фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат менамояд. Ин гуна фаъолият дар навбати худ барои ташаккул ва рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун ҷузъи муҳими салоҳияти касбии омӯзгорони оянда заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, андешаҳои пешниҳоднамудаи ӯ метавонанд ҳамчун яке аз асосҳои назариявии такмили низоми омодасозии омӯзгорони оянда мавриди истифода қарор гиранд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили осори Н.М. Верзилин нишон медиҳад, ки диққати асосии ӯ бештар ба ҷанбаҳои методии фаъолияти омӯзгори биология равона гардидааст. Дар натиҷа, масъалаҳои марбут ба омилҳои психологӣ ва педагогии фаъолияти касбӣ ба таври комил инъикос наёфтаанд. Дар ин маврид, Н.А. Риков фаъолияти омӯзгори биологияро ҳамчун низоми бисёрҷанба ва бисёрфункционалӣ мавриди омӯзиш қарор дода, робитаи мутақобилаи фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯёнро ҳамчун шарти муҳими самаранокии раванди таълим баррасӣ менамояд. Дар ин равиш на танҳо масъалаи азхудкунии донишҳои биологӣ, балки ташаккул ва рушди қобилиятҳои фикрронӣ, мустақилият ва фаъолнокии маърифатии донишҷӯён низ ҷойгоҳи муҳим касб мекунад.

Масъалаи муайян намудани хусусиятҳои шахсӣ, касбӣ ва педагогии омӯзгор, ки ба самаранокии фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонанд, дар таҳқиқоти муосир аҳаммияти махсус пайдо мекунад.Тавсифи омӯзгор, ки аз ҷониби Н.А. Риков ва А.И. Шербаков таҳия шудааст, баррасии ҳамаҷонибаи мушкилоти омӯзгори фанро омӯхта, пешниҳод мекунад.

Омӯзиши шахсияти омӯзгори муосири биология, инчунин муайян намудани хусусиятҳои шахсӣ ва касбии ӯ, метавонад дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи самтҳои гуногуни фаъолияти

педагогӣ амалӣ гардад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки хусусиятҳо, сифатҳо ва салоҳиятҳое, ки самаранокии фаъолияти омӯзгорро таъмин менамоянд, ба таври низомманд муайян карда шаванд. Дар ин замина, арзёбии шахсияти омӯзгор бояд бо дарназардошти ҷанбаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ, коммуникативӣ ва ташкилии фаъолияти касбии ӯ сурат гирифта, нақши онҳо дар татбиқи бомуваффақияти вазифаҳои педагогӣ ошкор карда шавад.

Дар мақолаи мазкур мо мақсад гузоштем, ки хусусиятҳои касбии хоси омӯзгори муосири биологияро муайян намоем. Дар марҳилаи кунунии таълими биологияи МТМУ бисёр омӯзгорон дар таълими биология бо мушкилоти гуногун рӯбарӯ мешаванд. Ин пеш аз ҳама ба талаботе, ки ҷомеаи муосир ба омӯзгорони биология мегузорад, инчунин ба омодагии касбӣ ва методии онҳо барои иҷро намудани талаботи таълими биология дар сатҳи баланди касбӣ вобаста аст.

Барои ба даст овардани маълумоти дақиқи муқарракунӣ мо пурсишро дар байни 66 нафар омӯзгорони биологияи вилояти Хатлон анҷом додем. Мо ҳамаи омӯзгоронро ба се гурӯҳ тақсим кардем (аз рӯйи таҷриба). Гурӯҳи I омӯзгоронеро дар бар мегирифт, ки дар МТМУ на бештар аз се сол кор кардаанд. Гурӯҳи II омӯзгоронеро дар бар мегирифт, ки дар МТМУ аз се то даҳ сол кор кардаанд. Гурӯҳи III омӯзгоронеро дар бар мегирифт, ки таҷрибаи кор дар МТМУ беш аз даҳ сол буд. Ҳар як гурӯҳ аз 22 нафар иборат буд. Се гурӯҳи омӯзгорон барои таҳлили дақиқтари дониш ва малакаҳои касбӣ ва методии омӯзгорон интихоб карда шуданд. Мундариҷаи якчанд саволи пурсишнома ва ҷавобҳо дар поён оварда мешавад:

1. Чӣ ба интихоби шумо барои омӯзгори биология шудан таъсир расонд? (Зербандҳо оварда шудаанд). Таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки қисми зиёди пурсидашудагон (50%) намунаи омӯзгори биологияро ҳамчун модели асосии рафтор ва фаъолияти касбӣ интихоб намудаанд. Ҳамзамон, 41% иштирокчиён таъсири хешовандонро ҳамчун омили муҳими ташаккули интихоби касбӣ қайд кардаанд. Қисми боқимонда (9%) интихоби касбиро ба дигар сабабҳо марбут донистаанд, ки онҳо хусусияти инфиродӣ дошта, дар доираи таҳқиқоти мазкур ҳамчун омилҳои иловагӣ баррасӣ мегарданд.

2. Таҳлили натиҷаҳои саволнома нишон медиҳад, ки дар робита ба омодагии хатмкунандагон пас аз анҷоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти омӯзгорӣ барои фаъолияти касбӣ дар МТМУ тафовути ночиз мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, дар гурӯҳи пурсидашудагони деҳот 51% иштирокчиён ба саволи «Оё шумо пас аз хатми МТО барои кори МТМУ омода будед?» посухи манфӣ («не») додаанд. Дар ҳамин ҳол, дар гурӯҳи шаҳрӣ ин нишондиҳанда 49%-ро ташкил медиҳад. Ин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи омодагии касбии хатмкунандагон новобаста аз муҳити зист тақрибан яксон буда, зарурати такмили минбаъдаи омодасозии касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти омӯзгорӣ боқӣ мемонад.

3. Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки 47% омӯзгорон қабл аз оғози фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) бо омӯзгорони амалкунанда вохӯрда, таҷрибаи касбии онҳоро мавриди мушоҳида қарор додаанд. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми муайяни хатмкунандагон имкони шиносоӣ бо муҳити воқеии фаъолияти педагогиро пеш аз оғози кори мустақилона доштаанд, ки ин метавонад дар ташаккули тасаввуроти касбӣ ва омодагии онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ нақши мусбат бозида бошад.

4. Таҳлили натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳад, ки зиёда аз нисфи омӯзгорон (54%) мавҷудияти мушкилотро дар раванди таълими биология тасдиқ намудаанд. Мушкилоти асосӣ, ба андешаи пурсидашудагон, ба интихоби методҳо ва усулҳои самараноки таълим, омодагӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои биологии мактабӣ, инчунин ташкили корҳои мустақилона ва лабораторӣ бо хонандагон марбут мебошад. Ҳамзамон, мушкилот дар самти интихоби маводи таълимӣ ва ташкил намудани фаъолияти беруназсинфӣ низ ҳамчун омилҳои маҳдудкунанда дар раванди таълим зикр гардидаанд. Ин натиҷаҳо зарурати такмили омодагии методии омӯзгорон ва таъмин намудани онҳо бо дастурҳои муосири таълимиро таъкид менамоянд.

5. Таҳлили ҷавобҳои омӯзгорон ба саволи «Шумо тавсияҳои методиро барои фаъолияти таълимии худ аз кӯҷо мегиред?» нишон медиҳад, ки танҳо 25% пурсидашудагон ба марказҳои методӣ ҳамчун манбаи асосии дастгирии касбӣ такя менамоянд. Қисми зиёди омӯзгорон бошад, тавсияҳои методиро асосан дар асоси таҷрибаи шахсӣ, таҷрибаи ҳамкасбон ва маводи нашршуда дар маҷаллаҳои соҳавӣ ба даст меоранд. Ин ҳолат аз маҳдуд будани нақши марказҳои методӣ дар таъмини дастгирии методии омӯзгорон шаҳодат медиҳад.

Хулоса, пешниҳод карда мешавад, ки барномаҳои тайёрии методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба инкишофи салоҳиятҳои амалӣ ва малакаҳои тадқиқотии омӯзгорон равона гардида, тибқи талаботи замони муосир мувофиқ гардонида шавад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего- педагогического образования. - М.: Просвещение, 1990. - 141 с.
2. Большая Советская энциклопедия/ Гл.ред. А.М.Прохоров, 3 изд. М.: Изд-во Советская энциклопедия. - Т. 19. - 1972. - 622 с.
3. Боровская Н.Н. Подготовка студентов педагогического вуза к экологической деятельности по охране животных. Дис... канд. пед. Наук. - СПб., 1996. - 219 с.
4. Боровицкий П.И., Винниченко П.Ф., Крамарев Д.Я., Тулякова Г.М., Яковлева О.С. Методика преподавания естествознания. - Л., 1955. - 667 с.
5. Верзилин Н.М. Ботаника и школа. - М.: Просвещение, 2009. - 236 с.
6. Верзилин Н.М., В.Корсунская Общая методика преподавания биологии. - М.:1995. - 327 с.
7. Всесвятский Б.В. Проблемы дидактики биологии. - М.: Изд-во Просвещение, 1969. - 240 с.
8. Всесвятский Б.В. Общая методика биологии. Учебное пособиедля пед.институтов. - М.: Просвещение, 1960. - 331 С.
9. Горовая В.И. Теоретические основы подготовки специалиста в условиях многоуровневого высшего педагогического образования. Авт.дис... докт.пед.наук. - СПб.: СШУ, 1995. - 44 с.
10. Ковалева Г.Е., Кисиль В.Г. Самостоятельная работа студентов на практических занятиях по методике преподавания естествознания. Методич.рекоменд. - СПб.: ШОУ, 1998. - 38 с.
11. Левина М.М. Система методической работы со студентами по формированию у них профессиональных знаний и умений. Сб. // Актуальные проблемы совершенствования методической подготовки будущих учителей биологии в пед.институте. - Вилыпос, 1978. - с. 76-84.
12. Половцов В.В. Основы общей методики естествознания. - Петроград, 1922. - 260-263 с.
13. Рыков Н.А., Щербаков А.И. Профессионализм учителя биологии средней общеобразовательной школы. Сб. «Научно-педагогические основы подготовки учителя биологии». Вып. 1. Л., ЛП1ИИ им. А.И. Герцена, 1973. - 132 с.
14. Щербаков А.И. Психологические основы формирования личности советского учителя в системе высшего педагогического образования. - М.: Просвещение, 1967. - 266 с.

ТАЛАБОТ БА МАҲОРАТИ КАСБӢ ВА ТАЙЁРИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ФАННИ БИОЛОГИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Мақола ба таҳлили талаботи муосир ба сифатҳои касбӣ ва сатҳи тайёрии методии омӯзгорони фанни биология бахшида шудааст. Дар шароити гузариш ба ҷомеаи рақамӣ ва навсозии мазмуни таълим, омӯзгор бояд дорои дониши амиқи биологӣ, малакаҳои пешрафтаи методӣ, салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва сифатҳои шахсии баланд, аз қабили тафаккури интиқодӣ, эмпатия ва масъулиятшиносӣ бошад. Дар асоси таҳлили манбаъҳои илмӣ ва пурсишҳо муайян карда шуд, ки дар низоми тайёрии методӣ фосилаи байни дониши назариявӣ ва татбиқи амалии он дар раванди таълим вуҷуд дорад. Дар хулоса, пешниҳод карда мешавад, ки барномаҳои тайёрии методӣ дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои такмили ихтисос ба талаботи замонавӣ мувофиқ гардонида шуда, ба инкишофи салоҳиятҳои амалӣ ва малакаҳои тадқиқотии омӯзгорон таваҷҷӯҳи бештар равона карда шавад.

Калидвожаҳо: *омӯзгори биология, маҳорати касбӣ, тайёрии методӣ, машғулиятҳои лабораторӣ, таҳқиқоти педагогӣ, салоҳиятҳои касбӣ, тафаккури интиқодӣ, ҷанбаҳои методӣ, талаботи таълим, барномаҳои методӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ.*

ТРЕБОВАНИЯ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ И МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКЕ УЧИТЕЛЯ БИОЛОГИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Статья посвящена анализу современных требований к профессиональным качествам и уровню методической подготовки учителей биологии. В условиях цифровизации и обновления содержания образования учитель должен обладать глубокими биологическими знаниями, передовыми методическими умениями, информационно-коммуникационными компетенциями, а также высокими личностными качествами, такими как критическое мышление, эмпатия и ответственность. На основе анализа научных источников и опросов выявлен разрыв между теоретической подготовкой и практическим применением знаний в образовательном процессе. межпредметной интеграции и непрерывного повышения

квалификации. В заключение предлагается привести программы методической подготовки в вузах и учреждениях повышения квалификации в соответствие с современными требованиями, уделяя особое внимание развитию практических компетенций и исследовательских навыков педагогов.

Ключевые слова: *учитель биологии, профессиональная компетентность, методическая подготовка, лабораторные занятия, педагогическое исследование, профессиональные компетенции, критическое мышление, методические аспекты, образовательные требования, методические программы, исследовательские навыки.*

REQUIREMENTS FOR THE PROFESSIONAL COMPETENCE AND METHODOLOGICAL TRAINING OF A BIOLOGY TEACHER IN MODERN CONDITIONS

The article is devoted to the analysis of modern requirements for professional qualities and the level of methodological training of biology teachers. In the context of digitalization and updating of educational content, a teacher must possess deep biological knowledge, advanced methodological skills, information and communication competencies, as well as high personal qualities such as critical thinking, empathy, and responsibility. Based on the analysis of scientific literature and surveys, a gap between theoretical training and practical application of knowledge in the educational process has been identified. The authors emphasize the need to implement active and interactive methods, interdisciplinary integration, and continuous professional development. In conclusion, it is proposed to align methodological training programs at universities and professional development institutions with modern requirements, with a special focus on the development of practical competencies and research skills of teachers.

Keywords: *biology teacher, professional competence, methodological training, laboratory sessions, pedagogical research, professional competencies, critical thinking, methodological aspects, educational requirements, methodological programs, research skills.*

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатова Тоҷинисо Хайриддиновна*** *- омӯзгори Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон. Нишонӣ: 734015, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи К. Сеткина 2. Тел: 93.170.70.22, email: davlatovat@mail.ru.*

Сведения об авторе: ***Давлатова Тоджинисо Хайриддиновна*** *— преподаватель Медико-социального института Таджикистана. Адрес: 734015 Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. К. Сеткина, д. 2. Тел.: 93.170.70.22, e-mail: davlatovat@mail.ru.*

Information about the author: ***Davlatova Todzhiniso Khayriddinovna****— Lecturer at the Medical-Social Institute of Tajikistan. Address: 2 K. Setkina St., Dushanbe, 734015, Republic of Tajikistan. Tel.: 93.170.70.22, e-mail: davlatovat@mail.ru.*

МУНДАРИҶА
СОДЕРЖАНИЕ
CONTENTS

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

Асламзода Б.А., Давлатзода Р.Ҷ. Зарурати омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълими ихтисосҳои тиббӣ ..... 5 – 12
Нурмаҳмадзода К.Н. Нақши Абӯалӣ ибни Сино дар ташаккули тафаккури педагогӣ ва психологӣ..... 12 – 17
Қаҳҳорова Ф.А. Асосҳои педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар рушди донишомӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ..... 17 – 21
Давлатшоев И. Нақши пешвои миллат дар таҳкими маърифати ҳуқуқии наврасону ҷавонон..... 21 – 25
Мирзоназарова Б.С. Мафҳум ва сифати фарҳанги иртиботии омӯзгор..... 25 – 31
Сайдалиев А.Ҷ. Мафҳум ва моҳияти тарбияи маънавӣ дар низоми мусоири таълим..... 31 – 36
Боев Ш.Р., Маҷидов У.М. Андешаҳо оид ба тарбияи эстетикии хонандагони хурдсол..... 36 – 40
Назарзода Х.Д. Таҷассуми шахсият дар педагогикаи халқӣ ва этникии мардуми тоҷик..... 40 – 46
Мамадносирова М. М. Нақши табиат дар афсонаҳо..... 47 – 53
Махкамов Д. Паҳлуҳои педагогӣ ва фалсафии осори Абуалӣ ибни Сино..... 53 – 57
Шокириён М. Арзишҳои тарбиявии асарҳои пешвои миллат..... 57 – 61
Раҳимов Ш. С. Нақши фарҳанги касбии омузгорӣ дар ташаккули иқтидори эҷодии хонандагон..... 61 – 66
Холиқзода Х.Х. Асосҳои психологии зуҳуроти гендерии хосиятҳои типологии мизоҷ дар раванди азхудкунии дониш..... 66 – 73
Одинаев Н.А. Нақши дастгирии педагогӣ-психологӣ дар солимнигоҳдорӣ ва фаъолияти омӯзишии донишҷӯён..... 73 – 78
Расулов С.Х. Омӯзиши масъалаи сарварӣ дар консепсияю назарияҳои раҳёфти рафторӣ..... 78 – 83
Юсупова Н.Н. Ташаккули мавқеи фаъоли шахсӣ-иҷтимоии донишҷӯён дар фаъолияти маърифатии макотиби олии касбӣ..... 83 – 87
Абдулозода Л.А. Ҷойгоҳи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар ташаккули худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ ..... 87 – 92
Нурова Ш. А. Гражданско - патриотическое воспитание учащихся в мировом процессе..... 93 – 98
Вохидова П. Проблематика деструктивных семейных отношений и их влияние на формирование личности детей старшего дошкольного возраста..... 99 – 104
Шарифиён М.Х. Шартҳои педагогии ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ оид ба донишҳои табиӣ-риёзӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ..... 104 – 111
Маҳмудзода М.М., Шарипов Р.М. Асосҳои илмии тафаккури инноватсионӣ ва нақши он дар рушди шахсият ва ҷомеа ..... 112 – 118
Алихонзода Д. Хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар наврасон тавассути адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти халқ..... 118 – 123
Азизов М.Ҷ. Ҳамкории мактаб ва хонавода дар татбиқи босамари таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташи маҳдуд..... 123 – 130

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METHOD

Алиханова Г.Х. Методика проведения речевых упражнений на уроках русского языка как неродного в национальной аудитории межфака..... 131 – 136
Назруллоев А.Х. Инноватсия ва технологияҳои муосир дар методикаи дарсҳои тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ..... 136 – 143
Бадарғаев С.Ш. Робитаи байнифаннӣ дар раванди таълим..... 143 – 148

Саидов А.Ғ. Усули инноватсионии таълими фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ..... 148 – 154
Джонмахмадова Г.Ш. Внедрение десятибалльной системы оценки учебных достижений учащихся средних общеобразовательных учреждений ..... 154 – 163
Зувайдов Н.И. Рушди муҳочирати таҳсилот миёни Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлоилияти давлатӣ..... 163 – 167
Рустамзода К. А. Тарбияи экологӣ ва рушди рафтори дуруст дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ..... 167 – 174
Ҷонмирзоев Э.Ҷ. Мафҳум ва моҳияти фардикунонӣ дар таълими математика..... 174 – 182
Ҷаъфарзода Н.Ф. Шаклгирии сифатҳои ахлоқии хонандагон дар фаъолиятҳои берун аз дарс - омили асосии инкишофи иҷтимоии наврасон..... 182 – 187
Пӯлотова Г.И. Муносибати инноватсионӣ дар рушди худтатбиқнамоии касбии омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ..... 187 – 193
Шарипова Т.Т. Ташаккули тафаккури техникии кӯдакон: таҳлили муносибатҳои назариявӣ..... 194 – 200
Сафаров Ю.С., Разоков Х.С. Истифодаи принсипҳои таълими программавӣ бо назардошти ихтисоси варзишӣ ..... 200 – 207
Рамазонова Р.С. Истифодаи усули расмкашии ғайрианъанавӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд..... 207 – 213
Салимов Ф.Н. Хусусиятҳои таълими забони русӣ дар донишгоҳҳои ғайрифилологӣ (техникӣ) ..... 213 – 218
Қурбонова М.М. Влияние владения иностраннимы языками на профессиональную подготовку специалистов в сфере туризма и гостеприимства. ..... 218 – 222
Назаров А.П., **Баротов Ҷ.Ш., Абдулҳақов М.А.** Пайдарҳамии таълими функсияҳои аввалини математикии ҷадвалҳои электронӣ..... 223 – 232
Бобиева С.К. Усули шинос намудани кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб бо мафҳумҳои кунҷ, қулла ва тарафҳо..... 232 – 239
Худоярзода Ҳ.Х., **Файзуллозода А.М.** Тарзи ташаккул додани мафҳуми ченакҳои вазн дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ..... 239 – 248
Сафарализода Ф.Ш. Моҳият ва сохтори салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён ба воситаи фаъолияти китобхонагӣ-иттилоотӣ..... 248 – 253
Шокамолова Ҷ.А. Методикаи омӯзиши касрҳои даҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ..... 253 – 260
Ахмедова Д. Педагогические условия развития коммуникативной компетенции будущих специалистов в сфере туризма..... 261 – 269
Ахмедова Ш.М. Заимствование, как основной способ пополнения национальной компьютерной терминологии..... 269 – 274
Шарипов Х. Эффективное внедрение компетентностного подхода в физическое воспитание – основной фактор формирования здорового и физически активного поколения..... 275 – 280
Самадова З.С. Формирование профессиональной речевой компетенции студентов медицинских вузов..... 280 – 285
Содикова М.С., Самадова Г.Ю. Коммуникативно-речевые умения как объект педагогического анализа в современном образовании..... 285 – 291
Давлатзода Т.Х. Талабот ба маҳорати касбӣ ва тайёрии методии омӯзгори фанни биология дар замони муосир..... 291 – 296

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф» пешниҳод мегарданд.

Тамоми мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси ТДУ (УДК) (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарифзода М. Н.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 36]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 36.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Института развития образования»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарифзода М. Н.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с. 36]. То есть, литература №4 и страница 36;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на таджикском, русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора;

– авторы несут ответственность за содержание статей.

INFORMATION FOR THE AUTHORS
Requirements for scientific articles submitted to scientific journal «Bulletin of the Institute for the Development of Education»

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements: a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal; b) the article should be the result of scientific research; c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal.

Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the title of the article;

– the surname and initials of the author (for example, Sharifzoda M. N.);

– the name of the organization where the author of the article works;

– the main text of the article;

– when citing a particular material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p. 36]. That is, the referenced source # 4, page 36.

– tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name.

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008 state standards;

– the title of the article, annotation and keywords are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– information about the author (or authors) in Tajik, Russian and English (here the full name of the author, academic degree, academic title (if available), the name of the organization where the author (or authors) works, the position of the author (or authors) in this organization, phone number, E-mail, and postal address of the place of work);

– The authors are responsible for the content of the articles.

ПАЁМИ
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
2026, № 3 (55), 304 с.

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
2026, № 3 (55), 304 с.

BULLETIN
OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
2026, № 3 (55), 304 с.

Шахси масъули чоп: Нурматов Д.О.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Амонӣ С.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.
Муҳаррири матни англисӣ: Лутфуллоева П.
Муҳаррири техникӣ: Ҳайдаров Р.
Мусаҳҳеҳ: Ҳайдаров Р.

Ответственное лицо за номер: Нурматов Д.О..
Редактор таджикского текста: Амонӣ С.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.
Редактор английского текста: Лутфуллоева П.
Технический редактор: Ҳайдаров Р.
Корректор: Ҳайдаров Р.

Ба чоп 28.09.2026. имзо шуд. Супориши №11. Ҳуруфи навъи Times New Roman.
Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 38. Теъдоди нашр - 100 .
Матбааи «Престиж Сервис», ш. Душанбе, к. Истаравшан - 18.

Подписано в печать 28.09.2026. Заказ № 11. Гарнитура TimeNewRoman.
Печать офсетная. Формат 60х84 1/8. Условно-печатный лист – 38. Тираж - 100.
Типография «Престиж Сервис», г. Душанбе, ул. Истаравшан - 18.

On pŕblications issŕed 28.09.2026. Assignment № 11. Font Format Time New Roman.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet – 38. Edition - 100.
Publishing office «Prestige service», c. Dushanbe, Istaravshan street - 18.